Рик Уоррен

# Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда



Рик Уоррен

# ҲАЁТИ БА МАҚСАД НИГАРОНИДАШУДА

## МАН БАРОИ ЧӢ ДАР ИН ҶО МЕБОШАМ?

Ин китоб ба шумо бахшида мешавад.
Худо *ҳамин лаҳзаи* ҳаётатонро хеле пеш
аз таваллуди шумо ба нақша гирифта буд.
Ва тамоман тасодуфӣ нест, ки шумо ин
китобро ба даст гирифтаед. Худо *хоҳони он аст*,
ки шумо барои худ он ҳаётеро кашф намоед,
ки ба хотири он офарида шудаед, —
зистан дар ин замин, ва дар абадияти
оянда, дар Осмонҳо.

*Ба шарофати Ӯ, ки ҳама*
*чизро мувофиқи иродаи Худ ба амал*
*меоварад, аз рӯи таъйиноти Ӯ пешакӣ*
*муайян шуда буд, ки мо халқи Ӯ шавем,*
*то ки ҳамду санои ҷалоли*
*Ӯ бошем.*
*Эфс. 1:11–12 (РВ)*

Ман ба садҳо нависандагон
ва муаллимон, классикҳо ва ҳамзамонон
шукргузор ҳастам, ки ҳаёти маро чуноне
ки ҳаст, ташаккул додаанд, ва барои аз худ
намудани ин ҳақиқатҳо ёрӣ расондаанд.
Ман Худоро барои он низ шукр мегӯям,
ки ба ман шарафи ба шумо расондани
ҳамаи ин насиб гардидааст.

# САФАРИ СУДМАНД ВА ДАРКОРӢ

## Чӣ тавр аз ин китоб манфиати бештар ба даст овардан мумкин аст

Ин на танҳо китоб аст. Ин даъват ба *сафари рӯҳонӣ дар муддати чил рӯз* аст, ки ҳаёти шуморо аз нав ҷо ба ҷо мегузорад ва ба саволи муҳимтарин ҷавоб медиҳад: Ман барои чӣ дар ин ҷо мебошам? Ба охири ин сафар наздик шуда, шумо таъйиноти Худоро барои ҳаёти худ мебинед ва мефаҳмед, ки чӣ тавр порчаҳои алоҳидаи кошиҳои ҳаёти шумо ба тасвири ягона табдил мeёбанд. Ба шарофати ин дурнамо миқдори вазъиятҳои стрессии шумо хеле кам мешаванд, хурсандӣ ва қаноатмандии шумо зиёдтар мешавад, қарор қабул кардани шумо осонтар мегардад, ва аз ҳама муҳимаш — шумо худро ба абадияти оянда омода менамоед.

## ЧИЛ РӮЗИ НАЗДИК

Имрӯзҳо дарозии миёнаи умри инсон 25 550 рӯзро ташкил медиҳад. Агар шумо шахси муқаррарӣ, миёна бошед, тақрибан ҳамин қадар умр мебинед. Пас, шояд меарзад, ки аз байни ҳамаи рӯзҳои

бароятон муқарраршуда чил рӯзро барои фаҳмидани он ҷудо кунед, ки Худо шуморо дар тамоми муддати боқимонда ба чӣ даъват менамояд?

Китоби Муқаддас возеҳу равшан мефаҳмонад, ки дар назари Худо *чил рӯз* аз ҷиҳати рӯҳонӣ муддати назаррас аст. Ҳар боре ки Худо одамонро ба иҷрои нақшаҳои Худ омода менамуд, Ӯ инро дар давоми чил рӯз мекард.

- Ҳаёти Нӯҳ баъди чил рӯзи боронҳои сел дигаргун шуд.
- Мусо баъди чил рӯзе ки дар кӯҳи Сино гузаронд, тамоман шахси дигар шуд.
- Ҷосусон Замини Муқаддасро дар давоми чил рӯз мушоҳида намуда, дигаргун шуданд.
- Дар давоми чил рӯзе ки Ҷолиёт сарбозони исроилиро ба ҷанг даъват менамуд, ҳаёти Довуд тамоман дигаргун шуд.
- Илёс пас аз он дигаргун шуд, ки дар давоми чил рӯз тамоми қувваи ӯ бо он як дафъа хӯроке ки Худо ба ӯ дода буд, нигоҳ дошта мешуд.
- Ҳангоме ки Худо ба сокинони Нинве барои тавба кардан чил рӯз мӯҳлат дод, онҳо дигаргун шуданд.
- Исо баъди чил рӯзе ки дар биёбон гузаронд, устувор гардид ва барои хизматгузорӣ қувват ёфт.
- Шогирдон дар он чил рӯз, ки Исо баъди эҳё шуданаш бо онҳо гузаронд, пурра дигаргун шуданд.

Ва чил рӯзи *наздик* ҳаёти шуморо дигаргун мекунанд.

Ин китоб аз чил боби кӯтоҳ иборат аст. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки *ҳар рӯз фақат як бобро хонед*, то барои *андешаронӣ* оиди истифодаи амалии

чизи хондаатон ба худ вақт гузоред. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред*» (Рум. 12:2).

Гоҳо китобҳо аз он сабаб дар мо самари дилхоҳро ба вуҷуд намеоваранд, ки мо барои хондани боби навбатӣ шитоб мекунем ва фикр намекунем, ки бозистода, оиди чизи аллакай хондаамон андешаронӣ намоем.

Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ин китобро на ба таври оддӣ, балки ба таври интерактивӣ *хонед*, ва бо он *ҳамкорӣ* намоед. Дар зери ҷойҳои муҳим хат кашед. Фикрҳои худро дар ҳошияҳо нависед. Бигузор ин китоб *ба таври ҳақиқӣ аз шумо бошад*. Ба ман маҳз ҳамон китобҳо ёрӣ расондаанд, ки онҳоро на фақат мехондам, балки бо онҳо ана ҳамин тавр фаъолона «*муошират менамудам*».

## БАРОИ ЁРӢ БА ХОНАНДАГОН

Дар охири ҳар боб фасли махсусе бо номи «Оиди таъйиноти худ андешаронӣ намуда» ҳаст. Шумо дар он ҷо ин чизҳоро пайдо менамоед:

- **Ҳақиқат барои фикр кардан**. Дар ин ҳақиқати мухтасар тасвияшуда моҳияти яке аз принсипҳои ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда мавҷуд аст, ки дар давоми рӯз оиди он фикр кардан мумкин аст. Павлус ба Тимотиюс мегуфт: «*Оиди он чи мегӯям, андеша намо, ва Худованд дар ҳама чиз ба ту фаҳм хоҳад дод*» (2 Тим 2:7).
- **Оят барои аз ёд кардан**. Ин оят ба шумо яке аз ҳақиқатҳои боби хондаатонро ёдрас хоҳад намуд. Агар шумо ба таври ҷиддӣ қарор

дода бошед, ки ҳаёти худро рӯ ба беҳбудӣ дигаргун намоед, одати аз ёд кардани оятҳои Навиштаи Муқаддас яке аз муҳимтарин дастовардҳо шуда метавонад. Шумо худатон метавонед ин оятҳоро ба варақаҳои хурд нависед, ё агар имконият бошад, варақаҳои тайёрро дар калисо ё дар мағозаи масеҳӣ харед.*

- **Савол барои андешаронӣ**. Чунин саволҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, ки оиди истифодаи амалии чизҳои хондаатон ва оиди он фикр кунед, ки ҳамаи ин шахсан ба шумо чӣ муносибате дорад. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ҷавобҳоро ба саволҳо дар ҳошияҳои худи китоб, ё дар блокноти махсус нависед. Ғайр аз ин, *«Рӯзномаи ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда»* (*«The Purpose Driven Life Journal»*), дафтари кориеро, ки махсус чун илова ба ин китоб таълиф шудааст, ба даст оварда метавонед. Воситаи беҳтарини равшан намудани фикрҳои худ— дар коғаз навиштани онҳост.

Дар Иловаи 1 мо ин чизро ҷойгир намудаем:

- **Саволҳо барои муҳокима**. Ман маслиҳат медиҳам, ки як ё якчанд дӯстони худро даъват намоед, то ки дар муддати чил рӯзи наздик ин китобро ҳамроҳи шумо хонанд. Сафар кардан бо *ҳамсафарони хуб* ҳамеша беҳтар аст.

* Дар калисои «Сэддлбэк» чунин варақаҳоро ба забони англисӣ фармоиш додан мумкин аст, «Purpose Driven© Life Scripture Keeper Plus». Тамоми маълумот оиди имконияти фармоиш додани маводи дар китоб зикршавандаи калисои «Сэддлбэк» дар мавзӯи «Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда» дар сомонаи www.purposedrivenlife com. ҷойгир карда шудааст. Ҳамчунин ба Иловаи 2 нигаред.

> Шумо метавонед ҳамроҳи аъзоёни гурӯҳи хурд ё бо дӯсти худ чизҳои хондаатонро муҳокима кунед, мубодилаи афкор намоед ва ба шарофати ин хеле зудтар нашъунамо ёбед, ва дигаргуниҳо низ хеле амиқтар хоҳанд буд. Нашъунамои ҳақиқии рӯҳонӣ ҳеҷ гоҳ дар алоҳидагӣ, дар танҳоӣ ба амал намеояд. Он ҳамеша ҳамқадами муошират ва ҳамкорӣ аст.

Воситаи беҳтарини дарк намудани таъйиноти ҳаётии худ— ба худи Китоби Муқаддас додани имконияти аз номи худ гап задан аст. Бинобар ин дар ин китоб аз Китоби Муқаддас бисёр иқтибосҳо оварда мешаванд. Дар ин ҷо қариб ҳазор оятҳои гуногуни Навиштаи Муқаддас ҳастанд. Дар Иловаи 3 фаҳмонда мешавад, ки чаро дар ин китоб тарҷумаҳои гуногуни Навиштаи Муқаддас истифода мешаванд.

## МАН БАРОИ ШУМО ДУО ГУФТАМ

Дар раванди кор бо китоб ман бисёр вақт барои шумо дуо мегуфтам. Ман оиди он дуо мегуфтам, ки дар хусуси мазмуни саҳифаҳои он андешаронӣ намуда, умеди беандоза, қувваи нав ва хурсандӣ эҳсос намоед. Онҳо дар дили инсон он вақт пайдо мешаванд, ки ӯ ногоҳ мефаҳмад, ки Худо ӯро маҳз барои чӣ дар ин сайёраи мо ҷойгир намудааст. Ин ҳисси тамоман махсус аст! Ман барои шумо хеле хурсандам, зеро медонам, ки дар ҳаёти шумо кадом дигаргуниҳои олидараҷа ба амал хоҳанд омад. Худи ман ҳам замоне инро аз сар гузарондаам, ва дарки таъйиноти илоҳӣ дар ҳаётам маро барои ҳамеша дигаргун намуданд.

Ман тасаввур мекунам, ки баъди ин *сафар* шуморо кадом самарҳои ҳайратовар интизоранд, бинобар ин хеле хоҳиш менамоям, ки дар давоми чил рӯзи наздик худро ба ин *сафар* бахшед ва ҳеҷ як рӯзро сарфи назар накунед. Ҳаёти шумо арзиши онро дорад, ки оиди он махсус андешаронӣ намоед. Вақти хондани ин китобро ба ҷадвали корҳои ҳаррӯзаи худ ҷойгир намоед. Агар оиди ин сафари рӯҳонӣ қарори қатъӣ қабул карда бошед, биёед якҷоя аҳди бахшидашавӣ ба Худоро имзо мекунем. Дар ин амали бо дастони худ зери ӯҳдадорӣ имзо гузоштан як чизи махсусан аҳамиятнок ҳаст. Агар шумо ин китобро ҳамроҳи дӯсти худ хондanӣ бошед, бигузор ӯ низ ин аҳдро имзо намояд. Пас, биёед сар мекунем!

# Аҳди бахшидашавии ман ба Худо

Бо мадади Худо ман чил рӯзи наздикро
ба он мебахшам, ки таъйиноти илоҳиро
барои ҳаёти худ ошкор намоям.

---

Номи шумо

---

Номи дӯсти Шумо

---

Рик Уоррен

*Ду нафар аз як нафар беҳтаранд,*
*чунки барои онҳо аз меҳнаташон музди*
*хубе пайдост. Зеро ки агар яке афтад, дигаре*
*аз онҳо рафиқи худро бармехезонад... Ва агар ба яке*
*аз онҳо касе ҳуҷум кунад, ҳар дуяшон ба вай*
*муқобилат мекунанд. Ва риштаи сеқабата*
*ба зудӣ канда намешавад.*

Воиз 4:9,10, 12

# ЧАРО МАН ДАР ИН ҶО МЕБОШАМ?

Касе ки ба сарвати худ умед бандад,
фурӯ меғалтад; вале одилон мисли дарахти
сабз зиндагӣ хоҳанд кард.

*Мас. 11:28*

Муборак аст марде ки
ба Парвардигор таваккал мекунад,
ва Парвардигор пушту паноҳи ӯст. Зеро
ӯ мисли дарахте хоҳад буд, ки назди об шинонда
шудааст, ва решаҳояшро ба сӯи ҷӯйҳо равона
мекунад, ва аз омадани гармо наметарсад,
ва баргҳояш сабз аст, ва дар хушксолӣ
ғам намехӯрад, ва аз мева додан
бозмемонад.

*Ирм. 17:7–8*

# 1

# ҲАМА ЧИЗ АЗ ХУДО САР МЕШАВАД

*Чунки ҳама чиз дар осмон ва бар замин, ҳар чизи намоён ва нонамоён, дар Ӯ офарида шудааст: хоҳ тахтҳо, хоҳ салтанатҳо, хоҳ сарварҳо ва хоҳ ҳукуматдориҳо, ҳамааш ба воситаи Ӯ ва барои Ӯ ба вуҷуд оварда шудааст.*

Қӯл. 1:16

*Агар аз худи аввал мавҷудияти Худоро фарз накунем, масъалаи маънои ҳаёт бемаъно мегардад.*

Бертран Рассел*, атеист

Ҳамаи гап тамоман на дар шумост.

Маънои ҳаёти шумо назар ба қонеъ намудани эҳтиёҷот, мувозинати рӯҳӣ ва ҳатто хушбахтии шумо миқёси хеле васеътар дорад. Он назар ба оила, пешравӣ дар мансаб, иззатталабиҳо ва ҳатто аз орзуҳои фантастикии шумо аҳамияти бештар дорад. Агар донистан хоҳед, ки бо қадом мақсад дар ин сайёра ҷойгир карда шудаед, аз Худо сар кар-

* Бертран Рассел (1872–1970) — файласуф ва риёзидони британӣ, мубориҳи сулҳ, лауреати ҷоизаи Нобел дар соҳаи адабиёт.

дан даркор аст. Шумо мувофиқи *нақшаи* Ӯ ва барои иҷрои таъйиноти *Ӯ* зода шудаед.

Ҷустуҷӯи маънои ҳаёт ҳазорҳо сол боз одамонро ба ташвиш меоварад. Чунки онҳо аксаран аз нуқтаи сарҳисоби нодуруст, яъне аз худ сар мекунанд. Мо саволҳои тамоман худпарастона медиҳем, аз қабили «*Ман* кӣ будан мехоҳам?», «*Ман* дар ҳаёти худ чӣ кор кардан мехоҳам?», «*Ман* оиди оянда чӣ мақсадҳо, орзуҳо дорам?» Аммо ин гуна дар худ марказонида шудан барои фаҳмидани таъйиноти худ ёрӣ дода наметавонад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҷони тамоми мавҷудот ва рӯҳи тамоми навъи башар дар дасти Ӯст*» (Айюб 12:10).

***Дар худ марказонида шудан барои фаҳмидани таъйиноти худ ёрӣ дода наметавонад.***

Бо вуҷуди тарғиботи китобҳо, филмҳо ва таълимотҳои машҳур, агар шумо маънои ҳаётро дар дохили худ биҷӯед, онро дарёфта наметавонед. Шояд шумо аллакай чунин кӯшишҳо кардаед. Аммо шумо худро наофаридаед, бинобар ин гуфта наметавонед, ки ба хотири чӣ офарида шудаед! Фарз мекунем, ман ихтирои наверо, ки онро пеш тамоман надида будед, ба назди шумо овардам. Худи ихтироъ ба шумо гуфта наметавонад, ки он барои чӣ сохта шудааст. Таъйиноти онро фақат аз ихтироъкор ё аз дастурламали навиштаи ӯ фаҳмидан мумкин аст.

Боре ман дар кӯҳсор роҳгум задам. Ҳангоме ки барои пурсидани роҳ ба сӯи лагерамон бозистодам, ба ман гуфтанд: «*Аз ин ҷо шумо ба он ҷо рафта наметавонед*. Аввал ба тарафи дигари кӯҳ гузаштан лозим аст». Айнан ҳамин тавр, агар шумо ҷустуҷӯи маънои ҳаёти худро аз худ сар кунед, онро дарёфта наметавонед. Бояд аз Худо сар кард, зеро Ӯ шуморо офаридааст. Мо танҳо аз он сабаб вуҷуд дорем, ки Худо

инро хост. *Мо аз ҷониби Худо ва барои Худо офарида шудаем*, ва то даме ки инро нафаҳмем, ҳаёт ҳамин тавр бемаъно ва нофаҳмо боқӣ мемонад. Танҳо дар Худо мо метавонем асли пайдоиши худро фаҳмем, «ман»-и худро ба даст оварем, маъно ва таъйиноти ҳаёти худро дарёбем, аҳамиятнокии он ва мақсади ниҳоии онро фаҳмем. Ҳамаи роҳҳои дигар моро ба роҳи сарбаста мебаранд.

Бисёр касон кӯшиш мекунанд Худоро ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳои ҷоҳталабонаи худ истифода баранд, аммо ин ба равиши табиии воқеаҳо мухолиф аст ва аз ҳамин сабаб ба нокомӣ оварда мерасонад. Мо барои Худо офарида шудаем, на баръакс, ва ҳаёт аз он иборат аст, ки ба Худо имкон диҳем, то нақшаҳояшро дар мо ва ба воситаи мо амалӣ гардонад, на ин ки Ӯро ба манфиати худ истифода барем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Мувофиқи майлу рағбатҳои табиати худ зистан маънои маргро дорад, аммо фикрҳои рӯҳонӣ ҳаёт ва осоиштагӣ аст*» (Рум. 8:6).

Ман миқдори зиёди китобҳоеро хондаам, ки роҳҳои гуногуни дарёфтани маънои ҳаётро пешниҳод менамоянд. Ҳамаи онҳоро китобҳои навъи «худат ба худ ёрӣ деҳ» номидан мумкин аст, зеро онҳо ба ин масъала аз нуқтаи назари худпарастона даст мезананд. Ҳамаи ин китобҳои худомӯзӣ ва воситаҳои таълимии такмил додани худ (ҳатто масеҳӣ) одатан ҳамон як қадамҳои пешгӯишавандаро тасвир мекунанд, ки бо ёрии онҳо таъйиноти ҳаётии худро фаҳмидан мумкин аст. Орзуҳои худро тасвия намоед. Арзишҳои худро аниқ муайян намоед. Дар назди худ мақсадҳо гузоред. Ба ёд оваред, ки чӣ кор хуб аз дастатон меояд. Аз муқаррар намудани мақсадҳои баланд натарсед. Дилпурона ба кор сар кунед. Боинтизом бошед. Бовар кунед, ки ба мақсадҳои гузошташуда расида метавонед.

Бо дигарон ҳамкорӣ кунед. Ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода нашавед.

Албатта, чунин маслиҳатҳо гоҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои аъло ёрӣ мерасонанд. Одатан, агар ҳақиқатан ба таври ҷиддӣ ба сӯи он саъй кунем, мо бо муваффақият ба мақсад мерасем. Аммо ноил шудан ба муваффақият ва иҷро намудани таъйиноти ҳаётии худ — *ҳамон як чиз нест*. Кас метавонад ба ҳамаи мақсадҳои гузошташуда расад, аз рӯи меъёрҳои ин ҷаҳон ба муваффақияти зиёд ноил шавад, аммо *бо вуҷуди ин* он таъйинотеро, ки Худо моро ба хотири он офаридааст, аз даст диҳад. Тавсияҳои китобҳоро оиди такмил додани худ хондан кофӣ нест. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро пайдо мекунад*» (Мат. 16:25).

Китоби Муқаддас воситаи таълимии такмил додани худ нест. Дар Китоби Муқаддас сухан дар бораи он намеравад, ки чӣ тавр кас метавонад кори мувофиқ ёбад, орзуҳои худро амалӣ гардонад ва ҳаёташро беҳтар ба нақша дарорад. Он ба мо таълим намедиҳад ба ҷадвали корӣ, ки бе ин ҳам пур аст, боз бештар корҳоро тиққонем. Баръакс, он ба мо таълим медиҳад, ки танҳо ба чизҳои муҳимтарин аҳамият дода, дар зиндагӣ корҳои *камтарро* ба ҷо оваред. Ин китоб ба он бахшида шудааст, ки чунин одамоне шавем, ки Худо моро он гуна офаридааст.

***Мо аз ҷониби Худо ва барои Худо офарида шудаем, ва то даме ки инро нафаҳмем, ҳаёт ҳамин тавр бемаъно ва нофаҳмо боқӣ мемонад.***

Пас, чӣ гуна муайян намоем, ки мо барои чӣ офарида шудаем? Танҳо ду роҳ ҳаст. Кас метавонад тахминҳо кунад ва муҳокимарониҳо намояд. Дар

омади гап, аксари одамон ҳамин тавр мекунанд. Онҳо фаразияҳо ва назарияҳо пешниҳод менамоянд. Ҳангоме касе мегӯяд, ки «ба фикри ман, маънои ҳаёт дар фалон ва фалон чизҳост», одатан ӯ ана инро дар назар дорад: «Ин аз ҳамаи он чи ман тасаввур карда метавонам, беҳтар аст».

Чандин ҳазор сол инҷониб хирадмандтарин намояндагони инсоният оиди маънои ҳаёт андешаронӣ ва баҳс мекунанд. Фалсафа чизи муҳим буда, ба одамон бисёр манфиатҳо меоварад, аммо ҳангоме ки сухан дар бораи маънои ҳаёт меравад, ҳатто хирадмандтарин файласуфҳо фақат тахминҳо карда, фаразияҳо пешкаш намуда метавонанд.

Боре доктор Ҳю Морҳед, профессори яке аз донишгоҳҳои калонтарин дар Иллинойс, ба 250 файласуфон, нависандагон ва мутафаккирони маъруф нома навишта, ба ҳар яки онҳо ҳамон як саволро дод, ки «маънои ҳаёт дар чист?» Дертар ӯ ҷавобҳои онҳоро чун як китоби алоҳида нашр намуд. Баъзеҳо ба ӯ тахминҳо ва фаразияҳои беҳтарини худро фиристоданд, баъзеи дигар иқрор шуданд, ки барои ҳаёти худ мақсаде бофта баровардаанд, ва дигарон софдилона навиштанд, ки оиди маънои ҳақиқии мавҷудияти инсон тасавվуроте надоранд. Баъзе аз ин мутафаккирони маъруф ҳатто аз доктор Морҳед хоҳиш кардаанд, ки агар ӯ ба саволи худ ҷавоб ёбад, ҳатман ба онҳо хабар диҳад!*

РӮЗИ ЯКУМ:

## ҲАМА ЧИЗ АЗ ХУДО САР МЕШАВАД

Хушбахтона, ғайр аз тахминҳову фаразияҳо оиди маъно ва таъйиноти ҳаёт имконияти дигар низ ҳаст. Ин ваҳй аст. Мо ба он чи Худо дар Каломи Худ оиди

* Ҳю С. Морҳед. «Маънои ҳаёт мувофиқи ақидаи нависандагон ва мутафаккирони бузургтарини асри мо».

ҳаёт гуфтааст, муроҷиат намуда метавонем. Роҳи осонтарин барои фаҳмидани таъйиноти ин ё он ихтироъ— аз муаллифи он пурсидан аст. Айнан ҳамин чизро оиди таъйиноти ҳаёти мо гуфтан мумкин аст: роҳи осонтарин — аз Худи Худо оиди ин пурсидан аст.

Худо моро дар торикӣ, дар ихтиёри тахминҳо ва фаразияҳо нагузоштааст. Дар Китоби Муқаддас Ӯ мақсадҳои ҳаёти инсонро возеҳу равшан ошкор намудааст. Дар байни онҳо ман панҷ мақсадро махсус ҷудо мекунам, ва дар ин китоб сухан маҳз дар бораи онҳо хоҳад рафт. Китоби Муқаддас дастурулламалест, ки Офаридгор навиштааст. Дар он фаҳмонда мешавад, ки мо барои чӣ вуҷуд дорем, ҳаёт чӣ гуна ба тартиб оварда шудааст, аз чиҳо барканор будан беҳтар аст ва дар оянда чиро интизор бояд буд. Дар ин ҷо оиди он чизҳое гуфта мешавад, ки ҳеҷ як китоби худомӯзӣ ва воситаҳои таълимӣ дар хусуси онҳо маълумот дода наметавонанд. Дар Китоби Муқаддас оиди «*ҳикмати Худо маҳрамона, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст*» (1 Қӯр. 2:7), гуфта мешавад.

Худо на танҳо ягона меъёри ҳақиқии маънои ҳаёти мо, балки *сарчашмаи* он аст. Барои фаҳмидани таъйиноти ҳаётии худ на ба хиради ин ҷаҳон, балки ба Каломи Худо бояд рӯ овард. Ҳаёти худро на бар психологияи маъмулӣ, усулҳои водоркунандаи ҳозиразамон ё нақлҳои рӯҳбаландкунанда оиди дастовардҳои дигарон, балки бар ҳақиқатҳои абадӣ бунёд бояд кард. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Мо низ дар Ӯ, ки ҳама чизро мувофиқи азми иродаи Худ ба амал меоварад, мувофиқи таъйиноти Ӯ пешакӣ муайян шуда будем*» (Эфс. 1:11). Дар ин оят се чиз барои дидани маъно ва мақсади мавҷудияти инсон ба мо ёрӣ медиҳад.

1. «Ман»-и худро ба даст овардан ва таъйиноти ҳаёти худро донистан ба воситаи муносибатҳо бо Исои Масеҳ имконпазир аст. Агар шумо бо ӯ ҳеҷ гуна муносибатҳо надошта бошед, баъдтар ман мефаҳмонам, ки онро чӣ тавр ба даст овардан мумкин аст.
2. Хеле пештар аз он ки шумо бори аввал оиди Худо фикр кардед, Ӯ оиди шумо фикр кардааст. Таъйинот барои ҳаёти шумо хеле пештар аз он ки дар батни модар пайдо шавед, вуҷуд дошт. Худо ҳамаи инро пеш зода шудани шумо, *бе иштироки шумо*, ба нақша гирифтааст. Шумо ҷои кор, ҳамсар, машғулияти дӯстдошта ва бисёр ҷиҳатҳои дигари ҳаётатонро худатон интихоб карда метавонед, аммо таъйинот ва маънои ҳаётатон дар ихтиёри шумо нест. Ҳамаи инро Худо Худаш аллакай муқаррар намудааст.
3. Маъно ва мақсади ҳаёти шумо қисми нақшаи хеле калонтар, фарогири Худо мебошад, ки ба сӯи абадият нигаронида шудааст. Ин китоб маҳз ба он бахшида шудааст.

Нависандаи рус Андрей Битов дар замони режими атеистии коммунистӣ ба воя расидааст, Аммо дар яке аз рӯзоҳи тираи дилгиркунанда Худо ба ҳар ҳол диққати ӯро ҷалб намуд. «Боре, ҳангоме ки ман 27-сола будам, — ба ёд меоварад ӯ, — дар метрои Ленинград (Петербурги ҳозира) ба ҷое мерафтам. Ногоҳ маро чунон рӯҳафтодагии беандоза фаро гирифт, ки гӯё ҳаёт бозистод ва оянда аз байн рафт, оиди маънои он бошад ҳоҷати гап ҳам нест. Ва дар сарам худ аз худ чунин фикр пайдо шуд: «*Бе Худо ҳаёт ҳеҷ маъно надорад*». Ман бо ҳайрат ин суханонро дар дил такрор намуда, чун ба навори эскалатор ба болои онҳо ҷаста, ба боло барома-

дам ва аз метро берун шуда, ба олами Худо ворид шудам»*.

Шояд ба шумо ҳам чунин метофт, ки маънои ҳаёт дар кадом як торикӣ ниҳон аст ва онро дарёфтан ғайриимкон аст. Ин тавр бошад, ман шуморо табрик мекунам: шумо ба қарибӣ ба рӯшноӣ мебароед!

## РӮЗИ ЯКУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан:** Ҳама гап тамоман на дар ман аст.

**Оят барои аз ёд кардан:** «*Ҳамааш ба воситаи Ӯ ва барои Ӯ ба вуҷуд оварда шудааст*» (Қӯл. 1:16б).

**Савол барои андешаронӣ:** Ба тамоми реклама ва тарғиботи атроф нигоҳ накарда, ман чӣ тавр ҳар рӯз ба худ ёдрас карда метавонам, ки дар асл на барои худ, балки барои Худо зиндагӣ мекунам?

* Дар китоби Дэвид Фрэнд «Маънои ҳаёт» иқтибос шудааст.

# 2

# БА ОЛАМ ОМАДАНИ ШУМО ТАСОДУФӢ НЕСТ

*Парвардигор, ки туро офаридааст, ва туро аз батн ба вуҷуд овардааст, ва туро ёварӣ медиҳад, чунин мегӯяд…*

Иш. 44:2а

*Худо саққобозӣ намекунад.*

Алберт Эйнштейн

Ба олам омадани шумо тасодуфӣ нест.

Ба олам омадани шумо хатои ногаҳонӣ ё тасодуфи бадбахтона набуд. Шояд волидон таваллуди шуморо ба нақша нагирифта буданд, аммо Худо тамоман ҳайрон нашуд, балки баръакс, онро интизор буд, зеро шумо ҳамеша дар зимни нақшаҳои Ӯ будед.

Хеле пештар аз он ки дар рӯи замин пайдо шавед, шумо дар шуури Худо пайдо шудед. Ӯ аввалин шуда оиди шумо фикр кард. Ва ҳозир дар қайди ҳаёт будани шумо на дасти тақдир, на тасодуфи хушбахтона ва на мувофиқати ғайричашмдошт аст. Шумо аз он сабаб зиндагӣ мекунед, ки Парвардигор хост шуморо биофарад! Дар Китоби Муқаддас гуф-

та шудааст: «*Парвардигор ба нафъи ман анҷом хоҳад дод*» (Заб. 137:8а) — ё чуноне ки ин суханон дар яке аз тарҷумаҳои англисии Навиштаи Муқаддас баён карда шудаанд, «*Парвардигор он чиро, ки барои ман пешакӣ муқаррар намудааст, анҷом хоҳад дод*».

Худо ҳар як ҷузъиёти симои ҷисмонии шуморо пешакӣ муқаррар намудааст. Ӯ мансубияти нажодӣ, ранги пӯст, ранги мӯй ва ҳама чизи дигари шуморо дидаву дониста интихоб намуд. Ӯ шуморо нотакрор ва беназир офаридааст, маҳз ҳамон тавре ки шуморо дидан мехост. Ғайр аз ин, Ӯ лаёқатҳои табиии шуморо пешакӣ муқаррар намуда, ба шумо шахсияти дар зоти худ бемислро ато намудааст. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Устухонҳоям аз Ту пӯшида набуданд, ҳангоме дар ниҳон сохта мешудам, дар қаъри замин ба вуҷуд оварда мешудам*» (Заб. 138:15).

Азбаски Худо шуморо на беҳуда, балки бо мақсади муайян офаридааст, Ӯ *вақти* зода шудан ва *давомнокии* ҳаёти шуморо низ муқаррар намудааст. Ӯ вақти таваллуд ва лаҳзаи вафоти шуморо пешакӣ интихоб намуда, тамоми рӯзҳои мавҷудияти заминии шуморо ба нақша гирифтааст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҷанинамро чашмони Ту дидаанд, ва дар дафтари Ту ҳамаи рӯзҳоям навишта шудаанд, ва рӯзҳои офарида шудани онҳо, дар сурате ки ҳеҷ яке аз онҳо ҳанӯз вуҷуд надошт*» (Заб. 138:16).

Худо ҳамчунин пешбинӣ намуда буд, ки шумо *дар куҷо* ба дунё меоед ва дар куҷо барои иҷроиши нақшаи Ӯ зиндагӣ мекунед. Миллати шумо низ тасодуфӣ нест. Худо ҷузъиёти хурдтаринро низ ба ихтиёри тасодуф ҳавола накардааст. Ӯ ҳама чизро ҳамон тавр анҷом додааст, ки барои иҷроиши мақсадҳои ӯ лозим буд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамаи қавмҳои насли одамизодро Ӯ аз як*

*хун ба вуҷуд овардааст, то ки бар тамоми рӯи замин сокин шаванд, ва барои сукунати онҳо мӯҳлатҳо ва ҳудуди муайяне пешакӣ муқаррар кардааст»* (Аъм. 17:26). Дар ҳаёти шумо ҳеҷ чизи ғайричашмдошт ё тасодуфӣ нест. Худо дар он ҳама чизро барои мақсади муайян ҷо ба ҷо гузоштааст.

Боз ҳам бештар он чиз ҳайратовар аст, ки Худо *маҳз чӣ тавр* ба дунё омадани шуморо пешакӣ муқаррар намуд. Новобаста ба шароит ва ҳолати таваллуд шудани шумо, новобаста ба он ки волидони шумо киҳоянд, Худо шуморо бошуурона ба нақша гирифт ва офарид. Аҳамият надорад, ки волидон барои шумо чӣ гуна буданд — оличаноб, на он қадар хуб ва ё беҳад бад. Шояд шумо ҳатто ҳеҷ гоҳ онҳоро надидаед ва намешиносед. Ба ҳар ҳол, Худо медонист, ки маҳз ин ду нафар *маҳз ҳамин гуна* маҷмӯи хусусиятҳои генетикӣ доранд, ки барои офаридани шумо барин шахсияти нотакрор, ки Ӯ ба нақша гирифтааст, даркоранд. Волидони шумо маҳз ҳамон гуна ДНК доштанд, ки бо ёрии онҳо Худо мехост шуморо ба дунё оварад.

***Хеле пештар аз он ки волидон шуморо дар рӯи замин ба вуҷуд оваранд, шумо дар шуури Худо пайдо шудаед.***

Агарчи бисёрии волидон бо ҳам оиладор нашуда мемонанд, кӯдакони ҳаромӣ дар ҷаҳон вуҷуд надоранд. Бисёр кӯдакон ба нақшаҳои падару модар дохил намешуданд, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо дар *нақшаи Худо* набуданд. Зеро нақшаи Худо комилан ҳама чизро ба назар мегирад, бо зимни хатоҳо ва ҳатто гуноҳҳои инсон.

Худо ҳеҷ корро тасодуфан ба ҷо намеоварад ва ҳеҷ гоҳ хато намекунад. Ӯ барои ҳама чиз дар олам нақшаи олидараҷа ва сабабҳои асоснок дорад. Ӯ барои ҳар растанӣ, ҳар санг ва минерал, ҳар ҳайвон

ва ҳар инсон мақсаде дорад. Ва шуморо Ӯ аз боиси муҳаббат офаридааст. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Чунон ки моро пеш аз таъсиси ҷаҳон дар Ӯ [Масеҳ] баргузидааст, то ки ба ҳузури Ӯ дар муҳаббати муқаддас ва беайб бошем*» (Эфс. 1–4).

Ӯ ҳанӯз пеш аз офаридани олам оиди шумо фикр карда буд! Зиёда аз ин, Ӯ ҷаҳонро маҳз барои ҳамин офарид! Ӯ сайёраи мо ва ҳамаи он чиро, ки дар он ҳаст, маҳз барои он офарид, ки мо дар он зиста тавонем. Мо маркази муҳаббати Ӯ, қисми арзишноктарини тамоми офариниш мебошем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ӯ мувофиқи хости Худ моро ба василаи каломи ростӣ ба дунё овард, то ки навбари офаридаҳои Ӯ бошем*» (Яъқ. 1:18). Ӯ шуморо ана ҳамин тавр дӯст медорад ва қадр мекунад.

Худо тахминан амал накардааст. Ӯ ҳама чизро бо аниқии комил ба нақша гирифтааст. Физикҳо, биологҳо ва дигар олимон ҳар қадар оламро бештар омӯзанд, ҳамон қадар пурратар дарк менамоянд, ки он барои сукунати мо то чӣ дараҷа хуб мувофиқ гардонда шудааст, чӣ тавр ҳама чиз аниқ ба ҳисоб гирифта шудааст, то ки дар он ҳаёти инсонӣ пайдо шавад ва вуҷуд дошта бошад. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ӯ Худоест, ки заминро ба вуҷуд овардааст ва сохтааст; Ӯ онро барқарор намудааст; онро на аз барои он офаридааст, ки бодияе бошад, балки аз барои он ба вуҷуд овардааст, ки маскун бошад*» (Иш. 45:18).

Доктор Майкл Дентон, ходими калони илмии яке аз донишгоҳҳои Зеландияи Нав, ба хулосае омад: «Ҳамаи маълумотҳои мавҷудаи илмҳои биологӣ як фикри марказиро дастгирӣ мекунанд, ки коинот ягонагии комили бомақсад офаридашуда аст, ки махсус барои зиндагии инсон муқаррар карда шудааст. Ҳамаи хусусиятҳои олами мо маҳз дар ин факти бунёдӣ маъно ва мақсади худро пайдо меку-

нанд»*. Дар Китоби Муқаддас худи ҳамин фикр чандин ҳазор сол пеш гуфта шуда буд: «*Ӯ Худоест, ки заминро ба вуҷуд овардааст ва сохтааст; Ӯ онро барқарор намудааст; онро на аз барои он офаридааст, ки бодияе бошад, балки аз барои он ба вуҷуд овардааст, ки маскун бошад*» (Иш. 45:18).

Чаро Ӯ ҳамаи ин корро кардааст? Ба Ӯ чӣ лозим буд, ки меҳнат карда, барои мо оламро офарад? Ҳамаи гап дар он аст, ки Ӯ Худои муҳаббат аст. Чунин муҳаббати бузургро тасаввур намудан душвор аст, аммо ин ҳақиқат аст. Шумо барои он ба дунё омадаед, ки Худо шуморо дӯст дорад. Худо шуморо барои дӯст доштан офаридааст. Мо бояд ҳаёти худро маҳз бар ин ҳақиқат бунёд намоем.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки «*Худо муҳаббат аст*» (1 Юҳ. 4:8). Дар он гуфта нашудааст, ки Ӯ муҳаббатро фақат *эҳсос менамояд*, зеро *Худи Ӯ* муҳаббат аст! Муҳаббат моҳияти асосии табиати Ӯст. Дар дохили Сегонаи Осмонӣ Худо-Падар, Худо-Писар ва Худо-Рӯҳулқудс ба якдигар бо муҳаббати комил муносибат мекунанд, бинобар ин офаридани мо ба онҳо *лозим набуд*. Худо танҳоӣ намекашид. Аммо Ӯ хост моро барои он офарад, ки бори дигар муҳаббати Худро ифода намояд. Ӯ мегӯяд: «*...аз батн шуморо бар Худ бор кардаам, ва аз раҳим шуморо бардоштаам, ва то пирии шумо Ман ҳамон ҳастам, ва то мӯйсафедии шумо Ман шуморо хоҳам бардошт: Ман шуморо ба вуҷуд овардаам, ва Ман бар Худ бор хоҳам кард, ва Ман хоҳам бардошт ва хоҳам раҳонид*» (Иш. 46:3–4).

РӮЗИ ДУЮМ:

**БА ОЛАМ ОМАДАНИ ШУМО ТАСОДУФӢ НЕСТ**

* Майкл Дентон. «Тақдири табиат: Чӣ тавр қонунҳои биология маъно ва таъиноти оламро ошкор менамоянд».

Бе Худо мо ҳама «тасодуф», самари «рулетка»-и бетартибонаи миқёсан бузурги кайҳонӣ мебудем. Агар чунин мебуд, хондани ин китоб бемаъно ва бефоида мебуд, зеро дар чунин ҳолат ҳаёт на мақсад медошт, на таъйинот ва на аҳамият. Дар ҷаҳон ҳеҷ чизи хуб ё бад намебуд, ва инсон ғайр аз солҳои кӯтоҳи мавҷудияти заминӣ ҳеҷ умед намедошт.

Аммо Худо ҳаст. Ӯ моро беҳуда наофаридааст, ва ҳаёти мо пур аз маъноı амиқ аст. Ва мо ин маъноро танҳо дар он маврид ошкор менамоем, ки Худо барои мо нуқтаи сарҳисоб гардад. Яке аз тарҷумаҳои англисии Навиштаи Муқаддас суханони Рум. 12:3–ро ин гуна баён менамояд: «*Ягона воситаи ҳақиқатан донистани худ — донистани Худо ва он чизест, ки Ӯ барои мо мекунад*»

Шеъри Рассел Кефлер ҳамаи гуфтаҳоро хеле хуб ҷамъбаст мекунад:

Ту маҳбуб ба ҷаҳон омадӣ,
То бо Худо ҷовидона зиндагӣ кунӣ.
Ту нотакрор, ягона ҳастӣ,
Ва инсон номида шудӣ.

Худо пурсаброна ва ниҳонӣ
Туро дар батни модар офарид.
Тасодуф набуд, ки Ӯ ба ту дод
Оилаеро, ки дар он калон шудӣ.

Ба ҳар кӣ монанд бошӣ ҳам,
Дар ҳар як чини чеҳраи ту
Таъйинот ва хости Офаридгор,
Нақшаи амалишудаи Худо ҳаст.

Ӯ солҳои азобро дар ёд дорад —
Аммо Ӯ онҳоро дар ҳаёти ту роҳ дод

Барои он ки ту ба Ӯ умед бандӣ,
Ва дар андӯҳҳо итоаткориро омӯзӣ,

Чунин будани ту беҳуда нест!
Ҳар рӯз, ҳар лаҳза, ҳар нафасро
Худои тавоно ва маҳбуб
Хеле хуб пешбинӣ кардааст.

## РӮЗИ ДУЮМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан:** Ба дунё омадани ман беҳуда набуд.

**Оят барои аз ёд кардан:** «*Парвардигор, ки туро офаридааст, ва туро аз батн ба вуҷуд овардааст, ва туро ёварӣ медиҳад, чунин мегӯяд…*» (Иш. 44:2а)

**Савол барои андешаронӣ:** Ман медонам, ки Худо маро нотакрор ва беназир офаридааст. Бо назардошти ин, кадом ҷиҳатҳои шахсияти худ, тарбия, гузашта ё намуди зоҳирии худро қабул кардан ба ҳар ҳол бароям мушкил аст?

# 3

# ЧӢ ЧИЗ ҚУВВАИ ҲАРАКАТДИҲАНДАИ ҲАЁТИ ШУМОСТ?

*Ва ман дидам, ки ҳар меҳнат ва ҳар муваффақияти кор натиҷаи аз якдигар ҳасад бурдан аст. Ин низ ҳеҷу пуч ва бод паймудан аст!*

Воиз 4:4

*Инсони бемақсад — киштии бесуккон аст: овора-гарди беарзише дар ихтиёри бод, ҳақир ноодам.*

Томас Карлайл*

Дар ҳаёти ҳар яки мо кадом як қувваи ҳаракатдиҳанда ҳаст.

Аксари луғатномаҳо *қувваи ҳаракатдиҳандаро* чун чизе тавсиф медиҳанд, ки «пеш мебарад, назорат менамояд, ба пеш тела медиҳад ё самти ҳаракатро муайян мекунад». Ба чӣ нигаронида шудани ин қувваи ҳаракатдиҳанда муҳим нест — ба мехе ки ба девор кӯфта мешавад, ба тӯбча барои бозии голф ё

---

* Томас Карлайл (1795–1881) — нависанда ва сиёсатмадори шотландӣ.

ба автомобил, — он ана ҳамин чизро пеш мебарад, назорат менамояд, ба пеш тела медиҳад ва самти ҳаракати онро муайян мекунад. Аммо чӣ чиз қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳаёти шумост?

Шояд ҳозир шуморо кадом як масъалаи ҳалталаб, кори таъҷилӣ ва муҳим ё мӯҳлати охирини ин ё он лоиҳаи пеш мебарад. Шояд шуморо хотираҳои пештара, тарс аз оянда ё ақидаҳои баённашуда, ки ҳанӯз ҳеҷ гоҳ кӯшиш накардаед онҳоро бошуурона тасвия намоед, идора мекунанд. Ҳазорон вазъиятҳо, арзишҳо ва эҳсосот водоркунандаҳои асосии ҳаёти мо шуда метавонанд. Дар ин ҷо ман фақат панҷтои маъмултарини онҳоро номбар мекунам.

**Бисёр касонро ҳисси айбдорӣ таҳрик медиҳад**. Онҳо тамоми умр аз пушаймониҳо гурехта, шармсории худро бештар пинҳон карданӣ мешаванд. Одамон зери фишори хотираҳо, бо таҳрики ҳисси айбдорӣ, ба гузашта имкон медиҳанд, ки бар ҳозира ваояндаашон ҳукмфармо шавад. Бисёр вақт онҳо беихтиёр, худашон пай набурда, худро «зери зарба» мегузоранд, ва муваффақияти худро барбод дода, худро ҷазо медиҳанд. Ҳангоме ки Қобил гуноҳ кард, айби ӯ монеае байни ӯ ва ҳузури Худо гардид, ва Худо ба Ӯ гуфт: «*Ту сарсону овора дар ҷаҳон хоҳӣ буд*» (Ҳас. 4:12). Худи ҳаминро оиди бисёрии ҳамзамонони мо гуфтан мумкин аст: онҳо дар зиндагӣ бе ҳеҷ як мақсад оворагарӣ мекунанд.

Мо ҳақиқатан самарҳои гузаштаи худро мегӯндорем, аммо ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки он бояд моро пурра ба худ тобеъ намояд. Гузашта наметавонад таъйиноти Худоро маҳдуд намояд. Агар Худо қотилро (Мусоро) ба сарвари як халқи том табдил дода ва тарсончакро (Ҷидъӯнро) ҷанговари далер гардонда метавониста бошад, Ӯ дар ҳаёти шумо низ як чизи тамоман ҳайратовар ба амал оварда метавонад. Худо ба одамон имкон медиҳад, ки ҳама

чизро аз нав сар кунанд. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Хушо касе ки ҷиноятҳояш бахшида ва гуноҳҳояш пӯшида шудаанд*» (Заб. 31:1).

**Бисёр касонро хашм ва ранҷиш таҳрик медиҳад.** Онҳо ҳамчунин ранҷишро дар худ ниҳон дошта, онро ба гузашта ҳавола кардан намехоҳанд. Ба ҷои он ки шахси ранҷонидаро бахшида, дардро аз худ соқит намоянд, онҳо гаштаву баргашта тамоми вазъиятро дар сари худ тоб медиҳанд. Одамоне ки онҳоро ранҷиш таҳрик медиҳад, бо хашми худ ҳар хел сару кор мегиранд. Баъзеҳо дар ғилофи худ пинҳон мешаванд ва ҳиссиёташонро дар дарун *маҳкам мекунанд*. Дигарон *метарканд* ва хашму ғазаби худро ба сари дигарон фурӯ мерезанд. Аммо ҳам ин ва ҳам он на танҳо ба ҳалли масъала ёрӣ намедиҳанд, балки онро чигилтар мекунанд.

Набахшидан ҳамеша на ба касе ки мо аз ӯ ранҷидаем, балки ба худамон бештар дард меоварад. Шояд ранҷонандаи мо кайҳо он воқеаро фаромӯш кардааст ва ҳаёти худро, мисли он ки ҳеҷ гап нашуда бошад, давом дода истодааст, аммо мо ҳанӯз ҳам ба гузашта бармегардем ва аз хашму ғазаб меҷӯшем.

Гӯш кунед: касоне ки замоне шуморо ранҷондаанд, танҳо дар он ҳолат ба шумо боз ҳам дард расонида метавонанд, ки худи шумо ин дардро дар худ нигоҳ дошта, онҳоро бахшидан нахоҳед. Гузаштаро баргардондан намешавад, ва онро дигаргун кардан ғайриимкон аст. Шумо бо набахшидан ҳолати худро фақат бадтар мекунед. Ақаллан барои худ аз хатоҳои содиршуда дарси ибрат гирифта, гузаштаро тарк намоед! Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро ки хашм беақлро мекушад, ва* оташинӣ *нодонро ба ҳалокат мерасонад*» (Айюб 5:2).

**Миллионҳо одамонро тарс таҳрик медиҳад**. Тарсҳо натиҷаҳои зарбу лат хӯрдан, натиҷаҳои талаботу интизориҳои беҳад баланд, самари тарбия дар

оилаи беҳад сахтгир, ё ҳатто натиҷаи таъсирпазирии генетикӣ буда метавонанд. Касоне ки тарс онҳоро таҳрик медиҳад, дар ташвишу изтироби доимӣ зиндагӣ мекунанд. Онҳо бехатарӣ, боварибахшӣ, ҳолати ба миён омадаро қадр мекунанд ва мекӯшанд ҳарчи камтар ба хатар рӯ ба рӯ шаванд. Гоҳо онҳо имконияти олидараҷаро аз даст медиҳанд, зеро ба қабул намудани ягон чизи нав ва номаълум ҷуръат намекунанд. Ба ҷои ин онҳо бо усулҳои санҷидашуда амал намудан ва аз натиҷаи кор дилпур буданро афзал меҳисобанд.

Мо худро ба зиндони тарс меандозем, ва аз боиси он наметавонемончунон бошем, ки Худо моро ба нақша гирифтааст. Шумо бояд бар хилофи тарси худ амал намоед ва бо имон ва муҳаббат бар зидди он мубориза баред. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад, чунки ҳарос азоб дорад, ва касе ки меҳаросад, дар муҳаббат комил нест*» (1 Юҳ. 4:18).

**Бисёр касонро майл ба некӯаҳволии моддӣ таҳрик медиҳад**. Хоҳиши ба даст овардан ва ғун кардан дар ҳаёти онҳо асосӣ мегардад. Ин хоҳиши ҳарчи бештар ашёҳоро соҳиб шудан бар ақидаи бардурӯғе асос ёфтааст, ки гӯё шахс ҳар қадар молу мулки бештар дошта бошад, ҳамон қадар хушбахттар аст ва дар назари дигарон аҳамиятноктар метобад ваояндаи ӯ ҳамон қадар боварибахштар таъмин карда шудааст. Ҳамаи ин нодуруст аст. Ҳар гуна моликият фақат эҳсоси *муваққатии* хушбахтӣ меоварад. Дар ниҳояти кор ашёҳо ба дилатон мезананд, чунки ҳеҷ гоҳ дигаргун намешаванд. Ва он гоҳ мо мехоҳем ягон чизи навтар, калонтар ва беҳтарро ба даст оварем.

Баъзеҳо чунон рафтор мекунанд, ки гӯё сарват ва некӯаҳволӣ ба онҳо аҳамиятнокии бештар медиҳанд.

Аммо ин низ асотир аст. Арзиши ҳақиқии инсонӣ бо пулу мол андоза карда намешавад, ва Худо умуман мегӯяд, ки чизҳои гаронбаҳотарин дар зиндагӣ — аслан ашёҳо нестанд!

Асотири паҳншудатарин оиди пул мегӯяд, ки инсон ҳар қадар бойтар бошад, ҳамон қадар оромтар ва бехатар зиндагӣ мекунад. Аммо ин тавр нест. Масалан, ҳар яки мо дар ягон лаҳза аз боиси омилҳои ба мо новобаста саломатиро аз даст дода метавонем. Танҳо дар он чи ҳеҷ кас аз шумо кашида гирифта наметавонад, — дар муносибатҳо бо Худо, — дилпурӣ ва бехатарии ҳақиқиро пайдо кардан мумкин аст.

**Бисёр касонро нуқтаи назар ва талаботи атрофиён таҳрик медиҳанд**. Ин одамон амалан ихтиёри ҳаёти худро ба дасти волидон, ҳамсарон, фарзандон, муаллимон, дӯстон ва бисёр касони дигар медиҳанд. Гоҳо онҳо баъди ба воя расидан низ кӯшиш мекунанд таҳсини волидонеро, ки аз ҳама чиз норозӣ ҳастанд, ба даст оваранд. Баъзеҳоро фишор аз ҷониби ҳамсолон таҳрик медиҳад, онҳо доимо аз он дар хавотир ҳастанд, ки атрофиён дар хусуси онҳо чӣ фикр мекунанд. Аммо, мутаассифона, касоне ки аз пайи издиҳом мераванд, ҳатман дар он ғоиб мешаванд.

***Ҳеҷ чиз аз донистани таъйиноти Худо барои ҳаёти худ муҳимтар нест, ва ҳеҷ чиз норасоии ин донишро ҷуброн карда наметавонад.***

Ман ҳамаи ресептҳои муваффақиятро намедонам, аммо калиди асосӣ барои шикастхӯрии аниқ — кӯшиши ба ҳама писанд омадан аст. Боз як воситаи аз даст додани таъйиноти илоҳӣ дар ҳаёти худ — ба нуқтаи назари дигарон вобаста будан аст. Чуноне ки Исо гуфтааст, «*Ҳеҷ кас ба ду хоҷа хизмат карда наметавонад*» (Мат. 6:24).

Дигар қувваҳо низ ҳастанд, ки ҳаёти касро таҳрик дода метавонанд, аммо ҳамаи онҳо ба ҳамон як роҳи сарбаста мебаранд: имконияти истифоданашуда, стресси нодаркор ва ҳаёте ки ҳеҷ қаноатмандӣ намеоварад.

Ин сафари чилрӯза ба сар бурдани ҳаёти *ба мақсад нигаронидашударо*, ки қувваи ҳаракатдиҳанда ва роҳнамоикунандааш нақшаҳо ва мақсадҳои Худо мебошанд, ба шумо нишон медиҳад. Ҳеҷ чиз аз донистани таъйиноти Худо барои ҳаёти худ муҳимтар нест, ва ҳеҷ чиз — ҳеҷ як муваффақият, сарват, шӯҳрат ё ҳаловат норасоии ин донишро ҷуброн карда наметавонад. Бе мақсад ҳаёт ба ҳаракати бехирадона, фаъолияти бетартибона ва воқеаҳои бемаъно табдил меёбад. Бе мақсад ҳаёт бетаровват, ночиз ва аз самти муайян маҳрум мегардад.

## АФЗАЛИЯТҲОИ ҲАЁТИ БА МАҚСАД НИГАРОНИДАШУДА

Панҷ афзалияти ҳаёти ба мақсад нигаронидашударо номбар кардан мумкин аст.

**Дарки таъйиноти худ ҳаётро дорои маъно мегардонад**. Мо чунон офарида шудаем, ки маъно ба мо ҳатман даркор аст. Маҳз аз ҳамин сабаб одамон ҳаматарафа кӯшиш мекунанд маънои ҳаётро ҳатто бо воситаҳои шубҳаовар, аз қабили симиё ва эстрасенсорика, дарёбанд. Ҳангоме ки ҳаёт пурмаъност, кас ба ҳама чиз тоб оварда метавонад, аммо агар он маъное надошта бошад, ҳама чиз дар атроф тоқатфарсо мегардад.

Як ҷавони тақрибан бистсола навиштааст: «Ман худро нобарор эҳсос менамоям, чунки доимо мекӯшам касе бошам, аммо намедонам, ки маҳз кӣ бояд бошам. То ҳол ман дар интизорӣ будам. Аммо

агар маънои ҳаётро ошкор намуда тавонам, ҳис мекунам, ки ба зистан сар кардаам».

Бе Худо ҳаёт ҳеҷ мақсад надорад, ва бе мақсад ҳаёт маъное надорад. Ҳаёти бемаъно на аҳамиятнокӣ дорад, на умед. Бисёр қаҳрамонони Китоби Муқаддас ҳамин гуна ҳисси ноумедиро изҳор намудаанд. Масалан, Ишаъё шикоят мекард: «*Бар абас Ман заҳмат кашидаам, қуввати Худро беҳуда ва бесамар сарф намудаам*» (Иш. 49:4). Айюб нидо мекард: «*Рӯзҳои ман аз моку тезравтар ҳастанд, ва бо ноумедӣ анҷом меёбанд*» ва «*Аз ҷон безор шудаам, ҷовидона зиндагӣ нахоҳам кард; маро тарк намо, зеро ки рӯзҳоям ҳеҷу пуч мебошанд*» (Айюб 7:6,16). Фоҷиаи даҳшатноктарини инсон на марг, балки ҳаёти аз маъно маҳрум аст.

РӮЗИ СЕЮМ:

## ЧӢ ЧИЗ ҚУВВАИ ҲАРАКАТДИҲАНДАИ ҲАЁТИ ШУМОСТ?

Умед ба мо на камтар аз ҳаво ва об даркор аст. Мо бе он зиста наметавонем. Доктор Берни Зигел ошкор намуд, ки кадоме аз мизоҷони ӯ, ки гирифтори бемории саратон мебошанд, ба ремиссия дучор мешаванд, ва кадоме — не. Ӯ ба ҳамаи онҳо ҳамон як саволро медод: «Оё то садсолагӣ зистан мехоҳед?» Беморони дорои маънои амиқи ҳаёт ҷавоби мусбат медоданд, ва имконияти сиҳатшавии онҳо назар ба дигарон бештар буд. Умед ба шарофати мақсад ва таъйиноти даркшуда пайдо мешавад.

Агар вақтҳои охир ба шумо чунин тобад, ки умеде нест, эҳтиёт бошед! Агар бошуурона ва бомақсад зистанро сар кунед, дар ҳаётатон ҳатман дигаргуниҳо ба амал меоянд.

Худо мегӯяд: «*Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, — мегӯяд Парвардигор, — фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то ки ба шумоояндаи нек ва умедворӣ бибахшам*» (Ирм. 29:11).

Шояд ба шумо чунин метобад, ки вазъияти ба миён омада роҳи ҳал надорад, аммо дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки Худо «*бо қуввате ки дар мо амал мекунад, қодир аст аз ҳар он чи мо мехоҳем ё фикр мекунем, беандоза зиёдтар бикунад*» (Эфс. 3:20).

**Дарки таъйиноти худ ҳаётро соддатар мекунад.** Он муайян менамояд, ки мо бояд бо чӣ машғул шавем, ва бо чӣ машғул нашавем. Мақсад ва таъйиноти меъёрҳое мешаванд, ки бо ёрии онҳо мо баҳо медиҳем, ки кадом корҳо муҳим ва арзанда ҳастанд ва кадом корҳо — не. Фақат савол додан даркор аст: «Оё ҳамин кори муайян ба иҷроиши яке аз мақсадҳои Худо дар ман мусоидат мекунад?»

Бе мақсади аниқ дар ҳаёт мо барои қабули қарор, муқаррар намудани мӯҳлат, ва низ истифодаи лаёқатҳои ботинӣ ва захираҳои иловагии худ асос нахоҳем дошт. Дар чунин маврид шахс аксаран дар асоси вазъияти ба миён омада, фишори омилҳои беруна ё табъи ҳозираи худ қарор қабул мекунад. Шахсоне ки мақсади худро намедонанд, мехоҳанд корҳои беҳад зиёдро анҷом диҳанд ва дарҳол ба ҳама чиз ноил шаванд. Маҳз ҳамин чиз боиси баланд шудани сатҳи стресс, хастагӣ ва ихтилофот бо атрофиён мегардад.

Ҳамаи корҳоеро, ки дигарон аз мо мехоҳанд ва металабанд, ба ҷо овардан ғайриимкон аст. Мо танҳо барои иҷрои хости Худо вақт дорем. Агар шумо барои иҷрои ҳамаи корҳои ба нақша гирифтаатон фурсат намеёфта бошед, ин маънои онро дорад, ки шумо аз он чи Худо барои шумо муқаррар намудааст, хеле бештар чизҳоро ба ӯҳда гирифтаед (ё, шояд ин маънои онро дорад, ки шумо дар назди телевизор вақти зиёдеро мегузаронед). Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда моро ба соддагии бештар ва ҷадвали оқилонатар меоварад. Яке аз тарҷумаҳои ҳозиразамони англисии Китоби Муқаддас оятро

аз китоби Масалҳо чунин баён мекунад: «*Ҳаёти намоишкорона ва иддаонок холист, ва ҳаёти содда — пурғановат*» (Мас. 13:7 [The Message]). Ғайр аз ин, он боиси осудагии рӯҳ мегардад: «*Дили боматонатро Ту дар осоиштагии комил нигоҳ медорӣ, зеро ки вай ба Ту таваккал мекунад*» (Иш. 26:3).

**Дарки таъйиноти худ ба ҳаёт аниқӣ медиҳад.** Он ба мо имкон медиҳад, ки кӯшишҳои худро ба он чи ҳақиқатан муҳим аст, равона намоем. Агар мо интихобан амал намоем, меҳнати мо ҳақиқатан муҳим мешавад.

Ба ҷузъиёти камаҳамият диққат додан хоси табиати инсонӣ аст. Мо тамоми умрро дар пайи фактҳои беаҳамият ва нодаркор мегузаронем, мисли он ки дар бозии «Своя игра»* ғолиб омадан мехоста бошем. Ҳенрӣ Дэвид Торо** гуфтааст, ки одамон тамоми ҳаёти худро дар «*рӯҳафтодагии оромон*а» мегузаронанд, аммо ҳоло гуфтан аниқтар мебуд, ки рӯзҳои мо дар «*машғулияти бемақсад*» мегузаранд. Ҳаёти бисёр одамон ба бозичаи бо суръати зиёд даврзананда, ки аз ҷой намеҷунбад, монанд аст.

Агар мо мақсади худро надошта бошем, доимо самти ҳаёти худро дигар мекунем, ҷои кори дигарро меҷӯем, дӯстон, калисо ва дигар омилҳои зоҳириро иваз мекунем, ва ҳар дафъа умедвор мешавем, ки ба шарофати дигаргунии навбатӣ ташвишу изтироби ботинии мо бартараф мешавад. «*Шояд ин дафъа*

---

* Бори аввал барномаи телевизионие ки дар Русия чун «Своя игра» машҳур аст, дар солҳои 1980 дар ИМА пайдо шуда, «Trivial Pursuit» ном дошт. Дар худи ин ном бозии сухан ҳаст.«Trivial»-ро чун «майда-чуйдаҳои камаҳамият» ё чун «фактҳои муфассали вобаста бо воқеаҳо, одамони машҳури ҳозира ё гузашта» тарҷума кардан мумкин аст.

** Ҳенрӣ Дэвид Торо — (1817–1862) — файласуф, нависанда, яке аз асосгузорони адабиёти амрикоӣ, сарвари ҳаракати транссенденталистон. Ба ҷустуҷӯи ҳаётии ин мутафаккир Л. Толстой баҳои баланд додааст.

*ҳамааш дигар хел шавад»*, — фикр мекунем мо, аммо ин ба ҳар ҳол масъалаи асосии набудани мақсад ва маъноро ҳал намекунад.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Бинобар ин нодон набошед, балки дарк кунед, ки иродаи Худо чист*» (Эфс. 5:17).

***Агар хоҳед, ки ҳаёти шумо таъсири назаррас боқӣ гузорад, он бояд самти аниқ дошта бошад!***

Дар мисоли рӯшноӣ дидан мумкин аст, ки ба самти муайян равона кардани энергия чӣ қуввате дорад. Рӯшноии парешон ба атроф таъсири назаррас намерасонад, Аммо ҳамаи мавҷҳои рӯшноиро ба як нуқта марказонида, қувваи онро ба як самти муайян равона кардан мумкин аст. Бо ёрии шишаи пурбин нурҳои офтобро чунон ба як нуқта марказонидан мумкин аст, ки он коғаз ё алафро месӯзонад. Ва ҳангоме ки рӯшноӣ боз бештар, дар шакли нури лазер, марказонида мешавад, он ҳатто пӯлодро бурида метавонад.

Ҳеҷ чиз аз ҳаёти ба самти муайян нигаронидашуда ва мақсади даркшуда тавонотар нест. Шахсоне ки ба таърих таъсири назаррас расонида тавонисдаанд, тамоми саъю кӯшиши худро ба як самт равона мекарданд ва ба мақсад нигаронида шуда буданд. Масалан, ҳаворӣ Павлус қариб дар алоҳидагӣ масеҳиятро дар тамоми империяи Рум паҳн намуд. Сирри муваффақияти ӯ дар он буд, ки ҳаёти ӯ аниқ ба як самти муайян равона гардида буд. «*Гумон намекунам, ки ман аллакай расида бошам, балки фақат як чизро мегӯям: он чиро, ки дар қафост, аз хотир баровардa ва ба пеш ҳаракат карда, ман сӯи мақсаде шитоб менамоям*» (Фил. 3:13–14).

Агар хоҳед, ки ҳаёти шумо таъсири назаррас боқӣ гузорад, он бояд *самти аниқ* дошта бошад! Бо корҳои майда-чуйда худро банд накунед ва ҳаваскорона бо

ҳама гуна корҳо машғул нашавед. Ба ӯҳда гирифтани ҳамаи корҳоеро, ки ба онҳо рӯ ба рӯ мешавед, бас кунед. Ҳатто аз корҳову машғулиятҳои сазовор даст кашида, фақат корҳои муҳимтаринро ба ҷо оваред. Ҳеҷ гоҳ фаъол буданро бо самаранокӣ омехта накунед. Кас метавонад бо коре машғул шавад, бе он ки мақсаде дошта бошад, аммо магар аз ин фоидае ҳаст? Павлус мегӯяд: «*Ман сӯи мақсад барои мукофот шитоб менамоям. Ва ин мукофот — ҳаёти нав аст, ки Худо ба воситаи Исои Масеҳ моро ба он даъват намудааст*» (Фил. 3:14–15).

**Дарки таъйиноти худ ба мо водоркунандаи ҳаётии даркориро медиҳад**. Он дар мо майли зиёди ба даст овардани чизи мехостаамонро ба вуҷуд меоварад. Ҳеҷ чиз ба андозаи мақсади аниқ муқаррашуда ба мо ин қадар қуввату ғайрат намедиҳад. Ва баръакс, ҳангоме ки чунин мақсад нест, ин майли зиёд хомӯш мешавад, аз байн меравад. Пагоҳӣ аз ҷои хоб бархестани мо душвор мегардад. Одатан мо на аз боиси миқдори зиёди корҳо, балки аз бемаъноии онҳо хаста шуда, аз қувват ва хурсандӣ маҳрум мегардем.

***Шумо на барои он ба дунё омадаед, ки баъди марг шуморо ба ёд оваранд. Шумо барои он дар ин ҷо ҳастед, ки ба абадият тайёр шавед.***

Ҷорҷ Бернард Шоу навишта буд: «Хурсандии ҳақиқӣ дар зиндагӣ — донистани беҳуда набудани ҳаёт, дарки тавоноӣ, дар худ ҳис кардани қувваи табиӣ аст, на ин ки лӯндаи ҳақири худпарасти бемориҳо ва ранҷишҳо, ки аз он шикоят мекунад, ки ҷаҳон худро ба таъмин намудани мавҷудияти хушбахтонаи ӯ бахшидан намехоҳад».

**Дарки таъйиноти худ ба шумо имкон медиҳад, ки пас аз худ мероси абадӣ боқӣ гузоред.**

Бисёр касон тамоми ҳаёти худро ба он мебахшанд, ки пас аз худ мероси бардавом боқӣ гузоранд, зеро мехоҳанд пас аз марг дар хотири наздикон монанд. Аммо дар ниҳояти кор, на он чиз муҳим аст, ки одамон оиди ҳаёти мо мегӯянд, балки он чи *Худо* оиди он мегӯяд. Одамон намефаҳманд, ки дер ё зуд ягон кас аз ҳамаи дастовардҳои онҳо, аз ҳамаи рекордҳои онҳо пеш мегузарад; шӯҳрат аз байн меравад, иззату эҳтироми гузашта фаромӯш мешавад. Ҷеймс Добсон* ҳанӯз ҳангоми донишҷӯӣ дар назди худ мақсаде гузошта буд: дар бозии теннис чемпиони коллеҷ шудан. Ӯ бисёр машқ мекард ва ҳангоме ки ҷоми дар мусобиқа ба даст овардаашро дар толори махсусе ҷойгир карданд, ки он ҷо ҳамаи мукофотҳои дигари донишгоҳ нигоҳ дошта мешуданд, ӯ ифтихори ҳаққонӣ эҳсос намуд. Баъди солҳои зиёд ин ҷомро ба воситаи почта ба ӯ фиристоданд. Маълум шуд, ки ҳангоми таъмир онро дар сатили ифлосиҳо ёфтаанд. Инро ба ёд оварда, Ҷеймс Добсон гуфтааст: «*Дер ё зуд ягон кас ҳатман ҳамаи мукофотҳои моро ба ахлоттӯда мепартояд*».

Зистан ба хотири он ки баъди худ дар замин ақаллан ягон мерос гузоред, дурандешона нест. Вақти бароямон муқарраршударо барои дар таърих гузоштани асари *абадӣ* сарф кардан хеле оқилонатар аст. Шумо на барои он ба дунё омадаед, ки шуморо баъди марг ба ёд оваранд. Шумо баҳри он ба ин ҷо омадаед, ки барои абадият тайёрӣ бинед.

Ягон вақт шумо дар назди Худо ҳозир мешавед, ва Ӯ ҳаёти шуморо аз назар мегузаронад, ин имтиҳони охирин аст пеш аз он ки ба абадият дохил ша-

---

* Ҷеймс Ч. Добсон — психологи масеҳии ҳозиразамони амрикоӣ, муаллифи китобҳо ва барномаҳои радиоӣ, сарвари ташкилоти хайрияи «Дар маркази диққат — оила».

вед. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Ҳамаи мо пеши курсии доварии Худо ҳозир хоҳем шуд... Пас, ҳар яке аз мо дар бораи худ ба Худо ҳисобот хоҳад дод*» (Рум. 14:10б ва12). Хушбахтона, Ӯ хеле мехоҳад, ки мо аз ин имтиҳон бо муваффақият гузарем, ва аз ҳамин сабаб ҳамаи саволҳоро пешакӣ ба мо хабар додааст. Дар асоси Китоби Муқаддас мо хулоса бароварда метавонем, ки ба мо ду саволи асосӣ дода мешаванд.

Аввалан, «*Ту ба Писари Ман Исои Масеҳ чӣ хел муносибат менамомоӣ?*» Худо оиди решаҳои динӣ ё ақидаҳои таълимотии шумо намепурсад. Ӯ танҳо ба як чиз таваҷҷӯҳ хоҳад дошт: оё мо он чиро, ки Исо бароямон тайёр кардааст, қабул кардаем ё не? Оё Ӯро дӯст доштан ва ба Ӯ боварӣ карданро ёд гирифтаем ё не? Худи Исо гуфтааст: «*Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман*» (Юҳ. 14:6).

Саволи дуюм чунин садо медиҳад: «*Ту бо ҳамаи он чи Ман ба ту додаам, чӣ кардӣ?*» Шумо бо ҳаёти худ — бо ҳамаи он бахшоишҳо, истеъдодҳо, имкониятҳо, қувват, муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва дигар захираҳое ки Худо ба шумо додааст, чӣ кардед? Оё ҳамаи инро барои худ сарф кардед ё барои расидан ба мақсадҳое ки Ӯ шуморо барои онҳо офаридааст, истифода бурдед?

Мақсади ин китоб — барои ҷавоб дода тавонистан ба ин саволҳо тайёр кардани шумост. Ҷавоб ба саволи аввал муайян мекунад, ки абадиятро дар *куҷо мегузаронед*. Ҷавоб ба саволи дуюм муайян мекунад, ки дар абадият *бо чӣ машғул мешавед*. Дар охири китоб шумо барои ҷавоб додан ба ҳар дуи ин саволҳо тайёр мешавед.

## РӮЗИ СЕЮМ
## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан:** Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда — роҳ ба сӯи осудагии рӯҳ аст.

**Оят барои аз ёд кардан:** «*Дили боматонатро Ту дар осоиштагии комил нигоҳ медорӣ, зеро ки вай ба Ту таваккал мекунад*» (Иш. 26:3).

**Саволҳои барои андешаронӣ:** *Дӯстони ман чӣ ҷавоб медиҳанд, агар аз онҳо пурсанд, ки ҳаёти маро чӣ чиз таҳрик медиҳад? Ман чӣ чизро таҳрикдиҳандаи ҳаёти худ дидан мехоҳам?*

# 4

# БАРОИ АБАДИЯТ ОФАРИДАШУДАГОН

*Ҳамчунин Ӯ фикри абадиятро дар дили одамизод ҷо додааст.*

Воиз 3:11

*Албатта, Худо инсон барин мавҷудро барои як рӯз офарида наметавонист! Не, не, инсон барои абадият офарида шуда буд.*

Абраҳам Линколн

Ҳаёти заминӣ — ҳанӯз ҳама чиз нест.

Ҳаёти заминӣ — ҳамагӣ машқи генералӣ пеш аз спектакл аст. Шумо пас аз марг — *дар абадият* — назар ба ин ҷаҳон вақти хеле бештарро мегузаронед.

Мавҷудияти заминӣ — фақат пойгоҳи машқ, боғчаи кӯдакон, санҷиш пеш аз ҳаёт дар абадият аст. Ин тайёрӣ ба бозии воқеӣ, машқи омодашавӣ пеш аз мусобиқаи ҳақиқист. Ҳаёти ҳозира — тайёрӣ ба ҳаёти оянда аст.

Дар замин мо то сад сол умр дида метавонем, аммо дар абадият моро беохирӣ интизор аст. Чуноне ки сэр Томас Броун мегӯяд, солҳои заминии мо —

танҳо «эпизоди кӯтоҳ дар абадият»* мебошанд. Мо барои абадан зистан офарида шудаем.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамчунин [Худо] фикри абадиятро дар дили одамизод ҷо додааст*» Воиз 3:11 .

Мо ғаризаи модарзод дорем — хоҳони бефаноӣ ҳастем. Ва ҳамааш аз боиси он ки Худо моро ба шабоҳати Худ офарида, барои ҳаёти абадӣ муқаррар намудааст. Агарчи мо хуб медонем, ки дер ё зуд мурдан лозим меояд, марг ба ҳар ҳол ба мо ғайритабиӣ ва беадолатона метобад. Аммо мо маҳз аз он сабаб ба ҳаёти абадӣ майл дорем, ки Худо аз худи аввал ин хоҳишро дар ботини мо ҷой додааст!

Ягон вақт дили шумо аз тапидан мемонад. Ҳаёти заминии шумо ба охир мерасад, мӯҳлати барояатон муқарраршуда ба охир мерасад, аммо шумо мавҷудиятро бас намекунед. Ҷисми ҳозираи табиӣ — танҳо макони муваққатии рӯҳ аст. Бадани ҳозираи моро Китоби Муқаддас «хайма» ё «коза» меномад, аммо бадани ояндаро «хона» меномад. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро медонем, ки агар хонаи заминии мо, ин хайма, хароб шавад, мо иморате аз ҷониби Худо дорем, хонаи бо дасти одамон сохта нашудаи абадӣ, ки дар осмон аст*» (2 Қӯр. 5:1).

Агар ҳаёти заминӣ ба мо бисёр роҳҳои гуногунро пешкаш мекарда бошад, дар ҳаёти оянда танҳо ду имконият ҳаст: Осмонҳо ё дӯзах. Муносибатҳое ки шумо бо Худо дар ин ҷо, дар замин доред, муносибатҳоятонро бо Ӯ дар абадият муайян мекунанд. Агар дар ин ҷо, дар замин дӯст доштани Писари Худо Исои Масеҳ ва ба Ӯ боварӣ карданро ёд гиред, Ӯ шуморо даъват мекунад, ки тамоми абади-

* Томас Броун (1605–1682) — нависандаи англис, духтур, мутахассиси таърихи қадим, муаллифи китоби машҳури «Дини табиб» («Religio Medici»).

яти ояндаро бо Ӯ гузаронед. Аз тарафи дигар, агар шумо муҳаббат, омурзиш ва наҷоти Ӯро рад кунед, дар абадият барои ҳамеша бе Худо мемонед.

Клайв Люис* гуфтааст: «Ҳамаи одамон дар рӯи замин ба ду категория ҷудо мешаванд. Баъзеҳо ба Худо мегӯянд: “Бигузор иродаи Ту ба амал ояд”, ва ба баъзеи дигар Худо мегӯяд: “Хуб, бигузор ҳамон тавре шавад, ки шумо мехоҳед”». Бадбахтона, ба бисёрии одамон лозим меояд, ки тамоми абадиятро бе Худо дар азобҳо гузаронанд, зеро онҳо дар замин бо Ӯ зистан нахостанд.

***Ҳаёти ҳозира — тайёрӣ ба ҳаёти оянда аст.***

Ҳангоме пурра дарк менамоед, ки ҳаёт бо мавҷудияти муваққатӣ дар ин ҷо маҳдуд намешавад, ва солҳои умр дар рӯи замин фақат тайёрӣ ба абадият мебошанд, ҳатман дигар хеле зистанро сар мекунед. Шумо дар *партави абадият* зистанро сар мекунед, ва ин ба муносибатҳо, вазъиятҳо ва корҳое ки сар мекунед, тобиши тамоман дигар медиҳад. Ногоҳ он машғулиятҳо, мақсадҳо ва ҳатто масъалаҳое ки пештар хеле муҳим метофтанд, ночиз, беаҳамият ва ба диққат носазовор метобанд. Ҳар қадар ба Худо ва ба таъйиноти Ӯ барои ҳаёти шумо наздиктар шавед, ҳама чизи боқимонда ҳамон қадар бештар носазовор метобад.

Ҳангоме ки мо дар партави абадият зиндагӣ мекунем, арзишҳои мо дигар мешаванд. Мо вақт ва пули худро оқилонатар сарф мекунем. Мо на сарват, шӯҳрат, дастовардҳо ё ҳатто вақтгузоронии хуш, балки хислат ва муносибатҳо бо Худоро дар ҷои аввал

---

* Клайв Люис (1898–1963) профессори адабиёт дар доннишгоҳи Оксфорд, нависандаи машҳури англис, муаллифи бисёр рисолаҳои масеҳӣ ва китобҳои бадеӣ.

мегузорем. Он чи афзалиятнок меҳисобидем, акнун беаҳамият мегарданд. Акнун пайравӣ ба равишҳои нави мӯд, ба арзишҳо ва ақидаҳои машҳур бароямон аҳамияти худро гум мекунанд. Павлус навишта буд: «*Лекин он чи барои ман бартарӣ буд, ба хотири Масеҳ нуқсон донистам*» (Фил. 3:7).

Агар ҳаёти мо бо солҳои мавҷудияти заминӣ маҳдуд мешуд, шояд ман ба шумо пешниҳод мекардам, ки аз он ҳама чизи имконпазирро бигиред. Сухангӯиҳоро оиди некӣ ва принсипҳои ахлоқӣ тамоман фаромӯш кардан мумкин мебуд. Ба натиҷаҳои амалҳоямон диққат надода, ба худпарастии ашаддӣ дода шудан мумкин мебуд: хоҳ-нохоҳ рафтори мо натиҷаҳои бардавом нахоҳанд дошт! Аммо — *ҳамаи гап дар ҳамин аст!* — мавҷудияти мо бо мурдан ба охир намерасад. Марг интиҳо нест, балки гузариш ба абадият аст, ва ҳар як амали заминӣ натиҷаҳои *абадӣ* дорад. Ҳар як амали имрӯза дар оянда чун акси садо маълум мешавад.

Хусусияти хатарноктарини ҳаёти имрӯза — андешаронии кӯтоҳмуддат, кӯтоҳандешона аст. Барои самараноктар гардондани ҳаётамон мо бояд ҳамеша абадиятро дар пеши назар дошта, арзишнокии онро дар дил нигоҳ дорем. Ҳаёт на фақат «ҳозир ва дар ҳамин ҷо» аст. Ҳаёти имрӯза — қуллаи айсберг аст, ки дар болои об намоён аст, аммо абадият — тамоми қисми боқимондаи он мебошад, ки дар зери об ниҳон аст.

***Ҳангоме ки мо дар партави абадият зиндагӣ мекунем, арзишҳои мо дигар мешаванд.***

Абадият дар назди Худо ба чӣ монанд хоҳад буд? Рости гап, шуури инсон бузургӣ ва мӯъҷизоти Осмонҳоро фаро гирифта ва дарк карда наметавонад. Ин ба он монанд аст, ки ба мӯрча чӣ будани

интернетро фаҳмонед. Тамоман бефоида. Инсоният ҳанӯз чунин суханонро фикр карда набаровардааст, то ки ба чӣ монанд будани абадиятро тасвир намояд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*“Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст”*» (1 Қӯр. 2:9).

Аммо Худо дар Каломи Худ ба ҳар ҳол имкон дод, ки ба он чи дар оянда мешавад, назар андозем. Мо медонем, ки ҳозир Худо барои мо хонаи абадӣ тайёр карда истодааст. Дар Осмонҳо мо бо он ёрону наздиконе ки имондор буданд, якҷоя мешавем, аз дард ва азоб тамоман озод мегардем, ва Худо моро барои вафодорие ки дар замин зоҳир намуда будем, подош медиҳад ва ба мо чунин кореро месупорад, ки ҳатман ба мо маъқул мешавад. Ташвиш накашед, мо ҷило дода дар болои абрҳо намехобем ва арфа наменавозем! Мо аз он хурсандӣ мекунем, ки ниҳоят метавонем бо Худо бе мамониат муошират намоем, ва Ӯ аз мо бениҳоят, абадан, ҳамеша хурсанд мешавад. Рӯзе фаро мерасад, ки Исо мегӯяд: «*Биёед, эй баракатёфтагон аз Падари Ман, Подшоҳиеро, ки аз оғози ҷаҳон барои шумо омода шудааст, мерос гиред*» (Мат. 25:34).

РӮЗИ ЧОРУМ:

## БАРОИ АБАДИЯТ ОФАРИДАШУДАГОН

Клайв Люис моҳияти абадиятро дар саҳифаи охирини силсилаи афсонаҳо барои кӯдакон «Воқеаномаи Нарния» хеле аниқ ифода намудааст: «Барои мо ин анҷомёбии тамоми таърихҳо аст... Аммо барои онҳо ин фақат саршавии таърихи ҳақиқӣ буд. Тамоми ҳаёти онҳо дар ҷаҳони мо... фақат муқова ва саҳифаи номи китоб буд, ва акнун ниҳоят Боби Якуми Таърихи Бузург сар шуд, ки ҳеҷ кас дар рӯи замин нахонда буд; Таърихе ки то абад

давом мекунад; Таърихе ки дар он ҳар як боби оянда аз пештараат беҳтар аст»*.

Худо ҳақиқатан барои ҳаёти заминии мо мақсаде дорад, аммо ҳама чиз бо ин анҷом намеёбад. Мақсади Ӯ аз якчанд даҳсолае ки шумо дар рӯи замин мегузаронед, хеле бештар аст. Ӯ ба мо на танҳо беҳтарин имкониятро пешниҳод мекунад, ки танҳо як бор дар зиндагӣ мешавад, балки имкониятеро пешниҳод мекунад, ки аз ҳудуди мавҷудияти заминӣ *хеле берун* мебарояд. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Машварати Парвардигор ҷовидона устувор аст, андешаҳои дили Ӯ аз насл ба насл*» (Заб. 32:11).

Аксари одамон оиди абадият фақат ҳангоми маросими дафн фикр мекунанд, аммо ҳатто он вақт фикрҳои онҳо аксаран рӯякӣ, сентименталӣ буда, дар тасаввуроти тамоман бехирадона асос ёфтаанд. Шояд ба шумо чунин метобад, ки андешаронихо оиди марг фақат ба шуури бениҳоят ҳассос хос мебошанд, аммо дар асл воқеияти маргро инкор карда, оиди ногузир будани он чи ҳар яки моро интизор аст, фикр накарда зистан оқилона нест (Воиз 7:2). Танҳо бехирад ба он чи дер ё зуд рӯй медиҳад, тайёрӣ надида умр ба сар мебарад. Оиди абадият на камтар, балки *бештар* фикр кардан лозим аст!

Он нӯҳ моҳ, ки шумо дар батни модар гузарондед, тайёрӣ ба ҳаёти заминӣ буд. Айнан ҳамин тавр ҳаёти ҳозира тайёрӣ барои ҳаёти оянда аст. Агар шумо бо Худо дар Исои Масеҳ муносибатҳои шахсӣ дошта бошед, набояд аз марг тарсед, зеро он барои шумо дари ҳаёт хоҳад буд. Он бадани табиии шуморо нобуд мекунад, аммо на шуморо, ва на анҷомёбии мавҷудият, балки рӯзи таваллуди шумо ба ҳаёти абадӣ мешавад. Дар Навишта гуфта шудааст: «*Зеро*

---

* Клайв Люис. «Муҳорибаи охирин». Маҷмӯаи асарҳо дар 8 ҷилд, ҷилди 6 (Москва, 2000), саҳ. 325.

*дар ин ҷо шаҳри доимие надорем, балки ояндаро ҷустуҷӯ менамоем*» (Ибр. 13:14).

Дар муқоиса бо абадият замони сафари заминии мо як лаҳза аст, аммо натиҷаҳои он то абад бо мо мемонанд. Амалҳои ҳаёти ҳозира тақдири ояндаи моро муайян мекунанд. Мо бояд дарк намоем, ки «*то даме ки дар хонаи худ, дар ҷисм зиндагӣ мекунем, мо дар ғарибӣ, аз Худованд дур мебошем*» (2 Қӯр. 5:6).

Якчанд сол пеш моро даъват мекарданд, ки ҳар як рӯзи умрро чунон ба сар барем, ки гӯё он «рӯзи аввали тамоми ҳаёти мо» бошад. Аммо дар асл оқилона мебуд, то ҳар як рӯзи умрро чунон ба сар барем, ки гӯё он рӯзи охирини ҳаёт бошад. Мэтю Ҳенрӣ* гуфтааст: «Дар ҳар як рӯзи ҳаёти худ мо бояд ба рӯзи охирини он тайёрӣ бинем».

## РӮЗИ ЧОРУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан:** Ҳаёт на танҳо «дар ин ҷо ва ҳозир» аст.

**Оят барои аз ёд кардан:** «*Ва ҷаҳон бо ҳавасҳояш гузарон аст, аммо касе ки иродаи Худоро ба ҷо меоварад, то абад боқист*» (1 Юҳ. 2:17).

**Саволҳо барои андешаронӣ:** Дар партави он ки ман барои абадият офарида шудаам, чӣ корро бояд фавран бас кунам, ва бо кадом кор дарҳол бояд машғул шавам?

---

* Мэтю Ҳенрӣ (1662–1714) коҳини англис, муаллифи тафсирҳои маъруфи Китоби Муқаддас.

# 5

# БА ҲАЁТ БО ЧАШМОНИ ХУДО НИГАРИСТАН

*Чист зиндагии шумо?*

Яъқ. 4:14б

*Мо воқеиятро на он тавр мебинем, ки дар асл мебошад. Ҳамааш ба он вобаста аст, ки мо бо чӣ гуна чашмон ба он менигарем.*

Анаис Нин*

Ҳаёти мо ба он тавсиф дода мешавад, ки мо ба он чӣ гуна *менигарем*.

Тақдири шумо ба он вобаста аст, ки ҳаёти худро чӣ гуна тавсиф медиҳед. Ба чӣ сарф кардани вақт ва пулатон, ба чӣ кор истифода бурдани истеъдодҳоятон ва то чӣ андоза қадр кардани муносибатҳоятон бо дигарон ба тасаввуроти шумо оиди он вобаста аст.

Яке аз воситаҳои беҳтарини фаҳмидани шахси дигар он аст, ки аз ӯ чунин пурсед: *«Ту ҳаёти худро чӣ гуна тасаввур мекунӣ?»* Шумо пай мебаред, ки ҳар як шахс оиди мавҷудияти заминӣ нуқтаи наза-

---

* Анаис Нин (1903–1977) — нависандаи амрикоӣ, ки бо «Рӯзномаҳо» ва романҳои авангардӣ дар услуби сюрреализми франсавӣ маъруф аст.

ри нотакрори худро дорад. Одамони гуногун чунин меҳисобанд, ки ҳаёт ба намоиши сирк, ба майдони минадор, ба «теппаҳои амрикоӣ», ба мозаикаи аз ҳам ҷудо кардашуда, ба симфония, ба саёҳат, ба рақс монанд аст. «Ҳаёт» ба чархофалак монанд аст, — мегуфтанд ба ман. — Гоҳ ба боло, гоҳ ба поён, ва гоҳо ҳаракати даврашакл!» Ё: «Ҳаёт ба дучархаи дорои даҳ суръат монанд аст, ки нисфи он суръатҳоро ҳеҷ гоҳ истифода намебарем». Ё: «Ҳаёт чун қартабозӣ аст. Бо қартаҳое ки доред, бозӣ кардан лозим меояд».

Агар ман ба шумо ҳамон саволро медодам, кадом тимсол дар пеши назаратон пайдо мешуд? Ин тимсолро *маҷози ҳаётии* шумо номидан мумкин аст. Шумо дидаву дониста ё беихтиёр маҳз ҳамин гуна тасаввуротро оиди зиндагӣ дар шуури худ нигоҳ медоред. Дар он тартибу низоми зиндагӣ ва он чи аз зиндагӣ интизор шудан мумкин аст, тасвир ёфтааст. Одамон аксаран маҷозҳои ҳаёти худро ба воситаи он баён мекунад, ки чӣ гуна либос мепӯшанд, чӣ гуна ороишот доранд, кадом мошинро меронанд, мӯяшонро чӣ гуна шона мекунанд, кадом наклейка, кадом плакат ё ҳатто кадом вашмро интихоб мекунанд.

РӮЗИ ПАНҶУМ:

## БА ҲАЁТ БО ЧАШМОНИ ХУДО НИГАРИСТАН

Ин маҷози ҳаётии баённашуда назар ба он чи тасаввур кардан мумкин аст, ба шумо таъсири бештаре дорад. Он интизориҳо ва талабҳо, арзишҳо, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, мақсадҳо ва афзалшумориҳои шуморо муайян менамояд. Масалан, агар чунин ҳисобед, ки ҳаёт базми ҳамешагӣ аст, он гоҳ мақсади шумо *нағзакак кайфу сафо кардан* мешавад. Агар ҳаётро чун мусобиқаи варзишӣ тасаввур кунед, беш аз ҳама *суръатро* қадр мекунед, ва доимо ба ягон ҷой мешитобед. Агар ҳаётро чун марафон тасаввур кунед, дар

худ *тобовариро* инкишоф медиҳед. Агар ҳаётро чун бозӣ ё муҳориба тасаввур кунед, *голиб шудан* бароятон аз ҳама чиз муҳимтар мешавад.

Шумо ҳаёти худро чӣ гуна мебинед? Шояд шумо маҷози ҳаётии тамоман хаторо ба асос мегиред. Барои иҷрои он чи Худо бароятон муқаррар намудааст, лозим меояд, ки нуқтаи назари аксариятро зери шубҳа гузошта, онро бо маҷозҳои Китоби Муқаддас иваз намоед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Худро ба ин дунё ҳамшакл насозед, балки ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист*» (Рум. 12:2).

Китоби Муқаддас се маҷозро пешниҳод мекунад, ки бо ёрии онҳо мо мефаҳмем, ки Худи Худо ҳаёти моро чӣ гуна мебинад. Ҳаёт *санҷиш* аст; ҳаёт *моликиятест, ки ба муддати муайян ба ихтиёри мо дода шудааст*; ҳаёт *супориши* муваққатӣ аст. Ин тимсолҳо асоси ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда мебошанд. Ҳозир мо дутои аввали онҳоро дида мебароем, ва ба сеюмаш боби навбатиро мебахшем.

**Ҳаёти заминӣ санҷиш аст**. Ин маҷози ҳаётиро дар бисёр қиссаҳои Китоби Муқаддас дидан мумкин аст. Худо доимо хислат, имон, итоаткорӣ, муҳаббат, софдилӣ ва вафодории инсонро месанҷад. Озмоиш, васваса, покшавӣ барин калимаҳо ва ҳамонандҳои инҳо дар Китоби Муқаддас зиёда аз 200 бор такрор мешаванд. Худо Иброҳимро месанҷид, ҳангоме фармуд, ки писараш Исҳоқро қурбонӣ кунад. Ӯ Яъқубро месанҷид, ҳангоме ба ӯ лозим омад, ки барои ба даст овардани ҳамсари худ ҳафт соли зиёдатӣ меҳнат кунад.

Одам ва Ҳавво ба васваса дода шуда, аз санҷиш нагузаштанд. Бо Довуд низ чунин шуд. Аммо Китоби Муқаддас ҳамчунин бисёр намунаҳои онро нишон медиҳад, ки одамон сарбаландона аз санҷиш мегу-

заштанд — масалан, Юсуф, Рут, Эстер ва Дониёл.

Хислати инсон маҳз ба воситаи санҷишҳо инкишоф меёбад ва санҷида мешавад, ва умуман *тамоми ҳаёт* — санҷиши пайиҳам аст. Мо *доимо* санҷида мешавем. Худо доимо мушоҳида мекунад, ки мо чӣ тавр ба одамон, ба мушкилот, ба муваффақият, ба ихтилофот, ба беморӣ, ба ноумедӣ ва ҳатто ба обу ҳаво аксуламал менамоем! Ӯ ҳатто хурдтарин, оддитарин амалҳои моро ба назар мегирад: дарро ба дигарон чӣ тавр мекушоем, ифлосии партофтаи касеро мебардорем, ва ба пешхизмат ё фурӯшанда боадабона муроҷиат менамоем.

***Хислати инсон маҳз ба воситаи санҷишҳо инкишоф меёбад ва санҷида мешавад, ва умуман тамоми ҳаёт — санҷиши пайиҳам аст.***

Мо ҳамаи санҷишҳои бароямон муқарраршударо намедонем, аммо дар асоси Китоби Муқаддас баъзеи онҳоро пешгӯӣ карда метавонем. Худо ба воситаи дигаргуниҳои калон, мушкилоти ҳалнашаванда, танқиди ноҳақ, фоҷиаҳои бемаъно шуморо месанҷад; гоҳо лозим меояд, ки чизи ваъдашударо муддати зиёд интизор шавед, ва баъзе дуоҳои шумо беҷавоб мемонанд. Ман дар таҷрибаи худ пай бурдам, ки Худо мустаҳкамии имони маро ба воситаи мушкилиҳо, мустаҳкамии умеди маро ба воситаи некӯаҳволии моддӣ ё тангдастӣ, ва ҳаққонияти муҳаббати маро бо ёрии одамони дигар месанҷад.

Санҷиши хеле муҳим он аст, ки дар лаҳзаҳое ки ҳузури Худоро дар ҳаёти худ *ҳис намекунем*, чӣ гуна рафтор менамоем. Гоҳо Худо дидаву дониста Худро барканор мегирад, ва мо наздик будани Ӯро ҳис намекунем. Подшоҳ Ҳизқиё низ ҳамин гуна ҳиссиётро аз сар гузарондааст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Худо ӯро тарк кард, то ки ӯро имтиҳон намуда, ҳар чиро, ки дар дилаш буд, бидонад*» (2 Вақ. 32:-

31). То он вақт Ҳизқиё бо Худо муносибатҳои наздик дошт, аммо дар лаҳзаи бӯҳронии ҳукмронияш Худо ӯро тарк кард, то ки хислати ӯро санҷад, ҷиҳатҳои сусти онро ёбад ва Ҳизқиёро ба масъулияти нави боз ҳам калонтар тайёр кунад.

Ҳамин ки санҷиш будани ҳаётро мефаҳмем, дарҳол аён мегардад, ки дар он *ҳеҷ чизи беаҳамият* нест.

Ҳатто воқеаҳои ночизтарин ба хислати мо таъсир мерасонанд. *Ҳар* як рӯз муҳим мегардад, ва ҳар як сония ба мо имконияти нашъунамо кардан, устувор намудани хислат, зоҳир намудани муҳаббат ё ба Худо таваккал карданро медиҳад. Баъзе санҷишҳо бароямон рафънашаванда метобанд, баъзеи дигарро мо пай намебарем, аммо ҳамаи онҳо натиҷаҳои муҳим доранд.

Худо аз худи аввал мехоҳад, ки мо аз ин санҷишҳо бо муваффақият гузарем, бинобар ин ҳеҷ гоҳ ба мо санҷишҳоеро намефиристад, ки аз тавоноии мо бештар бошанд ва мо аз ӯҳдаи онҳо баромада натавонем. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Озмоише ки ба сари шумо омадааст, ҷуз озмоиши оддии инсонӣ чизи дигаре нест; ва Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед*» (1 Қӯр. 10:13).

Ҳар боре ки шумо сарбаландона аз санҷиш мегузаред, Худо инро ба назар мегирад, то ки баъд дар Осмонҳо ба шумо ҳатман подош диҳад. Ҳаввори Яъқуб мегӯяд: «*Хушо касе ки дар озмоиш вафодор мемонад, зеро вақте ки вай имтиҳон медиҳад, тоҷи ҳаётро, ки Худованд ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст, ба даст хоҳад овард*» (Яъқ. 1:12).

**Ҳаёти заминӣ моликиятест, ки ба муддати муайян ба ихтиёри мо дода шудааст**. Ин маҷози дуюми ҳаётист, ки аз Китоби Муқаддас гирифта шу-

дааст. Худо ба мо ин ё он бахшоишҳо ва воситаҳои молиявиро додааст, то мо дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намоем. Ҳамаи ин ба мо тааллуқ надорад: неъматҳои ба мо супурдашударо мо фақат дар давоми муддати муайян истифода мебарем. Ин мафҳуми идоракунӣ, ихтиёрдории моликияти ба мо додашуда аз эътирофи он сар мешавад, ки ҳама чиз дар рӯи замин ба Худо тааллуқ дорад. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Замин ва ҳар чӣ дар он аст, дунё ва сокинони он аз они Парвардигор аст*» (Заб. 23:1).

Мо дар рӯи замин зиста, ҳеҷ гоҳ ба таври ҳақиқӣ *соҳиби чизе нестем*. Худо ин ё он моликиятро барои муддате ки дар ин ҷо ҳастем, *ба мо қарз медиҳад*. Пеш аз таваллуди мо он ба Худо тааллуқ дошт, ва баъди марги мо Ӯ онро ба ягон каси дигар медиҳад. Ба мо имкон дода мешавад, ки ҳангоми ҳаёти заминӣ онҳоро истифода барем.

Ҳангоме ки Худо Одам ва Ҳавворо офарид, Ӯ ҳукмфармоиро бар тамоми мавҷудот ба ихтиёри онҳо дода, онҳоро ваколатдор ва идоракунандагони тамоми моликияти Худ таъин намуд. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва Худо онҳоро баракат дод, ва Худо ба онҳо гуфт: "Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед, ва онро соҳибӣ намоед, ва бар моҳиёни баҳр ва бар паррандагони осмон ва бар ҳар ҳайвоне ки бар замин мехазад, ҳукмрон бошед"*» (Ҳас. 1:28).

Аввалин супориши Худо ба одамон аз он иборат буд, ки ҳамаи он чиро, ки Ӯ дар рӯи замин офаридааст, ихтиёрдорӣ ва идора кунанд. Ин супориш ҳеҷ гоҳ дигаргун нашуда буд ва ҳоло ҳам як қисми таъйиноти ҳозираи мо мебошад. Мо бояд ҳама чизи атрофро тӯҳфаи Худо ё чизе ҳисобем, ки ба мо ҳамчун қарз дода шудааст. Ҳамаи он неъматҳоеро, ки дар атрофи мо ҳастанд, бояд чун *моликияти Худо ҳисобем, ки муваққатан ба истифодаи мо дода шудааст*. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва чӣ чизе*

*дорӣ, ки нагирифта бошӣ? Ва агар гирифта бошӣ, чаро фахр мекунӣ, ки гӯё нагирифта бошӣ?*» (1 Қӯр. 4:7б).

Чандин сол пеш шиносҳоямон ману занамро даъват намуданд, ки ҳангоми рухсатӣ дар хонаи олидараҷаи онҳо дар соҳили уқёнус дар Ҳавайя зиндагӣ кунем. Худи мо ҳеҷ гоҳ барои чунин истироҳати боҳашамат имконияти молиявӣ надоштем ва аз ҳамин сабаб аз таҳти дил ҳаловат мебурдем. «Худро чун дар хонаи худ ҳис кунед, — гуфтанд соҳибони хона. — Ҳамаи он чиро, ки дар ин ҷо ҳаст, чун моликияти худ истифода баред». Мо ҳамин тавр кардем. Мо дар ҳавзи шиноварӣ оббозӣ мекардем, ҳама чизи дар яхдон бударо хӯрдем, сачоққҳои ҳаммом ва зарфҳои дар ҷевон бударо истифода мебуредем ва ҳатто аз шодӣ худро ба болои кат мепартофтем! Аммо тамоми ин муддат мо медонистем, ки дар асл хона аз они мо нест, бинобар ин кӯшиш мекардем, ки ҳамаи ашёҳоро бо эҳтиёт истифода барем. Мебинед, мо ҳамаи ин чизҳоро истифода мебурдем, агарчи онҳо ба мо тааллуқ надоштанд.

***Ҳар қадар бештар ба шумо дода шуда бошад, Худо аз шумо ҳамон қадар масъулияти бештарро интизор аст.***

Ҷамъияти ҳозира изҳор медорад, ки инсон ҳеҷ гоҳ дар ҳаққи он чи ба ӯ тааллуқ надорад, ғамхорӣ намекунад. Аммо масеҳиён аз рӯи принсипи баландтар зиндагӣ мекунанд: «Азбаски ин моликият ба Худо тааллуқ дорад, ман бояд дар ҳаққи он ба таври беҳтарин ғамхорӣ намоям». Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Аз мувакқалон талаб карда мешавад, ки ҳар яке амин бароянд*» (1 Қӯр. 4:2). Исо бисёр вақт мегуфт, ки ҳаёт ба мо муваққатан дода шудааст, ва бисёр масалҳо нақл мекард, то дар назди Худо масъулият доштани инсонро нишон диҳад. Дар масал оиди талантҳо (Мат. 25:14–29) соҳибкоре

пеш аз сафар сарвати худро ба хизматгоронаш супурд. Ҳангоми бозгаштан ӯ дид, ки хизматгоронаш бо сарвати ӯ то чӣ андоза масъулиятшиносона рафтор намуданд, ва ба ҳар яке мувофиқи рафтораш подош дод. «*Офарин, эй ғуломи нек ва бовафо!* — гуфт ӯ. — *Ту дар чизи андак бовафо будӣ, туро бар чизҳои бисёр таъин мекунам; ба шодии хоҷаи худ шарик шав*» (Мат. 25:21).

Дар охири зиндагӣ шуморо низ мувофиқи он баҳо медиҳанд, ки он чиро, ки Парвардигор додааст, то кадом андоза масъулиятшиносона ихтиёрдорӣ намудед. Чуноне ки мебинед, ҳамаи он чи мо мекунем, ҳатто вазифаҳои оддитарини ҳаррӯзаамон, натиҷаҳое доранд, ки ба абадият рафта мерасанд. Агар дар рӯи замин ба ҳама чиз чун ба *моликияти ба шумо супурдашуда* муносибат намоед, Худо ба шумо се мукофоти ғайрифонӣ ваъда мекунад. Аввалан, шуморо *таҳсини* Ӯ интизор аст. «Офарин! — мегӯяд Ӯ. — Хуб меҳнат кардӣ!» Сониян, дар абадият шумо *вазифаи нави масъулиятноктар* мегиред: «Туро бар чизҳои бисёр таъин мекунам» Ва ниҳоят, шуморо бо ҷашни бузурге ки ба шарафи шумо баргузор мегардад, подош медиҳанд: «Ба шодии хоҷаи худ шарик шав!»

Бисёрии одамон намефаҳманд, ки пул дар айни замон ҳам санҷиш, ҳам моликияти муваққатан ба мо супурдашуда мебошад. Худо бо ёрии он моро ёд медиҳад, ки ба Ӯ боварӣ намоем, ва барои бисёриҳо маҳз пул санҷиши ҷиддитарин ва душвортарин аст. Худо назорат менамояд, ки мо пули худро чӣ тавр сарф мекунем, то бинад, ки мо то чӣ дараҷа боваринок ва амин ҳастем. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Пас, агар шумо дар сарвати заминӣ сазовори боварӣ набошед, кӣ сарвати ҳақиқиро ба шумо месупорад?*» (*Луқ.* 16:11).

Ин ҳақиқати хеле муҳим аст. Худо мегӯяд, ки байни тарзи сарф кардани пул ва сифати ҳаёти рӯҳонии

ман робитаи бевосита ҳаст. Баракатҳои рӯҳониро («*сарвати ҳақиқӣ*») ба ман додан ё надодани Худо ба он вобаста аст, ки ман пули худро («*сарвати заминӣ*») чӣ тавр ихтиёрдорӣ менамоям. Фикр кунед: шояд муносибати шумо ба пул садди роҳи он шуда бошад, ки Худо дар ҳаёти шумо чизи бештаре ба амал оварад? Оё сарватҳои рӯҳониро ба ихтиёри шумо дилпурона супурдан мумкин аст?

Исо гуфта буд: «*Ба ҳар касе ки бисёр ато шуда бошад, аз вай бисёр талаб карда мешавад; ва ба ҳар касе ки амонати бисёр супурда шуда бошад, аз вай бисёр талаб мекунанд*» (Луқ. 12: 48). Ҳаёт ҳам санҷиш, ҳам моликияти муваққатан ба ихтиёри мо супурдашуда аст, ва ҳар қадар ба мо бештар дода шуда бошад, Худо аз мо ҳамон қадар масъулияти бештарро интизор аст.

## РӮЗИ ПАНҶУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан:** Ҳаёт ҳам санҷиш, ва ҳам моликияти муваққатан ба мо супурдашуда аст.

**Оят барои аз ёд кардан:** «*Касе ки дар чизи андак сазовори боварӣ бошад, дар чизи бисёр низ сазовори боварӣ аст*» (Луқ. 16:10а).

**Савол барои андешаронӣ:** Фикр кунед, кадом воқеаҳои ба қарибӣ рӯйдодаи ҳаёти шумо дар асл санҷише аз ҷониби Худо буданд. Корҳо ва ашёҳоеро, ки Худо ба шумо супурдааст, номбар кунед.

# 6

# ҲАЁТ СУПОРИШИ МУВАҚҚАТӢ АСТ

*Аҷаламро, эй Парвардигор, ба ман маълум кун, ва миқдори рӯзҳоямро, ки чист, то донам, ки кай зиндагиро тарк хоҳам кард.*

Заб. 38:5

*Ман дар замин ғариб ҳастам.*

Заб. 118:19

Ҳаёти заминӣ супориши муваққатӣ аст.

Дар Китоби Муқаддас бисёр тимсолҳое ҳастанд, ки кӯтоҳ, гузаранда ва ноустувор будани мавҷудияти заминиро тасвир медиҳанд. Ҳаёт ба ғубор, қосиди тезрав, нафас, вазидани бод монанд карда мешавад. «*Мо дирӯза ҳастем, ва чизе намедонем*, — гуфта шудааст дар Китоби Муқаддас, — *чунки рӯзҳои мо сояе бар замин мебошанд*» (Айюб 8:9).

Барои то ҳадди имкон пурсамар кардани ҳаёти худ доимо ду ҳақиқати муҳимро дар ёд нигоҳ доштан лозим аст. Аввалан, дар муқоиса бо абадият ҳаёт кӯтоҳ аст. Сониян, замин фақат манзили муваққатӣ аст. Мо дар ин ҷо муддати зиёд намемонем, бинобар ин ба манзили ҳозира беҳад зиёд часпидан лозим

нест. Аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо ёрӣ диҳад, ки ҳаётроончунон ки Ӯ мебинад, бинед. Довуд дуо мегуфт: «*Аҷаламро, эй Парвардигор, ба ман маълум кун, ва миқдори рӯзҳоямро, ки чист, то донам, ки кай зиндагиро тарк хоҳам кард*» (Заб. 38:5).

Китоби Муқаддас гаштаву баргашта мавҷудияти заминиро ба сафари муваққатӣ ба кишвари бегона монанд мекунад. Замин хонаи доимӣ ё нуқтаи охирини таъйинот нест. Мо дар ин ҷо фақат ҳамчун меҳмон ҳастем. Китоби Муқаддас ҳаёти кӯтоҳи заминии моро тасвир намуда, моро «ғариб», «аҷнабӣ», «меҳмон», «мусофир» меномад. «*Ман дар замин ғариб ҳастам*», — нидо мекунад Довуд (Заб. 118:19), ва Петрус огоҳ менамояд: «*Ва агар шумо Ӯро Падар мехонед, ки бе рӯйбинӣ ҳар касро аз рӯи аъмолаш доварӣ мекунад, пас замони гурбати худро бо худотарсӣ бигзаронед*» (1 Пет. 1:17).

Дар Калифорния, ки ман дар он ҷо сокин ҳастам, бисёр одамоне ҳастанд, ки дар ҷустуҷӯи кор аз кишварҳои дигар ба он ҷо омадаанд, аммо шаҳрвандии пештараи худро нигоҳ доштаанд. Онҳо бояд бо худ варақаи махсуси қайд («варақаи сабз») барои хориҷиён дошта бошанд, ки ба онҳо имкон медиҳад дар кишвари мо кор кунанд, агарчи шаҳрванди он нестанд. Масеҳиён бояд бо худ «варақаи сабз»-и рӯҳонӣ дошта бошанд, то ба онҳо ёдрас намояд, ки онҳо дар асл шаҳрвандони Осмонҳо мебошанд. Худо фарзандонашро даъват менамояд, ки ба ҳаёт на ба монанди беимонон муносибат намоянд. «*Худои онҳо шикам аст, ва ҷалоли онҳо дар нанг аст: онҳо дар бораи чизҳои заминӣ фикр мекунанд. Лекин иқоматгоҳи мо акнун дар осмон аст, ки аз он ҷо Исои Масеҳи Худовандро, ҳамчун Наҷотдиҳанда, интизор дорем*» (Фил. 3:19–20). Имондорони ҳақиқӣ мефаҳманд, ки ҳаёт бо он солҳои кӯтоҳе ки дар рӯи замин мегузаронем, маҳдуд намешавад.

«Ман»-и шумо ба абадият баста шудааст, ва ватани шумо Осмонҳост. Ҳангоме ки ин ҳақиқатро барои худ аниқ мекунед, дигар барои ба даст овардани ин ҳама неъматҳои заминӣ кӯшиши зиёд намекунед. Худо ба таври возеҳу равшан мегӯяд, ки арзишҳо, афзалшумориҳо ва тарзи зиндагии ҷаҳони атрофро аз худ намуда, фақат барои некӯаҳволии *ҳозира* ва *ҳаминлаҳзаина* зистан то чӣ андоза хатарнок аст. Ба арзишҳо ва васвасаҳои ҷаҳон дода шуда, мо Худоро фиреб медиҳем, ба Ӯ хиёнат мекунем, зинои рӯҳонӣ менамоем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Эй зинокорон! Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост? Пас, касе ки мехоҳад дӯсти дунё бошад, душмани Худо мегардад*» (Яъқ. 4:4).

***«Ман»-и шумо ба абадият баста шудааст, ва ватани шумо Осмонҳост.***

Тасаввур кунед, ки ҳукумат ба шумо супориш додааст, то дар кишвари душман сафир шавед. Шояд барои ин лозим меояд, ки забони бегонаро омӯзед ва ба баъзе анъанаҳо, махсусиятҳои фарҳангии он халқ мутобиқ шавед, то ки эҳтироми худро нишон диҳед ва вазифаатонро ба ҷо оваред. Ҳамчун сафир, шумо аз миллати душман тамоман ҷудо буда наметавонед. Барои иҷро намудани вазифаи додашуда ба шумо лозим меояд, ки бо одамони он кишвар робита намоед ва бо онҳо муносибатҳо дошта бошед.

Аммо чӣ мешавад, агар шумо дар ҳамин кишвари бегона худро чунон бароҳат ҳис кунед, ки онро дӯст дошта, аз ватани худ афзал донед? Шумо на ба кишвари худ, балки ба он кишвари бегона дилбаста ва вафодор мешавед, ва дигар наметавонед сафир бошед. Ба ҷои он ки намояндаи кишвари худ бошед, шумо чун душман рафтор намуданро сар мекунед. Шумо хиёнаткор мешавед.

Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Пас, мо фиритодагони Масеҳ ҳастем*» (2 Қӯр. 5:20). Мутаассифона, бисёр масеҳиён ба Подшоҳи худ ва ба Подшоҳии Ӯ хиёнат кардаанд. Онҳо бехирадона ба хулосае омадаанд, ки азбаски ҳоло дар рӯи замин зиндагӣ мекунанд, ватани онҳо ҳамин ҷост. Аммо дар асл ин тавр нест. Дар Навиштаи Муқаддас возеҳу равшан гуфта шудааст: «*Эй маҳбубон! Аз шумо, ҳамчун ғарибон ва муҳоҷирон, хоҳишмандам, ки аз ҳавасҳои ҷисм, ки бар зидди ҷон қиём мекунанд, парҳез намоед*» (1 Пет. 2:11). Худо моро огоҳ мекунад, ки ба ҷаҳони атроф бисёр дилбаста нашавем, зеро он фонӣ, гузаранда аст: «*Ва онҳое ки аз ин ҷаҳон фоида мебаранд, [бояд] мисли он [рафтор намоянд] ки фоидабар набошанд; зеро ки сурати ин ҷаҳон гузарон аст*» (1 Қӯр. 7:31).

РӮЗИ ШАШУМ:

## ҲАЁТ СУПОРИШИ МУВАҚҚАТӢ АСТ

Дар муқоиса бо садсолаҳои гузашта, қисми зиёди ҷаҳон нисбатан некӯаҳволона зиндагӣ мекунад. Моро доимо хурсанд мекунанд, вақтхуш менамоянд, хушнуд мегардонанд. Ҳозир моро миқдори зиёди машғулиятҳои шавқовар, рекламаи ҷолиб, филмҳо, китобҳо ва воситаҳои гуногуни хуш гузарондани вақт иҳота намудаанд, ва мо ба осонӣ фаромӯш карда метавонем, ки майл ба хушбахтии шахсӣ — дар зиндагӣ аз ҳама асосӣ нест. Танҳо агар мо аввалан санҷиш будан, сониян чизи ба мӯҳлати муайян ба мо супоридашуда будан, ва сеюм, супориши муваққатӣ будани ҳаётро дар ёд дошта бошем, ҷолибияти ҳаёти заминӣ барои мо қуввати худро гум мекунад. Мо ба як чизи беандоза беҳтар тайёрӣ мебинем. «*Мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён нигоҳ мекунем: зеро ки он чи намоён аст, муваққатист, аммо он чи нонамоён аст, абадист*» (2 Қӯр. 4:18).

Худи он ҳақиқат, ки замин хонаи ҳақиқӣ ва абадии мо нест, мефаҳмонад, ки чаро пайравони Исо дар ҷаҳон аз ҷониби дигарон душвориҳо, андӯҳҳо доранд ва рад карда мешаванд (Юҳ. 16:33, Юҳ. 16:20, Юҳ. 15:18–19). Ғайр аз ин, фаҳмо мешавад, ки чаро дар назари аввал баъзе ваъдаҳои Худо иҷронашаванда метобанд, баъзе дуоҳо беҷавоб мемонанд, ва бисёр вақт вазъиятҳо одилона нестанд. Ҳаёти заминӣ ҳанӯз ҳама чиз нест, он ҳанӯз интиҳо нест.

Барои он ки мо ба замин бисёр дил набандем, Худо ба мо имкон медиҳад, ки андаке беқаноатӣ эҳсос намоем, ва ба мо хоҳишҳое медиҳад, ки дар ин тарафи абадият ҳеҷ гоҳ қонеъ карда намешаванд. Дар ин ҷо мо ҳеҷ гоҳ ба хушбахтии пурра намерасем, зеро набояд ба он бирасем! Замин хонаи абадии мо намешавад, мо барои як чизи беандоза беҳтар офарида шудаем.

Моҳӣ ҳеҷ гоҳ дар хушкӣ худро ҳақиқатан хуб ҳис намекунад, зеро он барои об офарида шудааст. Агар ба уқоб парвоз карданро манъ намоем, аҳволаш бад мешавад. Дар замин ҳеҷ гоҳ аҳволи шумо ба таври ҳақиқӣ хуб намешавад, зеро ки шумо барои як чизи бузургтар офарида шудаед. Албатта, лаҳзаҳои хушбахтӣ дар ин ҷой низ хоҳанд буд, аммо ин дар муқоиса бо он чи Худованд барои шумо ба нақша гирифта, тайёр кардааст, ҳеҷ аст.

> ***Замин хонаи абадии мо намешавад, мо барои як чизи беандоза беҳтар офарида шудаем.***

Дарки он, ки ҳаёт дар рӯи замин — фақат супириши муваққатӣ аст, бояд арзишҳои моро комилан дигаргун намояд. На арзишҳои яклаҳзаина, балки арзишҳои абадӣ бояд омили асосии ҳалкунандаи қарорҳои мо гарданд. Чуноне ки Клайв Люис гуфтааст, «ҳамаи он чи абадӣ нест, беандоза бефоида боқӣ мемонад». Дар Китоби

Муқаддас гуфта шудааст: «*Мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён назар меандозем: зеро чизи намоён муваққатист, аммо чизи нонамоён абадист*» (2 Қӯр. 4:18).

Чунин ҳисобидан хатои нобахшиданӣ мебуд, ки гӯё мақсадҳои Худо барои ҳаёти заминии мо пеш аз ҳама некӯаҳволии моддӣ, шӯҳрат ё дастовардҳо мебошанд, чуноне ки ҷаҳон онро тавсиф медиҳад. Ҳаёти фаровон ҳеҷ умумияте бо фаровонии моддӣ надорад, ва вафодорӣ ба Худо гарави пешравӣ дар ҷои кор ё ҳатто дастовардҳо дар хизматгузорӣ нест. Мо набояд барои тоҷҳои гузаранда, фонӣ саъю кӯшиш намоем (1 Пет. 2:11).

Павлус вафодор монда, ба зиндон афтод. Яҳёи Таъмиддиҳанда вафодор монда, сарашро аз даст дод. Миллионҳо масеҳиёни вафодор риёзаткашона мурданд, ҳама чизро аз даст доданд, ё бе ягон дастовард ё муваффақияти махсус ба хатти марра расиданд. *Аммо ба охир расидани ҳаёт ҳанӯз интиҳо нест*!

Дар назари Худо бузургтарин қаҳрамонони имон на он касон мебошанд, ки ба гулгулшукуфӣ, муваффақият ва ҳокимият ноил шудаанд, балки касоне ки мавҷудияти ҳозираро супориши муваққатӣ меҳисобанд ва бо умеди мукофоти осмонии ваъдашуда вафодорона ба Худо хизмат мекунанд. Дар китоби Муқаддас оиди Толори Шӯҳрати* Осмонӣ чунин гуфта шудааст: «*Ҳамаи инҳо* [қаҳрамонони имон] *дар имон мурдаанд ва ба муроди иҷрои ваъдаҳо нарасиданд, балки фақат аз дур онҳоро дида, шод шуданд ва эътироф карданд, ки бар замин мусофир ва гарибанд… Аммо иштиёқманди ватани беҳтаре бу-*

---

* Толори Шӯҳрат — ташкилоти умумимиллии амрикоӣ, ки мақсадаш абадӣ гардондани хотираи шаҳрвандони барҷаста аст.

*данд, ки он дар осмон аст; бинобар ин Худо ор намедонад, ки Худои онҳо хонда шавад: зеро ки Ӯ барои онҳо шаҳре муҳайё кардааст»* (Ибр. 11:13 ва 16). Муддати сукунати шумо дар замин таърихи пурраи ҳаёти шумо нест. Барои хондани ҳамаи бобҳои минбаъдаи он то расидан ба Осмон интизор шудан лозим меояд. Барои дар рӯи замин чун ғариб ва мусофир зистан имон даркор аст.

Ҳоло ҳам қиссаеро оиди миссионери миёнсол нақл мекунанд, ки дар як киштӣ бо президенти ИМА ба Амрико бармегашт. Дар бандар президентро издиҳоми ба ваҷд омада пешвоз гирифт, пеши пойҳои ӯ гилеми сурх партофта шуд, оркестри ҳарбӣ мусиқӣ менавохт, дар ҳама ҷо парчамҳо буданд, репортёрҳо дар ҷунбуҷӯл буданд. Шаҳрвандон президенти худро, ки ба ватан бармегашт, бо тантана пешвоз мегирифтанд, аммо миссионер ноаён аз зинаи киштӣ фаромада дар байни издиҳом нопадид шуд. Дар дили ӯ ранҷиш ва раҳм ба худ пайдо шуд, ӯ дарду алами худро ба Худо изҳор дошт, ва ногоҳ Парвардигор бо мулоимат ба ӯ ёдрас намуд: «Охир, ту ҳанӯз ба хонаи худ наомадаӣ, фарзандам!»

Ҳамин ки якчанд лаҳзаро дар Дар Осмонҳо гузаронед, албатта нидо мекунед: «*Чаро ман ба чизҳои муваққатӣ ва гузаранда ин қадар аҳамияти зиёд медодам*? Ман дар бораи чӣ фикр мекардам? Чаро ин қадар ғамхорӣ, вақт ва қувваро барои чизҳои ноустувор ва бебақо сарф кардам?»

Ҳангоме ки ҳаёт ба дӯши шумо фишор меоварад, ҳангоме ки шуморо шубҳаҳо фаро мегиранд, ҳангоме мебинед, ки бадӣ нашъунамо дорад, ва аз худ мепурсед, ки оё пайравӣ ба Масеҳ ба ҳамаи ин кӯшишҳои шумо меарзад, ба ёд оваред, ки шумо ҳанӯз дар хонаи худ нестед. Ва дар лаҳзаи марг шумо хонаи худро тарк намекунед, балки бори аввал онро ба таври ҳақиқӣ *соҳиб мешавед*.

## РӮЗИ ШАШУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан:** Ин ҷаҳон хонаи ман нест.

**Оят барои аз ёд намудан:** «*Мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён нигоҳ мекунем: зеро ки он чи намоён аст, муваққатист, аммо он чи нонамоён аст, абадист*» (2 Қӯр. 4:18).

**Савол барои андешаронӣ:** Агар ҳаёти заминӣ ҳамагӣ супориши муваққатӣ бошад, мавҷудияти ҳозираи ман чӣ гуна бояд тағйир ёбад?

# 7

# САБАБГОРИ АСОСИИ ҲАМА ЧИЗ ДАР ОЛАМ

*Зеро ки ҳама чиз аз Ӯст, ба воситаи Ӯст ва барои Ӯст. Ӯро то абад ҷалол бод.*

Рум. 11: 36

*Ҳар чизро Парвардигор ба мақсади Худ мувофиқ сохтааст.*

Мас. 16:4

Ҳама чиз барои Худо ва ба хотири Ӯ вуҷуд дорад.

Мақсади ниҳоии олам аз он иборат аст, ки ҷалоли Худоро зоҳир намояд. Сабабгори асосии ҳамаи мавҷудот, аз ҷумла шумо, ҳамин аст. Худо ҳама чизро дар *олам* барои ҷалоли Худ офарид. Бе ҷалоли Худо ҳеҷ чиз намебуд.

Ҷалоли Худо чист? Ин худи табиати Худост. Ин моҳияти хислати Ӯ, аҳамиятнокии Ӯ, дурахши шукӯҳи ӯ, зуҳуроти қувваи Ӯ ва муҳити ҳузури Ӯст. Ҷалоли Худо ифодаи некӯии Ӯ ва ҳамаи ҷиҳатҳои ҷудоинопазир ва азалии хислати Ӯст.

Ҷалоли Худоро дар куҷо дидан мумкин аст? Ба атроф нигаред. *Ҳамаи* он чи Худо офаридааст, ақаллан қисман ҷалоли Ӯро инъикос менамояд.

Онро дар ҳама ҷо дидан мумкин аст, аз ҳуҷайраҳои микроскопӣ то Роҳи Каҳкашони азим, дар субҳидам, ситораҳо, тӯфонҳо ва фаслҳои сол. Офариниш ҷалоли Офаридгори худро инъикос менамояд. Мо аз табиат мефаҳмем, ки Худо тавоност, ба Ӯ гуногунрангӣ, зебоӣ ва тартиб ва маъқул аст, Ӯ бениҳоят хирадманд ва ихтироъкор аст. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Осмонҳо ҷалоли Худоро эълон мекунанд*» (Заб. 18:2).

Дар давоми таърих Худо ба одамон ҷалоли Худро дар вазъиятҳои гуногун ошкор менамуд. Дар аввал Ӯ онҳо дар боғи Адан зоҳир намуд, сипас ба Мусо, баъд дар хаймаи ҷомеъ ва маъбад, баъд аз он — ба воситаи Исо, ва ҳоло — ба воситаи Калисо (Ҳас. 3:8, Хур. 33:18–23, Хур. 40:33–38, 3 Подш. 7:51, 8:10–13, Юҳ. 1:14, Эфс. 2:21–22, 2 Қӯр. 4:6–7). Ин ҷалолро чун оташи сӯзанда, абр, раъд, дуд ва нури чашмхиракунанда тасвир карда буданд (Хур. 24:17, Хур. 40:34, Заб. 28:1, Иш. 6:3–4, Иш. 60:1). Дар Осмонҳо ҳеҷ гуна сарчашмаи дигари рӯшноӣ даркор нест: ҷалоли Худо ҳама чизи атрофро равшан мекунад. Дар китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва шаҳр эҳтиёҷ надорад, ки офтоб ва моҳтоб онро равшан кунанд, зеро ки ҷалоли Худо онро равшан кардааст, ва чароғи он Барра аст*» (Ваҳй 21:23).

Ҷалоли Худо аз ҳама беҳтар дар Исои Масеҳ аён аст. Ӯ, Нури ҷаҳон, табиати Худо, хислати Ӯро барои мо равшан мекунад. Ба шарофати Исо моро лозим намеояд, ки дар торикӣ роҳ паймуда, чигунагии Худоро фаҳмиданӣ шавем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Писараш дурахши ҷалол ва мазҳари моҳияти Ӯст*» (Ибр. 1:3 . Ниг. ҳамчунин 2 Қӯр. 4:6б). Исо ба замин омад, то ки мо ҷалоли Худоро бо тамоми пуррагии он фаҳмида тавонем. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва Калом ҷисм гардид ва дар миёни мо сокин шуд, пур аз файз ва ростӣ; ва мо*

*ҷалоли Ӯро дидем, ки ҷалоли шоистаи Писари ягонаи Падар аст*» (Юҳ. 1:14).

Ҷалоли Худо, ки *аз азал ба Ӯ хос буда, аз Ӯ ҷудонашаванда* аст, ба Ӯ тааллуқ дорад, чунки Ӯ Худост. Ҷалол табиати Ӯст. Мо ба он ҳеҷ чиз илова карда наметавонем, чуноне ки офтобро маҷбур карда наметавонем, ки равшантар нурпошӣ кунад. Аммо ба мо фармуда шудааст, ки ҷалоли Ӯро *эътироф намоем, иззат кунем, баён намоем, ҳамду сано гӯем, инъикос намоем ва ба хотири он зиндагӣ кунем* (1 Вақ. 16:24, Заб. 28:1, Заб. 65:2, Заб. 95:7, 2 Қӯр. 3:18). Чаро? Чунки Худо сазовори ин аст! Мо бояд тамоми ҷалолеро, ки оиди он андешида метавонем, ба ӯ нисбат диҳем. Азбаски Парвардигор ҳама чизро дар олам офаридааст, Ӯ сазовори тамоми ҷалол аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Эй Худованд, Ту сазовори он ҳастӣ, ки ҷалол, шавкат ва қудрат биёбӣ, зеро ки Ту ҳама чизро офаридаӣ, ва ҳама чиз бар тибқи иродаи Ту вуҷуд дорад ва офарида шудааст*» (Ваҳй 4:11).

Дар тамоми олам танҳо ду навъ офаридаҳо Худоро ҷалоли сазовор намедиҳанд: фариштаҳои афтода (девҳо) ва мо (одамон). Ҳар гуноҳ дар асл аз ҷалол додани Худо даст кашидан аст. Ин кӯшиши аз Худо бештар дӯст доштани ягон чиз аст. Аз ҷалол додани Худо даст кашидан — ғурур ва беитоатӣ аст, ва маҳз ҳамин гуноҳ фурӯ ғалтидани шайтон ва инсон гардид. Ҳар яки мо ба ин ё он андоза на барои ҷалоли Худо, балки барои худ зиндагӣ мекунад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд*» (Рум. 3:23).

Ҳеҷ кадоми мо Худоро ба андозаи даркорӣ ҷалол намедиҳад, агарчи ин ҷалол дар ҳаёти мо ҳаққонӣ ба Ӯ тааллуқ дорад. Ин гуноҳи даҳшатноктарин ва хатои фалокатовар аст. Аз тарафи дигар, ҳаёт ба хотири ҷалоли Худо беҳтарин амалест, ки ба худ тасав-

вур карда метавонем. Худо оиди касоне мегӯяд, ки «*ба номи Ман номида шудааст, ва Ман ӯро барои ҷалоли Худ офаридаам, ӯро ба вуҷуд овардаам ва ӯро сохтаам*» (Иш. 43:7). Бинобар ин ба хотири ҷалоли Ӯ зистан бояд мақсади аввалиндараҷа ва асосии мо бошад.

## МАН ХУДОРО ЧӢ ГУНА ҶАЛОЛ ДОДА МЕТАВОНАМ?

Исо ба Падар гуфт: «*Ман Туро дар рӯи замин ҷалол додам ва кореро, ки ба Ман супурда будӣ, то бикунам, ба анҷом расондам*» (Юҳ. 17:4). Исо Падарро ҷалол дода, таъйиноти ҳаётии Худро ба ҷо овард. Мо низ Ӯро айнан ҳамин тавр ҷалол дода метавонем. Ҳар боре ки ягон офаридаи Худо таъйиноти худро ба ҷо меоварад, он Офаридгори худро ҷалол медиҳад. Паррандагон Худоро ҷалол медиҳанд, сурудхонӣ мекунанд, лонаҳо месозанд ва бо ҳамаи корҳои дигар, ки Худо барояшон муқаррар кардааст, машғул мешаванд. Ҳатто мӯрча, меҳнаткаши хоксор, кореро, ки барои он офарида шудааст, ба ҷо оварда, Худоро ҷалол медиҳад. Худо мӯрчагонро барои он офаридааст, ки онҳо мӯрча бошанд, шуморо бошад — барои он ки инсон бошед. Риёзаткаши муқаддас Ириней гуфтааст: «Ҷалоли Худо — инсони ҳақиқатан зинда аст!»

***Ҳар боре ки ягон офаридаи Худо таъйиноти худро ба ҷо меоварад, он Офаридгори худро ҷалол медиҳад.***

Бисёр воситаҳои ҷалол додани Худо ҳастанд, аммо онҳоро бо муайян намудани мақсади ҳаётамон ҷамъбаст кардан мумкин аст. Ҳамаи бобҳои минбаъдаи ин китоб ба таҳлили муфассали ин мақсадҳо бахшида шудаанд, аммо дар аввал мо онҳоро мухтасар ёдрас менамоем.

**Мо Худоро парастиш намуда, Ӯро ҷалол медиҳем**. Парастиш — аввалин вазифаи мо дар назди Худост. Ҳангоме ки мо аз Худо хурсанд мешавем, Ӯро парастиш менамоем. Чуноне ки Клайв Люис навиштааст, «ҳангоме Парвардигор ба мо мефармояд, ки Ӯро ситоиш намоем, Ӯ мефармояд, ки аз Ӯ хурсанд шавем»*. Худо мехоҳад, ки мо Ӯро на аз боиси ҳисси вазифашиносӣ, балки аз боиси муҳаббат, шукргузорӣ ва шодии беандоза парастиш намоем.

Ҷон Пайпер** гуфтааст, ки « Худо дар мо он гоҳ беш аз ҳама ҷалол меёбад, ки мо дар Ӯ беш аз ҳама қаноатманд мешавем».

Парастиш на танҳо ҳамду сано, сурудхонӣ ва дуоҳои ба Худо нигаронидашуда аст. Парастиш тарзи зиндагӣ аст, ки ба он *хурсандӣ* аз Худо, *муҳаббат* ба Худо ва *худро* барои иҷроиши нақшаҳои Ӯ *додан* хос аст. Ҳангоме ки шахс барои ҷалоли Худо зиндагӣ мекунад, ҳамаи он чи ӯ мекунад, ба парастиш табдил ёфта метавонад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Худро, ҳамчун касони аз мурдагон зиндашуда, ба Худо супоред ва андоми худро ба ихтиёри Худо вогузоред, то ки олати некӣ бошад*» (Рум. 6:13).

РӮЗИ ҲАФТУМ:

## САБАБГОРИ АСОСИИ ҲАМА ЧИЗ ДАР ОЛАМ

**Ҳангоме ки ба дигар имондорон бо муҳаббат муносибат менамоем, мо Худоро ҷалол медиҳем**. Мо аз олами боло зода шуда, узви оилаи Худо шудем. Пайравии Масеҳ на танҳо имон доштан, балки *шарик будан, мансуб буданро* дар назар дорад. Мо дӯст доштани аъзоёни оилаи Худоро меомӯзем. Юҳанно навишта буд: «*Мо медонем, ки аз марг ба ҳаёт гузаштаем, чун-*

---

* Клайв Люис «Андешарониҳо оиди Забур». Маҷмӯаи асарҳо дар 8 ҷилд, ҷилди 8-ум, саҳ. 315.

** Ҷон Пайпер — илоҳиётшиноси ҳозиразамони амрикоӣ, воиз, нависанда.

*ки бародаронро дӯст медорем»* (1 Юҳ. 3:14), ва Павлус мегӯяд: «*Пас, якдигарро қабул кунед, чунон ки Масеҳ низ шуморо барои ҷалоли Худо қабул кардааст*» (Рум. 15:7).

Яке аз вазифаҳои мо дар рӯи замин аз он иборат аст, ки ба монанди Худо дӯст доштанро ёд гирем, зеро ки Худо муҳаббат аст ва низ аз он сабаб ки бо ин амал мо Ӯро ҷалол медиҳем. Исо гуфтааст: «*Якдигарро дӯст доред; чунон ки Ман шуморо дӯст медорам, шумо низ якдигарро дӯст доред. Аз рӯи ҳамин ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони Ман ҳастед, агар якдигарро дӯст доред*» (Юҳ. 13:34–35).

**Мо ба Масеҳ шабоҳат пайдо намуда, Худоро ҷалол медиҳем**. Агар мо дар оилаи Худо зода шуда бошем, Худо мехоҳад, ки мо нашъунамо карда, ба балоғати рӯҳонӣ расем. Ин ба чӣ монанд аст? Балоғати рӯҳонӣ — дар фикрҳо, ҳиссиёт ва амалҳо ба Масеҳ шабоҳат пайдо намудан аст. Мо ҳар қадар бештар ба Масеҳ шабоҳат пайдо намоем, ҳамон қадар Худоро ҷалол медиҳем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст*» (2 Қӯр. 3:18).

Ҳангоме ки мо худро ба Масеҳ бахшидем, Худо ба мо ҳаёти нав ва моҳияти нав дод. Акнун то охири рӯзҳоямон дар рӯи замин Худо мехоҳад моро пайиҳам ва мунтазам аз дарун дигаргун намояд. Мувофиқи Навиштаи Муқаддас, Ӯ мехоҳад, ки «*шумо дарк намоед, ки чӣ беҳтар аст, барои он ки дар рӯзи Масеҳ пок ва беайб бошед, ва аз самари адолат пур шавед, ки он ба василаи Исои Масеҳ барои ҷалол ва ҳамду санои Худост*» (Фил. 1:10–11. Ниг. ҳамчунин Юҳ. 15:8).

**Мо бо бахшоишҳои худ ба дигарон хизмат намуда, Худоро ҷалол медиҳем**. Худо ҳар яки моро ба таври тамоман нотакрор офарида, бароямон

истеъдодҳо, бахшоишҳо, лаёқатҳо ва малакаҳо додааст. Маҳз ҳамин гуна ва на дигар хел офарида шудани шумо тасодуфӣ нест. Худо ба шумо лаёқатҳоро на барои он додааст, ки онҳоро фақат барои худ истифода баред. Онҳо ба шумо барои он дода шуда буданд, ки ба дигарон фоида расонед, айнан ҳамон тавре ки ба дигарон лаёқатҳои муайян барои он дода шудаанд, ки ба шумо фоида расонанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, ҳамчун мувakкалони неки файзи гуногуни Худо хизмат кунед. Касе агар сухане ба забон ронад, бигзор ҳамчун суханони Худо ба забон ронад; касе агар хизмат кунад, бигзор мувофиқи қуввате ки Худо ба вай медиҳад, хизмат кунад, то ки дар ҳама чиз Худо ба воситаи Исои Масеҳ ҷалол ёбад*» (1 Пет. 4:10–11, Ниг. ҳамчунин 2 Қӯр. 8:19б).

**Мо ба дигарон оиди Худо ҳикоят карда, Ӯро ҷалол медиҳем**. Худо намехоҳад, ки мақсадҳо ва нақшаҳое ки Ӯ барои ҳар яки мо дорад, пинҳон монанд. Ҳамин ки худи мо ҳақиқатро дармеёбем, Ӯ моро даъват менамояд, ки онро ба дигарон расонем. Бо Исо шиносонидани одамон, ёрӣ додан ба онҳо барои дар худ ошкор намудани таъйиноти Ӯ ва ба ҳаёти абадӣ тайёр намудани онҳо — шарафи бузург аст. Дар Навиштаи Муқаддас ҳавворӣ мегӯяд, ки ҳама чиз барои он карда мешавад, ки «*некӯии Худо афзун гардида, дилҳои бисёр касонро фаро гирад ва аз онҳо чун селоби шукргузорӣ барои ҷалоли Худо ҷорӣ шавад*» (2 Қӯр. 4:15).

## ШУМО БА ХОТИРИ ЧӢ ЗИСТАН МЕХОҲЕД?

Барои он ки боқимондаи ҳаётамонро ба хотири ҷалоли Худо ба сар барем, лозим меояд ҷадвал

ва нақшаҳо, муносибатҳо ва он чиро, ки афзал меҳисобидем, ва низ ҳама чизи дигарро тағйир диҳем. Гоҳо ба ҷои роҳи осон роҳи душвортарро интихоб кардан лозим меояд. Аз боиси ин ҳатто Исо ҳам душворӣ мекашид. Чун медонист, ки Ӯро маслубшавӣ интизор аст, Ӯ нидо кард: «*Алҳол ҷони Ман дар изтироб аст; чӣ бигӯям? Эй Падар! Маро аз ин соат раҳо намо! Аммо маҳз барои ҳамин соат Ман омадаам. Эй Падар! Исми Худро ҷалол деҳ!*» (Юҳ. 2:27–28а).

Исо дар назди дуроҳа истода буд. Оё Ӯ таъйиноти Худро иҷро намуда, номи Худоро ҷалол медиҳад, ё аз он дур шуда, барои Худ ҳаёти осударо интихоб менамояд. Моро низ ҳамин гуна интихоб интизор аст. Оё шумо барои расидан ба мақсадҳои худ, барои роҳат ва ҳаловати худ зиндагӣ мекунед? Ё боқимондаи ҳаёти худро ба ҷалоли Худо мебахшед, чун медонед, ки Ӯ ба шумо мукофоти абадӣ ваъда кардааст? Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Касе кӣ ҷони худро дӯст дорад, онро барбод медиҳад; ва касе ки аз ҷони худ дар ин ҷаҳон нафрат кунад, то ҳаёти ҷовидонӣ онро нигоҳ хоҳад дошт*» (Юҳ. 12:25).

Вақти он расидааст, ки ин масъаларо барои ҳамеша ҳал намоед. Шумо *барои* кӣ зистан мехоҳед: барои худ ё барои Худо? Шояд барои ҷавоб додан дилпур нестед, зеро шубҳа доред, ки оё қуввататон мерасад, то барои Худо зиндагӣ кунед. Ташвиш накашед. Агар дилпурона ба роҳи Худо қадам монед, Исо ҳама чизи даркориро медиҳад, то барои Худо зиндагӣ кунед. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва худотарсӣ зарурро ба мо бахшидааст, ба воситаи шинохтани Ӯ, ки моро бо ҷалол ва камоли Худ даъват намудааст*» (2 Пет. 1:3).

Ва ҳозир Худо шуморо ба он даъват менамояд, ки то охири ҳаёти худ барои ҷалоли Ӯ зиндагӣ кунед ва

таъйинотеро, ки Ӯ шуморо барои он офаридааст, ба ҷо оваред. Ана ҳамин аст ҳаёти ҳақиқӣ. Ҳама чизи дигар — фақат *мавҷудият* аст. Ҳаёти ҳақиқӣ аз он сар мешавад, ки шумо худро пурра ба Исо мебахшед. Агар шумо боварӣ надошта бошед, ки худро ба ӯ бахшидаед, ҳамаи он чи шумо бояд кунед, он аст, ки *бовар намоед ва қабул кунед*. Китоби Муқаддас ваъда медиҳад: «*Ба онҳое ки Ӯро* [Худоро] *қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд*» (Юҳ. 1:12). Оё шумо ба даъвати Ӯ ҷавоби мусбат медиҳед?

Аввалан, бовар кардан лозим аст. Бовар кунед, ки Худо шуморо дӯст медорад ва шуморо барои Худ офаридааст. Бовар кунед, ки ба дунё омадани шумо тасодуфӣ набуд. Бовар кунед, ки шумо барои абадият офарида шудаед. Бовар кунед, ки Худо пешакӣ муқаррар намудааст, то худатон шахсан Исои Масеҳро, ки барои шумо дар салиб мурд, шиносед. Бовар кунед, ки бо вуҷуди ҳамаи хатоҳо ва гуноҳҳои гузашта, Худо шуморо бахшидан мехоҳад.

***Исо ҳама чизи даркориро медиҳад, то барои Ӯ зиндагӣ кунед.***

Сониян, қабул намоед. Исоро ба ҳаёти худ чун Худованд ва Наҷотдиҳанда қабул намоед. Омурзиши Ӯро барои гуноҳҳоятонро қабул намоед. Рӯҳи Ӯро қабул намоед — Рӯҳи Ӯ барои иҷрои таъйиноти Худо дар ҳаётатон қувват медиҳад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳар кӣ ба Писар имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад*» (Юҳ. 3:36а). Ва худи ҳозир ҳангоме ки ин сатрҳоро мехонед, ман шуморо даъват менамоям, ки саратонро хам карда, бо овози паст дуоеро, ки абадияти шуморо дигаргун мекунад, ба забон оваред: «*Исо, ман ба Ту бовар мекунам ва Туро қабул менамоям*». Натарсед ва ин суханонро худи ҳозир ба забон оваред!

Агар шумо ин дуоро самимона, аз таҳти дил гуфта бошед, иҷозат диҳед шуморо табрик намоям! Ба оилаи Худо хуш омадед! Акнун шумо ба он тайёред, ки таъйиноти Худоро барои ҳаёти худ донед ва мувофиқи мақсадҳои Худо зистанро сар кунед. Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки оиди қарори имрӯз қабулкардаатон ба ягон кас гӯед. Дастгирӣ ҳеҷ гоҳ зиёдатӣ нест. Агар шумо ба ман нома нависед (ниг. Иловаи 2), ман ба шумо китобчаи хурдеро мефиристам, ки «Қадамҳои аввалини шумо ба сӯи инкишофи рӯҳонӣ» («*Your Furst Steps to Spiritual Growth*») ном дорад.

## РӮЗИ ҲАФТУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ҳама чиз барои Ӯ ва ба хотири Ӯ вуҷуд дорад.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Зеро ки ҳама чиз аз Ӯст, ба воситаи Ӯст ва барои Ӯст. Ӯро то абад ҷалол бод*» (Рум. 11:36)

**Савол барои андешаронӣ:** Ман чӣ гуна дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ҷалоли бештар дида метавонам?

# МАҚСАДИ ЯКУМ

# ШУМО
# БАРОИ ХУШНУДИИ
# ХУДО ОФАРИДА
# ШУДАЕД

…Ва онҳо дарахтони
адолат номида хоҳанд шуд,
ки Парвардигор барои ҷалоли
Худ шинондааст.

*Иш. 61:3б*

# 8

# БАРОИ ХУШНУДИИ ХУДО ОФАРИДАШУДАГОН

*Ту ҳама чизро офаридаӣ, ва ҳама чиз бар тибқи иродаи Ту вуҷуд дорад ва офарида шудааст.*

Ваҳй 4:11б

*Зеро Парвардигор ба қавми Худ таваҷҷӯҳ менамояд.*

Заб. 149:4

Шумо барои он офарида шудаед, ки ба Худо хурсандӣ ва ҳаловат бахшед.

Ҳангоме ки шумо ба дунё омадед, Худо шоҳиди нонамоён буд ва ба шумо нигариста, *хурсандона табассум мекард.* Ӯ ба шумо ҳаёт додан мехост, ва ба дунё омадани шумо ба Ӯ қаноатмандии беандоза овард. Худо ба офаридани мо *эҳтиёҷ надошт,* аммо Ӯ ба хотири ҳаловати худ хост ин корро кунад. Шумо барои Ӯ, барои ҷалоли Ӯ, барои иҷрои мақсадҳо ва барои он вуҷуд доред, ки ба Ӯ хурсандӣ оваред.

Зистан ба хотири писанд омадан ба Худо ва хурсандӣ овардан ба Ӯ — мақсади аввалини мавҷудияти мост. Ҳангоме ки ин ҳақиқатро пурра дарк мекунед, дигар ҳеҷ гоҳ худро ночиз ҳис намекунед.

Охир, ин исбот мекунад, ки шумо барои Ӯ то чӣ андоза гаронбаҳо ҳастед. Агар шумо барои Худо *ин қадар* арзишнок бошед ва Ӯ шуморо ба қадри кофӣ муҳим ҳисобад, то ки дар абадият дар назди Худ нигоҳ дорад, магар арзиши аз ин бештарро тасаввур кардан мумкин аст? Шумо фарзанди Худо ҳастед ва ба Ӯ чунон хурсандӣ меоваред, ки ҳеҷ як офаридаи дигар Ӯро ин тавр хурсанд карда наметавонад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Моро пешакӣ муайян намудааст, ки ба василаи Исои Масеҳ ба фарзандӣ қабул кунад. Ҳамин аст мақсад ва иродаи неки Ӯ!*» (Эфс. 1:5).

Яке аз бузургтарин тӯҳфаҳои Худо ба одамон — лаёқати эҳсос намудани ҳаловат аст. Барои ин Худо ба мо панҷ ҳиссиёт ва эҳсосоти гуногунро додааст. Ӯ мехоҳад, ки мо аз зиндагӣ хурсандӣ кунем, на ин ки фақат дар он дандон ба дандон гузошта, қадам занем. Ва ин ҳисси ҳаловат бурданро мо аз он сабаб дорем, ки Худо моро ба *сурат ва шабоҳати Худ* офаридааст.

Мо бисёр вақт фаромӯш мекунем, ки Худо низ эҳсосот дорад. Ӯ ҳиссиёти амиқ дорад. Дар Китоби Муқаддас дидан мумкин аст, ки Худо ғамгин мешавад, рашк мекунад, хашмгин мешавад, бо ҳисси ҳамдардӣ, раҳм, андӯҳ ва шафқат фаро гирифта мешавад, ва низ хушбахтӣ, хурсандӣ ва қаноатмандӣ эҳсос менамояд. Худо дӯст медорад, ба ваҷд меояд, хурсандӣ мекунад, ва ҳатто механдад! (Ҳас. 6:6, Хур. 20:5, Так. Шар. 32:36, Дов. 2:20, 1 Ваҷ. 16:27, 3 Подш. 10:9, Заб. 2:4, Заб. 5:5, Заб. 17:20, Заб. 34:27, Заб. 36:23, Заб. 102:13, Заб. 103:31, Ҳизқ. 5:13, 1 Юҳ. 4:16).

**Маҳз ба Худо писанд омадан «парастиш» номида мешавад**. Ин мақсади аввалин ва асосии ҳаёти мост. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Парвардигор ба тарсгорони Худ таваҷҷӯҳ менамояд, ва ба онҳое ки ба меҳру вафои Ӯ умедворанд*» (Заб. 146:11).

Ҳар амали мо, ки ба Худо ҳаловат мебахшад, парастиш аст. Ба монанди бриллианти гаронбаҳо, парастиш ҷиҳатҳои зиёд дорад. Барои тасвир намудани *ҳамаи* он чи оиди парастиш гуфтан ва фаҳмидан мумкин аст, китобҳои зиёд даркор мешуданд, ва дар ин боб мо танҳо ҷиҳатҳои муҳимтарини онро дида мебароем.

Антропологҳо пайхас намудаанд, ки намояндагони ҳар як фарҳанг ва тамаддун ягон чизро парастиш мекунанд. Ин майл умумӣ ва фарогир аст. Худо тамоми вуҷуди моро бо эҳтиёҷи модарзоди муошират бо Ӯ пур кардааст. Парастиш барои инсон чун хӯрок хӯрдан ва нафас кашидан табиӣ мебошад. Агар мо Худоро парастиш накунем, ивазкунандаи Ӯро меёбем — ҳатто агар он худи мо бошем ҳам. Худо моро аз он сабаб бо чунин хоҳиш офарид, ки барои Худ парастишкунандагонро меҷӯяд! Исо дар бораи ҳамин мегуфт: «*Падар барои Худ ҳамин гуна касонро меҷӯяд — касонеро, ки Ӯро мепарастанд*» (Юҳ. 4:23).

***Ҳар амали мо, ки ба Худо ҳаловат мебахшад, парастиш аст.***

Шояд вобаста ба тарбия ва таҷрибаи динӣ ба шумо лозим меояд, ки фаҳмиши худро оиди «парастиш» васеъ намоед. Шояд ин калимаро шунида, шумо дарҳол хизматгузории калисоиро бо сурудхонӣ, дуоҳо ва мавъизаи ҳатмӣ тасаввур мекунед. Ё дарҳол маросимҳои ботантана, шамъҳо ва чашидани май ва нони табаррукиро ба ёд меоваред. Ё дар бораи шифоёбӣ, мӯъҷизаҳо ва азсаргузарониҳои пурваҷд фикр мекунед. Парастиш ҳамаи ин унсурҳоро дар бар гирифта метавонад, аммо моҳиятан аз ҳамаи онҳо *хеле бештар* аст. Парастиш тарзи зиндагӣ аст.

**Парастиш назар ба мусиқӣ хеле бештар аст**. Барои бисёр касон парастиш фақат боз як калима-

ест, ки хизматгузориро бо ҳамоҳангии мусиқӣ ифода мекунад. Онҳо мегӯянд: «Дар калисои мо аввал парастиш мешавад, баъд таълимот». Ин ношонаи он аст, ки шумо моҳияти парастишро тамоман нодуруст тасаввур менамоед. *Ҳар як* унсури хизматгузории калисоӣ парастиш аст. Мо метавонем дуо гӯем, Навиштаи Муқаддасро хонем, сурудхонӣ кунем, эътирофи имонро такрор намоем, аз гуноҳҳоямон тавба кунем, хомӯш бошем, мавъиза гӯш кунем ва ҷойҳои муҳимтарини онҳо навишта гирем, даҳяк ва хайрот оварем, ғӯтаи таъмид гирем ё нону майи табаррукӣ чашем, дар назди Худо ягон ӯҳдадориро ба зимма гирем ё ҳатто дигар имондоронро шодбош гӯем, ва ҳамаи ин — қисми парастиш аст.

Умуман парастиш пеш аз пайдошавии мусиқӣ вуҷуд дошт. Одам дар боғи Адан Худоро парастиш мекард, аммо мусиқӣ бори аввал дар боби 4-уми китоби Ҳастӣ (о. 21) зикр мешавад, ҳангоме ки сухан дар бораи зодашавии Юбол меравад. Агар парастиш танҳо аз мусиқӣ ва сурудхонӣ иборат мебуд, онҳое ки аз лаёқатҳои мусиқӣ маҳруманд, парастиш карда наметавонистанд.

***Парастиш назар ба мусиқӣ хеле бештар аст.***

Аз ин ҳам бадтар буда метавонад. Гоҳо «парастиш» гуфта ягон услуби махсуси мусиқӣ дар назар дошта мешавад: «Аввал мо суруд хондем, баъд сурудҳои *ситоиш ва парастиш*». Ё «сурудҳои ситоиш ба ман маъқуланд, аммо беш аз ҳама ман сурудҳои оҳистаи парастишро дӯст медорам». Агар ба ин мантиқ пайравӣ кунем, суруде ки тез, бо овози баланд ё бо истифодаи асбобҳои нафасӣ хонда мешавад, суруди ситоиш номида мешавад. Аммо агар он оҳиста, бо овози паст ва самимона, бо ҳамоҳангии гитара хонда шавад, ба таври автоматӣ парастиш

мешавад. Чунин истифодаи нодурусти калимаи «парастиш» ҳозир хеле маъмул гардидааст.

Аммо парастиш ба услуб, баландию пастӣ ва ё суръати мусиқӣ вобаста нест. Ба Худо ҳама гуна мусиқӣ маъқул аст, зеро Худи Ӯ муаллифи ҳамаи намудҳо ва услубҳои он аст — тез ё суст, баланд ё паст, кӯҳна ё нав. Шояд шахсан барои шумо на ҳамаи намудҳои он писандида мебошанд, аммо Худо чунин нест. Агар шахс мусиқии худро дар рӯҳ ва ростӣ назди Худо оварад, парастиш ҳамин аст.

РӮЗИ ҲАШТУМ:

## БАРОИ ХУШНУДИИ ХУДО ОФАРИДАШУДАГОН

Масеҳиён гоҳо оиди он баҳс мекунанд, ки барои парастиш кадом услуби мусиқиро истифода бурдан лозим аст, ва мусиқии барои худашон писандидаро ҳамчун ҳақиқатан библиявӣ ҷонибдорӣ мекунанд, гӯё он ба Худо бештар маъқул бошад. Аммо мафҳуми «услуби мусиқии библиявӣ» вуҷуд надорад! Дар Китоби Муқаддас сабтҳои нотаҳо нестанд, ва низ бисёр асбобҳои мусиқӣ, ки дар замонҳои қадим истифода мешуданд, акнун вуҷуд надоранд.

Рости гап, он услуби мусиқӣ, ки шумо851 меписандед, бештар на оиди Худо, балки *оиди худи шумо*, оиди хусусиятҳои тарбия ва шахсияти шумо мегӯяд. Мусиқии дӯстдоштаи як халқ метавонад барои намояндагони халқи дигар шӯру ғавғои бемаъно тобад. Аммо ба Худо гуногунрангӣ маъқул аст, ва ҳама гуна мусиқӣ Ӯро хушнуд мегардонад.

«Мусиқии масеҳӣ» умуман вуҷуд надорад. Фақат суханони масеҳӣ ҳастанд, ки ба оҳанг даровarда шудаанд. На мусиқӣ, балки маҳз суханон ин ё он асари мусиқиро рӯҳонӣ мегардонанд. Мусиқии табиатан рӯҳонӣ вуҷуд надорад. Агар ман оҳанги суру-

деро бе суханон навозам, шумо фаҳмида наметавонед, ки он «масеҳӣ» аст ё не.

**Парастиш на барои мо таъин шудааст**. Ман, ки шубон ҳастам, гоҳ-гоҳ чунин хатчаҳо мегирам: «Парастиши имрӯза ба ман хеле маъқул шуд. Ман аз он як ҷаҳон маънӣ ба даст овардам». Ин боз як тасаввуроти нодуруст оиди парастиш аст. Охир, парастиш на барои мо таъйин шудааст! Мо Худоро парастиш мекунем ва кӯшиш мекунем бо парастиш на ба худ, балки ба Худо хурсандӣ оварем.

Агар шумо ягон вақт гуфта бошед, ки «имрӯз ман аз парастиш ҳеҷ чиз ба даст наовардам», донед, ки дар он рӯз шумо бо водоркунандаҳои нодуруст парастиш намудаед. Парастиш на барои шумо, балки барои Худост. Албатта, қисми зиёди хизматгузориҳои рӯзи якшанбе унсурҳои муоширaт, насиҳат, ва башоратдиҳиро дар бар мегирад, ва парастиш дар *ҳақиқат* ба мо манфиати бисёр меоварад, аммо мо на барои он парастиш мекунем, ки ба худ писанд оем. Водоркунандаи асосии мо бояд ҷалол додан ва хурсанд кардани Офаридгор бошад.

Дар боби 29-уми китоби пайғамбар Ишаъё Худо аз он шиква мекунад, ки одамон риёкорона ва бепарвоёна парастиш мекунанд. Исроилиён назди Ӯ бо дуоҳои кӯҳнашуда, ситоиши ғайрисамимӣ, суханони ҳеҷу пуч ва маросимҳои худашон муқарраркарда меомаданд, ва оиди маънои амиқи воқеа андеша намекарданд. Дар парастиши мо на анъанаҳои қадимӣ, балки ҷӯшу хурӯш ва бахшидашавӣ ба Худо муҳим аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ин қавм бо даҳони худ ба Ман наздик мешаванд ва бо лабҳои худ Маро ҷалол медиҳанд, вале дили худро аз Ман дур кардаанд, ва тарси онҳо аз Ман натиҷаи омӯхтани фармудаҳои инсонист*» (Иш. 29:13).

Парастиш на як қисми ҳаёти мо, балки худи ҳаёт аст. Мо на танҳо ҳангоми хизматгузориҳои калисоӣ

парастиш мекунем. Ба мо фармуда шудааст, ки «*рӯи Ӯро ҳамеша биҷӯем*» (Заб. 104:4) ва «*аз баромадани офтоб то нишастани он*» (Заб. 112:3) номи Парвардигорро ситоиш намоем. Дар Китоби Муқаддас одамон Худоро ҳангоми кор, дар хона, дар ҷанг, дар ҳабсхона ва ҳатто дар ҷои хоб ситоиш мекарданд! Ситоиш бояд аз он лаҳза сар шавад, ки мо пагоҳӣ чашмонамонро мекушоем, ва он вақт ба охир расад, ки мо боз чашмонамонро мепӯшонем, то бихобем (Заб. 118:147, Заб. 5:4, Заб. 62:7, Заб. 118:62). «*Парвардигорро дар ҳар вақт муборак хоҳам хонд*» (Заб. 33:2), — гуфтааст Довуд.

Ҳама гуна кор метавонад ба парастиш табдил ёбад, агар мо барои ситоиш, ҷалол ва хурсандии Парвардигор бо он машғул шавем. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Хуллас, хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред*» (1 Қӯр. 10:31). Чуноне ки Мартин Лютер гуфта буд, «говҷӯш метавонад шири модаговҳоро барои ҷалоли Худо ҷӯшад».

Чӣ тавр ҳама корҳои худро барои ҷалоли Худо ба ҷо оварем? Мо он гоҳ ба ин ноил мешавем, ки ҳама корро *чун барои Худи Исои Масеҳ* ба ҷо оварем, ва дар айни замон бо Ӯ сӯҳбати доимӣ дошта бошем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳар он чи мекунед, аз ҷону дил ба ҷо оваред, мисли он ки барои Худованд бошад, на барои одамон*» (Қӯл. 3:23).

Сирри ҳаёти пур аз парастиш дар ҳамин аст: ҳама корро чун барои Парвардигор ба ҷо овардан. Ҳангоме ки мо корро ба Худо бахшида, онро бо эҳсоси ҳузури доимии Ӯ ба ҷо меоварем, он ба парастиш табдил меёбад. Дар тарҷумаи ҳозиразамони англисии Китоби Муқаддас «The Message» ояти Рум. 12:1 чунин садо медиҳад: «*Ҳаёти ҳамешагӣ ва муқаррарии худ — корҳои ҳаррӯза, хобидан, хӯрдан, ба кор рафтанро гиред ва онро чун қурбонӣ назди Худо оваред*».

Ҳангоме ки ман ҳамсари ояндаамро дӯст доштам, ман доимо дар бораи ӯ фикр мекардам. Ҳамеша, бо ҳар коре ки машғул бошам — наҳорӣ кунам, ба коллеҷ равам, дар дарс нишаста бошам, дар навбати мағоза истода бошам, баки мошинро бо бензин пур кунам, — ман ҳамеша оиди ин зани ҳайратовар фикр мекардам! Ман гоҳо фикран ҳамаи хусусиятҳои писандидаи ӯро ба ёд оварда, худам бо худам оиди ӯ гап мезадам. Ба шарофати ин ман наздикии ӯро эҳсос менамудам, агарчи мо аз ҳам дар масофаи садҳо мил зиндагӣ мекардем ва дар коллеҷҳои гуногун таҳсил менамудем. Ман доимо оиди ӯ андеша карда, *дар муҳаббати ӯ будам*. Ҳаёте ки худ аз худ парастиш аст, — *дӯст доштани Исои Масеҳ* аст.

**РӮЗИ ҲАШТУМ**

*Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ма барои хушнудии Худо офарида шудаам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Парвардигор ба қавми Худ таваҷҷӯҳ мекунад*» (Заб. 149:4).

**Савол барои андешаронӣ**: Кадом кори ҳаррӯзаи худро ман чунон ба ҷо оварда метавонам, ки гӯё онро бевосита барои Исо мекарда бошам?

# 9

# ЧӢ ЧИЗ БА ХУДО ХУРСАНДӢ ВА ҲАЛОВАТ МЕОВАРАД?

*Бигузор Худованд бо рӯи Худ бар ту партав афканад...*

Ад. 6:25

*Рӯи Худро ба бандаи Худ тобон соз, ва қоидаҳои Худро ба ман таълим деҳ.*

Заб. 118:135

Мақсади ҳаёти мо аз он иборат аст, ки Худоро хушнуд намоем.

Азбаски хурсанд кардани Худо мақсади аввалиндараҷаи ҳаёти мост, аз ҳама муҳим он аст, ки чӣ тавр ба ҷо овардани инро бидонем. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва кӯшиш кунед, то бидонед, ки Худо чиро меписандад*» (Эфс. 5:10). Хушбахтона, дар Китоби Муқаддас намунаи олиҷаноби шахсе ҳаст, ки ҳаёташ ба Худо писанд меомад. Номи ӯ Нӯҳ буд.

Дар замони Нӯҳ ҷаҳон ба фасоди ахлоқӣ фурӯ рафта буд. Одамон на барои писанд омадан ба Парвардигор, барои ҳаловати худ зиндагӣ мекарданд. Худо дар рӯи замин *ягон касро* ёфта наметавонист,

ки Ӯро хурсанд карданӣ бошад, бинобар ин Ӯ афсӯс мехӯрд, ки инсонро офаридааст. Бадахлоқии одамон барои ӯ беандоза нафратовар буд, ва Ӯ ҳатто оиди он меандешид, ки одамонро аз рӯи замин маҳв намояд. Аммо баъд ӯ як касро дид, ки аз вай дар дили Ӯ хурсандӣ пайдо шуд. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Фақат Нӯҳ дар назари Парвардигор писандида буд*» (Ҳас. 6:8).

«Ин шахс ба Ман маъқул аст, — фикр кард Худо, — Ба ӯ нигаристан хуш аст. Ман ҳама чизро аз аввал, аз ӯ ва оилааш сар мекунам!» Мову шумо ҳозир аз он сабаб дар рӯи замин зиндагӣ мекунем, ки Нӯҳ Худоро хушнуд менамуд. Ва ҳаёти ӯ ба мо имкон медиҳад панҷ воситаи парастиши Худоро, ки боиси табассуми хурсандона ва каноатмандонаи Худо мегарданд, ҷудо кунем.

**Ҳангоме ки мо Худоро дӯст медорем, Ӯ табассум мекунад**. Нӯҳ Худоро аз ҳама чизи ҷаҳон бештар дӯст медошт. Ӯ Худоро ҳатто ҳамон вақт дӯст медошт, ки атрофиён ба Парвардигор *коре надоштанд*. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки дар байни одамони замони худ «*танҳо Нӯҳ росткор ва беайб буд, ҳаёти ӯ бо Худо мегузашт*» (Ҳас. 6:9б).

Худо ана ҳамин чизро беш аз ҳама мехоҳад: то ки мо бо Ӯ муносибатҳои наздик дошта бошем! Ин ҳақиқати ҳайратовартарини ҷаҳон аст: Офаридгори олам бо мо муошират кардан мехоҳад! Худо шуморо барои дӯст доштан офаридааст, ва мехоҳад, ки шумо низ Ӯро дӯст доред. «*Зеро ки Ман марҳаматро хоҳон ҳастам ва на забҳро, ва шинохтани Худоро бештар аз қурбониҳои сӯхтанӣ*» (Ҳушаъ 6:6).

Оё ҳангоми хондани ин сатрҳо хоҳиши гарму ҷӯшони Худоро, ки бо шумо будан мехоҳад, эҳсос менамоед? Магар ҳангоме ки шуморо бо чунин ҷӯшу хурӯш даъват менамоянд, рӯ гардонда, рафтан мумкин аст? Худо шуморо хеле дӯст медорад ва *хоҳони*

муҳаббати шумост. Ӯ *хеле мехоҳад*, ки шумо Ӯро донед ва бо Ӯ вақт гузаронед. Ӯ аз шумо хурсанд мешавад. Муносибатҳои худро бо Худо амиқтар намудан, дӯст доштани Ӯро ёд гирифтан — ана он чи бояд мақсади асосии ҳаёти мо бошад. Ҳама чизи дигар бо ин муқоисанашаванда аст. Исо инҳо фармудаи аввалин ва бузургтарин номидааст: «*Худованд Худои худро бо тамоми дил ва бо тамоми ҷон ва бо тамоми ҳуши худ дӯст бидор". Ҳамин аст фармудаи аввалин ва бузургтарин*» (Мат. 22:37–38).

**Ҳангоме ки мо пурра ба Худо боварӣ менамоем, Ӯ табассум мекунад**. Сониян, Нӯҳ аз он ҷиҳат ба Худо писанд омад, ки ҳатто дар лаҳзаҳое ки амалҳои Ӯро на он қадар мефаҳмид, ба Ӯ боварӣ дошт. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Бо имон Нӯҳ дар хусуси чизе ки ҳанӯз намоён набуд, ваҳй ёфта, бо тарси Худо барои наҷот додани аҳли байти худ киштие бисохт; бо он ӯ ҷаҳонро маҳкум намуд ва вориси росткорие гардид, ки аз имон аст*» (Ибр. 11:7).

***Дар асл Худо беш аз ҳама хоҳони он аст, ки шумо бо Ӯ муносибатҳои шахсӣ, наздик дошта бошед.***

Чунин саҳнаро тасаввур кунед: боре Худо назди Нӯҳ омада, мегӯяд: «Ман аз одамон беандоза ноумед шудаам. Ғайр аз ту, дар тамоми ҷаҳон касе нест, ки оиди Ман андеша намояд. Аммо, медонӣ, Ман ба ту нигариста, ҳамеша аз хурсандӣ табассум мекунам. Ман аз ҳаёти ту қаноатмандам ва аз ин рӯ ҳангоме ки ин ҷаҳонро бо тӯфон нобуд мекунам, мехоҳам ҳама чизро аз нав, бо ту ва аҳли оилаи ту сар кунам. Бинобар ин аз ту хоҳиш мекунам, ки киштии калоне бисозӣ, то худро ва ҷонваронро наҷот диҳӣ».

Дар он вазъият се ҷиҳат буд, ки боиси шубҳаи Нӯҳ шуда метавонист. Аввалан, Нӯҳ намедонист, ки борон чист, зеро пеш аз тӯфон Худо заминро аз

поён, аз замин обёрӣ менамуд (Ҳас. 2:5–6). Маҳз аз ҳамин сабаб рангинкамонро низ одамон пештар надида буданд. Сонийан, Нӯҳ аз уқёнуси наздиктарин дар масофаи садҳо мил зиндагӣ мекард. Ҳатто агар чунин киштӣ сохта тавонад ҳам, онро чӣ тавр то об бурда метавонист? Сеюм, ӯ бояд як навъ карда ҷонваронро дар як ҷой ҷамъ менамуд, ва баъд дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекард. Аммо Нӯҳ шиква ва баҳонаҷӯӣ накард. Ӯ пурра ба Худо боварӣ дошт, ва ин ба Худо хеле маъқул буд.

Пурра ба Худо боварӣ намудан — бовар кардан ба он аст, ки Ӯ медонад, ки барои мо чӣ чиз беҳтар аст. Мо ба он таваккал менамоем, ки Ӯ ваъдаҳои Худро ба ҷо меоварад, дар душвориҳо ба мо ёрӣ медиҳад ва ҳангоми зарурат кори ғайриимконро ба амал меоварад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Парвардигор ба тарсгорони Худ таваҷҷӯҳ менамояд, ва ба онҳое ки ба марҳамати Ӯ умедворанд*» (Заб. 146:11).

Барои сохтани киштӣ ба Нӯҳ 120 сол даркор шуд. Шояд ӯ борҳо рӯҳафтода мешуд. Солҳо мегузаштанд, аммо борон ҳанӯз намеборид, ва эҳтимол ӯро сахт масхара мекарданд, «аблаҳ» меномиданд» — аҷабо, ӯ гумон мекунад, ки Худи Худо бо ӯ гап мезанад! Шояд фарзандонаш низ аз он ки дар пеши хонаашон киштии калоне сохта мешавад, шарм медоштанд ва худро нороҳат эҳсос менамуданд. Аммо Нӯҳ ҳамоно ба Худо боварӣ дошт.

Оё дар ҳаёти шумо лаҳзаҳое ҳастанд, ки пурра ба Худо боварӣ карданатон лозим аст? Боварӣ низ парастиш аст. Ҳангоме ки фарзандон ба хирад ва муҳаббати падару модар такя мекунанд, падару модар ҳамеша хурсанд мешаванд. Худо низ ҳамчунин: *«Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест» (Ибр. 11:6).*

**Ҳангоме ки мо аз таҳти дил ба Худо итоат менамоем, Ӯ табассум менамояд**. Барои аз тӯфони

умумиҷаҳонӣ наҷот додани ҷонварони замин Нӯҳ бояд ба пойгоҳи моддиву техникӣ ва ҷузъиёти зиёди ин амалиёт диққат медод. Ҳама чизро *маҳз ҳамон тавр* кардан даркор буд, ки Парвардигор фармуда буд. Худо нагуфта буд: «Медонӣ, Нӯҳ, аз рӯи салоҳдиди худ ягон хел қаиқ соз». Баръакс, Ӯ ба Нӯҳ дастурҳои муфассал дода буд, ки киштӣ бояд кадом андозаҳо, кадом шакл дошта бошад ва аз кадом мавод сохта шавад, ва низ кадом ҷонварон ва чӣ қадар ба киштӣ гирифта шаванд. Ва Нӯҳ ҳамаи фармудаҳои Ӯро *аниқ* ба ҷо овард. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Ва *Нӯҳ чунин кард; ҳар он чиро, ки Худо ба ӯ фармуда буд, ба ҷо овард*» (Ҳас. 6:22. Ниг. ҳамчунин Ибр. 11:7б).

Аҳамият диҳед, ки Нӯҳ ба Худо *пурра* итоат менамуд. Ӯ *ҳар он чиро, ки Худо ба ӯ фармуда буд* (маҳз ҳамон тавр ва дар ҳамон муддате ки ба ӯ гуфта шуда буд), *чунин кард* (ҳеҷ як ҷузъиётро сарфи назар накард). Ана ҳамин аст аз таҳти дил итоат намудан. Ҳайратовар нест, ки Худо ба Нӯҳ нигариста, табассум менамуд!

Агар Худо аз шумо хоҳиш мекард, ки киштии бузурге созед, шояд дар шумо баъзе саволҳо, эътирозҳо ва шубҳаҳо пайдо мешуданд. Аммо бо Нӯҳ чунин набуд. Ӯ аз таҳти дил ба Худо итоат менамуд. Чунин итоаткории самимӣ маънои онро дорад, ки мо дастурҳои Худоро бе шубҳа ва баҳонаҷӯӣ ба ҷо меоварем. Итоаткориро ба мавриди дигар мавқуф намегузорем. Мо чунин намегӯем: «Ман дар ин хусус дуо мекунам», балки дарҳол он чиро, ки фармуда шудааст, ба ҷо меоварем. Ҳамаи падарону модарон медонанд, ки итоаткории мавқуф гузоштташуда дар асл беитоатӣ аст.

Худо вазифадор нест, ки моҳият ва сабаби ҳамаи фармудаҳояшро ба шумо фаҳмонад. Фаҳмиданро мавқуф гузоштан мумкин аст, аммо итоаткориро

мавқуф гузоштан мумкин нест. Итоаткории фаврӣ ба шумо ёрӣ медиҳад, ки Худоро назар ба солҳои зиёди омӯзиши Китоби Муқаддас ва мубоҳисаҳо беҳтар фаҳмед. Зиёда аз ин, баъзе фармудаҳоро ҳеҷ гоҳ намефаҳмед, агар ба ҷо овардани онҳоро сар накунед. Итоаткорӣ дари фаҳмишро мекушояд.

***Пурра ба Худо итоат намудан — бовар кардан ба он аст, ки Ӯ медонад, чӣ чиз барои мо беҳтар аст.***

Бисёр вақт мо ба Худо *қисман* итоат кардани мешавем. Мо мехоҳем фармудаҳоеро интихоб намоем, ки ба ҷо овардан мехоҳем. Мо рӯйхати фармудаҳои дӯстдоштаро тартиб медиҳем ва онҳоро ба ҷо меоварем, аммо ба он фармудаҳое ки бароямон бемаврид, бениҳоят мураккаб, хеле вазнин ё номақбул метобанд, аҳамият намедиҳем. Хуб, ман ба калисо меравам, аммо даҳяк намесупорам. Ман аз хондани Китоби Муқаддас розӣ ҳастам, аммо касонеро, ки маро ранҷондаанд, бахшидан намехоҳам. Аммо итоаткории ҷузъӣ ҳамчунин беитоатӣ аст.

Ба Худо аз таҳти дил итоат намуда, мо фармудаҳои Ӯро бо рӯҳбаландии хушнудона ба ҷо меоварем. «*Парвардигорро бо шодӣ ибодат намоед*» *(Заб. 99:2), — гуфта* **шудааст дар Китоби Муқаддас. Довуд маҳз ҳамин тавр мекард:** *«Роҳи қоидаҳои Худро, эй Парвардигор, ба ман нишон деҳ, то ки онро то ба охир пайравӣ намоям. Маро фаҳм бибахш, то ки шариати Туро пайравӣ намоям, ва онро бо тамоми дил нигоҳдорӣ кунам» (Заб. 118:33–34).*

*Ҳавворӣ Яъқуб ба шахсоне ки аллакай масеҳӣ мебошанд, муроҷиат намуда, гуфтааст: «Худо инсонро барои амалҳо сафед мекунад, на ин ки танҳо барои имон»* (Яъқ. 2:24). Каломи Худо равшану возеҳ мефаҳмонад, ки наҷотро бо амалҳо сазовор шудан ғайриимкон аст. Он на дар ивази кӯшишҳои мо, балки аз рӯи файз

дода мешавад. Аммо азбаски шумо фарзанди Худо ҳастед, бояд бо итоаткории худ Падари Осмониро хурсанд намуда, ба Ӯ ҳаловат расонед. Ҳар як амали итоаткорона иҷрошуда парастиш буда метавонад. Чаро ҳангоме ки мо ба Худо итоат менамоем, ин ба Ӯ ин қадар маъқул аст? Зеро итоаткорӣ исбот менамояд, ки мо Ӯро ҳақиқатан дӯст медорем. Исо гуфтааст: «*Агар Маро дӯст доред, фармудаҳои Маро риоя хоҳед кард*» (Юҳ. 14:15).

**Ҳангоме ки мо Худоро ҷалол медиҳем ва шукргузорӣ менамоем, Худо табассум мекунад**. Ба ҳар кас маъқул аст, ҳангоме ки ӯро таҳсин менамоянд, эътироф мекунанд ва баҳои сазовор медиҳанд. Таҳсини самимӣ ва эҳтироми атрофиён ба мо қаноатмандии зиёд меоварад. Ба Худо низ маъқул аст, ҳангоме Ӯро ҳамду сано мегӯянд ва шукргузорӣ менамоянд. Ҳангоме ки аз Ӯ бениҳоят хурсанд буданамонро изҳор менамоем, Ӯ табассум мекунад.

Ҳаёти Нӯҳ ба Худо ҳаловат меоварад, зеро дили ӯ пур аз ҳамду сано ва шукргузорӣ буд. Ҳатто ҳамон вақте ки ҳеҷ кас дар рӯи замин Худоро парастиш намекард, Нӯҳ Ӯро парастиш менамуд. Ва баъди тӯфон ӯ пеш аз ҳама ба Худо миннатдории худро баён намуд ва ҳамду сано хонд, ва қурбониҳо овард: «*Ва Нӯҳ қурбонгоҳе барои Парвардигор бино кард; ва аз ҳар чорпои пок, ва аз ҳар паррандаи пок гирифта, қурбониҳои сӯхтанӣ бар қурбонгоҳ баровард*» (Ҳас. 8:20).

Ба шарофати марги Исо мо аллакай ҳайвонотро ба қурбонӣ намеоварем, чуноне ки Нӯҳ карда буд. Ба ҷои ин мо бояд ба Худо «*қурбонии шукрона*» (Заб. 115:8), «*самараи лабҳоеро, ки ба исми Ӯ ҳамду сано мехонанд*» (Ибр. 13:15), оварем. Мо Худоро барои *чигунагии Ӯ* ҷалол медиҳем, ва барои *он чи Ӯ барои мо кардааст*, шукргузорӣ менамоем. Чуноне ки Довуд гуфтааст: «*Номи Худоро бо суруд ситоиш хоҳам кард; ва Ӯро бо шукрона бузург хоҳам хонд. Ва ин ба Парвардигор пи-*

*санд хоҳад омад, бештар аз гов ва гӯсолае ки дорои шоххо ва сумҳост»* (Заб. 68: 31–32).

Ҳангоме ки мо Худоро ҷалол медиҳем ва Ӯро шукргузорӣ менамоем, як чизи ҳайратовар рӯй медиҳад: вақте ки мо барои Ӯ ягон кори писандида мекунем, дилҳои худамон низ аз хурсандӣ пур мешаванд!

Модари ман барои мо хӯрок пухтанро дӯст медошт. Ҳатто пас аз оиладоршавӣ, ҳангоме ки ман ба хабаргирии падару модар мерафтам, ӯ ҳатман бароям хӯрокҳои болаззат мепухт. Барои ӯ яке аз асоситарин ҳаловатҳо он буд, ки фарзандонаш хӯрокҳои пухтаи ӯро бо иштиҳои том хӯранд. Ва хӯрокҳои модарам ба мо ҳар қадар бештар маъқул шаванд, ӯ ҳамон қадар бештар хурсанд мешуд.

Аммо ба ғайр аз ин, модарро барои ҳаловатамон аз хӯроки пухтаи ӯ таҳсин намудан ба мо маъқул буд. Бинобар ин хурсандӣ аз ҳар ду ҷониб буд. Ман пироги пухтаи модарамро бо иштиҳо хӯрда, ҳам пирогро, ҳам дастони модарамро гаштаву баргашта таҳсин менамудам. Дар айни ҳол ман мехостам на танҳо хуб хӯрок хӯрам, балки модарамро хурсанд кунам. Бинобар ин ҳама бениҳоят хушнуд буданд.

Парастиш низ кори тарафайн аст. Он чи Худо барои мо кардааст, ба мо маъқул аст, ва ҳангоме ки мо ба Ӯ оиди ин мегӯем, ситоиш ва шукргузории мо ба Ӯ писанд меоянд — ва дар айни замон хурсандии моро бештар мекунанд. Сарояндаи таронаҳои Забур мегӯяд: «*Аммо росткорон шодӣ хоҳанд кард, пеши Худо хурсанд хоҳанд шуд, ва аз шодмонӣ ба ваҷд хоҳанд омад*» (Заб. 67:4).

**Ҳангоме ки мо бахшоишҳо ва лаёқатҳои худро истифода мебарем, Худо табассум мекунад.** Пас аз тӯфон Худо ба Нӯҳ ана ҳамин гуна амрҳои оддӣ дод: «*Борвар ва афзун шавед, ва заминро пур кунед. Ва тарсу ҳароси шумо бар ҳамаи ҳайвонҳои ваҳшии*

*замин, ва бар ҳамаи паррандагони осмон, ва бар ҳар чӣ бар замин мехазад, ва бар ҳамаи моҳиёни баҳр хоҳад буд; онҳо ба дасти шумо супурда шуданд. Ҳар ҷунбандае ки зинда аст, барои шумо ғизо бошад; ҳамаро чун алафи сабз ба шумо додам»* (Ҳас. 9:1–3).

«Зиндагии худро давом диҳед! — гуфт Худо, — Бинобар ин ба ҷо овардани кореро, ки инсонро барои он офаридаам, сар кунед. Бо ҳамсарони худ ишқварзӣ кунед. Кӯдакон таваллуд кунед. Бигузор оила дошта бошед. Растаниҳо шинонед ва хӯрок тайёр намоед. Инсон бошед! Охир, Ман шуморо маҳз ҳамин тавр офаридаам!»

***Ба Худо ҳатто ночизтарин ҷузъиёти ҳаёти моро мушоҳида намудан маъқул аст.***

Шояд шумо чунин меҳисобед, ки Худо фақат ҳамон вақт аз шумо розӣ аст, ки танҳо бо корҳои «рӯҳонӣ» машғул мешавед: Китоби Муқаддасро мехонед, ба хизматгузории калисоӣ меоед, дуо мегӯед, оиди имони худ ба дигарон мегӯед. Шояд ба шумо чунин метобад, ки дигар ҷиҳатҳои ҳаёти шумо барои Худо шавқовар нестанд. Аммо дар асл ба Худо ҳатто ночизтарин ҷузъиёти ҳаёти моро мушоҳида намудан маъқул аст. Ӯ ҳеҷ як ҳаракати шуморо аз мадди назар дур намегирад. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Парвардигор қадамҳои мардро* [яъне росткорро] *устувор мекунад, ва ба роҳи вай таваҷҷӯҳ менамояд*» (Заб. 36:23).

Ҳар гуна фаъолияти инсон (ғайр аз гуноҳ), ки бо ҳамду сано ва шукргузорӣ дар дил ба ҷо оварда мешавад, ба Худо хурсандӣ оварда метавонад. Барои ҷалоли Худо зарфҳоро шустан, мошин таъмир кардан, шир фурӯхтан, барномаи компютерӣ навиштан, ғалла рӯёндан, кӯдаконро тарбия кардан ва ғайра мумкин аст. Чун Падаре ки аз фарзандонаш ифтихор дорад, Худо махсусан аз мушоҳидаи он хуш-

нуд мешавад, ки мо бахшоишҳо ва *лаёқатҳои* додаи Ӯро чӣ тавр истифода мебарем. Худо дидаву дониста ба ҳар яки мо бахшоишҳои гуногун додааст. Баъзеҳоро ӯ варзишгар намудааст, ба баъзеи дигар *лаёқатҳои* зеҳнӣ додааст. Шояд шумо ба риёзиёт, мусиқӣ, механика ё ҳазорон чизҳои дигар *лаёқат* доред. Ва агар шумо он маҷмӯи нотакрори бахшоишҳоро, ки Худо ба шумо додааст, истифода баред, Ӯ ҳатман аз хурсандӣ табассум мекунад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Дилҳои онҳоро танҳо Худаш ба вуҷуд овардааст, ва тамоми корҳояшонро мефаҳмад*» (Заб. 32:15).

РӮЗИ НӮҲУМ

## ЧӢ ЧИЗ БА ХУДО ХУРСАНДӢ ВА ҲАЛОВАТ МЕОВАРАД?

Агар шумо бахшоишҳои додаи Ӯро истифода набаред ё ба ягон кас тақлид карданӣ шавед, ба Худо ҷалол ё ҳаловат оварда наметавонед. Мо танҳо ҳамон вақт Худоро хушнуд менамоем, ки худи худамон бошем. Ҳар боре ки ин ё он ҷиҳати шахсияти худро рад мекунем, мо хирад ва иродаи олии Худоро, ки моро офаридааст, рад менамоем. «*Эй вой бар касе ки бо Офаринандаи худ муноқиша мекунад,* — мегӯяд Парвардигор, — *сафолпорае аз сафолпораҳои рӯи замин! Оё гил ба кӯзагар мегӯяд: "Чӣ чизе сохтаӣ?" Ва ё он чи сохтаӣ, мегӯяд: "Ӯ дасти моҳир надорад!"*» (Иш. 45:9).

Дар филми «*Аробаҳои* оташин» иштирокчии бозиҳои олимпӣ, Эрик *Лиддел*, мегӯяд: «Ма бовар мекунам, ки Худо маро бо мақсаде офаридааст. Аммо ғайр аз ҳама чизи дигар Ӯ ба ман пойҳои тездав додааст, ва ҳангоме ки ман медавам, ҳис мекунам, ки ин ба Ӯ маъқул аст». Андаке дертар вай мегӯяд: «Даст кашидан аз давидан барои ман маънои онро медошт, ки аз Худо нафрат дошта бошам». Дар ҷаҳон *лаёқатҳои* *ғайрирӯҳонӣ* вуҷуд надоранд,

фақат лаёқатҳои мувофиқи таъйинот истифоданашуда ҳастанд. Бинобар ин барои хушнудии Худо истифода будани бахшоишҳои худро сар кунед.

Ғайр аз ин, ба Худо хуш меояд, ки шумо аз офариниши Ӯ ҳаловат мебаред. Ӯ ба шумо чашмон ато намудааст, то ки аз зебоӣ хурсандӣ кунед, ва гӯшҳо, то ки овозҳо ва мусиқиҳои гуногунро шунавед. Ӯ ба шумо биниӣ ва ресепторҳои эҳсоси мазаро додааст, то ки шумо аз садҳо бӯйҳо ва мазаҳо ҳаловат бурда тавонед, ва ба зери пӯст торҳои асабро ҷойгир кардааст, то ки шумо ҳаловати ламсро донед. Ҳар боре ки аз офаридаҳои Худо ҳаловат мебарем ва барои ин Ӯро шукргузорӣ мекунем, мо Ӯро парастиш менамоем. Зиёда аз ин, дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки «*Худо ҳама чизро барои маишати мо ба фаровонӣ ато мекунад*» (1 Тим. 6:17).

Ҳатто ҳангоми дар хоб буданатон шумо мушоҳида кардан ба Худо маъқул аст! Ман низ аз тамошои он, ки кӯдакони ман чӣ тавр хоб мераванд, ҳаловат мебарам. Гоҳо чунин мешуд, ки рӯзи дароз онҳо беитоатӣ мекарданд ва ба мо ташвишҳои зиёд меоварданд, аммо ҳангоми дар хоб буданашон онҳо чунон осоишта, қаноатманд ва ором метофтанд, ки ман аз нав ба ёд меовардам, ки онҳоро хеле дӯст медорам.

Кӯдакони ман эҳтиёҷ надоштанд, ки бо ягон восита ҳусни таваҷҷӯҳи маро ба даст оваранд. Ман аз тамошои нафаскашии онҳо хурсанд мешудам, зеро онҳоро беандоза дӯст медоштам. Ман медидам, ки сандуқи синаи онҳо боло ва поён мешавад, ва хурсандона табассум менамудам, ва гоҳо ҳатто чашмонам аз ашки шодӣ пур мешуданд. Ҳангоме ки шумо дар хоб ҳастед, Худо ба шумо бо муҳаббат менигарад, зеро Худи Ӯ шуморо офарид ва шуморо чунон дӯст медорад, ки гӯё дар ин ҷаҳон ягон инсони дигар набошад.

Волидон ба он эҳтиёҷ надоранд, ки аввал дар фарзандон камолот ё ақаллан хислати устуворро бинанд, то ки онҳоро дӯст доранд. Онҳо дар ҳар як марҳилаи инкишофи фарзандонашон аз онҳо хурсанд ҳастанд. Худо ҳамаи гуноҳҳо ва хатоҳо, тамоми сустӣ ва нокомилии шуморо медонад, аммо шумо — фарзанди Ӯ ҳастед ва ин ба Ӯ маъқул аст. Ӯ шуморо дар ҳар як марҳилаи инкишофи рӯҳониятон дӯст медорад.

Шояд дар кӯдакӣ шумо волидон ё муаллимоне доштед, ки ба онҳо писанд омадан ғайриимкон буд. Илтимос, гумон накунед, ки Худо низ ҳамин гуна аст. Ӯ медонад, ки шумо ҳаёти бе айб ва бе гуноҳ ба сар бурда наметавонед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро ки Ӯ сиришти моро медонад: дар хотир дорад, ки мо хок ҳастем*» (Заб. 102:14).

Пеш аз ҳама, Худо ба табъ ва майли дилатон менигарад. Оё дар дили шумо хоҳиши ба Ӯ писанд омадан ҳаст? Оё он бар ҳамаи хоҳишҳои дигари шумо афзалият пайдо мекунад? Ҳаввориӣ Павлус маҳз ҳаминро мехост: «*Ва ба ин сабаб беш аз ҳама хоҳиш дорем, ки хоҳ дар хона бошем ва хоҳ дар ғурбат, ба Ӯ писанд оем*» (2 Қӯр. 5:9). Ҳангоме ки дар партави абадият зиндагӣ менамоед, ба худ чунин савол доданро бас мекунед: «Оё ман аз ҳаёт ҳаловати бисёр ба даст меоварам?» ва ба ҷои ин чунин савол доданро сар мекунед: «Оё Худо аз ҳаёти ман ҳаловати бисёр мебарад?»

Дар асри XXI Худо Нӯҳ барин касонро меҷӯяд: касонеро, ки тайёранд ва мехоҳанд барои хурсандии Ӯ зиндагӣ кунанд. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Парвардигор аз осмон ба банӣ одам назар андохт, то бинад, ки оё касе соҳибфаҳм ва ҷӯяндаи Худо ҳаст*» (Заб. 13:2).

Оё шумо барои писанд омадан ба Худо зиндагӣ хоҳед кард? Ва Худо барои касе ки пурра ба ин мақсад дода шудааст, ҳеҷ чизро дареғ намедорад.

## РӮЗИ НӮҲУМ

*Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ба Худо маъқул аст, ки ман ба Ӯ боварӣ менамоям.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Парвардигор ба тарсгорони Худ таваҷҷӯҳ менамояд, ва ба онҳое ки ба меҳру вафои Ӯ умедворанд*» (Заб. 146:11).

**Савол барои андешаронӣ**: Азбаски Худо медонад, ки чӣ чиз барои ман беҳтар аст, дар кадом ҷиҳатҳои ҳаётам бояд ба Ӯ беш аз ҳама боварӣ намоям?

# 10

# ДИЛИ ПАРАСТИШ

*Худро, ҳамчун касони аз мурдагон зиндашуда, ба Худо таслим кунед ва андоми худро дар ихтиёри Худо вогузор намоед, то ки олати адолат бошад*.

Рум. 6:13

Дили парастиш — худро пурра супурдан, итоат намудан, як навъ таслимшавии беқайду шарт аст.

«Таслим шудан» — мафҳуми маъмулӣ нест ва дар вуҷуди мо ҳисси эътирозро ба вуҷуд меоварад, қариб ба монанди мафҳуми «тобеъ шудан», зеро онҳо дар назар доранд, ки мо бояд чизеро аз даст диҳем, аз ягон чиз маҳрум шавем, ва ин ва ҳеҷ кас маъқул нест. Он бо чунин мафҳумҳои нохуш ҳамонанд карда мешавад: эътирофи мағлубият дар муҳириба, бой додан дар бозии варзишӣ ё гузашт кардан ба ҳарифи тавонотар. Ин мафҳум қариб ҳамеша дар қаринаи матни манфӣ истифода мешавад. Ҷинояткорони ҳабсшуда низ ба намояндагони ҳокимият *таслим* мешаванд.

Дар ҷаҳоне ки дар он рақобат ҳукмфармост, моро таълим медиҳанд, ки ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода нашавем, ва кӯшиши ба муваффақият ноил шуданро тарк накунем ва ҳеҷ гоҳ гузашт нанамоем, бинобар ин мо

оиди таслим шудан хеле кам мешунавем. Агар дар ҳаёт ғалаба чизи асосӣ бошад, оиди таслим шудан ва бас кардани мубориза сухан рондан *тасаввурнопазир* аст. Ҳатто масеҳиён на дар хусуси итоаткорӣ, гузаштkунӣ ва фармонбардорӣ, балки дар бораи дастовардҳо, пирӯзиҳо ва муваффақият гап заданро афзал медонанд. Аммо итоати пурра, худро ба Худо супурдан *дили* ҳар гуна парастиш аст. Мо на аз боиси тарс ё ҳисси вазифашиносӣ, балки ба хотири муҳаббат худро ба Ӯ медиҳем, зеро «Пеш аз он ки мо Ӯро дӯст дорем, Ӯ моро дӯст дошт» (1 Юҳ. 4:9–10).

Пас аз он ки дар давоми ёздаҳ боб ҳаввворӣ Павлус ба мо файзи беандозаи Худоро мефаҳмонад, ӯ моро даъват мекунад, ки дар парастиш худро пурра ба Ӯ супорем: «*Ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд*» (Рум. 12:1).

***Парастиши ҳақиқӣ худро ҳамчун қурбонӣ ба Худо тақдим намудан аст.***

Парастиши ҳақиқӣ — яъне ба Худо писанд омадан — аз он лаҳза сар мешавад, ки мо худро пурра ба Ӯ месупорем. Аҳамият диҳед, ки дар ин оят сухан дар бораи *қурбонӣ овардан* меравад.

Худро ба Худо ҳамчун қурбонӣ тақдим намудан парастиши ҳақиқист.

Масеҳиён ин қадамро ҳар хел меноманд: худро ба Худо бахшидан, Исоро Худованди худ намудан, салиби худро ба дӯш гирифтан, барои худ мурдан, ба Рӯҳ итоат намудан. Ин амалро чӣ тавр номиданı мо муҳим нест, балки он чиз асосӣ аст, ки ҳар яки мо онро ба ҷо оварад. Худо мехоҳад, ки тамоми ҳаёти шумо ба Ӯ тааллуқ дошта бошад. Пурра, то ба охир. Ҳатто наваду панҷ фоиз ҳам кам аст.

Се монеа вуҷуд доранд, ки барои пурра ба Худо супурдани худ халал мерасонанд: тарс, ғурур ва нодонӣ. Мо дарк намекунем, ки Худо моро то чӣ андоза дӯст медорад, мо худамон ҳаётамонро идора карданӣ мешавем ва маънои ин гуна ба Худо бахшида шуданро хуб намефаҳмем.

**Оё ба Худо боварӣ кардан мумкин аст?** Барои он ки худро ба касе ё чизе бахшем, супорем, боварӣ даркор аст. То даме ки ба Ӯ боварӣ карданро ёд нагирем, мо худро ба Худо бахшида наметавонем, ва то даме ки ӯро беҳтар нашиносем, ба Ӯ боварӣ карда наметавонем. Тарс ба мо халал мерасонад, ки худро пурра ба Худо бахшем, аммо «муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад» (1 Юҳ. 4:18). Ҳар қадар бештар фаҳмем, ки Худо моро то чӣ андоза дӯст медорад, ба марҳамати Ӯ супурдани худ ҳамон қадар осонтар мешавад.

Ман чӣ тавр боварӣ ҳосил карда метавонам, ки Худо маро дӯст медорад? Ӯ барои исботи ин далелҳои бисёре пешкаш менамояд. Худи Худо мегӯяд, ки ба мо бо муҳаббат муносибат менамояд (Заб. 144:9). Ӯ ҳеҷ гоҳ моро аз madди назари Худ дур намекунад (Заб. 138:3). Тамоми ҷузъиёти ҳаёти мо барои Ӯ беаҳамият нестанд (Мат. 10:30). Ӯ ба мо лаёқатҳои эҳсос намудани ҳаловатҳои гуногунро додааст (1 Тим. 6:17б). Ӯ барои ҳаёти мо фикрҳои нек дорад (Ирм. 29:11). Ӯ моро мебахшад (Заб. 85:5). Ӯ ба мо бо сабру таҳаммул муносибат менамояд (Заб. 144:8). Худо шуморо беандоза бештар аз он чи тасаввур карда метавонед, дӯст медорад!

Ифодаи олитарини ин муҳаббат қурбонии Писари Худо барои мост. «*Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд*» (Рум. 5:8). Агар шумо донистан хоҳед, ки Худо шуморо то чӣ андоза дӯст медорад, ба Масеҳ нигаред. Ӯ дар

салиб бо дастони кушода овезон буда, гӯё чунин мегӯяд: «Ман туро то ана ҳамин дараҷа дӯст медорам! Агар бе ту зистан лозим бошад, беҳтараш Ман мемирам!»

Худо ғуломфурӯши бераҳм ва фармонравои пурхашм нест, ки зердастонро бо зӯри қувва ба итоат маҷбур кунад. Ӯ намехоҳад иродаи моро дарҳам шиканад, балки меҳрубонона даъват менамояд, илтиҷо мекунад, ки назди Ӯ оем, то ки худамон бо хости худ диламонро ба Ӯ тақдим намоем. Ӯ ба мо муҳаббат ва озодиро пешкаш менамояд, ва мо ба Ӯ тобеъ шуда, ғулом намешавем, балки озодӣ ба даст меоварем. Мо худро пурра ба Исо бахшида, пай мебарем, ки дар назди мо на фармонравои бераҳм, балки наҷотдиҳанда, на сардор, балки бародар, на ҳукмфармо, балки дӯст аст.

**Сустиҳои худро эътироф намуда**. Монеаи дуюми пурра ба Худо бахшидани худ — ғурури мост. Мо эътироф кардан намехоҳем, ки махлуқи офарида мебошем ва инони ихтиёрро дар даст надорем. Ин васвасаи қадимтарин аст: «*Ва шумо, монанди Худо хоҳед шуд*» (Ҳас. 3:5). Ин майл ба ҳаёти мо миқдори зиёди шиддат ва стресс меоварад. Ҳаёт мубориза аст, ва бисёрии одамон дарк намекунанд, ки дар асл мо, ба монанди Яъқуб, бо Худо мубориза мебарем! Мо худамон Худо будан мехоҳем, аммо имконияти дар ин муҳориба ғолиб омадан надорем.

РӮЗИ ДАҲУМ:

**ДИЛИ ПАРАСТИШ**

Э. У. Тозер* гуфтааст: «Бисёр касон маҳз аз он сабаб ҳанӯз давуғеҷ мекунанд, меҷӯянд ва қариб ба пеш ҳаракат намекунанд, ки захираҳои худро ба охир

* Эйден Уилсон Тозер (1897–1963) — илоҳиётшиноси маъруфи амрикоӣ, нависанда, воиз

нарасондаанд, то нуқтаи охирини рӯҳафтодагӣ нарасидаанд. Мо ҳанӯз кӯшиш мекунем фармонравоӣ кунем ва ба он чи Худо дар ботини мо карданист, дахолат намоем».

Мо Худо нестем ва *ҳеҷ гоҳ* Худо намешавем. Мо одамон ҳастем. Маҳз дар лаҳзаҳое ки мо «худро Худо қаламдод мекунем», беш аз ҳама ба шайтон, ки мақоми аз ҳама болотарро ишғол кардани буд, монанд ҳастем.

Мо бо ақли худ табиати махлуқонаи инсонии худро мефаҳмем, аммо дар сатҳи эҳсосот қабул намудани ин ҳақиқат осон нест. Ба сустиҳо ва маҳдудиятҳои худ рӯ ба рӯ шуда, мо ба хашм меоем, меранҷем, асабонӣ мешавем. Мо мехоҳем қадбаландтар (қадпасттар), боақлтар, боқувваттар, боистеъдодтар, зеботар, бойтар бошем. Мо мехоҳем тамоми ҷаҳонро соҳиб шавем ва ҳама кори ҷаҳонро ба ҷо оварем, ва ҳангоме ки чунин намешавад, моро хашм фаро мегирад. Сипас, ҳангоме мебинем, ки Худо ба каси дигар маҳз ҳамон сифатҳоеро додааст, ки мо надорем, мо рашк мекунем, ҳасад мебарем ва ба худ раҳмамон меояд.

**Итоати пурра чист?** Итоати пурра ба Худо — тобеияти ғайрифаъол ба воқеияти ногузир, фатализм ва баҳона барои танбалӣ нест. Ин бечуну чаро қабул намудани вазъияти ба миён омада нест. Дар баъзе мавридҳо он як чизи тамоман баръаксро талаб мекунад: масалан, ҳаёти худро қурбон намудан дар мубориза бар зидди бадӣ ва беадолатӣ. Ё азоб кашидан барои ноил шудан ба дигаргуниҳои даркорӣ. Худо бисёр вақт шахсони ба Ӯ бахшидашударо даъват мекунад, ки аз номи Ӯ ба ҷанг дароянд. Ба Худо бахшида шудан — умуман на барои буздилон ва беиродаҳост, ки ба дигарон имкон медиҳанд онҳоро поймол намоянд. Барои итоат намудан ақлро бекор кардан ва аз ҳама гуна тафаккури

мантиқӣ даст кашидан даркор нест. Ба Худо чӣ лозим аст ақлеро, ки Худаш дар мо ҷойгир намудааст, ба боди фано диҳад? Ӯ намехоҳад, ки ба Ӯ роботҳои механикии итоаткор хизмат кунанд.

Итоат маънои пахш кардани шахсиятро надорад. Худо мехоҳад маҳз ба воситаи он маҷмӯи нотакрори сифатҳо, ки Ӯ ба шумо додааст, амал намояд. Ба ҷои он, ки шахсиятро паст занад, итоаткорӣ онро амиқтар, пурратар ва ҳақиқӣ мегардонад. Клайв Люис боре гуфта буд: «Мо ҳар қадар бештар ба Худо итоат намоем, ҳамон қадар бештар ба он чи дар асл ҳастем, монанд мешавем — зеро маҳз Ӯ моро офаридааст. Маҳз Ӯ моро чунин гуногун ба нақша гирифтааст... Ва танҳо ҳамон вақте ки ман ба Масеҳ рӯ оварда, худро ба Ӯ мебахшам, бори аввал симои худи ман аён шудан мегирад».

Итоат беҳтар аз ҳама дар фармонбардорӣ зоҳир мегардад: ҳар боре ки Ӯ ягон ҳоҳиш мекунад, чунин ҷавоб додан: «Хуб, Худовандо!» Умуман, «*Не, Худовандо!*» худ аз худ ихтилоф аст. Исоро Худованд номида, дар айни замон ба Ӯ итоат накардан ғайриимкон аст. Чунин итоатро мо беҳтар аз ҳама дар намунаи Петрус мебинем, ҳангоме ки шаби дароз ва бесамар дар кӯл Исо ба ӯ фармуд, ки боз ба қаиқ нишаста, барои сайд тӯр андозад. «Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем, *лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам*» (Луқ. 5:5). Шахсоне ки худро ба Масеҳ бахшида ва тобеъ намудаанд, ҳатто дар он мавриде ки амр бароящон нофаҳмо ва бемаъно метобад, ба Каломи Худо итоат менамоянд.

Боз як ҷиҳати итоати пурра боварӣ аст. Ба Иброҳим лозим омад, ки ба роҳнамоии Худо итоат намояд, дар ҳоле ки намедонист он *ба куҷо* мебарад. Ҳанно интизори фаро расидани мӯҳлатҳои Худо буд, агарчи намедонист, ки онҳо *кай* ба анҷом ме-

расанд. Марям мӯъҷизаро интизор буд, агарчи тасаввурот надошт, ки он *чӣ гуна* ба амал меояд. Юсуф ба нақшаҳои Худо боварӣ менамуд, агарчи намедонист, ки *чаро* воқеаҳо маҳз ҳамин хел пеш меравand, на дигар хел. Ҳар яки онҳо худро пурра ба Худо бахшида буд.

Ҳангоме пай мебаред, ки аллакай ба қувват ва хиради Ӯ такя намуданро сар кардаед ва суиистифода намудани дигарон, ба онҳо бор кардани нақшаҳои худ ва назорат намудани вазъиятро бас кардаед, шумо мефаҳмед, ки ба Худованд итоат намудаед. Шумо инони ихтиёрро аз даст медиҳед, то ба Худо имкон диҳед, ки Худаш кори Худро ба ҷо оварад. Акнун ҳатман дар дасти худ доштани инони ихтиёр зарур нест. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Пеши Парвардигор хомӯш бош ва ба Ӯ умед банд*» (Заб. 36:7а). Ба ҷои саъю кӯшиши барзиёд шумо бештар ба Худо боварӣ намуданро сар мекунед. Ғайр аз ин, ба Худо итоат кардани худро он гоҳ мефаҳмед, ки ба танқид аксуламали сахт намекунед ва худро бо қатъият аз он ҳимоя наменамоед. Аз ҳама беҳтар дили итоаткор дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ зоҳир мегардад. Шумо фақат оиди худ андешиданро бас мекунед, дигаронро танг карда намебароред ва ҳуқуқи худро бо қатъият талаб намекунед.

Барои бисёр касон пули худро ба Худо бахшидан аз ҳама душвор аст. Онҳо тақрибан чунин фикр мекунанд: «Ман мехоҳам барои Худо зиндагӣ кунам, аммо ғайр аз ин, мехоҳам ба қадри кофӣ пул ба даст оварам, то ки дар некӯаҳволӣ ва роҳат зиндагӣ кунам ва дар яке аз рӯзҳо оромона ба нафақа бароям». Аммо нафақаи хуб мақсади ҳаёти ба Худо бахшидашуда буда наметавонад, зеро пул бисёр вақт рақиби Худи Худо гардида, тамоми фикру андешаи шахсро фаро мегирад. Исо гуфтааст: «*Шумо наме-*

*тавонед ба Худо ва ба мамуно* [яъне ба пул] *хизмат кунед*» (Мат. 6:24б). «*Ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд*» (Мат. 6:21).

Намунаи олитарини аз худ даст кашидан ва фидокорӣ Исо аст. Дар арафаи маслубшавӣ Ӯ Худро пурра ба иҷрои нақшаи илоҳии кафорат супурд. Ӯ чунин дуо мегуфт: «*Аббо, Падарам! Ҳама чиз ба Ту мумкин аст; ин косаро аз Ман гузарон; лекин на хоҳиши Ман, балки хости Ту бишавад*» (Марқ. 14:36).

***Итоат беҳтар аз ҳама дар фармонбардорӣ ва боварӣ зоҳир мегардад.***

Исо чун нагуфта буд: «Худоё, *агар тавонӣ*, Маро аз ин азоб раҳо кун!» Ӯ дуои Худро маҳз аз он сар кард, ки Худо ба иҷрои ҳама кор қодир аст. Ва чунин дуо мегуфт: «Худоё, агар ба манфиатҳои беҳтарини *Ту* хизмат кунад, косаи азобро аз Ман дур кун. Аммо агар марги Ман нақшаҳои *Туро* иҷро мекарда бошад, Ман низ он чиро, ки Ту мехоҳӣ, интихоб менамоям».

Итоаткории ҳақиқӣ чунин мегӯяд: «Эй Падар, агар ин мушкилӣ, беморӣ, азоб ё вазъияти ба миён омада барои иҷрои нақшаҳои Ту ва ҷалол овардан ба ҳаёти ман ё ҳаёти шахси дигар даркор бошад, хоҳиш мекунам, инро аз ман *дур накун*». Чунин сатҳи камолоти рӯҳонӣ осон ба даст намеояд. Худи Исо ҳангоми андешидан оиди маъно ва аҳамияти нақшаи Худо чунон азоб мекашид, ки дар пешонияш араќи хунин пайдо шуд. Итоат ва ба Худо бахшидани худ — меҳнати вазнин аст.

Дар мавриди мо ин муборизаи шадид ва фидокорона бар зидди табиати худпарастонаи мост.

**Итоат ҳамчун баракат**. Китоби Муқаддас возеҳу равшан мегӯяд, ки ҳангоме мо худро ба Худо бахшида ва тобеъ намуда, Ӯро парастиш менамоем, дар ҳаёти мо кадом баракатҳо пайдо мешаванд.

Аввалан, дар диламон осудагӣ пайдо мешавад: «*Пас, бо Ӯ душманӣ накун, оштӣ кун; бо ин роҳ некӯӣ ба ту хоҳад расид*» (Айюб 22:2). Дуюм, мо озодӣ ба даст меоварем: «Фармудаҳои Ӯ шуморо барои ҳаёти кушода дар озодии Ӯ озод менамоянд» (Рум. 6:17 [«The Message»]). Сеюм, дар ҳаёти мо қуввати Худо зоҳир шудан мегирад. Ҳангоме ки мо васвасаҳо ва мушкилиҳои бартарафнашавандаро ба дасти Масеҳ месупорем, Ӯ онҳоро мағлуб менамояд.

Дар арафаи муҳорибаи бузургтарин дар ҳаёти худ Еҳушаъ ибни Нун ба Худо муроҷиат намуд (Еҳуш. 5:13–15) ва назди Ӯ ба рӯй афтода, парастиш намуд ва ҳамаи нақшаҳову мақсадҳои худро ба Ӯ супурд. Ин итоаткорӣ боиси ғалабаи ҳайратовар бар Ериҳӯ шуд. Итоат қувваи моро кам намекунад, балки баръакс, моро устувор мегардонад. Агар худро ба Худо супорем, метавонем натарсем, ки ба ягон кас ё чизи дигар итоат карданамон лозим меояд. Уилям Бут, асосгузори Лашкари Наҷот, гуфтааст: «Қувваи инсон бо дараҷаи итоаткории ӯ чен карда мешавад».

Маҳз ба воситаи касоне ки худро пурра ба Ӯ бахшидаанд, Худо бо тавоноии бештар амал менамояд. Худо на аз сабаби махсусан боистеъдод, зебо ё сарватманд будани Марям ӯро интихоб намуд, то модари Исо шавад, балки аз он сабаб, ки Марям худро пурра ба Худо бахшид, супурд. Ҳангоме ки фаришта нақшаи ҳайратовари Худоро ба Марям фаҳмонд, ӯ оромона ҷавоб дод: «*Ман дар ихтиёри Худо ҳастам. Бигузор ҳамааш ҳамон тавре ки ту гуфтӣ, шавад*» (Луқ. 1:38). Ҳеҷ чиз аз ҳаёти инсонӣ, ки ба дасти Худо супурда шудааст, тавонотар нест. «*Пас, ба Худо итоат намоед*» (Яъқ. 4:7).

**Ин беҳтарин тарзи зиндагист**. Ҳар яки мо худро ба касе ё чизе мебахшад, месупорад. Агар шумо худро ба Худо насупоред, ҳатман ба нуқтаи назари

ҷамъият, пул, ранҷиш, ғурур, шаҳват ё худпарастӣ тобеъ мешавед. Мо барои парастиш офарида шудаем, ва агар дар назди Худои зинда таъзим накунем, барои худ ҳатман худоёни (бутҳои) дигарро, ки ба онҳо тобеъ шудан мумкин аст, меофарем. Шумо ихтиёр доред, ки ба кӣ тобеъ шавед, аммо аз натиҷаҳои интихоби худ озод нестед. Илай Стенлӣ Ҷонс* гуфтааст: «Агар ба Масеҳ итоат накунӣ, ба бесарусомонӣ итоат карданат лозим меояд».

***Итоат ба Худо на танҳо беҳтарин тарзи зиндагист; он ягона роҳи ҳаётии имконпазир мебошад. Ҳама роҳҳои дигар беҳудаанд.***

Итоат ба Худо на танҳо беҳтарин тарзи зиндагист; он *ягона роҳи ҳаётии имконпазир* мебошад. Ҳама роҳҳои дигар беҳудаанд. Ҳама роҳҳои дигар ҳатман бо парешонҳолӣ, ноумедӣ ва худвайронкунӣ анҷом меёбанд. Дар тарҷумаи синодии Китоби Муқаддас чунин бахшидашавӣ ба Худо «*хизматгузории оқилона*» (Рум. 12:1) номида шудааст. Дар тарҷумаи нави «Новая Весть» ҳамин фикр чунин баён карда шудааст: «*Танҳо ҳамин гуна хизматгузорӣ ҳақиқатан рӯҳонист*». Ба Худо бахшидани ҳаёти худ — на майли бефикронаи эҳсосотӣ, балки рафтори оқилонаи даркшуда, дурусттарин қарор аст, ки инсон дар ҳаёти худ қабул карда метавонад. Аз ҳамин сабаб Павлус гуфта буд: «*Ва ба ин сабаб беш аз ҳама хоҳиш дорем, ки хоҳ дар хона бошем ва хоҳ дар ғурбат, ба Ӯ писанд оем*» (2 Қӯр. 5:9).

Оқилонатарин лаҳзаҳои мавҷудияти заминии шумо ҳамон лаҳзаҳо мебошанд, ки худро бошууруна ба Худо тобеъ менамоед.

---

* Илай Стенлӣ Ҷонс (1881–1983) — миссионер ва башоратдиҳандаи маъруфи амрикоӣ.

Шояд барои ин ба шумо солҳои зиёд даркор мешаванд, аммо ягон вақт мефаҳмед, ки монеаи ҷиддитарин барои баракатҳои Худо дар ҳаёти шумо — на атрофиён, балки худатон мебошед: худсарӣ, ғурури якравона ва ҳавобаландии шумо. Агар доимо танҳо оиди нақшаҳо ва ниятҳои худ андеша намоед, иҷрои таъйиноти Худо барои ҳаётатон ғайриимкон мегардад.

Агар хоҳед, ки Худо дар шумо дигаргуниҳои ботинии ҳақиқӣ ба амал оварад, маҳз аз ҳамин сар кардан лозим меояд. Бинобар ин ҳама чизро: таассуф оиди гузашта, мушкилоти ҳозира ва нақшаҳо барои оянда, тарсҳо, орзуҳо, сустиҳо, ранҷишҳо, одатҳо ва комплексҳои худро ба Ӯ диҳед. Дастро аз чанбараки идоракунии ҳаёти худ дур кунед, ва бигузор Масеҳ ҷои капитани киштии ҳаёти шуморо ишғол намояд. Натарсед: агар Ӯ чизеро ба даст гирад, бесарусомонӣ ва беназоратӣ нахоҳад буд! Агар Худи Масеҳ шуморо таълим диҳад ва аз пояш барад, шумо комилан ҳама чизро паси сар карда метавонед. Ва он гоҳ ба монанди ҳаввори Павлус чунин гуфта метавонед: «*Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки моро қувват мебахшад*» (Фил. 4:13).

Барои ҳаввори Павлус лаҳзаи таслимшавии беқайду шарт ва итоат дар роҳи Димишқ фаро расид, пас аз он ки рӯшноии чашмхиракунанда ӯро аз пой афтонд. Барои ҷалб намудани диққати дигарон воқеаҳои на он қадар драматикӣ низ кофӣ мебошанд. Ба ҳар ҳол, чунин таслимшавӣ ҳеҷ гоҳ ба таври доимӣ ва бебозгашт ба амал намеояд. Павлус навишта буд: «*Ман ҳар рӯз бо марг рӯ ба рӯ мешавам*» (1 Қӯр. 15:31). Лаҳзаи итоат ва ба Худо бахшидани худ як чиз аст, ва чизи дигар — амалияи он, ки ҳар рӯз то охири ҳаёт ба амал оварда мешавад. Бо қурбонии зинда кор душвор аст, он доимо кӯшиш мекунад аз қурбонгоҳ хазида фарояд, бинобар ин

шояд ба шумо лозим меояд, ки дар як рӯз то панҷоҳ бор худро ба Худо бахшед. Ин бояд одати ҳаррӯзаи шумо гардад. Исо гуфта буд: «*Агар касе аз пайи Ман омадан хоҳад, бигузор худро фаромӯш кунад ва ҳар рӯз салиби худро бардошта гардад — он гоҳ Ӯ Маро пайравӣ менамояд*» (Луқ. 9:23).

Иҷозат диҳед шуморо огоҳ намоям: «Агар қарор диҳед, ки худро пурра ба Худо бахшида, дар итоат ба Ӯ зиндагӣ кунед, ин азми шумо борҳо ба озмоишҳо рӯ ба рӯ мешавад. Гоҳо вазифаҳои пурташвиш, дилнокаш, мураккаб ва дар назари аввал ғайриимконро иҷро намуданатон лозим меояд. Бисёр вақт лозим меояд, ки бар хилофи хоҳишҳои худ амал намоед.

Яке аз сарварони бузургтарини масеҳӣ дар асри XX Билл Брайт, асосгузори ташкилоти байналмилалии «Кампус барои Масеҳ» буд. Ба шарофати ҳамкорони ӯ, китобчаи хурди «Чор қонуни рӯҳонӣ» ва филми «Исо» (ки онро аллакай зиёда аз чор миллион кас тамошо кардаанд) зиёда аз саду панҷоҳ миллион кас ба Масеҳ имон оварданд, ва дар абадият бо Масеҳ хоҳанд буд.

Боре ман аз Билл пурсидам: «Бигӯ, чаро Худо ҳаёти туро ба чунин тарзи тавоно истифода бурд ва баракат дод?» «Ҳанӯз дар ҷавонӣ, — гуфт ӯ, — ман бо Худо аҳдномае баста будам. Ман ба маънои ҳақиқӣ онро дар як варақ навишта, дар зери он имзо гузоштам. Дар он навишта шуда буд: “Аз ҳамин рӯз ман ғуломи Исои Масеҳ мешавам”».

Оё шумо чунин аҳдномаро имзо кардаед? Ё ҳанӯз бо Худо munоқиша ва мухолифат намуда, ҳуқуқи Ӯро ба ихтиёрдорӣ намудани ҳаёти шумо эътироф намекунед? Вақти он расидааст, ки ҳаёти худро ба файз, муҳаббат ва хиради Худо бахшед, тобеъ намоед.

## РӮЗИ ДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда:*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Дили парастиш дар он аст, ки худро пурра ба Худо супоред.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Худро.. ба Худо супоред ва андоми худро ба ихтиёри Худо вогузоред, то ки олати некӣ бошад*» (Рум. 6:13).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман кадом ҷиҳати ҳаёти худро якравона ба Худо супурдан намехоҳам?

# 11

# БА ХУДО ДӮСТИ НАЗДИК ШУДАН

*Агар бо Худо, ҳангоми душман будани худ, ба воситаи марги Писари Ӯ оштӣ карда бошем, пас, алалхусус баъд аз оштӣ кардан, мо ба воситаи ҳаёти Ӯ наҷот хоҳем ёфт.*

Рум. 9:10

Худо мехоҳад барои шумо Дӯсти беҳтарин шавад.

Муносибатҳои мо бо Худо ҷанбаҳои гуногун доранд. Худо Офаридгор, Худованд, Устод, Довар, Падар, Наҷотдиҳандаи мо ва бисёр чизҳои дигар аст (Заб. 94:6, Заб. 135:3, Юҳ. 13:13, Яҳ. 1:4, 1 Юҳ. 3:1, Иш. 33:22, Иш. 47:4, Заб. 88:27). Аммо ҳақиқати бениҳоят ҳайратовар ва аз ақл берун он аст, ки Худои Қодири Мутлақ мехоҳад Дӯсти мо шавад!

Дар боғи Адан мо муносибатҳои идеалии инсон ва Худоро мебинем: Одам ва Ҳавво дӯстони наздики Худо буданд. Ҳеҷ гуна расму оин ва маросим, ҳеҷ гуна дин набуд, танҳо муносибатҳои пурмуҳаббати Худо ва инсони офаридаи Ӯ буданд. Одамон айбдорӣ ва тарсу ҳаросро намедонистанд ва аз Худо шод мешуданд, ва Ӯ аз онҳо шод мешуд.

Мо барои он офарида шудаем, ки доимо дар иҳотаи ҳузури Худо зиндагӣ кунем, аммо баъди гуноҳкоршавии Одаму Ҳавво ин муносибатҳо аз даст рафтанд. Дар замонҳои Аҳди Қадим баъзе касон сазовори муносибати наздик ва дӯстӣ бо Худо мегардиданд. Ӯ Мусо ва Иброҳимро дӯстони Худ меномид. Довудро Ӯ «инсони мувофиқи дили Ман» номида буд. Айюб, Ҳанӯх ва Нӯҳ низ бо Худо муносибатҳои наздики дӯстона доштанд (Хур. 33:11,17, 2 Вақ. 20:7, Иш. 41:8, Яъқ. 2:23, Аъм. 13:22. Ҳас. 6:8, Ҳас. 5:22, Айюб 29:4). Аммо қисми зиёди ҳамзамонони онҳо ба Худо на дӯстона, балки бо тарс муносибат менамуданд.

Бо омадани Исо ҳама чиз дигаргун шуд. Ӯ намунаи муносибатҳои дигар, навшуда, наздикро бо Худо нишон дод. Ва акнун ба шарофати он ки Исо барои мо наҷот муҳайё намуд ва ба дилҳои мо Рӯҳулқудсро сокин намуд, ҳамаи мо дӯстони Худо шуда метавонем. Ҳангоме ки Исо дар салиб музди гуноҳҳои моро дод, пардаи маъбад, ки инсонро аз Худо ҷудо мекард, аз боло ба поён дарида, нишон дод, ки акнун одамон боз бевосита назди Худо омада метавонанд.

РӮЗИ ЁЗДАҲУМ:

## БА ХУДО ДӮСТИ БЕҲТАРИН ШУДАН

Ба коҳинони Аҳди Қадим чандин соат даркор буд, то ба вохӯрӣ бо Худо тайёр шаванд, аммо мо метавонем дар ҳар вақт назди Ӯ биёем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ меболем, ки ба василаи Ӯ алҳол оштӣ ба даст овардем*» (Рум. 5:11).

Дӯстӣ бо Худо танҳо ба шарофати файзи Худо ва қурбонии Исои Масеҳ имконпазир аст. «*Ва ҳама чиз аз ҷониби Худост, ки моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ оштӣ дод*» (2 Қӯр. 5:18а). Дар як суруди қадимӣ оиди Масеҳ чунин гуфта мешавад: «Мо чӣ гуна Дӯсте

дорем!» Аммо дар асл Худо моро даъват мекунад, ки бо ҳамаи Сегонаи Илоҳӣ муносибатҳои дӯстона дошта бошем: бо Худо-Падар (1 Юҳ. 1:3), Худо-Писар (1 Қӯр. 1:9) ва Худо-Рӯҳулқудс (2 Қӯр. 13:13).

Исо гуфтааст: «*Дигар шуморо банда намехонам, зеро ки банда намедонад, ки огояш чӣ мекунад; лекин шуморо дӯст хондаам, чунки ҳар чи аз Падар шунидаам, ба шумо баён кардам*» (Юҳ. 15:15). Дар ин оят калимаи «дӯст» на муносибатҳои тасодуфии рафиқона, балки муоширати наздик, боваринокро ифода мекунад. Дӯсти домод дар базми арӯсӣ (Юҳ. 3:29) ва доираи дохилии мушовирони муқарраб ва дӯстони подшоҳ низ бо ҳамин калима номида шудаанд. Дар дарбор хизматгорон бояд дар масофаи назаррас бошанд, аммо доираи дохилии шахсони боваринок бевосита назди фармонравои худ омада, бо ӯ муошират намуда метавонад ва маълумотҳои барои дигарон махфӣ дорад.

Барои ман тасаввур кардан душвор аст, ки Худо хост маро дӯсти наздики Худ, узви доираи дохилӣ намояд, аммо дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Парвардигор, ки номаш ғаюр аст, Худои ғаюр мебошад*» (Хур. 34:14). Дар яке аз тарҷумаҳои англисии Навиштаи Муқаддас ин оят чунин баён карда шудааст: «*Худо ба муносибатҳои шумо бо Ӯ бо ҷӯшу хурӯши ҳақиқӣ рафтор менамояд*».

Худо *хоҳони* он аст, ки мо Ӯро ҳарчи амиқтар ва наздиктар шиносем. Зиёда аз ин, Ӯ оламро чунин ташаккул додааст ва ҳамаи ҷиҳатҳои таърихро чунон ҷо ба ҷо гузоштааст, ки мо дӯстони наздики Ӯ шуда тавонем. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамаи қавмҳои насли одамизодро Ӯ аз як хун ба вуҷуд овардааст, то ки бар тамоми рӯи замин сокин шаванд, ва барои сукунати онҳо мӯҳлатҳо ва ҳудуди муайяне пешакӣ муқаррар кардааст, то ки онҳо Худоро ҷустуҷӯ кунанд ва, шояд Ӯро ёбем гӯён, кӯр-кӯрона даст- даст*

*карда нагарданд, гарчанде ки Ӯ аз ҳеҷ яке аз мо дур нест»* (Аъм. 17:26–27).

Барои мову шумо шарафи олитарин — шинохтан ва дӯст доштани Худост, ва барои Ӯ ҳаловати бузургтарин дар ҷаҳон — эҳсоси он аст, ки мо Ӯро мешиносем ва дӯст медорем. Худо мегӯяд: «*Балки каси боланда фақат бо ин биболад, ки Маро фаҳм мекунад ва мешиносад... зеро фақат ҳамин барои Ман матлуб аст», — мегӯяд Парвардигор*» (Ирм. 9:24).

Тасаввур кардан душвор аст, ки байни Худои тавоно, нонамоён, бегуноҳ ва инсони маҳдуд, фонӣ, гуноҳкор муносибатҳои наздик буда метавонанд. Муносибатҳои Хоҷа ва хизматгор, Офаридгор ва офарида ё Падар ва фарзандашро фаҳмидан хеле осонтар аст. Пас, бо Худо дӯст будан чӣ маъно дорад? Биёед ҳаёти он қаҳрамонони Китоби Муқаддасро дида мебароем, ки дӯстони Худо буданд, ва аз онҳо мефаҳмем, ки сирри муносибатҳои дӯстона бо Парвардигор дар чист? Мо оиди ду лаҳза дар ин боб, ва оиди чор лаҳзаи дигар — дар боби оянда гап мезанем.

## ЧӢ ГУНА БА ХУДО ДӮСТИ НАЗДИК ШУДАН МУМКИН АСТ

**Муоширати доимӣ**. Агар фақат ҳафтае як бор ба калисо равед ё ҳатто агар ҳар рӯз бо ӯ ягон муддати вақтро гузаронед, ҳеҷ гоҳ бо Худо муносибатҳои наздик нахоҳед дошт. Дӯстӣ бо Худо бар он бунёд мегардад, ки мо ҳамаи воқеаҳо ва азсаргузаронии ҳаёти худро ба Ӯ мерасонем.

Албатта, одати ҳар рӯз бо Худо вақт гузаронданро* ҳосил намудан лозим аст, аммо Худованд

* Ниг. боби «Вақти ҳаррӯзаро бо Худо чӣ тавр бо мақсад бояд гузаронд» дар китоби Рик Уоррен «Усулҳои омӯзиши

намехоҳат танҳо як пункт дар ҷадвали шумо бошад. Ӯ мехоҳад, ки мо Ӯро ба *ҳамаи* корҳо, ба ҳар як гуфтугӯ, ба ҳар як масъала ва ҳатто ба ҳар як фикри худ дохил намоем. Дар давоми рӯз бо Худо ба таври қатънашаванда, пайваста гап зада, бо Ӯ дар хусуси ҳар он чи *дар лаҳзаи додашуда* мекунед ва ҳар он чи оиди он андеша доред, сӯҳбат кардан мумкин аст. «*Пайваста дуо гуфтан*» (1 Тасл. 5:17) — он аст, ки ҳангоми дар мағозаҳо харид кардан, мошин рондан, кор кардан ё ба иҷро намудани корҳои дигари ҳаррӯза бо Худо гап мезанед.

Одамон барғалат гумон мекунанд, ки барои муоширот бо Худо ҳатман бо Ӯ *дар алоҳидагӣ* мондан даркор аст. Албатта, Исо зарурати ҳамин гуна дар алоҳидагӣ бо Худо вақт гузаронданро дар намунаи Худ ба мо нишон додааст, аммо ин танҳо қисми ками рӯзро ташкил медиҳад. Агар Худоро даъват намоем, ки иштирокчии *тамоми корҳои* мо гардад, ва агар ба ҳузури Ӯ ҳассос бошем, ҳамаи он корҳо «вақти бо Худо гузаронидашуда» гардида метавонанд.

Асари классикӣ оиди омӯхтани сӯҳбати доимӣ бо Худо китоби «*Таҷрибаи ҳузури Худо*» аст, ки онро дар асри XVII бародар Лоуренс (Лаврентий) навиштааст. Лоуренс дар яке аз дайрҳои Фарансо корманди оддии ошхона буд, аммо ҳатто шустани зарфҳо ва ё пӯст кардани картошка барин корҳои оддитаринро ба парастиши Худо ва муошират бо Ӯ табдил дода тавонист. Ӯ мегуфт, ки калиди дӯстӣ бо Худо на дар он аст, ки кор ва фаъолияти худро тағйир диҳем, балки дар он аст, ки *муносибати худро* ба кор ва фаъолияти худ дигаргун намоем. Шахс кореро,

---

шахсии Китоби Муқаддас», 1981. Китобро (ба забони англисӣ. «Personal Bible Study Methods» by Rick Warren) дар нишонии www.partors.com фармоиш додан мумкин аст.

ки пештар фақат барои худ мекард, акнун барои Худо мекунад, — хоҳ хӯрок хӯрад ё об нӯшад, оббозӣ кунад ё кор кунад, истироҳат намояд ё ифлосиҳоро бурда партояд.

Бисёр вақт ба мо чунин метобад, ки барои парастиши Худо бояд аз корҳои одатии ҳаррӯза «дур шавем», аммо ин танҳо аз он сабаб аст, ки мо таҷрибаи ҳузури ҳамешагии Худоро ба даст наовардаем. Барои бародар *Лоуренс* дар байни корҳои оддитарин Худоро парастиш намудан душворӣ надошт. Барои ин ба ӯ лозим набуд, ки аз ҷаҳон дур шуда, хилватнишинии махсуси рӯҳонӣ ҷӯяд.

***Барои мову шумо шарафи олитарин — шинохтан ва дӯст доштани Худост, ва барои Ӯ ҳаловати бузургтарин дар ҷаҳон — эҳсоси он аст, ки мо Ӯро мешиносем ва дӯст медорем.***

Худо маҳз ҳаминро дидан мехоҳад. Дар боғи Адан парастиш ягон чорабинии алоҳидае набуд, ки дар он иштирок намудан ҳатмӣ бошад, балки ҳолати доимии дил буд. Одам ва Ҳавво ҳамеша ва пайваста бо Худо муоширот доштанд. Азбаски Худо доимо дар назди мост, ҷоеро пайдо кардан ғайриимкон аст, ки бо Ӯ аз ҳозира наздиктар бошед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Як Худо ва Падари ҳама, ки Ӯ бар болои ҳама чиз, ба воситаи ҳама чиз ва дар ҳама чиз мебошад*» (Эфс. 4:6).

Боз як фикри хеле фоиданоки бародар *Лоуренс* он аст, ки дар давоми рӯз *пайваста* дуоҳои кӯтоҳ ва оддӣ гуфтан беҳтар аз он аст, ки соатҳои дарозро дар дуогӯиҳои дуру дароз ва мураккаб гузаронед. Барои нигоҳ доштани диққат ва пешгирӣ намудани парешонии фикр ӯ гуфтааст: «Ба шумо маслиҳат намедиҳам, ки дар дуо сергап бошед. Сергапӣ ва сӯҳбатҳои дуру дароз аксаран нишонаи па-

решонфикрӣ мебошанд»*. Дар замони паҳншавии синдроми вайроншавии диққат маслиҳат оиди тарзи барканор будан аз парешонфикрӣ махсусан муҳим аст, агарчи он 450 сол пеш гуфта шудааст.

Китоби Муқаддас ба мо мефармояд, ки «*пайваста дуо гӯем*» (1 Тасл. 5:17). Инро дар амал чӣ тавр ба ҷо овардан мумкин аст? Бисёр масеҳиён дар давоми тамоми рӯз «дуои бо як нафас гуфташаванда» -ро истифода мебаранд. Шахс ҷумла ё ибораи кӯтоҳи ба Исо нигаронидашударо интихоб мекунад, ки онро бо як нафас такрор кардан мумкин аст, масалан, «Ту бо ман ҳастӣ», «Ман файзи Туро қабул мекунам», «Ман ба Ту таваккал мекунам», «Ман Туро дарк намудан мехоҳам», «Ман аз они Ту ҳастам», «Ба ман ёрӣ деҳ, ки ба Ту боварӣ кунам». Ҳамчунин порчаҳои кӯтоҳи Навиштаи Муқаддасро истифода бурдан мумкин аст: «Барои ман ҳаёт Масеҳ аст», «Ту ҳеҷ гоҳ маро тарк намекунӣ», «Ту Худои ман ҳастӣ». Ҳарчи бештар бо ин суханон дуо гӯед, то ки онҳо дар дилатон чуқур ҷой гиранд. Фақат аҳамият диҳед, ки ҳамаи инро на барои суиистифодаи Масеҳ, балки барои иззату эҳтироми Ӯ ба ҷо оваред.

***Агар Худоро даъват намоем, ки иштирокчии тамоми корҳои мо гардад, ва агар ба ҳузури Ӯ ҳассос бошем, ҳамаи он корҳо «вақти бо Худо гузаронидашуда» гардида метавонанд.***

Таҷрибаи ҳузури Худо — малака, одатест, ки онро ҳосил намудан мумкин аст. Чуноне ки муси-

* Иқтибос аз китоби зикршудаи бародар Лоуренс, ки тарҷумаи русии он «Практика Божего присутствия» ном дорад. Номаи ҳаштумро шумо дар интернет-магазини Ҷамъияти Украинии Файз дар нишонии http://christ4you.org/shop фармоиш дода метавонед. Версияи электронии матни китобро дар нишонии http:// www.ccel.org/1/lawrence/ practice.htm ёфта метавонед.

қанавозон ҳар рӯз гаммаҳоро менавозанд, то ки мусиқии мураккабтарин ва зеботаринро ба осонӣ навохта тавонанд, шумо бояд худро водор намоед, ки дар давоми рӯз пайваста оиди Худо фикр кунед. Шумо бояд ақли худро ёд диҳед, ки Худоро дар ёд нигоҳ дорад.

Дар аввал лозим меояд, ки барои худ ёдрасиҳо фикр карда бароред, то фикри худро доимо ба дарки ҳузури Худо дар ҳамин лаҳза баргардонед. Аввал дар атрофи худ ёдрасиҳои ба назар мерасида ҷойгир намоед. Масалан, ба девор варақеро бо чунин суханон часпонед: «*Дар ҳамин лаҳза Худо бо ман ва ҳамроҳи ман аст!*» Роҳибони бенедиктӣ садои занги соатро истифода мебаранд, то ки «дуои ҳарсоата» гӯянд. Агар дар соати дастӣ ё телефони мобилии шумо садои занг бошад, ба намунаи онҳо пайравӣ карда метавонед. Агар мусулмонон панҷ вақт ба зону истода дуо гуфта тавонанд, аз дасти мо низ ин кор меояд.

Агар ба воситаи ҳамаи ин машқҳои рӯҳонӣ шумо як навъ *аз сар гузарондани* ҳузури Худоро ба даст овардан хоҳед, шумо тамоман на чизи даркориро меҷӯед. Худоро барои майлу ҳавасҳои худ идора кардан ё кор фармудан ғайриимкон аст. Мо Худоро на барои эҳсосоти гуворо, балки барои иҷрои амали неки ҳақиқӣ ҳамду сано мегӯем, ва на ба эҳсосот саъй менамоем, балки ба дарки доимии воқеияти ҳақиқии он ки Худо ҳамеша дар назди мост.

**Андешарониҳои доимӣ:** Воситаи дуюми барпо намудан ва инкишоф додани муносибатҳои дӯстона бо Худо — дар давоми рӯз оиди Каломи Ӯ фикр кардан аст. Китоби Муқаддас инро «андешаронӣ» меномад ва гаштаву баргашта ба мо мефармояд, то оиди он андешаронӣ намоем, ки Худои мо чӣ гуна аст, Ӯ чӣ кор кардааст ва чӣ гуфтааст (Заб. 22:4, Заб. 142:5, Заб. 144:5, Еҳуш. 1:8, Заб. 1:2).

Агар *чӣ гуфтани Худоро* надонед, дӯсти Худо буданатон ғайриимкон аст. Агар Худоро надонед, дӯст доштани Ӯ ғайриимкон аст, ва Ӯро танҳо дар он маврид донистан мумкин аст, ки Каломи Ӯро донед. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки Худо «*бо сухани Парвардигор бар Самуил зоҳир шуд*» (1 Подш. 3:21). Ва ҳозир Худо ба мо Худро айнан ҳамин тавр ошкор менамояд. Мо тамоми рӯзро бо омӯзиши Китоби Муқаддас гузаронида наметавонем, лекин оиди он чи дар он гуфта шудааст, тамоми рӯз андешаронӣ карда, оятҳои хондаамон ва аз ёд кардаамонро ба хотир оварда метавонем.

Баъзеҳо гумон мекунанд, ки андешаронӣ (ё *медитация,* чуноне ки гоҳо меноманд) маросими мураккаб ва пурасрор аст, ки танҳо баъзе роҳибон ва сӯфиён ба ҷо меоваранд. Аммо дар асл ин фақат лаёқати бо диққат андеша намудан аст, ва инро ҳар кас ёд гирифта метавонад.

Ҳангоме ки мо гаштаву баргашта ин ё он масъаларо дар хотир чарх мезанонем, ин хавотиршавӣ ном дорад. Аммо ҳангоме ки мо гаштаву баргашта фикран ба Каломи Худо бармегардем, ин андешаронӣ ном дорад. Агар шумо хавотир шуда тавонед, пас андешаронӣ кардан ҳам метавонед! Фақат диққатро аз аз мушкилот дур карда, ба оятҳои Китоби Муқаддас равона кардан лозим аст. Мо ҳар қадар бештар оиди Каломи Худо андешаронӣ кунем, ҳамон қадар камтар хавотир мешавем.

Худо Айюб ва Довудро дӯстони наздики худ меномид, зеро онҳо Каломи Ӯро беш аз ҳама чизи дигар қадр мекарданд ва эҳтиром менамуданд ва дар давоми тамоми рӯз оиди он андешаронӣ менамуданд. Ин ба Худо ҳаловати беандоза меоварад (Заб. 103:34). «*Аз ҳукми лабҳои Ӯ дур нашудаам; суханони даҳони Ӯро бештар аз қоидаҳои худ нигоҳ доштаам*»

(Айюб 23:12) — гуфта буд Айюб, ва Довуд нидо мекард: «Шариати Туро чӣ сон дӯст медорам! Тамоми рӯз фикру хаёлам дар бораи он аст» (Заб. 118:97).

Дӯстон ба якдигар асрори худро мегӯянд, ва агар шумо одати дар давоми рӯз оиди Каломи Худо андешаронӣ намуданро дар худ инкишоф диҳед, Ӯ низ асрори Худо ба шумо ошкор менамояд. Худо ба Иброҳим, Довуд, Павлус, дувоздаҳ шогирд ва дигар касоне ки Ӯ дӯстони Худ меҳисобид, асрори Худро ошкор менамуд (Ҳас. 18:17, Дон. 2:19. 1 Қӯр. 2:7–10).

Ҳангоме ки Китоби Муқаддасро мехонед, мавъизаро дар калисо ё аз кассета гӯш мекунед, чизҳои хонда ва шунидаатонро баробари пӯшондани китоб ё хомӯш кардани магнитофон ё аз калисо баромадан фаромӯш накунед. Худро ба он одат кунонед, ки ба ҳақиқати фаҳмидаатон бозгардед, оиди он гаштаву баргашта андеша намоед. Оиди гуфтаҳои Парвардигор ҳар қадар бештар андешаронӣ намоед, он «асрор»-и ҳаётиро, ки аксари одамон, мутаассифона, аз даст медиҳанд, беҳтар мефаҳмед. «*Сирри Парвардигор бо тарсгорони Ӯст, ва паймони Худро ба онҳо маълум мекунад*» (Заб. 24:14).

Дар боби оянда мо боз чор принсипро дида мебароем, ки ба мо имкон медиҳанд муносибатҳои дӯстонаро бо Худо инкишоф диҳем, аммо то пагоҳ интизор шудани шумо лозим нест. Аллакай ҳамин рӯз сар кунед ва кӯшиш кунед, ки дар давоми рӯз пайваста бо Худо сӯҳбат намоед ва оиди Каломи Ӯ андешаронӣ кунед. Дуо ба мо имкон медиҳад, ки бо Худо гуфтугӯ намоем, ва андешаронӣ ба Ӯ имкон медиҳад, ки бо мо гуфтугӯ намояд. Ҳам ин ва ҳам он барои дӯсти наздики Худо шудан комилан зарур аст.

## РӮЗИ ЁЗДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Худо мехоҳад Дӯсти беҳтарини ман шавад.

**Оят барои аз ёд намудан**: *«Сирри Парвардигор бо тарсгорони Ӯст»* (Заб. 24:14а).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман чӣ гуна метавонам ба худ ёдрас намоям, ки дар давоми рӯз оиди Худо бештар фикр кунам ва бо Ӯ сӯҳбат намоям?

# 12

# МУНОСИБАТҲОИ ДӮСТОНАРО БО ХУДО ИНКИШОФ ДОДА

*...Бо росткорон Ӯ маҳрами асрор аст.*

Мас. 3:32б

*Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд.*

Яъқ. 4:8а

Дараҷаи наздикии шумо ба Худо ба *хоҳиш ва қарор*атон вобаста аст.

Дӯстии наздик бо Худо, чун ҳама гуна дӯстии дигар, кӯшишҳо ва меҳнатро металабад. Он тасодуфан ба вуҷуд намеояд. Барои он хоҳиш, қувва ва вақт даркор аст. Агар ҳақиқатан ба муносибатҳои амиқ ва наздик бо Худо майл дошта бошед, бояд оиди ҳиссиёти худ ба Ӯ софдилона нақл кардан, ба Ӯ боварӣ намудан ҳангоме ки Ӯ аз шумо ягон хоҳиш мекунад, бо ҳам дидани ташвишҳо ва ғамхориҳои Ӯ, ва низ беш аз ҳама хоҳони дӯстӣ бо Ӯ буданро ёд гиред.

**Ман бояд ба таври қатъӣ қарор диҳам, ки дар назди Худо то ҳадди имкон софдил бошам**. Аввалин хишт барои бунёд намудани дӯстии ҳақиқатан

амиқ бо Худо — нисбати ҳамаи он чи ба эҳсосот ва гуноҳҳои мо дахл дорад, комилан софдил будан аст. Худо аз мо камолоти бенуқсон талаб намекунад, аммо ростгӯии пурраро талаб менамояд. Ҳеҷ як дӯсти Худо, ки дар Китоби Муқаддас тасвир ёфтааст, бегуноҳ набуд. Агар барои дӯстӣ бо Худо камолот даркор мебуд, ҳеҷ кадоми мо ба Ӯ наздик шуда наметавонист. Хушбахтона, Исо ҳоло низ «*дӯсти гуноҳкорон аст*» (Мат. 11:19).

Дар Китоби Муқаддас дӯстони Худо оиди ҳиссиёти худ софдилона гап мезаданд, гоҳо шиква менамуданд, нуқтаи назари худро дигаргун мекарданд, аксуламали Худоро пешакӣ фаҳмиданӣ мешуданд, ҳатто Офаридгори худро айбдор менамуданд ва бо Ӯ баҳс мекарданд. Аммо аз афти кор, Худо аз ин ошкорбаёнӣ на он қадар ба ташвиш меомад. Зиёда аз ин, Ӯ дӯстонашро ба ин амал ҳаматарафа ҳавасманд менамуд.

Худо ба Иброҳим имкон дод, ки дар хусуси хароб намудани Садӯм ба Ӯ саволҳо диҳад ва бо Ӯ баҳс кунад. Иброҳим ба Худо ҳар гуна саволҳо медод, ки барои наҷот додани шаҳр чӣ кор кардан даркор аст ва ҳатто бо Ӯ савдо мекард, то даме ки миқдори даркории росткоронро аз панҷоҳ ба даҳ нафар расонд.

Ҳангоме ки Довуд гаштаву баргашта Худоро дар беадолатӣ ва хиёнат айбдор менамуд ва шиква мекард, ки Худо ӯро тарк намудааст, Худо ҳамин гуна пурсаброна суханони Довудро гӯш мекард. Ҳангоме ки Ирмиё Худоро дар фиребу найранг айбдор намуд, Худо ӯро зарба назад. Ба Айюб имкон дода шуд, ки ҳангоми азобҳояш озодона дилашро холӣ кунад, ва дар охир Худо Айюбро ба шарофати ростгӯияш сафед кард, ва дӯстони ӯро сарзаниш намуд, зеро ҳамин гуна ростгӯй набуданд. Ӯ гуфт: «*Барои худ қурбонии сӯхтанӣ бароваред, ва бандаи Ман Айюб барои шумо дуо хоҳад гуфт, зеро ки фақат ӯро хоҳам шунид,*

*мабодо подоши бадии шуморо ба шумо бирасонам, чунки дар бораи Ман мисли бандаи Ман Айюб сухани дуруст нагуфтед»* (Айюб 42:8б).

Дар як мисоли муоширати ҳайратовар ва наздик (Хур. 33:1–17) Худо ошкоро нафрати худро аз беитоатии исроилиён изҳор намуд. Ӯ ба Мусо гуфт, ки ваъдаашро оиди ба онҳо додани Замини Ваъдашуда ба ҷо меоварад, аммо *Худаш* дигар ҳамроҳи онҳо қадаме намегузорад! Ҳамаи ин ба дили Худо зад, ва Ӯ ба Мусо ошкоро оиди эҳсосоти Худ гуфт.

***Худо аз мо камолоти бенуқсон талаб намекунад, аммо ростгӯии пурраро талаб менамояд.***

Мусо ба Худо «*чунон ки касе бо ёри худ сухан меронад*» (Хур. 33:11) мурочиат намуда, ба Ӯ бо ҳамин гуна самимият ҷавоб медиҳад: «*Ва Мусо ба Парвардигор гуфт: «Инак, Ту ба ман мегӯӣ: «Ин қавмро бибар», вале Ту маро огоҳ накардаӣ, ки ҳамроҳи ман киро мефиристӣ, агарчи гуфтаӣ: «Ман туро ба номат шинохтаам, ва ту дар назари Ман илтифот ёфтаӣ». Ва алҳол, агар ман дар назари Ту илтифот ёфта бошам, лутфан, роҳҳои Худро ба ман маълум намо, то ки Туро бишносам ва дар назари Ту илтифот ёбам; ва Ту ба эътибор гир, ки ин мардум қавми Ту ҳастанд». Ва Ӯ гуфт: «Худам хоҳам омад, то ки ба ту оромӣ бахшам». Ва ба Ӯ гуфт: «Агар Худат наоӣ, моро аз ин ҷо набар. Зеро, аз чӣ маълум шавад, ки ман ва қавми Ту дар назари Ту илтифот ёфтаем? Оё на аз он ки Ту бо мо биёӣ? Ва дар он сурат ман ва қавми Ту аз ҳамаи қавмҳое ки дар рӯи замин ҳастанд, мумтоз хоҳем шуд». Ва Парвардигор ба Мусо гуфт: «Ин корро низ, ки гуфтаӣ, Ман хоҳам кард, зеро ки ту дар назари Ман илтифот ёфтаӣ, ва Ман туро бо номат шинохтаам»* (Хур. 33:12–17).

Оё Худо ба ҳамин гуна ростгӯии ошкоро ва пурэҳсоси мо тоб оварда метавонад? Албатта! Дӯстии

ҳақиқӣ бар самимият бунёд карда мешавад. Он чи дар назари мо густохӣ ё ҳатто бешармӣ метобад, Худо *ҳақиқатнигорӣ, ростгӯӣ* меҳисобад. Худо суханони пурҳарорати дӯстони Худро гӯш мекунад, аммо аз формулаҳои одатии зоҳидона дилгир мешавад. Барои дӯсти Худо шудан шумо бояд бо Ӯ ошкоро гап занед, ба Ӯ ҳиссиёти воқеии худро ошкор намоед, на он чиро, ки ба гумонатон, бояд эҳсос намоед ё ба забон оваред.

Шояд лозим меояд иқрор шавед, ки барои баъзе ҷиҳатҳои ҳаёти худ, ки аз боиси онҳо худро бенасиб ё фиребхӯрда меҳисобед, аз Худо дар хашм ҳастед ё ранҷидаед. То даме ки мо ҳақиқатанболиғ шуда, дарк накунем, ки Худо *ҳама чизро* дар ҳаёти мо барои некӯӣ истифода мебарад, мо пинҳонӣ аз ӯ хашмгин шуданро давом медиҳем: барои намуди зоҳирии худ ё дар куҷо ва чӣ гуна таваллуд шуданамон, барои дуоҳои беҷавоб, барои ранҷишҳои гузашта ё ягон чизи дигар, ки агар мо ба ҷои Ӯ мебудем, ҳатман дигаргун мекардем. Одамон гоҳо барои он ки шахсони дигар онҳоро ранҷондаанд, Худоро айбдор мекунанд. Дар натиҷа он чи пайдо мешавад, ки Уилям Бакус* «ҷудоии ниҳонӣ аз Худо» меномад.

***Ранҷиш монеаи ҷиддитарин дар муносибатҳои мо бо Худост.***

Ранҷиш монеаи ҷиддитарин дар муносибатҳои мо бо Худост. Агар Ӯ дар ҳаёти ман ба *ин воқеа* роҳ дода бошад, бо Ӯ чӣ гуна дӯстӣ карда метавонам? Албатта, позаҳри чунин андешаҳо дарки он хоҳад буд, ки Худо ҳамеша ба манфиати мо амал мекунад, ҳатто агар дар айни замон мо дарди сахтро ҳис кунем ва фаҳмида натавонем, ки чӣ рӯй дода истодааст. Аммо агар

* Уилям Бакус — психологи масеҳии амрикоӣ, ҷонибдори психологияи когнитивӣ

шумо ранҷиши худро ба Худо баён намоед ва ҳиссиёти худро ба Ӯ ошкор кунед, ин қадами аввалин ба сӯи шифоёбӣ хоҳад буд. Ба Худо фикрҳои худ ва он чиро, ки эҳсос менамоед, ошкоро гӯед. (Айюб [Айюб 7:17–21], Ософ [Заб. 72:13], Ирмиё [Ирм. 20:7], Ноомӣ [Рут 1:20]).

Барои ба мо ёд додани ростгӯии самимӣ Худо ба мо Забурро додааст, ки як навъ воситаи таълимӣ оиди парастиш буда, дар он фарёдҳои баланд, шубҳаҳо, тарсҳо, ранҷишҳо ва дигар эҳсосоти амиқ бо ҳамроҳии шукргузорӣ, ҳамду сано ва эътирофи имон бешуморанд. Дар Забур ҳамаи эҳсосоти ба инсон маълумро пайдо кардан мумкин аст. Эътирофи гарми Довуд ва дигар таронасароёнро хонда, дар ёд нигоҳ доред, ки Худо аз шумо низ маҳз ҳамин гуна парастишро интизор аст. Ӯ мехоҳад, ки шумо фикрҳои худ, ҳиссиёти худро аз Ӯ пинҳон надоред. Шумо ба монанди Довуд дуо гуфта метавонед: «*Андӯҳамро пеши Ӯ изҳор намудам; тангиамро пеши Ӯ баён карда, вақте ки рӯҳам дар ман аз ҳол мерафт*» (Заб. 141:2–3а).

Барои ман он ҳақиқат тасаллибахш аст, ки ба ҳамаи дӯстони наздиктарини Худо — Мусо, Довуд, Иброҳим, Айюб ва дигарон — лозим меомад, ки бо шубҳаҳо мубориза баранд. Аммо ин шахсон ба ҷои он ки шубҳаҳои худро бо суханони зоҳидона пинҳон кунанд, онҳоро дар назди ҳама баён менамуданд. Баён намудани ин шубҳаҳо аксар вақт қадами навбатӣ ба сӯи наздикии бештар бо Худо мегардад.

**Ман бояд қатъиян қарор диҳам, ки дар имон ба Худо итоат менамоям**. Ҳар боре ки ба хиради Худо боварӣ мекунед ва гуфтаҳои Ӯро ба ҷо меоваред, ҳатто агар на он қадар фаҳмед, ки ин барои чӣ даркор аст, шумо муносибатҳои худро бо Худо устувор ва амиқ мегардонед. Одатан мо фармонбардориро нишонаи дӯстӣ намеҳисобем, зеро он барои

мо як қисми муносибатҳо на бо дӯстон, балки бо волидон, муаллимон, роҳбарият ё ҳамкорони калонсол аст. Аммо Исо ба мо возеҳу равшан фаҳмондааст, ки фармонбардорӣ шарти ҳатмии дӯстӣ бо Худо мебошад. Ӯ гуфтааст: «*Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред*» (Юҳ. 15:14).

Дар боби гузашта ман аллакай гуфта будам, ки доираи дохилии дарбориёни подшоҳро низ бо ҳамон калимаи «дӯстон», ки Исо нисбати шогирдони Худ истифода бурдааст, ифода намудан мумкин аст. Агарчи ин муқаррабон имтиёзҳои махсус доранд, ба ҳар ҳол тобеони подшоҳ мебошанд ва бояд ба фармонҳои ӯ итоат намоянд. Мо дӯстони подшоҳ ҳастем, аммо бо Ӯ баробар нестем. Ӯ бо муҳаббат моро аз пайи Худ мебарад, ва мо Ӯро пайравӣ менамоем.

Мо на аз боиси вазифашиносӣ, на аз боиси тарс ё маҷбурият, балки аз он сабаб ба Худо итоат менамоем, ки Ӯро дӯст медорем ва боварӣ дорем, ки ӯ беҳтар медонад, ки чӣ тавр ба мо неъмати олитаринро диҳад. Мо мехоҳем Масеҳро аз боиси миннатдорӣ барои ҳамаи он чи Ӯ ба мо кардааст, пайравӣ намоем. Ва ҳар қадар Ӯро қатъитар пайравӣ намоем, дӯстии мо бо Ӯ ҳамон қадар наздиктар мешавад.

РӮЗИ ДУВОЗДАҲУМ

## МУНОСИБАТҲОИ ДӮСТОНАРО БО ХУДО ИНКИШОФ ДОДА

Беимонон аксар вақт гумон мекунанд, ки масеҳиён ба Худо аз рӯи вазифашиносӣ, ҳисси айбдорӣ ё тарси ҷазо итоат менамоянд, аммо дар асл тамоман ин тавр нест. Азбаски Худо моро бахшида, аз азоб озод намудааст, мо хости Ӯро аз рӯи муҳаббат ба ҷо меоварем, ва фармонбардории мо ба Ӯ хурсандии беандоза меоварад! Исо гуфтааст: «*Чунон ки Падар Маро дӯст доштааст, Ман низ*

*шуморо дӯст доштаам; дар муҳаббати Ман бимонед. Агар аҳкоми Маро риоят кунед, дар муҳаббати Ман хоҳед монд, чунон ки Ман аҳкоми Падари худро риоят кардам, ва дар муҳаббати Ӯ мемонам. Инро ба шумо гуфтам, то ки шодии Ман дар шумо бимонад ва шодии шумо комил бошад*» (Юҳ. 15:9–11).

Аҳамият диҳед: Исо аз мо танҳо онро интизор аст, ки Худаш нисбати Падар ба ҷо овардааст. Муносибатҳои Ӯ бо Худо-Падар ба таври аёнӣ нишон медиҳанд, ки дӯстии мо бо Ӯ бояд чӣ гуна бошанд. Исо ҳамаи он чиро, ки Падар ба Ӯ фармуда буд, ба ҷо меовард ва ба Ӯ аз рӯи муҳаббат итоат менамуд.

Дӯстии ҳақиқӣ ғайрифаъол намешавад. Он амал менамояд. Ҳангоме Исо аз мо хоҳиш мекунад, ки наздиконро дӯст дорем, ба бенавоён ёрӣ расонем, аз дорои худ диҳем, ҳаёти худро дар покӣ нигоҳ дорем, ранҷонандагонро бахшем ва одамони бештарро назди Ӯ оварем, муҳаббат моро водор мекунад, ки дарҳол ба Ӯ итоат намоем.

Моро бисёр вақт даъват мекунанд, ки барои Худо «*корҳои бузург*» ба ҷо оварем. Аммо дар асл ба Худо дидани он бештар маъқул аст, ки мо корҳои хурди худотарсиро аз боиси муҳаббат ва фармонбардорӣ ба амал меоварем. Шояд атрофиён онҳоро пай намебаранд, аммо онҳо ба Худо маълуманд, ва Ӯ онҳоро чун парастиши мо қабул менамояд.

Имкониятҳои бузург дар назди мо танҳо як бор дар зиндагӣ ба даст омада метавонанд, аммо барои иҷрои корҳои хурд мавридҳои муносиб ҳар рӯз ҳастанд. Ҳатто корҳои оддитарин, ба монанди ростгӯӣ, марҳамат ба ягон шахс ё кӯшиши рӯҳбаланд намудани ӯ боиси табассуми Худо мегарданд. Корҳои оддии итоат барои Худо назар ба дуоҳо, ҳамду сано ё хайрот аҳамияти бештар доранд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Оё барои Пар-*

*вардигор қурбониҳои сӯхтанӣ ва забҳҳо ончунон дилхоҳ аст, чунон ки шунидани овози Парвардигор? Шунидан, охир, аз забҳ хубтар аст, ва гӯш андохтан — аз чарбуи кӯчқорон»* (1 Подш. 15:22).

Исо хизматгузории Худро дар синни 30-солагӣ, назди Яҳё барои ғӯтаи таъмид омада, сар кардааст. Дар он лаҳза Худо аз Осмон гуфт: «*Ин Писари дӯстдоштаи Ман аст, Ман аз Ӯ хушнудам*» (Мат. 3:17). Исо дар ин сӣ сол бо чӣ кор машғул буд, ки Худо аз Ӯ ин қадар қаноатманд гардид? Дар Китоби Муқаддас оиди ин солҳои номаълум ғайр аз ягона ҷумла дар Инҷили Луқо ҳеҷ чиз гуфта нашудааст: «*Исо бо онҳо равона шуда, ба Носира баргашт ва дар ҳама чиз ба онҳо итоаткор буд*» (*Луқ.* 2:51). Сӣ соли ҳаёте ки барои Худо писандида буд, бо суханони оддӣ ҷамъбаст карда шудааст: «*Дар ҳама чиз ба онҳо итоаткор буд*»*!*

**Ман бояд қатъиян қарор диҳам, ки арзишҳои Худоро ҷонибдорӣ хоҳам намуд**. Зеро дӯстон маҳз ҳамин тавр амал менамоянд: Он чи барои яке муҳим аст, барои дигарӣ низ муҳим аст. Дӯстии мо бо Худо ҳар қадар мустаҳкамтар шавад, мо ҳамон қадар бештар ба он чи барои Ӯ аҳамиятнок аст, таваҷҷӯҳ менамоем, аз он чи Ӯро ғамгин мекунад, андӯҳгин мешавем, ва аз он чи Ӯро хушнуд менамояд, шод мешавем.

Намунаи беҳтарини он ҳавворӣ Павлус аст. Нақшаҳои Худо нақшаҳои Ӯ шуданд, ӯ пурра бо хоҳишҳо ва ниятҳои Худо ҳамфикр буд. «*Ман дар ҳаққи шумо бо рашки Худо рашк менамоям*» (2 Қӯр. 11:2), — навишта буд ӯ ба масеҳиёни Қӯринт. Довуд ҳамин чизро эҳсос менамуд ва мегуфт: «*Зеро ки рашки хонаи Ту маро хӯрдааст, ва бадгӯиҳои бадгӯёни Ту бар ман афтодаанд*» (Заб. 68:10).

Худо беш аз ҳама оиди чӣ ғамхорӣ мекунад? Ӯ мехоҳад, ки ҳамаи фарзандони гумроҳшудаи Ӯ ёфт шуда, ба хона баргарданд! Исо маҳз барои ҳамин ба

замин омад. Ҳеҷ чиз ба дили Худо назар ба марги Писари Ӯ гаронбаҳотар нест. Ғайр аз ин барои Ӯ он чиз муҳим аст, ки фарзандони Ӯ ин хушхабарро ба дигарон расонанд. Барои дӯсти Худо будан мо бояд ҷаҳони гумроҳшударо чунон дӯст дорем, ки Худо онро дӯст медорад. Дӯстони Худо оиди Ӯ ба дӯстони худ нақл мекунанд.

***Дӯстии мо бо Худо ҳар қадар мустаҳкамтар шавад, мо ҳамон қадар бештар ба он чи барои Ӯ аҳамиятнок аст, таваҷҷӯҳ менамоем.***

**Ман бояд беш аз ҳама чизи ҷаҳон хоҳони дӯстӣ бо Худо бошам**. Намунаи беҳтарини чунин хоҳиши пурҳароратро мо дар Забур мебинем. Довуд хоҳиши фарогири дарк намудани Худоро бо эҳсосоти зиёд баён менамуд. Ӯ ин хоҳишро ташнагӣ, азоб, ҳузн номидааст. Ӯ Худоро беист ва ғайратмандона меҷуст. Ӯ чунин навиштааст: «*Як чизро аз Парвардигор пурсидаам, ва онро хоҳам талабид, ки тамоми рӯзҳои умри худ дар хонаи Парвардигор сокин бошам, зебоии Парвардигорро мушоҳида намоям ва ба маъбади муқаддаси Ӯ равам*» (Заб. 26:4). Дар як таронаи дигари Забур ӯ гуфтааст: «*Меҳру вафои Ту аз ҳаёт некӯтар аст*» (Заб. 62:4).

Яъқуб чунон хоҳиши боздоштанашавандаи ба даст овардани лутфу марҳамати Худоро дошт, ки ӯ тамоми шаб дар чангу хок бо Худо гӯштин гирифта, мегуфт: «*То маро баракат надиҳӣ, Туро сар намедиҳам*» (Ҳас. 32:26б). Дар ин қисса беш аз ҳама он ҳайратовар аст, ки Худои тавоно ба Яъқуб имконияти ғолиб омаданро дод! Ҳангоме ки мо бо Худо «гӯштин мегирем», Ӯ намеранҷад, зеро гӯштин маънои робитаи бевосита, наздикии зичро дорад! Ғайр аз ин, гӯштин ҳеҷ гоҳ бепарвоёна, дилхунукона намешавад, ва ба Худо маъқул аст, ки мо бо тамоми ҷӯшу хуруши дили худ назди Ӯ оем.

Боз як шахсе ки хоҳиши беандозаи дӯстӣ бо Худоро дошт, Павлус буд. Барои ӯ дар ҷаҳон ҳеҷ чизи аз ин муҳимтар набуд. Ӯ муносибатро бо Худо аз ҳама чиз афзал медонист ва тамоми қувваи худро ба он равона мекард, зеро он мақсади олӣ ва ниҳоии ҳаёти ӯ буд. Маҳз аз ҳамин сабаб Худо бо дастони ӯ чунин корҳои бузургро ба ҷо меовард. Тарҷумаи васеи Китоби Муқаддас тамоми қувваи иштиёқи ӯро хеле хуб инъикос менамояд: «*Азми қавии ман он аст, ки Ӯро донам, Ӯро ҳарчи бештар, амиқтар ва беҳтар шиносам, мӯъҷизаи шахсият ва хислати Ӯро равшантар ва қавитар дарк намоям*» (Фил. 3:10).

Гап дар он аст, ки дараҷаи наздикии шумо бо Худо ба *хоҳиш* ва *қарори* шумо вобаста аст. Дӯстии наздик бо Худо худ аз худ пайдо намешавад, он интихоби бошууронаро металабад. Мо бояд бо фаҳм ва идрок ба он майл намоем. Оё гуфтан мумкин аст, ки шумо ҳақиқатан беш аз ҳама чизи дунё хоҳони он ҳастед? Оё барои он ба фидокорӣ тайёред? Оё тайёред ба хотири он аз баъзе чизҳои дигар даст кашед? Оё тайёред тамоми қувваи худро барои дар худ инкишоф додани одатҳо ва малакаҳое ки барои ин лозиманд, равона намоед?

Шояд шумо дар гузашта Худоро бо шавқу рағбати зиёд меҷустед, аммо ҳозир ин хоҳишро аз даст додаед. Бо масеҳиёни Эфесус низ ҳамин тавр шуда буд: онҳо муҳаббати аввалаи худро аз даст дода буданд. Онҳо ҳамаи он чиро, ки талаб карда мешуд, ба ҷо меоварданд, аммо на аз боиси муҳаббат, балки аз боиси ҳисси вазифашиносӣ. Агар вақтҳои охир шумо низ амалҳои одатии рӯҳониро қариб ба таври механикӣ ба ҷо меоварда бошед, «чунки ҳамин тавр кардан даркор аст», ҳайрон нашавед, агар Худо ба ҳаёти шумо дард ва азобҳоро роҳ диҳад.

Азобҳо дар мо хоҳишҳои пуршавқро ба вуҷуд меоваранд. Онҳо дар мо қувваи мислаш диданашу-

да ва майли пурҷӯшу хурӯши дигаргуншавиро бедор мекунанд, ки дар вақти дигар онро надорем. Худо бо ёрии онҳо моро аз хоби ғафлати рӯҳонӣ бедор мекунад. Клайв Люис азобҳоро «Мегафони Худо» меномид. Мушкилот дар ҳаёти шумо ба ҳеҷ ваҷҳ ҷазо нестанд, балки Худои дӯстдор шуморо даъват менамояд, ки бедор шавед. Ӯ аз шумо хашмгин нест. Ӯ шуморо беандоза дӯст медорад, ва аз ҳамин сабаб ҳама кори заруриро мекунад, то ки шумо боз бо Ӯ муошират намуданро сар кунед. Рости гап, роҳи на он қадар дардноки дар дил бедор намудани ҷустуҷӯи пуршавқи Худо низ ҳаст. Аз Худо хоҳиш намоед, ки Ӯ муҳаббати аввалиро ба шумо бозгардонад, ва хоҳиш карданро давом диҳед, то даме ки ин хоҳишатон амалӣ гардад. Дар давоми рӯз дар дил чунин дуоро такрор намоед: «Исои азиз, беш аз ҳама чизи ҷаҳон ман мехоҳам Туро аз наздик шиносам». Ба исроилиён, ки дар Бобил асир гардида буданд, муроҷиат намуда, Худо гуфта буд: «*Ва Маро хоҳед ҷуст, ва пайдо хоҳед кард, ба шарте ки бо тамоми дили худ Маро ҷустуҷӯ намоед*» (Ирм. 29:13).

## МУНОСИБАТҲОИ МУҲИМТАРИН ДАР ҲАЁТИ ШУМО

Ҳеҷ чиз — мутлақо ҳеҷ чиз! — муҳимтар аз муносибатҳо бо Худо нест. Онҳо абадан давом хоҳанд кард. Павлус ба Тимотиюс навишта буд: «*Баъзеи онҳо чизи муҳимтаринро дар ҳаёти худ аз даст додаанд — онҳо Худоро намешиносанд*» (1 Тим. 6:21 [«Living Bible»]). Фикр кунед, оё чизи муҳимтаринеро, ки дар ҳаёти инсон буда метавонад, аз даст намедиҳед? Дар ҳар ҳолат, ҳозир шумо имконияти ислоҳ намудани инро доред. Дар ёд нигоҳ доред: ин-

тихоб дар дасти шумост. То кадом андоза ба Худо наздик будани шумо ба худатон вобаста аст.

## РӮЗИ ДУВОЗДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Дараҷаи ба Худо наздик буданам ба худи ман вобаста аст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд*» (Яъқ. 4:8а).

**Савол барои андешаронӣ**: Қадом қадамҳои амалиро ман аллакай ҳамин рӯз гузошта метавонам, то ки ба Худо наздик шавам?

# 13

# ПАРАСТИШЕ КИ БАРОИ ХУДО ПИСАНДИДА АСТ

*Худованд Худои худро бо тамоми дил ва бо тамоми ҷон ва бо тамоми ҳуш ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор; муҳимтарин фармуда ҳамин аст.*

Марқ. 12:30

Худо мехоҳад, ки шумо пурра, комилан ба Ӯ тааллуқ дошта бошед.

Худо танҳо бо як қисми ҳаёти мо қаноатманд намешавад. Ӯ аз мо хоҳиш мекунад, ки ба Ӯ *тамоми дил*, *тамоми* ҷон, *тамоми* ҳуш ва тамоми *қуввати* худро диҳем. Ба Ӯ пайравони бепарво, ки фақат қисман итоат намуда, ба Ӯ боқимондаҳои ночизи вақт ва пули худро медиҳанд, даркор нестанд. Ҷиҳатҳои алоҳидаи ҳаёти мо барои Ӯ кифоя нестанд. Ӯ мехоҳад, ки тамоми вуҷуди мо ба Ӯ бахшида ва супурда шавад.

Боре як зани сомарӣ бо Исо баҳс карданӣ шуд, ки Худоро дар куҷо, кай ва чӣ гуна парастиш намудан беҳтар аст. Исо ба ӯ ҷавоб дод, ки ҳамаи ин омилҳои берунӣ ҳеҷ нақше намебозанд. *Дар куҷо* парастиш намудани мо дар муқоиса бо он ки *чаро* мо ин корро мекунем ва *то чӣ андоза* худро ҳангоми

парастиш ба Худо месупорем, на он қадар муҳим аст. Аммо ҳамчунин имкон дорад, ки шахс дуруст ё нодуруст парастиш кунад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Мо… бояд Худоро шукргузорӣ намоем ва бо шукргузорӣ Ӯро ба таври писандида парастиш намоем*» (Ибр. 12:28). Парастиши писандидаи Худо бо чор хусусияти худ фарқ мекунад:

**Барои Худо писандида аст, ки парастиши мо аниқ ба ҳақиқат мувофиқат намояд**. Одамон бисёр вақт мегӯянд: «Худоро дар шакли …тасаввур намудан ба ман маъқул аст», ва баъд тасвир мекунанд, ки онҳо кадом Худоро парастиш карданӣ ҳастанд. Аммо тимсоли ба худ мувофиқ ва аз ҷиҳати сиёсӣ дурусткорро бофта бароварда, сипас онро парастиш намудан номумкин аст! Охир, ин бутпарастӣ аст.

Парастиш бояд на дар ақидаҳои мо оиди Худо, балки дар асоси ҳақиқати Китоби Муқаддас бошад. Исо ба зани сомарӣ гуфт, ки «*парастандагони ҳақиқӣ Падарро ба рӯҳ ва ростӣ парастиш хоҳанд кард, зеро ки Падар толиби ин гуна парастандагони Худ мебошад*» (Юҳ. 4:23).

***Парастиши писандидаи Худо пур аз ҳиссиёти амиқ аст ва дар таълимоти Китоби Муқаддас асос ёфтааст. Дар он ҳам ақл, ҳам ҳиссиёт иштирок менамоянд.***

«Дар ростӣ парастиш намудан» — Худоро ҳамон гуна парастиш намудан аст, ки Ӯ ба мо дар Китоби Муқаддас ошкор гардидааст.

**Барои Худо писандида аст, ки мо самимона Ӯро парастиш намоем.** «*Дар рӯҳ парастиш намудан*» гуфта, Исо на Рӯҳӯлқудсро, балки рӯҳи инсонии *моро* дар назар дошт. Азбаски шумо ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шудаед, рӯҳе ҳастед, ки дар ҷисм зиндагӣ мекунад, ва рӯҳи шумо чунон офарида шуда-

аст, ки бо Худо муошират намояд. Парастиш — ҷавоби рӯҳи мо ба овози Рӯҳи Худост.

«*Худоро бо тамоми дил ва бо тамоми ҷон дӯст доштан*»-ро фармуда, Исо гуфтанӣ буд, ки парастиш бояд самимӣ, аз таҳти дил бошад. Гап на дар он аст, ки суханони дуруст гӯем; он чиз муҳим аст, ки онҳоро бо маънои ҳақиқӣ, бе дурӯягӣ ба забон оварем. Ҳамду санои ғайрисамимӣ аллакай ҳамду сано нест! Он беҳуда, бефоида аст ва Худоро таҳқир менамояд.

Ҳангоме ки мо парастиш мекунем, Худо на ба суханоне ки мегӯем, балки ба ҳолати диламон менигарад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Одам фақат он чиро, ки ба чашм намоён аст, мебинад, вале Парвардигор он чиро, ки дар дил аст, мебинад*» (1 Подш. 16:7б).

Азбаски парастиш ифодаи хурсандӣ ва ҳаловат аст, дар он ҳиссиёт ва эҳсосоти мо иштирок мекунанд. Худо ба мо эҳсосот додааст, то ки мо Ӯро аз таҳти дил парастиш карда тавонем, аммо ин водоркунандаҳои дил бояд на риёкорона, балки самимӣ бошанд. Худо риёкориро дӯст намедорад. Ба Ӯ дар парастиш намоишкорӣ, вонамудкунӣ ё дурӯягӣ тамоман даркор нест. Ӯхоҳони муҳаббати софдилона, ҳақиқӣ мебошад. Парастиши мо метавонад аз камолот дур бошад, аммо набояд ғайрисамимӣ бошад.

Албатта як худи самимият низ кофӣ нест: кас метавонад тамоман самимӣ бошад, аммо сахт иштибоҳ намояд. Маҳз аз ҳамин сабаб Худо мехоҳад, ки парастиш ҳам дар рӯҳ, ҳам дар ростӣ бошад. Он бояд дар айни замон ҳам дуруст, ҳам ҳақиқӣ бошад. Парастиши писандидаи Худо пур аз ҳиссиёти амиқ аст ва дар таълимоти Китоби Муқаддас асос ёфтааст. Дар он ҳам ақл, ҳам ҳиссиёт иштирок менамоянд.

Мутаассифона, имрӯзҳо бисёр касон ба мусиқии хушоҳанг аксуламали эҳсосотӣ намуда, онро ҷавоби

дили худ ба овози Рӯҳулқудс мепиндоранд. Аммо ин ҳамон як чиз нест. Парастиши ҳақиқӣ он вақт сар мешавад, ки рӯҳ на ба ягон хел мусиқӣ, балки ба овози Худо ҷавоб медиҳад. Зиёда аз ин, баъзе сурудҳои сентименталӣ оиди ҳиссиёти мо ҳатто ба парастиш *халал мерасонанд*, зеро диққати моро на ба Худо, балки ба ҳолати худамон равона мекунанд. Маҳз «ман»-и худамон — ташвишҳоямон оиди он ки дигарон дар хусуси мо чӣ фикр мекунанд —диққати моро беш аз ҳама ба дигар тараф ҷалб мекунад.

Дар байни масеҳиён бисёр вақт оиди тарзи ситоиши Худо баҳсҳо ба миён меоянд. Аммо чунин баҳсҳо аксаран завқ ё афзалшумории шахсиро ифода мекунанд. Дар Китоби Муқаддас воситаҳои гуногуни ситоиши Худо зикр шудаанд: эътирофи имон, сурудхонӣ, бо эҳтиром аз ҷой хестан, ба зону истодан, рақс, садои хурсандона, шаҳодат, навохтани асбобҳои мусиқӣ ва дастҳоро ба осмон боло кардан (Ибр. 13:15, Заб. 7:18, Эзро 3:11, Заб. 149:3, Заб. 150:3, Наҳ. 8:6). Усули беҳтарини ситоиш ҳамон аст, ки бо ёрии он шумо дар асоси хусусияти шахсӣ ва таҷрибаи рӯҳониятон муҳаббати худро ба Худо пурратар ва самимитар изҳор намуда метавонед.

Дӯсти ман Гэрӣ Томас пай бурд, ки бисёр масеҳиён ба ҷои он ки аз муносибатҳои зинда ва воқеӣ бо Худо хурсандӣ кунанд, ба парастиш чун ба кори доимии зарурӣ, аммо дилгиркунанда, ки ба онҳо ҳеҷ ҳаловат намеоварад, муносибат менамоянд. Ӯ ошкор намуд, ки қисман ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки бисёр касон худро зӯран ба истифодаи он шаклҳои дуо маҷбур мекунанд, ки ба хусусиятҳои нотакрори шахсияти онҳо мувофиқат надоранд.

«*Агар Худо ҳамаи моро гуногун офарида бошад, чаро мо гумон мекунем, ки бояд Худоро як хел дӯст дорем?*» — пурсид аз худ Гэрӣ. Бо мурури хондани асарҳои классикии масеҳӣ ва сӯҳбат бо имондоро-

ни гуногун ман ошкор намудам, ки дар давоми ду ҳазор сол масеҳиён роҳҳои зиёди эҳсос намудани наздикӣ ба Худо ва аз он шод шуданро пайдо намудаанд. Касе беҳтар аз ҳама наздикии Худоро дар табиат эҳсос менамояд, каси дигар асарҳои илоҳиётшиносиро меомӯзад, сеюмӣ китоб мехонад. Дигарон суруд мехонанд, рақс мекунанд, сурат мекашанд ё шеър эҷод менамоянд, ҳайкал метарошанд, ба наздикон хизмат менамоянд. Баъзеҳо ҷои хилватро меҷӯянд, дигарон — муоширатро. Боз даҳҳо ҳамин гуна машғулиятҳоро номбар кардан мумкин аст.

***Усули беҳтарини ситоиш ҳамон аст, ки бо ёрии он шумо дар асоси хусусияти шахсӣ ва таҷрибаи рӯҳониятон муҳаббати худро ба Худо пурратар ва самимитар изҳор намуда метавонед.***

Дар китоби худ «*Пайраҳаҳои муқаддас*» Гэрӣ нӯҳ воситаи асосиро ҷудо мекунад, ки бо ёрии онҳо одамон ба Худо наздик мешаванд. *Натуралистҳо* барои муошират бо Худо беш аз ҳама дар муҳити табиат илҳом мегиранд. *Сенсорҳо* Худоро бо панҷ ҳиссиёти худ дӯст медоранд ва парастишҳои хубу зебо тартибёфтаро, ки дар онҳо на танҳо ҳисси шунавоӣ, балки ҳисси биноӣ, шомма, ламс ва маза иштирок доранд, қадр мекунанд. *Ҷонибдорони анъанаҳо* ба Худо ба воситаи маросимҳои муқаддас, сурудҳои динӣ, рамзҳо ва сохтори доимии парастиш бо осонии бештар наздик мешаванд. *Зоҳидон* дар соддагӣ ва хилватнишинӣ ба Худо наздик шуданро афзал медонанд. *Фаъолон* муҳаббати худро ба Худо бо он ифода мекунанд, ки ба бадӣ муқобилат менамоянд, бо беадолатӣ мубориза мебаранд, ё барои беҳтар гардондани ҷаҳон мубориза мебаранд. *Ходимон* муҳаббати худро ба дигарон расонида ва эҳтиёҷоти онҳоро қонеъ намуда, Худоро дӯст ме-

доранд. Ғайратмандон ҳиссиёти худро ба Худо ба воситаи ситоишҳои хурсандона ва идҳо изҳор менамоянд. *Муроқибакунандагон* Худоро бо ваҷд парастиш менамоянд, ва *интеллектуалҳо* ақли худро бо омӯзиши ин ё он предмет равона намуда, Худоро дӯст медоранд*.

Аммо усули «беандоза» дар парастиш ва муносибатҳо бо Худо вуҷуд надорад. Як чиз аниқ аст: агар кӯшиш кунем он гуна бошем, ки Ӯ моро наофаридааст, мо ҳеҷ гоҳ Худоро ҷалол дода наметавонем. Худо мехоҳад, ки мо чуноне ки ҳастем, бошем. «*Падар толиби он гуна парастандагони Худ мебошад, ки чуноне ки ҳастанд, боқӣ монда, Ӯро дар поквиҷдонӣ ва соддагӣ парастиш мекунанд*» (Юҳ. 4:23 [«The Message»]).

**Парастиши андешамандона барои Худо писандида аст**. Дар Аҳди Ҷадид Исо фармудаи зеринро чор бор такрор намудааст: «*Худовандро бо тамоми ҳуш дӯст дорем*». Барои Худо парастиши бешуурона: сурудҳое ки механикӣ суруда мешаванд, дуоҳое ки бедиққатона ё бефикрона аз ёд шудаанд, нидоҳои такрории «Худоро ҷалол бод!», ки аз боиси дигар чизи гуфтанӣ надоштанамон мегӯем, писандида нестанд. Агар дар парастиш ақли шумо иштирок надошта бошад, он бемаъно мегардад.

Исо парастиши бешууронаро «пургӯӣ»-и бутпарастона номидааст (Мат. 6:7). Аз боиси истифодаи беандоза ҳатто истилоҳоти Китоби Муқаддас ба қолабҳои муқаррарӣ табдил ёфта метавонанд; мо оиди маънои онҳо фикр карданро бас мекунем. Ҳангоми парастиш ибораҳои шинос ва одатиро такрор кардан хеле осонтар аз он аст, ки кӯшиш карда, Худоро ба таври дигар, бо усули нав ситоиш намоем. Маҳз аз ҳамин сабаб ман шуморо даъват мена-

---

* Gary Thomas, «Sacred Parhways», Zondervan. Grand Rapids, 2000.

моям, ки Навиштаи Муқаддасро дар тарҷумаҳо ва тафсирҳои гуногун хонед. Ин диапазони парастиши шуморо хеле васеъ мекунад.

Кӯшиш карда бинед, ки Худоро бе истифодаи каломаҳо ва ибораҳое аз қабили «*ҳалелуё*» , «*Худоро ҷалол бод*», *Худовандо, Туро шукр мегӯем*» ё «*омин*» ситоиш намоед. Ба ҷои «Худовандо, Туро ҷалол бод!» гуфтан муродифҳои феъли «ҷалол додан»-ро тартиб дода, кӯшиш кунед муносибати худро ба Худо бо феълҳои нав баён намоед, масалан: «*ба ваҷд омадан*», «*эҳтиром намудан*», «*қадр кардан*», «*иззат намудан*», «*дӯст доштан*» ва ғайра.

Ғайр аз ин, *то ҳадди имкон мушаххас гап занед*. Агар касе назди шумо омада, гӯяд, ки «туро ситоиш кардан мехоҳам!», шумо шояд фикр мекунед: «Барои чӣ?» Шунидани ду таъриф барои ягон чизи мушаххас назар ба бист ибораи умумии пурваҷд ба ҳар як шахс писандидатар аст, ба Худо низ.

Инак боз як фикр: дар вароқе номҳои гуногуни Худоро нависед ва оиди онҳо андеша намоед. Номҳои Худо дар Китоби Муқаддас на ба таври тасодуфӣ зикр мешаванд. Ҳамаи онҳо ҷиҳатҳои гуногуни хислати Ӯро инъикос менамоянд. Дар Аҳди Қадим Худо доимо ва пайиҳам Худро ба исроилиён ошкор намуда, номҳои нав ба нави Худро зикр менамуд. Илова ба ин, Ӯ Худаш ба мо фармудааст, ки номи Ӯро ҷалол диҳем*.

РӮЗИ СЕЗДАҲУМ:

**ПАРАСТИШЕ КИ БАРОИ ХУДО ПИСАНДИДА АСТ**

---

* Шумо метавонед сабти аудиоии силсилаи мавъизаҳоро иборат аз 11 қисм, ки ба номҳои Худо бахшида шудаанд, фармоиш намоед (ба забони англисӣ «How God Meets Your Deepest Needs», с. 1999). Мавъизаҳоро шубонони калисои «Сэддлбэк» мехонанд. Фармоишро ба нишонии www.pastors.com равона карда метавонед.

Худо мехоҳад, ки парастишҳои якҷояи мо андешамандона бошанд. Павлус боби 14-ро дар Номаи 1-ум ба Қӯринтиён ба ҳамин мавзӯъ мебахшад ва дар охири боб мегӯяд: «*Лекин ҳамааш бояд бо тартибу интизом ба амал ояд*» (1 Қӯр. 14:40).

Дар ин робита Худо исрор менамояд, ки ҳангоме беимонон ба калисоҳои мо меоянд, парастишҳоямон ба онҳо фаҳмо бошанд. Ҳаввори Павлус навиштааст: «*Агар ту Худоро бо рӯҳ шукргузорӣ намоӣ, бехабаре ки дар он ҷо истода бошад, дар вақти шукргузории ту чӣ тавр "омин" гӯяд? Ӯ он чиро, ки ту мегӯӣ, намефаҳмад. Ту ҳар қадар нағз шукргузорӣ кунӣ ҳам, ба каси дигар аз он фоидае нест*» (1 Қӯр. 14:16–17).

Рафтори боадабона ва эҳтиром нисбати беимононе ки ба парастишҳои мо меоянд, на тамоюли нави калисо, балки фармудаи Китоби Муқаддас аст. Аз он даст кашидан маънои дӯст надоштан ва беитоатиро дорад. Маънидоди пурратари ин фикрро дар китоби «*Калисои ба мақсад нигаронидашуда*»*, дар боби «Парастиш низ шаҳодат буда метавонад» ёфтан мумкин аст.

**Барои Худо писандида аст, ки мо Ӯро ба таври воқеӣ парастиш мекунем**. Китоби Муқаддас моро даъват мекунад, ки «*худро, ҷисми худро ба Худо ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Ӯ тақдим кунед. Фақат ҳамин гуна парастиш ҳақиқатан рӯҳонист*» (Рум. 12:1). Ҷисмҳои мо ба Худо чӣ даркоранд? Чаро Ӯ моро даъват мекунад, ки рӯҳи худро «*ҳамчун қурбонӣ диҳем*»? Чунки бе ҷисм мо дар рӯи замин ҳеҷ кори воқеӣ карда наметавонем. Дар абадият мо баданҳои нави беҳтаршуда хоҳем дошт, аммо то даме ки мо дар ин ҷо ҳастем, Худо мегӯяд: «Он чи доред, ба Ман диҳед». Ӯ мехоҳад, ки мо на

---

* Рик Уоррен. «Калисои ба мақсад нигаронидашуда», нашриёти «Центр Агапе», Нижний Новгород, 2006.

танҳо дар сухан, балки дар амал низ Ӯро парастиш намоем.

Шояд шумо борҳо шунидаед: «Не , имрӯз омада наметавонам, аммо *рӯҳан* бо шумо хоҳам буд». Оё медонед, ин чӣ маъно дорад? Тамоман ҳеҷ маъно надорад! Ин суханони тамоман бемаъно ва бефоида мебошанд! То даме ки шумо дар рӯи замин ҳастед, рӯҳи шумо танҳо дар ҳамон ҷое ки ҷисми шумо ҳаст, буда метавонад. Он ҷое ки ҷисми шумо нест, худи шумо низ нестед.

Дар парастиш мо бояд «ҷисмҳои худро чун қурбонии зинда ба Худо диҳем». Одатан калимаи «қурбонӣ» ягон чизи мурдаро ба хотири мо меоварад, аммо Худо мехоҳад, ки мову шумо қурбониҳои зинда бошем. Ӯ мехоҳад, ки мо ба хотири Ӯ *зиндагӣ кунем*! Аммо ҳамаи гап дар он аст, ки қурбонии зинда дар ҳар лаҳза аз қурбонгоҳ хазида рафта метавонад, ва мо аксаран маҳз ҳамин тавр мекунем. Дар рӯзи якшанбе мо бо рӯҳбаландӣ суруд мехонем: «Бо зиреҳи ҷангии осмонӣ ба ин ҷаҳон ворид мешавем», ва дар рӯзи душанбе ҷои хизматамонро худсарона тарк мекунем.

***Парастиши ҳақиқӣ дар Каломи Худо асос ёфтааст.***

Дар Аҳди Қадим қурбониҳое ки исроилиён меоварданд, барои Худо писандида буданд, зеро онҳо тимсоли марги Исои Масеҳ дар салиб буданд. Акнун Худо намудҳои гуногуни парастиши фидокоронаро қабул мекунад: ҳаёти мо, муҳаббати мо, шукргузорӣ, ҳамду сано, фурӯтанӣ, тавба, хайроти пулӣ, дуоҳо, хизмат ба дигарон ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти зарурии онҳо (Заб. 49:14, Ибр. 13:15, Заб. 50:17, Заб. 53:8, Фил. 4:18, Заб. 140:2, Ибр. 13:16, Марқ. 12:33, Рум. 12:1).

Парастиши ҳақиқӣ арзон ва муфт нест. Довуд инро мефаҳмид: «*Барои Парвардигор Худои худ чизи муфтро қурбонӣ нахоҳам кард*» (2 Подш. 24:24).

Пеш аз ҳама, ба хотири парастиши ҳақиқӣ мо бояд аз худпарастӣ ва дӯст доштани худ даст кашем. Худо ва худро дар як вақт болобардор кардан ғайриимкон аст. Мо на барои ба ваҷд овардани касе ё болида гардондани табъи худ парастиш мекунем. Мо бошуурона нигоҳамонро аз худ дур мекунем.

Ҳангоме ки Исо «*Худованд Худои худро бо тамоми қуввати худ дӯст дор*» гуфт, Ӯ таъкид намуд, ки парастиш қувва ва саъю кӯшишҳои муайянро металабад. Парастиш на ҳамеша қулай ва осон аст, ва гоҳо лозим меояд, ки тамоми иродаи худро ҷамъ кунем, то ки ба Худо қурбонии ихтиёрии ҳамду саноро изҳор намоем. Парастиши ғайрифаъол — оксюморон* аст.

Агар ҳангоми рағбати зиёд надоштанамон Худоро ҷалол диҳем, ва ҳангоми хеле хаста буданамон аз ҷои хоб бархоста ба калисо равем, ва ҳангоми базӯр ба пой истоданамон ба дигарон ёрдам диҳем, бо ин амал ба Худо қурбонии ҳамду сано ва парастиш меоварем, ва ин барои Худо хеле писандида аст.

Мэтт Редман, сарвари парастиш аз Англия, нақл карда буд, ки чӣ тавр шубони ӯ ба ҷамоати худ маънои ҳақиқии парастишро мефаҳмонд. Ӯ дар парастишҳои калисоӣ ҳама гуна сурудхониро қатъ намуд, то он даме ки аҳли калисо бо тамоми ҳаёти худ парастиш намудани Худоро ёд гиранд. Маҳз он вақт Мэтт Редман суруди классикии худ «Дили парастиш»-ро навишта буд:

Ман на фақат суруд мехонам,
Зеро ки на суруд муҳим аст,

---

* Оксюморон — маҷози сухан аст, ки мафҳумҳои зид, мувофиқатнопазирро дар бар мегирад, масалан: «оташи хунук», «барфи гарм», «лошаи зинда».

Балки он чи дар дили ман ҳаст.
Ту ба дилҳо дохил мешавӣ,
Ту то ба охир медонӣ,
Ки мо худро ба Ту месупорем.

Бинобар ин дили парастиш — дар дили мост.

## РӮЗИ СЕЗДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Худо мехоҳад, ки ман *пурра*, комилан ба Ӯ таааллуқ дошта бошам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Худованд Худои худро бо тамоми дил ва бо тамоми ҷон ва бо тамоми ҳуш ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор; муҳимтарин фармуда ҳамин аст!*» (Марқ. 12:30).

**Савол барои андешаронӣ**: Чӣ ба Худо бештар писанд меояд: Ҳамроҳи дигарон Ӯро парастиш намуданам, ё дар алоҳидагӣ парастиш намуданам? Ман дар ин ҷода бояд чӣ корҳоро ба ҷо оварам?

# 14

# ҲАНГОМЕ ЧУНИН МЕТОБАД, КИ ХУДО ХЕЛЕ ДУР АСТ

*Ман ба Парвардигоре ки рӯи Худро аз хонадони Яъқуб пинҳон кардааст, интизорӣ кашида, умедвори Ӯ хоҳам шуд.*

Иш. 8:17

Новобаста ба он ки мо худро чӣ гуна эҳсос менамоем, Худо ба ҳар ҳол ҳаст.

Ҳангоме ки дар зиндагӣ ҳама чиз хуб аст, ҳангоме ки Худо ба мо ҳам хӯрок, ҳам дӯстон, ҳам оила, саломатӣ ва воқеаҳои хурсандибахш медиҳад, Ӯро парастиш намудан осон аст. Аммо вазъиятҳо на ҳамеша хурсандибахш мебошанд. Худоро дар рӯзҳои душворӣ чӣ гуна парастиш намудан лозим аст? Чӣ бояд кард, ҳангоме чунин метобад, ки Худо аз мо ба масофаи садҳо ва ҳазорон километр дур шудааст?

Сатҳи амиқтарини парастиши Худо — бо вуҷуди азобҳо Худоро ситоиш намудан ва ҷалол додан, ҳангоми санҷишҳо шукргузорӣ намудан, дар байни васвасаҳо ба Ӯ боварӣ намудан, дар рӯзҳои андӯҳ ба Ӯ итоат намудан ва ҳангоме ки Ӯ дур метобад, Ӯро дӯст доштан аст.

Дурӣ ва хомӯшӣ гоҳо барои муносибатҳои дӯстона санҷиши ҷиддӣ мешаванд. Гоҳо моро масофаҳои бузург аз ҳам ҷудо мекунанд, ё бо кадом як сабаб бо ҳам гуфтугӯ карда наметавонем. Дар муносибатҳои худ бо Худо шумо низ на ҳамеша наздикии Ӯро *эҳсос менамоед*. Филипп Янсӣ хирадмандона гуфтааст: «Ҳама гуна муносибатҳо аз *лаҳзаҳои наздикӣ* ва *лаҳзаҳои дуршавӣ* иборатанд. Муносибатҳо бо Худо низ ҳамин гуна мебошанд: онҳо ҳар қадар наздик бошанд ҳам, ақрабак ба ҳар ҳол ин сӯ-он сӯ майл мекунад»*. Маҳз ҳамон вақт парастиш намудан душвор мегардад.

Барои он ки дӯстии Худро бо шумо амиқтар гардонад, Худо онро месанҷад: гоҳо давраҳое фаро мерасанд, ки Ӯ ба назар дур метобад, чунон ба назар мерасад, ки гӯё Ӯ ба масофаи садҳо ё ҳазорон километр дур шуда, шуморо тарк намудааст ё фаромӯш кардааст. Йоҳанн Крестаи муқаддас** чунин рӯзҳоро «шаби торики ҷон» номидааст, Ҳенрӣ Ноуэн*** — «хизматгузории ғоибӣ», ва дигар масеҳиён гоҳо онро «зимистони дили инсон» меноманд.

Ғайр аз Исо, Довуд низ бо Худо муносибатҳои наздиктарин дошт. Худо бо қаноатмандӣ ӯро «мар-

---

* Philip Yancy. «Reaching Out for the Invisible God», саҳ. 242. Филипп Янсӣ — муҳаррири маҷаллаи амрикоии «Christianity Today», муаллифи бисёр китобҳои машҳур. Китобҳои ӯро ба забони русӣ дар нашриёти «Триада» фармоиш додан мумкин аст.

** Йоҳанн Крестаи муқаддас (1542–1591) — яке аз асосгузорони ордени испании «кармелитиҳои пойлуч».

*** Ҳенрӣ Ноуэн (1932–1996) — коҳини калисои румӣ-католикӣ, нависанда, муаллифи китобҳои бисёр оиди ҳаёти рӯҳонӣ. Дар сомонаи www.standrews.ru/ rus/ ourpubl/ apologet.html яке аз машҳуртарин китобҳои ӯ «Бозгаштани писари ноқобил»-ро ба забони русӣ фармоиш додан мумкин аст.

ди мувофиқи табъи дили Худ» меномад (1 Подш. 13:14, Аъм. 13:22). Аммо Довуд гоҳо аз он шикоят менамуд, ки ҳузури Худоро ҳис намекунад. «*Чаро, эй Парвардигор, дур меистӣ? Ва дар вақти тангӣ Худро пинҳон медорӣ?*» (Заб. 9:22). «*Худои ман! Худои ман! Чаро маро тарк кардаӣ? Аз наҷотам ва аз суханони фиғонам дур ҳастӣ*» (Заб. 21:2). «*Чаро маро партофтаӣ?*» (Заб. 42:2. Ниг. Ҳамчунин Заб. 43:24, 73:11, 87:15, 88:49).

Албатта, дар асл Худо ҳеҷ гоҳ Довудро тарк накарда буд, чунон ки шуморо низ тарк намекунад. Ӯ борҳо ваъда додааст: «*Аз ту даст нахоҳам кашид ва туро тарк нахоҳам кард*» (Так. Шар. 31:8, Заб. 36:28, Юҳ. 14:16–18, Ибр. 13:5). Аммо Худо ваъда нadodааст, ки мо ҳамеша ҳузури Ӯро эҳсос хоҳем намуд. Зиёда аз ин, Ӯ иқрор мешавад, ки гоҳо рӯи Худро аз мо пинҳон мекунад (Иш. 45:15). Дар зиндагӣ гоҳо ба шумо чунин метобад, ки Худо ғайб задааст.

РӮЗИ ЧОРДАҲУМ:

## ҲАНГОМЕ ЧУНИН МЕТОБАД, КИ ХУДО ХЕЛЕ ДУР АСТ

Флойд МакКланг инро чунин тасвир менамояд: «Боре пагоҳӣ шахс бедор шуда, пайхас менамояд, ки ҳамаи ҳиссиёти рӯҳонии ӯ ғайб задаанд. Ӯ дуо мегӯяд, аммо аммо ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Ӯ ба иблис муқобилат мекунад, аммо аз ин ҳеҷ чиз дигаргун намешавад. Ӯ машқҳои рӯҳониро бо ҷиддият ба ҷо меоварад... аз дӯстон хоҳиш мекунад, ки барои ӯ дуо гӯянд... ба ҳамаи гуноҳҳояш иқрор мешавад, сипас аз ҳамаи шиносҳояш хоксорона узрхоҳӣ мекунад. Ӯ рӯза мегирад... аммо бо вуҷуди ин ҳеҷ чиз дигаргун намешавад. Ӯ аз худ мепурсад, ки ин андӯҳи рӯҳонӣ чӣ қадар давом мекунад? Якчанд ҳафта? Якчанд моҳ? Оё ин ба охир мерасад? Ба ӯ чунин метобад, ки дуоҳои ӯ ба шифти хона бархӯрда, ақиб

мегарданд, ва ӯ ноумедона нидо мекунад: “Бо ман чӣ шудааст? Гап дар чист?”»*

Дар асл бо шумо ҳеҷ воқеа нашудааст! Ин раванди муқаррарии санҷиш ва амиқшавии дӯстии шумо бо Худост. *Ҳамаи* масеҳиён аз ҳамин гуна давра мегузаранд, ва гоҳо на як бору ду бор. Ин раванди душвор ва дарднок аст, аммо он барои нашъунамои имони шумо комилан зарур аст. Дарки ин ба Айюб имкон дод, ки дар лаҳзае ки ҳузури Худоро дар ҳаёти худ ҳеҷ эҳсос намуда наметавонист, умед бастанро давом диҳад. «*Инак, ба тарафи шарқ меравам, вале Ӯ ёфт намешавад, ва ба тарафи ғарб, — вале Ӯро пайхас намекунам; ба тарафи шимол, вақте ки Ӯ ҳаракат мекунад, — Ӯро намебинам; ба тарафи ҷануб, вақте ки Ӯ рӯ меоварад, — Ӯро мушоҳида намекунам. Зеро роҳеро, ки бар он истодаам, Ӯ медонад; агар маро меозмуд, мисли тилло мебаромадам*» (Айюб 23:8–10).

***Худо иқрор мешавад, ки гоҳо рӯи Худро аз мо пинҳон мекунад.***

Гоҳо, ҳангоме ки Худо дур метобад, мо хулоса мебарорем, ки Ӯ аз мо хашмгин шудааст ё барои кадом як гуноҳ ҷазо дода истодааст. Гуноҳ ҳақиқатан муносибатҳои наздики инсонро бо Худо вайрон мекунад. Беитоатӣ, ҷанҷолҳо бо атрофиён, беҳад бо кор банд шудан, дӯстӣ бо ҷаҳон ва дигар гуноҳҳо — Рӯҳулқудсро ғамгин мекунанд ва муоширати шуморо бо Худо пахш мекунанд (Заб. 50, Эфс. 4:29–30, 1 Тасл. 5:19, Ирм. 2:32, 1 Қӯр. 8:12, Яъқ. 4:4).

Аммо гоҳо ин эҳсоси тарк шуда ё дур аз Худо будан бо гуноҳ ҳеҷ робита надорад. Ин санҷиши имон

* Floyd McCling. «Finding Friendship with God», саҳ. 186, Vine Books, 1992. Флоид МакКланг — сарвари хизматгузории «Ҷавонон бо миссия» дар Аврупо, дар Шарқи Наздик ва Африқо, узви Шӯрои байналмилалии Миссия, муаллифи китобҳои масеҳӣ.

аст, ки ҳар яки мо бояд бо он рӯ ба рӯ шавад: ҳатто агар ягон нишонаи намоёни ҳузур ва иштироки Худоро дар ҳаёти худ пай набарам, оё минбаъд ҳам Худоро дӯст медорам ва ба Ӯ итоат мекунам, боварӣ менамоям ва Ӯро парастиш мекунам?

Хатои паҳншудатарини масеҳиёни ҳозира он аст, ки онҳо Худоро намеҷӯянд, балки ба ин ё он *эҳсосот* майл менамоянд. Онҳо хоҳони ҳис кардани ягон чиз мебошанд, ва ҳангоме ки чунин мешавад, бо қаноатмандӣ мегӯянд, ки Худоро ба таври ҳаққонӣ парастиш намудаанд. Аммо чунин нест! Дар асл Худо гоҳо дидаву диниста моро аз ҳиссиёт маҳрум менамояд, то ки ба онҳо такя намуданро бас кунем. Майл ба ҳиссиёт, ҳатто ҳисси ҳузури Масеҳ, — ҳанӯз парастиш нест.

Худо ба масеҳиёни навимон эҳсосоти бисёре медиҳад, ки воқеияти Ӯро тасдиқ мекунанд, ва аксаран ба дуоҳои нокомил ва худпарастонаи онҳо ҷавоб медиҳад, то дилпур шаванд, ки Ӯ вуҷуд дорад. Аммо бо мурури он ки мо дар имон нашъунамо меёбем, Худо тадриҷан моро аз чунин вобастагии эҳсосотӣ дур кардан мегирад.

***Хатои паҳншудатарини масеҳиёни ҳозира он аст, ки онҳо Худоро намеҷӯянд, балки ба ин ё он эҳсосот майл менамоянд.***

Дар ҳама ҷо ҳузур доштани Худо ва зоҳиршавии ҳузури Ӯ — ҳамон як чиз нест. Аввалӣ факти ҳатмист, дуюмӣ аксаран фақат ҳиссиёт аст. Худо ҳамеша дар ҳама ҷо ҳузур дорад, ҳатто ҳангоме ки мо инро дарк намекунем, ва ин ҳузур хеле амиқ аст, то ки онро фақат бо эҳсосоти инсонӣ андоза намоем.

Ҳа, Ӯ мехоҳад, ки мо ҳузури Ӯро эҳсос намоем, аммо барои Ӯ дидани он муҳимтар аст, ки мо ба Ӯ боварӣ менамоем. Худоро на ҳиссиёт, балки имони мо шод мегардонад.

Санҷиши ҷиддитарини имони мо чунин вазъиятҳое мебошанд, ки тамоми ҳаёт дар атроф вайрон мешавад, аммо Худо бо кадом як сабаб ғоиб аст. Бо Айюб маҳз ҳамин тавр шуд. Ӯ дар як рӯз ҳама чизро — оила, зиндагии одатӣ, саломатӣ, моликияти худро аз даст дод. Аз ҳама бадтар он буд, ки дар давоми сию ҳафт боб Худо тамоман хомӯш буд.

Чӣ тавр Худоро ҷалол додан мумкин аст, ҳангоме фаҳмида наметавонӣ, ки бо зиндагии ту чӣ рӯй додааст, аммо Ӯ хомӯш аст? Наздикиро бо Худо чӣ тавр нигоҳ доштан мумкин аст, ҳангоме ки ту ба бӯҳрони амиқ рӯ ба рӯ шудаӣ, ва муошират бо Ӯ тамоман қатъ гардидааст? Чӣ тавр аз Исо чашм накандан мумкин аст, ҳангоме ки ашки чашмон хушк намешаванд? Бояд чунон амал намоед, ки Айюб карда буд: «*Он гоҳ Айюб бархоста, ҷомаи худро чок зад, ва мӯйсари худро тарошид ва бар замин афтода, саҷда бурд. Ва гуфт: «Аз шиками модари худ луч берун омадам, ва бараҳна хоҳам баргашт. Парвардигор дод, ва Парвардигор гирифт. Номи Парвардигор муборак бод»!*» (Айюб 1:20–21).

**Ба Худо оиди ҳиссиёти худ софдилона гап занед**. Дар назди Ӯ дили худро холӣ кунед. Ҳамаи эҳсосоти худро фурӯ резед. Худо аз ӯҳдаи ҳамаи шубҳаҳо, тарсҳо, саволҳо, изтиробҳо, хашм ва андӯҳи шуморо баромада метавонад. Айюб маҳз ҳамин тавр кард. «*Ман низ даҳони худро нахоҳам боздошт, аз тангии рӯҳи худ сухан хоҳам ронд, аз талхии ҷони худ гила хоҳам кард*» (Айюб 7:11). Ҳангоме ба ӯ чунин тофт, ки Худо ӯро тарк кардааст, ӯ нидо кард: «*Кошки замонҳои пештараро баргардондан мумкин мебуд, рӯзҳоеро, ки Худо маро нигоҳ медошт, вақте ки чароғи Ӯ бар сари ман нур мепошид, ва ман бо рӯшноии он дар торикӣ роҳ мерафтам. Дар рӯзҳои ҷавониям чунин буд, вақте ки дӯстии Худо бар хаймаи ман буд*» (Айюб 29:2–4).

Оё медонед, ки эътирофи нотавонии худ дар назди Худо эътирофи имон буда метавонад? Довуд ба Худо боварӣ намуда, ва дар айни замон рӯҳафтодагии пурра эҳсос намуда, навишта буд: «*Бовар доштам, бинобар ин мегуфтам: "Ман хеле азоб кашидаам"*» (Заб. 115:1). Дар назари аввал, ин тазоди пурра аст: «Ман ба Худо боварӣ дорам, аммо ҳама чиз аз даст рафтааст!» Аммо дар асл ошкорбаёнии Довуд имони амиқи ӯро нишон медиҳад. Аввалан, ӯ ба Худо имон дошт. Сониян, Довуд бовар мекард, ки Худо ба ӯ имкон медиҳад ҳамаи эҳсосоти худро баён намояд, ва ба ҳар ҳол дӯст доштани ӯро бас намекунад.

**Ба худ оиди хислати Худо, оиди моҳияти тағйирнаёбандаи Ӯ ёдрас намо**ед. Бо вуҷуди ҳамаи вазъиятҳо ва эҳсосот, хислати нотакрори Худоро ба асос гиред. Ба худ ҳақиқатҳои абадиро оиди табиати Ӯ ёдрас намоед: Ӯ нек аст, Ӯ маро дӯст медорад, Ӯ бо ман аст, Ӯ медонад, ки бо ман чӣ рӯй дода истодааст, Ӯ бепарво нест, Ӯ барои ҳаёти ман ниятҳо ва нақшаҳои нек дорад. Чуноне ки В. Раймонд Эдмонд* гуфтааст, «ҳангоме ки ба торикӣ ворид мешавед, ҳеҷ гоҳ он чиро, ки Худо дар равшанӣ ба шумо гуфта буд, фаромӯш накунед».

Ҳангоме ки тамоми ҳаёти Айюб барбод мерафт, ва Худо ҳанӯз хомӯш буд, Айюб ба ҳар ҳол чизеро, ки самимона барои он Худоро шукргузорӣ кардан мумкин аст, пайдо намуд.

- Худо некӯ ва раҳмдил аст (Айюб 10:12)
- Ӯ тавоност (Айюб 42:2; 37:5, 23)
- Ӯ тамоми ҷузъиёти ҳаёти маро медонад (Айюб 23:10; 31:4)

---

* В. Реймонд Эдмонд — профессор, муаллифи китобҳо, президенти коллеҷи масеҳии Уитон (ИМА) аз с. 1940 то с. 1965.

- Ҳама чиз зери итоати Ӯст (Айюб 34:13)
- Ӯ барои ҳаёти ман нақшае дорад (Айюб 23:14)
- Ӯ маро наҷот медиҳад (Айюб 19:25)

**Бовар кунед, ки Худо ваъдаҳои Худро ба ҷо меоварад**. Дар давраи хушкии рӯҳонӣ мо бояд на ба ҳиссиёти худ, балки ба ваъдаҳои Худо босаброна умед бандем, ва дарк намоем, ки Худо моро ба сатҳи амиқтари камолоти масеҳӣ мебарад. Дӯстие ки дар эҳсосот асос ёфтааст, хеле рӯякӣ мебошад.

Бинобар ин, ҳангоме ки ба чунин нохушиҳо рӯ ба рӯ мешавед, ташвиш накашед. Ҳеҷ гуна вазъиятҳо хислати Худоро дигаргун ва ноустувор карда наметавонанд. Файзи Худо ягон лаҳза қувваи худро гум намекунад. Ҳатто агар шумо ҳис накунед ҳам, Худо ба ҳар ҳол шуморо ҷонибдорӣ мекунад. Ҳангоме ки дар атроф ҳеҷ чиз ин ҳақиқатро тасдиқ намекард, Айюб ба ҳар ҳол аз Каломи Худо дур намешуд: «*Аз ҳукми лабҳои Ӯ дур нашудаам; суханони даҳони Ӯро бештар аз қоидаҳои худ нигоҳ доштаам*» (Айюб 23:12).

Ин боварӣ ба Каломи Худо ва Айюб имкон дод, ки ҳатто ҳангоме ки ҳама чиз дар атроф маънои пештараашро гум карда буд, вафодор монад. Имони ӯ дар байни азобҳо устувор монда буд: «*Инак, маро қатл кунад ҳам, ба Ӯ умед хоҳам баст*» (Айюб 13:15).

Ҳангоме ҳис мекунед, ки Худо шуморо тарк кардааст, аммо ба ҳиссиётҳои худ нигоҳ накарда, ба ӯ таваккал карданро давом медиҳед, шумо Худоро амиқтар ва ҳаққонитар парастиш менамоед.

**Он чиро, ки Худо аллакай барои шумо кардааст, дар ёд нигоҳ доред.** Ҳатто агар Худо барои шумо дигар ҳеҷ кор накунад ҳам, Ӯ сазовори он аст, ки Ӯро то охирин рӯзҳои худ барои он чи Исо дар салиб баҳри шумо кардааст, беист ҷалол диҳед. Писари Худо барои шумо мурд! Оё боз ягон чизи аз

ин бузургтар ёфт мешавад, ки барои он дар назди Ӯ таъзим карда тавонем?

Афсӯс, ки гоҳо мо ҷузъиёти даҳшатовари он қурбонии пуразобро, ки Худо барои мову шумо овардааст, фаромӯш мекунем. Чуноне ки мегӯянд, ҳар қадар наздиктар шиносӣ, ҳамон қадар камтар эҳтиром менамоӣ; густохӣ худписандиро ба вуҷуд меоварад. Ҳанӯз пеш аз маслуб кардан Писари Худоро тамоман луч карда, сахт лату кӯб карданд, қамчинкорӣ карданд, истеҳзо намуданд ва туфборон карданд ва тоҷе аз хор бофта, ба сараш гузоштанд. Одамони бераҳм Ӯро таҳқир ва масхара намуда, бо Ӯ аз он чи бо ҳайвон мекунанд, бадтар рафтор намуданд.

***Ҳангоме ҳис мекунед, ки Худо шуморо тарк кардааст, аммо ба ӯ таваккал карданро давом медиҳед, шумо Худоро амиқтар ва ҳаққонитар парастиш менамоед.***

Баъд, ҳангоме ки Ӯ аз хунравии зиёд қариб аз пой меафтид, Ӯро маҷбур карданд, ки салиби калонеро бардошта ба теппа барад. Сипас Ӯро ба он салиб мехкӯб намуда, барои марги оҳиста ва дарднок ба воситаи маслубшавӣ гузоштанд. Ва ҳангоме ки қувваташ Ӯро тарк мекард, дар назди салиб масхаракунандагон ҷамъ шуда, ҳақорат ва лаънат мекарданд ва Ӯро ҳангоми азобҳояш паст зада, дар назди омма истеҳзо менамуданд, зеро Ӯ Худро Худо меномид.

Ва андаке баъдтар, ҳангоме ки Исо айбҳо ва гуноҳҳои тамоми инсониятро ба Худ гирифт ва Худо аз ин даҳшати тасвирнопазир рӯ гардонд, Исо тамоман рӯҳафтода шуда, фарёд зад: «Худои Ман, Худои Ман, чаро *Ту* Маро тарк кардаӣ?» Исо имконият дошт Худро аз салиб наҷот диҳад, аммо он гоҳ Ӯ шуморо наҷот дода наметавонист.

Ҳеҷ гуна суханон тамоми торикӣ ва рӯҳафтодагии он лаҳзаро тасвир карда наметавонанд. Чаро Худо ба ин бадии ваҳшиёна роҳ дод? Ин барои чӣ даркор буд? Ба хотири чӣ? Барои он ки *шумо* абадиятро дар дӯзах нагузаронед ва дар ҷалоли ғайрифонии Худо бо Ӯ шарик буда тавонед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем*» (2 Қӯр. 5:21).

Исо аз ҳама чиз даст кашид, то ки ба мо ҳама чизро диҳад. Ӯ барои он мурд, ки мо абадан зиндагӣ кунем. Аллакай як худи ин сазовори он аст, ки мо Ӯро доимо ҷалол диҳем ва ситоиш намоем! Оё боз ҳам аз худ пурсидани шумо лозим аст, ки барои чӣ Ӯро шукргузорӣ намудан лозим аст?

## РӮЗИ ЧОРДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Новобаста ба он ки ман худро чӣ гуна эҳсос менамоям, Худо ба ҳар ҳол ҳаст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт*» (Ибр. 13:5б).

**Савол барои андешаронӣ**: Чӣ тавр ба худ оиди ҳузури Худо ёдрас намоям, хусусан ҳангоме ки Ӯ ба назар хеле дур метобад?

# МАҚСАДИ ДУЮМ

# ШУМО БАРОИ ОИЛАИ ХУДО ОФАРИДА ШУДАЕД

Ман Ток ҳастам, ва шумо навдаҳо
*Юҳ. 15:5*

Мо, ки бисёрем, як баданро
дар Масеҳ ташкил мекунем
*Рум. 12:5*

# 15

# БАРОИ ОИЛАИ ХУДО ОФАРИДА ШУДАЕД

*Худо мақсад ва сарчашмаи ҳама чиз аст, ки фарзандони бисёрро ба ҷалол расонидааст.*

Ибр. 2:10а (РВ)

*Бубинед, ки Падар ба мо чӣ гуна муҳаббат ато намудааст, то ки мо фарзандони Худо номида шавем, ва чунин ҳастем.*

1 Юҳ. 3:1а

Шумо барои оилаи Худо офарида шудаед.

Худо мехоҳад оила дошта бошад ва шуморо барои он офарид, ки қисми он бошед. Мақсади дуюми Ӯ барои ҳаёти шумо ҳамин аст, ва Ӯ ҳанӯз пеш аз он ки шумо зода шавед, ҳама чизро ба назар гирифт, то ба он ноил шавад. Тамоми Китоби Муқаддас нақл оиди он аст, ки чӣ тавр Худо аз онҳое ки Ӯро дӯст медоранд, эҳтиром менамоянд ва ҳамроҳи Ӯ дар абадият ҳукмронӣ мекунанд, барои Худ оила барпо менамояд. Дар он гуфта шудааст: «*Моро пешакӣ муайян намудааст, ки ба василаи Исои Масеҳ ба фарзандӣ қабул кунад. Ҳамин аст мақсад ва иродаи неки Ӯ*» (Эфс. 1:5).

Азбаски Худо муҳаббат аст, Ӯ махсусан муносибатҳоро қадр мекунад. Муоширате дар худи таби-

ати Ӯст, ва Ӯ худро бо забони оила муаррифӣ менамояд: Падар, Писар ва Рӯҳ. Сегона — муносибатҳои Худо бо Худ аст. Ин намунаи комили мувофиқати байни шахсиятҳо аст, ва мо бояд хеле зиёд ва бо диққат андеша намоем, ки он барои мову шумо чӣ маъно дорад.

Худо ҳамеша бо Худ муносибатҳои дӯстдорона дошт, бинобар ин Ӯ ҳеҷ гоҳ танҳоӣ эҳсос наменамуд. Ӯ ба ташкил додани оила *эҳтиёҷе* надошт — Ӯ фақат хост ин корро кунад ва аз ҳамин сабаб ният кард, ки моро офарад, назди Худ оварад ва моро дар ҳамаи сарватҳои Худ шарик гардонад. Ҳамаи ин ба Худо ҳаловати беандоза меоварад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ӯ бо хости Худ моро ба воситаи каломи ростӣ ба дунё овард, то ки навбари офаридаҳои Худ гардонад*» (Яъқ. 1:18).

Ҳангоме ки мо ҳаёти худро ба Исо месупорем, Худо Падари мо мешавад, мо фарзандони Ӯ мешавем, дигар имондорон бародарон ва хоҳарони мо мешаванд, ва калисо оилаи рӯҳонии мо мешавад. Оилаи Худо ҳамаи имондоронро аз замони гузашта, ҳозира ва оянда дар бар мегирад.

Ҳар як шахсро Худо *офаридааст*, аммо на ҳама *фарзандони* Ӯ мебошанд. Ягона воситаи дохил шудан ба оилаи Худо — аз олами боло дар он таваллуд шудан аст. Ба шарофати таваллуди аввалини худ шумо узви оилаи заминии одамон шудед, аммо ба воситаи таваллуди дуюм узви оилаи Осмонии Худо мешавед. Худо «*ба василаи эҳёи Исои Масеҳ аз мурдагон, моро барои умеди зинда аз нав ба вуҷуд овард*» (1 Пет. 1:3б. Ниг ҳамчунин Рум. 8:15–16).

Даъват оиди аъзои оилаи Худо шудан ба ҳама нигаронида шудааст (Марқ. 8:34, Аъм. 2:21, Рум. 10:-13, 2 Пет. 3:9), аммо бо як шарт: ба Исои Масеҳ имон овардан лозим аст. Дар Китоби Муқаддас навиш-

та шудааст: «*Ҳамаи шумо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ писарони Худо ҳастед*» (Ғал. 3:26).

Оилаи рӯҳонӣ аз оилаи ҳамхун ҳатто муҳимтар аст, зеро абадан боқӣ мемонад. Оилаҳои заминии мо — тӯҳфаи мӯъҷизаосои Худованд мебошанд, аммо онҳо танҳо муваққатан мо мо мемонанд. Илова ба ин, онҳо хеле нозук буда, бисёр вақт аз боиси ҷудошавӣ, пирӣ, дурӣ ва марг барҳам мехӯранд. Аммо оилаи рӯҳонӣ — яъне муносибатҳои мо бо дигар имондорон — то абад давом мекунад. Ин иттиҳодест, ки нисбат ба робитаи ҳамхунӣ хеле мустаҳкамтар ва бардавом аст. Ҳар боре ки Павлус оиди нақшаи абадии Худо барои мову шумо фикр мекард, худро аз ҳамду санои сипосгузорона боздошта наметавонист. «*Бинобар ин ман зону мезанам назди Падар, ки аз Ӯ ҳар хонавода дар осмон ва бар замин ном мегирад*» (Эфс. 3:14–15).

## АФЗАЛИЯТҲОИ МАНСУБИЯТ БА ОИЛАИ ХУДО

Ҳамин ки шумо дар оилаи Худо зода шудед, ба шумо барои рӯзи таваллуд тӯҳфаҳои ҳайратовари зиёд доданд, шумо номи нав, хусусиятҳои оилавӣ, имтиёзҳои оилавӣ, наздикӣ бо дигар аъзоёни оила ва ҳатто мероси авлодӣ гирифтед! (1 Юҳ. 3:1, Рум. 8:29, Ғал. 4:6–7, Рум. 5:2, 1 Қӯр. 3:23, Эфс. 3:12, 1Пет. 1:3–5, Рум. 8:17). Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Бинобар ин ту дигар ғулом нестӣ, балки писарӣ; ва агар писар бошӣ, ворисӣ Худо низ ба василаи Масеҳ ҳастӣ*» (Ғал. 4:7).

Аҳди Ҷадид сарвати «мерос»-и фаровони моро доимо таъкид мекунад. Дар он гуфта шудааст: «*Худои ман аз рӯи сарвати Худ ҳамаи эҳтиёҷоти шуморо ба воситаи Исои Масеҳ пур хоҳад кард*» (Фил. 4:19). Мо, ҳамчун фарзандони Худо, ворисӣ комилҳуқуқи ме-

роси оилавӣ ҳастем. Дар ин ҷо дар замин ба мо «*сарвати файз,.. меҳрубонӣ,.. пурсабрӣ,.. ҷалол,.. ҳикмат,.. қувват,.. ва марҳамат*»-и Ӯ дода шудаанд (Эфс. 1:17, Рум. 2:4, Рум. 8:23, Рум 11:33, Эфс. 3:16, Эфс. 2:4).

Павлус навиштааст: «*Чашмони дили шуморо равшан созад, то шумо бидонед, ки… сарват ва шукӯҳи мероси Ӯ, ки шумо бо халқи Ӯ дар он шарик хоҳед буд, чӣ гуна аст*» (Эфс. 1:18). Ин сарват ва шукӯҳ дар чист? Аввалан, мо барои ҳамеша дар назди Худо мемонем (1 Тасл. 5:10, 4:17). Сониян, мо пурра дигаргун мешавем ва ба Масеҳ шабоҳат пайдо мекунем (1 Юҳ. 3:2, 2 Қӯр. 3:18). Сеюм, мо аз дард, азобҳо ва марг озод мешавем (Ваҳй 21:4). Чорум, мо мукофот ва хизмати нав мегирем (Марқ. 9:41, 10:30, 1 Қӯр. 3:8, Ибр. 10:35, Мат. 25:21, 23). Панҷум, мо дар ҷалоли Масеҳ шарик мешавем (Рум. 8:17, Қӯл. 3:4, 2 Тасл 2:14, 2 Тим. 2:12, 1 Пет. 5:1). Чӣ мероси ҳайратовар! Шумо аз он чи тасаввур карда метавонед, хеле сарватмандтар ҳастед.

***Оилаи рӯҳонӣ аз оилаи ҳамхун ҳатто муҳимтар аст, зеро абадан боқӣ мемонад.***

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Муборак аст Худо ва Падари Худованди мо Исои Масеҳ, ки бо марҳамати бузурги Худ… моро аз нав ба вуҷуд овард… барои мероси бефано, пок ва пажмурданашаванда, ки дар осмон барои шумо маҳфуз аст*» (1 Пет. 1:3–4). Ин маънои онро дорад, ки моро мероси *бебаҳо, пок, пажмурданашаванда* интизор аст, *ки ба таври боварибахш нигоҳ дошта мешавад*, ва ҳеҷ кас онро аз мо кашида гирифта наметавонад. Онро ҷангҳо, бӯҳронҳои иқтисодӣ, фалокатҳои табиӣ нобуд намекунанд. Ва мо бояд на ба нафақа баромадан, балки ба даст овардани ҳамин меросро бесаброна интизор шавем. Павлус ба мо панд медиҳад: «*Ҳар он чи мекунед, аз ҷону дил ба ҷо оваред, мисли он ки барои Худованд бошад, на барои одамон, чун медонед, ки аз Ху-*

*дованд меросро мукофот хоҳед гирифт»* (Қӯл. 3:23–24а). Нафақа мақсади бениҳоят кӯтоҳмуддат ва ночиз аст. Мо бояд дар партави абадият зиндагӣ кунем.

## ҒӮТАИ ТАЪМИД: ДАР НАЗДИ ҲАМА ХУДРО УЗВИ ОИЛАИ ХУДО ЭЪТИРОФ НАМУДАН АСТ

Оилаҳои солим бо фахри қонунии оилавӣ фарқ мекунанд: аъзоёни он аз оила ва хешовандони худ шарм намедоранд. Мутаассифона, ман чунин имондоронро вохӯрдаам, ки то ҳол оиди имони худ дар назди ҳама эълон накардаанд, чунон ки Исои Масеҳ фармудааст — яъне ғӯтаи таъмиди обӣ қабул накардаанд.

РӮЗИ ПОНЗДАҲУМ:

**БАРОИ ОИЛАИ ХУДО ОФАРИДА ШУДАЕД**

Ғӯтаи таъмид — кадом як маросими ғайриҳатмӣ нест, ки онро мавқуф гузоштан ё умуман сарфи назар кардан мумкин бошад. Он чунин маъно дорад, ки шумо ба оилаи Худо ҳамроҳ мешавед. Шумо бо он ба тамоми ҷаҳон эълон менамоед: «Ман аз он шарм намедорам, ки қисми оилаи Худо бошам!» Ё ба ҳар ҳол шарм медоред? Исо ба ҳар як узви оилаи Ӯ фармудааст, ки ин маросими олидараҷаро ба ҷо оварад. Ӯ моро даъват намудааст: «*Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба номи Падар ва Писар ва Рӯҳи Пок ғӯтаи таъмид диҳед*» (Мат. 28:19).

Дар давоми солҳои зиёд ман андеша менамудам, ки чаро Супориши Бузурги Масеҳ аҳамиятнокии ғӯтаи таъмидро баробари башоратдиҳӣ ва шогирдсозӣ барин корҳои аввалиндараҷа бо исрор таъкид менамояд. Чаро ғӯтаи таъмид ин қадар зарур аст? Чунки он рамзи мақсади дуюми ҳаёти мост: иштирок дар муоширати оилаи абадии Худо.

Ғӯтаи таъмид маънои муҳимтарин дорад. Он имони шуморо эълон менамояд, ба шумо имкон медиҳад, ки дар дафн ва эҳё гардидани Масеҳ шарик бошед. Рамзи марги шумо барои ҳаёти кӯҳна буда, ибтидои ҳаёти нави шуморо дар Масеҳ эълон менамояд. Ва боз ин — идест ба муносибати ҳамроҳ шудани шумо ба оилаи Худо.

Ғӯтаи таъмид тимсоли ҷисмонии ҳақиқати рӯҳонист. Он нишон медиҳад, ки дар он лаҳзае ки Худо шуморо ба оилаи Худ ворид намуд, чӣ рӯй дод: «*Ҳамаи мо хоҳ яҳудиён, хоҳ юнониён, хоҳ ғуломон, хоҳ озодон бар тибқи як Рӯҳ дар як бадан ғӯтаи таъмид ёфтаем, ва ҳама аз як Рӯҳ нӯшидаем*» (1 Қӯр. 12:13).

Мо ба оилаи Худо на бо ғӯтаи таъмид, балки бо фақат бо имон ба Масеҳ дохил мешавем. Ғӯтаи таъмид фақат *нишон медиҳад*, ки мо узви оили он шудаем. Ба монанди ангуштарии никоҳ, он ёдрасии намоёни он қарорест, ки дар дил қабул кардаем. Ин *шарик шудан, худро ба Худо бахшидан* аст, на кадом як маросими мураккабе ки то ягон вақти мувофиқ мавқуф гузоштан мумкин аст, ҳангоме ки мо ба балоғати рӯҳонӣ мерасем. Ягона шарте ки Китоби Муқаддас ба мо пешниҳод мекунад, имон аст (Аъм. 2:41, Аъм. 8:12–13, Аъм. 8:35–38).

Дар Аҳди Ҷадид одамон ғӯтаи таъмидро дарҳол пас аз имон овардан қабул менамуданд. Дар Рӯзи Пантикост се ҳазор кас *дар ҳамон рӯз*е ки ба Масеҳ имон оварданд, ғӯтаи таъмид гирифтанд. Хоҷасарои ҳабашӣ баробари имон овarданаш, *дар ҳамон ҷое ки буд*, ғӯтаи таъмид гирифт. Павлус ва Сило нозири зиндон ва аҳли оилаашро дар *нисфишабӣ* ғӯтаи таъмид доданд! Дар Аҳди Ҷадид зикри он нест, ки ғӯтаи таъмидро мавқуф гузошта бошанд. Агар шумо ҳанӯз ҳамчун рамзи имони худ ба Масеҳ ғӯтаи таъмид нагирифта бошед, дарҳол ин корро кунед, чуноне ки Масеҳ фармудааст.

## ШАРАФИ БУЗУРГТАРИН ДАР ЗИНДАГӢ

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳам муқаддаскунанда ва ҳам муқаддасшаванда, ҳама аз Ягона ҳастанд; ба ин сабаб Ӯ ор намекунад, ки онҳоро бародар хонад*» (Ибр. 2:11). Бигузор ин ҳақиқати ҳайратовар ба шуур ва дилу ҷони шумо амиқ реша давонад! Ба шарофати он ки Исо шуморо мебахшад, Худо аз шумо фахр мекунад! Узви оилаи Худо шудан — бузургтарин шарафест, ки дар рӯи замин сазовор шудан имконпазир аст. Ҳеҷ чизи дигар бо он баробар шуда наметавонад. Ҳар гоҳе ки ба шумо ҳисси ночиз будан ва нобоварӣ ҳамла меоварад, ҳангоме чунин метобад, ки шуморо ҳеҷ кас дӯст намедорад, ба ёд оваред, ки ба кӣ тааллуқ доред ва узви кадом оила ҳастед.

**РӮЗИ ПОНЗДАҲУМ**

*Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ман барои оилаи Худо офарида шудаам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Моро пешакӣ муайян намудааст, ки ба василаи Исои Масеҳ ба фарзандӣ қабул кунад. Ҳамин аст мақсад ва иродаи неки Ӯ!*» (Эфс. 1:5).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман чӣ кор карда метавонам, то ки ба имондорони дигар чун ба аъзоёни оилаи худам муносибат намоям?

# 16

# ЧИЗИ МУҲИМТАРИН

*Агар тамоми дороии худро тақсим кунам ва ҷисми худро ба сӯхтан диҳам, лекин муҳаббат надошта бошам, ҳеҷ манфиате намебинам.*

1 Қӯр. 13:3

*Муҳаббат аз он иборат аст, ки мо бар тибқи аҳкоми Ӯ рафтор кунем. Ин ҳамон ҳукмест, ки шумо аз ибтидо шунидаед, то ки бар тибқи он рафтор кунед.*

2 Юҳ. 1:6

Дар зиндагӣ муҳаббат чизи муҳимтарин аст.

Азбаски Худо муҳаббат аст, дарси муҳимтарине ки Ӯ барои ҳар яки мо дар рӯи замин муқаррар намудааст, — ёд гирифтани дӯст доштан аст. Маҳз дар муҳаббат мо беш аз ҳама ба Ӯ монанд мешавем, бинобар ин муҳаббат дар ҳар як фармудаи Ӯ ҳаст: «*Тамоми шариат аз як калима иборат аст, чунончи: "Ёратро мисли худат дӯст бидор"*» (Ғал. 5:14).

Ёд гирифтани муҳаббати фидокорона ва холисона осон нест, зеро ки он тамоман мухолифи майлҳои табиии худпарастонаи мост. Ҳайратовар нест, ки барои ин ба мо тамоми умр дода шудааст. Ал-

батта, Худо мехоҳад, ки мо ҳамаи одамонро дӯст дорем, аммо барои Ӯ *махсусан* муҳим аст, ки мо дӯст доштани дигар аъзоёни оилаи Ӯро ёд гирем. Ин мақсади дуюми ҳаёти мост. «*Ҳамаро ҳурмат кунед, бародариро дӯст доред*» (1 Пет. 2:17а), — мегӯяд ҳаввории Петрус. Павлус ин фикри ӯро тақвият медиҳад: «*Аз ин рӯ, то даме ки фурсат дорем, ба ҳама некӣ кунем, алалхусус ба аҳли имони худ*» (Ғал. 6:10).

Чаро Худо моро даъват мекунад, ки дигар имондоронро махсусан дӯст дорем ва ҳурмат кунем? Чаро маҳз ин ду фармуда дар ҷои аввал мебошанд? Зеро Худо мехоҳад, ки оилаи Ӯ пеш аз ҳама бо муҳаббати худ маъруф гардад. Исо таълим медод, ки шаҳодати асосӣ барои ҷаҳон на арзишҳои маънавӣ ё ақидаҳои таълимотӣ, балки маҳз муҳаббати мо *ба якдигар* мебошад. «*Аз рӯи ҳамин ҳама хоҳанд донист, ки шогирдони Ман ҳастед, агар якдигарро дӯст доред*» (Юҳ. 13:35).

РӮЗИ ШОНЗДАҲУМ:

## ЧИЗИ МУҲИМТАРИН

Дар осмонҳо мо аз якдигар беандоза шод мешавем, аммо дар аввал лозим меояд, ки дар ин ҷо суботкорона ва бисёр меҳнат кунем, то ки ба муҳаббати абадӣ тайёр шавем. Худо ба мо муҳаббатро бо он таълим медиҳад, ки ба дӯши мо «ӯҳдадориҳои оилавӣ»-ро мегузорад, ки аввалини онҳо ба якдигар бо муҳаббат муносибат намудан аст.

Худо мехоҳад, ки мо доимо бо имондорони дигар муошират намоем ва ба ҳамин восита дар худ малака ва лаёқатҳои дӯст доштанро инкишоф диҳем. Дӯст доштанро дар танҳоӣ ёд гирифтан ғайриимкон аст. Барои ин лозим меояд дар назди касоне бошед, ки бо сустиҳо ва гуноҳҳояшон шуморо асабонӣ мекунанд ва меранҷонанд. Ба воситаи чунин муошират мо се ҳақиқати муҳимро аз худ мекунем.

# БЕҲТАРИН ТАРИҚИ ИХТИЁРДОРИИ ҲАЁТИ ХУД — ДӮСТ ДОШТАН АСТ

Муҳаббат бояд мақсаду мароми аввалин, ғояи бузургтарини мо бошад. Ин на танҳо як қисми назарраси ҳаёт, балки қисми *муҳимтарини* он аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Беш аз ҳама хоҳони муҳаббат бошед*» (1 Қӯр. 14:1а).

Чунин гуфтан кам аст: «Яке аз мақсадҳои ҳаёти ман — ёд гирифтани дӯст доштан аст», гӯё ин мақсад танҳо яке аз даҳ мақсади асосии шумо бошад. Муносибатҳо бояд дар ҷои аввал бошанд, аз ҳама чизи дигар болотар бошанд. Чаро?

**Бе муҳаббат ҳаёт ҳеҷу пуч мегардад**. Ҳаввории Павлус маҳз дар бораи ҳамин гуфта буд: «*Агар тамоми дороии худро тақсим кунам ва ҷисми худро ба сӯхтан диҳам, лекин муҳаббат надошта бошам, ҳеҷ манфиате намебинам*» (1 Қӯр. 13:3).

Бисёр вақт мо чунон рафтор мекунем, ки гӯё муносибатҳо — танҳо корҳое мебошанд, ки мо бояд ба ҷадвали кории пуршудаи худ тиққонем. Мо дар бораи зарурати *вақт ёфтан* барои фарзандони худ, барои ягон каси дигар *вақт ҷудо кардан* мегӯем. Таассуроте ҳосил мешавад, ки муносибатҳо — ҳамагӣ яке аз мақсадҳои дар назди мо гузошташуда мебошанд. Аммо Худо мегӯяд, ки онҳо худи моҳияти ҳаёти мо мебошанд.

Аз Даҳ Фармуда чортояш ба муносибатҳои мо бо Худо дахл доранд, ва шаштои боқимонда — ба муносибатҳои мо бо дигар одамон. Аммо ҳамаи Даҳ Фармуда бо муносибатҳои байнишахсиятӣ пайваст мебошанд! Дертар Исо он чиро, ки Худо муҳимтарин меҳисобад, дар ду фармуда ҷамъбаст намуд: дӯст доштани Худо ва дӯст доштани одамон. Баъди парастиш мақсади асоситарини ҳаёти мо дӯст доштани одамони дигар аст: «*"Худованд Худои*

*худро бо тамоми дил ва бо тамоми ҷон ва бо тамоми ҳуши худ дӯст бидор". Ҳамин аст фармудаи аввалин ва бузургтарин; ва дуюмаш монанди он аст: "Ёри худро монанди худ дӯст бидор". Бар ин ду фармуда тамоми Таврот ва навиштаҳои пайғамбарон асос ёфтаанд»* (Мат. 22:37–40). Аз пайи дӯст доштани Худо (яъне парастиши Ӯ) мақсади дуюми ҳаёти мо меояд: ёд гирифтани дӯст доштани одамон.

Чизи муҳимтарин дар зиндагӣ — на ба даст овардани молу мулк, балки муносибатҳои байниҳамдигарӣ мебошанд. Пас чаро мо имкон медиҳем, ки онҳо ба мавқеи ақиб гузаранд дар ё ҳатто тамоман аз мадди назар дур шаванд? Ҳангоме ки ҷадвали кории мо беҳад пур мешавад, мо пеш аз ҳама муоширатро, ки барои муносибатҳои дӯстдорона хеле заруранд, сарфи назар карда, вақт, қувват ва диққатамонро ба корҳои дигар равона мекунем. Аз ҳамин сабаб чизи асосӣ бо чизи фаврӣ иваз карда мешавад.

Бо кор банд будан — душмани ҳама гуна муносибатҳост. Мо бо кор, мақсадҳои ҷоҳталабона, вазифаҳои ҳаррӯза, пули бештар ба даст овардан машғул мебошем, гӯё маънои зиндагӣ фақат дар ҳамин бошад. Аммо ин тавр нест! Маънои ҳаёт дар он аст, ки дӯст доштанро — дӯст доштани Худо ва одамонро ёд гирем. Агар аз ҳаёт муҳаббатро берун кунем, ҳеҷ чиз боқӣ намемонад.

**Муҳаббат ҳеҷ гоҳ ба охир намерасад**. Худо боз аз он сабаб моро даъват мекунад муҳаббатро аз ҳама муҳимтарин ҳисобем, ки он дар абадият бо мо мемонад. *«Ва инак се чиз, ки ҳамеша хоҳанд буд: имон, умед, муҳаббат; вале муҳаббат калонтарини онҳост»* (1 Қӯр. 13:13).

Муҳаббат беасар ва бесамар нест. На дастовардҳои бузург ё сарвати андӯхта, балки маҳз муносибатҳои мо бо одамон дар рӯи замин осори муҳимта-

рин ва назаррас хоҳанд гузошт. Чунон ки модар Тереза гуфтааст, «на коре ки бо он машғул ҳастед, балки он муҳим аст, ки корро то чӣ андоза бо муҳаббат ба ҷо меоваред». Муҳаббат сирри мероси бардавом аст.

*Моҳияти ҳаёти мо маҳз муносибатҳо мебошанд.*

Ман борҳо дар назди бистари марги одамон нишастаам, ки он вақт онҳо дар остонаи абадият меистанд, аммо ҳанӯз касе нагуфтааст: «Дипломҳоямро зуд ин ҷо биёред! Мехоҳам бори дигар ба онҳо нигоҳ кунам! Мукофотҳо, медалҳо, соати тиллоии тӯҳфашударо биёред!» Ҳангоме ки ҳаёти заминӣ ба охир мерасад, шахс на ашёҳо, балки наздикон, дӯстдоштагон ва дӯстонро назди худ мехонад.

Дар дақиқаҳои охирин ҳама ногоҳ дарк мекунанд, ки моҳияти ҳаёт дар муоширaт ва муносибатҳост. Шахси хирадманд оиди ин ҳақиқат пештар огоҳ мешавад. Дақиқаҳои охирини умрро интизор шудан зарур нест. Бовар кунед ва фаҳмед, ки дар ҳаёт чизе аз ин муҳимтар нест.

**Моро маҳз аз рӯи он баҳо медиҳанд, ки то чӣ андоза дӯст медоштем**. Боз як сабаби ба муҳаббат аҳамияти аввалиндараҷа додан дар он аст, ки маҳз дар ҳамин асос моро дар абадият баҳо медиҳанд. Дар баробари чизҳои дигар, Худо ба сифати муносибатҳои мо нигариста, дараҷаи камолоти рӯҳонии моро баҳо медиҳад. Ӯ мансаб, суратҳисоби бонкӣ ё машғулиятҳои дӯстдоштаамонро намепурсад, Ба ҷои ин Ӯ ба он менигарад, ки шумо ба дигарон, хусусан ба мӯҳтоҷон чӣ гуна муносибат мекардед (Мат. 25:34–46). Исо гуфтааст, ки мо Ӯро он вақт дӯст медорем, ки аъзоёни оилаи Ӯро дӯст медорем ва эҳтиёҷоти амалӣ, воқеии онҳоро қонеъ менамоем. «*Ба ростӣ ба шумо мегӯям: он чи ба яке аз ин ба-*

*родарони хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед*» (Мат. 25:40).

Мо ба абадият гузашта, дар рӯи замин тамоми моликияти худро мемонем. Ягона чизе ки мо бо худ мебарем, хислати мост. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Танҳо имон, ки дар муҳаббат зоҳир мешавад, муҳим аст*» (Ғал. 5:6).

Бо назардошти ин, ман ба шумо пешниҳод мекунам, ки ҳар пагоҳӣ, ҳангоме ки аз хоб бедор мешавед, ба зону истода ё ба канори кат нишаста, чунин дуо гӯед: «Худоё, ман намедонам, ки имрӯз боз коре карда метавонем ё не, аммо пеш аз ҳама мехоҳам барои он вақт ҷудо кунам, ки Туро ва одамонро дӯст дорам, зеро ҳаёт аз ҳамин иборат аст. Ман имрӯзро аз даст додан намехоҳам». Агар шумо имрӯзро беҳуда сарф мекарда бошед, чаро Худо ба шумо рӯзи ояндаро диҳад?

## БЕҲТАРИН ТАРЗИ ИФОДА НАМУДАНИ МУҲАББАТ — ВАҚТ АСТ

Аҳамияти ин ё он машғулиятро аз рӯи он андоза кардан мумкин аст, ки мо ба он чӣ қадар вақт сарф карданӣ ҳастем. Ба ягон шахс ва ё кор ҳар қадар вақти бештарро бахшем, ин шахс ё кор дар назари мо ҳамон қадар арзиши бештар пайдо мекунад. Агар донистан хоҳед, ки шиносҳоятон чиҳоро афзал меҳисобанд, нигоҳ кунед, ки онҳо вақти худро чӣ тавр истифода мебаранд.

Вақт атои гаронбаҳотарин аст, зеро ба мо вақти муайяне муқаррар карда шудааст. Пулро ҳамеша ба даст овардан мумкин аст, аммо барои худ вақти бештар ба даст овардан ғайриимкон аст. Ба касе вақти худро дода, шумо як қисми ҳаёти худро ба ӯ медиҳед, ки онро бозгардондан ғайриимкон аст.

Вақти шумо — ҳаёти шумост. Маҳз аз ҳамин сабаб он тӯҳфаи бебаҳотаринест, ки мо ба якдигар дода метавонем.

*Гуфтани* он ки муносибатҳои байниҳамдигарӣ муҳиманд, кифоя нест. Бояд ба муносибатҳо вақти худро сарф намуда, асоснок будани суханонатонро исбот намоед. Як худи суханон аҳамияти зиёд надоранд. «*Эй фарзандонам! Биёед на бо сухан ва забон дӯст дорем, балки дар амал ҳақиқати муҳаббати худро исбот намоем*» (1 Юҳ. 3:18). Барои муоширати ҳақиқӣ бо одамон вақт даркор аст, ва воситаи беҳтарини навиштани калимаи «муҳаббат» чунин аст: В — А — Қ — Т.

Моҳияти муҳаббат на дар он аст, ки мо дар бораи шахси дигар фикр мекунем, барои ӯ чӣ кор мекунем ва чӣ тавр дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ менамоем, балки дар он аст, ки мо то чӣ андоза *худро* ба ӯ медиҳем. Тӯҳфаи беҳтарине ки ба одамон пешкаш карда метавонед, худи шумо мебошед, Гоҳо инро фаҳмидан душвор аст, хусусан барои мардҳо. Бисёрии онҳо ба ман мегӯянд: «Ман занам ва фарзандонамро тамоман намефаҳмам. Охир, ман онҳоро бо ҳамаи чизҳои зарурӣ таъмин карда истодаам. Ба онҳо боз чӣ даркор аст?» Чашмони шумо, гӯшҳои шумо, вақти шумо, диққати том ва ҳақиқатан ҳузур доштани шумо. Ҳеҷ чизи дигар ҷои инро гирифта наметавонад!

***Вақт тӯҳфаи бебаҳотаринест, ки мо ба якдигар дода метавонем.***

Тӯҳфаи дилписандтарин аз шахси дӯстдошта — на ҷавоҳирот, гулҳо ё шоколад ва конфетҳо мебошанд. Ин *вақти пурра бахшидашуда* аст. Муҳаббат дар объекти худ чунон марказонида мешавад, ки худро фаромӯш мекунад. Ба касе вақт ҷудо карда, мо бо ин амал мегӯем: «Ман туро чунон қадр мекунам, ки тайёрам ба ту гаронбаҳотарин чизамро: вақтамро

диҳам». Ба касе вақти худро дода, шумо ҳатман чизеро фидо мекунед, аммо, охир, фидокорӣ моҳияти ҷудоинопазири муҳаббат аст. Исо инро ба мо дар намунаи Худ нишон додааст: «*Ва дар муҳаббат рафтор кунед, чунон ки Масеҳ низ ба мо муҳаббат дошт ва Худро барои мо, ҳамчун ҳадия ва қурбонӣ ба Худо, ҳамчун бӯи муаттар таслим намуд*» (Эфс. 5:2).

Бе муҳаббат фидокорӣ кардан мумкин аст, аммо бе фидокорӣ муҳаббат муҳаббат нест. «*Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад*» (Юҳ. 3:16). Дӯст доштан — гузашт кардан ба ягон кас ва фидо намудани роҳат, мақсадҳо, осудагӣ, пул ё вақти худ барои ӯст.

## ҲОЗИР ДӮСТ ДОШТАН БЕҲТАР АСТ

Кори на он қадар муҳимро ба вақти дигар монондан гоҳо ҳақиқатан беҳтар аст. Аммо азбаски чизе муҳимтар аз муҳаббат нест, ҳамеша дар навбати аввал ба он итоат намудан лозим аст. Дар Китоби Муқаддас ин фикр борҳо такрор карда мешавад. Дар он гуфта шудааст: «*Аз ин рӯ, то даме ки вақт дорем, ба ҳама некӣ кунем, алалхусус ба касоне ки имон онҳоро як оила кардааст*» (Ғал. 6:10). «*Кӯшиш кунед вақти худро хуб истифода баред, чунки ин рӯзҳо шарир аст*» (Эфс. 5:16). «*Аз некӣ кардан ба мӯҳтоҷе даст накаш, вақте ки кардани он аз дастат ояд*» (Мас. 3:27).

Чаро ба вақти дигар намононда, ҳозир дӯст доштан беҳтар аст? Зеро шумо намедонед, ки то ба кай ин имкониятро доред. Вазъиятҳо дигар мешаванд. Одамон вафот мекунанд. Кӯдакон ба воя мерасанд. Барои фардо ҳеҷ кафолате нест. Бинобар ин, агар ба касе муҳаббати худро зоҳир карданӣ бошед, беҳтараш дарҳол ин корро кунед.

Чун медонед, ки ягон вақт мо ҳама дар назди Худо ҳозир мешавем, кӯшиш кунед барои худ ба чунин саволҳо ҷавоб диҳед: Шумо ба Худо чӣ тавр мефаҳмонед, ки чаро баъзе лоиҳаҳо ё ашёҳо барои шумо аз одамон муҳимтар буданд? Шумо бояд бо кӣ вақти бештареро гузаронед? Барои ин кадом корҳоро бояд аз ҷадвали кории худ хат занед. Чиро қурбон карданатон лозим меояд?

Воситаи беҳтарини ихтиёрдорӣ намудани ҳаёти худ — ба муҳаббат бахшидани он аст. Роҳи беҳтарини ифода намудани муҳаббат — вақт аст. Вақти беҳтарин барои изҳор намудани муҳаббати худ — ҳозир аст.

## РӮЗИ ШОНЗДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Чизи муҳимтарин дар зиндагӣ — муҳаббат аст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Тамоми шариат аз як калима иборат аст, чунончи: “Ёратро мисли худат дӯст бидор”*» (Ғал. 5:14).

**Савол барои андешаронӣ**: Оё ман софдилона гуфта метавонам, ки муносибатҳо ҳақиқатан барои ман аз ҳама чизи дигар муҳимтар мебошанд? Чӣ тавр чунин кунам, ки ин воқеият гардад?

# 17

# ХУДӢ ДАР БАЙНИ ХУДИҲО

*Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо.*

Эфс. 2:19

*Хонаи Худо... Калисои Худои зинда, рукн ва бунёди ростист.*

1 Тим. 3:15

Мо на танҳо ба он даъват шудаем, ки имон дошта бошем, балки ба якдигар шарик бошем.

Ҳатто дар ҷаҳони идеалии бегуноҳи боғи Адан Худо гуфт: «*Танҳо будани одам бад аст*» (Ҳас. 2:18). Мо барои муошират, барои муҳити инсонӣ, барои он офарида шудаем, ки дар оила бошем, ва ҳеҷ кадоми мо таъйиноти илоҳиро худ аз худ ба ҷо оварда наметавонад.

Дар Китоби Муқаддас оиди гӯшанишинони муқаддас ё шахсони рӯҳоние ки аз имондорони дигар ҷудо буда, аз муошират маҳрум бошанд, гуфта нашудааст. Дар он гуфта шудааст, ки мо «*як бадан ҳастем, як иморати маҳкам пайвастшуда, қисми бадани ягона, ки ба воситаи ҳар гуна робитаҳои мустаҳкамкунандаи якдигар ташаккул меёбад, ва якҷоя*

*ба ҳаво бурда мешавем, то ки Худовандро вохӯрем»* (1 Қӯр. 12:12, Эфс. 2:21, Эфс. 2:22 , Эфс. 4:16, Қӯл. 2:19, 1 Тасл. 4:17). Акнун ҳеҷ кадоми мо худ ба худ зиндагӣ намекунад.

Агарчи муносибатҳои мо бо Худо хеле шахсӣ мебошанд, Худо ҳеҷ гоҳ нагуфтааст, ки онҳо онҳо кори шахсии мо мебошанд. Дар оилаи Худо мо бо ҳамаи имондорон муттаҳид мешавем ва *то абад* ба якдигар тааллуқ дорем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамчунин мо, ки бисёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем*» (Рум. 12:5).

Пайравӣ ба Масеҳ — на танҳо имон, балки *мансубият, шарик будан* аст. Мо узвҳои Бадани Ӯ мебошем. Клайв Люис мегӯяд, ки калимаи «узвият» аслан дар байни масеҳиён пайдо шудааст, аммо ҷаҳон онро аз маънои аввалааш маҳрум намудааст. Мағозаҳо ба «аъзоён»-и маҳфили мағозаҳо нархҳои пасттарро пешниҳод мекунанд, рекламачиён бошанд ин калимаро ҳангоми тартиб додани рӯйхати мизоҷони имконпазири худ истифода мебаранд. Ҳатто дар калисоҳо аксаран узвият танҳо аз он иборат аст, ки номи шахси навомада бе пешниҳоди ягон хел талабот ва ҳеҷ гуна ӯҳдадориҳо ба базаи маълумотҳо даровarда мешавад.

***Мо нақши ҳаётии худро ба воситаи муносибатҳо бо дигар одамон мефаҳмем.***

Барои Павлус узви калисо шудан маънои онро дошт, ки шахс дар бадани зинда узви ҳаётан муҳим, қисми ивазнашавандаи Бадани Масеҳ мегардад, ки бо ҳамаи узвҳои дигари он робитаи зич дорад (Рум. 12:4–5, 1 Қӯр. 6:15, 1 Қӯр. 12:12–27). Мо бояд барои худ маънои библиявии «узвият»-ро аз нав ошкор намоем ва дар амал истифода барем. Калисо на бино, балки бадан аст, на ташкилот, балки организм аст.

Ҳеҷ як узви аз бадан ҷудо кардашуда вазифаи барояш муқаррашударо иҷро карда наметавонад. Оиди шумо низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Шумо барои он офарида шуда будед, ки дар Бадани Масеҳ нақши муайяне бозед, аммо агар шумо ба калисои маҳаллии зинда ҳамроҳ нашавед, ин нақши дуюми ҳаёти худро бозида наметавонед. Мо нақши ҳаётии худро ба воситаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ мефаҳмем. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Зеро, чунон ки дар як бадан андоми бисёре дорем, лекин на ҳамаи андомҳо айни як корро ба ҷо меоваранд, ҳамчунин мо, ки бисёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем*» (Рум. 12:4–5).

Агар яке аз узвҳо бо кадом як сабаб аз бадан ҷудо шавад, хушк мешавад ва мемирад. Он худ ба худ вуҷуд дошта наметавонад. Шумо низ наметавонед. Агар бо калисои маҳаллӣ робита надошта бошед, аз қувваи ҳаётӣ, ки аз он бармеояд, маҳрум мешавед, ҳаёти рӯҳонии шумо хазон мешавад ва бо мурури замон тамоман қатъ мегардад (Эфс. 4:16). Маҳз аз ҳамин сабаб аввалин нишонаи таназзули рӯҳонӣ одатан бо он вобаста аст, ки шахс ба парастишҳои якшанбегӣ ва дигар ҷамъомадҳои имондорон дердер меравад. Ҳангоме ки мо ба муошират бо масеҳиёни дигар беаҳамиятӣ мекунем, ҳама чизи дигар низ оҳиста-оҳиста рӯ ба таназзул меоварад.

***Калисо аз олам, ва аз он нақше ки дар олам дорад, бештар умр мебинад.***

Мансубият ба оилаи Худоро беаҳамият ва нодаркор ҳисобидан мумкин нест. Калисо нақшаи Худо барои тамоми ҷаҳон аст. Исо гуфтааст: «*Ман ҷамоати Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дунёи мурдагон бар он ғолиб нахоҳанд шуд*» (Мат. 16:18). Калисо устувор ва шикастнопазир аст, он то абад вуҷуд хоҳад дошт.

Калисо аз олам, ва аз он нақше ки дар олам дорад, бештар умр мебинад. Касе ки «калисо ба ман даркор нест» мегӯяд, бо ин суханон ҳавобаландӣ ё бехирадии худро нишон медиҳад. Калисо он қадар муҳим аст, ки Исо ба хотири он дар салиб ҷон дод. «...*Масеҳ низ ба Калисо муҳаббат дошт ва Худоро аз барои он таслим намуд*» (Эфс. 5:25).

Китоби Муқаддас калисоро «арӯси Масеҳ» ва «Бадани Масеҳ» меномад (2 Қӯр. 11:2, Эфс. 5:27, Ваҳй 19:7). Ман тасаввур карда наметавонам, ки чӣ тавр ба Исо чунин гуфтан мумкин аст: «Ман Туро дӯст медорам, аммо зани Ту ба ман маъқул нест» ё «Ман Туро қабул мекунам, аммо ба Бадани Ту муносибате доштан намехоҳам». Аммо амалан ҳар боре ки аз калисо канораҷӯӣ мекунем, аз он шикоят менамоем ё беэътиноёна муносибат менамоем, мо чунин мегӯем. Мутаассифона, бисёр масеҳиён аз калисо *истифода мебаранд*, аммо ба он ҳеҷ муҳаббат надоранд.

## КАЛИСОИ МАҲАЛЛИИ ШУМО

Ғайр якчанд истисноҳои муҳим, ҳангоме ки калимаи «калисо» ба ҳамаи имондорони ҳамаи замонҳо ва халқҳо дахл дорад, дар Аҳди Ҷадид он ҳамеша ба маънои ҷамоати муайяни маҳаллӣ истифода мешавад. Аҳди Ҷадид узви ҷамоати маҳаллӣ буданро худ аз худ фаҳмо ва даркорӣ меҳисобад. Ба калисои маҳаллӣ танҳо он масеҳиён тааллуқ надоштанд, ки ки дар назди ҳама гуноҳи ошкоро содир карда буданд, ва нисбати онҳо чораҳои интизомии калисо истифода шуда буданд (1 Қӯр. 5:1–13, Ғал. 6:1–5).

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки масеҳӣ бе оилаи калисоӣ ба узве монанд аст, ки аз бадан канда шудааст, ба гӯсфанде ки аз рама ҷудо шуда-

аст, ё ба кӯдаке ки аз хонаводааш маҳрум гардидааст. Ин ҳолати ғайритабиӣ аст, ки набояд бошад. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо*» (Эфс. 2:19).

Фарҳанги ҳозира, ки соҳибихтиёрӣ ва индивидуализмро тарғиб менамояд, миқдори зиёди сағираҳои рӯҳонӣ — «*масеҳиён-парвонаҳо*»-ро ба вуҷуд овардааст, ки аз калисо ба калисо мегузаранд ва дар ҳеҷ кадом ҷамоат масъулиятеро ба ӯҳда намегиранд ва барои амалҳои худ ҷавобгар будан намехоҳанд. Баъзеҳо мепиндоранд, ки «масеҳии хуб» будан ва дар айни ҳол ба ягон калисои маҳаллӣ ҳамроҳ нашудан ва ҳатто ба парастишҳо нарафтан мумкин аст. Аммо Худо бо онҳо тамоман розӣ нест. Дар Китоби Муқаддас бисёр сабабҳои асоснок зикр шудаанд, ки мувофиқи онҳо масеҳӣ бояд дар муоширати калисоӣ иштироки фаъолона дошта бошад.

## ЧАРО БА МО ОИЛАИ КАЛИСОӢ ДАРКОР АСТ?

**Оилаи калисоӣ тасдиқ мекунад, ки ман ҳақиқатан масеҳӣ ҳастам**. Агар ман узви вафодори ягон гурӯҳи муайяни шогирдони Масеҳ будан нахоҳам, гуфта наметавонам, ки Масеҳро пайравӣ мекунам. Исо гуфтааст: «*Агар якдигарро дӯст доред, ҳама хоҳанд донист, ки шумо шогирдони Ман ҳастед*» (Юҳ. 13:35).

Ҳангоме ки мо, новобаста ба мансубияти миллӣ ва иҷтимоӣ, чун оилаи калисоӣ бо муҳаббат дар як ҷой ҷамъ мешавем, ягонагии мо шаҳодате барои ҷаҳони атроф мебошад (Ғал. 3:28, Юҳ. 17:21). Шумо худ аз худ Бадани Масеҳ буда наметавонед. Барои ин ба шумо масеҳиёни дигар даркоранд. Мо

на дар алоҳидагӣ, балки дар якҷоягӣ Бадани Масеҳ ҳастем (1 Қӯр. 12:27).

**Оилаи калисоӣ моро бегонашавии худпарастона аз берун мекунад**. Калисои маҳаллӣ — мактабест, ки мо дар он бо дигар аъзоёни оилаи Худо муросо карданро меомӯзем. Агар хоҳед, ин як навъ *лаборатория* аст — барои корҳои амалӣ дар соҳаи муҳаббати фидокорона ва ҳамдардикунанда. Шумо, чун узви калисои маҳаллӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи дигарон ва ҷонибдорӣ намудани манфиатҳои онҳоро ёд гирифта метавонед. «*Ва агар як узв дар азоб бошад, ҳамаи узвҳои дигар низ азоб мекашанд; ва агар як узв сазовори таҳсин гардад, ҳамаи узвҳо аз ин хурсанд мешаванд*» (1 Қӯр. 12:26). Танҳо ба воситаи робитаи мунтазам бо имондорони муқаррарии нокомил муоширати ҳақиқиро ёд гиред ва фаҳмед, ки ба ҳамдигар вобаста ва муттаҳид будан чӣ маъно дорад (Эфс. 4:16, Рум. 12:4–5, Қӯл. 2:19, 1 Қӯр. 12:25).

РӮЗИ ҲАФДАҲУМ

## ХУДӢ ДАР БАЙНИ ХУДИҲО

Муоширати ҳақиқии библиявӣ маънои онро дорад, ки мо ба якдигар чун ба Исои Масеҳ вафодор ҳастем. Худо моро даъват мекунад, ки ҳаёти худро барои якдигар диҳем. Бисёр масеҳиён, ки Юҳанно 3:16-ро аз ёд медонанд, бо кадом як сабаб 1 Юҳ. 3:16-ро дар хотир надоранд: «*Мо муҳаббатро аз он донистем, ки Ӯ ҷони Худро барои мо фидо кард. Мо ҳам бояд ҷонҳои худро барои бародарон фидо кунем*». Ва дар муносибат бо дигар имондорон Худо аз мо маҳз ҳамин гуна муҳаббати фидокоронаро интизор аст: ҳамон тавре ки Худи Исо моро дӯст медорад, дӯст доштани дигарон.

**Оилаи калисоӣ ба мо ёрӣ медиҳад, ки рӯҳан қавӣ шавем**. Агар шумо фақат дар парастишҳои умумӣ иштирок намуда, тамошобини беиштирок монед, ҳеҷ гоҳ ба камолоти рӯҳонӣ намерасед. Танҳо

иштирок дар ҳаёти калисо ба мо ёрӣ медиҳад, ки рӯҳан қавӣ шавем. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ба шарофати Ӯ* [Масеҳ] *тамоми Бадан ба воситаи ҳар навъ пайвандҳои тавқияткунанда мустаҳкам ва пайваст мешавад, ҳар як узви он таъйиноти худро ба ҷо меоварад, ва тамоми Бадан дар муҳаббат афзоиш меёбад ва бино мегардад*» (Эфс. 4:16).

Дар Аҳди Ҷадид калимаи «якдигар» ё «ҳамдигар» зиёда аз панҷоҳ бор такрор мешавад. Ба мо фармуда шудааст, ки якдигарро *дӯст дорем*, барои якдигар *дуо гӯем*, якдигарро *рӯҳбаланд кунем*, якдигарро *обод намоем*, якдигарро *шодбош гӯем*, ба якдигар *хизмат кунем*, якдигарро *таълим диҳем*, якдигарро *қабул намоем*, якдигарро *эҳтиром намоем*, *борҳои* якдигарро *бардорем*, якдигарро *бахшем*, ба якдигар *мутеъ шавем*, ба якдигар *вафодор бошем* ва ғайра. Маънои библиявии калимаи «ягонагӣ» дар ҳамин аст! «Ӯҳдадориҳои оилавӣ»-и мо аз ҳамин иборат аст, ва Худо интизори он аст, ки мо дар муоширати маҳаллии имондорон буда, онҳоро иҷро мекунем. Шумо ин ӯҳдадориҳоро *нисбати кӣ* иҷро менамоед?

Ба баъзеҳо чунин метобад, ки ҳангоме дар атроф ҳеҷ кас ба мувофиқи хости худ рафтор намудани мо халал намерасонад, муқаддас будан хеле осонтар аст. Аммо ин муқаддасии бардурӯғ, ноустувор аст. Аз дигарон ҷудо будан дурӯғ ва худфиребиро ба миён меоварад. Ҳангоме дар назди шумо кас нест, ки бо сухан ва амалҳо моҳияти ҳақиқии шуморо аён кунад, ба фиреб дода шуда, худро шахси рӯҳан болиғ ҳисобидан осон аст. Балоғати ҳақиқӣ маҳз дар муносибатҳои байниҳандигарӣ зоҳир мегардад.

Барои нашъунамои рӯҳонӣ фақат Китоби Муқаддасро хондан кифоя нест. Агар якдигарро таълим диҳем ва ба якдигар оиди рафти корҳоямон ҳисобот диҳем, хеле зудтар нашъунамо мекунем ва қавӣ мегардем. Ҳангоме ки дигар масиҳиён он чиро,

ки Худо ба онҳо таълим медиҳад, ба дигарон мерасонанд, шахс бисёр чизҳоро меомӯзад ва нашъунамо мекунад.

**Бадани Масеҳ ба мо эҳтиёҷ дорад**. Худо ба ҳар яки мо ҷойи худ, мақоми нотакрори худро дар оилаи Ӯ ҷудо кардааст. Ин нақш хизмат номида мешавад, ва барои он ки онро иҷро карда тавонем, Худо ба мо бахшоишҳои мувофиқ додааст: «*Ба ҳар кас зуҳуроти Рӯҳ барои манфиати ҳама дода шудааст*» (1 Қӯр. 12:7).

Ҷамоати маҳаллиро Худо барои он тайёр кардааст, ки мо дар он ошкор намудан, инкишоф додан ва истифода бурдани бахшоишҳои худро ёд гирем. Шояд мо хизматгузории васеътаре низ дорем, аммо он ҳамеша *иловаест* ба он чи мо дар калисои маҳаллӣ мекунем. Дар навбати аввал Исо оиди обод намудани калисои *Худ* ғамхорӣ мекунад, ва баъд оиди ҷиҳатҳои гуногуни хизматгузории мо.

**Мо дар хизмати Масеҳ ба тамоми ҷаҳон иштирок мекунем**. Ҳангоме ки Исо дар рӯи замин мегашт, Худо ба воситаи ҷисми табиии Ӯ амал менамуд. Имрӯзҳо Ӯ ба воситаи бадани рӯҳонии Ӯ амал мекунад. Калисо асбоби Худо дар ин ҷо, дар рӯи замин аст. Мо бояд муҳаббати Худоро ба ҷаҳон на танҳо ба воситаи муҳаббат ба якдигар зоҳир намоем. Мо бояд ин муҳаббатро якҷоя ба тамоми ҷаҳони боқимонда расонем. Худо ба мо чунин имтиёзи ҳайратовареро додааст! Мо узвҳои Бадани Масеҳ, дастон, пойҳо, чашмон ва дили Ӯ мебошем. Ӯ корҳои Худро дар ҷаҳон ба воситаи мо ба амал меоварад. Ва ҳар яки мо бояд дар иҷрои нақшаи Ӯ саҳми худро дошта бошем. Павлус ба мо мегӯяд: «*Худо моро барои корҳои нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба воситаи ягонагӣ бо Исои Масеҳ, чуноне ки ҳастем, офаридааст*» (Эфс. 2:10).

**Оилаи калисоӣ ёрӣ медиҳад, ки аз Масеҳ дур нашавем**. Ҳеҷ яки мо аз васвасаҳо эмин нест. Дар

мавридҳои муайян ҳар яки мо ҳар навъ гуноҳ карда метавонад (1 Қӯр. 10:12, Ирм. 17:9, 1 Тим. 1:19). Худо инро хуб медонад ва аз ҳамин сабаб ба ҳамаи мо фармудааст, ки ба якдигар ёрӣ диҳем ва аз роҳи дуруст берун нашавем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Якдигарро ҳар рӯз насиҳат диҳед, то даме ки... касе аз шумо ба фиребҳои гуноҳ афтода, сахтдил нашавад*» (Ибр. 3:13). «Ба корҳои дигарон бинӣ нахалон» — мақоли масеҳиён нест.

***Дар навбати аввал Исо оиди обод намудани калисои Худ ғамхорӣ мекунад, ва баъд оиди ҷиҳатҳои гуногуни хизматгузории мо.***

Мо бояд муошират намоем, ба якдигар шарик бошем, ва нисбати ҳаёти якдигар бепарво набошем. Агар шумо донед, ки яке аз шиносҳои шумо дудила шуда, ба қарибӣ аз роҳи дуруст берун мешавад, аз паси ӯ рафта, ӯро ба муошырати муқаддасон бозгардонед. Яъқуб мегӯяд: «*Эй бародарон! Агар касе аз шумо аз роҳи ростӣ берун шуда бошад, ва касе ӯро баргардонад, бигзор вай бидонад, ки шахсе ки гуноҳкорро аз роҳи ғалати вай гардонад, ҷони вайро аз ҳалокат наҷот дода, гуноҳҳои зиёдро рӯпӯш хоҳад кард*» (Яъқ. 5:19–20).

Ғайр аз ин, калисои маҳаллӣ ба мо аз ҷониби сарварон ва устодони парҳезгор ҳимояи рӯҳонӣ пешкаш мекунад. Худо шубононро барои он таъин кардааст, ки онҳо моро ҳимоя кунанд, эҳтиёт намоянд, таълим диҳанд ва дар хусуси некӯаҳволии аҳли калисо ғамхорӣ намоянд (Аъм. 20:29–29, 1 Пет. 5:1–4, Ибр. 13:7, 17). Дар Навишта гуфта шудааст: «*Ӯ баъзеро ҳавворӣ, баъзеро пайғамбар, баъзеро башоратдиҳанда, баъзеро шубон ва муаллим таъин намуд, барои такмили муқаддасон ба кори ибодат, ба бинои Бадани Масеҳ*» (Эфс. 4:11–12).

Имондорони алоҳида, ки аз ҳаёти Бадани Масеҳ канда шудаанд, аз оилаи Худо ҷудо ҳастанд ва

дар назди ҳеҷ гуна сарвари рӯҳонӣ масъулият надоранд, ба шайтон хеле писанд меоянд. Шайтон медонад, ки онҳо нотавонанд ва худро аз дасисаҳои ӯ ҳимоя карда наметавонанд.

## КАЛИСО ҲАМА ЧИЗ АСТ

Дар китоби пешинаи худ *«Калисои ба мақсад нигаронидашуда»* ман муфассал фаҳмонда будам, ки барои ҳаёти солим калисои солим комилан зарур аст. Умедворам, шумо ягон вақт онро низ мехонед. Шумо аз он китоб мефаҳмед, ки Худо калисои шуморо махсус он гуна ташаккул додааст, ки дар иҷрои ҳамаи панҷ ҷиҳати таъйиноти ҳаётӣ ба шумо ёрӣ диҳад. Худо калисоро барои он ба вуҷуд овард, ки дар он амиқтарин талаботҳои шумо қонеъ карда шаванд. Ба ҳар шахс ҳатман ягон мақсад даркор аст, ки ба хотири он зиндагӣ кунад. Ғайр аз ин, ба ӯ одамон даркоранд, то бо онҳо зиндагӣ кунад; принсипҳо даркоранд, ки мавҷудияти худро бо онҳо асоснок намояд; вазифа даркор аст, ки аз рӯи он кор кунад, қувват барои амалӣ гардондани ҳамаи ин даркор аст. Дар ҷаҳон ҳеҷ ҷои дигар нест, ки ба шумо якбора ҳамаи инро пешкаш карда тавонад.

Дар асл панҷ мақсади Худо барои калисо ба панҷ мақсади Ӯ барои ҳаёти шумо пурра мувофиқат доранд. Парастиш ба шумо ёрӣ медиҳад, ки *доимо ба сӯи Худо нигоҳ кунед*. Муошират ба шумо ёрӣ медиҳад, ки *аз ӯҳдаи мушкилоти ҳаёт бароед*. Шогирдӣ ба *устувор шудани имони шумо* мусоидат мекунад. Хизматгузорӣ *бахшоишҳо ва лаёқатҳои шуморо ошкор мекунад*. Башоратдиҳӣ шуморо ба *амалӣ гардондани роҳи ҳаётии худ* ҳидоят менамояд. Дар ҷаҳон ҳеҷ чиз ба монанди калисои Худо нест!

## ИНТИХОБ АЗ ШУМОСТ

Аз лаҳзаи таваллуд ҳар яки мо ба таври автоматӣ узви оилаи калони умумиҷаҳонии инсонӣ мегардад. Аммо ғайр аз ин, кӯдак бояд узви ягон оилаи муайян бошад, то дар он ҷо ба ӯ ғамхорӣ кунанд, ӯро тарбия намоянд, ва барои боқуввату солим ба воя расиданаш мусоидат намоянд. Айнан ҳамин чиз аз ҷиҳати рӯҳонӣ низ бояд ба амал ояд. Ҳангоми аз олами боло таваллуд шудан шумо узви оилаи умумиҷаҳонии Худо мешавед, аммо шумо бояд ба ягон оилаи калисоии муайян ҳамроҳ шавед.

Фарқ байни *боздидкунанда* ва *узви* калисо дар дараҷаи бахшидашавӣ аст. Боздидкунандагон мушоҳидакунандагони ғайрифаъол мебошанд, аммо аъзоён дар ҳаёти калисо иштироки фаъолона доранд. Боздидкунандагонро истифодабарандагон номидан мумкин аст, аммо аъзоён дар обод намудани ҷамоат саҳми худро мегузоранд. Умуман фарқ дар ин ҷо монанди ҷуфтҳоест, ки дар оилаи шаҳрвандӣ зиндагӣ мекунанд, ва ҷуфтҳое ки иттиҳоди ҳақиқии оилавӣ барпо мекунанд ва худро пурра ба ҳамдигар мебахшанд.

Чаро ба оилаи калисоии маҳаллӣ шарик будан ин қадар муҳим аст? Чунки шумо бо ин амал нишон медиҳед, ки на танҳо дар сухан, балки дар амал низ ба бародарон ва хоҳарони худ дар Масеҳ вафодор ҳастед. Худо мехоҳад, ки мо, мисли Худи Ӯ, на одамони беайби бофтаи хаёлот, балки одамони *ҳақиқиро* дӯст дорем. Шумо метавонед тамоми умр калисои идеалиро ҷустуҷӯ намоед, аммо онро пайдо карда наметавонед. Мо вазифадорем гуноҳкорони нокомилро дӯст дорем — чунон ки Худо онҳоро дӯст медорад.

Дар китоби Аъмол навишта шудааст, ки имондорони Уршалим вафодорӣ ва садоқати худро ба

якдигар ба таври мушаххас ва амалӣ нишон медоданд. Онҳо доимо дар муошират буданд. Дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки «*Ва онҳо бо шунидани таълими ҳаввориён машғул буда, дар мушоракати бародарона мезистанд, ва барои шикастани нон ва бо дуо гуфтан ҷамъ меомаданд*» (Аъм. 2:42). Имрӯзҳо низ Худо аз мо худи ҳаминро интизор аст.

Ҳаёти масеҳиёна на танҳо ба Масеҳ бахшида шудан, балки вафодориро ба масеҳиёни дигар дар назар дорад. Имондорони Мақдуния инро хуб мефаҳмиданд. Павлус дар хусуси онҳо гуфта буд: «*Худашонро пешкаш карданд, аввалан ба Худованд ва сониян ба мо низ мувофиқи иродаи Худо*» (2 Қӯр. 8:5б). Фарзандони Худо шуда, мо ба таври табиӣ қадами навбатӣ гузошта, ба калисои маҳаллӣ ҳамроҳ мешавем. Мо худро ба Масеҳ бахшида, масеҳӣ мешавем, аммо танҳо худро ба ягон гурӯҳи муайяни имондорон бахшида, *узви калисо* шудан мумкин аст. Қарори аввалӣ боиси наҷот ёфтани мо мегардад, қарори дуюм — моро ба муошират меоварад.

## РӮЗИ ҲАФДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ман вазифадорам на танҳо имон дошта бошам, балки ба имондорони дигар шарик бошам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ҳамчунин мо, ки бисёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, аммо ҳар яке ба танҳоӣ андоми якдигарем*» (Рум. 12:5).

**Савол барои андешаронӣ**: Агар ба иштироки ман дар ҳаёти калисои маҳаллӣ нигарем, оё гуфтан мумкин аст, ки ман оилаи Худоро дӯст медорам ва ба он вафодор ҳастам?

# 18

## ТАҶРИБАИ ҲАЁТИ ЯКҶОЯ

*Бигзор дар дилҳои шумо осоиштагии Худо ҳукмфармо бошад, ки шумо ба он дар як Бадан даъват шудаед; ва шукргузор бошед.*

Қӯл. 3:15

*Инак, чи хуш аст ва чи дилпазир, ки бародарон дар як ҷой ҳамнишин бошанд.*

Заб. 132:1

Мо барои якҷоя зиндагӣ кардан офарида шудаем.

Худо мехоҳад, ки мо чӣ будани ҳаёти якҷояро донем. Китоби Муқаддас инро *муошират* (мушоракат) меномад. Аммо ҳозир ин калима маънои библиявии худро қариб тамоман гум кардааст. Оиди муошират гап зада, одамон одатан гуфтугӯи рӯякӣ ва беаҳамияти сари дастурхонро дар назар доранд. «Пас аз парастиш мо барои муошират вақт хоҳем дошт» гуфтан аксаран маънои онро дорад, ки моро ба чойнӯшӣ даъват мекунанд, ки дар давоми он мо бо шахсони на он қадар шинос андаке гуфтугӯ мекунем.

Муошират ҳақиқӣ на танҳо ба парастишҳо рафтанро дар бар мегирад. Ин *таҷрибаи воқеии ҳаёти*

*якҷоя* аст. Он беғаразона дӯст доштан, софдилӣ ва ошкорой, хизмати амалӣ, саховатмандии фидокорона, тасаллои ҳамдардона ва ҳамаи фармудаҳои боқимондаи Аҳди Ҷадидро оиди он, ки мо бояд «*бо якдигар*» чӣ гуна муносибат намоем, дар назар дорад.

Дар ин ҷо миқдори гурӯҳи масеҳиён нақши муҳим мебозад. Барои муошират *гурӯҳи на он қадар калони имондорон доштан беҳтар аст*. Дар байни издиҳом низ парастиш кардан мумкин аст, аммо бо издиҳом муошират кардан ғайриимкон аст. Агар дар гурӯҳ зиёда аз даҳ кас бошад, ҳатман ягон кас иштироки фаъолона дар муошират ва изҳори нуқтаи назари худро бас мекунад (одатан узви хомӯштарини он), ва дар вохӯриҳо танҳо якчанд иштирокчиёни ғайратмандтарин иштирок менамоянд.

Исо хизматгузории худро дар заминаи гурӯҳи хурди шогирдон пеш мебурд. Ӯ барои Худ боз баъзе касонро интихоб карда метавонист, аммо медонист, ки дувоздаҳ нафар — андозаи максималии гурӯҳи хурд аст, ки дар он муошırати самараноки баробарҳуқуқ имконпазир аст.

Бадани Масеҳ, ба монанди баданҳои ҷисмонии мо, дар ҳақиқат аз миқдори зиёди ҳуҷайраҳои хурдтарин иборат аст. Ҳаёти бадани мо, ба монанди Бадани Масеҳ, маҳз дар онҳост. Маҳз аз ҳамин сабаб ҳар як масеҳӣ бояд узви ягон гурӯҳ дар дохили калисои худ бошад, хоҳ гурӯҳи хонагӣ бошад, хоҳ синф дар мактаби якшанбегӣ, ё маҳфили хурди омӯзиши Китоби Муқаддас. Муошırати ҳақиқӣ на дар ҷамъомадҳои умумӣ ва парастишҳо, балки маҳз дар ҳамин ҷо ба амал меояд. Агар калисоро ба киштии калон монанд кунем, гурӯҳҳои хурдро чун қаиқҳои наҷотдиҳанда, ки дар канораҳои он мебошанд, монанд кардан мумкин аст.

Худо маҳз барои гурӯҳҳои хурди имондорон ваъдаҳои ҳайратовар додааст: «*Дар ҷое ки ду ё се кас ба*

*номи Ман ҷамъ шаванд, Ман дар миёни онҳо ҳастам»* (Мат. 18:20). Мутаассифона, худ аз худ узви гурӯҳи хурд будан ҳанӯз муошırати ҳақиқиро кафолат намедиҳад. Бисёр синфҳои мактаби якшанбегӣ ва гурӯҳҳои хурди хонагӣ дар сатҳи рӯякӣ боқӣ мемонанд ва тасаввурот надоранд, ки муошırати ҳақиқӣ чист. Пас муошırати ҳақиқӣ аз муошırати рӯякӣ чӣ фарқ дорад?

**Ҳангоми муошırати ҳақиқӣ мо самимияти амиқ ва ошкоро буданро ҳис мекунем**. Муошират мубодилаи сатҳӣ, рӯякии маълумот нест. Он аз умқи дил бармеояд ва гоҳо гӯшаҳои ниҳонтарини онро ошкор мекунад. Он ҳамон вақт сар мешавад, ки одамон ба якдигар софдилона «ман»-и худ ва он чиро, ки дар ҳаёташон рӯй медиҳад, ошкор менамоянд, ҳиссиёташонро ба якдигар зоҳир менамоянд, аз хатоҳои худ тавба мекунанд, шубҳаҳояшонро иброз медоранд, ба тарсҳо ва сустиҳои худ иқрор мешаванд, мадад металабанд ва оиди дуо хоҳиш мекунанд.

Дар баъзе калисоҳо мо як чизи тамоман мухолифи самимиятро мебинем. Дар он калисоҳо ба ҷои софдилӣ ва фурӯтанӣ риёкорӣ, кӯшишҳои беҳтар вонамуд кардани худ, дасисаҳои ниҳонӣ, меҳрубонии рӯякӣ ва гуфтугӯҳои беаҳамият моро фаро мегиранд. Одамон дар паси симоҳои рӯякӣ ниҳон мешаванд, ҳолати ботинии худро ошкор намекунанд ва чунон рафтор мекунанд, ки гӯё дар ҳаёти онҳо ҳама чиз хеле хуб бошад. Ҳамаи ин барои муоширати самимӣ ҳалокат аст.

Мо танҳо ҳамон вақт муошırати ҳақиқӣ дошта метавонем, ки оиди ҳаёти худ ошкоро ва софдилона гап занем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: *«Аммо агар дар нур мегашта бошем, чунон ки Ӯ дар нур аст, бо якдигар мушоракат дорем... Агар гӯем, ки мо гуноҳе надорем, худамонро фиреб медиҳем, ва дар мо*

*ростӣ нест»* (1 Юҳ. 1:7–8). Ҷаҳон чунин мепиндорад, ки наздикии зичтарин танҳо дар торикӣ фаро мерасад, аммо Худо мегӯяд, ки он танҳо дар рӯшноӣ имконпазир аст. Ҳангоме ки мо ранҷишҳо, хатоҳо, нобарориҳо ва гуноҳҳои худро пинҳон карданӣ мешавем, дар торикӣ пинҳон мешавем. Аммо ҳангоме ки дар равшанӣ ҳастем, мо ҳама чизро берун меоварем ва дар асл чӣ гуна будани худро ошкор менамоем.

Албатта, ин нисбатан хатарнок аст ва дар як вақт ҳам ҷасорат, ҳам фурӯтаниро металабад. Барои ин лозим меояд тарси ошкор кардани асрори худ ва тарси онро, ки моро рад мекунанд ё бори дигар меранҷонанд, бартараф намоем. Пас худро ба хатар андохтан чӣ лозим аст? Гап дар он аст, ки ин ягона роҳи нашъунамои рӯҳонӣ аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Дар назди якдигар ба гуноҳҳоятон иқрор шавед ва барои якдигар дуо гӯед, то ки Худованд шуморо шифо диҳад*». (Яъқ. 5:16). Бе ин амал нашъунамо нест, ва аз ҳама душвор — бо худ ва бо дигарон ҳақиқатан софдил будан аст.

***Муошират ҳақиқӣ ҳамон вақт сар мешавад, ки одамон ба якдигар софдилона «ман»-и худ ва он чиро, ки дар ҳаёташон рӯй медиҳад, ошкор менамоянд.***

**Муошират ҳақиқӣ тарафайн ва аз ҳар ду ҷониб аст.** Самимият санъати ато кардан ва қабул намудан аст. Ин лаёқати ба якдигар такя кардан аст. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Худо баданро тавре ба соз овардааст, ки дар байни узвҳо ихтилофот набошанд, ва ҳамаи узвҳо ба якдигар ғамхорӣ кунанд*» (1 Қӯр. 12:24–25). Тарафайн ва аз ҳар ду ҷониб будан — қалби ҳар гуна муошират аст: мо муносибати дутарафа бунёд менамоем, масъулиятро бо ҳам мебинем ва ба якдигар ёрӣ мерасонем. Павлус мегӯяд: «*Орзуманди дидани шумо мебошам,*

*то ки атоҳои рӯҳониеро барои устувор шуданатон ба шумо тақдим намоям, яъне якдигарро бо имони умумиамон, бо имони шумо ва худам дастгирӣ намоям»* (Рум. 1:11–12).

Ҳангоме ки дигар имондорон дар баробари мо қадам зада, моро дастгирӣ мекунанд, ҳамаи мо бо муттасилӣ ва мунтазамии бештар амал менамоем. Китоби Муқаддас моро даъват мекунад, ки ба якдигар ҳисобот диҳем, ба якдигар хизмат намоем ва якдигарро эҳтиром намоем (Рум. 12:10). Аҳди Ҷадид зиёда аз панҷоҳ бор ба мо мефармояд, ки «барои якдигар» коре кунем. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки мо бояд *«дар роҳи сулҳу осоиштагӣ ва тақвияти якдигар саъю кӯшиш кунем»* (Рум. 14:19).

Шумо *барои* ҳар як узви Бадани Масеҳ масъулият надоред, аммо дар *назди* онҳо масъулият доред. Худо шуморо даъват мекунад, ки ҳама корро кунед, то ба онҳо ёрӣ диҳед.

**Дар муоширати ҳақиқӣ мо дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ эҳсос менамоем**. Дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ кардан маънои онро надорад, ки шитобон маслиҳатҳо диҳед ё мадади рӯякӣ пешниҳод намоед. Дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ кардан — *лаёқати* бо ҳам дидани дарду азоби шахси дигар аст. Мо ҳамдардӣ карда, гӯё ба шахс мегӯем: «Ман медонам, ки ту ҳозир чӣ ҳиссиётҳо дорӣ, ва ҳиссиёти ту — нишонаи телбагӣ ё девонагӣ нест». Ҳозир бисёриҳо инро «эмпатия» меноманд, аммо дар Китоби Муқаддас чунин муносибат дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ номида мешавад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Пас, агар шумо баргузидагони муқаддас ва маҳбуби Худо бошед, марҳамат, ҳамдардӣ, меҳрубонӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ ва пурсабриро дар бар кунед*» (Қӯл. 3:12).

Ҳамдардӣ ва дилсӯзӣ ду эҳтиёҷи асосии инсонро қонеъ мекунанд: эҳтиёҷ ба он ки касе моро фаҳмад ва эҳтиёҷ ба он ки касе қонунӣ ва аҳамиятнок

будани дарду ранҷи моро эътироф намояд. Ҳар боре ки ҳиссиёти шахси дигарро мефаҳмед ва қабул мекунед, шумо муошрати ҳақиқӣ бунёд менамоед. Гап дар он аст, ки гоҳо мо чунон шитобкорона ҳама чизро ислоҳ карданӣ мешавем, ки барои ҳамдардӣ кардан вақт намемонад. Ё мо бо дарду ранҷи худ хеле банд ҳастем. Аммо ба худ раҳм кардан ҳама гуна ҳамдардиро ба дигарон барҳам медиҳад.

Якчанд сатҳҳои муошрат ҳастанд, ва ҳар кадоми онҳо дар вақти худ бамаврид мебошанд. Оддитарин намудҳои он — *ба якдигар гуфтани* он чи бо мо рӯй дода истодааст, ва *омӯхтани* Каломи Худост. Муошрати амиқтар — *хизматгузории якҷоя* аст, ҳангоме ки мо ҳамроҳ меҳнат мекунем (масалан, ҳангоми сафарҳои миссионерӣ ё лоиҳаҳои ёрии иҷтимоӣ ба камбизоатон). Сатҳи амиқтарин, қавитарин ва зичтарини муошрат — *муошрати азобҳо* аст (Фил. 3:10, Ибр. 10:33–34), ҳангоме ки мо ба дарду азоби якдигар дохил шуда, борҳои якдигарро мебардорем. Ин сатҳи азоб аз ҳама беҳтар ба масеҳиёни баъзе кишварҳои ҷаҳон маълум аст, ки ба таъқибот дучор мешаванд, ба нафрати ҳамқавмҳояшон рӯ ба рӯ мегарданд, ва гоҳо барои имони худ бо марги пуразоб мемиранд.

***Ҳар боре ки ҳиссиёти шахси дигарро мефаҳмед ва қабул мекунед, шумо муошрати ҳақиқӣ бунёд менамоед.***

Китоби Муқаддас ба мо мефармояд, ки «*Борҳои якдигарро бардоред, ва ба ҳамин тариқ шариати Масеҳро иҷро хоҳед кард*» (Ғал. 6:2). Беш аз ҳама мо ба якдигар маҳз ҳангоми бӯҳрони амиқ, андӯҳ ва шубҳаҳо даркорем. Ҳангоме ки вазъиятҳо моро то он дараҷа ба замин хам мекунанд, ки имони мо тоб намеоварад ва мо дудила мешавем, ба мо беш аз ҳама дӯсти имондор даркор аст. Ба мо лозим аст, ки касе *ба ҷои мо, аз номи мо* ба Худо

бовар кунад, ва ба мо ёрӣ диҳад, ки таслим нашавем ва роҳамонро давом диҳем. Ҳатто ҳамон вақте ки Худо дур метобад, дар гурӯҳи хурди имондорон Бадани Масеҳ, воқеӣ ва наздик аст. Маҳз ҳамин чиз ба Айюб ҳангоми дар азобҳо буданаш намерасид. Ӯ фарёд намуд: *«Ҷафокаш аз ҷониби ёраш сазовори дилсӯзист, агар ӯ тарси Худои тавоноро тарк накарда бошад»**.

**Дар муоширати ҳақиқӣ мо марҳамат менамоем ва қабул мекунем**. Ин ҷои файз аст, ки дар он хатоҳои моро бераҳмона ёдрас намекунанд ва ба ҷароҳатҳои мо намак намепошанд, балки баръакс, кӯшиш мекунанд гуноҳҳои моро бахшанд ва онҳоро барои ҳамеша дар гузашта монанд. Муоширати ҳақиқӣ он вақт сар мешавад, ки раҳмдилӣ бар адолат дастболо мешавад.

Ҳамаи мо ба марҳамат эҳтиёҷ дорем, зеро ҳамаи мо пешпо мехӯрем, меафтем ва ба ёрӣ эҳтиёҷ дорем, то ки боз ба по хезем. Мо бояд ба атрофиён бо марҳамат муносибат намоем, ва марҳамати дигаронро қабул намоем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки шахси гуноҳкардаро «*афв намоед ва тасалло диҳед, то ки ғуссаи аз ҳад зиёд ӯро фурӯ набарад*» (2 Қӯр. 2:7).

РӮЗИ ҲАЖДАҲУМ:

## ТАҶРИБАИ ҲАЁТИ ЯКҶОЯ

Муошират ва бахшидан ҳамеша баробар пеш мераванд. Худо моро даъват мекунад, ки «*ба ҳамдигар илтифот намуда, якдигарро бахшед*» (Қӯл. 3:13), зеро ранҷиш ва набахшидан ҳама гуна муоширатро аз бех бармekананд. Мо, ки одамони гуноҳкор ва нокомил ҳастем, бисёр

* Айюб 6:14 (Ҷолиби диққат аст, ки дар тарҷумаи англисии ин оят, ки муаллиф овардааст, маъно андак дигар аст: Ҷафокаш аз ҷониби ёраш сазовори дилсӯзист, агарчи ӯ тарси Худои тавоноро тарк карда бошад» — тавзеҳи тарҷумон.)

вақт якдигарро меранҷонем — гоҳо тасодуфан ва гоҳо дидаву дониста. Ин маънои онро дорад, ки барои ҳаёти якҷоя ба мо миқдори беҳад зиёди файз ва марҳамат даркор аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва ба ҳамдигар пурсаброна тоб оварда, якдигарро бахшед, агар касе аз дигаре ранҷида бошад: чӣ тавре ки Худованд шуморо бахшидааст, шумо низ ҳамин тавр кунед*» (*Қӯл.* 3:13).

Марҳамати Худо нисбати шумо бояд шуморо водор намояд, ки ба дигарон ҳамин гуна марҳамат намоед. Худо ҳеҷ гоҳ аз шумо хоҳиш намекунад, ки касеро аз он чи Худи Ӯ шуморо бахшидааст, бештар бахшед. Ҳар боре ки касе шуморо меранҷонад, шумо ба интихобе рӯ ба рӯ мешавед, ки қуввaи ботинии худро ба чӣ равона кунед — ба *қасос гирифтан*, ё ба *ҳал намудани* ихтилоф? Ҳам ин ва ҳам онро дар як вақт ба ҷо овардан ғайриимкон аст.

Бисёр касон марҳамат кардан намехоҳанд, зеро фарқи байни бахшидан ва боварӣ карданро намедонанд. Вақте ки мо мебахшем, гузаштаро аз худ дур мекунем. Аммо боварӣ кардан бо он вобаста аст, ки шахс дар оянда чӣ гуна рафтор мекунад.

Мо бояд фавран бахшем, ва муҳим нест, ки аз мо бахшиш мехоҳанд ё не. Бовариро бошад бо мурури замон барқарор кардан лозим аст. Барои он ки ба шахс аз нав боварӣ кунем, бояд дилпур шавем, ки дар ҳақиқат ба ӯ такя карда метавонем. Агар касе шуморо гаштаву баргашта ранҷонад, Худо ба ҳар ҳол ба мо мефармояд, ки он шахсро фавран бахшем. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо бояд ҳамон замон ба ӯ боварӣ намоем ва худро зери зарбаҳои нав гузорем. Дар аввал шахсе ки шуморо ранҷонидааст, бояд исбот кунад, ки ҳақиқатан дигаргун шудааст, ва барои ин низ вақт даркор аст. Ҷои беҳтарин барои барқарор намудани боварӣ — гурӯҳи хурди ғамхор аст, ки шуморо на танҳо

рӯҳбаланд мекунад, балки ба кору бори шумо таваҷҷӯҳ менамояд.

Иштирок дар гурӯҳи хурд, ки аъзоёнаш ба муоширати ҳақиқӣ саъй мекунанд, ба шумо бисёр афзалиятҳои дигарро низ медиҳад. Ин яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини ҳаёти масеҳӣ аст, ки аз назар дур кардан мумкин нест. Аллакай ду ҳазор сол инҷониб масеҳиён зимни гурӯҳҳои хурд барои муошират ҷамъ мешаванд. Агар шумо ҳеҷ гоҳ узви чунин гурӯҳ набудаед, худатон мефаҳмед, ки чиро аз даст медиҳед.

Дар боби оянда мо дида мебароем, ки барои чунин муошурати байни имондорон чӣ даркор аст. Аммо ман умедворам, ки ин боб шуморо хоҳони самимият, ҳамдардӣ, дилсӯзӣ ва марҳамати муоширати ҳақиқӣ намуд. Шумо маҳз барои ҳамин офарида шудаед.

## РӮЗИ ҲАЖДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Дар ҳаёти худ ман ба одамони дигар эҳтиёҷ дорам.

**Оят барои аз ёд кардан**: «*Борҳои якдигарро бардоред, ва ба ҳамин тариқ шариати Масеҳро иҷро хоҳед кард*» (Ғал. 6:2).

**Савол барои андешаронӣ**: Кадом қадами аниқро ман аллакай ҳамин рӯз гузошта метавонам, то ки ақаллан бо як масеҳӣ дар сатҳи самимӣ муошират намуданро сар кунам?

# 19

# ҲАЁТИ ЯКҶОЯРО БУНЁД НАМУДА

*Ва онҳое ки дар атрофи худ осоиштагиро ба амал меоваранд, ба осоиштагӣ кишт мекунанд, то ки самари росткориро ҷамъ оваранд.*

Яъқ. 3:18

*Ва онҳо бо шунидани таълими ҳаввориён, бо мушоракати онҳо, бо шикастани нон ва бо дуо гуфтан машғул буданд.*

Аъм. 2:42

Барои бунёд намудани муоширати ҳақиқӣ бахшидашавии ҷиддӣ лозим аст.

Танҳо Рӯҳулқудс муоширати ҳақиқиро бунёд карда метавонад, аммо Ӯ ба воситаи қарорҳое амал мекунад, ки мо қабул менамоем. Павлус хусусияти дутарафаи ин корро таъкид карда, чунин навишта буд: «*Бо тамоми қувва саъю кӯшиш кунед, ки ягонагии Рӯҳро нигоҳ дошта, онро бо иттифоқи осоиштагӣ устувор намоед*» (Эфс. 4:3).

Барои бунёд намудани ҷомеаи масеҳии пур аз муҳаббат ҳам қувваи Худо, ҳам кӯшишҳои якҷояи мо даркоранд.

Мутаассифона, бисёр касон дар оилаҳои тамоман носолим ба воя расидаанд, ва аз ҳамин сабаб умуман чӣ будани муоширати мӯътадилро намедонанд. Дар онҳо маҳорат ва лаёқатҳои оддитарини иҷтимоӣ инкишоф наёфтаанд, аз ҳамин сабаб бо дигар аъзоёни оилаи Худо муошират намуданро ба онҳо махсус ёд додан лозим аст. Хушбахтона, дар Китоби Муқаддас оиди ҳаёти якҷоя бисёр насиҳатҳо ҳастанд. Павлус ба Тимотиюс навишта буд: «*Инро ба ту менависам... то бидонӣ, ки чӣ гуна дар хонаи Худо рафтор намоӣ, яъне дар Калисои Худои Зинда*» (1 Тим. 3:14–15).

Агар аз муносибатҳои рӯякӣ безор шуда бошед ва ба бунёд намудани муоширати ҳақиқӣ дар калисо ё дар гурӯҳи хурди худ мусоидат кардан хоҳед, лозим меояд баъзе қарорҳои душвор қабул намоед ва худро ба хатар андозед.

Барои **бунёд намудани муоширати ҳақиқӣ софдилӣ даркор аст**. Ба шумо лозим меояд ба он андоза дӯст доштани бародарону хоҳарони худро ёд гиред, ки ҳангоми зарурат ба онҳо ҳақиқатро гӯед, ҳатто агар дар асл хиҷолати ба миён омадаро бартараф карданӣ бошед, ва ё баъзе масъалаҳоро умуман сарфи назар карданӣ бошед ҳам. Албатта, ҳангоме ки шахси дар наздатон мезиста ба одатҳои гуноҳолуди худ тағофул намуда, ба худ ва ба атрофиён зарар мерасонад, хомӯш мондан осонтар аст. Бисёриҳо дар ҳаёти худ касе надоранд, ки онҳоро то он дараҷа дӯст дорад, ки ҳақиқати талхро рӯйрост ба онҳо гӯяд, ва аз ҳамин сабаб онҳо чун пештара зистанро давом дода, сӯи ҳалокат мераванд. Бисёр вақт мо хуб *медонем*, ки ба онҳо маҳз чӣ гӯем, аммо метарсем ва ҷуръат намекунем, ки чунин кунем. Дар бисёрии калисоҳо ва гурӯҳҳои хурд муоширати ҳақиқӣ маҳз аз боиси тарс вайрон мешавад: ҳеҷ кас ҷуръат намекунад чизе гӯяд, агарчи ҳама мебинанд,

ки ҳаёти яке аз аъзоёни гурӯҳ ё ҷамоат дар арафаи зиён дидан аст.

Китоби Муқаддас ба мо мефармояд, ки «*ҳақиқатро бо муҳаббат гӯем*» (Эфс. 4:15), зеро бе ошкорбаёнӣ муоширати ҳақиқӣ нест. Сулаймон гуфтааст: «*Касе ки бо суханони дуруст ҷавоб гардонад, лабҳоро мебӯсад*» (Мас. 24:26). Гоҳо ин моро вазифадор мекунад, то дар ҳаққи шахс чунон ғамхорӣ намоем, ки агар ӯ гуноҳ кунад ё ба васваса дода шавад, натарсида, дӯстдорона ӯро сарзаниш намоем. Павлус мегӯяд. « *Эй бародарон! Агар касе гирифтори хатое шавад, шумо, рӯҳониён, ӯро дар рӯҳи фурӯтанӣ ислоҳ кунед, ва ҳар кас аз худаш бохабар бошад, ки мабодо ба озмоиш дучор шавад. Борҳои якдигарро бардоред, ва ба ҳамин тариқ шариати Масеҳро иҷро хоҳед кард*» (Ғал 6:1–2).

Бисёр ҷамоатҳои калисоӣ ва гурӯҳҳои хурд муносибатҳои рӯякиро нигоҳ медоранд, зеро аз ихтилоф метарсанд. Ҳар гоҳ масъалае ба миён ояд, ки шиддатнокӣ ё хиҷолатро ба вуҷуд оварда метавонад, дарҳол онро пардапӯш мекунанд, то ки ҳисси бардурӯғи осоишро нигоҳ доранд. Дарҳол бародари оштикунанда бо шиори «Осоишро халалдор накунед!» бархеста, кӯшиш мекунад ҳамаро осуда ва ором кунад, аммо масъалаи ҳалталаб роҳи ҳалли худро намеёбад, ва ҳама бо нороҳатии ниҳонӣ зистанро давом медиҳанд. Ҳама мавҷудияти масъалаи ҳалталабро медонанд, аммо ҳеҷ кас оиди он ошкоро гап намезанад. Дар натиҷа муҳити носолим ба миён меояд, ки дар он ҳар кас аз дигарон сирре дорад ва дар он ғайбатҳо нашъунамо доранд. Дар чунин вазъият Павлус ҳалли қатъитаринро пешниҳод мекунад: «*Дурӯғро аз худ дур карда, ҳар яке ба ёри худ рост гӯед, чунки мо ҳама узвҳои як баданем*» (Эфс. 4:25). Дар тарҷумаи нави англисии «The Message» ин оят бо чунин суханон ба охир мерасад: «*дигаронро фиреб дода, шумо дар ниҳояти кор худро фиреб медиҳед*».

Муоширати ҳақиқӣ байни ҳамсарон, дӯстон ё бародарону хоҳарон дар калисо ба ошкорбаёнӣ вобастагӣ дорад. Умуман ихтилоф — роҳ ба сӯи наздикӣ дар ҳама гуна муносибатҳост. То даме ки дар байни шумо ба қадри кофӣ муҳаббат набошад, то нофаҳмиҳоро бартараф намоед, наздикии ҳақиқӣ ба даст намеоваред. Ҳангоме ки ба ихтилоф дуруст муносибат мекунем, мо ба якдигар наздиктар шуда, далерона ба фарқиятҳои якдигар менигарем ва онҳоро ҳал мекунем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Шахсе ки одамеро мазаммат кунад, оқибат бештар писанд меояд, назар ба шахсе ки бо забонаш тамаллуқ намояд*» (Мас. 28:23).

***Ҳангоме ки ба ихтилоф дуруст муносибат мекунем, мо ба якдигар наздиктар мешавем.***

Софдил ва самимӣ будан — маънои онро надорад, ки ҳар чизи ба дилатон меомадаро дар ҳар вақт ва дар ҳар ҷой гӯед. Ин маънои дағалӣ карданро надорад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ҳама корро дар ҷаҳон дар вақташ ва ба тарзи муносиб кардан лозим аст (Воиз 8:6). Суханони бефикрона бисёр вақт касро сахт меранҷонанд. Худо фармудааст, ки дар калисо мо ба якдигар чун аъзоёни як оилаи дӯстдор гап занем: «*Калонсолонро сахт сарзаниш накун, балки чун ба падар насиҳат деҳ. Бо ҷавонон чун бо бародарон гап зан. Бо занҳои калонсол чун бо модарон; бо занҳои ҷавонтар чун бо хоҳарон, хоксорона ва бо камоли покӣ*» (1 Тим. 5:1–2).

Мутаассифона, ҳазорон ҷамоатҳо маҳз аз боиси набудани софдилӣ барҳам хӯрдаанд. Ба Павлус лозим омад, ки калисои Қӯринтро барои хомӯшии ҳамагонӣ ва сарфи назар кардани бадахлоқии ошкоро дар ҷамоаташон сарзаниш кунад. Азбаски ҳеҷ як имондори қӯринтӣ ҷуръат накард, ки гуноҳкорро

сарзаниш кунад, Павлус навишта буд: «...*Мумкин нест фақат рӯ гардонда умедвор шавед, ки ҳамааш худ аз худ ҳал мешавад. Ҳамаи инро ба муҳокимаи умум бароред ва ҳаллу фасл намоед... ғаму андӯҳ ва хиҷолат аз лаънати абадӣ беҳтар аст... Шумо кӯшиш мекунед воқеаи рӯйдодаро беаҳамият ҳисобед, аммо дар асл ин хеле ҷиддӣ аст... Чунин рафтор намудан мумкин нест, ки гӯё ҳамааш хуб аст, ҳангоме ки яке аз рафиқони масеҳии шумо ба бадахлоқӣ ва ё фиреб дода мешавад, ба Худо беаҳамиятӣ мекунад ё ба дӯстон дағалӣ менамояд, бадмастӣ мекунад ё чун даррандаи баднафс рафтор менамояд. Ҳамаи инро сарфи назар кардан ё рафтори қобили қабул ҳисобидан мумкин нест. Ман барои он чи одамон берун аз калисо мекунанд, ҷавобгар нестам, аммо магар масъулият барои муошырати имондорон дар ӯҳдаи мову шумо нест?*» (1 Қӯр. 5:3–12 [«Message»]).

**Барои бунёд намудани муошырати ҳақиқӣ фурӯтанӣ даркор аст.** Худписандӣ, ҳавобаландӣ ва ғурури якравона муошыратро аз ҳама зудтар барҳам медиҳанд. Ғурур байни одамон девор бунёд менамояд, аммо фурӯтанӣ байни онҳо кӯпрукҳо бунёд менамояд. Фурӯтани малҳамест, ки муносибатҳои моро мулоим мекунад ва осуда мегардонад. «*Фурӯтаниро дар бар кунед*» — мефармояд ба мо Навиштаи Муқаддас (1 Пет. 5:5б). *Либоси* муиносибтарин барои муошырати масеҳӣ — фурӯтанист.

Дар охири ҳамин оят фаҳмонда мешавад, ки чаро чунин аст: «*...чунки Худо ба мағрурон муқобилат мекунад, вале ба фурӯтанон файз мебахшад*». Аз ин сабаб низ ба мо фурӯтанӣ даркор аст: ғурур пеши роҳи файзи Худоро, ки барои нашъунамо, дигаргуншавӣ, шифоёбӣ ва мадад ба дигарон беҳад зарур аст, мегирад. Мо файзи Худоро қабул мекунем, ҳангоме бо фурӯтанӣ иқрор мешавем, ки ба он эҳтиёҷ дорем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ҳар боре

ки мо ба ғурур роҳ медиҳем, ба Худо *муқобилат менамоем*! Чунин зистан бехирадона ва хатарнок аст.

Воситаҳои хеле аниқ ва амалии фурӯтан будан вуҷуд доранд: сустиҳои худро эътироф намудан, ба сустиҳои дигарон ботаҳаммул будан, танқидро қабул намудан ва дигаронро аз худ муҳимтар ва авлотар ҳисобидан. «*Дар ҳамфикрии пурра зиндагӣ кунед,* — маслиҳат дода буд Павлус, — *ҳавобаландӣ накунед, бо ҳама дӯстӣ кунед — ҳам бо мардуми оддӣ, ҳам бо хурдон*» (Рум. 12:16). Ба масеҳиёни Филиппӣ ӯ навишта буд: «*Аз рӯи рақобат ё шӯҳратпарастӣ ҳеҷ коре накунед, балки бо фурӯтанӣ якдигарро аз худ авло донед, ва ҳар яке на танҳо дар бораи худаш, балки дар бораи дигарон низ ғамхорӣ намояд*» (Фил. 2:3–4).

***Фурӯтан будан маънои онро надорад, ки худро аз дигарон бадтар ҳисобед. Ин маънои онро дорад, ки дар хусуси худ камтар фикр кунед.***

Фурӯтан будан маънои онро надорад, ки худро аз дигарон бадтар ҳисобед. Ин маънои онро дорад, ки дар хусуси худ камтар фикр кунед. Одамони фурӯтан бо хизмат ба дигарон чунон банд ҳастанд, ки худро қариб ба ёд намеоваранд.

**Барои бунёд намудани муоширати ҳақиқӣ эҳтиром ва одоби муомила даркор аст.** Одоби муомила — эҳтиром намудани фарқиятҳо, иззат намудани шахс (ҳатто дар мавридҳое ки мо бо он шахс розӣ нестем), ва бо касоне ки боиси малоли хотири мо мегарданд, пурсабр будан аст. Павлус ба Титус навишта буд, ки « *Дар ҳаққи ҳеҷ кас бадгӯӣ накардан, ҷангара набудан, ба ҳамаи одамон бо камоли меҳрубонӣ ва мулоимат рафтор намудан*» даркор аст (Тит. 3:2).

Дар ҳар як калисо ва гурӯҳи хурд ҳамеша ақаллан як шахси «мураккаб» ёфт мешавад (одатан аз ин бештар ҳастанд). Онҳо бо эҳтиёҷоти махсуси

эҳсосотӣ, нобоварӣ ба худ, одатҳои асабикунанда ва малакаҳои номувофиқи иҷтимоӣ фарқ карда метавонанд. Гуфтан мумкин аст, ки ин гуна одамон аз гурӯҳи МФМ мебошанд: «Мӯҳтоҷони Файзи Махсус».

РӮЗИ НУЗДАҲУМ:

## ҲАЁТИ ЯКҶОЯРО БУНЁД НАМУДА

Худо онҳоро ҳам барои манфиати мо, ҳам барои манфиати онҳо дар байни мо ҷойгир намудааст. Онҳо барои нашъунамо имконият фароҳам меоваранд ва сифати муоширати моро месанҷанд: оё мо онҳоро чун бародарони ҳақиқӣ дӯст медорем ва ба онҳо бо эҳтироми сазовор муносибат мекунем?

Дар оила мо якдигарро на дар асоси ақли комил, лаёқатҳо ва ё намуди зоҳирӣ меписандем. Мо якдигарро аз он сабаб қабул мекунем, ки ба якдигар тааллуқ дорем. Мо оилаи худро ҳимоя ва эҳтиёт менамоем. Шояд яке аз хешовандони мо андаке аҷиб аст, аммо ба ҳар ҳол ӯ аз они мост, ӯ аз они худӣ аст. Мувофиқи Китоби Муқаддас, мо низ бояд айнан ҳамин тавр «*якдигарро бо муҳаббати бародарӣ дӯст дорем; ва ҳар яке каси дигарро зиёдтар сазовори эҳтиром ҳисоб кунем*» (Рум. 12:10).

Рости гап, ҳар яки мо тарзи рафтор ва одатҳое дорем, ки боиси малоли хотири атрофиён мегарданд. Аммо ягонагии ҷамъият на дар мутобиқати тарафайн бунёд мегардад. Асоси муоширати масеҳӣ муносибатҳо бо Исои Масеҳ мебошанд. Мо оила ҳастем.

Яке аз асрори одоби муомила — фаҳмидани он аст, ки чаро шахс ин гуна рафтор мекунад, на дигар хел. Оиди гузаштаи ӯ маълумот пайдо намоед. Ҳамин ки шумо он чиро, ки ӯ аз сар гузарондааст, мефаҳмед, бо ӯ бо илтифоти бештар муносибат мекунед. Ба ҷои андешаронӣ оиди он ки ӯ боз чӣ қадар

чизҳоро бояд фаҳмад ва паси сар кунад, беҳтараш оиди он фикр кунед, ки ӯ, бо вуҷуди дарду ранҷи гузашта, то кадом андоза пешрафт кардааст.

***Ягонагӣ дар дохили калисо аз ҳар гуна шахси алоҳида муҳимтар аст.***

Боз як қисми таркибии одоби муомила — аҳамиятнокӣ ва ҷиддияти шубҳаҳои шахси дигарро кам надонистан аст. Ҳатто агар худи шумо ҳеҷ гоҳ ин он тарсҳоро надошта бошед ҳам, ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки чунин ҳиссиёт беасос мебошанд. Муоширати ҳақиқӣ он вақт сар мешавад, ки одамон медонанд, ки шубҳаҳо ва тарсҳои худро озодона баён намуда метавонанд ва касе онҳоро маҳкум намекунад.

**Барои бунёд намудани муоширати ҳақиқӣ махфӣ мондани сирри дили шахс, ки ба шумо баён карда шудааст, муҳим аст**. Танҳо дар муҳити бехатари қабулкунии дӯстона ва махфӣ мондани сирри дил одамон оиди ранҷишҳои амиқтарин ва ниҳонӣ, эҳтиёҷот ва хатоҳои худ нақл мекунанд. Махфӣ нигоҳ доштани сирри касон маънои онро надорад, ки ҳангоме бародар ё хоҳар гуноҳ мекунанд, хомӯш монед. Ин маънои онро дорад, ки ҳар он чи дар дохили гурӯҳ гуфта шудааст, аз ҳудуди он берун намебарояд, ва аъзоёни гурӯҳ инро берун набаровара, ҳал мекунанд.

Худо ғайбатро бад мебинад, хусусан ҳангоме ки онро дар шакли дархости дуоӣ оиди шахси ғоиб «пешкаш» мекунанд. Ӯ мегӯяд, ки «*маккор низоъ мекорад, тӯҳматгар дӯстонро аз ҳам ҷудо мекунад*» (Мас. 16:28). Ғайбатҳо ҳамеша ранҷиш ва ҷудоиро ба вуҷуд меоваранд, ва Худо хеле аниқ мефаҳмонад, ки мо бояд ҳатман касеро, ки дар байни масеҳиён низоъ бармеангезад, маҳкум намоем (Тит. 3:10). Шояд пас аз он ки шумо бо ин шахс оиди рафто-

ри барангезандаи низоъ ва зарароварӣ ӯ гап мезанед, ӯ хашмгин мешавад ва гурӯҳи шуморо тарк мекунад ё аз ҷамоат меравад, аммо ягонагӣ дар дохили калисо аз ҳар гуна шахси алоҳида муҳимтар аст.

**Барои бунёд намудани ягонагии ҳақиқӣ зудзуд муоширaт намудан лозим аст**. Барои дар дохили гурӯҳи худ бунёд намудани муошироти ҳақиқатан зич шумо бояд тез-тез ва мунтазам муошират намоед. Барои муносибатҳои тарафайн ҳамеша вақт лозим аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва ҷамъомади худро тарк накунем, чунон ки баъзе касонро таомул шудааст, балки якдигарро насиҳат диҳем, ва бештар ба қадри он ки шумо наздик шудани он рӯзро мебинед*» (Ибр. 10:25). Мо бояд дар худ одати бо ҳам ҷамъ шуданро инкишоф диҳем. Одат на он чи шумо гоҳ-гоҳ мекунед, балки амалест, ки мунтазам ва зуд-зуд ба ҷо оварда мешавад. Барои барпо намудани муносибатҳо бо одамон вақт гузарондан даркор аст — *вақти бисёр!* Ана барои чӣ дар бисёр калисоҳо муошират рӯякӣ мемонад: мо қариб ҳеҷ гоҳ бо ҳам ҷамъ намешавем, ва агар ба ҳар ҳол ҷамъ шавем ҳам, тамоми муддат сухангӯии воиз ё муаллимро гӯш мекунем.

Муошират на дар принсипи бароҳат ва қулай будан («вақте ки ман мехоҳам. ҷамъ мешавем»), балки бар он боварӣ бунёд карда мешавад, ки ман барои саломатии рӯҳонии худ ба он эҳтиёҷ дорам. Ҳатто ҳангоме ки намехоҳед, бо ҳам ҷамъ шудан лозим аст, зеро мо ба аҳамиятнокии муошироти масеҳӣ боварӣ дорем. Масеҳиёни аввалин ҳар рӯз бо ҳам ҷамъ мешуданд. Онҳо «*ҳар рӯз якдилона дар маъбад ҷамъ мешуданд ва дар хонаҳои худ нон шикаста, бо дилхушӣ ва самимият бо ҳам хӯрок мехӯрданд*» (Аъм. 2:46). Муошират ба таври ҷиддӣ вақт ҷудо кардани моро металабад.

Агар шумо аллакай шомили ягон гурӯҳи хурд бошед, ман аъзоёни гурӯҳи шуморо даъват мекунам, ки бо якдигар аҳд бандед ва худро ба ҳамаи нӯҳ ҷузъи муоширати бахшед: Мо ҳиссиёти ҳақиқии худро баён мекунем (*самимият ва ошкорбаёнӣ*), якдигарро рӯҳбаланд мекунем (амали *тарафайн ва дуҷониба*), якдигарро дастгирӣ менамоем (*ҳамдардӣ ва дилсӯзӣ*), якдигарро мебахшем (*марҳамат*), ҳақиқатро бо муҳаббат баён менамоем (*софдилӣ*), сустиҳои худро эътироф менамоем (*фурӯтанӣ*), фарқиятҳои дар байни мо бударо эътиром менамоем (*одоби муомила*), ҳеҷ гоҳ ғайбат намекунем (*махфӣ нигоҳ доштани сирри касон*), ва вохӯриҳоямонро яке аз масъалаҳои муҳим меҳисобем (зуд-*зуд муоширати намудан*).

Агар ба нишонаҳои зикршудаи муоширати ҳақиқӣ нигарем, фаҳмо мешавад, ки чаро он хеле кам дида мешавад: охир, барои он вақт даркор аст, то ки мо фақат оиди худ фикр кардан ва ғамхорӣ намуданро бас кунем ва аз соҳибихтиёрии худ даст кашем, ва ҳаёти худро бо ҳаёти дигар аъзоёни гурӯҳ пайваста, ба таври ҷиддӣ ба якдигар эътимод намуданро сар кунем. Аммо натиҷаҳои чунин муоширати аз ҳамаи он чи барои он сарф мешавад, **беандоза бештар** хоҳанд буд, ва ба ғайр аз ин, он моро ба ҳаёт дар Осмонҳо хеле хуб тайёр мекунад.

## РӮЗИ НУЗДАҲУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Барои бунёд намудани муоширати ҳақиқӣ худро ба таври ҷиддӣ ба он бахшидан лозим аст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Мо муҳаббатро аз он донистем, ки Ӯ ҷони Худро барои мо фидо кард. Мо ҳам бояд ҷонҳои худро барои бародарон фидо кунем*» (1 Юҳ. 3:16).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман аллакай имрӯз барои дастгирӣ намудани ақаллан яке аз ҷиҳатҳои муоширати ҳақиқӣ дар гурӯҳи хурд ва калисои худ чӣ кор карда метавонам?

# 20

# МУОШИРАТИ БАРҲАМХӮРДАРО БАРҚАРОР НАМУДА

*Ҳама чиз аз ҷониби Худост, ки моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ мусолиҳа дод ва хизмати оштӣ доданро ба мо супурд.*

2 Қӯр. 5:18

Муносибатҳои вайроншударо ҳамеша бояд барқарор намуд.

Азбаски тамоми ҳаёт аз омӯхтани дӯстдорӣ иборат аст, Худо мехоҳад, ки мо муносибатҳоро бо одамон ба таври ҳақиқӣ қадр намоем ва тамоми кӯшишҳоро ба он равона намоем, ки онҳоро нигоҳ дорем ва ҳар боре ки ҷудоӣ, ранҷиш ва ё ихтилоф ба миён меояд, аз баҳри муносибатҳо набароем. Зиёд аз ин, дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо ба мо хизмати барқарор намудани муносибатҳои вайроншударо супурдааст (2 Қӯр. 5:18). Беҳуда нест, ки қисми назарраси Аҳди Ҷадид ба таълимот оиди он бахшида шудааст, ки чӣ тавр бо ҳам дар осоиш ва ҳамфикрӣ муошират намоем. Ҳаворӣ Павлус навишта буд: «*Пас, агар тасаллое дар Масеҳ бошад, агар хушнудии муҳаббат бошад, агар алоқаи рӯҳ бошад, агар марҳамат ва дилсӯзӣ бошад, пас шодии маро*

*пурра кунед, ба тавре ки дорои як фикр бошед, дорои як муҳаббат буда, якдил ва ҳамфикр бошед»* (Фил. 2:1–2). Павлус таълим дода буд, ки яке аз нишонаҳои балоғати рӯҳонӣ бо ҳам муросо карда тавонистан аст (Рум:15:5).

Масеҳ мехоҳад, ки аъзоёни оилаи Ӯ маҳз аз рӯи муҳаббат ба якдигар шинохта шаванд, аммо муносибатҳои вайроншудаи байни масеҳиён хилофи инро нишон медиҳанд ва ба калисо аз ҷониби беимонон шармандагӣ ва беэҳтиромӣ меоваранд. Аз ҳамин сабаб ҳаввории аз он хиҷил буд, ки аъзоёни калисои Қӯринт ба гурӯҳҳои мухолифаткунанда ҷудо шуда, ҳатто якдигарро ба маҳкамаҳо мекашиданд! «*Барои хиҷил шуданатон мегӯям: наход ки дар байни шумо як нафар ҳам бохираде нест, ки дар миёни бародарони худ доварӣ карда тавонад?*» (1 Қӯр. 6:5) — ба онҳо муроҷиат карда, навишта буд ӯ. Ӯ аз он ҳайрон шуда буд, ки дар калисо ягон узви ба қадри кофӣ болиғ ёфт нашуд, ки ихтилофи ба миён омадаро бо роҳи осоишта ҳал намояд. Дар худи ҳамон нома ӯ менависад: «*Аз шумо, эй бародарон, ба номи Худованди мо Исои Масеҳ илтимос мекунам, ки бо якдигар ҳамфикр бошед*» (1 Қӯр. 1:10).

Агар баракати Худоро дар ҳаёти худ эҳсос карданӣ бошед ва агар хоҳед, ки атрофиён дар шумо фарзанди Худоро бинанд, шумо бояд оштидиҳанда бошед. Исо гуфта буд: «*Хушо сулҳҷӯён, чунки онҳо фарзандони Худо хонда хоҳанд шуд*» (Матто 5:9). Диққат диҳед, Исо нагуфтааст: «Хушо *сулҳдӯстон*», зеро дар осоиш ва ҳамфикрӣ зистан ба ҳама маъқул аст. Ва Ӯ нагуфтааст: «Хушо касоне ки ба изтироб намеоянд ва аз ҳеҷ чиз парво надоранд». Ӯ гуфт: «Хушо касоне ки ба хотири сулҳу осоиш *меҳнат мекунанд*», барои ҳалли ихтилоф саъю кӯшиш мекунанд. Сулҳҷӯён, яъне оштидиҳандагон дар байни мо каманд, чунки ба даст овардани оштӣ он қадар осон нест.

Азбаски мо барои он офарида шудаем, ки қисми оилаи Худо бошем, ва мақсади дуюми ҳаёти заминии мо он аст, ки одамонро дӯст дорем ва бо онҳо муошырати ҳақиқӣ дошта бошем. Барқарор карда тавонистани сулҳу оштӣ яке аз *лаёқатҳои* муҳимтаринест, ки ба даст овардан мумкин аст. Мутаасифона, ба аксари мо санъати ҳал намудани ихтилофотро ҳеҷ гоҳ ёд надодаанд.

Ба сулҳу оштӣ саъй намудан — *аз ихтилофот канораҷӯӣ кардан* нест. Аз мушкилӣ гурехтан, вонамуд кардан, ки он вуҷуд надорад, ё аз зикри он тарсидан — ҳамаи ин буздилист. Исо, Мири осоиш, ҳеҷ гоҳ аз ихтилофот наметарсид. Гоҳо чунин мешуд, ки Ӯ ба хотири некӯаҳволии ҳамагон *сабабагори* ихтилофот мешуд. Гоҳо бояд аз ихтилофот канораҷӯӣ кунем, гоҳо лозим мешавад, ки худамон сабабгори он шавем, ва гоҳо — онро ҳал намоем. Барои ҳамин ҳам оиди роҳнамоии доимии Рӯҳулқудс дуо гуфтан ин қадар муҳим аст.

Ба сулҳу оштӣ саъй намудан — маънои пеш бурдани сиёсати *гузаштканиро* надорад. Исо даъват намекард, ки мо ҳамеша гузашт кунем, ба дигарон имкон диҳем, ки ба сарамон шинанд ва пойҳояшонро дар болои мо пок кунанд. Дар баъзе масъалаҳо Масеҳ низ, бо вуҷуди саъю кӯшишҳои мухолифон, гузашт намекард ва дар раъйи Худ устувор мемонд.

## МУБОСИБАТҲОРО ЧӢ ГУНА БАРҚАРОР КАРДАН ЛОЗИМ АСТ

Худо моро даъват кардааст, ки «*каломи оштӣ*»-ро (2 Қӯр. 5:18) ба ҳамагон расонем. Иҷозат диҳед ҳафт принсипи библиявии барқарор намудани муносибатҳои вайроншударо номбар намоям.

**Пеш аз он ки бо инсон гап занед, бо Худо гап занед**. Масъалаи ҳалталаби ба миён омадаро бо Ӯ муҳокима намоед. Агар ба ҷои он ки бо касе дар ин хусус ғайбат кунед, пеш аз ҳама оиди ин дуо гӯед, мебинед, ки аксаран Худо ё дили шуморо дигаргун мекунад, ё бе ёрии шумо касеро, ки бо ӯ ихтилоф доред, дигаргун менамояд. Агар мо оиди муносибатҳоямон бештар дуо гӯем, ҳамаи онҳо беш аз пеш осоишта мегарданд.

Чуноне ки замоне таронасаро Довуд мекард, дуоро барои он истифода баред, ки *ҳиссиёти худро ба Худо изҳор намоед*. Ба ӯ оиди норозигии худ нақл кунед. Ба Ӯ истиғоса намоед, хашм, ранҷиш, нобоварӣ ё ягон ҳиссиёти дигари шумо ӯро ҳеҷ гоҳ ҳайрон намекунанд, бинобар ин ба Ӯ он чиро, ки эҳсос менамоед, гӯед.

РӮЗИ БИСТУМ:

## МУОШИРАТИ БАРҲАМХӮРДАРО БАРҚАРОР НАМУДА

Решаи аксари ихтилофот эҳтиёҷоти қонеъ нашуда мебошанд. Баъзеи ин эҳтиёҷотро танҳо Худо қонеъ карда метавонад. Қонеъ намудани эҳтиёҷеро, ки танҳо Худо қонеъ карда метавонад, аз одамон — дӯстон, ҳамсарон, сардорон ё аъзоёни оила талаб карда, мо худро ба ноумедӣ ва ранҷиш дучор мекунем. *Ҳеҷ як* инсон ҳамаи эҳтиёҷоти моро қонеъ карда наметавонад. Танҳо Худо ба ин кор қодир аст.

Ҳавворӣ Яъқуб пай бурд, ки бисёрии ихтилофот аз он ба миён меоянд, ки мо қариб дуо намегӯем: «*Адоват ва ҷидолҳо дар миёни шумо аз куҷост? Оё на аз ҳавасҳои шумост, ки дар андоматон меҷанганд? Ҳавас мекунед ва надоред; мекушед ва ҳасад мебаред ва наметавонед ба даст оваред; муноқиша ва адоват мекунед ва надоред, чунки илтимос намекунед*» (Яъқ. 4:1–2). Ба ҷои он ки ба Худо такя кунем, мо ба он умед мебан-

дем, ки дӯстон ё наздикон моро хушбахт мекунанд, ва баъд, ҳангоме ки ин рӯй намедиҳад, хашмгин мешавем. Ва Худо аз мо мепурсад: «Чаро шумо аз худи аввал ба Ман муроҷиат накардед?»

**Ҳамеша худатон ташаббус нишон диҳед**. Муҳим нест, ки ранҷонанда кист ва ранҷида кист. Худо ҳамеша интизори он аст, ки шумо барои оштӣ қадами аввалро гузоред. Интизори он нашавед, ки тарафи муқобил ташаббус нишон диҳад. Якум шуда назди ӯ равед. Барқарор намудани муносибатҳо чунон муҳим аст, ки Исо пеш аз парастиши Худо ба ҷо овардани онро фармудааст: «*Пас, ҳангоме ки қурбонии худро назди қурбонгоҳ меоварӣ, ва дар он ҷо ба хотират ояд, ки бародарат аз ту норозист, қурбонии худро дар он ҷо назди қурбонгоҳ* **бимон**, *ва* **рафта**, *аввал бо бародари худ оштӣ кун, ва баъд омада, қурбонии худро пешкаш кун*» (Мат. 5:23–24).

Ҳангоме ки муносибатҳо шиддатнок мегарданд ё умуман канда мешаванд, дарҳол гуфтушунидҳоро оиди сулҳу оштӣ ба нақша гирифтан даркор аст. Онҳоро мавқуф гузоштан, баҳонаҳо ҷустан ё чунин ваъда додан мумкин нест: «Ягон вақт ман бо ин кор машғул мешавам». Кӯшиш кунед ҳарчи зудтар бо ин шахс худатон вохӯред. Мавқуф гузоштан ҳисси ранҷишро фақат амиқтар ва вазъиятро бадтар мекунад. Агар ихтилоф ҳалнашуда монад, вақт ҳеҷ чизро шифо намедиҳад, балки захмҳои расонидашударо мекушояд.

Ғайр аз ҳамаи ин, амалҳои босуръат зарари рӯҳониро ба худи шумо кам мекунанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ихтилофи ҳалнашуда ба муоширати мо бо Худо монеъ мешавад, аз ҳамин сабаб мо ба дуоҳои худ ҷавоб намегирем (1 Юҳ. 4:20–21, 1 Пет. 3:7). Дӯстони Айюб ба ӯ ёдрас намуданд: «*Хашм беақлро мекушад, ва оташинӣ нодонро ба ҳалокат мерасонад*» ва «*Эй, ки ҷони худро дар ғазаби*

*худ медарӣ! Находки барои ту замин хароб шавад, ва кӯҳпора аз ҷояш кӯч кунад?»* (Айюб 5:2, Айюб 18:4).

Муваффақияти гуфтушунидҳо оиди сулҳу оштӣ ба интихоби дурусти ҷой ва вақти гузарондани онҳо вобаста аст. Ҳангоме ки яке шитоб дорад, худро хаста ҳис мекунад ё медонад, ки вохӯрии шуморо ҳатман шахсе қатъ менамояд, вохӯрдан лозим нест. Барои ин гуна гуфтугӯ чунон вақтеро интихоб намудан лозим аст, ки ҳар ду шахс дар ҳолати беҳтарин мебошанд.

**Ба ҳиссиёти шахси дигар бо ҳамдардӣ ва фаҳмиш муносибат намоед**. Ин маънои онро дорад, ки кам гап занед ва бештар гӯш кунед. Пеш аз он ки кӯшиши ҳал намудани норозигиҳои худро кунед, ҳиссиёти шахси дигарро шунидан ва фаҳмидан даркор аст. Павлус маслиҳат медод: «*Ва ҳар яке на танҳо дар бораи худаш, балки дар бораи дигарон низ ғамхорӣ намояд*» (Фил. 2:4). Калимае ки мо ҳамчун «ғамхорӣ» тарҷума мекунем, дар нусхаи асли юнонӣ бо калимаи «*скопос*» ифода ёфтааст. Калимаҳои микроскоп ва телескоп маҳз аз он баромадаанд. Маънои он «бо диққат нигаристан» аст. Диққати худро ба на ба фактҳо, балки ба ҳиссиёт равона кунед. На аз ҳар гуна воситаҳои ҳалли ихтилофот, балки аз ҳамдардӣ сар кунед.

***Худо ҳамеша интизори он аст, ки шумо барои оштӣ қадами аввалро гузоред.***

Кӯшиш накунед, ки аз худи аввал ҳиссиёти дигаронро рад намоед ва ба онҳо нагӯед, ки ҳиссиёташон бемаврид ва номуносиб мебошанд. Фақат гӯш кунед. Ба онҳо имкон диҳед, ки тамоми эҳсосоти худро аз дил берун кунанд, ва дар айни ҳол ба ҳимояи қатъӣ нагузаред. Агар розӣ набошед ҳам, ба маънои фаҳмиш сар ҷунбонед. Ҳиссиёт на ҳамеша ҳақиқӣ ё мантиқӣ мебошанд. Баръакс, ранҷиш

аксар вақт моро водор мекунад, ки беақлона рафтор намоем ва тамоман нодуруст фикр кунем. Довуд иқрор шуда буд: «*Зеро ки дилам талх шуда буд, ва андаруни худ дилреш будам, ва ман нодон будам ва сарфаҳм намерафтам; мисли чорпое назди Ту будам*» *(Заб. 72:21–22)*. Ҳангоме ки аз дарду алам ба худ ҷой намеёбем, ҳамаи мо хеле бад рафтор менамоем.

Ва баръакс, Китоби Муқаддас мегӯяд: «*Ақли одам хашми ӯро бозмедорад, ва аз бадкорӣ чашм пӯшида гузаштан ҷалолати ӯст*» (Мас. 19:11). Сабр аз хирадмандӣ ба миён меояд, ва хирадмандӣ — аз гӯш карда тавонистани нуқтаи назари шахси дигар бармояд. Мо ба суханони ҳамсӯҳбатамон гӯш дода, гӯё чунин мегӯем: «Ман нуқтаи назари туро қадр мекунам. Муносибатҳои ману ту бароям беаҳамият нестанд ва барои ман худи ту аҳамият дорӣ». Дар мақоле чунин гуфта шудааст: одамон парвое надоранд, ки мо чӣ фикр дорем, то даме ки бинанд, ки мо бепарво нестем.

Барои барқарор намудани муносибатҳои қатъшуда «*ҳар яке аз мо бигзор толиби роҳати ёри худ бошад дар он чи бар нафъи вай барои тақвияти вай аст*» (Рум. 15:2). Барои пурсаброна ба худ гирифтани хашми кас, хусусан ҳангоме ки он беасос аст, фидокорӣ даркор аст. Аммо охир, Масеҳ низ Худро барои мо фидо намуд. Ба ёд оваред, ки Масеҳ барои наҷот додани мо ба чӣ қадар хашму ғазаб ва истеҳзоҳо тоб овард: «*Зеро ки Масеҳ низ толиби роҳати Худо набуд, балки чунон ки навишта шудааст: “Бадгӯиҳои бадгӯёни Ту бар Ман афтодааст”*» (Рум. 15:3).

**Ҳиссаи худро дар ихтилоф эътироф намо.** Агар шумо ба таври ҷиддӣ ба барқарор намудани ин ё он муносибатҳо камар баста бошед, дар аввал лозим меояд, ки хатоҳо ва гуноҳҳои худро эътироф намоед. Исо гуфтааст, ки фақат ҳамин тавр мо вазъиятро дар партави ҳақиқӣ дида метавонем.

«*Аввал чӯбро аз чашми худ дур кун, ва он гоҳ дуруст хоҳӣ дид, ки хасро аз чашми бародари худ дур кунӣ*» (Мат. 7:5).

Азбаски ҳар яки мо «доғҳои нонамоён» дорем, ба шумо иштироки шахси сеюм даркор мешавад, то ки ҳанӯз пеш аз гуфтугӯи шумо бо иштирокчии дуюми ихтилоф, ба шумо дар дуруст баҳо додани рафторатон ёрӣ диҳад. Ғайр аз ин, аз Худо хоҳиш кунед, то ба шумо нишон диҳад, ки кадом ҳиссаи айбдорӣ барои ихтилоф дар гардани шумост. Аз Ӯ хоҳиш кунед: «Шояд ҳама гап дар ман бошад? Шояд ман чизи ғайриимконро талаб мекунам, беэҳтиромӣ ва эҳсосотнокии барзиёд зоҳир менамоям?» Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Агар гӯем, ки мо гуноҳе надорем, худамонро фиреб медиҳем, ва дар мо ростӣ нест*» (1 Юҳ. 1:8).

Пушаймонӣ ва тавбаи самимӣ қувваи бузургест, ки ба оштӣ шудан мусоидат мекунад. Аксаран он воситаҳои ҳалли ихтилофот, ки мо истифода мебарем, ранҷишро сахттар мекунанд. Аммо ҳангоме шумо аз он сар мекунед, ки хатоҳои худро бо фурӯтанӣ эътироф менамоед, хашми ҳамсӯҳбати шумо дарҳол барҳам мехӯрад ва дигар ба ӯ лозим намеояд, ки шуморо айбдор намояд: зеро шояд ӯ дар аввал интизори он буд, ки шумо худро ҳимоя мекунед. Худро сафед кардан ё айбро ба гардани каси дигар гузоштан лозим нест, беҳтараш софдилона ҳиссаи айбдории худро дар пайдо шудани ихтилоф эътироф намоед. Масъулиятро барои хатоҳои худ ба зимма гиред ва бахшиш пурсед.

**Ба шахс ҳуҷум накарда, бо ҳалли масъала машғул шавед**. Агар танҳо барои аниқ намудани шахси айбдор кӯшиш кунед, масъалаи ҳалталабро ҳал карда наметавонед. Интихоб намоед: ё ин, ё он. Дар китоби Масалҳо гуфта шудааст: «*Ҷавоби нарм*

*ғазабро фурӯ менишонад, вале сухани сахт хашмро бармеангезад*» (Мас. 15:1). Ғазаб ба шумо ёрӣ намедиҳад, ки фикри худро оиди ин масъала ба таври даркорӣ фаҳмонед. Бинобар ин суханонро хирадмандона интихоб намоед. Ҷавоби мулоим, нек ҳамеша аз суханони нешдор беҳтар аст.

***Ҳангоми ҳалли ихтилоф на танҳо он чи мо мегӯем, балки чӣ тарз гуфтани он низ муҳим аст.***

Ҳангоми ҳалли ихтилоф на танҳо *он чи* мо мегӯем, балки *чӣ тарз* гуфтани он низ муҳим аст. Агар фикрҳои худро бо оҳанги таҳқиромез гӯед, ҳамсӯҳбати шумо ҳатман ба ҳимоя мегузарад. Худо мегӯяд, ки «*донодил оқил номида мешавад, ва ширинии лабҳо донишро меафзояд*» (Мас. 16:21). Бо суханони нешдор ба ҳеҷ кас чизеро талқин карда наметавонед. Ғур-ғур ва хурдагирӣ намудан низ фоида намеоваранд.

Дар замони ҷанги сард ҳар ду ҷониб маслиҳат карданд, ки баъзе намудҳои аслиҳа чунон қувваи харобиовар доранд, ки онҳоро истифода бурдан ҳеҷ гоҳ мумкин нест. Дар замони ҳозира аслиҳаи химиявӣ ва биологӣ манъ карда шудааст, аслиҳаи ҳастаӣ оҳиста-оҳиста нобуд карда мешавад. Барои нигоҳ доштани муошират шумо низ бояд аслиҳаи худро, ки барои ҳама гуна муошират ҳалокатовар аст, нобуд кунед. Маҳкум кардан, таҳқир намудан, шахсро ба ягон каси дигар муқоиса кардан, лақаб мондан, ранҷондан, илтифоти ҳавобаландона ва писханд ба он дохил мешаванд. Якдигарро бо сухан накушта, баҳс кардан мумкин аст. Павлус ин принсипро дар Нома ба Эфесусиён ҷамъбаст мекунад: «*Ҳеҷ як сухани қабеҳе аз даҳонатон набарояд, балки фақат сухани нек, ки дар вақти эҳтиёҷот барои обод кардан бошад, то ки ба шунавандагонаш файз бахшад*» (Эфс. 4:29).

**То ҳадди имкон ба ҳамкорӣ саъй намоед**. Павлус навишта буд: «*Ба қадри имкон, то ҳадде ки ба шумо вобаста аст, бо ҳамаи одамон мувосо кунед*» (Рум. 12:18). Сулҳу осоиш ҳамеша арзише дорад. Гоҳо он дар ивази ифтихори мо ба даст меояд, аммо аксаран — дар ивази худпарастӣ. Ба хотири муошират ҳақиқӣ мо бояд ҳама кори имконпазирро кунем, то ба созиш расем, ба якдигар мутобиқ шавем ва гузашт намоем (Рум. 12:10, Фил. 2:3). Баёни ҳозиразамони Аҳди Ҷадид «The Message» фармудаи ҳафтуми хушбахтиро чунин изҳор медорад: «*Хушо шумо, ҳангоме ба одамон якҷоя меҳнат карданро нишон медиҳед, ба ҷои он ки рақобат кунед ва ҷидол намоед. Маҳз ҳамон вақт ба шумо ошкор мешавад, ки шумо дар асл кистед, ва шумо ҷои худро дар оилаи Худо дарк менамоед*» (Мат. 5:9).

**Назар ба ба пурра бартараф кардани ихтилофот, бештар ба оштӣ саъй намоед**. Ҳамеша ва дар ҳама чиз бо якдигар розӣ шудани одамонро талаб кардан оқилона ва иҷрошаванда нест. Оштӣ ба муносибатҳои тарафайн саъй мекунад, аммо кӯшиши ба даст овардани ягон хел ҳалли масъала аҳамияти асосиро ба худи масъала медиҳад. Ҳангоме ки мо пеш аз ҳама оиди муносибатҳо ғамхорӣ мекунем, мушкилот аҳамияти худро аз даст медиҳанд, ва аксаран беаҳамият мегарданд.

Ҳатто агар созиш ба даст наояд ҳам, муносибатҳоро барқарор кардан мумкин аст. Масеҳиён аксаран ақидаҳои гуногунро, ки пурра асоснок мебошанд, ҷонибдорӣ мекунанд, аммо аз ақидаҳои худ даст накашидан ва дар айни ҳол ба таҳқир ва ранҷонидан рӯ наовардан мумкин аст. Агар ҳамон як бриллиантро аз тарафҳои гуногун мушоҳида намоем, мебинем, ки он тобишҳои гуногун дорад. Худо моро на ба якрангӣ, балки ба ягонагӣ даъват мекунад, ва ҳатто агар мо оиди ҳамаи масъалаҳо

нуқтаҳои назари гуногун дошта бошем ҳам, даст ба даст шуда, якҷоя ба пеш қадам задан мумкин аст.

Ин маънои онро надорад, ки ҳама чизро сарфи назар карда, ҳатто кӯшиш накунем, ки роҳи ҳалли умумиро пайдо намоем. Шояд барои ин лозим меояд, ки боз гуфтугӯҳо ва баҳсҳо кунед, аммо ин корро дар рӯҳи осоиш ва ҳамдигарфаҳмӣ анҷом диҳед. Мо оштӣ шуда, «табари ҷангро зери хок мекунем», аммо ҳамроҳи табар ҳамаи масъалаҳои баҳснокро низ зери хок кардан ҳатмӣ нест.

***Оштӣ ба муносибатҳои тарафайн саъй мекунад, аммо кӯшиши ба даст овардани ягон хел ҳалли масъала аҳамияти асосиро ба худи масъала медиҳад.***

Фикр кунед, акнун ки ин бобро хондед, бояд бо кӣ гуфтугӯ намоед. Кадом муносибатҳоро бояд барқарор намоед? Дигар ягон лаҳзаро аз даст надиҳед! Худи ҳозир ҳама корҳоро як тараф монда, бо Худо оиди он шахс гап занед. Баъд гӯшаки телефонро гирифта, раванди оштишавиро сар кунед. Ин ҳафт қадам хеле содда мебошанд, аммо ба осонӣ ба даст намеоянд. Барои барқарор намудани муносибатҳои барҳамхӯрда кӯшишҳои зиёд даркор мешаванд. Ҳавворӣ Петрус моро даъват мекунад, ки «*аз бадӣ дур шавем ва некӣ кунем, талабгори осоиштагӣ шавем ва дар пайи он бошем*» (1 Пет. 3:11). Ҳангоме ки барои оштӣ шудан саъй менамоед, шумо ҳамон кореро мекунед, ки Худи Худо ба ҷои шумо мекард. Аз ҳамин сабаб Худо сулҳҷӯён ва оштидиҳандагонро фарзандони Худ меномад (Мат. 5:9).

## РӮЗИ БИСТУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Муносибатҳои тарафайн ҳамеша арзиши онро доранд, ки барқарор карда шаванд.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ба қадри имкон, то ҳадде ки ба шумо вобаста аст, бо ҳамаи одамон мувосо кунед*» (Рум. 12:18).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман бояд чӣ кунам, то ки аллакай ҳамин рӯз қадаме барои барқарор намудани муносибатҳои вайроншуда гузорам?

# 21

# КАЛИСОИ ХУДРО ҲИФЗ НАМУДА

*Саъю кӯшиш кунед, ки ягонагии Рӯҳро нигоҳ доред ва онро бо бандҳои сулҳу осоиш устувор намоед.*
Эфс. 4:3 (РВ)

*Ба замми ҳамаи ин шумо муҳаббатро дар бар кунед, ки он маҷмӯи камолот аст.*
Қӯл. 3:14

Ҳифз намудани ягонагӣ дар калисои худ вазифаи мост.

Ягонагӣ дар калисо он қадар муҳим аст, ки Аҳди Ҷадид ба он аз таълимот оиди Осмонҳо ва дӯзах низ диққати бештар медиҳад. Худо мехоҳад, ки байни мо *якдилӣ* ва ҳамдигарфаҳмӣ бошад.

Ягонагӣ асоси муоширати ҳақиқист. Агар онро вайрон кунед, дили Бадани Масеҳро канда мегиред. Ин моҳият, асоси он ҳаёти якҷоя аст, ки Худо онро байни мо дар калисо дидан мехоҳад. Намунаи асосии чунин ягонагӣ — ваҳдат дар дохили Сегонаи Илоҳӣ мебошад. Падар, Писар ва Рӯҳулқудс бо ҳамдигар пурра ҳамчун як чизи том муттаҳид мебошанд. Худи Худо ба мо нишон медиҳад, ки зу-

ҳуроти олитарини муҳаббати фидокорона, беғаразии фурӯтанона ва ҳамраъйии комил чӣ гуна аст.

Ба Падари Осмонӣ, чун ба ҳама гуна волид, дидани он, ки фарзандон бо ҳам муросо мекунанд, маъқул аст. Дар лаҳзаҳои охирини пеш аз ҳабс Исо ба Падар оиди ягонагӣ дар байни шогирдони Худ бо эҳтирос дуо мегуфт (Юҳ. 17:20–23). Ҳатто дар ин соатҳои пурмашаққат Ӯ пеш аз ҳама оиди ягонагии имондорон ғамхорӣ мекард. Он ба ҳамин дараҷа муҳим аст.

***Худо аз калисо арзишноктар чизе надорад.***

Худо аз калисо арзишноктар чизе надорад. Ӯ барои он арзиши беандоза зиёд пардохт намудааст, ва калисо арзиши онро дорад, ки ҳифз карда шавад — хусусан аз таъсири фалокатбори низоъҳо, ҷидолҳо ва ихтилофот. Агар шумо узви оилаи Худо бошед, барои нигоҳ доштани ягонагии ҷамоати худ масъулият доред. Исои Масеҳ ба шумо фармудааст, ки ҳама кори имконпазирро кунед, то ки ягонагиро нигоҳ доред, муоширатро ҳифз намоед ва ба ҳамдигарфаҳмӣ дар байни имондорон мусоидат намоед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Саъю кӯшиш кунед, ки ягонагии Рӯҳро нигоҳ доред ва онро бо бандҳои сулҳу осоиш устувор намоед*» (Эфс. 4:3). Инро чӣ тавр бояд кунем? Дар Навиштаи Муқаддас бисёр маслиҳатҳои амалӣ ҳастанд.

**Ба он чи шуморо муттаҳид менамояд нигаред, ва фарқиятҳоро ҷустуҷӯ накунед.** Павлус навишта буд, ки мо бояд ба он саъй намоем, ки «*дар роҳи он чи ба мо сулҳу осоиш ва тақвияти якдигарро медиҳад, саъю кӯшиш кунем*» (Рум. 14:19). Мо, имондорон, як Худованд, як Бадан, як таъйинот, як Падар, як Рӯҳ, як умед, як имон, як таъмид ва як муҳаббат дорем (Рум. 10:12, Рум. 12:4–5, 1 Қӯр. 1:10, 1 Қӯр. 8:6, 1 Қӯр. 12:13, Эфс. 4:4, Эфс. 5:5, Фил. 2:2). Мо як наҷот,

як ҳаёт, як оянда дорем — ва ҳамаи ин аз ҳама гуна ихтилофот хеле муҳимтар аст. Ва мо бояд инро пеш аз ҳама дар ёд нигоҳ дорем.

Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки Худи Худо моро гуногун офаридааст, ва аз ҳамин сабаб мо бояд на танҳо нисбати якдигар пурсабр бошем, балки фарқи дар байнамон бударо қадр карда, барои онҳо хурсандӣ кунем. Худо дар байни мо на якрангӣ, балки ягонагиро дидан мехоҳад. Бинобар ин набояд ба фарқиятҳои ночиз имкон диҳем, ки ба муошират монеъ шуда, моро аз ҳам ҷудо кунанд. Мо бояд он мақсадҳои умумиро, ки Худо барои мо ва калисои Худ муқаррар намудааст, аз мадди назар дур накунем, чунон ки Масеҳ моро дӯст дошт, дӯст доштани якдигарро ёд гирем, ва панҷ ҷиҳати таъйиноти Худоро барои мо ва калисои Ӯ иҷро намоем.

Ихтилоф одатан нишон медиҳад, ки диққати мо ба чизҳои на он қадар аҳамиятнок, ба он чи Китоби Муқаддас «*мубоҳиса дар бораи ақидаҳо*» (Рум. 14:1, 2 Тим. 2:23) меномад, равона шудааст. Ҳангоме ки мо ба ҳар гуна афзалшумориҳо, шахсони бонуфуз, тафсирҳо, усулҳо ва услубҳо диққати бештар медиҳем, низоъҳо ва ихтилофот ногузир пайдо мешаванд. Аммо агар пеш аз ҳама ба муҳаббат ва иҷро намудани мақсадҳои Худо саъй намоем, байни мо мувофиқат ба миён меояд. Павлус бо ҷӯшу хурӯш хоҳиш мекард: «*Аз шумо, эй бародарон, ба исми Худованди мо Исои Масеҳ илтимос мекунам, ки ҳамаатон айни як суханро гӯед, ва дар байни шумо ҷудогие набошад, балки шумо дар як рӯҳ ва дар як фикр муттаҳид бошед*» (1 Қӯр. 1:10).

**Аҳамият диҳед, ки интизориҳо ва талабҳои шумо воқеъбинона бошанд**. Бояд ба он диққат диҳем, ки аз нуқтаи назари Худо муошırати ҳақиқӣ бояд чӣ гуна бошад. То чӣ андоза аз *камолот* дур будани ҳолати *воқеии* калисоро дида, мо бисёр вақт

рӯҳафтода мешавем. Аммо бо вуҷуди комил набудани калисо, мо бояд онро дӯст дорем. Хоҳони камолот буда, дар айни замон ҳолати воқеиро танқид намудан нишонаи ноболиғӣ аст. Аз тарафи дигар, бо ҳолати мавҷуда қонеъ шуда, ба камолот саъй накардан нишонаи худписандӣ аст. Шахси болиғ байни ин ҳар ду дар мувозинати шиддатнок зиста метавонад.

Имондорон ҳатман шуморо сахт рӯҳафтода мекунанд ва борҳо шуморо ба ҳолати ногувор мегузоранд, аммо набояд аз боиси ин муоширатро бо онҳо қатъ намоед. Онҳо аъзоёни оилаи шумоянд, ҳатто агар рафторашон хилофи инро нишон диҳад ҳам, бинобар ин рӯ гардонда, аз онҳо дур шудан даркор нест. Ба ҷои ин Худо моро даъват мекунад: «*Ҳамеша хоксор ва фурӯтан бошед. Якдигарро бо пурсабрӣ дар муҳаббат таҳаммул намоед*» (Эфс. 4:2).

***Бо вуҷуди комил набудани калисо, мо бояд онро дӯст дорем.***

Одамон аз калисо бо бисёр сабабҳои маълум ноумед мешаванд. Сабабҳоро беохир номбар кардан мумкин аст: ихтилоф, риёкорӣ, сарфи назар кардани одамон, хурдагирӣ, шариатпарастӣ ва дигар гуноҳҳо. Ба ҷои он ки ҳайрон шуда, бо нафрат рӯ гардонем, бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки калисо аз гуноҳкорон иборат аст, ва мо дар байни онҳо охирин нестем. Мо гуноҳкор буда, гоҳо дидаву дониста, ва гоҳо тасодуфан якдигарро меранҷонем. Ба ҷои он ки аз калисо равем, мо бояд дар он монда, то ҳадди имкон мушкилоти ба миён омадаро ҳал намоем. Роҳ ба сӯи хислати мустаҳкам ва муоширати амиқ на ба воситаи гурехтан, балки ба воситаи оштӣ шудан аст.

Ҳангоми аввалин рӯҳафтодагӣ ва барҳам хӯрдани орзуҳои хаёлӣ ҷудо шудан аз калисо далели ноболиғӣ аст. Худо ба шумо ва ба дигарон бисёр

чизҳоро ёд додан мехоҳад. Ғайр аз ин, калисои идеалие ки ба он ҷо гурехтан мумкин бошад, вуҷуд надорад. Ҳар як ҷамоат сустиҳо ва мушкилоти худро дорад. Ба ҳар ҷое ки равед, шуморо ноумедӣ интизор аст.

Граучо Маркс* ҳазл карда буд, ки ба ҳеҷ кадом маҳфиле ки розӣ аст ӯро ба узвияти худ қабул кунад, ҳамроҳ шудан намехоҳад. Агар барои қонеъ намудани талаботи шумо идеалӣ будани калисо лозим бошад, камолоти он ба таври автоматӣ узвияти шуморо истисно мекунад, зеро бегуноҳ нестед!

Дитрих Бонҳёффер, шубони олмонӣ, ки барои муқобилат ба фашистҳо риёзаткашона ҳалок шудааст, китоби классикии «*Якҷоя зистан*»-ро бахшида ба муоширати калисоӣ навиштааст. Ӯ дар он мегӯяд, ки ноумедшавӣ аз калисои маҳаллӣ ҳатто фоиданок аст, зеро умедҳои бардурӯғи моро оиди камолот барҳам мезанад. Ҳар қадар зудтар аз орзуҳои хаёлӣ оиди он ки танҳо калисои беайбро ба таври ҳаққонӣ дӯст доштан мумкин аст, даст кашем, ҳамон қадар зудтар вонамуд карданро бас мекунем ва иқрор мешавем, ки ҳамаи мо бегуноҳ нестем ва ба файз эҳтиёҷ дорем. Ҳамин аст ибтидои муошırати ҳақиқӣ.

Умуман ҳар як калисо метавонист дар назди даромадгоҳ чунин эълон нависад: «Хоҳиш мекунем, ки бегуноҳон муроҷиат накунанд. Танҳо касоне даъват карда мешаванд, ки гуноҳкор будани худро эътироф мекунанд, ва ба файз эҳтиёҷ доранд ва нашъунамо кардан мехоҳанд».

Бонҳёффер навишта буд: «Касе ки орзуи худро аз худи ягонагии масеҳӣ бештар дӯст медорад, вайронкунандаи ҳама гуна ҷамъияти масеҳӣ мешавад...

---

* Граучо (Ғур-ғуркунада) Маркс — яке аз бародарон-иштирокчиёни мазҳакаи машҳур дар ИМА.

Оё мо ҳар рӯз барои ҷамъияти масеҳӣ, ки ба он дохил шудаем, аз ҷумла дар он ҷое ки таҷрибаи зиёд, сарвари назаррас нест, ва бисёр сустиҳо, камимонӣ, душвориҳо ҳастанд, шукргузорӣ мекунем? Охир, агар мо ба Худо аз камбағалӣ ва аз он шикоят намоем, ки на ҳама чиз ба интизориҳои мо мувофиқат мекунад, — мо дар дастгирии нашъунамои ҷамъиятамон ба Ӯ халал мерасонем»*.

**Кӯшиш кунед, ки танқид накунед, балки рӯҳбаланд намоед.** Дар як тараф истода, нисбати касоне ки дар соҳаи хизматгузорӣ кӯшишҳо менамоянд, мулоҳизаҳои танқидӣ баён намудан ҳамеша осонтар аз он аст, ки худатон ба кори умумӣ шарик шуда, дар он саҳм гузоред. Худо гаштаву баргашта огоҳ менамояд, ки мо якдигарро танқид накунем, маҳкум нанамоем ва бо касе муқоиса накунем (Рум. 14:13, Яъқ. 4:11, Эфс. 4:29, Мат. 5:9, Яъқ. 5:9). Ҳангоме мо он чиро, ки масеҳии дигар мувофиқи ақидаҳои самимии худ бо имон ба ҷо меоварад, танқид мекунем, ба корҳои Худо дахолат менамоем: «*Ту кистӣ, ки хизматгори каси дигарро маҳкум мекунӣ? Хоҷаи ӯ худаш ба қароре меояд, ки ӯ истодааст ё афтодааст*» (Рум. 14:4).

Павлус илова мекунад, ки агар ақидаҳои дигар имондорон аз ақидаҳои мо фарқ дошта бошанд, мо набояд онҳоро маҳкум кунем ё аз онҳо нафрат намоем. «*Пас чаро ту бародаратро маҳкум мекунӣ? Ва ту чӣ? Чаро ту аз бародарат нафрат дорӣ? Ҳамаи мо пеши курсии доварии Худо ҳозир мешавем*» (Рум. 14:10).

Ҳар боре ки ман бародари ҳамимонамро маҳкум мекунам, дарҳол чор чиз рӯй медиҳад: ман муо-

---

* *Дитрих Бонҳёффер*, «Якҷоя зистан» (М.: Рашн Ресорсес Пресс, Триада, 2000), саҳ, 22, 424. Ё «Ҳаёт дар муошрати масеҳӣ». Хизматгузории инҷилии лютеранӣ. 2003.

ширатро бо Худо аз даст медиҳам, ғурур ва ба худ боварӣ надоштанамро ба намоиш мегузорам, худро ба доварии Худо оид мекунам, ба муоширати калисо зарар меоварам. Рӯҳи танқидкунанда, маҳкумкунанда нуқсони хеле бад аст!

Китоби Муқаддас шайтонро «*маломатгари бародарон*» меномад (Ваҳй 12:10). Айбдор намудани аъзоёни оилаи Худо, аз онҳо шикоят кардан ва онҳоро маҳкум намудан кори шайтон аст. Ҳар боре ки мо низ ҳамин тавр мекунем, ба доми иблис меафтем ва ба ҷои шайтон кори ӯро ба ҷо меоварем. Дар ёд нигоҳ доред, бо масеҳиёни дигар ҳар қадар ихтилофи ақидаҳо дошта бошем ҳам, душмани ҳақиқии мо на онҳоянд. Тамоми он вақте ки мо ба танқиди дигар имондорон ё ба муқоисаи онҳо бо дигарон сарф мекунем, бояд барои бунёд намудани ягонагии масеҳӣ сарф мешуд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Пас, дар роҳи сулҳу осоиш ва тақвияти якдигар саъю кӯшиш кунем*» (Рум. 14:19).

РӮЗИ БИСТУМ:

## КАЛИСОИ ХУДРО ҲИФЗ НАМУДА

**Гӯш кардани ғайбатҳоро қатъиян рад намоед**. Шахсе ки бо омилҳои мушкилӣ ё ба ҳалли он робитае надорад, ва маълумотеро оиди он ба каси дигар мерасонад, ғайбат мекунад. Ҳамаи мо медонем, ки овозаҳоро расондан хуб нест. Аммо агар шумо ҳақиқатан калисои худро ҳифз карданӣ бошед, бояд ғайбатҳоро ҳатто *гӯш накунед*. Гӯш кардани ғайбат монанди он аст, ки моликияти дуздидаро ҳамчун тӯҳфа қабул намоед: шумо ба таври автоматӣ шарики ҷиноят мешавед.

Ҳангоме ки касе ғайбат мекунад, бо мардонагӣ гӯед: «Хоҳиш мекунам, бас кун. Инро донистани ман ҳатмӣ нест. Оё ту бо ин шахс дар ин бора бевосита гап задӣ?» Касе ки ғайбатро *ба шумо* мерасонад,

шояд ба ҳамин гуна осонӣ ғайбатҳоро *дар ҳаққи шумо* ба дигарон мерасонад. Ба ӯ боварӣ кардан мумкин нест. Ва касонеро, ки ғайбатро гӯш мекунанд, Худо бадкирдорони маккор меномад (Мас. 17:4, 16:28, 26:20, 25:98, 20:19). *Бадкирдор ба лабҳои талбискор диққат мекунад; дурӯғгӯй ба забони фалокатбор гӯш медиҳад* (Мас. 17:4). «*Инҳо касоне ҳастанд, ки ҷудоиҳо ба миён меоваранд; инҳо касони нафсоние ҳастанд, ки рӯҳ надоранд*» (Яҳ. 1:19).

Аламовар он аст, ки на гургон, балки гӯсфандони худӣ ба рамаи Худо захмҳои амиқтар мерасонанд. Павлус онҳоро дар хусуси масеҳиён-одамхӯрон, ки «*якдигарро газида, мехӯранд*» ва муоширатро вайрон мекунанд, огоҳ менамояд (Ғал. 5:15). Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки аз чунин касон barканор будан лозим аст. «*Касе ки ғайбат паҳн мекунад, сирро ошкор мекунад, бинобар ин бо сергап робита накун*» (Мас. 20:19). Тарзи босуръаттарини ба охир расондани ихтилофи калисоӣ он аст, ки ғайбатгӯёнро бо муҳаббат сарзаниш намуда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки дар ғайби касон овозаҳо паҳн намуданро бас кунанд. Чунон ки Сулаймон гуфтааст, «*ҳезум тамом шавад, оташ хомӯш мешавад, ғайбатгӯй набошад — систеза хомӯш мешавад*» (Мас. 26:20).

**Усулҳои илоҳии ҳалли ихтилофотро истифода баред**. Илова ба принсипҳое ки дар боби гузашта зикр шуданд, Исо ба калисои Худ раванди соддаи ҳалли ихтилофотро, ки аз се қадам иборат аст, фаҳмонд: «*Агар бародарат ба ту гуноҳ кунад, рафта байни худат ва ӯ ба танҳоӣ гуноҳашро фаҳмон: агар ба сухани ту гӯш диҳад, бародари худро дарёфтӣ; ва агар гӯш надиҳад, як ё ду каси дигарро ҳамроҳи худ бигир, то ки аз забони ду ё се гувоҳ ҳар сухан тасдиқ шавад. Ва агар ба онҳо гӯш надиҳад, ба ҷамоат бигӯ*» (Мат. 18:15–17а).

Ҳангоме ки ихтилоф ба миён меояд, кас ҳамеша ба ҷои он ки мардона ва бо муҳаббат ба ранҷонан-

даи худ ҳақиқатро гӯяд, мехоҳад назди шахси сеюм рафта, шикоят кунад. Дар натиҷа вазъият боз ҳам бадтар мешавад. Дар асл бояд рост ба назди касе ки аз ӯ хашмгин шудаед, равед.

Қадами аввалин ҳамеша гуфтугӯи рӯ ба рӯ аст, ва ин корро ҳарчи зудтар кардан лозим аст. Агар ду нафар аз ӯҳдаи ҳалли масъала набароед, бояд якчанд шоҳидонро даъват намоед, ки мавҷудияти масъалаи ҳалталабро эътироф кунанд ва барои оштӣ ёрӣ расонанд. Агар касе ки шуморо ранҷонидааст, якравона ҳеҷ чизро дигаргун кардан нахоҳад-чӣ? Исо ба мо фармудааст, ки ҳамаашро ба аҳли калисо гӯем, ва агар он вақт ҳам гӯш надиҳад, мо бояд ба ӯ ҳамчун бо беимон муносибат намоем (Мат. 18:17, 1 Қӯр. 5:5).

**Шубонҳо ва сарварони худро дастгирӣ намоед.** Сарварони беайб вуҷуд надоранд, аммо Худо масъулият ва ихтиёрро барои нигоҳ доштани ягонагии калисо маҳз ба онҳо супурдааст. Ҳангоме ки дар ҷамоат ихтилоф ба миён меояд, маҳз сарварон бояд барои оштӣ додани ҷонибҳои мухолифаткунанда саъй намоянд. Шубонон вазифаи вазнин ва камқадре доранд, то байни аъзоёни рӯҳан ноболиғи ҷамоат, ки аз ҳам ранҷидаанд ё ҷанҷол кардаанд, миёнаравӣ кунанд. Ғайр аз ин, гоҳо мо ба онҳо талаботи иҷронашаванда мегузорем: чунин кунанд, ки *бе истисно* барои ҳама хуб бошад. Аммо ҳатто Исои Масеҳ ин корро карда натавониста буд!

***Ҳангоме ки мо ба сарварон бо эҳтиром муносибат менамоем, ҷамоати худро ҳимоя мекунем.***

Китоби Муқаддас оиди тарзи муносибат бо касоне ки ба мо хизмат мерасонанд, насиҳатҳои аниқ медиҳад: «*Ба сардорони худ фармонбардор ва мутеъ бошед, зеро онҳо ҳамеша ғами ҷонҳои шуморо мехӯранд, чунки ба ҳисобот додан вазифадор мебошанд; то ки онҳо*

*ин вазифаро бо шодӣ ба ҷо оварданд, на бо оҳу нола, зеро ки ин барои шумо фоиданок нест»* (Ибр. 13:17).

Ягон вақт ҳамаи шубонон дар назди Худо ҳозир мешаванд, то ба Ӯ аз он ҳисобот диҳанд, ки оиди некӯаҳволии шумо чӣ гуна ғамхорӣ намуданд. «*Онҳо хаста нашуда, дар ҳаққи шумо ғамхорӣ мекунанд, зеро бояд ба Худо ҳисобот диҳанд*» (Ибр. 13:17). Аммо ба ӯҳдаи шумо низ масъулият гузошта шудааст. Ба шумо лозим меояд дар назди Худо ҳисобот диҳед, ки то кадом андоза ба сарварони худ итоат намуда, онҳоро пайравӣ карда будед.

Дар Китоби Муқаддас оиди тарзи муносибати шубонҳо бо касоне ки дар калисо низоъ ва ҷудоиҳо ворид менамоянд, дастурҳои аниқ ҳастанд. Шубонҳо бояд аз баҳсу мунозира канораҷӯӣ кунанд, аъзоёни мухолифаткунандаи калисоро бо фурӯтанӣ таълим диҳанд, ва ҳамеша дуо гӯянд, ки онҳо дигаргун шаванд, касонеро, ки баҳс карданро дӯст медоранд, огоҳӣ диҳанд, ҳамаро ба ягонагӣ ва муросо даъват намоянд, касонеро, ки ба сарварони калисо беэҳтиромӣ мекунанд, сарзаниш намоянд, ва касонеро, ки ҷудоӣ меандозанд, пас аз ду огоҳӣ аз ҷамоат дур кунанд (2 Тим. 2:14, 23:26, Фил. 4:2, Тит. 2:15—3:2, 10:11).

Мо ҷамоати худро ҳимоя мекунем, ҳангоме ба касоне ки моро роҳнамоӣ намуда, ба мо хизмат мекунанд, боэҳтиромона муносибат менамоем. Шубонон ва диаконҳо ба дастгирии мо, дуоҳои мо, муҳаббати мо ва ба дарки он эҳтиёҷ доранд, ки мо меҳнати онҳоро қадр мекунем. Инак он чи ба мо фармуда шудааст: «*Аммо аз шумо, эй бародарон, илтимос мекунем, ки он касонро қадрдонӣ намоед, ки дар миёни шумо меҳнат мекунанд, ва сарварони шумо дар Худованд буда, шуморо насиҳат медиҳанд, ва онҳоро барои фаъолияташон бо камоли муҳаббат иззат кунед*» (1 Тасл. 5:12–13а).

Ман шуморо даъват мекунам, ки вазифаи дар калисои худ нигоҳ доштан ва бунёд намудани ягонагиро ба ӯҳда гиред. Тамоми саъю кӯшиши худро ба ин равона кунед, ва Худо аз ин хеле хурсанд мешавад. Гоҳо ба шумо осон нахоҳад буд. Гоҳо лозим меояд эҳтиёҷоти дигаронро афзал дониста, кореро кунед, ки на ба худатон, балки барои тамоми Бадан хуб аст. Ин яке аз сабабҳоест, ки мувофиқи он Худо ҳар яки моро дар калисо ҷойгир мекунад: Ӯ мехоҳад ба мо беғаразӣ ва ғамхорӣ дар ҳаққи дигаронро ёд диҳад. «*Ҳеҷ кас нафъи худро толиб набошад, балки нафъи дигаронро*» (1 Қӯр. 10:24).

Худо калисоҳоеро баракат медиҳад, ки дар ягонагӣ ва ҳамфикрӣ зиндагӣ мекунанд. Дар калисои «Сэддлбэк» ҳар як узви нав аҳдеро имзо мекунад, ки ваъдаи ҳимоя намудани ягонагии калисоро дар бар мегирад. Дар натиҷа дар давоми солҳои зиёд дар байни мо низоъ ва ҷудоӣ набуд. Ғайр аз ин, ба шарофати муҳаббат ва ягонагӣ, ки дар чунин ҷамоат ҳукмфармост, бисёр касон *мехоҳанд* ба он шомил шаванд! Дар давоми ҳафт соли охир зиёда аз 9100 навимон дар калисои мо ғӯтаи таъмид гирифтанд. Ҳангоме ки дар оилаи Худо навзодони рӯҳонӣ пайдо мешаванд, Ӯ барои онҳо калисо-инкубатори гармро меҷӯяд, ки онҳо дар он бо муваффақият инкишоф ёфта тавонанд.

Шумо чӣ кор мекунед, то ки дар оилаи калисоиятон бештар муҳаббат ва гармӣ бошад? Дар атрофи шумо бисёр касоне зиндагӣ мекунанд, ки ба муҳаббат ва наздикон, ба муносибатҳои оилавӣ эҳтиёҷ доранд. Дар ҳақиқат ба *ҳар яки* мо муҳаббат даркор аст, ва ҳамаи мо мехоҳем, ки моро дӯст доранд. Бинобар ин, агар одамон ногоҳ калисоеро пайдо кунанд, ки аъзоёнаш якдигарро самимона дӯст медоранд ва дар ҳаққи якдигар ғамхорӣ менамоянд, онҳо бо чунон саъю кӯшиш ба он дохил шу-

дан мехоҳанд, ки танҳо дарҳои сахт пӯшида онҳоро боздошта метавонад.

## РӮЗИ БИСТУ ЯКУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан:** Ман ӯҳдадорам ягонагиро дар калисои худ ҳифз намоям.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Пас, дар роҳи сулҳу осоиш ва тақвияти якдигар саъю кӯшиш кунем*» (Рум. 14:19).

**Савол барои андешаронӣ**: Шахсан ман ҳозир барои ҳифзи ягонагӣ дар оилаи калисоии худ чӣ кор мекунам?

# МАҚСАДИ СЕЮМ

# ШУМО БАРОИ ОН ОФАРИДА ШУДАЕД, КИ БА МАСЕҲ МОНАНД ШАВЕД

Дар Ӯ реша давонда ва ҳаёти
худро дар Ӯ бино намуда, дар имоне
ки таълим гирифтаед, мустаҳкам шуда,
бо дили пур аз шукргузорӣ дар ягонагӣ
бо Ӯ рафтор намоед.

*Қӯл. 2:6–7 (РВ)*

# 22

# БАРОИ ОН ОФАРИДА ШУДАЕД, КИ БА МАСЕҲ МОНАНД ШАВЕД

*Худо аз худи аввал медонист, ки чӣ кор мекунад. Ӯ аз азал қарор дода буд, ки ҳаёти шахсонеро, ки Ӯ дӯсташон медорад, ба ҳаёти Писари Худ монанд кунад... Мо дар Ӯ нусхаи асл ва нақшаи ибтидоии ҳаёти инсонро мебинем.*

Рум. 8:29 («The Message»)

*Ӯ тимсоли намоёни Худои нонамоён, Нахустзода, болотар аз тамоми офариниш аст.*

Қӯл. 1:15 (РВ)

Шумо барои он офарида шуда будед, ки ба Масеҳ монанд шавед.

Аз худи аввал Худо мехост шуморо ба Писари Худ, Исо монанд кунад. Тамоми ҳаёти шумо ба ҳамин самт равона карда шудааст, ва мақсади сеюми он аз ҳамин иборат аст. Худо ҳанӯз пеш аз офариниши олам мақсади Худро эълон намуда буд: «*Ва Худо гуфт: «Одамро ба сурати Мо, ба шабоҳати Мо биофарем*» (Ҳас. 1:26).

Аз тамоми офаридаҳо танҳо одамон «ба сурат ва шабоҳати Худо» офарида шудаанд. Ин шарафи бузург аст ва худ аз худ ба мо афзалияти калон медиҳад. Мо *тамоми* маънои инибораро намедонем, аммо баъзе ҷиҳатҳои онро мефаҳмем. Ба монанди Худо, мо *мавҷудоти рӯҳонӣ* ҳастем, рӯҳи мо бефаност, он баъди фанои ҷисми мо низ боқӣ мемонад. Мо, ба монанди Ӯ, ақл дорем — яъне фикр кардан, андешаронӣ намудан, мушкилотро ҳал намудан метавонем. Ба монанди Ӯ, мо *мавҷудоти ҷамъиятӣ* ҳастем — дӯст доштан ва муҳаббати ҳақиқиро қабул намудан метавонем. Ғайр аз ин, мо *шуурнокии ахлоқӣ* дорем — мо хубро аз бад фарқ карда метавонем ва аз ҳамин сабаб дар назди Худо масъулият дорем.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки на танҳо имондорон, балки ҳамаи одамон дар худ қисми сурат ва шабоҳати Худоро доранд. Маҳз аз ҳамин сабаб куштор ва исқоти ҳамл ахлоқан қобили қабул нестанд (Ҳас. 6:9, Заб. 138: 13–16, Яъқ. 3:9). Аммо шабоҳати Ӯро дар мо пурра номидан мумкин нест, илова ба ин, он аз боиси гуноҳ беандоза вайрон ва хароб гардидааст. Худо Исоро барои он ба ҷаҳон фиристод, ки Ӯ он тимсоли аввалиро, ки мо аз даст додаем, барқарор намояд.

«Сурат ва шабоҳат»-и Худо дар тамоми пуррагияш ба чӣ монанд мебошанд? Ба Исои Масеҳ! Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Исо «*сурати Худои нонамоён*» ва «*мазҳари моҳияти Ӯ*» мебошад (2 Қӯр. 4:4, Қӯл. 1:15, Ибр. 1:3).

Ба фарзандони нигариста ва дар онҳо монандии оилавиро дида, одамон гоҳо нидо мекунанд: «Инро бинед-а, айнан монанди падараш!» Ба ман хеле писанд меояд, ҳангоме касе мегӯяд, ки фарзандонам ба ман монанд ҳастанд. Худо низ мехоҳад, ки фарзандонаш дар худ сурат ва шабоҳати Ӯро дош-

та бошанд. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Одами навро, ки ба шабоҳати Худо офарида шудааст, дар росткорӣ ва қудсияти ҳақиқӣ дар бар кунед*» (Эфс. 4:24).

Ман мехоҳам, ки шумо маро дуруст фаҳмед: мо ҳеҷ гоҳ Худо ё яке аз худоён шуда наметавонем. Ин дурӯғи пур аз ғурур яке аз васвасаҳои қадимтарини шайтон аст. Шайтон ба Одам ва Ҳавво ваъда дод, ки ба маслиҳати ӯ пайравӣ намуда, онҳо «*монанди худоён*» мешаванд (Ҳас. 3:5). Бисёр динҳо ва фалсафаҳои Нию Эйҷ то ҳол фиреби чандинасраро такрор мекунанд, ки мо моҳияти илоҳӣ дорем ё худо шуда метавонем.

Хоҳиши Худо шудан ҳар боре ба миён меояд, ки мо вазъиятҳои ҳаётӣ,ояндаамонро ба дасти худ гирифтанӣ мешавем ё атрофиёнро идора карданӣ мешавем. Аммо мавҷудоти офарида буда, мо ҳеҷ гоҳ ҷои *Офаридгорро* гирифта наметавонем. Худо намехоҳад, ки мо худоён шавем. Мехоҳад, ки дар тақводорӣ аз рӯи хислат ба Ӯ монанд шавем. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ақл ва рӯҳи худро нав карда, дар росткории ҳақиқӣ ва муқаддасӣ Одами Навро дар бар кунед, ки ба сурати Худо офарида шудааст*» (Эфс. 4:23–24).

***Худо на роҳати осудаҳолона, балки нашъунамои рӯҳонӣ ва хислати масеҳонаро мақсади ниҳоии ҳаёти заминии мо муқаррар намудааст.***

Худо на роҳати осудаҳолона, балки нашъунамои рӯҳонӣ ва хислати масеҳонаро мақсади ниҳоии ҳаёти заминии мо муқаррар намудааст. Ба Масеҳ монанд шудан аз даст додани шахсияти худ ё ба нусхаи бефикр ва бемулоҳизаи Ӯ табдил ёфтан нест. Зеро маҳз Худо моро нотакрор офаридааст, ва албатта намехоҳад инро аз байн барад. Оиди монандшавӣ ба

Масеҳ гап зада, мо ташаккул ёфтани хислатро дар назар дорем.

Худо мехоҳад, ки дар мо он хусусиятҳои хислат зоҳир шаванд, ки дар фароизи хушбахтӣ аз Мавъизаи болои кӯҳ (Мат. 5:1–12), дар тасвири самари Рӯҳулқудс (Ғал. 5:22–23), дар боби бузург оиди муҳаббат аз номаи Павлус (1 Қӯр. 13) ва дар нишонаҳои ҳаёти пурсамар ва мукаммал, ки Петрус номбар намудааст, баён шудаанд. Ҳар боре ки мо ин ҳақиқатро фаромӯш мекунем, ҳаёт ба мо бесарусомӣ ва ноумедиҳо меоварад. «*Чаро ҳамаи ин бо ман рӯй медиҳад? Чаро Худо ба дуоҳои ман ҷавоб намедиҳад? Чаро ман ин қадар душворӣ мекашам?*» Медонед чӣ? Ҳаёт *бояд* осон набошад! Зеро ин ягона воситаест, ки моро ба нашъунамо кардан маҷбур мекунад. Дар ёд нигоҳ доред, замин ҳанӯз Осмонҳо нест!

Бисёр масеҳиён ваъдаи Исоро оиди «ҳаёти фаровон» нодуруст мефаҳманд. Онҳо гумон мекунанд, ки Ӯ саломатии бенуқсон, шароити зисти бароҳат, хушбахтии беохир, пурра иҷро шудани ҳамаи орзуҳо ва ва ба воситаи имон ва дуо фавран аз ҳамаи мушкилот раҳо шуданро дар назар дошт. Хулоса, онҳо чунин меҳисобанд, ки ҳаёти масеҳӣ бояд осон бошад. Онҳо аллакай дар ин ҷо, дар замин Осмонҳоро дидан мехоҳанд.

Ин муҳокимаронихои худпарастона Худоро ба ҷин аз кӯза табдил медиҳад, ки фақат барои хушбахт гардондани мо ва амалӣ гардидани дархостҳоямон вуҷуд дорад. Аммо Худо на барои он вуҷуд дорад, ки дар хизмати мо бошад, бинобар ин, агар ба ин афсона дода шавед, ё сахт ноумед мешавед, ё тамоман аз воқеият дур зиндагӣ мекунед.

Дар ёд нигоҳ доред, гап тамоман на дар шумост! Маҳз шумо барои амалӣ гардидани нақшаҳои Худо зиндагӣ мекунед, на баръакс. Ба Худо чӣ даркор аст, ки *дар рӯи замин биҳишт* барпо намо-

яд, ҳангоме ки Ӯ бе ин ҳам барои шумо биҳишти ҳақиқӣ тайёр кардааст? Солҳои заминӣ барои он муқаррар шудаанд, ки хислати шуморо барои ҳаёти ояндаи осмонӣ ташаккул диҳанд, озмоянд ва устувор намоянд.

## АМАЛИ ДОХИЛИИ РӮҲУЛҚУДС

Дар мо тарбия намудани хислати масеҳона — кори Рӯҳулқудс аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст*» (2 Қӯр. 3:18). Ин раванди табдил ёфтани мо ба одамоне ки ҳарчи бештар ба Масеҳ монанд мешаванд, *тақдис* номида мешавад. Ва мақсади сеюми Худо барои ҳаёти заминии мо маҳз аз ҳамин иборат аст.

Шумо метавонед худатон дар худ хислати Масеҳро тарбия намоед. Гаштаву баргашта аз рӯзи душанбе сар кардан, тамоми иродаи худро ҷамъ карда, ба ниятҳои беҳтарини худ пайравӣ намудан кифоя нест. Танҳо Рӯҳулқудс қувваи фавқуттабиӣ дорад, то дигаргуниҳоеро, ки Худо дар ҳаёти мо дидан мехоҳад, ба амал оварад. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад*» (Фил. 2:13).

Ҳамин ки «қувваи Рӯҳулқудс» зикр карда мешавад, бисёр касон нишонаҳои мӯъҷизаосои ҳузури Ӯ ё эҳсосоти қавиро тасаввур мекунанд. Аммо аксар вақт Рӯҳулқудс дар ҳаёти мо оҳиста, хоксорона, қариб ноаён амал мекунад, бе он ки мо хабардор шавем. Ӯ бисёр вақт моро танҳо бо «*садои пичирроси оҳиста*» (3 Подш. 19:12) ба амале ҳидоят менамояд.

РӮЗИ БИСТУ ДУЮМ:

## БАРОИ ОН ОФАРИДА ШУДАЕД, КИ БА МАСЕҲ МОНАНД ШАВЕД

Хислати Масеҳ дар мо на ба воситаи тақлид, балки ба воситаи дар дохили мо сокин будани Ӯ нашъунамо меёбад. Мо ба Масеҳ имкон медиҳем, ки *ба воситаи* мо зиндагӣ кунад. «*Сирр дар он аст, ки Масеҳ дар мо зиндагӣ мекунад*» (Қӯл. 1:27). Ин дар ҳаёти воқеӣ чӣ тавр ба амал меояд. Ба воситаи он қарорҳое ки мо қабул мекунем. Мо дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт қарорҳои тақводорона қабул менамоем, ва баъд ба он умед мебандем, ки Рӯҳулқудс ба мо қувваи Худ, муҳаббат, имон ва хирад медиҳад, то ҳама корро ба таври даркорӣ анҷом диҳем. Азбаски Рӯҳулқудс дар дохили мо сокин аст, танҳо хоҳиш кардан кифоя аст, ва Ӯ ба мо ҳама чизи даркориро медиҳад.

**Ҳамроҳи Рӯҳулқудс амал намоед**. Як ҳақиқати хеле муҳим дар тамоми Китоби Муқаддас таъкид карда мешавад: ҳамин ки мо қадами имонро мегузорем, Рӯҳулқудс бо қувват амал намуданро сар мекунад. Ҳангоме ки дар пеши Еҳушаъ ибни Нун монеаи бартарафнашаванда ба миён омад, фақат *пас* аз он ки пирони халқи Исроил бо имон ва итоаткорӣ ба ҷараёни пуртуғёни дарё қадам ниҳоданд, обҳои дарёи Урдун аз ҳам ҷудо шуданд (Еҳуш. 3:13–17). Итоаткорӣ қувваи Худоро сар медиҳад.

Худо интизор аст, ки мо худамон пеш бароем. То даме ки худро боқувват ва дилпур эҳсос мекунед, мавқуф гузоштан лозим нест. Дар ҳамон вақте ки суст ҳастед, ба пеш қадам гузоред, ба тарсҳо ва ҳиссиёти худ нигоҳ накарда, рафтори дуруст намоед. Мо ҳамроҳи Рӯҳулқудс маҳз ҳамин тавр амал менамоем, ва хислати мо нашъунамо ёфта, устувор мегардад.

Китоби Муқаддас инкишофи рӯҳониро ба тухмии сабзидаистода, ба бинои сохташаванда ва ба кӯдаки калоншудаистода монанд мекунад. Ҳамаи ин ташбеҳҳо ба зарурати иштироки фаъолонаи мо дар раванд ишора мекунанд: тухмиро коштан ва об додан лозим аст, биноро сохтан даркор аст — онҳо худашон чун замбӯруғ намесабзанд, — ба кӯдакон низ барои нашъунамо бештар хӯрдан ва ҳаракат кардан даркор аст.

Агар барои наҷот кӯшишҳои мо даркор набошанд, барои нашъунамои рӯҳонӣ онҳо комилан заруранд. Дар ҳадди ақалл ҳашт бор Аҳди Ҷадид моро даъват менамояд, ки «ҷидду ҷаҳд намоем», «саъю кӯшиш кунем», то ки нашъунамо карда, тадриҷан ба Исо монанд шавем (*Луқ.* 13:24, Рум. 14:19, Эфс. 4:3, 2 Тим. 2:15, Ибр. 4:11, Ибр. 12:14, 2 Пет. 1:5, 2 Пет. 3:14). Ҳеҷ кор накарда, интизор шудан лозим нест, ки кай балоғати рӯҳонӣ худ аз худ меояд.

Дар Нома ба Эфесусиён 4:22–24 Павлус вазифаҳоеро мефаҳмонад, ки мо бояд ба ҷо оварем, то ки ба Масеҳ монанд шавем. Аввалан, мо бояд аз тарзи зиндагӣ ва рафтори пештара даст кашем. «*Аз он чи ба тарзи пештараи зиндагии шумо хос буд, аз инсони кӯҳнае ки ӯро ҳавасҳои фиребанда ба ҳалокат мерасонанд, даст кашидан лозим аст*» (Эфс. 4:22).

Сониян, мо бояд тафаккури худро дигаргун кунем. «*Ақл ва рӯҳи худро нав кунед*» (Эфс. 4:23). Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки мо ба шарофати нав кардани ақли худ дигаргун мешавем (Рум. 12:2). Калимаи юнонии «*метаморфозис*» (ки дар Рум. 12:2 ва 2 Қӯр. 3:18 истифода шудааст) маънои «*дигаргуншавӣ*»-ро дорад. Ҳозир бо ёрии калимаи «*метаморфоза*» мо, масалан, раванди ба шабпарак табдил ёфтани кирмакро тасвир менамоем. Ин тасвири ҳайратовари он чизест, ки аз ҷиҳати рӯҳонӣ

бо мо рӯй медиҳад, ҳангоме мо ба Худо имкон медиҳем, ки фикрҳои моро равона кунад: мо ботинан дигаргун мешавем, дигаргуниҳои ботинӣ тадриҷан симои зоҳирии моро низ дигаргун мекунанд, мо зеботар мешавем ва озодии фатҳ намудани баландиҳои нав ба навро ба даст меоварем.

Сеюм, мо бояд хислати Масеҳро «дар бар кунем», дар худ одатҳои нав, парҳезгоронаро тарбия намоем. Моҳиятан, хислат — маҷмӯи ҳамаи одатҳои мост. Ин тарзи одатии рафтори мост. Дар Навишта гуфта шудааст: «*Одами навро, ки ба шабоҳати Худо офарида шудааст, дар росткорӣ ва қудсияти ҳақиқӣ дар бар кунед*» (Эфс. 4:24).

**Худо моро бо ёрии Каломи Худ, фарзандони Худ ва вазъиятҳои ҳаётӣ ташаккул медиҳад**. Ҳамаи се омил барои ташакули хислат комилан зарур мебошанд. Калом *ҳақиқатро* медиҳад, ки барои *нашъунамо* даркор аст. Халқи Худо барои он *дастгирии* даркориро таъмин менамояд, ва вазъиятҳои ҳаррӯза ба мо *имконияти* дар тақводорӣ *машқ* карданро медиҳанд. Агар шайтон шуморо водор карда тавонад, ки Каломи Худоро тарк намоед, худро аз дигар имондорон ҷудо кунед ва кӯшиш намоед, ки аз вазъиятҳои душвор барканор бошед, камтарин имконияти ба Исо монанд шудан нахоҳед дошт. Мо дар бобҳои оянда ҳар яки ин омилҳоро муфассалтар аз назар мегузаронем.

Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки барои нашъунамои рӯҳонӣ танҳо хондани Китоби Муқаддас ва дуо даркор аст. Аммо дар зиндагӣ чунин лаҳзаҳо ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ танҳо ба воситаи омӯхтани Навиштаҳо ва дуогӯӣ дигаргун намешаванд. Худо ба воситаи одамон амал мекунад. Қисми зиёди корҳои Худро Ӯ на ба воситаи дахолати мӯъҷизаосо, балки маҳз бо дастони одамон ба ҷо меоварад — ва ҳамаи ин ба хотири он ки ба якдигар муроҷиат

намудан ва дар муошират буданро омӯзем. Худо мехоҳад, ки мо якҷоя нашъунамо кунем.

Дар бисёр равияҳои динӣ гӯшанишиноне ки ба ягон дайри дурдасти кӯҳӣ рафтаанд ва бо муоширати дунявӣ нопок нашудаанд, муқаддастарин ва рӯҳонитарин ҳисобида мешаванд. Аммо чунин фаҳмиши балоғати рӯҳонӣ комилан нодуруст аст! Рӯҳан ташаккул ёфтан — ҷидду ҷаҳди шахсӣ, якка нест. Дар гӯшанишинии пурра балоғати масеҳиро ба даст овардан ғайриимкон аст. Барои ин бо дигар одамон будан ва бо онҳо муошират намудан, як ҷузъи калисо, ҷузъи ҷамъияти масеҳӣ будан лозим аст. Чаро? Чунки балоғати ҳақиқии рӯҳонӣ аз он иборат аст, ки чунон дӯст дорем, ки Масеҳ дӯст медошт, аммо агар бо дигарон муошират накунед, муҳаббати масеҳиро намеомӯзед. Дар ёд нигоҳ доред, тамоми моҳияти нашъунамо аз дӯст доштани Худо ва одамон иборат аст.

**Ба Масеҳ шабоҳат пайдо намудан раванди дуру дароз ва оҳиста аст**. Балоғати рӯҳонӣ ба таври автоматӣ ё фавран ба даст намеояд. Ин инкишофи тадриҷӣ, пайдарҳам аст, ки тамоми ҳаёти боқимондаи моро дар бар мегирад. Павлус дар ин бора чунин гуфта буд: «...*то даме ки ҳамаамон ба ягонагии имон ва шиносоии Писари Худо, ба дараҷаи вохӯрӣ бо Шахси Комил, бо Масеҳ, ки намунаи балоғати комил аст, бирасем*» (Эфс. 4:13). Дар ёд нигоҳ доред, шумо лоиҳаи ба анҷом нарасида ҳастед, ки ҳанӯз дар болои он кор давом дорад. Дигаргуншавии рӯҳонӣ ва ба Масеҳ монанд шудани шумо тамоми ҳаёти боқимондаатонро дар бар мегирад — ва ҳатто ҳамон вақт он пурра ба анҷом намерасад. Танҳо ҳангоме ки мо назди Исо ба Осмонҳо меравем, ё ҳангоме ки Ӯ ба замин бармегардад, дар ин кор нуқта гузошта мешавад. Дар он лаҳза тамоми корҳои боқимонда оиди тармими хислати шумо ба охир мерасанд. Дар Кито-

би Муқаддас гуфта шудааст, ки ҳамин ки Исоро рӯ ба рӯ бинем, айнан монанди Ӯ мешавем: «*Эй маҳбубон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст он чи хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд, зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, хоҳем дид*» (1 Юҳ. 3:2).

Бисёр изтиробҳо ва душвориҳо дар ҳаёти масеҳӣ аз боиси он пайдо мешаванд, ки мо як факти оддиро фаромӯш мекунем: Худо беш аз ҳар кори дигар ба ташаккул додани хислати мо ҳавасманд аст. Ҳангоме ки Худо ба саволҳои аниқи мо аз қабили: «Ба кадом кор дароям?» ҷавоб намедиҳад, мо безобита мешавем. Дар асл хости Худо ба мо *интихоби васеи* ҳама гуна корҳои гуногунсоҳаро пешкаш менамояд. Мо ҳар чиро интихоб намоем, барои Худо он чиз муҳимтар аст, ки мо кори худро дар тақводорӣ ва муқаддасӣ ба ҷо оварем (1 Қӯр. 10:31, 1 Қӯр. 16:14, Қӯл. 3:17, 23).

***Худо пеш аз ҳама на оиди коре ки бо он машғул ҳастед, балки оиди чӣ гуна инсон будани шумо ғамхорӣ мекунад.***

Худо пеш аз ҳама на оиди коре ки бо он машғул ҳастед, балки оиди *чӣ гуна инсон будани шумо* ғамхорӣ мекунад. Ҳамаи мо *мавҷудоти* инсонӣ ҳастем, на *мошинҳое* ки фақат барои иҷрои амалҳои муайян даркоранд. Ӯ ба моҳияти ботинии шумо назар ба касбу ихтисоси шумо хеле бештар таваҷҷӯҳ дорад, зеро шумо на касбу кор, балки маҳз хислати худро ба абадият мебаред.

Китоби Муқаддас моро огоҳ мекунад: «*Ба ҷаҳони атроф чунон мутобиқ нашавед, ки бефикрона ба он тағофул намоед. Ба ҷои ин диққати худро ба Худо равона намоед, он гоҳ ботинан дигаргун мешавед... Ҷаҳони ҳозира доимо кӯшиш мекунад шуморо ба сатҳи ночиз, ноболиғи худ паст фарорад, аммо Худо аз шумо ҳама чизи фоиданокро берун оварда, дар сатҳи боло мегузо-*

*рад ва дар шумо хислати устувор, собитро бунёд менамояд»* (Рум. 12:2 [«The Message»]). Шумо бояд бар хилофи ақидаҳои маъмулӣ амал намоед ва қарори қатъӣ қабул кунед, ки кӯшиш мекунед ҳарчи бештар ба Масеҳ монанд шавед. Вагарна қувваҳои дигар — масалан, ҳамсолон, волидон, ҳамкорон, ақидаҳои ҷамъиятӣ — кӯшиш мекунанд шуморо ба сурат ва шабоҳати худ дигаргун кунанд.

Мутаассифона, ҳатто назари сатҳӣ ба бисёр китобҳое ки ҳозир дар байни масеҳиён маъмуланд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки бисёр имондорон аллакай барои иҷрои мақсадҳои бузурги Худо зиндагӣ намекунанд, балки бо ҷустуҷӯи роҳҳои амалисозии нақшаҳои худ ва устувории эҳсосотии худ қонеъ мешаванд. Аммо ин на шогирдӣ, балки нарсиссизм* аст. Исо дар салиб на барои он мурд, ки барои мо ҳаёти осуда ва бароҳатро таъмин намояд. Нақшаи Ӯ хеле амиқтар аст. Ӯ мехоҳад, ки мо пеш аз фаро расидани вақти ба осмон рафтанамон ба Ӯ монанд шавем. Ин шарафи бузург, вазифаи ҳатмӣ ва мақсади ниҳоии ҳастии мост.

## РӮЗИ БИСТУ ДУЮМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ман барои он офарида шудаам, ки ба Масеҳ шабоҳат пайдо намоям.

---

* Нарсиссизм — дараҷаи ифротитарин ва харобиовари худпарастӣ. Ин истилоҳ аз номи яке аз худоёни юнонӣ Нарсисс бармеояд, ки ба инъикоси худ дар оина ошиқ шуд ва дар натиҷа аз гуруснагӣ ва ташнагӣ ҳалок гардид.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст*» (2 Қӯр. 3:18).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман бояд барои кадом ҷиҳати ҳаёти худ аз Рӯҳулқудс қувват дархост намоям, то ки аллакай имрӯз андаке бештар ба Масеҳ монанд шавам?

# 23

# МО ЧӢ ГУНА НАШЪУНАМО МЕЁБЕМ

*Агар ҳақиқатро бо муҳаббат баён намоем, аз ҳама ҷиҳатҳо ба Ӯ наздик шуда, нашъунамо мекунем.*

Эфс. 4:15а (РВ)

*Мо дигар набояд кӯдакони хурдсол бошем...*

Эфс. 4:14а (РВ)

Худо мехоҳад, ки мо ба балоғат, яъне ба камол расем.

Падари Осмонии мо мехоҳад, ки мо ба балоғат расем, хусусиятҳои хислати Масеҳро доро шавем ва ҳаёти дӯстдорона ва хизматгузории фурӯтанонаро ба сар барем. Мутаассифона, бисёр масеҳиён калонсолтар шаванд ҳам, ба *балоғат* намерасанд. Онҳо дар тифлии рӯҳонӣ буда, барои ҳамеша дар парпеч мемонанд. Ҳамаи гап дар он аст, ки онҳо *нияти* нашъунамо кардан ҳам надоштанд.

Нашъунамои рӯҳонӣ ба таври автоматӣ рӯй намедиҳад. Барои он қарори бошуурона ва устувор даркор аст. Инсон бояд нашъунамо карданро *хоҳад*, оиди он *қарор* қабул намояд ва барои он *кӯшиш* ва *қатъият* нишон диҳад. Шогирдӣ — раванди мо-

нандшавӣ ба Масеҳ аст — ҳамеша аз қарори бошуурона сар мешавад. Исо моро даъват менамояд, ва мо ба даъвати Ӯ ҷавоб медиҳем. «*Исо аз он ҷо гузашта, Матто ном шахсеро дид, ки дар боҷгоҳ нишаста буд, ва ба вай гуфт: «Аз пайи Ман биё». Вай бархоста аз пайи Ӯ равона шуд*» (Мат. 9:9).

Ҳангоме ки аввалин шогирдон қарор доданд, ки аз пайи Исо раванд, онҳо ҳамаи он чиро, ки аз пайи ин қарор меояд, намедонистанд. Онҳо фақат ба даъвати Ӯ ҷавоб доданд. Барои ба нашъунамо сар кардан танҳо ҳамин даркор аст: *қабул намудани қарор* оиди пайрави Ӯ шудан.

Ҳеҷ чизи дигар монанди он ӯҳдадориҳое ки дар натиҷаи қарорҳои қабулшуда ба зимма мегирем, ба ҳаёти мо ин гуна таъсири қавӣ намерасонад. Чунин ӯҳдадориҳо моро ба нашъунамо ё ҳалокат оварда метавонанд, аммо, дар ҳар сурат, аз бисёр ҷиҳатҳо моро чун инсон муайян мекунанд. Ба ман бигӯед, ки ҳозир ҳаёти худро ба чӣ мебахшед, ва ман ба шумо мегӯям, ки баъди бист сол шумо кӣ мешавед. Мо маҳз ҳамон чизе мешавем, ки худро ба он мебахшем.

Одамон аксаран маҳз дар ҳамин ҷо нақшаҳои Худоро барои ҳаёти худ аз даст медиҳанд. Бисёрии мо умуман метарсанд ӯҳдадории ҷиддиро ба зимма гиранд. Бинобар ин дар мавҷҳои ҳаёт лағжида, ба ягон соҳил наздик намешаванд. Дигарон бо навбат ва на он қадар ҷиддӣ ба арзишҳои бо ҳам номувофиқ майл мекунанд, ва ин боиси вайронии ботинӣ ё беарзишӣ мегардад. Баъзеҳо худро пурра ба мақсадҳои дунявӣ мебахшанд: сарватманд шудан ё шӯҳрат ёфтан, ва онҳо низ дар охир ба ноумедии талх рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳар як чунин қарор натиҷаҳои абадӣ дорад, бинобар ин оқилона ва шитоб накарда, интихоб намудан лозим аст. Петрус огоҳ мекунад: «*Валекин рӯзи Худованд... хоҳад омад,*

*ва замин ва тамоми аъмоле ки дар он аст, хоҳад сӯхт. Агар ҳамаи инҳо чунин нобуд мешуда бошанд, пас шумо дар рафтори муқаддасона ва парҳезгорӣ чӣ гуна бояд бошед, дар ҳолате ки омадани рӯзи Худоро орзу доред ва мешитобонед?»* (2 Пет. 3:10–12).

**Он чи дар ихтиёри Худост, ва он чи дар ихтиёри мо**. Хислати Масеҳ дар мо танҳо дар он маврид ташаккул меёбад, ки қарорҳои тақводорона қабул намоем ва ба Рӯҳулқудс таваккал намоем, то Ӯ ба мо ёрӣ диҳад, ки дуруст рафтор намоем ва қарори худро ба ҷо оварем. Агар ба таври ҷиддӣ қарор дода бошед, ки ба Масеҳ монанд шавед, бояд дигар хел рафтор намуданро сар кунед. Бояд аз майлу рағбатҳои пештара даст кашед, одатҳои нав пайдо намоед ва тафаккури худро бошуурона дигар намоед. Шубҳа накунед: Рӯҳулқудс барои ба амал овардани ин дигаргуниҳо ҳатман ба шумо ёрӣ медиҳад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Пас, эй маҳбубонам, модоме ки шумо ҳамеша фармонбардор будед, аз ин рӯ на танҳо дар ҳузури ман, балки боз ҳам зиёдтар алҳол дар вақти набудани ман, бо тарсу ларз наҷоти худро ба амал оваред, зеро ки Худо дар шумо, бо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ, ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад*» (Фил. 2:12–13).

***Мо маҳз ҳамон чизе мешавем, ки худро ба он мебахшем.***

Дар ин оят ду қисми таркибии нашъунамои рӯҳонӣ намоён ҳастанд: «*ба амал овардан*» ва «*ба вуҷуд овардан*». Мо бояд «*ба амал оварем*», ва Худо дар мо ягон чизро «*ба вуҷуд меоварад*». Нашъунамои рӯҳонӣ кори якҷоя аст, ки дар он мо ва Рӯҳулқудс иштирок менамоем. Ғайр аз ин, Рӯҳи Худо на танҳо дар дохили мо, балки *ҳамроҳи* мо меҳнат мекунад.

Ин оят, ки ба масеҳиён нигаронида шудааст, на оиди наҷот, балки оиди нашъунамо мегӯяд. Моро даъват намекунанд, ки наҷотро бо амалҳо ба даст ова-

рем, чунки ҳеҷ кадоми мо наметавонад ба қурбонии Масеҳ чизе илова кунад. Инро ба машқ дар толори варзиш монанд кардан мумкин аст: охир, мо машқ карда, ҷисми худро ба даст намеоварем, балки онро инкишоф ва такмил медиҳем!

Боз инро ба тартиб додан, «*ба амал овардан*»-и мозаика монанд намудан мумкин аст: ҳамаи порчаҳои мозаика аллакай ҳастанд, фақат онҳоро бо тартиб якҷоя кардан лозим аст. Кишоварзон дар замин на барои он меҳнат мекунанд, ки ин ё он қитъаи заминро *ба даст оваранд*, балки барои он ки он чиро, ки доранд, ҳарчи беҳтар истифода баранд. Худо ба мо ҳаёти нав ато намудааст, ва акнун шумо масъулият доред онро «*ба амал оваред*», «*бо тарсу ларз*» такмил диҳед, — яъне ба нашъунамои рӯҳонӣ ҷиддӣ муносибат намоед, зеро он нақши шуморо дар абадият муайян мекунад. Ҳангоме ки одамон ба нашъунамои худ дар тақводорӣ бепарвоёна муносибат мекунанд, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо натиҷаҳои инро намедонанд (чуноне ки мо аллакай дар бобҳои 4 ва 5 дидаем).

**Сози автопилотро дигар кардан**. Барои дигаргун намудани ҳаёт тафаккури худро дигар кардан лозим аст. Аз паси ҳамаи амалҳои шумо фикрҳо меистанд. Ҳар як амал ба ин ё он ақида вобаста аст, ҳар як қадам мувофиқи кадом як танзим гузошта мешавад. Худо ин ҳақиқатро ба одамон ҳазорҳо сол пеш аз он ки психологҳо дар ин бора гап зананд, ошкор намуда буд: «*Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст*» (Мас. 4:23).

РӮЗИ БИСТУ СЕЮМ:

## МО ЧӢ ГУНА НАШЪУНАМО МЕЁБЕМ

Тасаввур кунед, ки бо киштии босуръат дар кӯл сайр мекунед. Шумо автопилотро чунон соз кардаед, ки он ҳамеша ба шарқ

ҳаракат мекунад. Агар тоб хӯрда, ба ғарб рафтанӣ равед, ин корро бо ду роҳ кардан мумкин аст: метавонед чанбаракро тоб дода, киштиро маҷбур кунед, ки самтро дигар кунад. Метавонед бо тоб додани чанбарак автопилотро ба воситаи қувваи ирода ва мушакҳо тағйир диҳед, аммо дар ин маврид доимо муқовимати автопилотро ҳис мекунед ва ба зудӣ беҳол шуда, чанбаракро сар медиҳед, ва киштӣ ба низоми муқарраршудаи асбобҳо итоат намуда, фавран самти худро ба шарқ бармегардонад.

Ҳангоме ки ҳаёти худро фақат бо ёрии қувваи ирода дигаргун карданӣ мешавед, ҳамин чиз рӯй медиҳад. Шумо мегӯед: «Ман худро маҷбур мекунам, ки кам хӯрам, …сигоркаширо бас кунам, …ботартиб ва дурусткор бошам». Ҳа, қувваи ирода метавонад натиҷаҳои кӯтоҳмуддат диҳад, аммо он шиддатнокии доимии даруниро ба вуҷуд меоварад, зеро шумо решаи мушкилиро бартараф накардаед. Дигаргуниҳо ғайритабиӣ метобанд, ва ба зудӣ шумо рӯҳафтода гардида, таслим мешавед, парҳези сар кардаатонро бас мекунед ва ба толори варзишӣ рафтанро бас мекунед — яъне боз ба одатҳо ва майлҳои пештара бармегардед.

Аммо воситаи босуръаттар ва беҳтар ҳаст: сози автопилоти худро дигар кунед — яъне тафаккури худро тағйир диҳед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред*» (Рум. 12:2б). Қадами аввалини нашъунамои рӯҳонии шумо бояд дигаргуншавии тарзи фикррони гардад. Ҳамаи дигаргуниҳо пеш аз ҳама дар тафаккур ба амал меоянд. Фикрҳои мо *ҳиссиёти* моро муайян мекунанд, ва ҳиссиёт, дар навбати худ, ба *амалҳо* таъсир мерасонанд. «*Хиради шумо бояд дар Рӯҳ тоза шавад*» (Эфс. 4:23) — гуфта буд Павлус.

Барои монанд шудан ба Масеҳ шумо бояд монанди ӯ фикр карданро ёд гиред. Аҳди Ҷадид ин

дигаргуншавии шуурро «тавба кардан» меномад, ки ба юнонӣ маънои таҳтуллафзии он «дигаргун кардани ақидаи худ» аст. Тавба кардан — фикри худро оиди Худо, оиди худ, оиди гуноҳ, оиди дигар одамон, оиди оянда ва ҳама чизи дигар тағйир додан аст Мо муносибати Масеҳро ба ҷаҳон ва нуқтаи назари Ӯро оид ҳаёт аз худ менамоем.

***Фикрҳои мо ҳиссиёти моро муайян мекунанд, ва ҳиссиёт, дар навбати худ, ба амалҳо таъсир мерасонанд.***

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки *«дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд»* (Фил. 2:5). Барои монанди Исо фикр карданро омӯхтан ду қадами муҳим гузоштан лозим аст. Қисми аввали ин дигаргуншавии куллии тафаккур аз он иборат аст, ки ба фикрҳои *ноболиғ*, худпарастона ва худбинона дода шуданро *бас кунем*. *«Эй бародарон! Дар ақл мисли кӯдакон набошед»*. — насиҳат медиҳад ҳаввори. — *«нисбат ба шарорат чун навзодон рафтор кунед, лекин аз ҷиҳати ақл одамони болиғ бошед»* (1 Қӯр. 14:20). Кӯдакон табиатан худпарастони ҳақиқӣ мебошанд. Онҳо фақат оиди худ ва эҳтиёҷоти худ фикр мекунанд. Чунин андешарониро ҳеҷ гоҳ болиғ номидан мумкин ест. Мутаассифона, бисёр одамон аз чунин муносибат ба ҳаёт болотар намераванд. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст, ки маҳз андешаҳои худпарастона сарчашмаи амалҳои гуноҳкорона мешаванд. *«Зеро онҳое ки ба ҳасби ҷисм зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи ҷисмонӣ фикр мекунанд, вале онҳое ки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд, дар бораи чизи рӯҳонӣ фикр мекунанд»* (Рум. 8:5).

Қадами дуюм ба сӯи «ақли масеҳона» аз он иборат аст, ки чун шахси болиғ андешиданро сар карда, диққати асосиро на ба худ, балки ба дигарон равона кунем. Дар порчаи олидараҷаи ба моҳияти

муҳаббати ҳақиқӣ бахшидашуда ҳаввории Павлус хулоса мебарорад, ки ғамхорӣ дар ҳаққи дигарон нишонаи балоғат аст: «*Вақте ки кӯдак будам, кӯдакวор гап мезадам, кӯдакวор фикр мекардам, кӯдакวор муҳокима мерондам; аммо вақте ки мард шудам, кӯдакиро тарк кардам*» (1 Қӯр. 13:11).

Дар замони мо бисёриҳо гумон мекунанд, ки балоғати рӯҳонӣ бо дараҷаи донистани мазмуну мундариҷаи Навиштаи Муқаддас муайян мегардад. Агарчи дониш ҳақиқатан *яке* аз нишондиҳандаҳои балоғат аст, худ аз худ он далели ҳеҷ чиз нест. Балоғати масеҳӣ на танҳо ақидаҳои дуруст ва донистани эътирофи имон, балки рафтор ва хислатро низ дар бар мегирад. Амалҳо бояд бо он чи ба он имон дорем, мувофиқат дошта бошанд, ва ақидаҳо бояд бо амалҳои тақводорона мустаҳкам карда шаванд.

Масеҳият на дин ё фалсафа, балки муносибатҳои байниҳамдигарӣ ва тарзи зиндагӣ мебошанд, ки асоси он — на дар бораи худ, балки дар бораи дигарон андешидан аст, чунон ки Масеҳ мекард. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳар яке аз мо бигзор толиби роҳати ёри худ бошад дар он чи бар нафъи вай барои тақвияти вай аст. Зеро ки Масеҳ низ толиби роҳати Худ набуд*» (Рум. 15:2–3).

Оиди дигарон андешидан — моҳияти тақводории масеҳона ва беҳтарин нишонаи нашъунамои рӯҳонист. Чунин зистан осон нест, табиатан ин ба мо хос нест, ин ба ақидаҳои ҳозираи ҷамъият мувофиқат надорад ва хеле кам вомехӯрад. Хушбахтона, Худо ба мо барои ин ҳама гуна ёрии даркориро медиҳад: «*Андешаҳои Худоро фақат Рӯҳи Худо дониста метавонад. Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳи Худоро қабул кардаем*» 1 Қӯр. 2:11–12а). Дар якчанд боби оянда мо аз назар мегузаронем, ки Рӯҳулқудс чӣ тавр ба нашъунамои мо ёрӣ мерасонад.

## РӮЗИ БИСТУ СЕЮМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Барои сар кардани нашъунамо ҳеҷ гоҳ дер намешавад.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ бигиред, то дарк кунед, ки иродаи нек, писандида ва комили Худо чист*» (Рум. 12:2).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман аз кадом ҷиҳат бояд *ба таври худ* андешиданро бас карда, *ба таври илоҳӣ* андешиданро сар кунам?

# 24

# БА ВОСИТАИ ҲАҚИҚАТ ДИГАРГУНШУДАГОН

*Одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худо барояд.*

Мат. 4:4

*Эй бародарон, шуморо ба Худо ва ба каломи файзи Ӯ месупорам, ки қодир аст шуморо обод гардонад ва дар миёни ҳамаи муқаддасон ба шумо меросе бибахшад.*

Аъм. 20:32

Ҳақиқат моро дигаргун мекунад.

Нашъунамои рӯҳонӣ доимо бо ҳақиқат иваз намудани дурӯғ аст. Исо дуо мегуфт: «*Онҳоро ба ҳақиқати Худ тақдис намо: каломи Ту ҳақиқат аст*» (Юҳ. 17:17). Барои тақдис ёфтан ба мо ваҳй лозим аст. Рӯҳи Худо моро ба воситаи Каломи Худо ба сурат ва шабоҳати Писари Худо дигаргун мекунад. Барои монанд шудан ба Исо мо бояд ҳаёти худро бо Каломи Ӯ пур кунем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Навиштаҳо... барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст, то ки Марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад*» 2 Тим. 3:16–17).

Каломи Худо ба ҳеҷ каломи дигар монанд нест. Он зинда аст (Ибр. 4:12, Аъм. 7:38, 1 Пет. 1:23). Исо мегуфт: «*Суханоне ки Ман ба шумо мегӯям, рӯҳ ва ҳаёт аст*» (Юҳ. 6:63). Ҳангоме ки Худо чизе мегӯяд, дигаргуниҳо ба амал меоянд. Ҳама чиз дар атроф — тамоми офариниш — аз он сабаб вуҷуд дорад, ки «...*Худо гуфт*...» Ӯ бо Каломи Худо ба тамоми мавҷудот ҳастӣ бахшид. Бе Каломи Худо шумо ҳаёт ва нафас намедоштед. Яъқуб навишта буд: «*Ӯ бо иродаи Худо моро бо каломи ҳақиқат офарид, то ки навбари офариниши Худ гардонад*» (Яъқ. 1:18).

***Рӯҳи Худо моро ба воситаи Каломи Худо ба сурат ва шабоҳати Писари Худо дигаргун мекунад.***

Китоби Муқаддас на танҳо маълумотнома оиди таълимоти масеҳӣ аст. Каломи Худо ҳаётро ба вуҷуд меоварад, имонро бунёд менамояд, дигаргуниҳо ба амал меоварад, иблисро метарсонад, мӯъҷизаҳо ба амал меоварад, ранҷишҳоро шифо медиҳад, хислатро устувор мекунад, вазъиятҳоро дигаргун менамояд, шодӣ медиҳад, бадбахтиҳоро рафъ менамояд, бар васвасаҳо ғолиб меояд, умед мебахшад, қувват медиҳад, шуурро пок мекунад, офаринишро ба ҳаёт бедор менамояд ва ояндаи моро то абад таъмин менамояд! Бе Каломи Худо зистан ғайриимкон аст! *Ҳеҷ гоҳ* онро чун як чизи худ аз худ маълум наҳисобед. Барои мо он бояд ҳамон тавре ки об ва хӯрок муҳим мебошанд, ҳаётан муҳим гардад. Дар яке аз тарҷумаҳои англисии Китоби Муқаддас суханони Айюб чунин оварда шудаанд: «*Суханони даҳони Ӯро бештар аз ризқу рӯзии худ нигоҳ доштаам*» (Айюб 23:12).

Каломи Худо ғизои рӯҳонист, ки барои иҷрои таъйинотамон комилан ба мо зарур аст. Он шири поки калом, нон, ғизои сахт ва асали ширин номида шудааст (1 Пет. 2:22, Мат. 4:4, 1 Қӯр. 3:2, Заб. 118:103).

Ин ғизои иборат аз чор навъ хӯрданиро Рӯҳ барои он тайёр кардааст, ки мо қувваи рӯҳонӣ пайдо намоем ва нашъунамо кунем. Петрус ба мо маслиҳат медиҳад. «*Чун кӯдакони навзод муштоқи шири поки калом бошед, то ки аз он барои наҷот нашъунамо ёбед*» (1 Пет. 2:2).

## ДАР КАЛОМИ ХУДО МОНДАН

Ҳозир дар ҷаҳон Китоби Муқаддас аз замонҳои пештара хеле бештар чоп мешавад, аммо аз Китоби Муқаддасе ки дар рафи китобмонӣ зери чанг мехобад, фоидае нест. Миллионҳо имондорон аз набудани иштиҳои рӯҳонӣ азоб мекашанд, аз камхӯрии рӯҳонӣ ҳалок мешаванд. Барои шогирди солими Масеҳ будан мо бояд аз Каломи Худо сер шуданро яке аз вазифаҳои муҳимтарини худ гардонем. Исо инро дар Каломи Худо «*мондан*» меномид. «*Агар шумо дар каломи Ман бимонед, ҳақиқатан шогирдони Ман хоҳед буд*» (Юҳ. 8:31). Дар ҳаёти ҳаррӯза дар Каломи Худо мондан се ҷиҳатро дар бар мегирад.

**Ман бояд эътибор ва нуфузи онро эътироф намоям**. Китоби Муқаддас бояд дар ҳаёти мо такягоҳи боэътибор ва бонуфуз шавад, ки ба он чун ба роҳнамо такя мекунам, чун ба маслиҳатгаре ки барои қабули қарорҳои муҳим ёрӣ медиҳад, чун ба меъёре ки бо ёрии он тамоми чизҳои дигарро баҳо медиҳам. Каломи Худо бояд дар ҳаёти ман мақоми аввалиндараҷаро дошта бошад.

Бисёр нохушиҳои мо маҳз аз он сабаб рӯй медиҳанд, ки мо интихоби худро бар такягоҳи ноустувор бунёд мекунем: ақидаҳои аз ҷониби омма қабулшуда («Ҳа, ҳозир ҳама ҳамин тавр мекунанд»), анъанаҳо («Мо ҳамеша ҳамин тавр мекардем»), далелҳои ақл («Ман ҳис кардам, ки ҳамин тавр кар-

дан дуруст аст»). Ҳамаи ин такягоҳҳо аз боиси гуноҳ хеле маъюб гардидаанд. Ба мо эталони бенуқсон даркор аст, ки ҳеҷ гоҳ моро ба самти нодуруст намебарад. Ва чунин кафолатро танҳо Каломи Худо дода метавонад. «*Ҳамаи гуфтаҳои Худо беайб ба пок мебошанд*» (Мас. 30:5), — ёдрас мекунад Сулаймон, ва Павлус мефаҳмонад: «*Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст*» (2 Тим. 3:16).

Дар солҳои аввали хизматгузории Биллӣ Грэм даврае буд, ки ӯ ба дуруст ва боэътибор будани Китоби Муқаддас шубҳаи зиёд дошт. Дар ниҳояти кор, боре шабона ӯ бо гиря ба зону истода ба Худо гуфт, ки бо вуҷуди ҷойҳои ихтилофноке ки ӯ ҳеҷ фаҳмида наметавонад, аз ҳамин лаҳза ӯ қарор медиҳад, ки ба Китоби Муқаддас чун ба такягоҳи боэътибор ва бонуфузи хизмат ва тамоми ҳаёти худ пурра боварӣ намояд. Аз ҳамон рӯз ҳаёти Биллӣ Грэм қувваи ғайриоддӣ пайдо намуд ва беандоза самаранок гардид.

Қарори муҳимтарине ки мо имрӯз қабул карда метавонем, барои ҳамеша муқаррар намудани он аст, ки чӣ чиз дар ҳаёти мо такягоҳи боэътибор ва бонуфуз хоҳад буд. Ба худ гӯед, ки бо вуҷуди изҳороти фарҳанги имрӯза, анъанаҳо, ақл ё эҳсосот, шумо ҳамеша Китоби Муқаддасро ҳамчун меъёри асосии худ интихоб мекунед. Ба худ ваъда диҳед, ки ҳангоми қабули ягон хел қарор ҳатман аз худ мепурсед: «Дар Китоби Муқаддас оиди ин масъала чӣ гуфта шудааст?» Барои худ қатъиян муқаррар намоед, ки агар Худо ягон фармоне диҳад, ба Каломи Худо бовар мекунед ва маҳз ҳамон тавр амал менамоед, новобаста ба он ки ин фармон ба шумо фаҳмост ё не, ва онро ба ҷо овардан мехоҳед ё не. Бигузор суханони ҳаввориӣ Павлус барои шумо эъ-

тирофи шахсии имон гардад: «*Ман ба ҳамаи он чи дар Шариати Мусо ва пайғамбарон навишта шудааст, бовар мекунам*» (Аъм. 24:14).

**Ман бояд ҳақиқати Навиштаи Муқаддасро аз худ намоям, ва онро як қисми ҳаёти худ гардонам**. Як худи бовар кардан ба Китоби Муқаддас кам аст. Ман бояд ақли худро бо он пур кунам, то ки Рӯҳулқудс ба воситаи ҳақиқат маро дигаргун карда тавонад. Панҷ воситаи ба ҷо овардани ин ҳаст: шунидан ва қабул намудани Калом, хондани он, аз ёд кардани он, ва андешаронӣ оиди он.

*Аввалан*, ҳангоме ки мо Каломи Худоро бо дил ва ақли кушода гӯш карда, онро аз худ мекунем, онро *қабул менамоем*.

Масал дар бораи коранда ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки дар ҳаёти мо реша гирифтан ва самар овардани Калом аз бисёр ҷиҳатҳо ба он вобаста аст, ки мо ба қабул намудани Калом тайёрем ё не. Исо се ҳолати дил ва ақлро муайян намудааст, ки Каломро ба таври ҳақиқӣ қабул карда наметавонанд: маҳкам будан (*замини санглох*), рӯякӣ будан (*хоки на он қадар чуқур*), парешонхотир будан (*замини хордор*). Баъд Ӯ гуфт: «*Пас ба худ диққат диҳед, ки чӣ тавр мешунавед*» (Луқ. 8:18).

Агар ба назаратон чунин тобад, ки аз мавъиза ё аз хониши Китоби Муқаддас чизе ба даст намеоваред, ҳолати ботинӣ ва табъи худро санҷед, хусусан мавҷудияти ғururро, зеро шахси фурӯтан ва таъсирпазир ҳатто аз воизи дилгиркунандатарин таълим гирифта метавонад. «*Каломеро ки дар шумо кошта шудааст, бо фурӯтанӣ қабул кунед, ки он метавонад ҷонҳои шуморо наҷот диҳад*» (Яъқ. 1:21б), — маслиҳат медиҳад ба мо Яъқуб.

Сониян, дар тӯли қисми зиёди таърихи 2000-солаи калисо Китоби Муқаддасро фақат коҳинон мустақилона хонда метавонистанд, аммо акнун он

ба миллиардҳо одамон дастрас гардидааст. Бо вуҷуди ин бисёрии имондорон рӯзномаҳои ҳаррӯзаро назар ба Китоби Муқаддас бо рағбати бештар мехонанд. Ҳайратовар нест, ки мо на он қадар хуб нашъунамо мекунем. Ҳар рӯз се соат телевизор тамошо карда, ва пас аз он се дақиқа Китоби Муқаддасро хонда, нашъунамои зиёдро интизор шудан нодуруст аст.

Бисёре аз касоне ки дар сухан ба Китоби Муқаддас «аз ҳарфи аввал то ҳарфи охир» бовар мекунанд, ҳеҷ гоҳ онро пурра нахондаанд. Аммо агар Китоби Муқаддасро ҳар рӯз ақаллан 15 дақиқа хонед, дар як сол онро аз аввал то охир хонда мебароед. Агар аз ягон барномаи нимсоатаи телевизионӣ ба фоидаи хониши Китоби Муқаддас даст кашед, дар давоми як сол онро ду бор хондан мумкин аст.

***Бисёре аз касоне ки дар сухан ба Китоби Муқаддас «аз ҳарфи аввал то ҳарфи охир» бовар мекунанд, ҳеҷ гоҳ онро пурра нахондаанд.***

Хониши ҳаррӯзаи Китоби Муқаддас ба шумо ёрӣ медиҳад, ки дар ҳудуди шунидани овози Худо бошед. Аз ҳамин сабаб Худо ба подшоҳони Исроил фармуда буд, ки Китоби Шариатро дар назди худ нигоҳ доранд «*Ва он назди вай бошад, ва онро вай тамоми айёми зиндагии худ бихонад*» (Так. Шар. 17:19а). Дар даст доштани Китоби Муқаддас кам аст, онро мунтазам хондан даркор аст! Яке аз воситаҳои таъсирбахши таъмин намудани чунин мунтазамӣ нақшаи хониши ҳаррӯзаи Китоби Муқаддас аст. Он ёрӣ медиҳад, ки Китоби Муқаддасро на ба таври тасодуфӣ, балки бо тартиб, ҳеҷ як қисми онро аз назар соқит нагузошта, хонед.

Сеюм, *омӯзиши* Китоби Муқаддас — боз як воситаи амалии дар Каломи Худо мондан аст. Фарқ байни хониш ва омӯзиш аз он иборат аст, ки

ҳангоми омӯзиш матнро на танҳо мехонем, балки ба он саволҳо медиҳем ва чизҳоеро, ки дидем ва фаҳмидем, навишта мегирем. Фақат навиштани фикрҳо ва кашфиётҳои худ дар варақ ё дар компютер омӯзиши ҳақиқӣ нест.

Дар ин китоб барои тасвири усулҳои гуногуни омӯзиши Китоби Муқаддас ҷой намерасад. Якчанд китобҳои хуб ҳастанд, ки ба усулҳои омӯзиши Навиштаи Муқаддас бахшида шудаанд, бо зимни он чи худам зиёда аз бист сол пеш навиштаам*. Сирри омӯзиши бомуваффақияти Китоби Муқаддас дар он аст, ки саволҳои дуруст диҳед. Дар усулҳои гуногун саволҳои гуногун буда метавонанд. Аммо дар ҳар ҳолат дар Китоби Муқаддас чизҳои хеле бештарро мебинед, агар ба матн нигариста, ба худ саволҳои оддитарин диҳед: Кӣ? Чӣ? Кай? Дар Куҷо? Чаро? Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Фақат касе ки ба шариати комил, ва шариати озодӣ диққат мекунад ва дар он устувор мемонад, яъне на шунавандаи фаромӯшхотир, балки иҷрокунандаи кор мебошад, дар амали худ ҳақиқатан хушбахт мешавад*» (Яъқ. 1:25).

Воситаи чоруми дар Каломи Худо мондан — *аз ёд кардани* он аст. Лаёқати аз ёд карданро ба мо Худо додааст. Шояд шумо чунин меҳисобед, ки хотираи бад доред, аммо дар асл миллионҳо идеяҳо, ҳақиқатҳо, фактҳо ва рақамҳои гуногунро хуб дар ёд доред. Инсон он чиро, ки барояш *муҳим* аст, дар ёд нигоҳ медорад. Агар шумо Каломи Худоро ҳақиқатан муҳим ҳисобед, барои дар ёд нигоҳ доштан ва аз ёд кардани он вақт ҷудо мекунед.

Аз ёд кардани оятҳои Навиштаи Муқаддас ба шумо фоидаи зиёд меоварад. Он барои муқобилат

---

* Рик Уоррен. «Понздаҳ усули омуӯзиши шахсии Китоби Муқаддас». Ин китоб ба шаш забон тарҷума шудааст. Онро ба воситаи адреси www.pastors.com. фармоиш додан мумкин аст.

ба васвасаҳо, қабули қарорҳои оқилона, паст кардани сатҳи стресс, пайдо намудани боварии бештар ба худ, додани маслиҳатҳои дуруст ва ба дигарон расондани имони худ ёрӣ медиҳад (Заб. 118:11, Заб. 118:105, Заб. 118:49–50, Ирм. 15:16, Мас. 22:18, 1 Пет. 3:15).

Хотира ба мушак монанд аст. Онро ҳар қадар бештар истифода барем, ҳамон қадар устувортар мешавад, ва бо мурури замон аз ёд кардани Навишта торафт осонтар мешавад. Барои аввал якчанд оятҳои Китоби Муқаддасро, ки дар ин китоб оварда шудаанд ва беш аз ҳама дили шуморо мутаассир гардондаанд, интихоб намудан мумкин аст. Шумо метавонед онҳоро дар варақае навишта, доимо бо худ гардонд. Дар давоми рӯз онро якчанд бор аз киса бароварда, бо овози *шунаво* хонед. Навиштаи Муқаддасро дар ҳама ҷо ва ҳама вақт хондан мумкин аст: дар ҷои кор, ҳангоми давидан ё машқ дар толори варзиш, ҳангоми рондани мошин, ҳангоми навбат дар мағоза ё пеш аз хоб. Се *лаҳзаи* асосӣ ҳангоми аз ёд кардани оятҳо аз он иборатанд, ки онҳоро такрор кунед, такрор кунед ва боз ҳам такрор кунед! Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Бигзор каломи Масеҳ андаруни шумо ба фаровонӣ сокин шавад*» (Қӯл. 3:16а).

Воситаи панҷуми дар Каломи Худо мондан — оиди он *андеша намудан* аст. Китоби Муқаддас онро «андешаронӣ» меномад, аммо баъзе имондорон «медитатсия» меноманд. Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки оиди Калом, оиди Худо андешаронӣ намудан — алалхусус медитатсия — фикрҳоро пурра қатъ намудан ва андешаҳои худро ба парвози озод сар додан аст. Аммо ин ба он чи Китоби Муқаддас андешаронӣ меномад, тамоман мухолифат дорад. Мо андешаронӣ намуда, баръакс, *бо диққат, мақсаднок* фикр мекунем. Барои ин кӯшиши зиёд дар-

кор аст. Мо ин ё он ояти Китоби Муқаддасро интихоб намуда, гаштаву баргашта ба он бармегардем ва оиди маънои он андешаронӣ менамоем.

РӮЗИ БИСТУ ЧОРУМ:

## БА ВОСИТАИ ҲАҚИҚАТ ДИГАРГУНШУДАГОН

Чуноне ки ман дар боби 11-ум гуфта будам, агар шумо ташвиш кашидан ва хавотир шудан тавонед, андешаронӣ кардан ҳам метавонед. Хавотир шудан — оиди ягон чизи манфӣ бодиққат ва мақсаднок фикр кардан аст. Андешаронии библиявӣ монанди ин аст, аммо на ба мушкилот, балки ба Каломи Худо нигаронида шудааст.

Ғайр аз андешаронии ҳаррӯза оиди Навиштаи Муқаддас, ҳеҷ як одати дигар барои ин гуна дигаргун намудани ҳаётамон ва ба Масеҳ монанд шуданамон ёрӣ намедиҳад. Бо мурури он ки мо оиди ҳақиқати Худо фикр мекунем ва оиди намунаи Масеҳ ҷиддӣ фикр мекунем, *«ба Худованд шабоҳат пайдо намуда, аз ҷалоли ӯ ҳарчи бештар дурахшида, дигаргун мешавем»* (2 Қӯр. 3:18б).

Агар ҳамаи оятҳои Китоби Муқаддасро, ки дар онҳо сухан дар бораи андешаронӣ меравад, хонед, ҳайрон мешавед, ки Худо чӣ чизҳоро ба касоне ки дар давоми рӯз оиди Каломи Ӯ андешиданро аз ёд намебароранд, ваъда додааст. Ба шарофати ин мо ба дуоҳои худ ҷавоб мегирем, некӯаҳволии ҳақиқӣ ва муваффақият ба даст меоварем (Юҳ. 15:7, Еҳуш. 1:8, Заб. 1:2–3). Яке аз сабабҳое ки аз боиси онҳо Худо Довудро «*марди мувофиқи табъи дили Худ*» (Аъм. 13:22) номидааст, он аст, ки ӯ оиди Каломи Худо андешиданро дӯст медошт. «*Шариати Туро чӣ сон дӯст медорам!* — нидо мекард ӯ, — *тамоми рӯз фикру хаёлам дар бораи он аст*» (Заб. 118:97). Андешаронидҳои ҷиддӣ дар хусуси ҳақиқати Худо ба мо роҳро сӯи

дуои босамар ва муваффақияти ҳақиқӣ мекушоянд (Юҳ. 15:7, Еҳуш. 1:8, Заб. 1:1–3).

**Ман бояд принсипҳои онро истифода барам**. Агар ҳақиқатҳои библиявиро қабул намоям, Навиштаи Муқаддасро хонам, онро омӯзам, аз ёд кунам ва доимо оиди он андеша намоям, аммо принсипҳои азхудкардаамро дар амал истифода набарам, ҳамааш бефоида аст. Ман бояд «*иҷрокунандаи Калом*» шавам (Яъқ. 1:22). Ин қадами душвортарин аст, зеро шайтон доимо ва бошиддат моро аз он боздоштанӣ мешавад. Ӯ барои иштироки мо дар гурӯҳи омӯзиши Китоби Муқаддас халал намерасонад, барои ӯ муҳим он аст, ки шумо дар хусуси он чи омӯхтед ва фаҳмидед, ҳеҷ кор накунед.

***Ҳақиқат воқеан моро озод менамояд, аммо гоҳо чунин мешавад, ки он ба мо азобҳои бисёр меоварад!***

Мо худро фиреб медиҳем, агар гумон кунем, ки ин ё он ҳақиқатро фақат аз он сабаб хуб аз худ намудем, ки онро шунидем, хондем, ҳангоми омӯзиш ошкор намудем. Дар ҳақиқат, он қадар ба дарсҳои мактаби якшанбегӣ, гурӯҳҳои омӯзиши Китоби Муқаддас ва конфронсҳои масеҳӣ машғул шудан мумкин аст, ки барои дар амал истифода бурдани чизҳои шунида ва хондаатон вақт намемонад. То даме ки ба вохӯрии навбатӣ ё ба дарси Китоби Муқаддас давида меравем, чизи наверо ки фаҳмидем, тамоман фаромӯш мекунем. Исо гуфтааст: «*Пас, ҳар кӣ ин суханони Маро бишнавад ва ба ҷо оварад, ӯро ба марди доное монанд мекунам, ки хонаи худро бар санг сохт*» (Мат. 7:24). Ғайр аз ин, Ӯ таъкид менамуд, ки баракати Худо на танҳо аз донистани ҳақиқат, балки ҳамчунин аз итоат ба ҳақиқат бармеояд. «*Ҳар гоҳ инро донистед, хушо шумо, агар инро ба амал оваред*» (Юҳ. 13:17).

Мо аз истифодаи амалии принсипҳои Китоби Муқаддас боз аз он сабаб канораҷӯӣ мекунем, ки аксаран он душвор ё ҳатто дарднок аст. Ҳақиқат *воқеан* моро озод менамояд, аммо гоҳо чунин мешавад, ки он дар аввал ба мо азобҳои бисёр меоварад! Каломи Худо водоркунандаҳои ниҳониро ошкор мекунад, норасоиҳоро нишон медиҳад, гуноҳҳоро фош мекунад ва ҳатман талаб мекунад, ки мо дигаргун шавем. Инсон хусусияте дорад, ки ба дигаргуниҳо муқобилат мекунад, бинобар ин истифодаи Каломи Худо кори осон нест. Маҳз аз ҳамин сабаб воситаҳои истифодаи амалии Навиштаи Муқаддасро бо дигарон муҳокима намудан ин қадар муҳим аст.

Иштирок дар гурӯҳи хурди омӯзиши Китоби Муқаддас хеле аҳамиятнок аст. Мо ҳамеша аз дигарон ҳақиқатҳоеро мефаҳмем, ки худамон дида метавонистем. Атрофиён ёрӣ медиҳанд, то он чиро, ки ҳатман аз назари мо дур мемонд, ошкор намоем. Ба шарофати онҳо мо Каломи Худоро то ҳадди имкон воқеӣ ва аниқ истифода бурда метавонем.

Воситаи беҳтарини «иҷрокунандаи Калом» будан ҳамеша навиштани нақшаи амалҳо ё қадами навбатӣ аст, ки шумо баъди омӯзиши Китоби Муқаддас гузоштанӣ ҳастед. Одатеро дар худ тарбия намоед, ки корҳоеро ки кардан даркор аст, нависед. Ин қадам бояд *шахсӣ* (ки амал кардани *худи шуморо* металабад), *амалӣ* (ягон кори аниқе ки бояд *кунед*) ва *санҷидашаванда* бошад (барои худ мӯҳлати *иҷрои онро* муқаррар кунед). Ҳар як чунин амал бояд ё ба муносибатҳо бо Худо, ё ба муносибатҳо бо одамон, ё ба хислати худатон робита дошта бошад.

Пеш аз он ки ба боби навбатӣ гузаред, дар хусуси саволи зерин хуб фикр кунед: шумо ҳанӯз ба иҷрои кадом корҳое ки Худо дар Каломаш *аллакай* ба шумо фармудааст, сар накардаед? Баъд якчанд қадамҳои аниқеро нависед, ки ба шумо ёрӣ

медиҳанд, то дар ин робита амалҳои воқеиро ба ҷо оваред. Метавонед оиди қарори қабулкардаатон ба дӯстатон гуфта, аз ӯ хоҳиш кунед, ки ҳар сари вақт ҳолати корҳои шуморо санҷад. Чуноне ки боре Дуайт Мудӣ гуфта буд*, «Китоби Муқаддас на барои он дода шудааст, ки донишҳоро зиёдтар намояд, балки ҳаётро дигаргун кунад».

## РӮЗИ БИСТУ ЧОРУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ҳақиқат маро дигаргун мекунад.

**Оят барои аз ёд намудан**: *«Агар шумо дар каломи Ман бимонед, ҳақиқатан шогирдони Ман хоҳед буд, ва ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард»* (Юҳ. 8:31–32).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман иҷрои кадом фармудаҳои Каломи Худоро ҳанӯз сар накардаам?

---

* Дуайт Мудӣ (1837–1899) — воизи машҳури амрикоӣ, асосгузори донишкадаи библиявӣ дар Чикаго.

# 25

# БА ВОСИТАИ АЗОБ ДИГАРГУНШУДАГОН

*Зеро уқубати сабуки мо, ки кӯтоҳмуддат аст, ҷалоли абадиро барои мо ба андозаи бениҳоят бузург ба вуҷуд меоварад.*

2 Қӯр. 4:17

*Тиллои тақводорӣ танҳо дар кӯраи азобҳо гудохта мешавад.*

Жанна Гийон*

Барои Худо ҳеҷ як мушкилӣ беҳуда нест.

Ӯ хислати моро ба воситаи вазъиятҳои ҳаррӯза инкишоф медиҳад. Зиёда аз ин, дар кори монандшавии мо ба Масеҳ Ӯ ба онҳо назар ба Китоби Муқаддас бештар такя мекунад. Ва фаҳмост, ки чаро вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ моро дар як шабонарӯз 24 соат иҳота кардаанд.

---

* Жанна Гийон (1648–1717) — нависандаи масеҳии франсавӣ, муаллифи асарҳои классикии бахшида ба рӯҳоният ва нашъунамои масеҳӣ: «Дарки умқҳои Масеҳ» («*Depths of Christ*»), «Ягонагӣ бо Худо» («*Union with God*»), «Селобҳои рӯҳонӣ» («*Spiritual Torrents*»). Тарҷумаи русии китоби «Depths of Christ»-ро дар сомонаи Christian Classic Eternal Library. www.ccel.org. пайдо кардан мумкин аст.

Исо огоҳ карда буд, ки моро дар ҷаҳон ғаму кулфатҳои зиёде интизоранд (Юҳ. 16:33). Ҳеҷ кадоми мо аз дард барканор нест, аз мушкилот ҳифз нашудааст ва дар ҳаёт бе нохушиҳо пеш намеравад. Ҳаёт силсилаи доимии мушкилот аст. Ҳамин ки якеро ҳал кунед, дарҳол мушкилии дигар пайдо мешавад. На ҳамаи онҳо ба қадри кофӣ ҷиддӣ мебошанд, аммо ҳар яки онҳо дар раванди нашъунамо, ки Худо барои шумо муқаррар кардааст, нақши худро мебозад. Ҳавворӣ Петрус мегуфт, ки аз сар гузарондани азобҳо — падидаи муқаррарӣ аст. «*Азизонам! Аз озмоишҳои пуразобе ки аз сар мегузаронед, ҳайрон нашавед, ва онро воқеаи аҷибе наҳисобед*» (1 Пет. 4:12).

Худо бо ёрии мушкилот моро ба Худ наздиктар мекунад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Парвардигор ба дилшикастагон наздик аст, ва рӯҳафтодагонро наҷот хоҳад дод» (Заб. 33:19). Воҳӯриҳои амиқтарин ва наздиктарини шумо бо Худо эҳтимол дар рӯзҳои тира ва ториктарин рӯй медиҳанд, ҳангоме ки дилатон шикаста мешавад, ҳангоме ки худро тарк-шуда ҳис мекунед, ҳангоме ки ба куҷо рафтанатонро намедонед, ҳангоме ки дард ба ҳадди ақсо мерасад — ва шумо маҷбур мешавед, ки танҳо ба Ӯ муроҷиат намоед. Маҳз дар рӯзҳои азобҳои вазнин мо ба Худо ҳақиқатан самимона, софдилона, аз таҳти дил муроҷиат намуданро меомӯзем. Ҳангоме ки аҳволамон бад аст, барои дуоҳои рӯякӣ қувватамон боқӣ намемонад.*

***Воҳӯриҳои амиқтарин ва наздиктарини шумо бо Худо эҳтимол дар рӯзҳои тира ва ториктарин рӯй медиҳанд.***

*Ҷонӣ Эрексон Тада*[*] менависад: «Ҳангоме ки ҳаёт бе ғам ва осон пеш меравад, мо бо дониш оиди Исо,

* Ҷонӣ Эрексон Тада — рассом ва нависандаи амрикоӣ, ки дар ҷавонӣ маъюб шудааст, қаҳрамони филми мустанади «Ҷонӣ».

тақлид ба Ӯ ва иқтибосҳо аз Каломи Ӯ ва гуфтугӯҳо дар хусуси ӯ маҳдуд мегардем. Аммо мо танҳо дар азобҳо Исоро *ба таври ҳақиқӣ* шинохта метавонем». Азобҳо ба мо имкон медиҳанд оиди Худо он чизҳоеро фаҳмем, ки ба таври дигар ба мо дастрас намешуданд.

Худо метавонист Юсуфро аз маҳбусӣ (Ҳас. 39:20–22), Дониёлро аз чоҳи шерон (Дон. 6:16–23), Ирмиёро аз чоҳи бадбӯй (Ирм. 38:6), Павлусро аз ғарқшавии чандинкарата бо киштиҳо (2 Қӯр. 11:-25), ва се исроилии ҷавонро аз танӯри тафсон (Дон. 3:1–26) раҳо кунад. Аммо Ӯ чунин накард. Ӯ ба ҳамаи ин мушкилот ва нохушиҳо роҳ дод, ва дар натиҷа ҳар яки ин одамон ба Ӯ боз бештар наздик шуд.

Мушкилот моро маҷбур мекунанд, ки ба ҷои умед бастан ба қувваи худ, чашмони худро ба Худо нигаронида, ба Ӯ таваккал намоем. Ҳаввор҃ӣ Павлус дар ин бора шаҳодат додааст: «*Ба мо чунин метофт, ки ҳукмномаи марг аллакай барои мо бароварда шудааст, ва мо дигар ба худамон таваккал намекардем, балки фақат ба Худои эҳёкунандаи мурдагон*» (2 Қӯр. 1:9). То даме ки ҳақиқатан ғайр аз Худо ҳеҷ чизатон боқӣ намонад, ҳеҷ гоҳ намефаҳмед, ки барои ҳаёти шумо як Худи Худо кифоя аст.

Новобаста ба он ки мушкилоти шумо аз куҷо пайдо шудаанд, ҳеҷ кадоми онҳо бе иҷозати Худо ба сари шумо фурӯ намерезад. Ҳар он чи дар ҳаёти ҳар фарзанди Худо рӯй медиҳад, аз ҷониби *Падари Осмонӣ* бо диққат интихоб шудааст, ва Ӯ ҳамаи онро ба некӣ гардондан мехоҳад, ҳатто агар шайтон ё одамони дигар аз ибтидо бадиро дар нақша дошта бошанд ҳам.

Азбаски Худо як Худаш ҷаҳонро идора мекунад ва тамоми ихтиёрро дар дастони Худ дорад, ҳамаи воқеаҳои нохуш дар нақшаи неки Ӯ барои ҳаёти мо пурра муқаррарӣ ва аз рӯи нақша мебошанд. Аз-

баски ҳамаи рӯзҳои ҳаёти заминии шумо дар тақвими Худо хеле пештар аз таваллуди шумо сабт ёфтаанд (Заб. 138:16), ҳамаи он чи бо шумо рӯй медиҳад, маънои рӯҳонии зиёд дорад. Комилан ҳама чиз! Дар Нома ба Румиён 8:28–29 Павлус ба мо мефаҳмонад, ки чаро чунин аст: «*Мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи пешбинии Ӯ даъват шудаанд, Ӯ ҳама чизро ба нафъашон мегардонад. Онҳо ҳамонҳое ҳастанд, ки Ӯ ҳанӯз ҳангоми вуҷуд надошташон мешинохт, ва барои он муқаррар намуд, ки ҳақиқатан шабеҳи Писари Ӯ бошанд*» (РВ).

## РУМ 8:28–29-РО ЧӢ ТАВР ДУРУСТ БОЯД ФАҲМИД

Ҳеҷ як порчаи дигари Китоби Муқаддас ба монанди ҳамин порча ин қадар зиёд ва бемаврид бо тавзеҳу тафсири нодуруст иқтибос намешавад. Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки «Худо ҳама чизро мувофиқи хости ман ба тартиб меоварад». Маълум аст, ки ин тавр нест. Дар ин оят ҳамчунин гуфта нашудааст, ки «Худо ҳама чизро чунон ба тартиб меоварад, ки дар ин ҷо, дар замин ҳама чиз анҷоми хушбахтона дошта бошад». Ин низ нодуруст аст. Дар рӯи замин бисёр воқеаҳо хеле ғамангез ба анҷом мерасанд.

Мо дар ҷаҳони пургуноҳ зиндагӣ мекунем. Танҳо дар осмонҳо ҳама чиз дар мувофиқати пурра бо хости Худо ба ҷо оварда мешавад. Маҳз аз ҳамин сабаб Исо моро таълим медод, ки чунин дуо гӯем: «*Хости Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд*» (Мат. 6:10). Дар осмонҳо ҳақиқатан танҳо хости Худо амалӣ мегардад. Барои дуруст фаҳмидани маънои Нома ба Румиён 8:28–29 мо бояд онҳоро пайиҳам, ибора паси ибора таҳлил намоем.

«**Мо медонем**». *Дар замонҳои мушкилот умеди мо на дар тафаккури мусбат, орзуҳои хаёлӣ, ё некбинии солим асос меёбад. Он бар ҳақиқати тавоноӣ ва муҳаббати Худо бунёд ёфтааст.*

«**Ӯ... мегардонад**». Дар паси тамоми воқеаҳо Меъмори Бузург истодааст. Ҳаёти шумо натиҷаи мувофиқати тасодуфӣ ё ба таври бобарор ба ҳам мувофиқ омадани вазъиятҳо нест. Он нақшаи генералӣ дорад. Таърихи инсоният — *таърихи Худост*, чунки маҳз Ӯ ҳаракатдиҳандаи тамоми воқеаҳост. Мо хато мекунем, аммо Худо ҳеҷ гоҳ хато намекунад. Ӯ хато карда *наметавонад*, чунки Ӯ Худост.

«**Ҳама чизро**». Нақшаи Худо барои ҳаётатон ҳамаи он чиро, ки бо шумо рӯй медиҳад, бо назардошти хатоҳо, гуноҳҳоятон ва шуморо ранҷонидани дигарон ба ҳисоб мегирад. Ин ҳам саратон, ҳам бачапартоӣ, ҳам қарзҳо, ҳам бемориҳо, ҳам ҷудошавӣ, ҳам марги наздиконро дар бар мегирад. Худо ҳатто бадии сиёҳтаринро ба некӣ гардонда метавонад. Ӯ дар Ҷолҷолто маҳз ҳамин корро кард.

Ғайр аз ин, воқеаҳои ҳаёти шуморо Худо на дар алоҳидагӣ ба некӯӣ мегардонад. Ҳамаи онҳо ба ҳам пайваст мебошанд ва ба хотири иҷрои нақшаи Худо *якҷоя* амал мекунанд. Онҳо на эпизодҳои алоҳида, балки қисмҳои ба ҳам вобастаи раванди муқаддасшавӣ ва монандшавӣ ба Масеҳ мебошанд. Барои пухтани пирог орд, намак, тухми хом, шакар ва равған даркор мебошанд. Ҳамаи инро дар алоҳидагӣ хӯрдан бемаза ва на он қадар хуш аст. Аммо, агар онҳоро бо ҳам даромехта, пазед, тамоман кори дигар аст. Агар шумо ҳамаи воқеаҳои нохуш ва талхи ҳаётатонро ба Худо супоред, Ӯ метавонад онҳоро чунон ба ҳам омехта кунад, ки онҳо ба шумо бисёр некӯии бисёр меоваранд.

**«Ба некӯӣ»**. Дар ин ҷо гуфта нашудааст, ки дар ҳаёти мо танҳо воқеаҳои хуш хоҳанд буд. Бисёрии

он чи дар ҷаҳон рӯй медиҳад, ҳақиқатан бад аст. Аз некӣ некӣ ҳосил намудан осон аст, аммо Худо аз бадӣ низ некӯӣ ҳосил намуда метавонад. Дар насабномаи расмии Исои Масеҳ (Мат. 1:1–16) чор зан номбар шудаанд: Томор, Роҳоб, Рут ва Батшобаъ. Томор хусури худро ба васваса гирифтор намуд, то ки ҳомила шавад. Роҳоб фоҳиша буд. Рут ҳатто аз рӯи таваллуд яҳудӣ набуд ва бо исроилӣ оиладор шуда, шариатро вайрон кард. Батшобаъ бо Довуд алоқаи ғайришаръӣ кард ва ин боиси кушта шудани шавҳари ӯ гардид. Чуноне ки мебинед, ин занҳо обрӯву эътибори на он қадар баланд доштанд, аммо Худо аз бадӣ ва гуноҳ некӯӣ офарид, ва онҳо нахуствоилидагони Исо гардиданд. Нақшаи Худо дар муқоиса бо ҳамаи мушкилот, азобҳо ва ҳатто гуноҳҳои мо хеле бузургтар аст.

*«**Дӯстдорони Худо, ки даъват шудаанд**»*. Ин ваъда танҳо ба фарзандони Худо дахл дорад. Он на барои ҳама аст. Барои касоне ки якравона дар мухолифат бо Худо зиндагӣ мекунанд, ҳама чиз *бар зарарашон* гардонида мешавад.

«***Мувофиқи пешбинии Ӯ***». Худо ба азоб чӣ маъноеро ворид менамояд? Ӯ ҳамаи воқеаҳоро маҳз ҳамин тавр ва на ба таври дигар ба роҳ андохта, ба чӣ ноил шудан мехоҳад? Ӯ хоҳони он аст, ки мо ба «***шабеҳи ҳақиқии Писари Ӯ***» табдил ёбем. Ҳамаи воқеаҳои ҳаёти мо маҳз ба хотири ҳамин роҳ дода мешаванд!

## БУНЁД НАМУДАНИ ХИСЛАТИ МАСЕҲОНА

Чунон ки сангҳои гаронбаҳоро коркард менамоянд, моро бо болғаҳо ва исканаҳои азоб суфта мекунанд ва сайқал медиҳанд. Агар болғачаи заргарӣ

барои аз хислати мо дур кардани ғашҳои бегона кифоя набошад, Худо болғаи калони оҳангариро истифода мебарад. Ва агар мо ба ҳар ҳол якравӣ кунем, болғаи превматикӣ ё ҳатто таҷҳизоти нақбканӣ ба кор бурда мешавад. Ба хотири ин Ӯ тайёр аст ҳама корро кунад.

Ҳар як мушкилӣ ба мо имкон медиҳад, ки хислатамонро сайқал диҳем, ва он ҳар қадар мураккабтар бошад, дар он ҳамон қадар бештар имкониятҳо барои инкишофи мушакҳои рӯҳонӣ ва скелети ахлоқии мо ҳаст. «*Азоб устувориро ва вуҷуд меоварад, ва устуворӣ — мустаҳкамиро*» (Рум. 5:3–4). Вазъиятҳои беруна, бар хилофи он чи дар *ботини* шумо рӯй медиҳанд, на он қадар муҳиманд. Воқеаҳо меоянд ва мераванд, аммо хислате ки ба шарофати онҳо пайдо мешавад, то абад бо мо мемонад.

***Вазъиятҳои беруна, бар хилофи он чи дар ботини шумо рӯй медиҳанд, на он қадар муҳиманд.***

Китоби Муқадас аксар вақт санҷишҳоро ба оташи поккунанда, ки ҳар нопокиро месӯзонад, монанд мекунад. Петрус навишта буд: «*Дар ин бора шодӣ кунед, дар сурате ки ҳоло, агар лозим шавад, аз озмоишҳои гуногун андаке андӯҳгин мешавед. Имони шумо аз тилло, ки бо вуҷуди озмуда шуданаш дар оташ ҳам фонӣ мебошад, гаронбаҳотар аст*» (1 Пет. 1:6–7). Аз заргаре пурсиданд: «Чӣ тавр шумо мефаҳмед, ки нуқра то охир пок шудааст?» «Дар он инъикоси ман пайдо мешавад», — ҷавоб дод ӯ. Ҳангоме ки азобҳо ҳақиқатан имони шуморо пок мекунанд, одамон дар шумо инъикоси Исои Масеҳро мебинанд. Ҳавворӣ Яъқуб гуфта буд: «*Санҷишҳое ки имони шумо ба он гирифтор мешавад, дар шумо устувориро ба вуҷуд меоваранд*» (Яъқ. 1:3) — ва моҳияти ҳақиқии имон ва хислати шуморо ошкор мекунанд.

Азбаски Худо шуморо ба Исо монанд кардан мехоҳад, Ӯ шуморо аз ҳамон санҷишҳое мегузаронад, ки Писари Ӯ аз сар гузаронда буд, бо зимни танҳоӣ, васваса, стресси сахт, танқид ва қабул накардани атрофиён ва бисёр чизҳои дигар. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Исо «*ба воситаи азобҳо итоаткориро омӯхт ва комил шуд*» (Ибр. 5:8–9). Чаро Худо бояд моро аз он чи Писари Ӯ аз сар гузарондааст, раҳо кунад? Он чиро, ки боре ҳаввορӣ Павлус навишта буд, ба ёд оваред: «*Агар мо дар азобҳо шарики Ӯ бошем, дар ҷалоли Ӯ низ шарик хоҳем буд*» (Рум. 8:17).

## БА МУШКИЛОТ ЧУНОН ЭЪТИНО НАМОЕМ, КИ ИСО МЕКАРД

Худ аз худ нохушиҳо ҳанӯз камолоти рӯҳониро таъмин намекунанд. Бисёр касон ба ҷои он, ки нашъунамо кунанд, хашмгин мешаванд ва аз тақдир меранҷанд, ва ҳеҷ гоҳ ба балоғати рӯҳонӣ намерасанд. Мо бояд ба мушкилот ба монанди Исо эътино намуданро ёд гирем.

Дар ёд нигоҳ доред, ки мақсадҳои Худо ҳамеша нек мебошанд. Ӯ медонад, ки чӣ чиз беҳтар аз ҳама нафъ меоварад, ва барои манфиати мо ғамхорӣ мекунад. Худо ба Ирмиё гуфта буд: «*Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, — мегӯяд Парвардигор, — фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то ки ба шумоояндаи нек ва умедворӣ бибахшам*» (Ирм. 29:11). Юсуф инро мефаҳмид, ҳангоме ба бародаронаш, ки ӯро ба ғуломӣ ба Миср фурӯхта буданд, гуфт: «*Шумо дар ҳаққи ман қасди бад доштед, вале Худо онро ба некӯӣ гардонид*» (Ҳас. 50:20). Ҳизқиё худи ҳаминро оиди беморие ки қариб ӯро ба ҳалокат мерасонд, гуфта буд: «*Инак, талхӣ ба-*

*рои ман ба саломатӣ мубаддал шуд, ва Ту лутф намуда, ҷони маро аз чоҳи ҳалокат баровардӣ»* (Иш. 38:17). Бинобар ин, агар ҳангоми аз Худо илтиҷо кардан намон Ӯ бо кадом як сабаб «не» гӯяд, дар ёд нигоҳ доред, ки Ӯ инро «*барои манфиати ҳақиқии мо мекунад, то ки моро ба қудсияти Худ шарик гардонад*» (Ибр. 12:10б).

Дар айни ҳол на мушкилот ва азобҳои худ, балки нақшаи Худоро дар пеши назар доштан лозим аст. Маҳз ба шарофати ҳамин Исо дар салиб азобҳои марговарро аз сар гузаронд, ва мо низ бояд ба намунаи Ӯ пайравӣ намоем: «*Майдони дар пеши мо бударо бо сабр давон-давон тай кунем. Ва ба Сарвар ва Комилкунандаи имони мо, яъне Исо, назар дӯзем, ки Ӯ ба ҷои шодие ки Ӯро дар пеш буд, ба хорӣ беэътиноӣ намуда, ба салиб тоб овард ва ба ямини тахти Худо бинишаст*» (Ибр. 12:1–2). Коррӣ Тен Бум, ки даҳшатҳои лагери фашистиро аз сар гузаронда буд, ҳамчунин гуфта буд, ки ба куҷо нигаронида шудани назари мо хеле муҳим аст: «Агар ба ҷаҳон нигарем, ғамҳо охир надоранд. Агар ба худ нигарем, рӯҳафтода мешавем. Аммо агар ба Масеҳ нигарем, оромӣ пайдо мекунем». Чизе ки мо диққати худро ба он равона мекунем, аз бисёр ҷиҳатҳо ҳиссиёти моро муайян мекунад. Сирри устуворӣ ва мардонагӣ дар он аст, ки дар ёд дошта бошем: азобҳои мо муваққатӣ мебошанд, ва мукофоте ки моро интизор аст, то абад боқӣ мемонад. Мусо ба ҳаёти пур аз шиддатнокии доимӣ ва душвориҳо тоб овард, зеро ки «*ба мукофоти оянда назар медӯхт*» (Ибр. 11:26б). Павлус мушкилиҳоро айнан ҳамин тавр паси сар мекард: «*Азобҳои мо сабук ва гузаранда мебошанд, ва онҳо ба мо ҷалоли бузург ва абадӣ меоваранд, ки аз азобҳои ҳозираи мо беандоза афзунтар мебошанд*» (2 Қӯр. 4:17).

Ба худ имкон надиҳед, ки танҳо оиди чизҳои муваққатӣ ва бебақо фикр кунед. Оиди натиҷаи

ниҳоӣ фикр кунед: «*Бо Ӯ азобу уқубат кашем, то ки бо Ӯ низ ҷалол ёбем. Зеро, ба ақидаи ман, азобу уқубатҳои замони ҳозира назар ба он ҷалоле ки дар мо зоҳир хоҳад шуд, ҳеҷ аст*» (Рум. 8:17–18).

Шод бошед ва Худоро шукргузорӣ намоед. Китоби Муқаддас моро таълим медиҳад: «*Барои ҳама чиз шукр гӯед, зеро ки чунин аст иродаи Худо дар ҳаққи шумо дар Исои Масеҳ*» (1 Тасл. 5:18). Оё ин имконпазир аст? Гап дар он аст, ки Худо ба мо фармудааст, ки *дар ҳамаи вазъиятҳо* Ӯро шукргузорӣ намоем. Ӯ моро даъват накардааст, ки Ӯро барои бадӣ, гуноҳ, азобҳо ва натиҷаҳои ғамангези онҳо дар тамоми ҷаҳон шукргузорӣ намоем. Ба ҷои ин Ӯ мехоҳад, ки мо Ӯро барои он шукр гӯем, ки Ӯ ҳатман ҳамаи азобҳои ба сари мо омадаро барои иҷрои нақшаҳои Худ истифода мебарад.

РӮЗИ БИСТУ ПАНҶУМ:

## БА ВОСИТАИ АЗОБ ДИГАРГУНШУДАГОН

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамеша дар Худованд шод бошед*» (Фил. 4:4). Моро даъват намекунанд, ки аз дард ҳаловат барем. Ин аллакай мазохизм аст. Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки мо «*дар Худованд*» шод бошем. Новобаста ба воқеаҳои атроф, мо аз муҳаббат, ғамхорӣ, хирад, қувват ва вафодории Худо шодӣ карда метавонем. Исо гуфта буд: «*Дар он рӯз шодӣ кунеду пойкӯбӣ намоед, чунки подоши шумо дар осмон бузург аст*» (Луқ. 6:23).

Боз ҳангоми азобҳо аз он шодӣ кардан мумкин аст, ки Худо онҳоро ҳамроҳи мо аз сар мегузаронад. Мо на ба Худои дуре ки Худро ба канор гирифта, гоҳ-гоҳ аз боло суханони тасаллодиҳанда мегӯяд, хизматгузорӣ мекунем. Не, Худои мо дар ҳамаи он чи бо мо рӯй медиҳад, бевосита иштирок мекунад. Исо ба азобҳои инсоният дохил шуд, ҳангоме ки ҷисм гардид ва яке аз мо шуд. Ва акнун Рӯҳулқудс

ҳама чизро ҳамроҳи мо аз сар мегузаронад, зеро дар мо зиндагӣ мекунад. Худо ҳеҷ гоҳ моро танҳо намегузорад.

**Рӯҳафтода нашавед**. Пурсабр ва собитқадам бошед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Чун медонед, ки имтиҳони имони шумо сабрро ба вуҷуд меоварад; ва сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед*» (Яъқ. 1:3–4).

Ташаккули хислат зуд ба амал намеояд. Ҳар боре ки кӯшиш мекунем аз душвориҳо барканор шавем ва аз нохушиҳо раҳоӣ ёбем, мо худамон ин равандро бозмедорем, нашъунамои худро суст мекунем ва дар ниҳояти кор ба худ азобҳои бештар мерасонем, ки алалхусус бемаъно буда, ҳамеша буздилӣ ва ба воқеият рӯйрост нанигаристанро ҳамроҳӣ мекунанд. Ҳангоме мефаҳмед, ки ин раванди ташаккули хислат кадом натиҷаҳои абадӣ дорад, аллакай он қадар аз Худо оиди раҳоӣ ва осудагӣ илтиҷо намекунед (*Худовандо, чунин кун, ки аҳволи ман хуб бошад!*), балки хоҳиш мекунед, ки шуморо дигаргун карда, ба Масеҳ монанд гардонад (*Худовандо, бигузор ин азобҳо ба ман ёрӣ диҳанд, ки ба Ту бештар монанд шавам*).

Ҳангоме дар вазъиятҳои тамоман ғайричашм дошт ва нофаҳмо, ки тасодуфӣ ва бемаъно метобанд, дасти Худоро пай мебаред, шумо мефаҳмед, ки ба нашъунамо сар карда, ба балоғати рӯҳонӣ наздик шуда истодаед.

Агар ҳозир низ шумо дучори мушкилот бошед, аз Худо напурсед, ки «ин ба ман аз боиси чист?» Ба ҷои ин аз Ӯ пурсед, ки «Ту ба ман чиро таълим додан мехоҳӣ?» Ва баъд ба Ӯ боварӣ намуда, дуруст ва тақводорона амал намуданро давом диҳед. «*Ба шумо устуворӣ лозим аст, то ки хости Худоро иҷро намуда, ваъдаро ба даст оваред*» (Ибр. 10:36).

## РӮЗИ БИСТУ ПАНҶУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ҳеҷ як мушкилӣ беҳуда нест.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Дар баробари ин мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи пешбинии Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад*» (Рум. 8:28).

**Савол барои андешаронӣ**: Калом мушкилӣ дар ҳаёти ман беш аз ҳама барои нашъунамои ман ёрӣ расондааст?

# 26

# БА ВОСИТАИ ОЗМОИШҲО НАШЪУНАМО КАРДАН

*Хушо касе ки дар озмоиш вафодор мемонад, зеро вақте ки вай имтиҳон медиҳад, тоҷи ҳаётро, ки Худованд ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст, ба даст хоҳад овард.*

Яъқ. 1:12

*Озмоишҳо ҳамеша барои ман мактаби илоҳиётшиносӣ буданд.*

Мартин Лютер

Ҳар як васваса имконияти дуруст рафтор кардан аст.

Ҳатто озмоиш метавонад аз санги пешпо ба зинаи навбатии нашъунамои рӯҳонӣ табдил ёбад, агар мо дарк намоем, ки он на танҳо имконияти гуноҳ кардан, балки имконияти некӣ карданро дорост. Озмоиш моро дар назди интихоб мегузорад. Ва агар шайтон дар он силоҳи барои шумо ҳалокатоварро бинад, Худо озмоишро барои он истифода мебарад, ки шумо боз бештар нашъунамо ёбед. Ҳар боре ки мо ба ҷои гуноҳ некӣ карданро интихоб менамоем, мо дар роҳи монандшавӣ ба Масеҳ қадами навбатӣ мегузорем.

Барои ҳамаи инро хуб фаҳмидан пеш аз ҳама хусусиятҳои хислати Масеҳро муайян намудан лозим аст. Яке аз тасвирҳои пурратарини он — порчаест, ки ба самари Рӯҳ бахшида шудааст: «*Аммо самари Рӯҳ инҳост: муҳаббат, шодмонӣ, осоиш, пурсабрӣ, меҳрубонӣ, марҳамат, имон, фӯтанӣ, парҳезгорӣ*» (Ғал. 5:22–23).

Ин нӯҳ сифат моҳияти Фармудаи калонтаринро аз ҳама пурратар ошкор менамоянд ва хислати аҷоиби Исои Масеҳро муфассал тасвир менамоянд. Дар Исо муҳаббат, шодмонӣ, осоиш ва дигар самарҳои комили Рӯҳ муттаҳид гаштаанд ва таҷассум ёфтаанд. Дар худ доштани ҳамаи ин — ба Масеҳ монанд будан аст.

Чӣ тавр Рӯҳулқудс ин нӯҳ сифатро дар ҳаёти мо ба вуҷуд меоварад? Шояд онҳо фавран пайдо мешаванд? Шояд боре пагоҳӣ бедор шуда ҳис мекунед, ки ҳамаи ин сифатҳои комил ва болиғ шуморо барои ҳамеша фаро гирифтаанд. Не. Ҳама гуна самари Рӯҳ тадриҷан ва оҳиста мепазад.

***Барои дар мо ба вуҷуд овардани самари Рӯҳ Худо дар ҳаётамон чунин вазъиятҳоро роҳ медиҳад, ки моро ба зоҳир намудани сифатҳои тамоман муқобил тела медиҳанд!***

Ҷумлаи навбатӣ яке аз муҳимтарин ҳақиқатҳои рӯҳониро дар бар мегирад, ки шумо бояд донед: барои дар мо ба вуҷуд овардани самари Рӯҳ Худо дар ҳаётамон чунин вазъиятҳоро роҳ медиҳад, ки моро ба зоҳир намудани *сифатҳои тамоман муқобил* тела медиҳанд! Ташаккули хислат ҳамеша интихобро дар назар дорад, ва озмоиш ба мо ҳамин имконияти интихобро медиҳад.

Масалан, Худо, моро бо шахсоне ки тамоман ба мо *маъқул нестанд*, рӯ ба рӯ карда, ба мо *муҳаб-*

*батро* таълим медиҳад. Барои дӯст доштани шахсони писандида ва сазовор, ки ба мо бо муҳаббат муносибат мекунанд, хислати махсус даркор нест. Аммо шодии ҳақиқиро Худо ба мо дар байни андӯҳҳо таълим медиҳад, ҳангоме ки мо ба Ӯ муроҷиат мекунем. Хушбахтӣ ба шароит ва вазъияти беруна вобаста аст, аммо шодӣ дар муносибатҳои мо бо Худост.

Барои дар мо ба вуҷуд овардани *осоиши* ҳақиқӣ Худо тамоман кӯшиш намекунад ҳама чизро мувофиқи хости мо ба тартиб оварад, баръакс, моро аз давраҳои изтиробҳо ва бетартибиҳо мегузаронад. Ҳар шахс ҳангоми истироҳат дар табиат ё дар вақти тамошои ғуруби зебо осоиш эҳсос мекунад. Аммо осоиши ҳақиқиро мо танҳо ҳамон вақт ба даст меоварем, ки бошуурона қарор медиҳем, ки дар вазъиятҳо ва ҳолатҳои тарсовар ё изтиробангез ба Худо такя кунем. Аз рӯи ҳамин принсип сабр танҳо дар ҳамон вазъиятҳо зоҳир мегардад, ки мо маҷбурем интизор шавем ва аз боиси ин он қадар хашмгин мешавем, ки қариб мекафем.

Барои пухтани ҳар як самаи Рӯҳулқудс Худо вазъиятеро роҳ медиҳад, ки моро ба аксуламали баръакс водор мекунанд, то ба мо имконияти интихобро фароҳам оварад. Агар сабабе барои бад будан надошта бошед, худро одами хуб номидан мумкин нест. Агар ягон бор имконияти хиёнат кардан надошта бошед, худро вафодор номидан мумкин нест. Мо он вақт софдил мешавем, ки озмоиши дурӯғ гуфтанро паси сар мекунем, фурӯтанӣ ҳамон вақт афзун мешавад, ки мо аз фахр кардан даст мекашем, ва устуворӣ — ҳангоме ки мо бо рӯҳафтодагӣ мубориза мебарем. Ҳар боре ки мо бар ин ё он озмоиш ғолиб меоем, андаке бештар ба Масеҳ монанд мешавем.

## ОЗМОИШ ЧӢ ТАВР АМАЛ МЕКУНАД

Дар ёд доштан фоиданок аст, ки амалҳои шайтонро пешакӣ донистан осон аст. Аз вақти офариниши замин то замони мо ӯ ҳамон гуна стратегия ва ҳамон гуна ҳилаву найрангро истифода мебарад. Ҳамаи озмоишҳо як хел таъсир мкунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб Павлус гуфта буд: «*Охир, мо дасисаҳои вайро хеле хуб медонем-ку*» (2 Қӯр. 2:11). Навиштаи Муқаддас нишон медиҳад, ки ҳар як озмоиш аз чор марҳала иборат аст, ки шайтон бо ёрии онҳо Одам ва Ҳавво, ва Худи Исоро ба гуноҳ тела медод.

Пеш аз ҳама шайтон дар дохили мо ягон хоҳишро ҷудо мекунад. Он метавонад гуноҳолуд бошад (масалан, хоҳиши қасос гирифтан ё хоҳиши идора кардани дигарон) ё тамоман қонунӣ, муқаррарӣ (масалан,хоҳиши дӯстдошта ва мӯҳтарам будан ё хоҳиши ҳаловат бурдан). Озмоиш он вақт сар мешавад, ки шайтон (бо ёрии фикр) ба мо пешниҳод мекунад, ки ба амали бад дода шавем, ё хоҳиши дурустро бо воситаҳои бад ё дар вақти номувофиқ қонеъ намоем. Ҳангоме ки мехоҳед роҳро миёнбур карда, ба сӯи натиҷаи дилхоҳ роҳи кӯтоҳтаринро ёбед, махсусан боэҳтиёт бошед. Аксар вақт озмоиш маҳз ҳамин аст. Шайтон пичирос мезанад: «Ту сазовори ин ҳастӣ! Пас чаро интизор ҳастӣ? Охир, ин хеле хуб, хеле дилписанд аст ва ба ту осоиши зиёд меоварад!»

Мо гумон мекунем, ки озмоиш моро аз берун ба дом мекашад, аммо Худо мегӯяд, ки он дар *дарун* сар мешавад. Бе хоҳиши дохилӣ онҳо диққати шуморо ҷалб намекарданд. Озмоиш на дар вазъиятҳои берунӣ, балки ҳамеша дар майна сар мешавад. Исо гуфтааст: «*Чунки аз даруни дили одам фикрҳои бад, зино, фосиқӣ, куштор, дуздӣ, тамаъ, кина, макр, чашмгуруснагӣ, ҳасад, бадгӯӣ, ҳавобаландӣ ва аҳмақӣ*

*пайдо мешаванд*» (Марқ. 7:21–22). Ва Яъқуб илова мекунад, ки ҳамаи ин «*аз боиси ҳавасҳост, ки дар бадани мо меҷанганд*» (Яъқ. 4:1).

Марҳалаи дуюми озмоиш *шубҳа* аст. Шайтон моро маҷбур карданӣ мешавад, ки ба он чи Худо дар хусуси гуноҳ гуфтааст, шубҳа намоем: Наход ин ҳақиқатан бад бошад? Наход Худо дар ҳақиқат фармудааст, ки ин корро накунем? Ё шояд ин манъ барои одамони дигар, барои вақти дигар аст? Шояд Худо намехоҳад, ки ман хушбахт бошам? Китоби Муқаддас моро огоҳ мекунад: «*Эй бародарон, бохабар бошед, ки касе аз шумо дили бадкирдор ва беимоне надошта бошад, ки аз Худои зинда рӯй гардонда тавонад*» (Ибр. 3:12).

***Мо гумон мекунем, ки озмоиш моро аз берун ба дом мекашад, аммо Худо мегӯяд, ки он дар дарун сар мешавад.***

Марҳалаи сеюм *фиреб* аст. Шайтон рост гуфта наметавонад, ва ӯро «*падари дурӯғ*» меноманд (Юҳ. 8:44). Ҳамаи он чи ӯ ба шумо мегӯяд, ё тамоман дурӯғ аст, ё танҳо қисман ба ҳақиқат мувофиқат дорад. Шайтон бо фиреби худ кӯшиш мекунад он чиро, ки Худо аллакай дар Каломи Худ гуфтааст, иваз кунад. Ӯ пичирос мезанад: «Не, намемуред, балки чун Худи Худо хирадманд мешавед. Ва барои ин ҷазое намебинед, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад. Аммо дар ивазаш ҳамаи мушкилоти шумо паси сар мешаванд. Илова ба ин, ҳама дар атроф чунин мекунанд. Ин он қадар бад нест! Ин гуноҳи тамоман хурдакак аст!» Аммо ҳатто гуноҳи хурдтарин — ба монанди ҳомиладорӣ аст: дер ё зуд онро ҳама мебинанд.

Ва марҳалаи чорум беитоатӣ аст, ҳангоме ки мо дар охир ба фикри нопарҳезгорона, ки тамоми ин муддат бо он ҳавасбозӣ мекардем, дода шуда, гуноҳ содир мекунем. Фикри дар шуур пайдошуда дар амал таҷассум меёбад. Мо ба хоҳише ки диққати

моро ба даст овардааст, гузашт мекунем. Мо ба фиреби шайтон бовар карда, ба ҳамон доме меафтем, ки Яъқуб моро оиди он огоҳ мекунад: «*Ҳар кас худаш худро ба озмоиш дучор мекунад: ӯро ҳавасҳои худаш саргарм ва фирефта мекунанд. Ва ҳавас, ҳомила шуда, гуноҳро ба дунё меоварад. Гуноҳ бошад, пухта расида, маргро ба вуҷуд меоварад. Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед*» (Яъқ. 1:14–16).

## ПАСИ САР КАРДАНИ ОЗМОИШ

Донистани тарзи амали озмоиш хеле фоиданок аст, аммо биёед акнун қадамҳои аниқро, ки барои паси сар кардани он ёрӣ медиҳанд, номбар мекунем.

**Ба тарсонидан дода нашавед**. Бисёр масеҳиён аз боиси озмоишҳо ба тарси фалаҷкунанда рӯ ба рӯ шуда, бо ҳисси айбдорӣ фаро гирифта мешаванд, ки онҳо аз ҳилаву найранги иблис «болотар» нестанд. Онҳо шарм медоранд, ки хоҳишҳо ва водоркунандаҳои нопарҳезгорона эҳсос менамоянд. Аммо чунин фикрҳо нишон медиҳанд, ки онҳо моҳияти балоғати рӯҳониро нодуруст мефаҳманд. Мо *ҳеҷ гоҳ* ба он дараҷа болиғ намешавем, ки аз озмоишҳо болотар гардем.

Ба кадом як маъно озмоишро ҳамчун таҳсин қабул намудан мумкин аст. Шайтон ба озмудани шахсоне ки бе ин ҳам хости ӯро ба ҷо меоваранд, эҳтиёҷ надорад. Онҳо аллакай ба ӯ тааллуқ доранд. Ба озмоиш дучор шудан нишонаи сустӣ нест, ин нишонаи он аст, ки шайтон шуморо бад мебинад. Ҳайрон шудан, ба воҳима афтодан ва рӯҳафтода шудан лозим нест. Озмоишҳо ногузир мебошанд, ва ба он оқилона ва ҳушёрона муносибат кардан лозим аст: шумо ҳеҷ гоҳ аз онҳо пурра барканор шуда на-

метавонед. Китоби Муқадас рӯйрост ба мо мегӯяд, ки «*ҳангоми озмоиш*» бояд чӣ гуна рафтор намоем ва онро чун як чизи худ аз худ маълум қабул намоем. Ва Павлус илова менамояд: «*Озмоишҳое ки ба сари шумо меоянд, озмоишҳои оддии инсонӣ мебошанд*» (1 Қӯр. 10:13).

Эҳсос намудани озмоиш ҳанӯз гуноҳ нест. Исо низ ба озмоиш рӯ ба рӯ шуда буд, аммо ҳеҷ гуноҳ накард (Ибр. 4:15). Ҳангоме ки мо ба озмоиш дода мешавем, он гуноҳ мешавад. Мартин Лютер гуфта буд: «Мо дар болои сарамон парвоз кардани паррандагонро манъ карда наметавонем, аммо метавонем роҳ надиҳем, ки онҳо бар сари мо лона созанд» Мо наметавонем ба шайтон роҳ надиҳем, ки дар гӯшамон фикрҳои гуноҳолудро гӯяд, аммо мо метавонем қарори бошуурона қабул намоем, ки ба ин фикрҳо бознагардем ва ба онҳо дода нашавем.

Масалан, бисёр касон байни майли ҷинсӣ, барангезиши ҷинсӣ ва шаҳват фарқеро намебинанд. Аммо инҳо *як чиз нестанд*. Худо ба ҳар кадоми мо майли ҷинсӣ додааст, ва ин хуб аст. Майли ҷинсӣ ва барангезиши ҷинсӣ аксуламали табиӣ ва беихтиёр ба зебоии ҷисмонӣ аст, ки онро Худо дар мо ҷой додааст. Аммо шаҳват амали *бошуурона ва мақсаднок* аст. Шаҳват — қарори дар шуури худ ба ҷо овардани он корест, ки ба таври ҷисмонӣ ба ҷо овардан мехоҳед. Шахс метавонад майли ҷинсӣ ва ҳатто барангезиши ҷинсӣ эҳсос намояд, аммо гуноҳи бошууронаи шаҳвонӣ накунад. Бисёр касон, хусусан мардони масеҳӣ, худро аз он гуноҳкор меҳисобанд, ки дар бадани онҳо гормонҳои додаи Худо амал мекунанд. Зани зеборо дида, онҳо дарҳол гумон мекунанд, ки ин шаҳват аст, ва худро айбдор мекунанд. Аммо то даме ки мо майли ҷинсиро дар тахайюлоти худ гардондан нагирем, он шаҳват намегардад.

Дар асл, мо Худоро ҳар қадар наздиктар шиносем, шайтон ҳамон қадар бештар кӯшиш мекунад моро бо озмоишҳои худ ба дом кашад. Ҳамин ки шахс ба оилаи Худо дохил шавад, шайтон, чун қотили зархарид аз дастаи ғоратгарони бадкирдор, оиди ӯ маълумот ҷамъ мекунад ва ӯро зери назорат мегирад. Шумо душмани ӯ ҳастед, ва ӯ бо ҳар роҳ кӯшиш мекунад шуморо нобуд кунад.

***Ба озмоиш дучор шудан нишонаи сустӣ нест, ин нишонаи он аст, ки шайтон шуморо бад мебинад.***

Гоҳо ҳангоми дуо шайтон ба шумо фикрҳои бадро талқин мекунад, то ки хотири шуморо парешон кунад ва шуморо таҳқир намояд. Натарсед ва худро айбдор накунед. Дар ёд нигоҳ доред: шайтон аз дуоҳои шумо метарсад ва тайёр аст ҳама корро кунад, то ки ба шумо халал расонад. Ба ҷои он ки худро айбдор карда, «чӣ тавр ман ин гуна фикр кардам?» гуфтан, ба ин фикр чун ба озмоиши иблисона муносибат кунед ва дарҳол нигоҳи худро ба Худо равона кунед.

**Аниқ кунед, ки одатан шайтон шуморо чӣ тавр меозмояд, ва ба он тайёр шавед**. Вазъиятҳои муайяне ҳастанд, ки дар онҳо шумо аз вақтҳои дигар тезтар ба озмоиш дода мешавед. Баъзе вазъиятҳо қариб дарҳол шуморо ба гуноҳ тела медиҳанд, дар ҳоле ки дигар вазъиятҳо ба шумо тамоман таъсир намерасонанд. Ин вазъиятҳо ба таври нотакрор ба сустиҳои шумо мувофиқат доранд, ва шумо бояд онҳоро аниқ кунед, зеро шайтон онҳоро хуб медонад! Ӯ хуб медонад, ки чӣ тавр шуморо пешпо диҳад, ва ҳамеша кӯшиш мекунад маҳз ба ҳамин гуна вазъият рӯ ба рӯ кунад. Петрус огоҳ менамояд: «*Ҳушёр бошед, хоб наравед! Душмани шумо, иблис, мисли шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад*» (1 Пет. 5:8).

Аз худ пурсед: «Озмоиш кай аз ҳама сахттар ба ман фишор меоварад? Дар кадом рӯзи ҳафта? Дар кадом вақти рӯз?» Фикр кунед: «Озмоишҳоро бештар аз ҳама *дар куҷо* эҳсос мекунам? Дар ҷои кор? Дар хона? Дар меҳмонии ҳамсояҳо? Дар толори бозии саққо? Дар фурудгоҳ ё дар ҳуҷраи меҳмонхона, ҳангоме ки ба сафари хизматӣ меравам?»

Аз худ пурсед: «*Дар ҷамъияти кӣ* ман беш аз ҳама озмоишро эҳсос менамоям? Дар назди дӯстон? Ҳангоми бо ҳамкорон дар ҷои кор будан? Ё дар байни издиҳоми шахсони ношинос? Ё ҳангоме ки танҳо ҳастам?» Ва боз оиди ин чиз фикр кунед: «Дар кадом ҳолат ман озмоишҳоро сахттар эҳсос менамоям?» Шояд шумо ҳангоми танҳо будан, зиқ шудан, дилгиршавӣ ё хавотиршавӣ осонтар ба озмоиш дода мешавед. Ё шояд ҳангоме ки шуморо меранҷонанд, хашмгин ҳастед, ташвиш мекашед, стресси сахт ҳис мекунед, ё дар ҳолате ки муваффақияти калон, болоравии рӯҳониро аз сар мегузаронед, ба гуноҳ осонтар дода мешавед.

Шумо бояд аниқ кунед, ки маҳз дар кадом вазъиятҳо шайтон одатан шуморо меозмояд, ва баъд кӯшиш кунед, ки то ҳадди имкон аз чунин вазъиятҳо барканор бошед. Китоби Муқаддас борҳо моро даъват мекунад, ки озмоишҳоро пешбинӣ кунем ва ба мубориза бар зидди онҳо тайёр бошем (Мат. 26:41, Эфс. 6:10–18, 1 Тасл. 5:6–8, 1 Петр. 1:13, 4:7, 5:8). «*Ба иблис ҷой надиҳед*» — мегӯяд Павлус (Эфс. 4:27). Ҳангоми оқилона ба нақша гирифтани вақт ва воқеаҳо хатари ба озмоиш дучор гардидан камтар мешавад. Ба маслиҳат аз китоби Масалҳо пайравӣ намоед: «*Барои пойҳои худ роҳро ҳамвор намо, то ки ҳамаи тариқҳои ту рост бошад. Ба тарафи рост ва чап моил нашав; пои худро аз бадӣ дур соз*» (Мас. 4:26–27). «*Роҳи росткорон — аз бадӣ дур шудан аст: касе ки роҳи худро нигоҳ дорад, ҷони худро нигаҳбонӣ мекунад*» (Мас. 16:17).

**Аз Худо мадад талабед**. Шумо бо Осмонҳо хатти алоқаи шабонарӯзӣ доред. Худо мехоҳад, ки мо барои рафъ намудани васвасаҳо аз Ӯ мадад талабем. Ӯ мегӯяд: «*Ва дар рӯзи тангӣ Маро бихон; туро халосӣ хоҳам дод, ва ту Маро ситоиш хоҳӣ кард» (Заб. 49:15).*

*Ман ин дуоҳоро «дуоҳои ёрии таъҷилӣ» меномам, зеро онҳо кӯтоҳ, бе суханҳои зиёдатӣ буда, бевосита мақсадро ифода мекунанд: «Зудтар! Ёрӣ диҳед! SOS!!!» Ҳангоме ки озмоиш фишор меоварад, барои гуфтугӯи тӯлонӣ бо Худо вақт нест, ва мо Ӯро ба ёрӣ даъват мекунем. Довуд, Дониёл, Петрус, Павлус ва миллионҳо масеҳиёни дигар дар лаҳзаҳои вазнин ҳамин гуна дуои босуръатро ба забон меоварданд.*

*Китоби Муқаддас ваъда медиҳад, ки фарёдҳои мо оиди ёрӣ ҳатман шунида мешаванд, зеро Исо ба нохушиҳои мо ҳамдардона муносибат мекунад. Ӯ худи ҳамон озмоишҳоро, ки мо ба онҳо дучор шудаем, аз сар гузарондааст. «Зеро мо чунон саркоҳин надорем, ки дар заъфҳои мо натавонад ба мо дилсӯзӣ намояд, балки Ӯ монанди мо, дар ҳама чиз озмудаи васаваса шуд, вале гуноҳ накард*» (Ибр. 4:15).

Агар Худо интизори он бошад, ки мо барои рафъ намудани озмоиш Ӯро ба ёрӣ ҷеғ занем, чаро ба Ӯ бештар мурочиат намекунем? Рости гап, гоҳо мо *намехоҳем*, ки ба мо ёрӣ диҳанд! Мо ба озмоиш дода шудан *мехоҳем*, агарчи медонем, ки ин хуб нест. Дар чунин *лаҳзаҳо* мо одатан гумон мекунем, ки аз Худо беҳтар медонем, ки барои мо чӣ чиз хубтар аст.

Гоҳо аз Худо мадад хостан бароямон ногувор аст, зеро мо борҳо ба ҳамон як озмоиш дода шудаем. Аммо Худо ҳеҷ гоҳ асабонӣ намешавад, хаста на-

мешавад ва аз боиси он ки мо гаштаву баргашта бо ҳамон як масъала ба Ӯ муроҷиат мекунем, сабру тоқатро аз даст намедиҳад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Пас биёед бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то маҳз дар ҳамон вақте ки ба он эҳтиёҷ дорем, меҳрубонӣ ва марҳамат ба даст оварем*» (Ибр. 4:16).

Муҳаббати Худо ба охир намерасад, ва пурсабрии Ӯ то абад аст. Ҳатто агар дусад бор дар як рӯз барои рафъ намудани ҳамон як озмоиш аз Ӯ мадад талабем, Ӯ ба ҳар ҳол бо хушнудӣ ба шумо меҳрубонӣ ва марҳамати Худро фурӯ мерезад, бинобар ин бо ҷуръат назди Ӯ равед. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки ба шумо барои дуруст рафтор намудан қувват диҳад, ва бо боварӣ интизори он бошед, ки Ӯ ба шумо ҳама чизи даркориро медиҳад.

Озмоишҳо моро маҷбур мекунанд, ки ба Худо таваккал намоем. Ҳангоме ба дарахт лозим меояд, ки ба вазиданҳои шиддатноки бод тоб оварад, решаҳои он устувортар мешаванд. Дар ин ҷо низ ҳамин тавр аст: ҳар боре ки мо ба озмоиш тоб меоварем, андаке бештар ба Исо монанд мешавем. Ҳангоме ки шумо пешпо хӯрда меафтед — ва ин ҳатман рӯй медиҳад, — дар ёд нигоҳ доред, ки ин марговар нест. Ба ҷои он ки рӯҳафтода шуда, ба озмоиш дода шавед, гаштаву баргашта, ба Худо рӯ оваред, ба мадади Ӯ умед бандед ва он мукофотеро дар ёд нигоҳ доред, ки шуморо дар Осмонҳо интизор аст: «*Хушо касе ки озмоишҳоро устуворона паси сар мекунад, зеро вай ба онҳо тоб оварда, тоҷи ҳаётро, ки Худованд ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст, ба даст меоварад*» (Яъқ. 1:12).

## РӮЗИ БИСТУ ШАШУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ҳар як озмоиш имконияти дуруст рафтор намудан аст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Хушо касе ки дар озмоиш вафодор мемонад, зеро чун озмуда шавад, тоҷи ҳаётро, ки Худованд ба дӯстдорони Худ ваъда кардааст, ба даст хоҳад овард*» (Яъқ. 1:12).

**Савол барои андешаронӣ**: Озмоишҳоеро, ки беш аз ҳама ба ман дучор мешаванд, паси сар карда, кадом сифати Масеҳро дар худ инкишоф дода метавонам?

# 27

# БАР ОЗМОИШ ҒОЛИБ ОМАДА

*Аз шаҳватҳои ҷавонӣ бигрез ва бо ҳамаи онҳое ки Худовандро аз самими қалб мехонанд, аз пайи адолат, имон, муҳаббат ва осоиштагӣ бирав.*

2 Тим. 2:22

*Озмоише ки ба сари шумо омадааст, ҷуз озмоиши оддии инсонӣ чизи дигаре нест; ва Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед.*

1 Қӯр. 10:13

Роҳи баромад ҳамеша ҳаст.

Гоҳо ба мо чунин метобад, ки озмоиш беҳад сахт аст ва мо тоб оварда наметавонем, аммо ин низ дурӯғи шайтон аст. Худо ваъда додааст, ки дар ҳаёти шумо ҳеҷ гуна озмоишеро *аз берун* роҳ надиҳад, ки аз *қувваҳои дохилие* ки Ӯ дар шумо ҷой додааст, зиёдтар бошад. Ӯ роҳ намедиҳад, ки шумо бо чунин озмоишҳое дучор шавед, ки онҳоро паси сар карда натавонед. Аммо барои ин мо бояд ҳама кори аз дастамон меомадаро кунем. Мо бояд чор қадами библиявиро барои паси сар намудани озмоиш донем.

**Диққати худро ба ягон чизи дигар равона кунед**. Шояд шумо аз фаҳмидани он ҳайрон мешавед, ки Китоби Муқаддас ба мо ягон бор «ба озмоиш муқобилат намудан»-ро пешниҳод намекунад. Ба мо фармуда шудааст, ки «*ба иблис муқобилат кунем*» (Яъқ. 4:7), аммо ин тамоман кори дигар аст, ва онро ман каме дертар муфассал мефаҳмонам. Ба ҷои ин ба мо пешниҳод карда мешавад, ки диққати худро ба чизи дигар равона намоем, зеро ҳеҷ гуна кӯшишҳои ба фикр ё хоҳиш муқобилат намудан муваффақият пайдо намекунанд. Дар натиҷа шумо боз бештар оиди он чи набояд дар хусуси он фикр кунед, фикр мекунед, ва хоҳиши шумо сахттар мешавад. Иҷозат диҳед ба шумо фаҳмонам, ки ин чӣ тавр ба амал меояд.

Ин ё он фикрро ҳар қадар бештар аз шуури худ дур карданӣ шавем, онро ҳамон қадар амиқтар дар ақли худ ҷойгир мекунем. Мо ба он муқобилат намуда, дар асл онро устувортар мекунем. Хусусан ин ба озмоишҳо дахл дорад. Бо ҳиссиёте ки моро фаро мегиранд, мубориза бурда, аз ӯҳдаи озмоиш баромадан ғайриимкон аст. Ҳар қадар ин ё он ҳиссиёти худро аз байн бурданӣ шавем, он ҳамон қадар бештар моро фаро мегирад ва моро идора мекунад. Ҳар боре ки мо дар бораи он фикр мекунем, он қавитар мешавад.

***Дар муҳориба бо гуноҳ моро чӣ интизор аст, дар сари мо ҳал мешавад. Моро маҳз ҳамон чиз фаро мегирад, ки диққати моро фаро мегирад.***

Азбаски озмоиш ҳамеша аз фикр сар мешавад, воситаи зудтарини барҳам задани қувваи ҷозибаи он — ба чизи дигар равона кардани диққати худ аст. Барои аз идеяи безоркунанда халос шудан кӯшиш накунед, балки фақат дар шуури худ канали дигарро ба кор андозед ва оиди ягон чизи дигар фикр ку-

нед. Ин қадами якум барои паси сар кардани озмоиш аст.

Дар муҳориба бо гуноҳ моро чӣ интизор аст, дар сари мо ҳал мешавад. Моро маҳз ҳамон чиз фаро мегирад, ки диққати моро фаро мегирад. Аз ҳамин сабаб Айюб гуфтааст: «*Бо чашмони худ паймон бастаам, ки ба духтарон назар намеандозам*» (Айюб 31:1).

Оё чунин мешавад, ки шумо аз телевизор рекламаи ягон хӯроквориро дида, ногоҳ гурусна мемонед? Оё чунин мешавад, ки касе дар наздатон месулфад, ва шумо ҳамон замон сулфидан, гулӯ тоза кардан мехоҳед? Ё касе аз атрофиён хамёза мекашад, ва шумо низ мехоҳед хамёза кашед? (шояд шумо ҳозир, ҳангоми хондани ин сатрҳо, хамёза кашидан мехоҳед!) Таъсири талқин чунин аст. Мо ба таври табиӣ ба чизе ки диққат диҳем, ба он майл пайдо мекунем. Шахс оиди ин ё он чиз ҳарчи бештар фикр кунад, ҳамон қадар бештар ин чиз фикрҳои ӯро фаро мегирад.

Аз ҳамин сабаб, ҳангоме ки чунин суханонро такрор мекунед: «Ман бояд пурхӯриро бас кунам», ё «Ман бояд сигоркаширо бас кунам», «Ман бояд фикрҳои шаҳвониро бас кунам», шумо худатон худро ба дом меафтонед. Охир, ба ин восита шумо диққати худро гаштаву баргашта ба чизе равона мекунед, ки бояд аз он даст кашед. Ин монанди он аст, ки чунин гӯед: «Очаҷон, ман дигар ин гуна рафтор намекунам!» Шумо чунин суханонро гуфта, худро ба он моил мекунед, ки рафтори ношоистаро такрор намоед.

Бисёрии парҳезҳо аз хӯрок самаранок нестанд, зеро ҳангоми парҳез шахс доимо оиди хӯрок фикр мекунад, ва аз ҳамин сабаб доимо гуруснагӣ ҳис мекунад. Ва агар маърӯзакунанда пеш аз баромад беист такрор кунад: «Асабонӣ шудан лозим нест!», ӯ бо ин амал худро бештар асабонӣ мекунад. Ба ҷои

ин ӯ бояд оиди ягон чизи дигар фикр кунад, аммо на оиди ҳиссиёти худ — фарз мекунем, оиди Худо, оиди аҳамияти маърӯзаи худ ё оиди эҳтиёҷоти шунавандагони худ.

Озмоиш аз он сар мекунад, ки диққати моро фаро мегирад. Ҳар чизе ки диққати шахсро фаро гирад, эҳсосоти ӯро бедор мекунад. Сипас эҳсосот ӯро ба амал тела медиҳанд, ва шахс мувофиқи ҳиссиёти худ амал мекунад. Ҳар қадар бештар чунин суханонро такрор кунед: «Ман ин корро кардан намехоҳам», майлу ҳавас ҳамон қадар бештар шуморо ба доми худ мекашад.

Онро сарфи назар кардан самараи бештар меоварад. Ҳамин ки шумо диққати худро ба чиз дигар равона кунед, фикри безоркунанда қувваи худро гум мекунад. Бинобар ин ҳангоме ки озмоиш ногоҳ ба шумо занг занад, бо ӯ баҳс кардан лозим нест. Гӯшаки телефонро гузоред — ва халос!

Гоҳо барои ин лозим меояд, ки бархезед ва ба маънои таҳтуллафзӣ аз вазъияти хатарнок дур равед. Ин ягона мавридест, ки гурехтан ҷоиз аст. Аз диван бархеста, телевизорро ба кор андозед. Аз тӯдаи ғайбаткунандагони пичиросзананда дур шавед. Аз толори синамо дар нисфи филм хеста равед. Барои он ки занбӯрон шуморо нагазанд, аз занбӯрхона дур шавед. Барои ба мавзӯи дигар равона кардани диққати худ ҳама кори лозимиро кунед.

Аз ҷиҳати рӯҳонӣ ақли мо органи таъсирпазиртарин аст. Барои кам кардани қувваи озмоиш, ақли худро бо Каломи Худо ва дигар фикрҳо пур кунед. Фикрҳои бадро танҳо бо андешаронӣ оиди чизи нек бартараф кардан мумкин аст. Ин принсипи ивазкунӣ аст. Мо бадиро бо некӣ паси сар мекунем (Рум. 12:21). Агар фикрҳои шумо бо чизи дигар банд бошанд, шайтон диққати шуморо ҷалб карда наметавонад. Аз ҳамин сабаб Китоби Муқаддас борҳо

моро даъват мекунад, ки доимо ба Исои Масеҳ нигоҳ кунем: «Назари рӯҳонии худро ба Исо равона кунед» (Ибр. 3:1). «*Хуллас, эй бародарон, ҳар он чи рост аст, ва ҳалол аст, ва боинсоф аст, ва пок аст, ва хушоянд аст, ва шоёни таҳсин аст, ва ҳар эҳсон ва ҳамде ки бошад, дар бораи онҳо фикр кунед*» (Фил. 4:8).

Агар шумо ба таври ҷиддӣ озмоишро паси сар кардан хоҳед, бояд идора кардани фикрҳои худ ва назорат намудани тамоми маълумотро ёд гиред. Хирадмандтарин шахси ҳамаи замонҳо ва халқҳо огоҳ карда буд: «*Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст*» (Мас. 4:23). Тафтиш накарда, ҳар чизи рост омадаро ба хотираи худ ҷой додан лозим нест. Интихоб намоед. Бо ҷиддият интихоб намоед, ки оиди чӣ бояд фикр кунед ва оиди чӣ набояд фикр кунед. Ба намунаи ҳаввории Павлус пайравӣ намоед: «*Мо ҳар фикрро асир карда, ба Масеҳ мутеъ мегардонем*» (2 Қӯр. 10:5). Инро то охири умр машқ кардан даркор аст, аммо бо ёрии Рӯҳулқудс мо ҳақиқатан метавонем тафаккури худро дигаргун намоем, аз нав барномарезӣ кунем.

**Душвориҳои худро ба дӯст ё узви гурӯҳи хурди худ гӯед**. Дар ин бора ба тамоми ҷаҳон хабар додан даркор нест, аммо ба шумо ақаллан як шахс даркор аст, ки ба ӯ мушкилоти худро софдилона баён карда тавонед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ду нафар аз як нафар беҳтаранд, чунки барои онҳо аз меҳнаташон музди хубе пайдост. Зеро ки агар яке афтад, дигаре аз онҳо рафиқи худро бармехезонад. Валекин вой ба ҳоли он одами танҳо, вақте ки ӯ афтад, ва касе набошад, ки ӯро бархезонад!*» (Воиз 4:9–10).

Ба шумо рӯйрост мегӯям: агар дар муҳориба бо одати бади безоркунанда, вобастагӣ ё озмоиш мағлуб шавед, агар дар доираи сарбастаи ниятҳои неки иҷронашуда, амалҳои бади такрорӣ ва ҳисси

айбдорӣ банд шуда бошед, дар алоҳидагӣ аз он баромада наметавонед. Ба шумо ёрии беруна даркор аст! Баъзе озмоишҳоро танҳо бо ёрии рафиқ ё дӯсте ки барои шумо дуо мегӯяд, шуморо рӯҳбаланд мекунад ва доимо аз пешрафти корҳоятон бохабар мешавад, паси сар кардан мумкин аст.

РӮЗИ БИСТУ ҲАФТУМ:

## БАР ОЗМОИШ ҒОЛИБ ОМАДА

Худо ҳама чизро чунон ба низом даровардааст, ки раванди нашъунамо ва озодшавии шумо ҳатман иштироки масеҳиёни дигарро дар назар дорад. Муоширати ҳақиқӣ позаҳрест бар зидди гуноҳҳои рафънашаванда. Худо мегӯяд, ки ягона воситаи ба даст овардани озодии ҳақиқӣ он аст, ки «*Ба гуноҳҳои худ назди якдигар иқрор намоед ва барои якдигар дуо гӯед, то шифо ёбед: дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад*» (Яъқ. 5:16).

Оё дар ҳақиқат аз озмоиши безоркунанда, ки гаштаву баргашта бар шумо ғолиб меояд, шифо ёфтан мехоҳед? Роҳи илоҳии озодшавӣ хеле содда аст: ин озмоишро дар худ фурӯ нишондан даркор нест; беҳтараш ба касе оиди он гӯед! Ба касе ҳиссиёти худро ошкор намуда, мо ба роҳи шифоёбӣ дохил мешавем.

Ҳангоме ки мо дарди худро пинҳон мекунем, он фақат боқувваттар мешавад. Дар торикӣ мушкилот афзун шуда, торафт бузургтар мегарданд, аммо дар равшанӣ онҳо хушк ва пажмурда мешаванд. Решаи бемории мо маҳз дар ҳамон чизҳоест, ки мо пинҳон карданӣ мешавем. Бинобар ин ниқобро кашед, вонамуд накунед, ки корҳоятон хуб аст, ва сӯи озодӣ равона шавед.

Мо дар калисои худ «Сэддлбэк» мебинем, ки чӣ тавр қувваи ҳайратовари ин принсип майлу ҳавасҳо ва озмоишҳоро, ки дар назари аввал рафънопазир метобанд, мағлуб мекунад. Ин ба воситаи барно-

маи таълифкардаи мо, ки онро «Бозгашт ба ҳаёт» номидаем, ба амал меояд. Он раванди шифоёбиро дар бар мегирад, ки аз ҳашт қадам иборат буда, дар ҳақиқатҳои Китоби Муқаддас, ки дар Фармудаҳо оиди хушбахтӣ ва Мавъизаи болои кӯҳ зикр шудаанд, асос ёфтааст, ва дар атрофи гурӯҳҳои хурд бунёд карда мешавад. Дар давоми даҳ соли охир зиёда аз панҷ ҳазор кас аз бисёр навъҳои одатҳои бад, вобастагиҳо ва ранҷишҳо раҳоӣ ёфтанд. Ҳозир ин барномаро ҳазорон ҷамоатҳои дигар истифода мебаранд, ва ман онро барои калисои шумо низ бо исрор тавсия менамоям.

***Агар дар ҳаёти шумо чизе бошад, ки оиди он «гап зада наметавонед», ин аллакай маънои онро дорад, ки ин соҳаи ҳаёти шумо аз мувозинат берун шудааст ва шумо назоратро бар он аз даст додаед.***

Шайтон мехоҳад моро бовар кунонад, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ гоҳ он озмоишҳоеро, ки шумо бо онҳо мубориза мебаред, аз сар нагузарондааст, ва гуноҳҳоеро ба монанди гуноҳҳои шумо содир накардааст, ва аз ҳамин сабаб шумо ҳатман бояд ҳамаи инро махфӣ нигоҳ доред. Дар асл ҳамаи мо дар як хел вазъият ҳастем. Ҳамаи мо дар ҳаёт бо ҳамон як озмоишҳо дучор мешавем (1 Қӯр. 10:13), ва «*ҳамаи мо гуноҳ кардаем*» (Рум 3:23). Миллионҳо шахсони дигар ҳамон ҳиссиёти нохуберо, ки шуморо фаро гирифтаанд, доштанд ва доранд, ва ҳамон мушкилотеро, ки ҳозир ба онҳо рӯ ба рӯ шудаед, аз сар гузарондаанд.

Мо аз боиси ғурур норасоиҳои худро пинҳон медорем, Мо мехоҳем, ки дигарон моро шахси боадаб ва ботамкин ҳисобанд. Дар асл, агар дар ҳаёти шумо чизе бошад, ки оиди он «гап зада наметавонед», ин аллакай маънои онро дорад, ки ин соҳаи ҳаёти шумо аз мувозинат берун шудааст ва шумо назоратро бар

он аз даст додаед, хоҳ мушкилоти молиявӣ бошад, хоҳ муносибатҳо бо ҳамсар, мушкилот бо фарзандон, фикрҳои нохуб, ҳавасҳои шаҳвонӣ, одатҳои ниҳонӣ ё ягон чизи дигар. Агар дар алоҳидагӣ аз ӯҳдаи ҳамаи ин баромада метавонистед, кайҳо ин корро мекардед. Аммо ин аз дастатон намеояд. Як худи қувваи ирода ва ниятҳои нек кифоя нестанд.

Баъзе одатҳо ба хислати шумо хеле амиқ реша давондаанд, қисми ҷудонашавандаи ҳаёти шумо гардидаанд ва аз ҳамин сабаб худатон аз ӯҳдаи он баромада наметавонед. Ба шумо гурӯҳи хурд ё шарик барои дастгирии якдигар даркор аст, ки шуморо рӯҳбаланд кунад, ёрӣ расонад, барои шумо дуо гӯяд, бе ҳеҷ шарт шуморо дӯст дорад ва рафти корҳои шуморо тафтиш намояд. Ва шумо метавонед худи ҳамин корро нисбати ӯ ба ҷо оваред.

Ҳар боре, ки касе ба ман иқрор мешавад: «Ман ҳанӯз дар ин бора ба ҳеҷ кас нагуфтаам», ман барои ин шахс шодӣ мекунам, зеро медонам, ки акнун ӯро сабукии бузург ва озодӣ интизор аст. Эътирофи софдилона тамоми буғзи дилро берун мекунад, ва бори аввал дар давоми муддати дароз ӯ нури умедро мебинад. Ҳар боре ки мо ба фармудаи Худо итоат намуда, ба дӯсти тақводор оиди мушкилоти худ иқрор мешавем, ҳамин чиз рӯй медиҳад.

Иҷозат диҳед ба шумо саволи душвор диҳам: кадоме аз мушкилоти худро шумо бо тамоми қувва кӯшиш мекунед аз назари дигарон пинҳон доред? Оиди чӣ гап задан бароятон нохуш ва тарсовар аст? Шумо дар алоҳидагӣ аз ӯҳдаи ин баромада наметавонед. Ҳа, сустиҳои худро эътироф намудан хеле шармовар аст, аммо маҳз норасоии фурӯтанӣ шуморо аз қадам гузоштан ба сӯи шифоёбӣ бозмедорад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Худо ба мағрурон муқобилат мекунад, вале ба фурӯтанон файз мебахшад. Пас, ба Худо итоат намоед*» (Яъқ. 4:6–7).

**Ба иблис муқобилат намоед**. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки дар назди Худо фурӯтан шуда ва ба Ӯ мутеъ гардида, мо бояд ба иблис муқобилат намоем. Давоми ояти 7-ум аз боби чоруми Номаи Яъқуб чунин аст: «*Ба иблис муқобилат кунед, ва ӯ аз шумо хоҳад гурехт*». Мо маҷбур нестем, ки ба ҳуҷумҳои иблис бе ҳеҷ амали ҷавобӣ тоқат кунем. Мо бояд ба ӯ фаъолона муқобилат намоем.

Аҳди Ҷадид ҳаёти масеҳиро гоҳо муҳорибаи рӯҳонӣ бар зидди қувваҳои бадӣ меномад ва истилоҳоти ҳарбиро истифода мебарад, масалан, асир кардан, «мағлуб намудан», «дастболо шудан», «мубориза бурдан» ва «ҷадал намудан». Масеҳиён аксар вақт ба сарбозоне монанд карда мешаванд, ки хизмати ҳарбии худро дар ҳудуди душман адо менамоянд.

Ба иблис муқобилат намудан чӣ маъно дорад? Павлус инро ба мо мефаҳмонад. «*Ва хӯди наҷотро бигиред, ва шамшери Рӯҳро, ки каломи Худост*» (Эфс. 6:17). Аввалин коре ки бояд кунед, аз Худо наҷотро қабул намудан аст. То даме ки ба Масеҳ «ҳа» нагӯед, ба иблис «не» гуфта наметавонед. Бе Масеҳ мо дар рӯ ба рӯи иблис беҳимоя ҳастем, аммо ба шарофати «хӯди наҷот» ақли мо зери ҳимояи Худи Худост. Дар ёд нигоҳ доред, агар шумо имондор бошед, шайтон ҳақ надорад шуморо ба ин ё он амал маҷбур кунад, ӯ фақат бо қувваи талқин ба шумо таъсир расонда метавонад.

Сониян, шумо бояд бар зидди иблис бо шамшери Каломи Худо мубориза баред. Исо ба мо нишон дод, ки ин чӣ тавр карда мешавад, ҳангоме ки шайтон ӯро дар биёбон меозмуд. Ҳар боре ки шайтон ба Исо бо озмоиши навбатӣ наздик мешуд, Исо аз Навиштаи Муқаддас иқтибос оварда, ба ӯ муқобилат менамуд. Ӯ кӯшиш намекард, ки бо иблис баҳсу мунозира намояд. Ҳангоме ки шайтон Исоро водор

менамуд, ки барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти худ аз қувваи фавқуттабиӣ истифода барад, Ӯ чунин намегуфт: «Аммо ман тамоман хӯрдан намехоҳам». Ӯ дар ҷавоб фақат Навиштаи Муқаддасро аз ёд иқтибос меовард. Мо бояд айнан ҳамин тавр кунем. Каломи Худо қувват дорад, ва шайтон аз он метарсад.

Ҳеҷ гоҳ кӯшиш накунед, ки бо шайтон баҳс намоед. Ӯ дар ин кор аз шумо моҳиртар аст — ақаллан аз он ҷиҳат, ки чандин ҳазор сол инҷониб дар ин ҷода машқ кардааст. Шумо бо мантиқи бенуқсон ё ақидаҳои худ ӯро мулзам карда наметавонед, аммо аз як силоҳи шумо — аз ҳақиқати Худо! — ӯ ҳамеша ба ларза меояд. Аз ҳамин сабаб аз ёд кардани Навиштаи Муқаддас барои ҳимоя аз озмоишҳо ин қадар муҳим аст: ҳар гоҳе ки озмоишҳо наздик шаванд, шумо ҳамеша ба Каломи Худо дастрасии босуръат хоҳед дошт. Ба монанди Исо, ҳақиқатро дар дили худ нигоҳ доред, то ки дар ҳар лаҳза онро ба ёд оварда тавонед.

***Ҳеҷ гоҳ кӯшиш накунед, ки бо шайтон баҳс намоед. Ӯ дар ин кор аз шумо моҳиртар аст — ақаллан аз он ҷиҳат, ки чандин ҳазор сол инҷониб дар ин ҷода машқ кардааст.***

Агар шумо ягон порчаи Навиштаи Муқаддасро аз ёд надонед, ин маънои онро дорад, ки шумо тамоман бесилоҳ ҳастед! Ман ба шумо бо исрор маслиҳат медиҳам, ки то охири ҳаёти худ ҳар ҳафта ақаллан як ояти Китоби Муқаддасро аз ёд кунед. Тасаввур кунед, ба шарофати ин машқи оддӣ шумо то чӣ андоза боқувваттар мешавед!

**Фаҳмед, ки то чӣ андоза суст ҳастед**. Худо моро огоҳ мекунад, ки ҳеҷ гоҳ мағрур нашавем, зеро худбоварии беандоза моро ҳатман ба нохушӣ оварда мерасонад. Ирмиё гуфта буд: «*Дили инсон маккор аст, ва онислоҳнопазир аст*» (Ирм. 17:9). Ин маъ-

нои онро дорад, ки мо худро ба таври ҳайратовар бомуваффақият фиреб дода метавонем. Ҳангоми ба таври муайян мувофиқ омадани вазъиятҳо ҳар яки мо гуноҳ карда метавонад. Мо ҳеҷ гоҳ набояд ҳушёриро аз даст диҳем ва худро барои озмоишҳо дастнорас ҳисобем.

Худро сабукфикрона ба чунин вазъияте ки озмоиш шуморо ба дом афтонда тавонад, гузоштан лозим нест. Аз онҳо канораҷӯӣ кунед (Мас. 14:16). Дар ёд нигоҳ доред, ки пешакӣ аз озмоиш барканор шудан хеле осонтар аз он аст, ки аз доми он берун оед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Бинобар ин ҳар кӣ гумон мекунад, ки ба пойҳояш устувор истодааст, эҳтиёт кунад, ки наафтад*» (1 Қӯр. 10:12).

## РӮЗИ БИСТУ ҲАФТУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Роҳи баромад ҳамеша ҳаст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Худо амин аст, ва Ӯ намегузорад, ки шумо берун аз қуввати худ озмуда шавед, балки дар баробари озмоиш сабукӣ ҳам медиҳад, то ки шумо тоб оварда тавонед*» (1 Қӯр. 10:13).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман аз кӣ метавонам хоҳиш кунам, ки шарики дастгирӣ ва назорати ҳамдигарӣ шавад, то ки ин шахс барои ман дуо гӯяд ва ба ин восита барои мубориза бар зидди озмоиши безоркунанда ба ман ёрӣ диҳад?

# 28

# БАРОИ ҲАМА ЧИЗ ВАҚТ ДАРКОР АСТ

*Барои ҳар чиз замоне ҳаст, ва барои ҳар кор дар таҳти осмон вақте ҳаст.*

Воиз 3:1

*Ва яқин дорам, ки Ӯ ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд.*

Фил. 1:6

Ба балоғати рӯҳонӣ бо роҳҳои кӯтоҳ расидан ғайриимкон аст.

Барои ҳақиқатан шахсони болиғ шудан ба мо солҳои зиёд даркор шудаанд, ва низ барои пухтани ҳама гуна мева якчанд моҳ даркор аст. Оиди самари Рӯҳулқудс низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Инкишофи хислати тақводоронаро шитобонидан мумкин нест. Барои балоғати рӯҳонӣ, чун барои балоғати ҷисмонӣ, вақт даркор аст.

Агар мӯҳлати пухтани меваҳоро ба таври сунъӣ тезонем, онҳо мазаашонро гум мекунанд. Дар Амрико одатан помидорро нимпухта мечинанд, то ки онҳо ҳангоми ба мағозаҳо бурдан маҷақ нашаванд.

Баъд пеш аз фурӯш онро бо гази оксиди карбон коркард менамоянд, то ки онҳо дарҳол ранги сурх пайдо кунанд. Ин помидорҳои коркардшуда пурра хӯрданибоб ҳастанд, аммо онҳо бо помидорҳои хуштаъме ки дар буттаи худ тадриҷан, бешитоб, то охир пухта расидаанд, тамоман баробар шуда наметавонанд.

Мо гоҳо оиди суръати нашъунамои худ хавотир мешавем, аммо Худо оиди он ғамхорӣ мекунад, ки мо то кадом андоза *боқувват* ба воя мерасем. Худо ба ҳаёти мо аз *нуқтаи назари абадият* менигарад ва аз ҳамин сабаб ба ҳеҷ куҷо намешитобад.

***Мо гоҳо оиди суръати нашъунамои худ хавотир мешавем, аммо Худо оиди он ғамхорӣ мекунад, ки мо то кадом андоза боқувват ба воя мерасем.***

Лейн Адамс боре раванди нашъунамои рӯҳониро бо стратегияи иттиҳоди зиддифашистӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар амалиётҳои озодкунии ҷазираҳои уқёнуси Ором монанд карда буд. Ба ҷазираи навбатӣ наздик омада, артиллеристҳо ба он бомбаҳо, норинҷакҳо ва дигар моддаҳои таркандаро партофта, «заминро нарм мекарданд». Инро артиллеристҳо коркард бо оташи артиллерия бо мақсади фурӯ нишондани муқобилати душман меноманд. Дар марҳилаи дуюм гурӯҳи хурди пиёдааскарони баҳрӣ ба ҷазира фаромада, дар соҳил барои ҳуҷум такягоҳи мувофиқ ишғол мекарданд. Он метавонист тамоман хурдакак бошад, аммо барои мустаҳкам дар соҳил ҷойгир шудан даркор буд. Чунин такягоҳро ишғол намуда, сарбозон раванди тӯлонии озодкунии тамоми ҷазираро сар мекарданд, ва тадриҷан аз душман порчаҳои нав ба нави ҳудуди ҷазираро зада мегирифтанд. Дар охир онҳо тамоми ҷазираро озод мекарданд, ва одатан ин дар ивази муҳорибаҳои зиёди хунин ба даст меомад.

Адамс чунин хати мувозӣ гузаронд: пеш аз он ки моро ба тавба ва руҷӯъ кардан водор карда, ҳаёти моро ба даст оварад, гоҳо ба Масеҳ лозим меояд, ки замини дили моро «нарм кунад» — дар ҳаёти мо мушкилотеро роҳ диҳад, ки мо онҳоро бартараф карда наметавонем. Баъзе касон пас аз аввалин тақ-тақи Масеҳ дарро мекушоянд, аммо аксари мардум муқобилат мекунанд ва ба ҳимояи қатъӣ мегузаранд. Гоҳо, пеш аз он ки мо ба ҳар ҳол тавба кунем, ба Исо лозим меояд, ки чунин гӯяд: «*Инак, Ман дар назди дар истодаам ва бомбаандозӣ мекунам!*»

Ҳамин ки мо дар назди Масеҳ дари дили худро мекушоем, Худо амалан дар ҳаёти мо «такягоҳ» ишғол мекунад. Шояд ба шумо чунин метобад, ки аллакай ба Ӯ *тамоми* ҳаёти худро додаед, аммо дар асл дар он бисёр чизҳое ҳастанд, ки шумо ҳатто намедонед. Шумо ба Худо танҳо он соҳаҳои мавҷудияти худро, ки ҳозир мебинед ва медонед, дода метавонед. Ва ин ҳеҷ бадӣ надорад. Ҳамин ки Масеҳ дар «такягоҳ»-и худ устувор ҷойгир шуд, Ӯ дарҳол маъракаи забт намудани қитъаҳои нав ба нави ҳаёти шуморо сар мекунад, то даме ки тамоми ҳаёти шумо пурра ба Ӯ тааллуқ дошта бошад. Душвориҳо, муҳорибаҳои хунин ҳам мешаванд, аммо шубҳае нест, ки ин ба ҷӣ оварда мерасонад. Худо ваъда додааст, ки «*Ӯ ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд*» (Фил. 1:6).

Шогирдӣ раванди ба Масеҳ монанд шудан аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки мо «*ба ягонагии имон ва шиносоии Писари Худо, ба дараҷаи шахси комил, ба андозаи бузургии пурраи Масеҳ мерасем*» (Эфс. 4:13). Дар ниҳояти кор мо ҳақиқатан ба Масеҳ монанд мешавем, аммо ин роҳ ба сӯи тақводорӣ тамоми умри боқимонда давом хоҳад кард.

Мо аллакай гуфта будем, ки дар ин роҳ мо бояд *имон дошта бошем* (ба воситаи парастиш), *қисми*

*оилаи Худо бошем* (ба воситаи узвият дар калисо) ва *ба Масеҳ монанд шавем* (ба воситаи шогирдӣ). Худо мехоҳад, ки ҳар рӯз мо ақаллан андаке бештар ба Ӯ монанд шавем: «*Ва одами навро дар бар кардаед, ки вай дар дониш ба шабоҳати Офарандаи худ нав мешавад*» (Қӯл. 3:10).

Имрӯз мо хеле мехоҳем ҳарчи зудтар ба натиҷаҳо ноил шавем, аммо барои Худо на суръат, балки қувват ва устуворӣ муҳим аст. Мо майл ба он дорем, ки зудтар аз мушкилоти худ раҳо шавем ва ба сӯи озодӣ роҳи кӯтоҳеро пайдо намоем, худи ҳозир шифо ёбем. Мо мехоҳем, ки мавъизаи навбатӣ, семинар ё азсаргузаронии рӯҳонӣ ҳамаи мушкилоти моро ҳал кунанд, моро аз озмоишҳо раҳо кунанд ва аз ҳамаи дардҳои нашъунамо озод намоянд. Аммо балоғати ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ самари як воқеаи алоҳида нест, новобаста ба он ки он то кадом дараҷа бузург ё таъсирбахш аст. Нашъунамо тадриҷан ба амал меояд: «*Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Худованд, яъне аз Рӯҳ аст*» (2 Қӯр. 3:18).

## ЧАРО ИН ҚАДАР ДЕР?

Агарчи, умуман, Худо *метавонад* моро дар як лаҳза дигаргун кунад, Ӯ қарор додааст, ки шитоб накарда моро нашъунамо кунонад. Исо ба нашъунамои пайравони Худ бо ҷиддияти том муносибат мекунад. Замоне Худо ба исроилиён имкон дод, ки Замини Ваъдашударо «*кам-кам*» (Так. 7:22) забт намоянд, то ки онҳо аз ин кори бузург ва душвор дарҳол дасту по гум накунанд. Айнан ҳамин тавр Ӯ дар ҳаёти мо низ тадриҷан, кам-кам таъсири Худро афзун намуда, амал намуданро афзал медонад.

Чаро ба мо ин қадар вақти зиёд даркор аст, то ки дигаргун шавем ва нашъунамо кунем? Якчанд сабабҳо ҳастанд.

**Мо шогирдони хеле белаёқат ҳастем**. Гоҳо ба мо лозим меояд, ки ҳамон як дарсро чил ё панҷоҳ бор «гузарем», то ки онро хуб аз худ кунем. Мушкилӣ гаштаву баргашта ба миён меояд, ва мо гумон мекунем: «Ана, боз худи ҳамон чиз! Охир, ман аллакай аз ӯҳдаи он баромада будам-ку!» Аммо Худо беҳтар мебинад. Таърихи халқи Исроил ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки мо то чӣ андоза зуд ба одатҳои пештараи худ бозмегардем. Ба мо такрорҳои зиёд даркоранд.

**Мо бояд бисёр чизҳоро аз худ дур кунем**. Бисёр касон бо душвориҳои шахсӣ дар муносибатҳое ки *солҳои дароз* ташаккул ёфтаанд, ба машварати психологӣ омада, талаб мекунанд: «Ман як соат вақт дорам. Маро аз ин раҳо кунед». Ва соддалавҳона интизор мешаванд, ки психолог ба онҳо ҳалли босуръати масъалаи мураккаберо, ки решаҳои чуқур дорад, пешниҳод мекунад. Азбаски бисёрии мушкилоти мо ва ҳамаи одатҳои бади мо дирӯз ва парерӯз пайдо нашудаанд, интизор шудан мумкин нест, ки онҳо дарҳол аз байн мераванд. Чунин дору, дуо ё принсипи библиявӣ нест, ки натиҷаҳои солҳои зиёдро фавран барҳам занад. Барои ин дуру дароз ва бо қатъият меҳнат намуда, аз ҳаёти худ гуноҳро дур карда, онро бо тақводорӣ иваз намудан лозим аст. Китоби Муқаддас ин равандро аз худ *дур кардан одами кӯҳна ва дар бар намудани одами нав* меномад (Рум. 13:12, Эфс. 4:22–25, Қӯл. 3:7–10, 14). Агарчи дар лаҳзаи тавба кардан Худо ба мо табиати нав дод, дар мо ҳанӯз майлҳои пештара, одатҳо ва аксуламалҳои кӯҳна боқӣ мондаанд, ки онҳоро дур кардан ва иваз намудан даркор аст.

**Мо аз он метарсем, ки ба ҳақиқат оиди худ фурӯтанона нигоҳ кунем**. Ман аллакай гуфта бу-

дам, ки ростӣ ҳақиқатан моро озод мекунад, аммо гоҳо чунин мешавад, ки дар аввал он ба мо азобҳои зиёд меоварад. Тарс аз он чи ҳангоми ба хислати худ софдилона нигаристанамон ошкор шуда метавонад, моро дар банди худфиребӣ нигоҳ медорад. Танҳо бо мурури он ки Худо ба норасоиҳо, амалҳои нохуби мо нури ҳақиқати Худро равона мекунад, мо барои бартараф намудани онҳо корро сар карда метавонем. Аз ҳамин сабаб, агар ба омӯхтан тайёр набошем ва хоҳиш низ надошта бошем, нашъунамо карданамон ғайриимкон аст.

**Раванди нашъунамо аксар вақт тарсовар ва дарднок мешавад**. Нашъунамо ҳамеша бо худ дигаргуниҳо меоварад, дигаргуниҳо ҳамеша боиси тарс ё маҳрумиятҳо мешаванд, ва маҳрумиятҳо ҳеҷ гоҳ бе дарду алам намегузаранд. Ҳама гуна дигаргунӣ ҳатман боиси ягон хел маҳрумият мегардад, барои омӯхтани ягон чизи нав аз худ чизи кӯҳнаро дур кардан лозим меояд. Мо аз ин дигаргуниҳо метарсем, ҳатто агар рафтор ва рағбатҳои пештара ба мо фақат зарар меоварда бошанд ҳам: охир, онҳо ба монанди пойафзоли кӯҳна мувофиқ ва одатӣ буданд.

*Нашъунамо ҳамеша бо худ дигаргуниҳо меоварад, дигаргуниҳо ҳамеша боиси тарс ё маҳрумиятҳо мешаванд, ва маҳрумиятҳо ҳеҷ гоҳ бе дарду алам намегузаранд.*

Одамон аксар вақт «ман»-и худро бо норасоиҳои худ муайян мекунанд. Мо бо тавба мегӯем: «Мутаассифона, ман доимо ҳамин тавр рафтор мекунам», ё «Ман ана ҳамин хел шахс ҳастам», аммо дар айни ҳол метарсем: агар ранҷиши гузаштаро бахшам, аз одати бад халос шавам, ман кӣ мешавам? Ин тарс раванди нашъунаморо ба таври ҷиддӣ боздошта метавонад.

**Одатҳо бо мурури замон инкишоф меёбанд**. Дар ёд нигоҳ доред, ки тавсифи шахс маҷмӯи одатҳои ӯ мебошанд. То даме ки некӣ *одат* нашавад, то даме ки беихтиёр рафтори нек накунед, худро нек номидан мумкин нест. То даме ки ҳамеша аз рӯи виҷдон амал кардан бароямон *одат* нашавад, худро бовиҷдон номиданамон мумкин нест. Шавҳареро, ки *аксар вақт* ба зани худ вафодор аст, ҳеҷ гоҳ вафодор номидан мумкин нест! Хислати шуморо одатҳоятон муайян менамоянд.

РӮЗИ БИСТУ ҲАШТУМ:

## БАРОИ ҲАМА ЧИЗ ВАҚТ ДАРКОР АСТ

Танҳо як воситаи дар худ инкишоф додани одатҳои тақводорона ҳаст: гаштаву баргашта худро ба тарзи зиндагии тақводорона *одат* кунондан. Ва барои ин вақт даркор аст. Одатҳои фаврӣ умуман вуҷуд надоранд. Павлус ба Тимотиюс гуфта буд: «*Бо ҷиддият бо ин кор машғул шав ва барои ин саъю кӯшиш намо, он гоҳ ҳама муваффақияти туро мебинанд*» (1 Тим. 4:15).

Агар муддати зиёд бо коре машғул шавед, ҳатман хеле хуб ба ҷо овардани онро ёд мегиред. Такрор модари лаёқат ва хислат аст. Ин одатҳоро, ки ба инкишофи хислати мо нигаронида шудаанд, аксаран «*интизомҳои рӯҳонӣ*» ё «*машқҳои рӯҳонӣ*» меноманд, ва бисёр китобҳои хуб ҳастанд, ки инкишоф додани онҳоро ба шумо ёд медиҳанд.

## ШИТОБ НАКУНЕД

Бо мурури нашъунамои рӯҳонӣ мо метавонем ба он чи Худо дар дили мо мекунад, мусоидат намоем ва ҳамқадами он бошем. Барои ин мо бояд якчанд лаҳзаҳои зеринро дар ёд нигоҳ дорем.

**Бовар кунед, ки Худо дар ҳаёти шумо амал мекунад, ҳатто агар шумо инро ҳис накунед ҳам.** Гоҳо нашъунамои рӯҳонӣ душвор ва оҳиста, бо қадамҳои хурд ба амал меояд. Дар ёд нигоҳ доред, ки беҳбудиҳо дарҳол не, балки тадриҷан фаро мерасанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Барои ҳар чиз мӯҳлате ҳаст, ва барои ҳар кор дар таҳти осмон вақте ҳаст*» (Воиз 3: 1). Дар ҳаёти рӯҳонӣ низ вақт ва мӯҳлатҳои худ ҳаст. Гоҳо шумо аз давраҳои нашъунамои босуръат (баҳор) мегузаред, ки аз пайи он вақти решагирӣ ва санҷиш (тирамоҳ ва зимистон) меояд.

Аммо бо он мушкилот, ранҷишҳо ва одатҳое. Ки аз онҳо фавран раҳо шудан мехоҳем, чӣ бояд кард? Албатта, аз Худо оиди мӯъҷиза илтимос кардан мумкин ва даркор аст, аммо агар дар ҷавоби дуоҳоятон дигаргуниҳои тадриҷӣ ва пайдарҳам оянд, рӯҳафтода нашавед. Мунтазам рехтани об бо мурури замон ҳатто харсанги сахттаринро хӯрда мекунад ва сангҳои бениҳоят калонро ба сангчаҳои оддӣ табдил медиҳад. Бо мурури замон майсаи хурдакак метавонад ва секвойяи азиме табдил ёбад, ки баландияш саду панҷоҳ метр аст.

**Дафтарча тартиб диҳед ва ба он ҳамаи дарсҳои гузаштаатонро нависед.** Ин дафтарча на барои сабти воқеаҳои ҳаррӯза, балки барои чизҳои меомӯхтаи шумо мебошад. Дар он фикрҳо, кашфиётҳои худ, он чиро, ки Худо ба шумо оиди Худ таълим медиҳад, оиди худатон, оиди ҳаёти худ, оиди муносибатҳо ва оиди ҳама чизҳои дигар нависед. Ҳамаи инро навишта гиред, то ки гоҳ-гоҳ ба гузашта бозгашта, дарсҳои пештарароро ба ёд оваред ва онҳоро ба насли минбаъда расонед (Заб. 101: 19, 2 Тим. 3:14). Дарсҳоеро, ки Худо ба мо омӯзондааст, мо зуд фаромӯш мекунем. Маҳз аз он сабаб ба Худо лозим меояд онҳоро гаштаву баргашта такрор кунад. Мунтазам аз нав хон-

дани дафтарчаи рӯҳонии худ шуморо аз дардҳову азобҳои зиёди нодаркор ҳифз намояд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст. «*Мо бояд боз ҳам бештар он чиро, ки шунидаем, пайравӣ намоем, то ки моро маҷро дур набарад*» (Ибр. 2:1).

**Ба Худо ва ба худ бо сабру таҳаммул муносибат намоед**. Дар ҳаёт моро бисёр вақт он чиз озурдахотир мегардонад, ки мӯҳлатҳои Худо на ҳамеша бо мӯҳлатҳои мо мувофиқат мекунанд. Мо бисёр вақт шитоб мекунем, агарчи Худо ба ҳеҷ куҷо намешитобад. Шояд шумо аз он сабаб аллакай сабру тоқатро аз даст додаед, ки пешравӣ ба назаратон беҳад суст метобад. Дар ёд нигоҳ доред, ки Худо агарчи намешитобад, ҳама корро дар вақташ мекунад. Ӯ дар тӯли тамоми умри боқимондаи заминиятон шуморо ба абадият тайёр мекунад.

***Дар ёд нигоҳ доред, ки Худо агарчи намешитобад, ҳама корро дар вақташ мекунад.***

Дар Китоби Муқаддас бисёр намунаҳои он ҳастанд, ки Худо дар одамон, хусусан дар сарварон хислати тақводоронаро оҳиста ва дақиққорона ба вуҷуд меоварад. Дар мавриди Мусо ба Ӯ ҳаштод сол даркор шуд, бо иловаи чил соли оворагардӣ дар биёбон. Мусо 14600 рӯз интизор шуда, мепурсид: «Кай?», аммо Худо доимо ҷавоб медод: «Боз каме сабр кун».

Бо вуҷуди номҳои баъзе китобҳои ҳозиразамон, дар ҷаҳон «*Роҳи босуръати ба балоғат расидан*» ва «*Асрори муқаддасии фаврӣ*» вуҷуд надоранд. Худо замбӯруғҳоро дар як шаб рӯёнида метавонад, аммо барои парвариш намудани чанори бузург ба Ӯ сад сол даркор аст. Ҷонҳои боқувват, дӯстдор ба воситаи паси сар намудани душвориҳо, тӯфонҳо ва азобҳои ҳаётӣ ба воя мерасанд. Яъқуб маслиҳат медод: «*Сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки*

*шумо комил ва солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед»* (Яъқ. 1:4).

**Рӯҳафтода нашавед**. Ҳангоме Ҳабаққуқ аз он ғамгин шуд, ки ба фикри ӯ, Худо на он қадар тез амал менамуд, Худо ба ӯ чунин ҷавоб дод: «*Зеро рӯъё барои мӯҳлати муайян аст, ва аз фарҷом гувоҳӣ медиҳад, ва дурӯғ намегӯяд; агар даранг кунад, онро мунтазир шав, зеро ҳатман ба амал хоҳад омад, дер нахоҳад кард*» (Ҳаб. 2:3). Агар Худо оҳиста амал кунад, ин маънои онро надорад, ки Ӯ аз амал кардан даст кашидааст.

На оиди он ки боз чӣ қадар роҳ рафтанатон даркор аст, балки оиди он андеша намоед, ки чӣ қадар роҳро аллакай тай намудаед. Шумо ҳанӯз ба мақсади муқарраршуда нарасидаед, аммо дар муқоиса бо он чи пештар буд, хеле пеш рафтаед. Замоне дар кишвари мо як нишонаи сарисинагӣ маъмул ва паҳншуда буд. Дар он чунин ҳарфҳо буданд: ИСКХҲКДМТН. Ин чунин маъно дошт: «Илтимос, Сабр Кунед — Худо Ҳанӯз Корашро Дар Ман Тамом Накардааст». Ӯ дар болои мо низ ҳанӯз бо диққат кор карда истодааст, бинобар ин ба пеш рафтанро давом диҳед. Ҳатто тӯқумшуллук ба киштии Нӯҳ расид, зеро муддати зиёд ва бо исрор ба сӯи мақсад мехазид!

## РӮЗИ БИСТУ ҲАШТУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Роҳи кӯтоҳтарин ба сӯи балоғати рӯҳонӣ вуҷуд надорад.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ва яқин дорам, ки Ӯ ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро*

*то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд»* (Фил. 1:6).

**Савол барои андешаронӣ**: Дар кадом соҳаи нашъунамои рӯҳонии худ ман бояд бештар қатъият нишон диҳам ва босабр бошам?

# МАҚСАДИ ЧОРУМ

# ШУМО БАРОИ ХИЗМАТ БА ХУДО ОФАРИДА ШУДАЕД

Мо «фақат ходимоне ҳастем...
ва ҳар яке ба андозае ки Худованд ба вай ато
кардааст, кореро, ки Худованд ба ӯ супоридааст,
ба ҷо овард. Ман кишт кардам, Апӯллӯс
об дод, лекин Худо сабзонид.

*1 Қӯр 3:5–6*

# 29

# КОРИ СУПУРДАШУДАРО ҚАБУЛ КАРДА

*Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои корҳои нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем.*

Эфс. 2:10

*Ман Туро дар рӯи замин ҷалол додам ва кореро, ки ба Ман супурда будӣ, то кунам, ба анҷом расондам.*

Юҳ. 17:4

Шумо барои он дар рӯи замин пайдо шудаед, ки дар таърих ҳиссаи худро гузоред.

Шумо на танҳо барои он офарида шудаед, ки истеъмолкунанда бошед — хӯред, нафас кашед ва ҷойро ишғол намоед. Худо шуморо барои он офарид, ки мавҷудияти шумо дар рӯи замин асаре боқӣ гузорад. Агарчи бисёрии китобҳои бозоргири ҳозира ба мо боисрор маслиҳат медиҳанд, ки аз ин зиндагӣ ҳарчи бештар чизҳоро «*ба даст оварем*», Худо моро на барои ин муқаррар намудааст. Мо на танҳо барои аз ҳаёт чизе гирифтан, балки ҳамчунин барои саҳми худро дар он гузоштан даъват шудаем. Худо мехоҳад, ки мо аз он чи худамон гириф-

таем, ба дигарон чизе диҳем. Ин мақсади чоруми Ӯ барои ҳаёти мост — он «хизмат» номида мешавад. Китоби Муқаддас ба мо муфассал гуфта медиҳад, ки ин чист.

**Мо барои хизмат ба Худо офарида шудаем**. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо «*моро барои иҷрои... корҳои нек, ки Ӯ пешакӣ барои мо таъйин намудааст, ба вуҷуд овардааст*» (Эфс. 2:10б). Ин корҳои нек хизмати мо мебошанд. Ҳар боре ки шумо ба ягон кас хизмат мекунед, дар айни ҳол ба Худо хизмат намуда (Қӯл. 3:23–24, Мат, 25, 34–45, Эфс. 6:7), яке аз ҷиҳатҳои таъйиноти худро иҷро мекунед. Дар ду боби оянда шумо мебинед, ки Худо шуморо бо диққат барои ин *ташаккул додааст*. Он чи Худо ба Ирмиё гуфта буд, ба шумо низ дахл дорад: «*Ман туро пеш аз он ки дар батн ба вуҷуд оварам, шинохтам, ва туро пеш аз он ки аз шикам берун оӣ, тақдис намудам*» (Ирм. 1:5). Шумо дар ин сайёра барои иҷрои вазифаи махсус ҷой дода шудаед.

**Мо барои хизмат ба Худо наҷот дода шудаем**. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ӯ моро на бар тибқи аъмоли мо, балки аз рӯи нақша ва аз рӯи меҳрубонии бузурги Худ наҷот додааст ва ба даъвати муқаддас хондааст*» (2 Тим. 1:9). Худо моро барои он кафорат намуд, ки мо ба «даъвати муқаддас»-и Ӯ ҷавоб дода тавонем. Мо на *ба шарофати* амалҳои худ, балки *барои он* наҷот дода шудаем, ки кори бароямон супоридашударо ба ҷо оварем. Ҳамаи ин ба ҳаёти мо аҳамият ва арзишнокӣ медиҳад.

РӮЗИ БИСТУ НӮҲУМ:

## КОРИ СУПУРДАШУДАРО ҚАБУЛ КАРДА

Барои наҷот додани мо ба Масеҳ лозим омад, ки ҳаёти Худро диҳад. Китоби Муқаддас моро огоҳ менамояд: «Зеро ки шумо

ба нархи гарон харида шудаед. Пас, дар ҷисмҳои худ ва дар ҷонҳои худ Худоро ҳамду сано кунед, ки онҳо ба Худо тааллуқ доранд» (1 Қӯр. 6:20). Мо ба Худо на аз ҳисси тарс ё айбдорӣ, ё ҳатто на аз ҳисси вазифашиносӣ хизмат мекунем; моро хурсандӣ ва шукргузории амиқ барои он чи Ӯ баҳри мо кардааст, таҳрик медиҳад. Ӯ ба мо ҳаёт додааст. Ба шарофати наҷоти Ӯ гуноҳҳои гузаштаи мо бахшида шудаанд ва мо ба оянда боварии қатъӣ дорем. Дар партави ин атоҳои ҳайратовар Павлус моро даъват мекунад: «*Пас, шуморо, эй бародарон, ба марҳамати Худо даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд*» (Рум. 12:1).

Ҳаввории Юҳанно таълим медод, ки мо ҳақиқӣ будани наҷоти худро он вақт исбот менамоем, ки ба дигарон бо муҳаббат хизмат мекунем: «*Мо медонем, ки аз марг ба ҳаёт гузаштаем, чунки бародаронро дӯст медорем*» (1 Юҳ. 3:14). Агар ман одамонро дӯст надорам ва хоҳиши хизмат кардан ба онҳо надошта бошам, агар фақат оиди эҳтиёҷоти худ ғамхорӣ кунам, ман бояд фикр кунам, ки оё дар ҳақиқат Масеҳ дар ҳаёти ман сокин аст. Дили наҷотёфта бо хоҳиши пурҷӯшу хурӯши хизмат кардан ба дигарон фарқ мекунад.

Бояд гуфт, ки дар доираҳои масеҳии ҳозира истилоҳи «хизмат» аксаран на он қадар дуруст фаҳмида мешавад. Барои бисёрии одамон он ба шубонони дастгузошта ва коҳинони касбӣ дахл дорад, аммо Худо мегӯяд, ки ҳар як узви оилаи Худо ходим аст. Дар Китоби Муқаддас калимаҳои «*хизмат*» ва «*ходим*» бо маънои одатӣ, маъмулии феъли «хизмат кардан» робитаи ногусастанӣ дорад. Агар шумо масеҳӣ бошед, пас шумо ходим ҳастед — пас шумо хизмат мекунед, яъне ба таври ҳақиқӣ дар амал ба одамони дигар ёрӣ мерасонед.

Ҳангоме ки Исо модарарӯси беморшудаи Петрусро шифо дод, ӯ ҳамон замон бархост ва аз саломатии ба даст овардааш шод шуда, *«ба онҳо хизмат кард»* (Мат. 8:15). Мову шумо низ ба ин даъват карда шудаем. Худо моро шифо медиҳад, то ки мо ба дигарон ёрӣ диҳем. Мо баракатҳоро қабул менамоем, то ки дигаронро баракат диҳем. Мо барои он наҷот ёфтаем, ки хизмат кунем, на барои он ки дар интизории Подшоҳии Осмон ҳеҷ кор накарда шинем.

***Агар ман одамонро дӯст надорам ва хоҳиши хизмат кардан ба онҳо надошта бошам, агар фақат оиди эҳтиёҷоти худ ғамхорӣ кунам, ман бояд фикр кунам, ки оё дар ҳақиқат Масеҳ дар ҳаёти ман сокин аст.***

Оё ягон вақт фикр кардаед, ки чаро Худо моро дарҳол, ҳангоме ки файзи Ӯро қабул мекунем, назди Худ ба Осмонҳо намегирад? Чаро Ӯ моро дар ин ҷаҳони пургуноҳ боқӣ мегузорад? Ӯ моро барои он дар ин ҷо мемонад, ки он чиро, ки Ӯ бароямон муқаррар намудааст, ба ҷо оварем. Ҳангоме ки мо наҷот меёбем, Худо барои амалӣ гардондани нақшаҳои Худ ба воситаи мо амал намуданро сар мекунад. Худо барои мо *хизмат* дар калисои Ӯ ва *вазифаеро*, ки бояд дар ҷаҳон ба ҷо оварем, омода намудааст.

**Мо бояд ба Худо хизмат кунем**. Шояд дар хурдӣ шумо гумон мекардед, ки Худо танҳо миссионерон, шубонон, роҳибаҳо ва дигар шахсонеро, ки ҳаёти худро пурра ба калисо бахшидаанд, барои хизмат «даъват» мекунад. Аммо дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки ҳар як масеҳӣ ба хизмат даъват карда шудааст (Эфс. 4:4–14. Ҳамчунин ниг. Рум. 1:6–7, 8:28–30, 1 Қӯр. 1:2,9,26; 7:17, Фил. 3:14, 1 Пет. 2:9, 2 Пет. 1:3). Даъват ба наҷот даъват ба хизматро низ дар назар дорад. Ин айнан як чиз аст. Шумо дар

ҳар ҷой ва бо ҳар касе ки кор кунед, бояд *тамоми ҳаёти худро* ба хизмати масеҳӣ *бахшед.* «Масеҳие ки дар хизмат иштирок намекунад, — номувофиқатии мантиқӣ аст».

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо «*моро наҷот додааст ва ба даъвати муқаддас хондааст, на бар тибқи аъмоли мо, балки ба ҳасби таъйиноти Худ*» (2 Тим. 1:9). Петрус илова менамояд, ки шумо «*қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед*» (1 Пет. 2:9). Ҳар боре ки мо бо истифодаи лаёқатҳо ва бахшоишҳои худодод ба дигарон ёрӣ мерасонем, таъйиноти худро ба ҷо меоварем.

Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Шумо низ, эй бародарон, ба воситаи Бадани Масеҳ ба шариат мурдаед, то ки ба Дигаре, ба Он ки аз мурдагон эҳё шуд, тааллуқ дошта бошед, барои он ки мо ба Худо самаре оварем*» (Рум. 7:4). Кадом қисми ҳаёти худро шумо ба он мебахшед, ки ба Худо хизмат намуда, фоида оваред? Дар баъзе калисоҳои Хитой навимононро бо чунин суханон шодбош мегӯянд: «Акнун Исо боз ду чашм дорад, то бинад, боз ду гӯш, то шунавад, боз ду даст, то ба одамон ёрӣ диҳад, боз як дил , то онҳоро дӯст дорад».

Мо боз барои он бояд қисми оилаи калисоӣ бошем, ки таъйиноти худро ба ҷо оварем ва ба дигар имондорон ёрии амалӣ расонда, ба онҳо хизмат кунем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Шумо бадани Масеҳ ҳастед, вале ҷудо-ҷудо узвҳои ӯ мебошед*» (1 Қӯр. 12:27). Бадани Масеҳ ба хизмати шумо эҳтиёҷ дорад. Агар бовар накунед — аз ҳар як калисои маҳаллӣ пурсед. Ҳар яки мо ба он даъват шудааст, ки дар калисо нақши худро бозад, ва ҳар як нақш ба таври худ муҳим аст. Хизмати ночиз ба Худо вуҷуд надорад; ҳама гуна хизмат муҳим аст.

Дар ҷамоати калисоӣ низ хизматҳои ночиз нестанд. Баъзе хизматҳо ба ҳама намоён ҳастанд, баъзеи дигар дар паси саҳна мебошанд, аммо ҳамаи онҳо арзишнок ва муҳиманд. Гоҳо маълум мешавад, ки баъзе хизматҳои хурд ва назарногир хеле муҳим будаанд. Лампаи асосӣ дар хонаи ман на қандили калон дар ҳуҷраи қабули меҳмонон, балки лампаи хурдакаки шабона аст, ки ҳангоме шабона бедор мешавам, барои пешпо нахӯрдан ёрӣ мерасонад. Байни андоза ва аҳамиятнокӣ вобастагии бевосита вуҷуд надорад. Ҳар як хизмат муҳим аст, зеро ҳамаи мо ба якдигар вобастаем ва ба якдигар даркорем, то ки нақши худро дуруст ба ҷо оварем.

Ҳангоме ки яке аз узвҳои бадани мо аз кор монад, чӣ рӯй медиҳад? Мо бемор мешавем. Тамоми бадан азоб мекашад. Тасаввур кунед, ки ҷигари шумо ногоҳ қарор медиҳад, ки фақат барои худ зиндагӣ кунад. «Бас аст, ман хаста шудам! Дигар намехоҳам ба тамоми бадан хизмат кунам! Як сол рухсатӣ мегирам, то ки ҳеҷ кор накунам, ғизо гирам ба калон шавам. Охир, ман ақаллан як бор бояд дар ҳаққи худ ғамхорӣ намоям. Бигузор кори маро ягон узви дигар ба ҷо оварад!» Он гоҳ чӣ мешавад? Бадани шумо мемирад. Имрӯзҳо ҳазорон калисоҳо аз он сабаб мемиранд, ки масеҳиёни дар онҳо буда хизмат кардан намехоҳанд. Онҳо дар курсиҳои ақиб нишаста, рафти воқеаҳоро тамошо мекунанд, ва Бадан азоб кашиданро давом медиҳад.

**Ба мо фармуда шудааст, ки ба Худо хизмат кунем**. Исо ба мо аниқ фаҳмондааст: «*Ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, бояд хизматгори шумо шавад. Ва ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо аввалин бошад, бояд ғуломи шумо шавад; зеро Писари Одам на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон бидиҳад*» (Мат. 20:26–28). Барои масеҳиён хизмат як чизи интихобӣ,

ғайриҳатмӣ нест, ки агар вақтатон бошад, ба ҷадвали кории ҳаррӯза илова мекарда бошед. Исо барои «хизмат кардан», «ато намудан» омад, бинобар он ин ду феъл бояд ҳаёти заминии моро муайян намоянд. Чуноне ки боре модар Тереза гуфта буд, «ҳаёти муқаддасона аз он иборат аст, ки кори Худоро бо табассум ба ҷо оварем».

***Исо таълим медод, ки балоғати рӯҳонӣ ҳеҷ гоҳ мақсади асосӣ нест. Мо барои он нашъунамо мекунем, ки ато намоем.***

Исо таълим медод, ки балоғати рӯҳонӣ ҳеҷ гоҳ мақсади асосӣ нест. Он барои хизмат кардан даркор аст! Мо барои он нашъунамо мекунем, ки ато намоем. Ҳарчи бештар омӯхтан ва ёд гирифтан кам аст. Мо бояд мувофиқи донишҳои худ амал намоем, то ки суханонамон бо амалҳоямон мувофиқат дошта бошанд. Донишҳо ва таассуроте ки истифода нашудаанд, моро ба рӯҳафтодагӣ мебаранд. Омӯзиш бе хизмат боиси рукуди рӯҳонӣ мегардад. Муқоисаи қадимӣ байни баҳрҳои Ҷалил ва Мурда ҳозир низ ҳаққонӣ ва бамаврид аст. Баҳри Ҷалил пур аз ҳаёт аст, зеро он на танҳо обро ба худ мегирад, балки ҳамчунин онро медиҳад. Ва баръакс, дар баҳри Мурда ҳеҷ гуна ҳаёт нест; аз он ҳеҷ дарёе ба берун ҷорӣ намешавад, он беҳаракат шуда, амалан мурдааст.

Барои имондорони ҳозира *тамоман ҳатмӣ нест*, ки дар ҳаёташон бештар ҷамъомадҳо ва омӯзишҳо бошанд. Онҳо бе ин ҳам хеле бештар аз он чи дар амал татбиқ мекунанд, медонанд. Пеш аз ҳама ба онҳо *имкониятҳои хизмати амалӣ* даркоранд, ки бо ёрии он онҳо мушакҳои рӯҳонии худро машқ дода тавонанд.

Хизмат ба майлу рағбатҳои табиии мо мухолифат дорад. Қисми бештари вақт мо тамоман намехоҳем *ба дигарон* хизмат кунем, балки дигарон *ба мо*

хизмат кунанд. «Ман чунин калисоро меҷӯям, ки дар он имконияти хизмат кардан ва барои дигарон баракат будан дошта бошам», — мегӯем мо. Аммо дар асл мо интизорем, ки касе ба мо хизмат кунад, на ин ки баръакс. Аммо бо мурури он ки мо дар Масеҳ нашъунамо мекунем, мақсади асосӣ ва мояи саъю кӯшишҳои мо ҳарчи бештар бояд ҳаёти хизмат ба дигарон бошад. Пайрави Масеҳ, ки нашъунамо кардааст, аллакай намепурсад: «Кӣ эҳтиёҷоти маро қонеъ карда метавонад?» Ӯ чунин савол медиҳад: «Худи ман барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти киҳо хизмат карда метавонам?» Оё шумо ягон вақт ба худ чунин савол медиҳед?

## ТАЙЁРӢ БА АБАДИЯТ

Дар охири ҳаёти заминӣ шумо назди Худо ҳозир мешавед, ва Ӯ мебинад, ки оё шумо бо ҳаёти худ ба дигарон хуб хизмат кардаед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳар яки мо ба Худо ҳисобот медиҳад*» (Рум. 14:12). Оиди маънои ин суханон андеша намоед. Ягон вақт Худо муқоиса мекунад, ки шумо чӣ қадар вақти худро ба худ сарф кардед, ва чӣ қадар — барои хизмат ба дигарон.

Дар он рӯз ҳама гуна худсафедкуниҳои худпарастиямон беҳуда ва ҳеҷу пуч хоҳанд буд: «Ман хеле банд будам», «Ман мақсадҳои худро доштам», ё «Ман бо кор, ба даст овардани пул барои нафақаи хуб фаро гирифта шуда будам, — ё ягон чизи дигар. Худо ба ҳамаи ин суханон чунин ҷавоб медиҳад: «Ин гапи беҳуда аст. Ма туро ба вуҷуд овардам, наҷот додам ва туро ба он даъват намудам, ки ҳаётатро ба хизмат бахшӣ. Ин ҷо *чӣ чизи* нофаҳмо буда метавонад?» Китоби Муқаддас беимононро огоҳ менамояд: «*Худпарастонеро, ки ба ростӣ итоат намеку-*

*нанд, ва мутеи норостӣ мешаванд, [Ӯ] ба хашму ғазаб гирифтор хоҳад кард*» (Рум. 2:8). Аммо барои масеҳиён худпарастӣ маънои аз даст додани мукофоти абадиро хоҳад дошт.

Мо ҳамон вақт пурра умр ба сар мебарем, ки ба дигарон ёрӣ медиҳем. Исо гуфтааст: «*Он гоҳ дастҳояшро бори дигар бар чашмони вай гузошта, фармуд, ки назар афканад. Вай шифо ёфт ва ҳама чизро ба хубӣ бидид*» (Марқ. 8:35. Ниг. ҳамчунин Мат. 10:39, 16:25, *Луқ*. 9:24, 17:33). Ин ҳақиқат чунон муҳим аст, ки дар Инҷилҳо он панҷ бор такрор шудааст. Инсон бе хизмат зиндагӣ намекунад, балки фақат вуҷуд дорад, зеро ҳаёт барои хизмат муқаррар карда шудааст. Худо мехоҳад, ки мо беғаразона ва саховатмандона дигаронро дӯст дорем ва ба онҳо хизмат кунем.

## ХИЗМАТ ВА АҲАМИЯТНОКӢ

Шумо ҳаёти худро ҳатман ба ягон чиз мебахшед. Аммо маҳз ба чӣ — ба кор, ба варзиш, ба машғулияти дӯстдошта, ҷустуҷӯи шӯҳрат, ҷамъ кардани сарват? Ҳеҷ кадоми ин мақсадҳо аҳамияти доимӣ надорад. Роҳ ба сӯи аҳамиятнокии ҳақиқӣ хизмат аст. Маҳз ба шарофати он мо барои худ маънои ҳаётамонро ошкор менамоем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳар кадоми мо ҷои худро меёбад ва аҳамиятнокии худро дарк мекунад, агар ӯ қисми Бадани Масеҳ бошад*» (Рум. 12:5 [«The Message»]). Бо мурури он ки мо якҷоя дар ҳайати оилаи Худо хизмат мекунем, ҳаёти мо аҳамияти абадӣ пайдо мекунад.

Худо мехоҳад, ки ҳар яки мо ба таърихи инсоният ягон ҳиссаи худро гузорад. Ӯ ба воситаи мо амал намудан мехоҳад. Дар ҳаёт на *давомнокӣ*, балки *самаранокӣ* муҳим аст; на он ки чӣ қадар умр дидем, балки чӣ тавр.

Агар дар ҳеҷ гуна хизмат иштирок накунед, бефаъолиятии худро бо чӣ сафед мекунед? Иброҳим пир буд, Яъқуб аз нобоварӣ ба худ азоб мекашид, Леё безеб буд, ба Юсуф лозим омад, ки ба зӯроварӣ ва беадолатии хешовандонаш дучор шавад, Мусо тутила буд, Ҷидъӯн пул надошт, Шимшӯн аз вобастагӣ дар азоб буд. Роҳоб зани кӯчагӣ буд, Довуд алоқаи ғайришаръӣ кард ва баъд муддати зиёд бо мушкилоти оилавӣ сару кор дошт. Илёс худкушӣ карданӣ буд, Ирмиё ҳар вақт ба рӯҳафтодагӣ дучор мешуд, Юнус умуман хизмат кардан намехост, Ноомӣ шавҳарашро аз даст дод, Яҳёи Таъмиддиҳанда шахси аҷиб буд. Петрус дарҳол ба ҳама гуна майли ботинӣ дода мешуд ва дарҳол худдориро аз даст медод, Марто беҳад ташвиш мекашид, зани сомарӣ панҷ бор ба шавҳар баромада буд, Заккайро бад медиданд, Тумо шубҳа мекард, Павлус саломатии суст дошт, ва Тимотиюс — беҷуръат буд. Ҳамаи ин маҷмӯи пурраи сабабҳост барои дар хизмат иштирок накардан. Аммо Худо ба воситаи ҳар яки ин одамон корҳои бузургеро ба ҷо овардааст. Агар шумо баҳонаҷӯӣ ва аз кор канорагӣ карданро бас кунед, Ӯ ба воситаи хизмати шумо низ метавонад бисёр корҳоро ба ҷо оварад.

***Роҳ ба сӯи аҳамиятнокии ҳақиқӣ хизмат аст.***

**РӮЗИ БИСТУ НӮҲУМ**

*Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Мо интихобе надорем, ки «хизмат кунем ё накунем».

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем*» (Эфс. 2:10).

**Савол барои андешаронӣ**: Маро чӣ чиз аз он бозмедорад, ки даъвати Худоро оиди хизмат кардан қабул намоям?

# 30

# БАРОИ ХИЗМАТ БА ХУДО ОФАРИДАШУДАГОН

*Дастҳои Ту сурати маро сохта, ҳаматарафа мукаммал намудааст ва маро офаридааст, — ва маро нобуд мекунӣ?*

Айюб 10:8

*Ин қавмро Ман барои Худ ба миён овардаам, то ҳамду санои Маро бихонанд.*

Иш. 43:21

Мо барои он офарида ва ташаккул дода шудаем, ки ба Худо хизмат кунем.

Худо ба ҳар яке аз мавҷудоти сайёра «соҳаи салоҳият»-и худро додааст. Баъзе ҳайвонот тездав мебошанд, баъзеи дигар дур меҷаҳанд; дигарон шино мекунанд, қисми дигари мавҷудот дар зери замин роҳҳо мекананд, қисми дигар ҳатто парвоз мекунанд. Ҳар як ҷонвар нақши худро дорад, вобаста ба он ки чӣ тавр офарида шудааст ва чӣ гуна сохт дорад. Дар бораи одамон низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Худо ҳар кадоми моро барои он ба таври нотакрор офарид — ё *ташаккул дод* — ки ҳар яке ягон вазифаи махсусеро ба ҷо оварад.

Ҳар меъмор, пеш аз он ки лоиҳаи биноеро тартиб диҳад, пеш аз ҳама ба худ савол медиҳад: «Ин бино барои чӣ муқаррар карда шудааст? Онро чӣ тавр истифода хоҳанд бурд?» Вазифаи ибтидоии бино ҳамеша шакли онро муайян менамояд. Худо пеш аз офаридани шумо қарор дод, ки дар рӯи замин кадом нақшеро мебозед. Ӯ пешакӣ аниқ кард, ки шумо чӣ тавр ба Ӯ хизмат мекунед, ва шуморо мувофиқи он вазифаҳое ки бояд ба ҷо оваред, ба вуҷуд овард. Шумо маҳз аз ҳамон сабаб ҳамин гуна ҳастед, ки Худо шуморо барои хизмати муайяне офаридааст.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем*» (Эфс. 2:10). Калимаи «поэма» аз калимаи юнонии *poema* баромадааст, ки маъноаш «офаридаи нотакрор» аст. Шумо на маснуоти бесимо аз конвейер, ки барои сохтани он ҳиссаи меҳр сарф нашудааст, балки офаридаи нотакрор ҳастед, ки бо дастони моҳири Худо офарида шудаед. Шумо аз рӯи нақшаи махсуси нотакрор офарида шудаед, ки монанди он дар ҳеҷ ҷой ёфт намешавад.

***Худо ҳеҷ гоҳ ҳеҷ чизро беҳуда ба вуҷуд намеоварад.***

Худо дидаву даниста шуморо он гуна ҳастӣ ва шакл дод, ки ба Ӯ ба таври нотакрор хизмат кунед. Ӯ маҳз ҳамон мувофиқати ДНК-ро интихоб кард, ки барои бунёд намудани нотакрории шумо даркор буд. Довуд Худоро барои ин диққати боварнокардании шахсӣ ба ҳамаи ҷузъиёт ва тафсилот ҳамду сано мехонд: «*Зеро Ту диламро ба вуҷуд овардаӣ, маро дар шиками модарам бофтаӣ. Туро ҷалол медиҳам барои он ки ба таври хеле аҷоиб офарида шудаам: корҳои Ту аҷоиб аст, ва ҷонам инро нағз медонад*» (Заб. 138:13,14). Чу-

ноне ки Этел Уотерс* гуфтааст, «Худо ҳеҷ кори навъи сеюмро ба ҷо намеоварад».

Худо на танҳо моро ҳанӯз пеш аз таваллуд ба нақша гирифт ва ба вуҷуд овард, балки ҳар рӯзи ҳаёти моро пешакӣ муқаррар намуд, то ки минбаъд низ моро мувофиқи нақшаи Худ ташаккул диҳад. Дар худи ҳамон таронаи Забур Довуд мегӯяд: «*Дар дафтари Ту ҳамаи узвҳоям навишта шудаанд, ва рӯзҳои пайдо шудани онҳо, дар сурате ки ҳеҷ яке аз онҳо ҳанӯз вуҷуд надошт*» (Заб. 138:16). Ин маънои онро дорад, ки дар ҳаёти мо ҳеҷ чизи беаҳамият нест. Худо ҳама чизеро, ки бо мо рӯй медиҳад, истифода мебарад, то ки моро барои хизмат барои дигарон ташаккул диҳад.

Худо ҳеҷ корро беҳуда ба ҷо намеоварад. Агар Ӯ бахшоишҳо, лаёқатҳо, шавқмандиҳо, истеъдодҳо, шахсияти нотакрор ва таҷрибаи махсуси ҳаётии шуморо барои ҷалоли Худ истифода бурданӣ намебуд, ҳамаи инро ба шумо ато намекард. Ва агар шумо аниқ кунед ва фаҳмед, ки Худо ба шумо маҳз чӣ бахшоишро додааст, ба шарофати ин хости Ӯро дар ҳаёти худ фаҳмида метавонед.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки мо «*ба таври хеле аҷоиб офарида шудаем*». Ҳар яки мо аз пайвастагии бисёр «*риштаҳо*» иборат аст. Барои андак дар ин бора фикр кардани шумо ман панҷ ҳамин гуна қисми таркибӣ, панҷ омилро, ки нотакрории моро ташаккул медиҳанд, ҷудо кардам. Дар бобҳои 30 ва 31 мо ҳар кадоми онҳоро дида мебароем, ва ман ба шумо мефаҳмонам, ки чӣ тавр метавонед махсусиятҳои худро ошкор намоед ва онҳоро дар хизмат истифода баред.

---

* Этел Уотерс (1896–1977) — сароянда ва актрисаи афроамрикоии маъруфи солҳои 1920-ум. Дар охири солҳои 1950-ум ӯ имон овард ва то дами марги худ дар маъракаҳои башоратдиҳии Биллӣ Грэм иштирок мекард.

## ХУДО ЧӢ ТАВР МОРО БАРОИ ХИЗМАТ ТАШАККУЛ МЕДИҲАД

Ҳар боре ки Худо моро ба коре даъват мекунад, Ӯ ҳатман ба мо ҳама чизи барои иҷрои он даркориро медиҳад. Ин маҷмӯи *лаёқат*ҳо ва малакаҳо нотакрории шуморо муайян мекунад:

Бахшоишҳои рӯҳонӣ
Ғайратмандӣ
*Л*аёқатҳо ва истеъдодҳо
Махсусиятҳои шахсиятӣ
Таҷриба

## ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ НОТАКРОР БУДАНИ МО:
## *Бахшоишҳои рӯҳонии* худро ошкор намуда

Худо ба ҳар масеҳӣ барои дар хизмат истифода бурдани онҳо бахшоишҳои рӯҳонӣ медиҳад (Рум. 12:4–8, 1 Қӯр. 12, Эфс. 4:8–15, 1 Қӯр. 7:7). Ин лаёқатҳои махсуси дорои илҳоми илоҳӣ, ки барои хизмат ба Ӯ муқаррар шудаанд, танҳо ба имондорон дода мешаванд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳ бармеояд, қабул намекунад*» (1 Қӯр. 2:14).

Бахшоишҳои рӯҳониро бо меҳнат ба даст овардан ё сазовор шудан ғайриимкон аст — маҳз аз он сабаб ки онҳо бахшоишҳо мебошанд! Ин ифодаи файзи Худост, ки ба мо дода шудааст. «*Ба ҳамаи мо, ба ҳар яке алоҳида, бахшоиши махсусе — ҳиссаи ӯ дар атои саховатмандонаи Масеҳ дода шудааст*» (Эфс. 4:7). Ғайр аз ин худи мо барои худ бахшоишҳоро интихоб намекунем. Инро Худо муқаррар мекунад. Пав-

лус мефаҳмонд: «*Ҳамаи инро ҳамон як Рӯҳ ба амал меоварад, ки ба ҳар кас махсусан, мувофиқи хости Худ, тақсим мекунад*» (1 Қӯр. 12:11).

Азбаски ба Худо гуногунрангӣ маъқул аст ва Ӯ оиди нотакрории ҳар яки мо ғамхорӣ мекунад, чунин бахшоише нест, ки ба ҳама дода мешуда бошад (1 Қӯр. 12:29–30). Айнан ҳамин тавр, ҳеҷ як имондор *ҳамаи* бахшоишҳоро надорад. Агар шумо ҳамаи бахшоишҳоро медоштед, дигарон ба шумо умуман даркор намешуданд, аммо ин хилофи яке аз мақсадҳои асосии Худо мебуд: ба мо ёд додани дӯст доштани наздикон ва ба якдигар умед бастан.

РӮЗИ СИЮМ:

## БАРОИ ХИЗМАТ БА ХУДО ОФАРИДАШУДАГОН

Ба таври нотакрор бо ҳам омадани бахшоишҳои рӯҳонӣ на барои фоидаи шахсии шумо, балки барои нафъи *дигарон* дода шудааст — ва ба онҳо, дар навбати худ, барои нафъи шумо бахшоишҳо дода шудаанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ба ҳар кас зуҳуроти Рӯҳ барои манфиати ҳамаҷониба дода шудааст*» (1 Қӯр. 12:7). Худо ҳама чизро маҳз ҳамин тавр ба тартиб овард, то ки мо ба якдигар эҳтиёҷ дошта бошем. Ҳангоме ки мо якҷоя мувофиқи бахшоишҳои худ амал мекунем, ҳама бурд мекунанд. Агар дигар одамон бахшоишҳои худро истифода набаранд, шумо он чиро, ки гирифта метавонистед, намегиред, ва агар шумо лаёқатҳои худро ба кор бурдан нахоҳед, онҳо маҳрум мегарданд. Аз ҳамин сабаб ба мо фармуда шудааст, ки бахшоишҳои рӯҳонии худро ошкор намоем ва онҳоро инкишоф диҳем. Худи шумо то кадом андоза истеъдодҳои ба шумо атошударо медонед ва инкишоф медиҳед? Охир, агар лифофаи зебои тӯҳфаро кушода, дар даруни он чӣ буданашро набинед, аз тӯҳфа фоидае нест.

Ҳар боре ки мо ин ҳақиқатҳои оддиро оиди бахшоишҳои рӯҳонӣ фаромӯш мекунем, дар калисо нохушиҳо сар мешаванд. Ду мушкилии паҳншудатарин инҳоянд — *ба бахшоишҳои дигарон ҳасад бурдан ва ба дигарон акс кунондани бахшоишҳои худ*. Аввалӣ он вақт пайдо мешавад, ки мо бахшоишҳои худро бо бахшоишҳои дигарон муқоиса мекунем, аз он чи Худо ба мо додааст, норозигӣ баён мекунем, ва ба воситаи дигар бародарону хоҳарон амал кардани Худоро дида, хашмгин мешавем ё ҳасад мебарем. Мушкилии дуюм он вақт сар мешавад, ки мо чунин меҳисобем, ки ҳама бояд ҳамон бахшоишҳоеро дошта бошанд, ки мо дорем, ва бо он чи мо мекунем, машғул шаванд ва ин корро бо ҳамон гуна ғайрат ба ҷо оваранд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Хизматҳо гуногун аст, аммо Худованд ҳамон як аст*» (1 Қӯр. 12:5).

***Агар лифофаи зебои тӯҳфаро кушода, дар даруни он чӣ буданашро набинед, аз тӯҳфа фоидае нест.***

Гоҳо бар зарари омилҳои дигар, ки Худо бо ёрии онҳо моро барои хизмат ташаккул медиҳад, ба бахшоишҳои рӯҳонӣ аҳамияти беҳад зиёд дода мешавад. Бахшоишҳо фақат яке аз унсурҳои асосӣ дар муайян намудани хости Худо барои хизмати мо мебошанд, аммо *на ягона*. Боз чор қисми таркибии муҳим ҳаст.

## ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ НОТАКРОР БУДАНИ МО:
## Шумо ба чӣ кор ғайрати махсус эҳсос менамоед?

Дигар хел карда гӯем, мо бояд дили худро гӯш кунем. Китоби Муқаддас «дил» гуфта, маҷмӯи му-

раккаби хоҳишҳо, умедҳо, шавқмандиҳо, майлу рағбатҳо, орзуҳо ва дилбастагиҳоро дар назар дорад. Дил сарчашмаи ҳамаи водоркунандаҳои мост — бо чӣ кор машғул шуданро дӯст медорем ва ба чӣ таваҷҷӯҳи бештар дорем. Ҳатто ҳозир мо ин калимаро ба ҳамин маъно истифода мебарем, масалан, ҳангоме чунин мегӯем: «*Ман туро аз таҳти дил дӯст медорам*».

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Чунон ки рӯй дар об акс меёбад, дили инсон низ — дар дил*» (Мас. 27:19). Дили шумо «ман»-и *ҳақиқии* шуморо инъикос менамояд — ки шумо *дар асл* кистед, на он ки атрофиён шуморо кӣ *меҳисобанд* ё вазъиятҳо шуморо ба чӣ водор мекунанд. Он чи шумо *мегӯед, ҳис мекунед ва мекунед*, маҳз аз дил бармеояд (Мат. 12:34, Заб. 33:7, Мас. 4:23).

Аз ҷиҳати ҷисмонӣ ҳар яки мо на танҳо пайи нотакрори ангуштон, намуди нотакрори сохтори чашмон ва тембри тамоман махсуси овоз, балки ҳамчунин ритми нотакрори тапиши дил дорад, дили ҳар яки мо андаке ба таври худ метапад. Ҳайратовар аст, ки дар байни бисёр миллиардҳо одамоне ки дар рӯи замин зистаанд, дили ҳеҷ кадоме айнан ба монанди дили шумо наметапад.

Ғайр аз ин, Худо ба ҳар яки мо «тапиши *дил*»-и нотакрори эҳсосотӣ додааст. Ҳангоме мо оиди ашёҳо ва воқеаҳое фикр мекунем, ки ба онҳо таваҷҷӯҳи махсус дорем, дили мо тезтар метапад. Мо ба таври ғаризавӣ ба баъзе чизҳо таваҷҷӯҳ менамоем, дар ҳоле ки аз чизҳои дигар парвое надорем. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад фаҳмем, ки маҳз дар куҷо бояд хизмат кунем.

«Омили *дил*»-ро боз бо як калимаи дигар ифода кардан мумкин аст: *ғайратмандӣ*. Ба баъзе чизҳо шумо бо ҳиссиёти самимӣ муносибат мекунед, аммо ба чизҳои дигар тамоман аҳамият намедиҳед.

Баъзе воқеаҳо шуморо гӯё фурӯзон мекунанд ва диқати шуморо пурра фаро мегиранд, аммо аз дигар воқеаҳо дилгир шуда, хамёза мекашед. Ҳамаи ин махсусияти дили шуморо ошкор менамояд.

Дар кӯдакӣ низ шумо албатта пай мебурдед, ки баъзе мавзӯъҳо ё предметҳое ки аҳли оилаатон ба онҳо тамоман таваҷҷӯҳ надоранд, бароятон шавқоваранд. Ин майл аз кучо пайдо шуд? Аз Худо. Ба мо ҳамин гуна шавқмандиҳои модарзод додани Худо беҳуда нест. Тапиши дили эҳсосотии шумо омили дуюм аст, ки моҳият ва шакли хизмати шуморо муайян мекунад. Шавқмандиҳои худро сарфи назар кардан даркор нест. Фикр кунед, ки онҳоро барои ҷалоли Худо чӣ тавр истифода бурда метавонед. Охир, ба шумо маъқул будани ҳамаи ин тасодуфӣ нест!

Китоби Муқаддас гаштаву баргашта моро даъват мекунад, ки «ба аҳкоми Ман, ки имрӯз Ман ба шумо мефармоям, гӯш андозед, то ки Парвардигор Худои худро дӯст бидоред ва бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ Ӯро парастиш намоед» (Так. Шар. 11:13, 1 Подш. 12:20, Рум. 1:9, Эфс. 6:6). Худо мехоҳад, ки мо ба Ӯ на аз рӯи ӯҳдадорӣ, балки бо майлу рағбат хизмат кунем. Одамон дар корҳое ки ба онҳо шодӣ намеоварад ва онҳоро дилгир мекунад, он қадар муваффақият ба даст намеоваранд. Худо мехоҳад, ки мо ба шавқмадиҳои худ пайравӣ намуда, ба Ӯ ва ба одамони дигар хизмат кунем. Ва агар мо ба майлу рағбатҳои худ гӯш диҳем, онҳо ба мо хизматеро нишон дода метавонанд, ки Худо моро барои он муқаррар намудааст.

Мо чӣ тавр дониста метавонем, ки оё ба Худо аз таҳти дил хизмат карда истодаем ё не? Нишонаи аввали чунин хизмат — *ғайратмандӣ* аст. Ҳангоме ки мо бо кори *дӯстдошта* машғулем, моро доимо ҳавасманд кардан, водор кардан ё тафтиш намудан

лозим нест. Мо ин корро барои ҳаловат ба ҷо меоварем. Ба мо мукофотҳо, таҳсину офарин ё музди меҳнат даркор нест, зеро ба одамон маҳз ҳамин тавр хизмат кардан ба мо маъқул аст. Изҳороти баръакс низ дуруст аст: агар ба ин ё он машғулият майлу рағбат надошта бошем, мо дарҳол қувватамонро аз даст медиҳем ва рӯҳафтода мешавем.

Нишонаи дуюми ба Худо аз таҳти дил хизмат кардан — *самаранокӣ* аст. Кореро ки Худо онро бароямон *махсусан дилхоҳ* намудааст, сар карда, мо маҳорат ба даст меоварем. Ғайратмандӣ моро водор мекунад, ки ба камолот саъй намоем. Агар ин ё он машғулият бароямон шавқовар набошад, аз эҳтимол дур аст, ки ба он кӯшишҳои махсус ба харҷ диҳем. Ва баръакс, дар ҳар соҳаи ҳаёти инсон маҳз ҳамон касон ҳунармандони барҷастатарин мешаванд, ки на аз боиси манфиат ё ҳисси вазифашиносӣ, балки ба ҳавасмандии ботинии худ пайравӣ намуда, бо кори худ машғул мешаванд.

Ман борҳо аз одамон шунидаам: «Ҳа, ман кори ҳозираи худро тамоман дӯст намедорам, аммо онро давом медиҳам, зеро мехоҳам ҳарчи бештар пул ба даст оварам. Ягон вақт ман онро тарк карда, бо машғулияти мехостаам машғул мешавам». Ин хатои калон аст. Солҳои беҳтарини ҳаёти худро ба коре ки ба он аз таҳти дил майлу рағбат надоред, сарф накунед. Дар ёд нигоҳ доред, дар зиндагӣ муҳимтарин чиз — *на ашёҳо* мебошанд! Пурмаъноӣ ва мақсаднокӣ назар ба пул хеле муҳимтар аст. Сарватмандтарин шахси ҷаҳон боре гуфтааст: «*Дороии каме дошта, аз Худованд тарсидан беҳ аз он аст, ки ганҷи бузурге дошта, дар тарс зиндагӣ кунед*» (Мас. 15:16).

Набояд бо он қаноатманд шавед, ки «монанди ҳамаи одамони муқаррарӣ зиндагӣ мекунед», зеро ин кам аст. Дар ниҳояти кор, аз ҷиҳати моддӣ таъмин будан ба мо қаноатмандии ҳақиқӣ намеоварад.

Ҳатто агар воситаҳои рӯзгузаронӣ дошта бошед ҳам, ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки шумо *ба хотири чӣ* зистани худро медонед. Биёед ба ҷои ин ба «*қисмати некӯ*», ба ҳиссаи некӯ саъй намоем — ба Худо маҳз ҳамон тавр хизмат намоем, ки диламон хоҳони он аст. Муайян намоед, ки бо чӣ кор машғул шудан беш аз ҳама ба шумо маъқул аст — Худо дили шуморо ба чӣ кор моил намудааст — ва инро барои ҷалоли Ӯ ба ҷо оваред.

***Ҳангоме ки мо бо кори дӯстдошта машғулем, моро доимо ҳавасманд кардан лозим нест.***

**РӮЗИ СИЮМ**

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ман барои хизмат ба Худо офарида шудаам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ва амалҳо гуногун аст, аммо Худо ҳамон як аст, ки ҳама чизро дар ҳама ба амал меоварад*» (1 Қӯр. 12:6).

**Савол барои андешаронӣ**: Оё ман чунин хизматро ба одамон тасаввур карда метавонам, ки онро бо ғайратмандии ҳақиқӣ ва шодӣ ба ҷо оварам? Ин чӣ хизмат аст?

# 31

# НОТАКРОР БУДАНИ ХУДРО ДАРК НАМУДА

*Зеро Ту диламро ба вуҷуд овардаӣ, маро дар шиками модарам бофтаӣ.*

Заб. 138:13

Танҳо худи шумо метавонед ҳамон тавре бошед, ки ҳастед.

*Худо ҳар яки моро чунон офаридааст, ки дар ҷаҳон ду каси комилан якхела набошад. Дар ҳеҷ як шахси дигар омилҳои гуногун дар ин мувофиқати нотакрор бо ҳам намеоянд. Ин маънои онро дорад, ки ҳеҷ каси дигар наметавонад он нақшеро бозад, ки Худо барои шумо муқаррар намудааст. Агар шумо ба Бадани Масеҳ саҳми махсуси худро нагузоред, онро ҳеҷ як узви дигари Бадан гузошта наметавонад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Бахшоишҳо гуногун аст, лекин онҳоро ҳамон як Рӯҳ медиҳад. Ва хизматҳо гуногун аст, аммо ба ҳамон як Худованд. Ва амалҳо гуногун аст, аммо дар ҳамаи онҳо ҳамон як Худо амал менамояд»* (1 Қӯр. 12:4–6). Дар боби гузашта мо ду омили аввалро, ки нотакрории моро муайян мекунанд, дида баромадем: бахшоиҳои рӯҳонӣ ва ғайратмандӣ, ё майлу рағбатҳои дил. Акнун биёед оиди дигар хусусиятҳое

ки хизмати моро ба Худо ташаккул медиҳанд, гап мезанем.

## ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ НОТАКРОР БУДАНИ МО: *Лаёқатҳои худро* истифода бурда

*Л*аёқатҳо он истеъдодҳое мебошанд, ки мо бо онҳо зода шудаем. Баъзе касон ба осонӣ сухан мегӯянд ва менависанд: чунин таассурот ҳосил мешавад, ки онҳо қариб аз вақти зода шудан гап заданро сар кардаанд! Дигарон ба варзиш лаёқатҳои табиӣ доранд: мутобиқати ҳаракатҳои онҳо ҳайратовар аст. Баъзеҳо бо рақамҳо ва ададҳо хуб кор мекунанд, ба конструксияҳои мураккаби механикӣ хуб сарфаҳм мераванд ё асбобҳои мусиқиро бо маҳорати хоса менавозанд.

Ҳангоме ки Худо сохтани хаймаи ҷомеъ ва тайёр кардани ҳамаи лавозимоти онро ба нақша гирифт, дар байни исроилиён рассомон ва ҳунармандон ошкор шуданд, ки барои ин кор «*ҳикмат ва фаҳм ва дониш ва ҳар ҳунар пур карда шуда буданд... то ҳар корро ба ҷо оваранд*» (Хур. 31:3–5). Дар замони мо низ Худо мисли ҳамон вақт ба одамон ин гуна бахшоишҳо ва ҳазорон истеъдодҳои дигарро барои хизмат ба Ӯ медиҳад.

**Ҳамаи лаёқатҳои мо аз Худо мебошанд**. Ҳатто он лаёқатҳоеро, ки мо ба тарафи гуноҳ мегардонем, Худо ба мо додааст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо ба ҳар яки мо лаёқати хеле хуб ба ҷо овардани ягон корро додааст (1 Қӯр. 12:6). Азбаски лаёқатҳои табииро ба мо Худо додааст, онҳо ба монанди бахшоишҳои рӯҳонӣ муҳим ва «рӯҳонӣ» мебошанд. Ягона фарқ дар он аст, ки лаёқатҳои мо модарзод мебошанд.

Одамон беш аз ҳама бо ёрии он баҳона кӯшиш мекунанд аз хизмат барканор шаванд, ки гӯё ҳеҷ чизро пешниҳод карда наметавонанд ва ҳеҷ хел лаёқат надоранд. Аммо ин ба ҳақиқат мувофиқат надорад! Ҳар яки мо даҳҳо ва ҳатто шояд садҳо *лаёқатҳои* шинохтанашуда ва истифоданашуда дорад. Тадқиқотҳои зиёд нишон додаанд, ки ҳар як шахс ба таври миёна 500–700 *лаёқату* маҳорат дорад, ва ин аз он чи мо гумон мекунем, хеле зиёд аст.

Масалан, майнаи мо 100 триллион фактро дар худ ҷой дода метавонад. Он дар як сония то 50 ҳазор қарор қабул карда метавонад — масалан, ҳангоме ки системаи ҳозимаи мо кор мекунад. Мо то 10 ҳазор бӯйҳои гуногунро эҳсос карда метавонем. Мо предмети ғафсияш ҳамагӣ 0,0001 см-ро эҳсос карда метавонем, ва ҳатто агар як ҳиссаи хинин дар ду миллион ҳиссаи об маҳлул карда шуда бошад, забони мо мазаи онро дар об эҳсос намуда метавонад. Шумо маҷмӯи *лаёқатҳои* ғайриоддӣ, офаридаи ҳайратовари Худо мебошед. Ва ғайр аз ҳама чизи дигар, калисо масъулият дорад, ки барои муайян намудан ва барои хизмат ба Худо амалӣ гардондани *лаёқатҳои* шумо ёрӣ диҳад.

**Ҳама гуна лаёқатро барои ҷалоли Худо истифода бурдан мумкин аст**. Павлус гуфтааст: «*Хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред*» (1 Қӯр. 10:31). Дар Китоби Муқаддас миқдори зиёди намунаҳои *лаёқатҳои* гуногун вуҷуд доранд, ки одамон онҳоро барои ҷалоли Худо истифода бурдаанд: *лаёқати* рассом, меъмор, идоракунанда, пазанда, киштисоз, тарроҳ ва пазандаи шириниворихо; маҳорати мубоҳиса кардан, ҳанут кардани ҷасад, дӯзандагӣ, ҳаккокӣ, коркард намудани замин, моҳидорӣ, боғбонӣ, аз пайи худ бурдани дигарон, тақсим намудани захираҳо, сангтарошӣ, эҷоди мусиқӣ, сохтани аслиҳа, дӯзан-

дагӣ, ранг кардан, коштан, муҳокимарониҳои фалсафӣ, ба механизмҳои мураккаб сарфаҳм рафтан, ихтироъкорӣ, дуредгарӣ, киштиронӣ, савдо кардан, ҷангидан, таълим додан, офаридани наср ва назм. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва амалҳо гуногун аст, аммо Худо ҳамон як аст, ки ҳама чизро дар ҳама ба амал меоварад*» (1 Қӯр. 12:6). Дар Калисо Худо барои мо ҷой тайёр кардааст, ва дар он ҷо *лаёқат*ҳои мо на танҳо даркор мешаванд, балки гул-гул мешукуфанд. Аммо онҳоро бояд худи мо ҷустуҷӯ карда, ёбем.

Худо ба баъзе касон маҳорати пули зиёд ба даст оварданро додааст. Мусо ба исроилиён гуфта буд: «*Ва ҳол он ки ту бояд Парвардигор Худои худро дар хотир нигоҳ дорӣ, ки Ӯ ба ту қуввати пайдо кардани сарватро медиҳад*» (Так. Шар. 8:18). Шахсоне ки чунин *лаёқат* доранд, соҳибкориро пеш бурдан, додугирифт кардан, харидуфурӯш кардан ва фоида ба даст овардан метавонанд. Агар шумо чунин бахшоиш дошта бошед, бояд онро барои ҷалоли Худо истифода баред. Инро чӣ тавр карда метавонед? Аввалан, эътироф намоед, ки ин *лаёқат*ро ба шумо Худо додааст, ва Ӯро шукргузорӣ намоед ва ҳамду сано хонед. Сониян, бигузор соҳибкории шумо барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти дигарон ва ба беимонон расондани Хушхабар хизмат кунад. Сеюм, ба Худо ақаллан даҳяки (яъне 10%) фоидаро ҳамчун парастиш ба Ӯ бозгардонед (Так. Шар. 14:23, Мал. 3:8–11). Ва ниҳоят, барои он кӯшиш намоед, ки на танҳо *барои худ сарват ба даст оваред, балки Подшоҳии Худоро созед.* Ман ҳамаи инро дар боби 34 мефаҳмонам.

**Агар ман ягон кореро ба ҷо оварда тавонам, Худо мехоҳад, ки ман бо он машғул шавам**. Ғайр аз худи мо ҳеҷ кас дар рӯи замин маҷмӯи бахшоишҳои шуморо истифода бурдан наметавонад. Ҳеҷ каси дигар нақши шуморо бозида наметавонад, чун-

ки он нотакрориеро, ки Худо ба шумо додааст, надорад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо ба мо ҳама чизи даркориро медиҳад, «*шуморо дар ҳар кори нек барои иҷрои иродаи Ӯ комил мегардонад*» (Ибр. 13:21). Барои донистани хости Худо барои ҳаёти худ, ба таври ҷиддӣ фикр кардан лозим аст, ки чӣ корро хуб ба ҷо оварда метавонем, ва кадом корро не.

***Агар ман ягон кореро ба ҷо оварда тавонам, Худо мехоҳад, ки ман бо он машғул шавам.***

Агар Худо ба шумо шунавоии мусиқӣ надода бошад, аз эҳтимол дур аст, ки Ӯ хоҳони муваффақиятҳои шумо дар саҳнаи опера бошад. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба шумо кореро намесупорад, ки дар он ҳеҷ гуна лаёқат надоред. Аз тарафи дигар, он истеъдодҳое ки шумо доред, нишондиҳандаи хуби он мебошанд, ки Худо ҳаёти шуморо барои он муқаррар намудааст. Онҳо барои донистани хости Худо ёрӣ медиҳанд. Агар шумо дизайнери хуб бошед, ё масалан, барои ин ё он кор кормандонро хуб интихоб карда, кори онҳоро ба низом дароварда тавонед, тахмин кардан мумкин аст, ки нақшаи Худо барои ҳаёти шумо бо кадом як тарз ин лаёқатҳоро дар бар мегирад. Худо бахшоишҳоро беҳуда намедиҳад. Ӯ ба мо лаёқатҳоро мувофиқи вазифаи мо медиҳад.

РӮЗИ СИЮ ЯКУМ:

## НОТАКРОР БУДАНИ ХУДРО ДАРК НАМУДА

Лаёқатҳо ба мо на танро барои он дода шудаанд, ки барои зиндагӣ пул ба даст оварем. Онҳо ба мо барои хизмат дода шудаанд. Ҳаввориӣ Петрус гуфтааст: «*Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, ҳамчун мувакколони неки файзи гуногуни Худо хизмат кунед*» (1 Пет. 4:10).

Дар лаҳзаи навишта шудани ин китоб ҳафт ҳазор шахс лаёқатҳои худро барои хизмат дар кали-

сои «Сэддлбэк» истифода бурда, ба якдигар ва ба тамоми ҷамоат навъҳои гуногуни хизматҳоро мерасонанд. Онҳо мошинҳои истифодашударо таъмир мекунанд, то ки баъд онҳоро ба эҳтиёҷмандон диҳанд, ҳангоме ки барои калисо чизе харидан лозим аст, муомилоти фоидаовартаринро меҷӯянд; ҳудуди калисоро обод мекунанд; ҷараёни маълумотҳои ба калисо меомадаро ба низом медароранд; сурат мекашанд ва барномаҳои калисоро фикр карда мебароранд; чорабиниҳо ба нақша мегиранд ва лоиҳаҳои иншооти калисоиро мекашанд; ёрии тиббӣ мерасонанд; хӯрок мепазанд; сурудҳо менависанд ва ба дигарон сурудхониро ёд медиҳанд; барои оянда нақшаҳои бузург тартиб медиҳанд; дастаҳои варзиширо машқ медиҳанд, барои тайёрӣ ба мавъизаҳо китобҳои илоҳиётшиносиро мехонанд ё маводи калисои моро ба забонҳои дигар тарҷума мекунанд. Боз садҳо корҳои аниқи гуногунро номбар кардан мумкин аст. Мо ба аъзоёни нави калисо мегӯем: «Ҳар малакаеро, ки доред, бояд дар калисои худ истифода баред!»

## ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ НОТАКРОР БУДАНИ МО:
## Ба *махсусиятҳои шахсиятии* худ такя карда

Мо хуб намефаҳмем, ки ҳар яки мо *то чӣ андоза* нотакрор аст. Молекулаҳои ДНК бо мувофиқатҳои беохири имконпазир пайваст шуда метавонанд. Агар аниқтар гӯем, ин гуна мувофиқатҳо $10^{24000000}$ буда метавонанд. Ин адад дараҷаи имконпазирии онро ифода мекунад, ки ягон вақт шахсеро ёфта тавонед, ки ҳаматарафа ба шумо монанд бошад: имконияти ёфт шудани чунин шахс як ба $10^{240000000}$ аст.

Агар ин ададро дар варақ чунон нависем, ки бари ҳар як сифр 1 см бошад, дарозии ин коғаз бояд 23750 км мебуд!

Барои он ки муқоиса карда тавонед, инак ба шумо як факти шавқовар: баъзе олимон тахмин мекунанд, ки миқдори ҳамаи ҳиссачаҳое ки дар олам ҳастанд, аз $10^{76}$ зиёд нест — ва ин аз миқдори ҳамаи мувофиқатҳои имконпазири дохили ДНК-и мо хеле камтар аст. Нотакрории шумо — факти илмӣ аст. Худо шуморо офарида, як чизи тамоман нотакрорро ба вуҷуд овард. Дар рӯи замин одаме набуд ва нест, ки аз ҳамаи ҷиҳатҳо ба шумо монанд бошад.

Пай бурдан душвор нест, ки гуногунрангӣ ба Худо маъқул аст; ҳамин ки ба атроф нигаред, инро пай мебаред. Ӯ ҳар яки моро бо мувофиқати нотакрори махсусиятҳои шахсиятӣ офарида буд. Худо интровертҳо ва экстравертҳоро офаридааст. Ӯ одамонеро офаридааст, ки *тартиби муқарраршударо* дӯст медоранд, ва шахсонеро, ки ҷӯстуҷӯи *воситаҳои нави* ба ҷо овардани корҳои муқарририро дӯст медоранд. Баъзеҳо ҳангоми қабул намудани қарор ба принсипҳо ва фактҳо такя мекунанд, аммо баъзеи дигар пеш аз ҳама ба *ҳиссиёт ва муносибатҳои* одамон аҳамият медиҳанд. Баъзеҳо мустақилона меҳнат карданро дӯст медоранд, аммо баъзеи дигар дар ҳайати даста беҳтар кор мекунанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ва амалҳо гуногун аст, аммо дар ҳамаи амалҳо барои ҳама ҳамон як Худо амал мекунад*» (1 Қӯр. 12:6).

Китоби Муқаддас ба мо шаҳодатҳои бисёреро пешниҳод мекунад, ки Худо ба воситаи одамони дорои мизоҷи гуногун амал мекунад. Петрус *сангвиник* буд. Павлус — *холерик*. Ирмиё — *меланхолик*. Агар ба мизоҷҳои гуногуни шогирдони Масеҳ нигарем, дарҳол аён мешавад, ки чаро байни онҳо гоҳ-гоҳ ихтилофот рӯй медоданд.

Дар хизматгузорӣ мизоҷҳои «хуб» ва «бад» вуҷуд надоранд. Барои ба мувозинат овардани калисо ва серҳаракату барҷаста намудани он хислатҳои гуногун даркоранд. Агар дар ҳама ҷои атроф маза ва ранги ҳамон як ванили ширин мебуд, ҷаҳон беандоза дилгиркунанда мебуд. Хушбахтона, одамон дар ҷаҳон назар ба навъҳои гуногуни яхмос хеле зиёдтаранд, ҳатто агар ин «Баскин Роббинс»*-и машҳур бошад ҳам!

Махсусиятҳои хислати шумо ба он таъсир мерасонанд, ки шумо бахшоишҳо ва лаёқатҳои худро *дар куҷо ва чӣ гуна* истифода мебаред. Масалан, дар назди мо ду шахсе ҳастанд, ки бахшоиши башоратдиҳӣ доранд, аммо агар яке интроверт, ва дигаре экстраверт бошад, ин бахшоиш дар онҳо ба тарзҳои гуногун ифода меёбад.

Дуредгарон медонанд, ки чӯбро ба самти нахи он коркард намудан назар ба баръакси он хеле осонтар аст. Бо одамон низ ҳамин тавр аст. Агар шахс маҷбур бошад, ки ба таври мухолифи мизоҷи худ хизмат кунад, нороҳатӣ ва шиддатнокӣ эҳсос менамояд, ва ба ӯ доимо лозим меояд, ки кӯшишҳо ва вақти иловагӣ сарф намояд, дар ҳоле ки натиҷаҳо на он қадар хуб хоҳанд буд. Маҳз аз ҳамин сабаб шумо ҳеҷ гоҳ хизматгузории шахси дигарро аниқ ёд гирифта ва аз худ карда наметавонед — зеро шумо хислат ва мизоҷи тамоман дигар доред. Худо шуморо барои он офарид, ки худии худ бошед! Дар намунаи дигарон бисёр чизҳоро *омӯхтан* мумкин аст, аммо ҳамаи инро ҳатман аз

***Ба ҷо овардани коре ки Худо моро барои он офаридааст, бароямон хеле писандида аст.***

* «Баскин Роббинс» — фирмаи машҳур, ки 31 намуди яхмосро истеҳсол менамояд.

филтри *нотакрории худатон* гузарондан лозим аст. Ҳозир бисёр китобҳо ва дигар маводи хуб ҳастанд, то мо махсусиятҳои шахсиятии худро тадқиқ карда, фаҳмида тавонем, ки онҳоро барои Худо чӣ тавр истифода бурдан мумкин аст.

Ба монанди порчаҳои шишаи ҳарранга дар витринаҳо, мизоҷҳо ва хислатҳои гуногуни мо нури Худоро бо ороишҳо ва тобишҳои гуногун инъикос менамоянд. Ба шарофати ин оилаи Худо амиқ ва гуногунҷанба мегардад. Ғайр аз ин, ин шахсан барои ҳар яки мо баракат мегардад, зеро ба ҷо овардани коре ки Худо моро барои он офаридааст, *бароямон хеле писандида аст.* Мувофиқи он махсусиятҳои шахсиятӣ, ки Худо ба мо додааст, хизмат карда, мо қаноатманд мешавем, ҳаёти худро пурра ва самаранок эҳсос менамоем.

## ҚИСМҲОИ ТАРКИБИИ НОТАКРОР БУДАНИ МО: Ба *таҷрибаи гузашта* такя карда

Аз бисёр ҷиҳатҳо шуморо вазъиятҳои ҳаётӣ ташаккул додаанд, ки қисми зиёди онҳо берун аз ихтиёри шумо буданд. Худо онҳоро дар ҳаёти шумо маҳз барои он роҳ дод, ки шуморо ҳамон гуна кунад, ки дар нақша дошт (Рум. 8:28–29). Барои муайян намудани он ки маҳз чӣ гуна ба Худо хизмат кунед, шумо бояд оиди шаш навъи вазъиятҳо ва воқеаҳо аз гузаштаи худ андеша намоед:

- *Оила*: Дар оилаи худ шумо чиро омӯхтаед?
- *Маълумотнокӣ*: Кадом фанҳоро омӯхтан ба шумо беш аз ҳама маъқул буд?
- *Ихтисос*: Кадом кор беш аз ҳама ба шумо маъқул аст ва натиҷаҳои беҳтарин медиҳад?

- *Таҷрибаи рӯҳонӣ*: Кадом лаҳзаҳои муошират бо Худо барои шумо махсусан аҳамиятнок буданд?
- **Таҷрибаи хизмат**: Шумо дар гузашта ба Худо чӣ гуна хизмат мекардед?
- **Азобҳои аз сар гузаронида**. Кадом мушкилот, ранҷишҳо ё санҷишҳо барои шумо дарсҳои асосии ҳаётӣ шуданд.

Барои тайёрӣ ба хизмат Худо беш аз ҳама маҳз навъи охирини таҷрибаи гузаштаро истифода мебарад: *азобҳое* ки шумо аз сар гузаронидаед. *Худо азобҳои беҳударо роҳ намедиҳад!* Зиёда аз ин, хизмати *муҳимтарин ва лозимтарини* ҳаёти шумо, аз афташ, маҳз аз азоби амиқтарине ки аз сар гузаронидаед, сабзида мерасад. Ба волидоне ки фарзандашон синдроми Даун дорад, ҳамон волидоне бештар аз ҳама хизмат карда метавонанд, ки ҳамин гуна фарзанд доранд. Барои аз вобастагӣ раҳо шудани майзада беҳтар аз ҳама он шахс ёрӣ дода метавонад, ки худаш бо ин нуқсон мубориза бурда, озодӣ пайдо намудааст. Занеро, ки шавҳараш ба хотири маҳбуба тарк кардааст, танҳо ҳамон зан беҳтар аз ҳама тасалло дода метавонад, ки ҳамин гуна азобҳоро аз сар гузарондааст.

Худо дидаву диниста ба мо имкон медиҳад, ки воқеаҳои дарднокро аз сар гузаронем, то моро барои хизмат ба дигарон тайёр кунад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Муборак аст Худо..., ки моро дар ҳар андӯҳи мо тасалло медиҳад, то ки мо андӯҳгинонро дар ҳар андӯҳашон тасалло дода тавонем бо ҳамон тасаллое ки худамон аз Худо меёбем*» (2 Қӯр. 1:3–4).

Агар шумо ҳақиқатан хоҳед, ки Худо ба воситаи шумо хости Худро ба амал оварад, *бояд* як ҳақиқати тавоноро дарк намоед: Худо мехоҳад маҳз ҳамон

азсаргузаронињои њаётиро истифода барад, ки барои онњо табъатон беш аз њама хира мегардад ё хашмгин мешавед ва ё мехостед дуртар пинњон кунед ва фаромўш намоед. Ў мехоњад онњоро барои он истифода барад, ки шумо ба дигарон хизмат кунед. Мањз онњо хизмати шумо *мебошанд*.

Барои он ки Худо ба чунин воќеањои дардноки гузаштаи шумо такя карда тавонад, аз шумо талаб карда мешавад, ки онњоро баён намоед. Онњоро пинњон кардан лозим нест; корњои нодуруст, хатоњо ва тарсњои худро софдилона эътироф кардан лозим аст. Эњтимоли ќавї меравад, ки ин хизмати самараноктарини њаёти шумо мешавад. Одамон на он вақт рўњбаланд ва дилгарм мешаванд, ки мо дастовардњои худро таърифу тавсиф мекунем, балки њангоме наќл мекунем, ки чї тавр файзи Худо дар байни сустињо ба мо ёрї додааст.

***Барои он ки Худо ба чунин воќеањои дардноки гузаштаи шумо такя карда тавонад, аз шумо талаб карда мешавад, ки онњоро баён намоед.***

Павлус инро хуб мефањмид, ва аз њамин сабаб софдилона оиди давра ба давра бо рўњафтодагињо мубориза будани худ мегуфт: «*аз њамин сабаб мехоњем, ки шумо, эй бародарон, аз андўње ки дар вилояти Осиё ба сари мо афтод, бохабар бошед. Он бар мо аз њад зиёд, ба андозаи аз ќувва берун гарон омад, ба тавре ки аз зиндагї њам умеди худро кандем. Мо гумон кардем, ки њукмномаи марг аллакай бароварда шудааст, ва мо дигар на ба худ, балки ба Худои эњёкунандаи мурдагон таваккал мекардем. Ў моро аз марги дањшатовар халос кард ва дар оянда низ халос мекунад! Мо ба Ў умед мебандем, ки боз њам моро халос хоњад кард*» (2 Ќўр. 1:8–10).

Агар Павлус шубњањо ва андўњњои худро пинњон мекард, миллионњо масењиён аз онњо њеҷ фои-

да намедиданд. Танҳо азсаргузаронихое ки мо оиди онҳо ба дигарон нақл мекунем, ба дигарон ёрӣ дода метавонанд. Олдос Ҳакслӣ* гуфтааст: «Таҷриба на ба шарофати он чи бо мо рӯй медиҳад, балки ба шарофати он чи мо бо ҳамаи ин мекунем, пайдо мешавад». Шумо бо ҳамаи он чи аз сар гузаронидаед, чӣ мекунед? Ба хотирот оиди азобҳои худ имкон надиҳед, ки беҳуда аз байн раванд; онҳоро барои ёрӣ додан ба дигарон истифода баред.

Умедворам, ки ин панҷ қисми таркибии нотакрор будани худро аз назар гузаронида, шумо дидед, ки Худо ҳақиқатан ҳама чизро зери назорат дорад, ва беҳтар фаҳмидед, ки Ӯ чӣ тавр моро ба хизмат тайёр кардааст. Агар шумо нотакрории худро ба назар гиред, ин ба хизмати шумо имкон медиҳад, ки ба таври ҳақиқӣ пурсамар ва хурсандиовар гардонад**. Ҳамон хизмат бештар самаранок хоҳад буд, ки шумо дар он *бахшоишҳои рӯҳонии* худро мувофиқи *майлу рағбатҳои дил ва ғайратмандии* худ истифода мебаред ва низ *махсусиятҳои шахсиятӣ ва таҷрибаи гузаштаи худро* ба назар мегиред. Хизмат ҳар қадар беҳтар интихоб гардида бошад, он ҳамон қадар бештар самаранок хоҳад буд.

---

* Олдос Ҳакслӣ (1894–1963) Нависандаи машҳури романнависи англис, муаллифи 47 китоб.

** Барои шиносоии минбаъда бо ин мавзӯъ шумо метавонед дар калисои «Сэддлбэк» силсилаи аудиокассетаҳоро таҳти унвони «*Нотакрории худро дар хизмат дарк намуда*» фармоиш диҳед (ба забони англисӣ. «*Discovering Your SHAPE for Ministry*»), ки ба онҳо ҳамчуни мавод барои аниқ кардани махсусиятҳои шахсиятии шумо дохил мешаванд.

## РӮЗИ СИЮ ЯКУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Танҳо худи ман ҳамон тавре буда метавонам, ки ҳастам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, ҳамчун муваккалони неки файзи гуногуни Худо хизмат кунед*» (1 Пет. 4:10).

**Савол барои андешаронӣ**: Кадом лаёқатҳо ё таҷрибаро аз гузаштаи худ ба калисо пешниҳод карда метавонам?

# 32

# БАХШОИШҲОИ ДОДАИ ХУДОРО ИСТИФОДА БУРДА

*Агарчи мо бисёрем, як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, ва нисбати якдигар узвҳои гуногуни он ҳастем. Ва мувофиқи бахшоишҳои гуногуне ки Худо ба мо додааст, ҳар яке таъйиноти худро дорем.*

Рум. 12:5–6 (РВ)

*Бо кадом хусусиятҳо ба дунё омадани мо — тӯҳфаи Худо ба мост. Аммо он чи мо бо ҳамаи ин мекунем — тӯҳфаи мо ба Худост.*

Зарбулмасали даниягӣ

Худо сазовори чизи беҳтарин аст.

Ӯ моро офарид ва интизори он аст, ки ҳамаи он чиро, ки ба мо ато шудааст, ба таври беҳтарин истифода барем. Ӯ намехоҳад, ки мо лаёқатҳои худро бо лаёқатҳои дигарон муқоиса кунем ва ба онҳо ҳасад барем. Ба ҷои ин Ӯ моро даъват мекунад, ки тамоми қувваи худро ба истифодаи он бахшоишҳое, ки ба мо дода шудаанд, сарф намоем.

Ҳангоме мо кӯшиш мекунем, ки ба Худо бар хилофи нотакрории худ хизмат кунем, ҳама чиз ғайритабиӣ мешавад. Мо худро нороҳат ҳис меку-

нем, ва натиҷаҳо низ на он қадар умедбахш мешаванд. Ғайр аз ин, мо вақт ва *лаёқатҳои* худро барбод медиҳем. Воситаи беҳтарини зистан — ба Худо мувофиқи он чи мо ҳастем, хизмат кардан аст. Барои ин мо бояд *лаёқатҳои* нотакрори худро донем, ва бо хушнудӣ қабул кардани онҳоро ёд гирем ва то ҳадди ақсо инкишоф диҳем, то ки онҳо ба авҷи аълои худ расанд.

## НОТАКРОРИИ ХУДРО ОШКОР НАМУДА

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Бинобар ин нодон набошед, балки дарк кунед, ки иродаи Худо чист*» (Эфс. 5:17). Бинобар ин, биёед вақтро беҳуда сарф накунем ва аллакай ҳамин рӯз ба аниқ намудан сар мекунем, ки Худо чӣ гуна будани моро мехоҳад ва моро барои чӣ муқаррар намудааст.

**Аз баҳо додани бахшоишҳо ва лаёқатҳои худ сар кунед**. Бо диққат ва софдилона таҳлил намоед, ки кадом корро ҳақиқатан хуб ба ҷо меоваред, ва кадом корро не. «Дар хусуси худ софдилона ҳукм намоед», — маслиҳат дода буд Павлус (Рум 12:3б). Рӯйхат тартиб диҳед. Аз наздикон ва дӯстон хоҳиш кунед, ки фикри худро самимона баён кунанд. Ба онҳо фаҳмонед, ки шумо таърифу таҳсин шуниданӣ нестед, балки ҳақиқатро фаҳмидан мехоҳед. Бахшоишҳои рӯҳонӣ ва *лаёқатҳои* табиӣ ҳамеша бояд дар байни атрофиён тасдиқи худро ёбанд. Шумо чӣ фикр доред, агар шумо худро муаллими болаёқат ва мусиқанавози олидараҷа ҳисобед, аммо ҳеҷ кадоми атрофиён чунин наҳисобад, чӣ хулоса баровардан даркор аст? Агар донистан хоҳед, ки оё *лаёқати* сарварӣ доред, ба ақиб нигаристанатон кифоя аст. Агар ҳеҷ кас аз паси шумо наравад, пас шумо ҳеҷ гуна сарвар нестед!

Аз худ пурсед: «Ман дар кадом соҳаҳои ҳаёти худ самарҳои ҳақиқӣ дидаам, ки *барои дигарон баръало аён бошанд*? Ман кадом корро хуб ба ҷо меоварам ё пештар хуб ба ҷо меовардам?» Саволномаҳо ва тестҳо ба шумо ёрии муайян расонида метавонанд, аммо арзишнокии онҳо хеле маҳдуд аст. Аввалан, онҳо стандартӣ кунонида шудаанд, ва нотакрории шуморо ба ҳисоб гирифта наметавонанд. Сониян, Китоби Муқаддас бахшоишҳои рӯҳониро аниқ тавсиф намедиҳад, бинобар ин ҳамаи ин гуна тавсифҳо хусусияти озодона дошта, одатан майлҳо ё ақидаҳои хусусии ин ё он деноминатсияро ифода мекунанд. Боз як хусусият аз он иборат аст, ки ин ё он масеҳӣ то чӣ андоза болиғ шавад, дар ӯ ҳамон қадар бештар нишонаҳои бахшоишҳои гуногун зоҳир шудан мегиранд. Кас метавонад аз боиси тақводории оддии масеҳӣ хизмат кунад, дигаронро таълим диҳад ё саховатмандӣ зоҳир намояд, аммо на за боиси он ки ҳамин гуна бахшоиш дорад.

***То даме ки худро дар соҳаҳои гуногуни хизматгузорӣ насанҷед, лаёқатҳои худро ошкор намекунед.***

Воситаи беҳтарини муайян кардани бахшоишҳо — худро дар соҳаҳои гуногуни хизмат санҷида дидан аст. Дар ҷавонӣ ман метавонистам даҳҳо саволномаҳо ва тестҳои гуногунро пур кунам, аммо нафаҳмам, ки бахшоиши муаллимӣ дорам, зеро дар он лаҳза ҳанӯз ба таълим додани касе кӯшиш накарда будам. Танҳо *пас* аз он ки даъватҳоро оиди гузарондани семинар ё мавъиза кардан қабул мекардагӣ шудам, ман самарҳои баромадҳоямро дидам, аз дигарон тасдиқи онро ба даст овардам ва фаҳмидам: «Худо ҳақиқатан ба ман ин бахшоишро додааст!»

Дар бисёр китобҳо раванди ошкор намудани лаёқатҳои худ аз сар ба по гузошта шудааст: «Кадом бахшоишҳо доштани худро фаҳмед, ва он гоҳ

мефаҳмед, ки дар кадом хизматгузорӣ иштирок карданатон беҳтар аст». Дар асл ҳамааш баъакс аст. Хизматро сар кунед, худро дар соҳаҳои гуногун санҷед — ва дар раванди он мефаҳмед, ки Худо ба шумо кадом бахшоишро додааст. То даме ки худро дар соҳаҳои гуногуни хизматгузорӣ насанҷед, лаёқатҳои худро ошкор намекунед.

Албатта, шумо даҳҳо бахшоишҳо ва истеъдодҳои ниҳонӣ доред, ки онҳоро ҳатто пай намебурдед, зеро ҳеҷ гоҳ онҳоро ба кор набурдаед. Бинобар ин ман ба шумо маслиҳат медиҳам коре кунед, ки пештар ҳеҷ гоҳ накарда будед. Синну соли шумо аҳамият надорад; ба ҳар ҳол санҷишҳоро давом диҳед! Ман бисёр касонеро медонам, ки дар синни ҳафтодсолагӣ ва ҳатто ҳаштодсолагӣ дар худ истеъдодҳои ниҳониро ошкор намудаанд. Як шиноси ман навадсола аст, ӯ дар мусобиқаҳои шаҳрии давидан бо муваффақият иштирок мекунад, аммо танҳо дар синни ҳаштоду ҳаштсолагӣ ба варзиш шавқи зиёд доштани худро ошкор намуд!

Чунин фикр кардан даркор нест, ки аввал бояд бахшоишҳои худро аниқ кунед ва баъд ёрии худро дар ин ё он хизмат пешниҳод намоед. Фақат хизмат намуданро сар кунед ва бас! Бо мурури он ки мо дар хизмат иштирок мекунем, бахшоишҳо ошкор мешаванд. Дарс гузарондан, ягон чорабинӣ гузарондан, дар дастаи мусиқӣ иштирок намудан, ё бо наврасон кор карданро санҷида бинед. То даме ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолият худро санҷида набинед, лаёқатҳои худро ошкор карда наметавонед. Ва агар дар яке аз соҳаҳо кор хуб пеш наравад, кӯшиши худро «санҷиш» ҳисобед ва рӯҳафтода нашавед. Бо мурури замон шумо ошкор менамоед, ки кадом корро аз ҳама беҳтар ба ҷо меоваред.

**Махсусиятҳои шахсиятӣ ва шавқмандиҳои худро ба назар гиред.** «*Бигзор ҳар кас амали худро*

*ҳушёрона санҷида бинад,* — маслиҳат медод Павлус, — *ва он гоҳ аз муваффақиятҳои худ фахр карда метавонад»* (Ғал. 6:4). Ман боз таъкид мекунам, ки аз ин ҷиҳат фаҳмидани нуқтаи назари софдилонаи шахсоне ки моро бештар аз ҳама медонанд, хеле фоиданок аст. Аз худ пурсед: Ман чӣ кор карданро аз ҳама бештар дӯст медорам. Кадом корро бо ғайрати зиёд ба ҷо меоварам? Ҳангоми кадом машғулият ман гузаштани вақтро пайхас намекунам. Чӣ чиз беш аз ҳама ба ман маъқул аст: тартиби муқарраршуда ё гуногунрангии доимии фаъолият? Чи хел кор кардани ман осонтар аст: алоҳида ё ҳамроҳи дигарон? Ман кистам, экстраверт ё интроверт? Ман ҳангоми қабули қарор пеш аз ҳама чиро ба асос мегирам: принсипҳо ва фактҳо ё ҳиссиёт ва муносибатҳои одамонро? Чӣ чиз бештар ба ман маъқул аст: бо дигарон мусобиқа кардан ё дар ҳамкорӣ меҳнат намудан?

**Оиди таҷрибаи гузаштаи худ фикр кунед ва аз он дарсҳо берун оваред**. Бо нигоҳи бодиққат ҳаёти худро аз назар гузаронед ва фикр кунед, ки он шуморо чӣ гуна шахс гардондааст. Мусо ба исроилиён гуфта буд: «*Ва имрӯз бидонед, — бузургии Ӯ ва дасти пурзӯри Ӯ ва бозуи тӯлонии Ӯро, ва аломот ва аъмоли Ӯро*» (Так. Шар. 11:2–3). Гузаштаи фаромӯшшуда фоидае намеоварад, ва аллакай як худи ҳамин асоси кофист, то ки дафтарчаи рӯҳонӣ тартиб диҳед. Павлус дар хавотир буд, ки азобҳои гузаштаи масеҳиёни Ғалотия барбод мераванд. Ӯ ба онҳо навишта буд: «*Оё он чи аз сар гузарондед, беҳуда буд? Тасаввур намекунам*» (Ғал. 3:4). Мо дар лаҳзаи азоб, нобарорӣ ё таҳқир мақсадҳои неки Худоро кам пай мебарем. Ҳангоме ки Исо пойҳои Петрусро мешуст, Ӯ гуфт: «*Он чи Ман мекунам, алҳол намедонӣ, лекин баъд хоҳӣ фаҳмид*» (Юҳ. 13:7). Танҳо баъд мо мефаҳмем, ки Худо аз аввал мехост ҳамаи ин душвориҳоро бароямон ба некӯӣ гардонад.

Барои аз гузашта дарси ибрат омӯхтан вақт даркор аст. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки тамоми рӯзи истироҳатро барои он сарф намоед, ки дар танҳоӣ бо Худо монда, *ҳаёти худро аз назар гузаронед*: Бозистода нигоҳ кунед, ки чӣ тавр Худо дар лаҳзаҳои гуногуни ҳалкунандаи гузаштаи шумо амал менамуд, ва фикр кунед, ки Ӯ ҳамаи ин дарсҳоро чӣ тавр барои ёрӣ ба дигарон истифода бурдан мехоҳад. Агар ба шумо мадад даркор бошад, мо барои ин маводи махсус дорем*

## НОТАКРОРИИ ХУДРО БО ХУШНУДӢ ҚАБУЛ НАМОЕД

Азбаски Худо медонад, ки барои мо чӣ чиз аз ҳама беҳтар аст, мо бояд бо шукргузорӣ он чиро, ки ба мо ато намудааст, қабул намоем. Дар Китоби Муқадас гуфта шудааст: «*Аммо ту кистӣ, эй одамизод, ки бо Худо баҳсу мунозира мекунӣ? Оё офарида ба офаранда мегӯяд: "Чаро маро чунин сохтӣ?" Оё кӯзагар ихтиёр надорад, ки аз айни як гил зарфе барои истеъмоли олӣ ва зарфи дигаре барои истеъмоли паст бисозад?*» (Рум. 9:20–21).

Хусусиятҳои шахсияти шуморо Худо барои нақшаҳои худ пешакӣ муқаррар намуда буд, бинобар ин аз Ӯ ранҷидан ва «ман»-и худро рад кардан даркор нест. Ба ҷои он ки худро ба шабоҳати каси дигар тағйир диҳед, бояд аз он нотакрорие ки Худо танҳо ба шумо ато кардааст, шодӣ кунед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст*» (Эфс. 4:7).

---

* Ба сомонаи www.purposedrivenlife.com нигаред (ҳамаи мавод ба забони англисӣ аст).

Қабул намудани нотакрории худ қисман аз эътирофи маҳдудияти имкониятҳои худ иборат аст. Ҳеҷ кадоми мо ҳамаи бахшоишҳоро надорад ва бар иҷрои ҳамаи хизматҳо даъват карда нашудааст. Ҳар яке нақши муайяни худро дорад. Павлус мефаҳмид, ки вазифаи ӯ на аз он иборат аст, ки ҳама корро худаш кунад, балки қувваи худро ба коре сарф кунад, ки Худо ӯро барои он муқаррар кардааст (Ғал. 2:7–8). Ӯ мегуфт: «*Мо берун аз андоза фахр нахоҳем кард, балки ба андозаи он ҳадде ки Худо барои мо муайян кардааст*» (2 Қӯр. 10:13).

Дар хусуси худ «*ба андозаи он ҳадде ки Худо барои мо муайян кардааст*» — дар ёд доштани маҳдудиятҳои худ ва дар дохили он ҳудуди хизмате ки Худо барои мо муқаррар намудааст, мондан мебошад. Нотакрории мо ихтисоси моро муайян мекунад. Ҳангоме ки мо ҳудуди хизмати худро беандоза васеъ карданӣ шуда, аз он он чаҳорчӯбае ки Худо бароямон муҳайё намудааст, берун мебароем, ба стресс дучор мешавем. Ҳангоми мусобиқаи давидан ба ҳар як варзишгар пайраҳаи худ дода мешавад. Ҳар яки мо низ бояд «*мусобиқаи давидани дар пеши мо бударо бо сабр ва устуворӣ тай кунем*» (Ибр. 12:1б). Ба касе ки дар пайраҳаи ҳамсоя медавад, ҳасад набаред, беҳтараш диққати худро ба он равона кунед, ки масофаро чӣ тавр сазовор тай намоед.

Худо мехоҳад, ки мо аз нотакрор будани худ хурсанд бошем. «*Бигзор ҳар кас амали худро ҳушёрона санҷида бинад, ва он гоҳ аз муваффақиятҳои худ фахр карда метавонад*» (Ғал. 6:4). Шайтон борҳо кӯшиш мекунад, ки моро аз хурсандии хизмат маҳрум намояд. Ӯ моро ба он тела медиҳад, ки хизмати худро бо хизмати дигарон *муқоиса намоем*. Ё бо тамоми қувва кӯшиш кунем, ки хизмати худро ба стандартҳо ва талаботи дигарон *тобеъ намоем*. Ҳар дуи ин домҳо барои мувофиқи хости Худо хизмат кардани

шумо халал мерасонанд. Агар шумо бо кадом як сабаб хурсандии хизматро аз даст дода бошед, пеш аз ҳама аз худ пурсед, ки оё яке аз ин озмоишҳо сабабгори он нест?

***Худо мехоҳад, ки мо аз нотакрор будани худ хурсанд бошем.***

Китоби Муқаддас огоҳ менамояд, ки мо ҳеҷ гоҳ худро бо дигарон муқоиса накунем: «*Бигзор ҳар кас амали худро имтиҳон намояд, ва он гоҳ фақат дар худ фахр хоҳад дошт, на дар дигаре*» (Ғал. 6:4). Ду сабаб ҳаст, ки аз рӯи он мо набояд нотакрории худ, хизмати худ ё самари онро бо кор ва хусусиятҳову дастовардҳои дигарон муқоиса кунем. Аввалан, ҳамеша шахсе ёфт мешавад, ки корҳояш назар ба шумо беҳтар пеш меравaнд, ва аз ин сабаб кас ба осонӣ метавонад рӯҳафтода ва ноумед шавад. Ё шахсе ёфт мешавад, ки корҳояш на он қадар хуб пеш меравaнд, ва шумо пинҳонӣ аз худ фахр кардан мегиред. Дар ҳар ҳолат, чунин муносибат шуморо зуд  аз хизмат берун ва аз хурсандӣ маҳрум менамояд.

Павлус мегуфт, ки худро бо дигарон муқоиса кардан бехирадона аст. Ӯ навишта буд: «*Мо ҷуръат намекунем худро бо касони худсито муқоиса намоем ё баробар кунем: онҳое ки худро бо худ андоза мекунанд ва худро бо худ муқоиса менамоянд, хирад надоранд*» (2 Қӯр. 10:12). Дар тарҷумаи англисии «The Message» ин оят чунин баён карда шудааст: «*Онҳо намефаҳманд, ки гап умуман на дар муқоиса намудани худ бо дигарон, баҳогузорӣ намудан ва бо якдигар мусобиқа кардан аст*».

РӮЗИ СИЮ ДУЮМ:

## БАХШОИШҲОИ ДОДАИ ХУДОРО ИСТИФОДА БУРДА

Одамоне ки дар хизмат нотакрор будани шуморо намефаҳманд, ба шумо муносибати танқидӣ кар-

да, мекӯшанд шуморо маҷбур намоянд, ки ба тасаввуроти онҳо оиди он ки шумо бояд чиро ва чӣ тарз ба ҷо оваред, итоат намоед. Ба онҳо аҳамият надиҳед. Павлус борҳо бо норозиён сару кор дошт, ки хизмати ӯро нодуруст мефаҳмиданд ва онро сиёҳ мекарданд. Ӯ ҳамеша ба ин як хел муносибат мекард: аз муқоиса канораҷӯӣ кунед, муболиға накунед ва танҳо хоҳони таҳсин аз ҷониби Худо бошед (1 Қӯр. 10:12–18).

Худо бо дастони Павлус чунин корҳои бузургро боз аз он сабаб ба амал овард, ки ӯ ба танқиди одамон аҳамият намедод, хизмати худро бо хизмати дигар масеҳиён муқоиса кардан намехост ва аз баҳсҳои бесамар оиди соҳаи фаъолияти худ канораҷӯӣ мекард. Чуноне ки Ҷон Бунян* гуфтааст: «Агар ҳаёти ман самар намеоварда бошад, муҳим нест, ки маро кӣ таърифу таҳсин мекунад. Аммо агар дар ҳаёти ман самар бисёр бошад, чӣ фарқ дорад, ки аз ман кӣ норозӣ аст?»

## ИНКИШОФ ЁФТАНРО ДАВОМ ДИҲЕД

Масали Масеҳ оиди талантҳо ба таври аёнӣ нишон медиҳад, ки Худо мехоҳад, ки мо ҳама чизи ба мо додашударо ба таври беҳтарин истифода барем. Мо бояд лаёқат ва бахшоишҳои худро инкишоф диҳем, дар дили худ оташро фурӯзон нигоҳ дорем, хислати худро устувор намоем, «ман»-и худро ҳарчи пурратар ба даст оварем ва таҷрибаи худро васеъ кунем, то ки таҷрибаи мо ҳарчи самараноктар шавад. Павлус аз масеҳиёни Филиппӣ хоҳиш мекард, «*ки муҳаббати* [онҳо] *дар дониш ва мулоҳизакорӣ торафт*

---

* Ҷон Бунян (1628–1688) — нависандаи маъруфи англис, шубон, муаллифи асарҳои классикӣ оиди ҳаёти рӯҳонӣ «Сафари масеҳӣ» ва «Ҷанги рӯҳонӣ».

*афзунтар гардад*» (Фил. 1:9), ва ба Тимотиюс ёдрас менамуд: «*Оташи бахшоиши Худоро, ки дар туст, авҷ гирон*» (2 Тим. 1:6).

Агар муддати зиёд мушакҳоро истифода набарем, онҳо суст мешаванд ва корношоям мегарданд. Айнан ба монанди ин, агар он лаёқатҳо ва малакаҳоеро, ки Худо ба мо додааст, истифода набарем, мо онҳоро аз даст медиҳем. Исо масалеро нақл кард, то ки ин ҳақиқатро таъкид намояд. Ба хизматгоре ки аз истифода бурдани ягона таланти ба ӯ додашуда тарсид, хоҷааш гуфт: «*Пас он талантро аз вай гирифта, ба касе ки даҳ талант дорад, бидиҳед*» (Мат. 25:28). Агар шумо он чиро, ки ба шумо дода шудааст, истифода набаред, бо мурури замон ҳамаи онро аз даст медиҳед. Павлус ба Тимотиюс навишта буд: «*Ба бахшоише ки ба ту дода шудааст, беэътиноӣ накун... Бо ҳамаи ин бо ҷидду ҷаҳд машғул шав ва серғайрат бош*» (1 Тим. 4:14–15).

Новобаста ба он ки кадом бахшоиш доред, агар бо он машғул шавед ва доимо дар амал истифода баред, ҳар яки онҳо метавонад нашъунамо карда, инкишоф ёбад. Масалан, ҳеҷ кас ҳангоми зода шудан бахшоиши муаллимиро дар шакли пурра инкишофёфта ва болиғ ба даст намеоварад. Аммо ба воситаи таълим, амалия, маслиҳатҳои ҳамкорон муаллими хуб метавонад *боз беҳтар* шавад, ва бо мурури замон ҳатто ба *устоди* касби худ табдил ёбад. Бинобар ин, қувваи худро дареғ надошта, ҳар он чиро, ки омӯхта метавонед, омӯзед. «*Саъю кӯшиш намо, ки худро дар назари Худо санҷидашуда нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне ки хиҷил намешавад*» (2 Тим. 2:15). Ҳамаи имкониятҳоро барои омӯхтани ягон чизи нав истифода баред, ба ҳадди пурраи имкониятҳои худ расед ва маҳоратҳои худро дар хизмат сайқал диҳед.

Дар Осмонҳо мо абадан ба Худо хизмат хоҳем кард. Ҳозир мо ба ин хизмати абадӣ бо ёрии

«машқҳо»-и доимӣ ва амалия тайёрӣ дида метавонем. Ба монанди варзишгароне ки барои Олимпиада машқ мекунанд, мо барои он рӯзи муҳим ва тамоман махсус тайёрӣ диданро давом медиҳем: «*Ҳамаи риёзаткашон аз ҳар чиз худдорӣ мекунанд: онҳо барои гирифтани тоҷи фонӣ, лекин мо барои гирифтани тоҷи ғайрифонӣ*» (1 Қӯр. 9:25).

Зеро ҳозир вақти тайёрӣ ба хизмати *абадӣ* ва мукофотҳои *абадӣ* аст.

## РӮЗИ СИЮ ДУЮМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Худо сазовори он аст, ки ман ба Ӯ ҳама чизи беҳтаринро диҳам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне ки хиҷил намешавад ва каломи ростиро дуруст мавъиза мекунад*» (2 Тим. 2:15).

**Савол барои андешаронӣ**: Он чиро, ки Худо ба ман додааст, чӣ гуна ба таври беҳтарин истифода барам?

# 33

# ХИЗМАТГОРОНИ ҲАҚИҚӢ ЧӢ ГУНА РАФТОР МЕНАМОЯНД

*Лекин дар миёни шумо набояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, бояд хизматгори шумо шавад.*

Марқ. 10:43

*Онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт. Оё аз хор ангур ва аз хас анҷир мечинанд?*

Мат. 7:16

Мо ба дигарон хизмат карда, ба Худо хизмат менамоем.

Ҷаҳон бузургиро бо ҳокимият, сарват, обрӯмандӣ ва мақоми барҷаста дар ҷамъият вобаста мекунад. Агар шахс ҳуқуқи талаб намудани хизматро ба худ дошта бошад, пас ӯ ба дараҷаи муайяни баландӣ расидааст. Дар ҷамъияти ҳозираи худпарастона, ки майли пеш аз ҳама дар ҳаққи худ ғамхорӣ намудан афзалият дорад, фикр оиди хизмат ба дигарон таваҷҷӯҳ пайдо намекунад.

Аммо Исо бузургиро на бо мақоми иҷтимоӣ, балки маҳз бо хизмат вобаста мекард. Худо мегӯяд, ки на он кас бузургтар аст, ки хизматгорони бисёр

дорад, балки касе ки беш аз ҳама ба дигарон хизмат кардааст. Ин фикр ба нуқтаи назари аҳли ҷаҳон чунон мухолиф аст, ки мову шумо низ гоҳо онро бо душворӣ дарк менамоем — оиди аз рӯи ин принсип зистан бошад ҳоҷати гап ҳам нест. Дар вақташ шогирдони Исо оиди он баҳс мекарданд, ки дар Осмонҳо мақомҳои боэътибор ба кадоми онҳо насиб мешавад. Ҳозир, баъди ду ҳазор сол, сарварони масеҳӣ барои обрӯву эътибор дар калисоҳо, деноминатсияҳо ва ташкилотҳову хизматҳои худ бо ҳамон гуна қатъият мусобиқа мекунанд.

Оиди сарварӣ ҳазорон китобҳо навишта шудаанд, аммо оиди чӣ тавр хизматгори ҳақиқӣ шудан хеле кам навишта шудааст. Ҳар кас мехоҳад дигаронро аз паси худ барад, аммо ҳеҷ кас хизмат кардан намехоҳад. Ба мо чунин метобад, ки генерал будан аз аскари қаторӣ будан беҳтар аст. Ҳатто масеҳиён мехоҳанд «*сарварон-ходимон*» бошанд, на ин ки фақат ходимон ё хизматгорон. Аммо ба Исо монанд будан — хизматгор будан аст. Зеро Ӯ худро маҳз ҳамин тавр меномид.

***Нотакрор будани шумо барои донистани хизмататон ёрӣ медиҳад, аммо муносибати шумо ба хизмат ба дигарон ёрӣ медиҳад, ки дараҷаи балоғати шуморо бубинанд.***

Барои хизмат ба Худо ҳақиқатан бояд нотакрории худро фаҳмем ва қабул намоем, аммо аз ҷиҳати моҳияти ботинӣ хизматгори ҳақиқӣ будан боз ҳам муҳимтар аст. Дар ёд нигоҳ доред, Худо бахшоишҳо ва лаёқатҳоро ба шумо на барои он додааст, ки ба худ писанд оед, балки *ба дигарон хизмат* кунед. Агар дар дили шумо оташи хоҳиши самимии хизмат кардан фурӯзон нашавад, дар шумо доимо васвасаи ба нафъи худ истифода бурдани лаёқати худ пайдо шудан мегирад. Ғайр

аз ин, шумо хоҳиш пайдо мекунед, ки нотакрории худро чун баҳона барои қонеъ накардани эҳтиёҷоти дигарон истифода баред.

Худо бисёр вақт ба мо имконияти *бар хилофи* моҳияти худ ба дигарон хизмат карданро дода, дилҳои моро месанҷад. Агар шумо шахсро бинед, ки ба чоҳ афтодааст, бидонед: Худо интизори он аст, ки шумо ба ӯ ёрӣ медиҳед, то аз чоҳ берун бароӣ, на ин ки чунин муҳокимаронӣ намоед: «Ман бахшоиши марҳамат кардан ё хизмат намудан надорам». Шояд шумо ҳақиқатан баъзе лаёқатҳо ва бахшоишҳоро барои кадом як вазифаи аниқ надошта бошед, аммо агар дар наздикӣ каси дигар набошад, Худо метавонад шуморо ба иҷрои он даъват намояд. Хизмати *асосӣ* ҳақиқатан бояд ба нотакрории шахсии шумо мувофиқат кунад, аммо хизмати *дуюмдараҷа* ҳамаи он чиро дар бар мегирад, ки ҳамин лаҳза аз шумо талаб карда мешавад.

Нотакрор будани шумо барои донистани хизмататон ёрӣ медиҳад, аммо муносибати шумо ба хизмат ба дигарон ёрӣ медиҳад, ки дараҷаи балоғати шуморо бубинанд. Баъди парастиш толорро рӯбучин кардан ё курсиҳоро ба ҷояш гузоштан ҳеҷ гуна бахшоиши махсусро наметалабад. Ҳар кас хизматгор шуда метавонад. Барои ин танҳо як чиз даркор аст: хислат.

Тамоми умр дар калисо хизмат карда, дар айни ҳол ҳеҷ гоҳ *хизматгори* ҳақиқӣ набудан мумкин аст. Барои ин хоҳиши дохилии хизмат кардан лозим аст. Аммо чӣ тавр донистан мумкин аст, ки оё шумо онро доред ё не? Исо гуфтааст: «*Онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт*» (Мат. 7:16).

**Хизматгорони ҳақиқӣ ҳамеша ба иҷрои кор тайёранд**. Хизматгорон вақти худро бо дигар шавқмандиҳо пур намекунанд, то ки ҳангоме ки ғайричашмдошт даъват карда мешаванд, банд набо-

шанд. Ба монанди сарбоз, хизматгор ҳамеша тайёр аст, ки бо аввалин даъват остин барзанад: «*Ҳеҷ сарбоз худро бо корҳои рӯзгор банд намекунад, то ки ба сипаҳсолор писанд афтад*» (2 Тим. 2:4). Агар шумо танҳо ҳангоми бароятон боб ва қулай будан хизмат кунед, хизматгори ҳақиқӣ нестед. Хизматгорони ҳақиқӣ кори лозимиро ҳатто ҳангоми барояшон нобоб будан ба ҷо меоваранд.

Оё шумо тайёред дар ҳар лаҳза ба дархости Худо ҷавоб диҳед? Оё Ӯ бо боварӣ ба он ки шумо аз Ӯ хашмгин намешавед, нақшаҳоятонро вайрон карда метавонад? Охир, хизматгорон интихоб намекунанд, ки кай ва дар куҷо хизмат кунанд. Хизматгор шудан — аз ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани рӯзи худ даст кашидан ва ба Худо додани имконияти ҳангоми зарурат вайрон кардани нақшаҳои шумост.

Агар пагоҳиҳо мо ба худ ёдрас намоем, ки фарзандони Худо ҳастем, чунин даъватҳои ғайричашмдошт дигар моро мушавваш намекунанд, зеро он чиро, ки Худо барои мо омода намудааст, дар маркази диққат мегузорем. Хизматгор дар супоришҳои нобаҳангом имконияти худододи хизмат карданро мебинад — ва шод мешавад, ки боз як имконияти бо хизмат машғул шудан фароҳам омадааст.

**Хизматгорони ҳақиқӣ ба эҳтиёҷоти дигарон аҳамият медиҳанд**. Хизматгорон ҳамеша имконияти ба дигарон хизмат карданро меҷӯянд. Ҳамин ки онҳо эҳтиёҷи касеро бинанд, дарҳол барои қонеъ намудани он ягон кор карданӣ мешаванд, чуноне ки дар Китоби Муқаддас ба мо фармуда шудааст: «*Аз ин рӯ, то даме ки фурсат дорем, ба ҳама некӣ кунем, алалхусус ба онҳое ки имон моро бо онҳо як оила гардондааст*» (Ғал. 6:10). Ҳангоме ки ногоҳ дар пеши назаратон шахси эҳтиёҷманд пайдо мешавад, Худо ба шумо имконият медиҳад, ки хизмат кунед. Аҳамият диҳед, ки эҳтиёҷоти оилаи калисоиро Худо на дар

охири рӯйхати корҳои ҳаррӯза, балки дар ҷои аввал мегузорад.

Мо бисёр имкониятҳои хизмат карданро аз даст медиҳем, зеро ки сустҳаракат мебошем ва ҳассосияти даркорӣ надорем. Аммо аксаран чунин ҳолатҳо ба муддати кӯтоҳ пайдо шуда, баъд бебозгашт мераванд. Шояд барои шумо танҳо як имконияти хизмат кардан ба ин ё он шахс фароҳам омадааст, бинобар ин онро ҳатман истифода баред: «*Ба ёри худ нагӯй: «Бирав, баъд биё, пагоҳ медиҳам», агар дар пеши худ дошта бошӣ*» (Мас. 3:28).

Ҷон Уэслӣ* хизматгори Худо ва шахси ҳайратовар буд. Ӯ бо шиори зерин зиндагӣ мекард: «То ҳадди имкон, бо ҳамаи воситаҳои имконпазир, дар ҳар ҷой, дар ҳар вақт — ва то ҳадди имкон ба муддати тӯлонӣ некӣ кун!» Барои ибтидо корҳои хурдеро, ки ҳеҷ каси дигар ба ӯҳда гирифтан намехоҳад, ба ӯҳда гирифта, онҳоро чунон ба ҷо оваред, ки гӯё онҳо вазифаҳои муҳимтарини ҷаҳон бошанд, зеро Худи Худо ба шумо менигарад.

**Хизматгорони ҳақиқӣ захираҳои мавҷударо ба таври беҳтарин истифода мебаранд.** Хизматгорон баҳонаҷӯӣ намекунанд, корро ба вақти дигар намегузоранд, интизор намешаванд, ки вазъият беҳтар шавад. Онҳо ҳеҷ гоҳ намегӯянд: «Ягон вақт, баъдтар» ё «Ҳангоме ки фурсати мувофиқ фароҳам ояд». Онҳо кори лозимиро ба ҷо меоваранд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Касе ки ба бод нигоҳ мекунад, кишт намекунад, ва касе ки ба абрҳо менигарад, дарав намекунад*» (Воиз 11:4). Дигар хел карда гӯем, агар шароити мусоидро интизор шавем, ҳеҷ гоҳ коре намекунем. Худо моро даъват мекунад, ки захираҳои мавҷударо истифода бурда, новобаста ба вазъият-

---

* Ҷон Уэслӣ (1703–1791) илоҳиётшинос ва воизи англис, асосгузори конфессияи методистӣ.

ҳо, ҳама кори аз дастамон меомадаро кунем. Ҳатто хизмати на он қадар бобарор хеле беҳтар аз ният-ҳои олиҳиматонаест, ки ҳеҷ гоҳ амалӣ нашудаанд.

Баъзеҳо ҷуръат намекунанд, ки хизмат намоянд, зеро худро *нолоиқ ва корношоям* меҳисобанд. Онҳо ба изҳороти бардурӯғ бовар кардаанд, ки танҳо суперситораҳо ба Худо хизмат карда метавонанд. Баъзе калисоҳо ин дурӯғро боз ҳам бадтар карда, «маҳорат» ва «ихтисосмандӣ»-ро ба бутҳои ҳақиқӣ табдил додаанд, бинобар ин шахсоне ки лаёқатҳои миёна доранд, ҳатто ҷуръат намекунанд хизматра-сонии худро пешниҳод намоянд.

Шояд шумо низ ба ҳамин монанд суханонро шу-нидаед: «Агар ин корро ба таври бояду шояд иҷро карда натавонем, беҳтараш умуман ҳеҷ гоҳ ба он даст назанем». Медонед, Исо ҳеҷ гоҳ чунин наме-гуфт! Дар асл ҳар кореро, ки сар мекунем, дар аввал на он қадар моҳирона ба ҷо меоварем — аммо маҳз ҳамин тавр мо маҳорат ба даст меоварем! Дар кали-сои «Сэддлбэк» мо кӯшиш мекунем он принсиперо пайравӣ намоем, ки бенуқсон ва комил будани хиз-мат ё чорабинӣ ҳатмӣ нест, то ки Худо онро баракат диҳад. Корро хуб ба ҷо овардан кифоя аст. Ҳазорон шахсони муқаррариро ба хизмат ҷалб намудан беҳтар аз он аст, ки ба калисои бенуқсон амалкунан-дае саъй намоем, ки онро элитаи камшумор идора мекунад.

Хизматгорони ҳақиқӣ ҳама гуна супоришро бо ғайратмандии якхела ба ҷо меоваранд. Онҳо ҳама корро *«аз ҷону дил ба ҷо* [меоваранд], *мисли он ки ба-рои Худованд бошад»* (Қӯл. 3:23). Калон ё хурд будани он кор муҳим нест. Агар онро ба ҷо овардан лозим бошад, ҳамаи масъалаҳои дигар барканор гузошта мешаванд.

Мо ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ ба чунин мартабае наме-расем, ки кори оддии муқаррарӣ бароямон беҳад

паст ва носазовор гардад. Худо моро аз корҳои ҳаррӯза, ки гоҳо дилгиркунанда мебошанд, барканор намегузорад. Ин як қисми омӯзиши мо, як қисми ташаккул ёфтани хислати мост. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро касе ки худро кадом як шахси бонуфуз ҳисоб мекунад, дар сурате ки ҳеҷ аст, вай худро аҳмақ мекунад*» (Ғал. 6:3). Маҳз дар корҳои хурд ва ночиз мо ҳарчи бештар ба Масеҳ монанд мешавем.

Исо корҳоеро ба ӯҳдаи Худ мегирифт, ки дигарон аз он канорагирӣ мекарданд: пойҳои ифлосро мешуст, ба кӯдакон ёрӣ медод, барои дӯстон хӯрок мепухт, ба махавиён хизмат мекард. Ҳеҷ як кор барои Ӯ *беҳад паст* наметофт, зеро Ӯ барои он омада буд, ки хизмат кунад. Ӯ бо ҳамаи ин корҳо *на бар хилофи* бузургии Худ машғул мешуд, балки *аз он сабаб* ки ҳақиқатан бузург буд, ва акнун Ӯ моро даъват мекунад, ки ба намунаи Ӯ пайравӣ намоем (Юҳ. 13:15).

Корҳои ноаён, хурд аксаран инъикоси дили пур аз муҳаббат мебошанд. Майли фурӯтанонаи хизмат кардан дар иҷрои супоришҳои оддитарине зоҳир мегардад, ки ҳеҷ кас оиди онҳо фикр накардааст, — чуноне ки масалан, ҳаввориӣ Павлус кард: ӯ ҳезум ҷамъ намуд, то ки гулхан афрӯхта, рафиқонашро гарм кунад (Аъм. 28:3). Ӯ на камтар аз дигарон хаста шуда буд, аммо ба ҳар ҳол қарор дод, ки барои нафъи ҳама хизмат кунад. Барои хизматгори ҳақиқӣ коре нест, ки аз шаъну эътибори ӯ пасттар бошад.

Имконияҳои хуб гоҳо дар корҳои ночиз ниҳон мебошанд. Аммо аксаран маҳз ҷузъиёти ночиз муваффақияти корҳои бузургро муайян мекунанд. Кӯшиш накунед, ки барои Худо корҳои беандоза бузургро ба ҷо оваред. Корҳои оддии ҳаррӯзаро оромона ба ҷо оваред, ва Худо Худаш корҳоеро, ки барои шумо муқаррар гардидаанд, ба нақша мегирад. Аммо пеш аз он ки ба лоиҳаҳои бузург рӯ оваред

ва ба сӯи мақсадҳои кайҳонӣ равед, кӯшиш кунед, ки ба Ӯ ба тарзи оддӣ ва ноаён хизмат кунед (Луқ. 16:10–12).

Нисбат ба онҳое ки тайёранд ба Худо дар корҳои хурд хизмат кунанд, ҳамеша миқдори бештари одамон ёфт мешаванд, ки мехоҳанд «барои Ӯ корҳои бузург ба ҷо оваранд». Дар пайраҳаи сарварӣ ҳамеша ҷой танг аст, аммо барои хоҳишмандони хизмат кардан майдон фарох аст. Гоҳо лозим меояд ба касоне хизмат кунем, ки аз мо *болотар ва тавонотар* ҳастанд (масалан, сардорон ва ҳукуматдорон), ва гоҳо — ба касоне ки *поёнтар ва суттар* ҳастанд (масалан, ба бенавоён ва беморон). Дар ҳар ду маврид, ҳангоме кореро ба ҷо меоварем, ки бояд анҷом дода шавад, мо хизматгорони ҳақиқӣ мешавем.

***Имкониятҳои хуб гоҳо дар корҳои ночиз ниҳон мебошанд.***

**Хизматгорони ҳақиқӣ ба хизмати худ вафодорона муносибат мекунанд ва амин ҳастанд**. Онҳо кори саркардаашонро ба охир мерасонанд, ба ваъда вафо мекунанд ва ба он чи худро бахшидаанд, то охир вафодор мемонанд. Онҳо корро дар нисфаш тарк намекунанд ва ҳангоми вазнинӣ онро партофта намераванд. Ба онҳо боварӣ кардан, ба онҳо такя намудан мумкин аст.

Амин будан ҳамеша сифати камёб буд (Заб. 11:2, Мас. 20:6, Фил. 2:19–22). Бисёр касон чӣ будани вафодор ва амин буданро хуб намефаҳманд. Онҳо ваъдаҳои беқадру қимат дода, бо сабабҳои ночиз аз қавли худ мегарданд, ва дар ин хусус на шубҳа мекунанд, на азоби виҷдон мекашанд, на афсӯс мехӯранд. Ҳар ҳафта ба ҷамоатҳои калисоӣ ва ба дигар ташкилотҳо лозим меояд, ки роҳи баромадро аз вазъиятҳои ногувор ёбанд, зеро ёрдамчиёни ихтиёрӣ тайёрӣ надидаанд, ё умуман наомадаанд ва дар

айни ҳол ҳатто занг зада огоҳ накардаанд, ки намеоянд.

Оё ба шумо боварӣ кардан мумкин аст? Оё ягон хел ваъдаҳо ҳастанд, ки бояд ба ҷо оваред? Ё корҳое ки бояд то охир расонед? Қасамҳое ки бояд иҷро шаванд? Ин санҷиш аст. Худо амин будани шуморо месанҷад. Агар шумо аз санҷиш гузаред, ба ҷамъияти хубе хоҳед рафт. Иброҳим, Мусо, Самуил, Довуд, Дониёл, Тимотиюс ва Павлус — ҳамаи онҳо хизматгорони амини Худо номида шудаанд. Зиёда аз ин, Худо ваъда додааст, ки ҳангоме ба абадият меравем, моро барои амин буданамон мукофот медиҳад. Тасаввур кунед, ки чӣ хел хуб мешавад, ҳангоме боре Худо ба шумо муроҷиат карда мегӯяд: «*Офарин, эй ғуломи нек ва боваф о! Ту дар чизи андак бовафо будӣ, туро бар чизҳои бисёр таъин мекунам; ба шодии хоҷаи худ шарик шав*» (Мат. 25:23).

Бояд гуфт, ки хизматгорони амин ҳеҷ гоҳ ба нафақа намераванд. Онҳо тамоми умр вафодорона хизмат мекунанд. Аз ҷои кор ба нафақа баромадан имкон дорад, аммо аз хизмати Худо ба нафақа баромадан нест.

**Хизматгорони ҳақиқӣ ноаён мемонанд**. Хизматгорон кӯшиш намекунанд, ки ба худ диққатро ҷалб намоянд. Онҳо хоҳиш надоранд, ки бо рафтори худ таассурот боқӣ гузоранд ва ба шарофати намуди зоҳирии худ ба муваффақият ноил шаванд. Ба ҷои ин онҳо «*ба якдигар хизмат намуда, фурӯтаниро дар бар мекунанд*» (1 Пет. 5:5). Агар барои кор онҳоро таҳсину офарин гӯянд, онҳо инро бо фурӯтанӣ қабул мекунанд, аммо ба шӯҳрат имкон намедиҳанд, ки диққати онҳоро аз кор дур кунад.

Павлус хизматҳоеро мазаммат менамуд, ки хеле рӯҳонӣ метобанд, аммо дар асл фақат намоишкорӣ, вонамудкунӣ буда, мақсадашон ҷалб намудани диққат аст. Ӯ инро «*ҳозирхизматии зоҳирӣ*», «*хизмат-*

*гузории зоҳирӣ»* номидааст (Эфс. 6:6, Қӯл. 3:22), ки шахс бо ёрии он ба дигарон бо рӯҳонияти худ таассурот гузоштан мехоҳад. Гуноҳи фарисиён маҳз дар ҳамин буд. Онҳо саховатмандӣ, ёрӣ ба эҳтиёҷмандон ва ҳатто дуоро ба намоиш дар назари атрофиён табдил доданд. Исо ба ин гуна риёкорӣ тоб намеовард ва онҳоро огоҳ менамуд: «*Ҳушёр бошед, ки садақаи худро пеши назари одамон надиҳед, то ки онҳо шуморо бубинанд; вагарна шумо аз Падари худ, ки дар осмон аст, подоше нахоҳед дошт*» (Мат. 6:1).

Майли пеш бурдани худ бо кӯшиши хизмат кардан ҳеҷ мувофиқат надорад. Хизматгорони ҳақиқӣ на барои он хизмат мекунанд, ки сазовори таҳсину офарин шаванд. Онҳо фақат дар пеши назари Худои Ягона зиндагӣ мекунанд. Чуноне ки Павлус гуфта буд, «*Агар ман ҳанӯз дили одамонро меёфтам, бандаи Масеҳ намебудам*» (Ғал. 1:10).

Хизматгорони ҳақиқӣ аҳёнан ба назар намоён мешаванд, аҳёнан маъруфу машҳур мешаванд. Баръакс, онҳо кӯшиш мекунанд аз ин барканор бошанд. Онҳо тайёранд дар ягон ҷои ором, дар паси саҳна хизмат кунанд. Намунаи олидараҷаи чунин хизматгузорӣ Юсуф аст. Ӯ кӯшиш намекард диққатро ба худ ҷалб намояд, оромона дар хонаи Фӯтифар хизмат мекард, баъд ба сардори зиндон, ба нонвой ва сарсоқӣ хизмат мекард, ва Худо фурӯтании дили ӯро баракат дод. Ҳангоме ки фиръавн ӯро шахси дуюм дар кишвар гардонд, Юсуф ботинан ҳанӯз ҳам хизматгор буд — ҳатто дар муносибат бо бародарон, ки замоне ӯро ба ғуломӣ фурӯхта буданд.

Мутаассифона, сарварони ҳозира аксаран хизматгузориро бо фурӯтанӣ сар мекунанд, аммо баъд маъруф ва машҳур мешаванд. Диққати ҳамагонӣ ба сари онҳо таъсир мерасонад, ва онҳо фаромӯш мекунанд, ки нурҳои дурахшони шӯҳрат тадриҷан шахсро нобино мегардонанд.

Шояд шумо ноаён дар ягон шаҳраки хурд хизмат мекунед, ва гумон мекунед, ки шуморо ҳеҷ кас намедонад ва қадр намекунад. Дар ёд нигоҳ доред: шуморо дар он ҷо гузоштани Худо бесабаб нест! Ӯ ҳар як тори мӯйи шуморо баҳисоб медонад ва адреси ҳозираи шуморо хеле хуб дар ёд дорад. Бинобар ин дар ҷои пештараатон монед, то даме ки ба ӯ дар ягон ҷои дигар даркор шавед. Хизматгузории шумо барои Падари Осмонӣ муҳим аст. «*Вақте ки Масеҳ, ки ҳаёти шумост, зоҳир шавад, шумо низ бо Ӯ дар ҷалол зоҳир хоҳед шуд*» (Қӯл. 3:4).

РӮЗИ СИЮ СЕЮМ:

## ХИЗМАТГОРОНИ ҲАҚИҚӢ ЧӢ ГУНА РАФТОР МЕНАМОЯНД

Дар ИМА зиёда аз 750 Галереяи Шӯҳрат ҳаст ва зиёда аз 750 маълумотномаи ҳарсолаи тарҷумаиҳолии «Кӣ кист?» нашр мешавад, ки дар он ходимони бузургтарини сиёсӣ, молиявӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва илмии кишвар номбар карда мешаванд. Аммо дар он ходимони ҳақиқиро ёфтанатон аз эҳтимол дур аст. Барои хизматгори ҳақиқӣ шӯҳрат арзише надорад, зеро ки ӯ фарқи байни мақоми баланд ва аҳамиятнокии ҳақиқиро медонад. Шумо низ дар бадани худ узвҳои назаррас ва ҷолиб доред, ки умуман бе онҳо низ зиндагӣ карда метавонед. Аммо он қисмҳои организм, ки дар дарун мебошанд, дар ҳақиқат ивазнашаванда мебошанд. Оиди Бадани Масеҳ низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Бисёр вақт аён мегардад, ки хизмати ноаёнтарин аз ҳама муҳимтар будааст (1 Қӯр. 12:22–24).

Дар Осмонҳо Худо хизматгорони ба ҳеҷ кас ношиноси Худро дар назди ҳама мукофот медиҳад. Мо дар рӯи замин ҳеҷ оиди онҳо нашунида будем. Онҳо кӯдакони душвортарбияи аз ҷиҳати эҳсосотӣ ноустуворро таълим медоданд, пиронсолони фартутшударо нигоҳубин мекарданд, беморони СПИД-

ро муолиҷа менамуданд, ва бо ҳазорон воситаҳои дигари ноаён хизмат менамуданд.

Бинобар ин, агар атрофиён хизмати шуморо пай набаранд ва ё чунин ҳисобанд, ки шумо маҷбуред онро ба ҷо оваред, рӯҳафтода нашавед. Ба Худо хизмат карданро давом диҳед! «*Хуллас, эй бародарони маҳбуби ман, матину устувор бошед, ҳамеша дар кори Худованд ҷадал намоед, ва бидонед, ки меҳнати шумо пеши Худованд бар абас нест*» (1 Қӯр. 15:58). Худо ҳатто корҳои хурдтаринро мебинад ва онҳоро бе мукофот намегузорад. Суханони Исоро дар ёд нигоҳ доред: «*Ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат як пиёла оби сард бинӯшонад, чунки номи шогирд дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки бе подош нахоҳад монд*» (Мат. 10:42).

## РӮЗИ СИЮ СЕЮМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ман ба дигарон хизмат намуда, ба Худо хизмат мекунам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Ҳар кӣ яке аз ин хурдонро фақат як пиёла оби сард бинӯшонад, чунки номи шогирд дорад, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки бе подош нахоҳад монд*» (Мат. 10:42).

**Савол барои андешаронӣ**: Кадоме аз хусусиятҳои фарқкунандаи хизматгори ҳақиқӣ ҳозир ба ман душвортарин ва дастнорас метобад?

# 34

# БА МОНАНДИ ХИЗМАТГОР ФИКР КАРДАН

*Бандаи Ман Колеб, азбаски рӯҳи дигаре дошта, Маро комилан пайравӣ намуд, — ӯро Ман ба замине ки рафта буд, дохил мекунам.*

Адад. 14:24

*Дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд.*

Фил. 2:5

Хизмат дар сар ибтидо меёбад.

Барои хизматгор будан фикррونии дигар, дигаргуншавии муносибат ба ҳаёт даркор аст. Барои Худо ҳамеша на *он коре* ки мо мекунем, балки он муҳим аст, ки *чаро* мо онро мекунем. Майлу рағбати дил назар ба ҳама гуна дастовардҳо аҳамияти бештар дорад. Подшоҳ Амасё ҳусни таваҷҷӯҳи Худоро аз даст дод, зеро «*он чи дар назари Парвардигор дуруст буд, ба амал овард, аммо на бо дили комил*» (2 Вақ. 25:2). Дар дили хизматгори ҳақиқӣ панҷ сифати фарқкунанда зоҳир мегардад.

**Хизматгорон аз худ дида, оиди дигарон бештар фикр мекунанд**. Диққати онҳо на ба худ, балки

ба дигарон равона карда шудааст. Фурӯтании ҳақиқӣ ҳамин аст: худро аз дигарон бадтар ҳисобидан не, балки оиди худ *камтар* фикр кардан. Чунин одамон худро кам ба ёд меоваранд. Павлус навишта буд: «*Ҳар яке на бораи некӯаҳволии худ, балки дар бораи некӯаҳволии дигарон фикр кунад*» (Фил 2:4). «Ҳаёти худро гум кардан» — ба дигарон хизмат карда, дар хусуси худ фаромӯш кардан ҳамин маънoро дорад. Ҳангоме ки мо оиди эҳтиёҷоти худ ғамхорӣ намуданро бас мекунем, эҳтиёҷоти атрофиёнро мебинем.

Исо «*Худро кам дониста, ба сурати ғулом даромад*» (Фил. 2:7). Ба ёд оваред, ки кай бори охир барои манфиати касе «*худро кам донистед*»? Танҳо дар хусуси худ фикр карда, хизматгор будан ғайриимкон аст. Танҳо худро фаромӯш карда, мо корҳоеро ба ҷо меоварем, ки ҳақиқатан дар ёд доштан меарзад.

Мутаассифона, қисми зиёди хизмати мо барои писанд омадан ба худамон равона карда шудааст. Мо барои он хизмат мекунем, ки аз мо ба ваҷд оянд, барои он ки дигаронро ба худ монанд кунем ё ба ягон мақсади худ расем. Аммо ин на хизмат, балки қаллобӣ аст, зеро аввал то охир мо оиди худ танҳо чунин фикр мекунем, ки то чӣ андоза хуб ва олиҳиммат ҳастем. Баъзеҳо хизматро ба як навъ муомилоти тиҷоратӣ бо Худо табдил доданӣ мешаванд: «Агар Ту барои ман кореро ба ҷо оварӣ, ман ин корро барои Ту мекунам». Хизматгорони ҳақиқӣ кӯшиш намекунанд, ки Худоро ба манфиати худ истифода баранд. Онҳо ба Худо имкон медиҳанд, ки ба барои амалӣ намудани нақшаҳои *Худ* ба воситаи онҳо амал намояд.

Фаромӯш кардани худ, ба монанди амин будан, хеле камёфт аст. Павлус намунаи чунин фурӯтаниро танҳо дар Тимотиюс медид (Фил. 2:20–21). Ба монанди хизматгор фикр кардан осон нест, зеро чунин

фикр ба хусусияти асосии моҳияти табиии ман мухолифат дорад: ман худпараст ҳастам. Ман беш аз ҳама дар хусуси худ фикр мекунам. Аз ҳамин сабаб ҳар рӯз ба ман лозим меояд, ки аз нав барои фурӯтанӣ мубориза барам; ин дарсро ман маҷбурам гаштаву баргашта гузарам. Ҳар рӯз ман бо имкониятҳои хизмат кардан рӯ ба рӯ мешавам, ва ҳар дафъа бояд қарор диҳам, ки дар ҳаққи кӣ ғамхорӣ хоҳам кард: дар ҳаққи худ ё дар ҳаққи дигарон. Дили хизматгузорӣ — фидокорист.

***Хизматгорони ҳақиқӣ кӯшиш намекунанд, ки Худоро ба манфиати худ истифода баранд. Онҳо ба Худо имкон медиҳанд, ки барои амалӣ намудани нақшаҳои Худ ба воситаи онҳо амал намояд.***

Дар мавридҳое ки атрофиён ба мо чун ба хизматгор муносибат мекунанд, аз аксуламали мо дидан мумкин аст, ки то кадом андоза мо мисли хизматгор андеша карданро ёд гирифтаем. Шумо чӣ гуна аксуламал менамоед, ҳангоме ки кори шуморо чун як чизи худ аз худ маълум меҳисобанд, ҳангоме ки ба шумо фармон медиҳанд ё ба шумо чун ба тобеон муносибат мекунанд? Дар тарҷумаи ҳозиразамони Китоби Муқаддас ин фикр чунин баён карда шудааст: «*Агар касе шуморо беадолатона истисмор намояд, инро чун имконияти машқ кардани маҳорати хизматгорӣ қабул намоед*» (Мат. 5:4 «The Message»).

**Хизматгор на ба монанди соҳиб, балки чун мудири ваколатдор фикр мекунад**. Хизматгорон дар ёд доранд, ки соҳиби ҳама чизи ҷаҳон Худост. Дар замонҳои навишта шудани Китоби Муқаддас шахсеро мудири ваколатдор меномиданд, ки пеш бурдани корҳои амлок ё ихтиёрдории молу мулк ба дасти онҳо дода шуда буд. Ҳангоме ки Юсуф ба ғуломии мисриён афтод, ӯ мудири молу мулк шуд.

Фӯтифар идора кардани хонаи худро ба ихтиёри ӯ дод. Баъд фиръавн оиди тамоми кишвар ғамхорӣ намуданро ба ихтиёри ӯ супорид. Хизмат ва ихтиёрдории хирадмандона бо ҳам даст ба даст пеш мераванд, зеро Худо аз мо ҳам дар ин ва ҳам дар он амин буданро интизор аст (1 Қӯр. 4:1). Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Аз муваккалон талаб карда мешавад, ки ҳар яке амин барояд*» (1 Қӯр. 4:2). Шумо он захираҳоеро, ки Худо шахсан ба шумо супурдааст, чӣ гуна ихтиёрдорӣ мекунед?

Барои хизматгори ҳақиқӣ шудан лозим меояд, ки масъалаи пулро барои ҳамеша ҳал намоед. Исо гуфта буд: «*Ҳеҷ ғулом ба ду хоҷа хизмат карда наметавонад... Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамуно хизмат кунед*» (Луқ. 16:13). Аҳамият диҳед, Исо намегӯяд, ки мо «*набояд*» ба ду хоҷа хизмат кунем. Ӯ мегӯяд, ки мо чунин карда *наметавонем*. Ин ғайриимкон аст. Барои хизмат зистан ё барои пул зистан — мақсадҳои мухолиф мебошанд. Кадоми онҳоро шумо интихоб мекунед? Агар шумо ба Худо хизмат мекарда бошед, наметавонед дар вақтҳои холӣ барои худ пул кор кунед. *Тамоми* вақти шумо ба Ӯ тааллуқ дорад. Худо на қисман ба Ӯ бахшида шудан, балки вафодории комилро хоҳон аст.

Дар ҳаёти мо пул беш аз ҳама чизи дигар метавонад ҳарифи Худо шавад. Аксаран диққати одамонро маҳз майл ба некӯаҳволии моддӣ аз хизмат дур мекунад. Онҳо ба худ мегӯянд: «Дар аввал ман ба худ сатҳи хуби зиндагиро таъмин менамоям, баъд ба Худо хизмат мекунам». Ин қарори оқилона нест, ва онҳо аз ин қарори худ тамоми абадият афсӯс хоҳанд хӯрд. Агар соҳиби ҳаёти ман Исо бошад, пул хизматгори ман мешавад, аммо агар молу мулк ва сарвати андӯхта соҳиби ман шавад, ман ба ғуломи онҳо табдил меёбам. Сарватманд будан гуноҳ нест; гуноҳ он вақт сар мешавад, ки мо сарвати худро барои

ҷалоли Худо истифода бурдан намехоҳем. Ходимони Худо ҳамеша аз пул дида, оиди хизмат бештар ғамхорӣ мекунанд.

Китоби Муқаддас хеле аниқ мегӯяд, ки бо ёрии пул Худо амин будани моро месанҷад. Аз ҳамин сабаб Исо оиди пул аз Осмонҳо ва ё дӯзах бештар мавъиза кардааст. «*Модоме ки шумо дар сарвати ноинсофона мӯътамад набудед, кист, ки сарвати ҳақиқиро ба шумо месупурда бошад?*» — гуфта буд ӯ (*Луқ.* 16:11). Баракати Худо барои ҳаёти шумо аз бисёр ҷиҳатҳо ба он вобаста аст, ки шумо пули худро чӣ гуна истифода мебаред.

Дар боби 31 ман ду типи одамонро зикр карда будам, ки Подшоҳии Худоро месозанд (онҳоро Сохтмончиён меномем), ва онҳое ки барои худ сарват ба даст овардан мехоҳанд (ё Сарватғункунандагон). Ҳар ду гурӯҳ хеле хуб корҳоро пеш бурдан, тиҷоратро равнақ додан, аҳдномаҳои хариду фурӯш бастан ва фоида ба даст овардан метавонанд. Сарватғункунандагон ҳар қадар пули зиёд андӯхта бошанд ҳам, пулро ба суратҳисоби шахсии худ гузоштан мегиранд, аммо Сохтмончиён қоидаи бозиро сахт дигаргун мекунанд. Онҳо низ мекӯшанд пули бештар ба даст оваранд, аммо инро барои он мекунанд, ки ба дигарон ҳарчи бештар пул диҳанд. Онҳо сарвати худро барои он истифода мебаранд, ки калисои Худо ва вазифаи онро дар ҷаҳон дастгирӣ намоянд.

Дар калисои «Сэддлбэк» низ шахсоне ҳастанд, ки сарварони ширкатҳои калон ва хурд ҳастанд. Онҳо кӯшиш мекунанд ҳарчи бештар пул ба даст оваранд, то ки барои паҳн намудан ва бунёд намудани Подшоҳии Худо имкониятҳои молиявии бештар дошта бошанд. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки бо шубони худ сӯҳбат карда, ҳамин гуна гурӯҳи Сохтмончиёни Подшоҳиро дар ҷамоати худ ташкил диҳед.

**Хизматгорон на дар хусуси он ки дигарон бо чӣ кор машғуланд, балки дар хусуси кори худ фикр мекунанд**. Онҳо муқоиса намекунанд, танқид намекунанд, бо дигар ходимон мусобиқа намекунанд. Онҳо бо коре ки Худованд ба онҳо супоридааст, хеле банд мебошанд.

РӮЗИ СИЮ ЧОРУМ:

## БА МОНАНДИ ХИЗМАТГОР ФИКР КАРДАН

Рақобат байни ходимони Худо аз бисёр ҷиҳатҳо тамоман бехирадона ва бемантиқ аст: ҳамаи мо дар як даста ҳастем; мақсади мо — на соҳиб шудан ба обрӯву эътибор, балки ҷалол додани Худост; ҳар яки мо вазифаи худро дорад; ҳар яки мо нотакрор, аз дигарон фарқкунанда офарида шудааст. Павлус навишта буд: «*Ҳавобаланд нашавем, якдигарро асабонӣ накунем, аз якдигар ҳасад набарем*» (Ғал. 5:26).

Байни хизматгорон набояд ҳасад ва рашк бошад. Ҳангоме ки мо бо хизмат машғулем, барои танқид кардани атрофиён вақт надорем. Вақти барои танқид сарфшударо барои хизмат сарф кардан хеле самараноктар мебуд. Ҳангоме ки Марто Марямро бо худ муқоиса намуда, ба Исо аз ӯ шикоят менамуд, ӯ дил ва фикри хизматгори ҳақиқиро аз даст дод. Ходимони ҳақиқӣ аз боиси беадолатӣ шиква намекунанд, ба худ раҳмашон намеояд ва нисбати шахсоне ки бо ягон сабаб хизмат намекунанд, хашмгин намешаванд. Онҳо ба Худо боварӣ мекунанд ва кори худро давом медиҳанд.

Баҳо додани дигар ходимони Худованд — кори мо нест. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ту кистӣ, ки бандаи каси дигарро маҳкум мекунӣ? Худи хоҷааш қарор медиҳад, ки ӯ ба по истад ё афтад*» (Рум. 14:4). Ва худро аз танқид ҳимоя кардани мо низ даркор нест. Бигузор Хоҷаамон бо ин машғул шавад. Ба намунаи Мусо пайравӣ намоед, ки дар рӯ ба рӯи но-

розигии умумӣ фурӯтании ҳақиқӣ зоҳир менамуд, ё Наҳемё, ки ба шахсоне ки ба ӯ ҳуҷум мекарданд, ба таври оддӣ ҷавоб дод: «*Ман ба кори бузурге машғул ҳастам, ва наметавонам фуруд оям*» (Наҳ. 6:3).

Агар шумо ба монанди Масеҳ хизмат мекарда бошед, шуморо ҳатман танқид мекунанд. Ҷаҳон — ва ҳатто қисми зиёди калисо — арзишҳои Худоро намефаҳмад. Шогирдон аз зуҳуроти аҷоибтарини муҳаббат ба Исо норозӣ буданд. Марям равғани атрафшон, чизи гаронбаҳотаринеро, ки дошт, оварда, онро ба пойҳои Исо молид. Шогирдон дар ин саховатмандии фидокорона фақат «*исрофкорӣ*»-ро диданд, аммо Исо ин амали Марямро «*кори нек*» номид, зеро кори асосӣ маҳз ҳамин буд (Мат. 26:10). Новобаста ба гуфту гузори атрофиён, хизмати шумо ба Исо ҳеҷ гоҳ беҳуда ва нодаркор нахоҳад буд.

**Ходимон дар Масеҳ «ман»-и худро ба даст меоваранд.** Онҳо дар ёд доранд, ки Худо аз боиси файзи бузурги Худ онҳоро дӯст медорад ва қабул менамояд, ва аз ҳамин сабаб аҳамиятнокии худро исбот кардани онҳо даркор нест. Онҳо корҳоеро, ки барои шахсони ба худ боварӣ надошта хеле «таҳқиромез» метобанд, бо хушнудӣ ба ҷо меоваранд. Яке аз намунаҳои равшани ин боварии оромона ва худбаҳодиҳии солим — Исо аст, ки пойҳои шогирдони Худро шуст. Дар он замон пойи дигаронро шустан монанди он буд, ки ҳозир пойафзолтозакунак шуда кор кунед — на обрӯмандӣ, на эҳтиром. Аммо Исо кӣ будани Худро медонист, ва ҳатто сиёҳтарин кор худбаҳодиҳии ӯро барҳам зада наметавонист. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Исо медонист, ки падар ҳама чизро ба дасти Ӯ додааст, ва Ӯ аз ҷониби Худо омада буд ва ба сӯи Худо меравад, аз сари суфра бархоста, либоси Худро кашид ва дастмоле гирифта, ба камар баст*» (Юҳ. 13:3–4).

Агар хизматгори ҳақиқӣ шудан хоҳед, бояд дар ёд нигоҳ доред, ки «ман»-и шумо дар Масеҳ асос ёфтааст. Танҳо шахсоне ки ба худ боварӣ доранд, хизмат карда метавонанд. Касе ки ба худаш боварӣ надорад, доимо аз он хавотир мешавад, ки дигарон дар бораи ӯ чӣ фикр мекунанд. Ӯ аз ошкор намудани сустиҳои худ метарсад ва онҳоро дар зери қабатҳои зиёди ғурур ва калонигарии ҳимоявӣ пинҳон мекунад. Мо ҳар қадар ба худ боварии кам дошта бошем, ҳамон қадар бештар аз дигарон диққат ва хизматро металабем ва ҳамон қадар бештар ба таҳсини онҳо эҳтиёҷ дорем.

Ҳенрӣ Ноуэн навишта буд: «Барои ёд гирифтани хизмат ба дигарон мо бояд барои онҳо бимирем, яъне бо андозаҳои дигарон чен кардани арзишнокӣ ва қадри худро бас кунем... Танҳо ҳамин тавр мо озодии ҳамдардӣ карданро ба даст меоварем». «Ман»-и худ ва аҳамиятнокии худро дар муносибатҳо бо Масеҳ асоснок намуда, мо аз зулми талабот ва интизориҳои дигарон озод мешавем ва имкон пайдо мекунем, ки ба одамон ҳақиқатан ба таври беҳтарин хизмат кунем.

Хизматгорон ба он эҳтиёҷ надоранд, ки барои кори хуб дипломҳо ва ифтихорномаҳоро ба деворҳои хонаашон часпонанд. Ба онҳо унвонҳои бодабдаба даркор нестанд, ва онҳо бо *либоси* афзалият зода намешаванд. Рамзҳои мақоми ҷамъиятӣ барои онҳо ҳеҷу пуч ва бефоида метобанд; онҳо арзишнокии худро бо дастовардҳои худ чен намекунанд. Павлус навишта буд: «*Зеро на он кас арзанда аст, ки худро ситоиш мекунад, балки он кас, ки Худованд ӯро ситоиш мекунад*» (2 Қӯр. 10:18).

Агар касе имконияти олидараҷае медошт, ки аз робитаҳои хешовандӣ фахр кунад ва барои таъкиди аҳамиятнокии худ номи шахси ба ҳама маълумро дар гуфтугӯҳо зикр намояд, ин шахс Яъқуб, барода-

рандари Худованд Масеҳ аст. Ӯ дар як хона бо Исо ба воя расида буд. Аммо дар номаи худ ӯ худро танҳо «*бандаи Худо ва Исои Масеҳи Худованд*» меномад (Яъқ. 1:1). Мо Масеҳро ҳар қадар беҳтар шиносем, худро ҳамон қадар камтар ба madди аввал баровардани мешавем.

**Хизматгорони ҳақиқӣ дар хизмат на ӯҳдадорӣ, балки имконияти некӣ карданро мебинанд**. Ба одамон ёрӣ додан, хизмат кардан ва қонеъ намудани эҳтиёҷоташон ба онҳо маъқул аст. Онҳо «*Парвардигорро бо шодӣ парастиш менамоянд*» (Заб. 99:2). Чаро? Зеро ки Ӯро дӯст медоранд, ба Ӯ барои марҳаматаш шукргузоранд, медонанд, ки ҳаёти хизматгузорона — барои инсон некӯии олидараҷа аст, ва медонанд, ки Ӯ ба онҳо мукофоти бузурге ваъда кардааст. Исо ваъда додааст: «*Ҳар кӣ ба Ман хизмат мекунад, бояд Маро пайравӣ намояд; ва ҳар куҷо ки бошам, ходими Ман низ он ҷо хоҳад буд; ва ҳар кӣ ба Ман хизмат мекунад, Падар вайро мӯҳтарам хоҳад дошт*» (Юҳ. 12:26). Павлус чунин навишта буд: «*Худо одил аст, ва аз ҳамин сабаб корҳои шумо ва он муҳаббатеро, ки ба исми Ӯ зоҳир намуда, ба муқаддасон хизмат кардаед ва мекунед, фаромӯш карда наметавонад*» (Ибр. 6:10).

***Мо Масеҳро ҳар қадар беҳтар шиносем, худро ҳамон қадар камтар ба madди аввал баровардани мешавем.***

Тасаввур кунед, ки агар ақаллан даҳяки масеҳиёни ҷаҳон ногоҳ ба вазифаи худ — ходимони ҳақиқии Худо будан — муносибати ҷиддӣ менамуданд, чӣ мешуд. Тасаввур кунед, ки чӣ қадар некӣ кардан мумкин мебуд. Оё шумо тайёред яке аз чунин шахсон шавед? Аҳамият надорад, ки шумо чандсола ҳастед. Агар шумо ба монанди хизматгори ҳақиқӣ фикр кардан ва амал намуданро сар кунед, Худо ба во-

ситаи шумо корҳои Худро ба амал овардан мегирад. Алберт Швейтсер* гуфтааст: «Танҳо он касоне ки хизмат карданро омӯхтаанд, ҳақиқатан хушбахтанд».

## РӮЗИ СИЮ ЧОРУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Барои хизматгори ҳақиқӣ шудан ман бояд чун хизматгор фикр карданро ёд гирам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд*» (Фил. 2:5).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман бештар оиди чӣ фикр мекунам: оиди он ки ба ман хизмат кунанд, ё оиди он ки ман ба дигарон хизмат кунам?

---

* Алберт Швейтсер (1875–1965) — илоҳиётшинос, файласуф, мусиқанавоз. духтури олмонӣ, дорандаи ҷоизаи Нобел барои сулҳ.

# 35

# ҚУВВАИ ХУДО ДАР НОТАВОНИИ МО

*Мо низ дар Ӯ заиф ҳастем, лекин ҳамроҳи Ӯ бо қуввати Худо, ки дар шумост, зиндагӣ хоҳем кард.*

2 Қӯр. 13:4

*Барои ту муҳаббати Ман басанда аст, зеро ки қувват дар нотавонӣ беш аз ҳама зоҳир мешавад.*

12:9 (РВ)

Бо дастони нотавонон иҷро кардани корҳо ба Худо маъқул аст.

Ҳар шахс сустӣ дорад. Дар асл, ҳар яки мо беҳад зиёд норасоиҳо, нуқсонҳои ҷисмонӣ ва эҳсосотӣ, ақлӣ ва рӯҳонӣ дорад. Ғайр аз ин, дар зиндагӣ вазъиятҳои берун аз ихтиёри мо ҳастанд, ки қуввати моро суст мекунанд, — масалан, маҳдудияти воситаҳои молиявӣ ё монеаҳо дар муносибатҳо бо дигарон. Он чиз муҳим аст, ки мо бо ҳамаи ин чӣ мекунем. Одатан, ҳангоме ки дигарон ба сустиҳои мо ишора мекунанд, мо онҳоро инкор мекунем, худро сафед менамоем ё ба ҳимоя мегузарем, онҳоро пинҳон карданӣ мешавем ё аз тақдир меранҷем. Ҳамаи ин ба он халал мерасонад, ки

Худо ба воситаи мо мувофиқи салоҳдиди Худ амал намояд.

Худо ба норасоиҳои мо дигар хел менигарад. «*Чунон ки осмон аз замин баланд аст, ончунон роҳҳои Ман аз роҳҳои шумо, ва фикрҳои Ман аз фикрҳои шумо баланд аст*» (Иш. 55:9). Аз ҳамин сабаб Ӯ бисёр вақт бар хилофи интизориҳои мо амал менамояд. Мо гумон мекунем, ки Худо бояд танҳо ба ҷиҳатҳои қавии хислати мо такя кунад, аммо ғайр аз ин Ӯ мехоҳад сустиҳои моро низ барои ҷалоли Худ истифода барад.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Лекин Худо бехирадони ҷаҳонро баргузид, то ки ҳакимонро шарманда кунад, ва нотавонони ҷаҳонро баргузид, то ки тавонгаронро шарманда кунад*» (1 Қӯр. 1:27). Бинобар ин сустиҳои шумо беҳуда нестанд. Худо дидаву дониста онҳоро дар ҳаёти шумо роҳ дод, то ки ба воситаи шумо қувваи Худро зоҳир намояд.

Қувваи инсон ва худкифояткунандагии ӯ ҳеҷ гоҳ ба Худо таассурот намебахшиданд. Дар асл, Ӯро касоне ҷалб мекунанд, ки нотавонии худро мебинанд ва софдилона онҳоро эътироф менамоянд. Исо чунин муносибати шахсро ба худ «*мискинии рӯҳ*» номидааст, ва бояд гуфт, ки Ӯ маҳз «*мискинони рӯҳ*»-ро пеш аз ҳама баракат медиҳад (Мат. 5:3).

Дар Китоби Муқаддас бисёр намунаҳои он ҳастанд, ки бо вуҷуди ҳамаи норасоиҳои одамони муқаррарӣ ва нокомил, Худо корҳои тамоман ғайриоддиро бо дастони онҳо ба ҷо меовард. Агар Ӯ танҳо ба воситаи шахсони беайбу бенуқсон амал менамуд, дастовардҳои зиёдеро ноил намешуд, зеро ҳамаи мо нуқсоне дорем. Аммо Худо ҳақиқатан нақшаҳои Худро ба воситаи одамони нотавон ва суст ба амал меоварад, ва ин барои мо фикри хеле тасаллодиҳанда аст.

Сустӣ — ё «*неш*», чуноне ки Павлус онро меномид (2 Қӯр. 12:7), гуноҳ, нуқсон ва норасоии хислат нест,

ки онро бартараф кардан мумкин бошад (масалан, пурхӯрӣ ё бесабрӣ). Сустӣ — маҳдудияти модарзод аст, ки шумо бар он ихтиёр надоред. Шояд ин норасоии *ҷисмонӣ* бошад; масалан, ягон маъюбӣ, нуқсон ё бемории бардавом ё фақат сатҳи пасти қувват. Ё норасоии *эҳсосотӣ* — масалан, натиҷаи шок аз боиси ҷароҳат, хотираҳои дарднок, кадом як «аҷоибӣ»-и шахсиятӣ ё майли модарзод ба рӯҳафтодагӣ. Боз ин метавонад *маҳдудияти ақлӣ* ё *истеъдоди нокифоя* бошад. Гуфта наметавонем, ки ҳамаи мо беандоза истеъдоднок ҳастем ё ақли барҷаста дорем.

***Агар Ӯ танҳо ба воситаи шахсони беайбу бенуқсон амал менамуд, дастовардҳои зиёдеро ноил намешуд.***

Ҳангоме ки мо оиди камбудиҳои худ фикр мекунем, дар мо васвасае пайдо мешавад, то хулосае барорем, ки Худо ҳеҷ гоҳ ба воситаи мо ҳеҷ кор карда наметавонад. Аммо маҳдудияти мо Худоро ҳеҷ маҳдуд намекунад. Зиёда аз ин, бо қувваи ҳайратовари Худ пур кардани зарфҳои муқаррарӣ ба Ӯ маъқул аст. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Лекин мо ин ганҷро дар зарфҳои гилин дорем, то маълум шавад, ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо*» (2 Қӯр. 4:7). Мо чун зарфҳои гилини кафида нозук ҳастем, ва моро шикастан хеле осон аст. Аммо агар мо ба Худо имкон диҳем, ки ба сустиҳои мо такя кунад, Ӯ ба воситаи мо амал мекунад. Ва барои ин мо бояд ба намунаи Павлус пайравӣ намоем.

**Сустиҳои худро эътироф намоед**. Ба худ ошкоро оиди сустиҳои худ гӯед. Таъсирнопазир вонамуд кардани худро бас кунед ва бо худ софдил бошед. Ба ҷои фиреб додан ва сафед кардани худ, хуб фикр кунед ва сустиҳои шахсии худро аниқ намоед. Онҳоро ҳатто навишта гирифтан мумкин аст.

Ду эътирофи бузурги Аҳди Ҷадид ба таври аёнӣ нишон медиҳанд, ки барои ҳаёти солим ва муқаррарӣ ба мо чӣ даркор аст. Аввалӣ ба Петрус тааллуқ дорад, ки ба Исо чунин гуфт: «Ту Масеҳ, Писари Худои Зинда ҳастӣ» (Мат. 16:16). Дуюмашро Павлус ба издиҳоми бутпарастон муроҷиат намуда, ба забон овард: «*Мо низ мисли шумо одамони ноқис ҳастем*» (Аъм. 14:15). Агар хоҳед, ки Худо бо дастони шумо амал намояд, бояд дар ёд нигоҳ доред, ки Худо кист ва худи шумо кистед. Бисёр масеҳиён, хусусан сарварон, ҳақиқати дуюмро фаромӯш мекунанд: мо ҳамагӣ инсон ҳастему бас! Агар шумо инро танҳо ба воситаи фалокат ё бӯҳрони ҷиддӣ фаҳмида метавониста бошед, Худо онҳоро истифода мебарад, зеро шуморо дӯст медорад.

**Сустиҳои худро бе шиква ва таъна қабул намоед**. Павлус гуфтааст: «*Аз сустиҳои худ фахр намудан барои ман писандидатар аст, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад. Бинобар ин ман аз сустии худ қаноатмандам*» (2 Қӯр. 12:9б–10). Дар назари аввал ин тамоман бемаъно метобад. Мо мехоҳем аз сустиҳои худ халос шавем, на ин ки аз онҳо фахр кунем. Аммо ҳангоме ки мо ҳамаи он чиро, ки Худо ба мо медиҳад, оромона ва қаноатмандона қабул менамоем, мо имонро ба некӯии Ӯ ифода намуда, мегӯем: «Худоё, ман бовар мекунам, ки Ту маро дӯст медорӣ ва медонӣ, ки чӣ чиз барои ман беҳтар аст».

Павлус мефаҳмонад, ки чаро мо бояд аз сустиҳои модарзоди худ қаноатманд бошем. Аввалан, онҳо моро маҷбур мекунанд, ки ба Худо умед бандем. Павлус оиди «неш»-и худ, ки Худо ӯро аз он раҳо накард, сухан ронда, чунин навишта буд: «*Бинобар ин ман аз заъфҳо… дилшодам, зеро ки дар ҳолати заъф боқувватам*» (2 Қӯр. 12:10). Ҳар гоҳе ки худро суст ҳис мекунед, бидонед: Худо ба шумо ёдрас мекунад, ки бояд ба Ӯ умед бандед.

Ғайр аз ин, сустиҳо — позаҳри олидарача аз худписандӣ мебошанд. Онҳо барои фурӯтан мондани мо ёрӣ мерасонанд. Павлус мегуфт: «*Ва барои он ки ман худро баланд нагирам, Худо неше дар ҷисми ман ҷой додааст, яъне қосиди шайтонро; он маро нихта мезанад, то ки худро баланд нагирам*» (2 Қӯр. 12:7). Ба мо бахшоишҳои бузург ва тавоно дода, Худо ба онҳо норасоиҳои ҷиддиро ҳамроҳ мекунад, то ки ғурур моро саргаранг накунад. Нуқсонҳои мо гоҳо ҳамчун танзимкунандаи хубе хизмат карда, ба мо имкон намедиҳанд беҳад зуд пеш давида, аз Худо пеш гузарем.

Ҳангоме ки Ҷидъӯн барои мубориза бар зидди мидёниён дар атрофи худ 32 ҳазор ихтиёриёнро ҷамъ кард, Худо ин лашкарро то сесад нафар кам кард, агарчи онҳо бояд бо лашкари иборат аз 135-ҳазор нафар меҷангиданд, ва ба ҳар як исроилӣ 450 душман рост меомад. Чунин метофт, ки ин гуна тактика ҳатман боиси шикаст мегардад, аммо Худо аз он сабаб чунин кард, ки исроилиён донанд, ки на қувваи худи онҳо, балки қувваи Парвардигор ба онҳо ғалабаро медиҳад.

***Хизмати самараноктарин аз амиқтарин азобҳои ҳаёти шумо бармеояд.***

Ғайр аз ҳамаи ин, сустиҳо ба муоширати байни имондорон мусоидат мекунанд. Қувва мустақилиятро ба вуҷуд меоварад («Ба ман ҳеҷ кас даркор нест»), аммо норасоиҳо нишон медиҳанд, ки мо ба ёрии дигарон эҳтиёҷи зиёд дорем. Ҳангоме ки мо ҳатто риштаҳои сусттарини худро ба ҳам мебофем, арғамчини хеле мустаҳкам ҳосил мешавад. Вэнс Ҳавнер* хеле хуб гуфтааст: «Масеҳиён чун зарраҳои

---

* Вэнс Ҳавнер шубон ва воизи машҳури деноминатсияи баптистии ҷанубии ИМА буд. Аз соли 1940 ӯ тамоми ҳаёти худро ба фаъолияти башоратдиҳандагии сайёр бахшид.

барф нозуканд, аммо ҳангоме ки онҳо бисёранд ва ба якдигар хуб пайвастаанд, тамоми нақлиёти шаҳрро боздошта метавонанд».

Ва аз ҳама муҳим: ба шарофати сустиҳо лаёқати ба дигарон ҳамдардӣ кардан ва ба онҳо хизмат карданимо афзун мешавад. Ҳамин тавр мо ба норасоиҳои дигарон бодиққатона, боадабона ва бо ҳамдардӣ муносибат карданро хеле зудтар меомӯзем. Худо мехоҳад, ки мо дар замин чунон хизмат кунем, ки Масеҳ хизмат мекард. Ин маънои онро дорад, ки одамон бо захмҳои мо шифо хоҳанд ёфт. Хизмати самараноктарин ва суханони боварибахштарини ҳаёти мо аз азобҳои амиқтарине ки аз сар гузарондаед, бармеоянд. Он чи шумо беш аз ҳама аз он шарм медоред ва хиҷолат мекашед, ва ба ҳеҷ кас нишон додан намехоҳед, дар дасти Худо барои шифо додани дигарон аслиҳаи асосӣ мебошад.

Миссионери бузург Ҳадсон Тейлор мегуфт: «Ҳамаи паҳлавонони Худо одамони беқувват буданд». Норасоии Мусо хашмгиншавии ӯ буд. Ӯ маҳз аз боиси хашмгиншавӣ мисриро кушт, лавҳҳои сангинро бо Даҳ Аҳком шикаст ва бо асо сахраро зад, ба ҷои он ки ба он бо суханон муроҷиат кунад. Ва бо вуҷуди ин, Худо Мусоро ба «*марди бағоят фурӯтан, бештар аз ҳар одаме ки бар рӯи замин аст*» табдил дод (Ад. 12:3).

Ҷидъӯн аз худбаҳодиҳии паст ва нобоварии амиқ ба худ азоб мекашид, аммо Парвардигор ӯро «*марди тавоно*» гардонд (Дов. 6:12). Камбудии Иброҳим буздилӣ буд. На як бор, балки ду бор ӯ аз занаш хоҳиш кард, ки худро хоҳари ӯ номад, то ки аз хатар барканор шавад. Аммо ба шарофати Худо ӯ «*падари ҳамаи имондорон*» шуд (Рум. 4:11). Петруси ҳардамхаёл ва сустирода «санг» шуд (Мат. 16:18), Довуди зинокор ба «*марди мувофиқи дили Ман*» табдил ёфт (Аъм. 13:22), ва Юҳанно, яке аз «писарони раъд»,

ки ҳавобаланд буд, ҳамчун «ҳаввории муҳаббат» маълум аст.

Ин рӯйхатро давом додан мумкин аст. «*Вақтам кифоя намекунад барои он ки дар бораи Ҷидъӯн ва Бороқ ва Шимшӯн ва Йифтоҳ ва Довуд ва Самуил ва пайғамбарон ҳикоят намоям, ки... аз сустӣ боқувват шуданд*» (Ибр. 11:32–34). Худо устоди моҳири ба қувва табдил додани сустӣ аст. Ӯ мехоҳад норасоиҳои сахттарини моро гирифта, онҳоро дигаргун намояд.

**Оиди сустиҳои худ софдилона гӯед**. Хизмат аз он сар мешавад, ки шумо ба ошкор намудани сустиҳои худ ва беҳимоя шудан омода мегардед. Бо мурури он ки мо аз одамон дур кашидани худро бас мекунем, ниқобҳои худро яке паси дигар мекушоем ва оиди мушкилоти худ нақл намуданро сар мекунем, Худо ҳарчи бештар метавонад ба воситаи мо дар хизмат ба дигарон амал намояд.

Павлус ба мо намунаи чунин ошкороиро дар ҳамаи номаҳои худ нишон додааст. Ӯ софдилона гуфтааст:

- Оиди нобароориҳои худ: «*Он кори неке ки мехоҳам, намекунам, лекин кори баде ки намехоҳам, мекунам*» (Рум. 7:19).

- Оиди ҳиссиёти худ: «*Даҳони мо, эй қӯринтиён, сӯи шумо кушода шудаанд, дили мо барои шумо фарох боз карда шудааст*» (2 Қӯр. 6:11).

- Оиди душвориҳои худ: «*Он бар мо аз ҳад зиёд, ба андозаи аз қувва берун гарон омад, ба тавре ки аз зиндагӣ ҳам умеди худро кандем*» (2 Қӯр. 1:8).

- Оиди тарсҳои худ: «*Ман дар сустӣ ва дар тарсу ларзи бузурге назди шумо ҳозир шудам*» (1 Қӯр. 2:3).

Албатта, бе ҳимоя мондан хатарнок аст. Мо аз он метарсем, ки зудранҷии худро ба одамон нишон диҳем, ҳаёти худро ба бегонагон ошкор намоем. Нобарориҳо, ҳиссиёт, душвориҳо ва тарсҳои худро ошкор карда, мо худро ба хатари рад шудан, қабул нагардидан гирифтор менамоем. Аммо меарзад, ки чунин кунед. Ба беҳимоя шудан тайёр будан боиси озодшавии эҳсосотӣ мегардад. Ошкорой сатҳи стрессро паст мекунад, тарсҳои моро бесилоҳ мегардонад ва қадами аввалин ба сӯи озодӣ мебошад. Мо аллакай дида будем, ки Парвардигор *«ба фурӯтанон файз мебахшад»*, аммо бисёрии мо на он қадар мефаҳманд, ки фурӯтанӣ чист. Фурӯтанӣ на хор ва ҳақир кардани худ, на паст задани қадри худ, балки майл ба софдилона эътироф намудани сустиҳои худ аст. Ҳар қадар мо софдилтар бошем, Худо ҳамон қадар бештар файз медиҳад. Ғайр аз ин, мо аз атрофиён низ файз қабул менамоем. Ошкорой ва соддагӣ сифатҳои ҷолибе мебошанд, ҳамаи мо ба таври табиӣ ба шахсони фурӯтан майл дорем. Иззатталабӣ аз худ дур мекунад, аммо самимият ба худ ҷалб менамояд, ва ошкорой роҳест ба сӯи наздикии ҳақиқӣ.

Аз ҳамин сабаб Худо мехоҳад на танҳо ба воситаи ҷиҳатҳои арзандаи мо, балки ба воситаи сустиҳои мо низ амал кунад. Ба тарафҳои қавии худ нигариста, табъи одамон боз бештар хира мешавад ва онҳо фикр мекунанд: «Хайр, албатта, ӯ ин корро хеле хуб ба ҷо оварда метавонад, аммо ман ҳеҷ гоҳ ин тавр наметавонам». Аммо ҳангоме онҳо мебинанд, ки бо вуҷуди норасоиҳоямон, Худо ҳақиқатан ба воситаи мо амал мекунад, ин онҳоро ба чунин фикр водор мекунад: «Шояд Худо ба воситаи ман низ ҳамин гуна кореро ба ҷо оварда метавонад!» Қувва мусобиқаро ба вуҷуд меоварад, аммо сустиҳо ба мустаҳкам шудани муоширaт ва ягонагӣ мусоидат мекунанд.

Дер ё зуд ба шумо лозим меояд қарор диҳед, ки ба чӣ майл мекунед: бо тамоми қувва кӯшиш мекунед, ки *дар одамон таассурот ба вуҷуд оваред*, ё саъй менамоед, ки *ба онҳо таъсир расонед*. Аз дур низ таассурот гузоштан мумкин аст, аммо барои он ки ҳақиқатан дар дили шахс асар гузорем, лозим меояд, ки ба ӯ наздик шавем, аммо дар масофаи наздик норасоиҳо ошкор мешаванд. Аммо ин даҳшатовар нест. Аз ҳама муҳим на он аст, ки то кадом андоза шумо беайб ҳастед, балки он ки оё ба шумо бовар кардан мумкин аст. Одамон бояд донанд, ки ба шумо бовар кардан мумкин аст, вагарна шуморо пайравӣ намекунанд. Бовариии онҳоро чӣ тавр ба даст овардан мумкин аст? Вонамуд накунед, ки норасоиҳо надоред, софдил бошед.

## РӮЗИ СИЮ ПАНҶУМ:

# ҚУВВАИ ХУДО ДАР НОТАВОНИИ МО

**Аз сустиҳои худ фахр кунед.** Павлус навишта буд: «*Лекин аз худам, ҷуз аз сустиҳоям, фахр намекунам*» (2 Қӯр. 12:5). Ба ҷои он ки худро таъсирнопазир ва боваринок вонамуд кунед, дар худ дидани дастовардҳои файзи Худоро ёд гиред. Ҳангоме ки шайтон ба сустиҳоятон ишора мекунад, бо ӯ розӣ шавед ва дилатонро бо ситоиши Масеҳ, ки ҳама чизро мефаҳмад ва «*ба сустиҳои шумо ҳамдардӣ карда метавонад*» (Ибр. 4:15), ва ба Рӯҳулқудс, ки «*моро дар нотавониямон тақвият медиҳад*» (Рум. 8: 26а) пур кунед.

Аммо чунин ҳам мешавад, ки Худо қувваи моро ба сустӣ табдил мешавад, то ки ба воситаи мо корҳои боз ҳам бузургтарро анҷом диҳад. Яъқуб фиребгари моҳир буд; ӯ ҳар вақт қаллобиҳои ҳилагарона мекард, ва баъд зуд аз натиҷаҳои он фирор мекард. Боре шабона ӯ бо Худо гӯштин гирифта, гуфт: «То даме ки маро баракат надиҳӣ, сар намедиҳам».

«Хуб», гуфт Худо, аммо баъд ба рони Яъқуб даст расонда, ба он осеб расонд.

Ҳамаи ин чӣ маъно дорад? Худо ба қувваи Яъқуб (мушакҳои рон — боқувваттарин мушакҳои бадани инсон мебошанд) расида, онро ба сустӣ табдил дод. Аз ҳамон рӯз Яъқуб ланг шуд, ва ба ҳеҷ куҷо гурехта рафта наметавонист. Хоҳ-нохоҳ ин ӯро маҷбур намуд, ки ба Худо таваккал кунад. Агар шумо хоҳед, ки Худо шуморо ба таври фаровон баракат диҳад ва нақшаҳои Худро ба воситаи ҳаёти шумо амалӣ гардонад, бояд тайёр бошед, ки то охири умр ланг бимонед, зеро Ӯ ба воситаи одамони суст ва нотавон амал менамояд.

## РӮЗИ СИЮ ПАНҶУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Худо ҳамон вақт ба воситаи ман бо қувваи бештар амал мекунад, ки ман сустиҳои худро эътироф менамоям.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад*» (2 Қӯр. 12:9а).

**Савол барои андешаронӣ**: Оё ман сустиҳои худро пинҳон карда, қувваи Худоро дар ҳаёти худ бознамедорам? Ман бояд чӣ кунам, то ки норасоиҳои худро ба хотири хизмат ба дигарон софдилона эътироф намоям?

# МАҚСАДИ ПАНҶУМ

# МО БАРОИ ИҶРОИ ВАЗИФАИ ХУД ОФАРИДА ШУДАЕМ

*Меваи одил дарахти ҳаёт аст,*
*ва он ки ҷонҳоро ҷалб менамояд,*
*хирадманд аст.*
Мас. 11:30

# 36

# ВАЗИФАИ ҲАЁТИИ МО

*Чунон ки Ту Маро ба ҷаҳон фиристодӣ, Ман низ онҳоро ба ҷаҳон фиристодам.*

Юҳ. 17:18

*Лекин ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз намедорам, балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он хизматеро, ки Исои Худованд ба ман супурдааст, яъне мавъизаи Инҷили файзи Худоро ба хушӣ анҷом диҳам.*

Аъм. 20:24

Шумо барои ба ҷо овардани вазифаи худ, барои иҷрои ӯҳдадории худ офарида шудаед.

Худо доимо дар ҷаҳон меҳнат мекунад ва шуморо даъват мекунад, ки ҳамроҳи Ӯ меҳнат кунед. Ҳамин аст вазифаи мо, ӯҳдадории мо. Худо мехоҳад, ки мо на танҳо хизмат ба хотири манфиати Бадани Масеҳ, балки ӯҳдадорие низ дошта бошем, ки ба тамоми ҷаҳон равона карда шудааст. Хизмат — он корест, ки мо барои *имондорон* мекунем (Қӯл. 1:25, 1 Қӯр. 12:5), аммо вазифа ё ӯҳдадорӣ он корест, ки мо барои *беимонон* мекунем. Иҷрои ин вазифа мақсади панҷуми Худо барои ҳаёти шумост.

Вазифаи ҳаётии шумо дар айни замон ҳам *умумӣ* ва ҳам *аниқ* (конкретӣ) мебошад. Аз як тараф, ин ӯҳдадориест, ки ба ӯҳдаи ҳамаи масеҳиён гузошта шудааст; аз тарафи дигар, — вазифаест, ки шахсан ба шумо супорида шудааст. Дар бобҳои оянда мо ҳа мин ва ҳам онро муфассал дида мебароем.

Худи калимаи ӯҳдадорӣ ё вазифа («миссия») аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маъноаш «фиристодан» аст. Ҳар як масеҳӣ ҳамчун намояндаи Исои Масеҳ ба ҷаҳон «фиристода шудааст». Исо гуфтааст: «*Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам*» (Юҳ. 20:21).

Исо аниқ дарк менамуд, ки вазифаи заминии Ӯ аз чӣ иборат аст. Дар синни 12-солагӣ Ӯ гуфта буд: «*Ман бояд дар пайи корҳои Падарам бошам*» (Луқ. 2:49), ва баъди 21 сол, ҳангоме ки дар салиб мемурд, гуфт: «*Иҷро шуд*» (Юҳ. 19:30). Ин ду изҳорот ҳаёти олидараҷа ва ба мақсад нигаронидашудаи Ӯро гӯё ба чаҳорчӯба медароранд. Исо он вазифа, он ӯҳдадориеро, ки Падар ба Ӯ супурда буд, ба ҷо овард.

Аммо ҳозир он вазифае ки Ӯ дар рӯи замин ба ҷо овард, вазифаи *мову шумо* гардидааст, чунки мо Бадани Масеҳ мебошем. Мо бояд он чиро, ки Ӯ ҳангони дар ҷисми табиӣ буданаш мекард, давом диҳем, зеро мо акнун Бадани Рӯҳонии Ӯ, калисо мебошем. Вазифаи мо аз чӣ иборат аст? Вазифаи мо он аст, ки одамонро бо Худо шиносонем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Худо моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ оштӣ дод ва моро вазифадор намуд, ки дигаронро оштӣ диҳем*» (2 Қӯр. 5:18). Худо мехоҳад одамонро аз ғуломии иблис берун оварад ва бо Худо оштӣ диҳад, то ки онҳо ҳамаи корҳоеро, ки барои он офарида шудаанд, иҷро карда тавонанд: дӯст доштани Худо, қисми оилаи Ӯ будан, тадриҷан ба Ӯ монанд шудан, ба Ӯ хизмат кардан ва ба дигарон

оиди Ӯ нақл кардан. Ҳамин ки мо назди Ӯ меоем, Худо ба воситаи мо даъват намудани дигаронро сар мекунад. Ӯ моро наҷот медиҳад ва баъд ба ҷаҳон мефиристад. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Мо намояндагони ваколатдори Масеҳ ҳастем, ва дар шахси мо Худо ба одамон муроҷиат мекунад*» (2 Қӯр. 5:20). Мо сафиронем, ки хабарро оиди муҳаббати Худо ва таъйиноти Ӯ барои тамоми ҷаҳон мерасонем.

## АҲАМИЯТНОКИИ ВАЗИФАИ МО

Иҷрои вазифаи заминии мо — қисми назарраси ҳаёт барои ҷалоли Худост. Китоби Муқаддас борҳо мефаҳмонад, ки чаро вазифаи мо ин гуна муҳим аст.

РӮЗИ СИЮ ШАШУМ:

**ВАЗИФАИ ҲАЁТИИ МО**

**Он давоми вазифаи заминии Исои Масеҳ аст**. Мо, ки пайравони Ӯ ҳастем, бояд кори саркардаи Ӯро давом диҳем. Исо моро даъват мекунад, ки на танҳо назди Ӯ *оем*, балки *ба хотири* Ӯ ба ҷаҳон *равем*. Вазифаи шумо чунон муҳим аст, ки Исо онро бо суханони гуногун панҷ бор дар панҷ ҷои Китоби Муқаддас такрор намудааст (Мат. 28:9–20, Марқ. 16:15, *Луқ*. 24:47, Юҳ. 1:8). Чунин таассурот ҳосил мешавад, ки Ӯ бо исрор, гаштаву баргашта мегӯяд: «Ман мехоҳам, ки шумо инро *ба таври бояду шояд* фаҳмед!» Ин панҷ супориши Исоро хонед, ва тафсилоти вазифаи замини худро мебинед: кай, ба куҷо, чаро ва чӣ гуна.

Дар Супориши бузурги Худ Исо гуфтааст: «*Биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба номи Падар ва Писар ва Рӯҳи Пок ғӯта диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудаам, ба ҷо*

*оваранд*» (Мат. 28:19–20). Ин супориш на танҳо ба шубонон ва миссионерон, балки ба ҳамаи шогирдони Масеҳ дода шудааст. Масеҳ онро *шахсан ба шумо* додааст, ва шумо интихоб карда наметавонед, ки онро иҷро кунед ё накунед. Ин на *Маслиҳати бамаврид*, балки *Супориши бузург* аст! Агар шумо худро қисми оилаи Худо ҳисобед, он барои шумо ҳатмист.

Шояд шумо ҳанӯз инро нафаҳмидаед, аммо Худо масъулиятро барои беимононе ки дар атрофи мо ҳастанд, ба дӯши мо вогузоштааст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*[Агар] ту ӯро огоҳ накунӣ, ва сухане нагӯӣ барои он ки шарирро аз роҳи шариронаи ӯ огоҳ намоӣ, то ки ӯ зинда монад, он шарир дар гуноҳи худ хоҳад мурд, аммо хуни ӯро Ман аз дасти ту талаб хоҳам кард*» (Ҳизқ. 3:18). Барои баъзе беимонон шумо ягона масеҳии шинос ҳастед, ва вазифаи шумо аз он иборат аст, ки онҳоро бо Исо шиносонед.

***Исо моро даъват мекунад, ки на танҳо назди Ӯ оем, балки ба хотири Ӯ ба ҷаҳон равем.***

**Вазифаи мо шарафи бузург аст**. Он ҳақиқатан ба дӯши мо ӯҳдадориҳои ҷиддиро вомегузорад, аммо дар баробари ин мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ин чӣ гуна шараф аст — аз номи Худо меҳнат кардан. Павлус гуфта буд: «*Ҳама чиз аз ҷониби Худост, ки моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ мусолиҳа дод ва хизмати мусолиҳаро ба мо супурд*» (2 Қӯр. 5:18). Аз Худо даъвати ба ҷо овардани вазифаи худро қабул намуда, мо ҳамон замон ду имтиёз ба даст меоварем: дар назди Ӯ хизмат кардан ва намояндагони Ӯ будан. Мо дар бунёд намудани Подшоҳии Худо ҳамкорони Ӯ мешавем. Павлус моро «*мададгорони Ӯ*» меномад (2 Қӯр. 6:1).

Исо барои мо наҷотро ба даст овард, моро ба оилаи Худо дохил намуд, ба мо Рӯҳулқудсро дод ва моро сафирони Худ дар рӯи замин намуд. Ин чӣ

шарафи ҳайратовар аст! Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Пас, мо элчиёни Масеҳ ҳастем, гӯё ки Худо ба воситаи мо хоҳишманд аст. Мо аз тарафи Масеҳ илтимос мекунем: бо Худо мусолиҳа намоед*» (2 Қӯр. 5:20).

**Хизмати калонтарин ба шахси дигар — чӣ гуна ба даст овардани ҳаёти абадӣ бо Худоро ба ӯ фаҳмондан аст**. Тасаввур кунед, ки яке аз шиносҳои шумо бемори саратон ё СПИД шудааст, ва шумо тарзи шифо додани ӯро медонед. Ин маълумоти ҳаётан муҳимро ба ӯ нарасондан ҷинояти ҳақиқӣ мебуд. Аммо калиди бахшидашавӣ, маънои ҳақиқии мавҷудияти заминӣ, осудагии рӯҳ ва ҳаёти абадиро махфӣ нигоҳ доштан боз ҳам бадтар аст. Ба мо ҳақиқати бузургтарини ҷаҳон ошкор шудааст, ва онро ба дигарон расонида, мо ба онҳо бебаҳотарин хизматеро, ки тававвур кардан мумкин аст, мерасонем.

Масеҳиёни собиқадор гоҳо фаромӯш мекунанд, ки ҳангоме ки Масеҳ дар ҳаёти кас набошад, он то чӣ дараҷа ноумедона метобад. Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки атрофиён ҳар қадар қаноатманд ва бобарор тобанд ҳам, бе Масеҳ онҳо тамоман гумроҳ ҳастанд ва ба онҳо дурии абадӣ аз Худо таҳдид мекунад. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки ғайр аз номи Масеҳ «*дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем*» (Аъм. 4:12). Бинобар ин Исо ба ҳама даркор аст.

**Вазифаи мо ба абадият нигаронида шудааст**. Аз бисёр ҷиҳат тақдири одамони дигар ба он вобаста аст, ва ин аз ҳар кори дигар, ҳар дастовард ё мақсадҳое ки барои ба онҳо ноил шудан кӯшиш мекунед, муҳимтар аст. Дастовардҳо дар ҷои кор муваққатӣ мебошанд, аммо самарҳои ин вазифаи мо то абадият боқӣ мемонанд. Чизе муҳимтар аз он

нест, ки барои бо Худо муносибатҳои шахсӣ пайдо намудани дигарон ёрӣ диҳем.

**_Супориши бузурги Исо ба ҳар як имондор дода шудааст._**

Аз ҳамин сабаб иҷрои вазифаамонро ба фардо монондан мумкин нест. Исо гуфтааст: «*То вақте ки рӯз аст, Ман бояд аъмоли Фиристандаи Худро ба ҷо оварам. Ба қарибӣ шаб фаро мерасад, ва ҳеҷ кас наметавонад коре кунад*» (Юҳ. 9:4). Муддати вақте ки барои иҷрои вазифаи заминии мо дода шудааст, зуд мегузарад, бинобар ин дигар ягон рӯзро аз даст надиҳед! Ба иҷрои вазифаи худ сар кунед ва ба одамон оиди Исо нақл кунед! Мо то абад вақт хоҳем дошт, то бо касоне ки мо онҳоро назди Масеҳ меоварем, шодиву хурсандӣ кунем, аммо онҳоро бо Исо фақат ҳозир, то даме ки дар ин замин зиндагӣ мекунем, шинос карда метавонем.

Ин маънои онро надорад, ки шумо бояд корро партофта, башоратдиҳанда ё миссионер шавед. Худо мехоҳад, ки шумо Хушхабари Ӯро ба атрофиёни бевоситаи худ расонед. Ҳар касе ки бошед — донишҷӯ, модари хонашин, мураббияи боғчаи кӯдакон, фурӯшанда, менеҷер ё ягон каси дигар, — шумо бояд доимо дар атрофи худ касонеро ҷустуҷӯ намоед, ки онҳоро Худованд дар сари роҳи шумо мегузорад, то ки онҳо Инҷилро шунида тавонанд.

**Вазифа ба ҳаёт маъно мебахшад**. Уилям Ҷеймс* гуфтааст: «Ҳаёти худро барои он чи баъди мо боқӣ мемонад, сарф кардан беҳтар аст». Аммо танҳо Подшоҳии Худо ҷовидона боқӣ мемонад. *Ҳама чизи дигар* дер ё зуд аз байн меравад. Аз ҳамин сабаб ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда ба сар бурдан,

---

* Уилям Ҷеймс (1842–1910) — психолог ва файласуфи амрикоӣ, намояндаи «эмпиризми радикалӣ» ва асосгузори прагматизм, бунёдкунандаи лабораторияи психологияи таҷрибавӣ дар донишгори Ҳарвард.

худро ба парастиш, муошират, ҳаёти рӯҳонӣ, хизмат ва иҷрои вазифаи заминии худ бахшидани мо ин қадар муҳим аст. Охир, самарҳои чунин зиндагӣ то абад бо мо мемонанд.

Агар шумо вазифаи додаи Худоро ба ҷо овардан нахоҳед, вақти ҳаёти заминии худро беҳуда сарф мекунед. Павлус гуфта буд: «*Лекин ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз намедорам, балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он хизматеро, ки Исои Худованд ба ман супурдааст, яъне мавъизаи Инҷили файзи Худоро ба хушӣ анҷом диҳам*» (Аъм. 20:24). Дар сайёра чунин одамоне ҳастанд, ки *танҳо шумо* ба дили онҳо роҳ ёфта метавонед — аз боиси маҳалли зисти худ ва ба шарофати чӣ гуна офарида шуданатон. Агар ақаллан як шахс ба шарофати шумо ба Осмонҳо равад, бидонед, ки кӯшишҳои шумо самарҳои абадӣ додаанд. Ба ҷустуҷӯи вазифаи шахсии худ сар кунед ва дуо гӯед: «Худоё, нишон деҳ, ки ба ҳаёти ман киҳоро овардаӣ, то ба онҳо оиди Исо нақл карда тавонам».

**Нақшаи Худо барои таърихи инсоният бо иҷрои вазифаи мо робитаи зич дорад**. Ҳозир одамон дар ҷаҳон ба Бозомадани Масеҳ ва охири ҷаҳон таваҷҷӯҳи зиёд пайдо кардаанд, Ҳамаи ин кай рӯй медиҳад? Маҳз пеш аз он ки Масеҳ ба осмон боло равад, шогирдон аз Ӯ ҳамин чизро пурсиданд, ва Ӯ чунин ҷавоб дод: «*Кори шумо нест, ки замонҳо ва мӯҳлатҳоеро, ки Падар бо қудрати Худ муқаррар намудааст, бидонед; аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Уршалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд*» (Аъм. 1:7–8).

Шогирдон мехостанд маънои пешгӯиро фаҳманд, аммо Худованд суханро ба башоратдиҳӣ гузаронд. Ӯ мехост, ки онҳо тамоми диққатро ба иҷрои вазифаи худ дар ҷаҳон равона кунанд. Моҳиятан, Ӯ ба онҳо

гуфт: «Кори шумо нест, ки оиди тафсилоти бозомадани Ман тахминҳо кунед. Он чи дар ҳақиқат кори шумост — вазифаест, ки Ман иҷрои онро ба шумо супурдаам. Бо он машғул шавед!»

Оиди мӯҳлатҳои аниқи омадани Масеҳ тахминҳо кардан бефоида аст, зеро Исо гуфтааст: «*Аммо он рӯз ва соатро, ғайр аз Падар, касе намедонад, на фариштагони осмон, на Писар*» (Марқ. 13:32). Агар Худи Масеҳ иқрор шуда бошад, ки вақти омадани Худро намедонад, чӣ лозим аст, ки шумо вақти худро ба кӯшишҳои беҳудаи аниқ кардани он сарф кунед? Мо як чизро аниқ медонем: то даме ки ҳамаи касоне ки бояд Хушхабари Худоро шунаванд, онро нашунаванд, Исо бознамегардад. Исо гуфтааст: «*Ин Инҷили Подшоҳӣ дар тамоми ҷаҳон мавъиза хоҳад шуд, то ки барои ҳамаи халқҳо гувоҳие шавад; ва он гоҳ анҷом фаро хоҳад расид*» (Мат. 24:14). Агар хоҳед, ки Исо тезтар бозгардад, тамоми кӯшиши худро на ба кӯшиши аниқтар тафсир кардани пешгӯии ӯ, балки ба иҷрои Супориши Ӯ равона кунед.

***Мо ба осонӣ диққати худро аз иҷрои вазифаи худ дар ҷаҳон дур мекунем, зеро шайтон бо ҷидду ҷаҳд кӯшиш мекунад, ки мо бо ҳар кори дигар машғул шавем, аммо на бо башоратдиҳӣ оиди Исои Масеҳ.***

Мо ба осонӣ диққати худро аз иҷрои вазифаи худ дар ҷаҳон дур мекунем, зеро шайтон бо ҷидду ҷаҳд кӯшиш мекунад, ки мо бо ҳар кори дигар машғул шавем, аммо на бо башоратдиҳӣ оиди Исои Масеҳ. Ӯ ба мо бисёр корҳои нек ва олиҳимматонаро пешкаш мекунад, то ки мо одамонро аз ақиби худ ба ҳаёти абадӣ бо Худо набарем. Ҳамин ки шумо ба таври ҷиддӣ иҷро намудани вазифаи худро сар мекунед, иблис дарҳол кӯшиш мекунад диққати шуморо ба тарафи дигар равона кунад. Он гоҳ шумо

бояд суханони Масеҳро ба худ ёдрас намоед: «*Касе ки дасташро болои омоч монда бошад ва ба ақиб нигоҳ кунад, ба Подшоҳии Худо сазовор нест*» (Луқ. 9:62).

## ИҶРОИ ВАЗИФААМОН ДАР ҶАҲОН ДАР ИВАЗИ ЧӢ БА ДАСТ МЕОЯД

Барои иҷрои вазифаи ҳаётии худ ба шумо лозим меояд, ки аз нақшаҳо ва майлу рағбатҳои худ даст кашед ва нақшаҳои Худоро барои ҳаётатон қабул намоед. Ба ҳамаи он корҳое ки дар рӯи замин ба ҷо овардан̄ӣ ҳастед, илова кардани иҷрои вазифа мумкин нест. Ба монанди Исо, мо бояд гӯем: «*На иродаи Ман, балки иродаи Ту бигзор ба амал ояд*» (Луқ. 22:42). Мо бояд ҳуқуқ, умедҳо, орзуҳо, нақшаҳои худро пеши пои Ӯ гузорем. Бояд худпарастона чунин хоҳиш намуданро бас кунем: «Худоё, нақшаҳои маро баракат деҳ!» Ба ҷои ин чунин дуо гӯед: «Ба ман ёрӣ деҳ, то он кореро кунам, ки Ту онҳо аллакай баракат додаӣ». Мо ба Ӯ вараќи холиро бо имзои худ дароз мекунем, то ки Ӯ Худаш дар он ҳамаи ҷузъиётро нависад. Китоби Муқаддас моро даъват менамояд: «*Худро, ҳамчун касони аз мурдагон зиндашуда, ба Худо таслим кунед ва андоми худро дар ихтиёри Худо вогузор намоед, то ки олати адолат бошад*» (Рум. 6:33).

## БОЗ ЯК ШАХС — БАРОИ ИСОИ МАСЕҲ

Падари ман зиёда аз панҷоҳ сол шубон шуда кор кард. Ӯ асосан дар калисоҳои хурди деҳот хизмат менамуд. Ӯ воизи муқаррарӣ буд, аммо ҳамеша вазифаашро дар ёд дошт. Кори дӯстдоштаи ӯ он буд, ки ҳамроҳи гурӯҳи хурди имондорон ба кишвари дигар рафта, ба масеҳиёни он ҷой дар сохтмони бино барои ҷамоат ёрӣ диҳанд. Падари ман дар да-

воми ҳаёти худ зиёда аз 150 чунин биноҳои ҷамоат сохтааст.

Дар соли 1999 падарам аз бемории саратон вафот кард. Ҳафтаи охирини ҳаёташ ӯ қариб тамоман хобида наметавонист ва шабу рӯз дар ҳолати нимбеҳушӣ буд. Ҳангоме ки хобаш мебурд, ӯ дар вақти хоб гап мезад. Ман дар назди кат нишаста, аз он чи падарам дар хобаш медид, бисёр чизҳоро оиди ӯ фаҳмида гирифтам. Ӯ гӯё сохтмони ҳар як бинои ҷамоатро бори дигар аз сар мегузаронд.

Боре бегоҳӣ пеш аз марги ӯ, ҳангоме ки дар ҳуҷра ману занам ва ҷиянам будем, падарам ногоҳ чашмонашро кушод ва кӯшиш кард аз ҷояш хезад. Албатта, ӯ хеле беқувват шуда буд, ва занам Кей аз ӯ хоҳиш кард, ки боз дароз кашад. Аммо ӯ ҳеҷ ором шуда наметавонист, ва дар охир Кей пурсид: «Ба ман гӯед, Ҷим, чӣ мехоҳед?» «Боз як касро барои Исои Масеҳ наҷот додан лозим аст!» — ҷавоб дод ӯ. — Боз як шахсро — барои Исои Масеҳ. Боз як шахсро — барои Масеҳ!» Ӯ ин суханонро такрор кардан гирифт.

Ӯ бо як соати дароз ором намешуд ва дар ин муддат ин суханонро қариб сад бор ё ҳатто зиёдтар такрор кард. Ман дар назди ӯ бо чашмони пур аз ашк нишаста будам. Дар кадом як лаҳза ман сарамро хам кардам, то Худоро барои имонаш ташаккур гӯям, ҳамин вақт падарам дасти беқувватшудаи худро ба кафи дастам гузошта, мисли он ки супориши муҳиме медода бошад, чунин гуфт: «Боз як шахсро барои Исо наҷот деҳ! Боз як шахсро — барои Исои Масеҳ!»

Ман мехоҳам, ки ин суханон шиори тамоми ҳаёти боқимондаи ман гарданд. Ман ба шумо пешниҳод мекунам, ки онҳоро мақсади асосии ҳаёти худ гардонед, зеро *ҳеҷ кори дигар* чунин самарҳои муҳим ва дарозмуддат намедиҳад. Агар хоҳед, ки Худо ба воситаи шумо амалҳои Худро ба ҷо оварад, бояд

манфиатҳои Ӯро ба дили худ наздик қабул намоед, зеро барои ӯ ҳеҷ чизе муҳимтар аз кафорат намудани одамони офаридаи Ӯ нест. Ӯ фарзандони гумроҳшудаи Худро ёфтан мехоҳад! Барои Ӯ ин аз ҳама асосӣ аст; ва агар ба ин бовар накунед — ба салиб нигаред. Ман дуо мегӯям, то шумо ҳамеша кӯшиш намоед, ки «боз як шахсро барои Исои Масеҳ наҷот диҳед», то ки назди Худо истода, гуфта тавонед: «Вазифа иҷро шуд!»

## РӮЗИ СИЮ ШАШУМ

*Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ман барои иҷрои вазифаи муҳим офарида шудаам.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба номи Падар ва Писар ва Рӯҳи Пок ғӯта диҳед, ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудаам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам*» (Мат. 28:19–20).

**Савол барои андешаронӣ**: Кадом тарсҳо то ҳол барои иҷрои вазифаи муқарраркардаи Худо ба ман халал мерасонанд? Чӣ чиз барои ба дигарон расондани Хушхабар халал мерасонад?

# 37

# КАЛОМИ ҲАЁТРО БА ОДАМОН РАСОНДАН

*Касе ки ба Писари Худо имон дорад, дар худ шаҳодат дорад.*

1 Юҳ. 5:10

*Зеро ки аз шумо каломи Худованд на танҳо дар Макдуния ва Охоия шунида шуд, балки имоне ки шумо ба Худо доред, дар ҳама ҷо овоза шуд, ба дараҷае ки моро ҳоҷат нест чизе бигӯем.*

1 Тасл. 1:8

Худо ба шумо Каломи ҳаётро додааст, то ки шумо онро ба дигарон расонед.

Шумо имондор шуда, дар айни замон сафири Худо шудед. Худо ба воситаи забони шумо ба ҷаҳон мурочиат кардан мехоҳад. «*Мо аз самими қалб ва аз ҷониби Худо, ба ҳузури Худо, дар Масеҳ мавъиза менамоем*» — навишта буд Павлус (2 Қӯр. 2:17б).

Шояд шумо гумон мекунед, ки ҳеҷ чизи гуфтанӣ надоред, аммо ин иблис аст, ки шуморо ба хомӯшӣ водор карданӣ мешавад. Ҳар яки мо хазинаи пурганҷи таҷриба ва ҳар гуна азсаргузарониҳо дорад, ва Худо мехоҳад бо ёрии онҳо ба оилаи Худо

фарзандони навро оварад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Касе ки ба Писари Худо имон дорад, дар худ шаҳодат дорад*» (1 Юҳ. 5:10). Каломи ҳаёт, ки шахсан ба шумо супурда шудааст, аз чор қисми таркибӣ иборат аст:

- *Шаҳодати* шумо: нақл дар бораи он ки муносибатҳои шумо бо Исои Масеҳ чӣ тавр сар шуданд.
- *Дарсҳои ҳаётии* шумо: дарсҳои муҳимтарине ки Худо ба шумо таълим додааст.
- *Майлу рағбатҳо ва орзуҳои* тақводоронаи шумо: шумо, бо хости Худо, ба чӣ беш аз ҳама шавқ доред, ва дар ҳаққи чӣ беш аз ҳама ғамхорӣ мекунед.
- Хушхабар: Инҷили наҷот.

**Каломи ҳаёт, ки ба шумо супурда шудааст, шаҳодати шуморо дар бар мегирад**. Шаҳодат нақл дар бораи он аст, ки чӣ тавр Худо ҳаёти шуморо дигаргун намуд. Петрус мегӯяд, ки Худо шуморо барои он интихоб намудааст, «*то аз корҳои бузурги Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед*» (1 Пет. 2:9). Шоҳид будан ҳамин маъноро дорад: нақл кардан дар бораи таҷрибаи муносибатҳои худ бо Худо. Дар мурофиаи доварӣ аз шоҳидон талаб намекунанд, ки далелҳо оваранд, ҳақиқатро исбот кунанд ва ин ё он натиҷаи довариро ҷонибдорӣ кунанд. Бо ин кор адвокатҳо машғуланд. Шоҳидон оиди он чи бо онҳо рӯй додааст ё оиди он чи онҳо бо чашмони худ дидаанд, нақл мекунанд.

Исо гуфтааст: «*Шоҳидони Ман хоҳед буд*» (Аъм. 1:8), на ин ки «Адвокатҳои Ман хоҳед буд». Ӯ мехоҳад, ки мо ба дигарон қиссаи худро нақл кунем. Ин қисми ҷудоинопазири вазифаи заминии мост, зеро қиссаи

ҳар яки мо тамоман нотакрор аст. Дар тамоми ҷаҳон дигар чунин қисса нест, бинобар ин қиссаи худатонро фақат шумо нақл карда метавонед. Агар чунин нашавад, он беҳуда ба нобудӣ меравад. Шояд шумо мутахассиси Китоби Муқаддас нестед, аммо дар масъалаи ҳаёти худ шумо сарчашмаи боэътибор ҳастед, ва бо таҷрибаи шахсӣ баҳс кардан душвор аст. Умуман, шаҳодати шахсӣ аз мавъиза таъсирбахштар аст, зеро ки шунавандагон барои беимонон монанди фурӯшандагони сафаркунанда мебошанд, ки моли худро то ҳадди имкон беҳтар «фурӯхтан» мехоҳанд. Аммо дар шумо онҳо харидорони қаноатмандро мебинанд ва ба шумо боварии бештар доранд.

***Мо дар бораи ҳаёти худ нақл карда гӯё ба сӯи одамон кӯпруке месозем, ки ба воситаи он Исо аз дили мо рост ба назди онҳо рафта метавонад.***

Ғайр аз ин, шунидани қиссаи ҳаёти ягон шахс аз баёни фактҳои холӣ ҳамеша писандидатар аст. Нақл дар бораи тақдири ягон кас дарҳол диққати моро ҷалб мекунад, ва мо онро муддати зиёд дар ёд нигоҳ медорем. Агар шумо аз асарҳои илоҳиётшиносӣ иқтибосҳо овардан гиред, беимонон ба суханони шумо шавқро гум мекунанд, аммо фаҳмидан оиди фикрҳо ва саргузаштҳои дигарон, ки ба онҳо ҳанӯз маълум нестанд, барои онҳо шавқовар аст. Мо дар бораи ҳаёти худ нақл карда гӯё ба сӯи одамон кӯпруке месозем, ки ба воситаи он Исо аз дили мо рост ба назди онҳо рафта метавонад.

Арзишнокии шаҳодати шахсӣ боз дар он аст, ки он аз ҳамаи иншооти ҳимоявие ки ақл бунёд намудааст, давр зада мегузарад. Ҳатто агар бисёрии шунавандагон Китоби Муқаддасро ҳамчун сарчашмаи боэътибор қабул намекарда бошанд ҳам, ба ҳар ҳол қиссаи ҳаёти шуморо, ки бо фурӯтании сами-

мӣ нақл карда шудааст, гӯш мекунанд. Аз ҳамин сабаб дар шаш мавриди гуногун Павлус барои башоратдиҳӣ на иқтибосҳоро аз Китоби Муқаддас, балки маҳз шаҳодати шахсиро истифода бурдааст (Аъм. 22:26).

РӮЗИ СИЮ НӮҲУМ

## КАЛОМИ ҲАЁТРО БА ОДАМОН РАСОНДАН

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамеша тайёр бошед, ки ба ҳар касе ки аз шумо дар бораи умедатон ҳисоб талаб кунад, бо фурӯтанӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед*» (1 Пет. 3:15–16). Барои «ҳамеша тайёр будан» беҳтараш шаҳодати худро пешакӣ нависед, ва қисмҳои асосии онро аз ёд кунед. Онро ба чор қисм ҷудо кунед:

1. Ҳаёти ман пеш аз вохӯрӣ бо Худо чӣ гуна буд
2. Ман чӣ тавр фаҳмидам, ки ба ман Исо даркор аст
3. Ман чӣ тавр ҳаёти худро ба Масеҳ бахшидам
4. Исо дар ҳаёти ман аллакай чӣ кор кардааст

Албатта, ғайр аз қиссаи наҷот ёфтан ҳар кас бисёр шаҳодатҳои дигар дорад. Оиди ҳар як мавриде ки Худо ба мо ёрӣ мерасонд, алоҳида нақл кардан мумкин аст. Ҳамаи масъалаҳо, вазъиятҳо ва ҳолатҳои бӯҳрониро, ки Худо шуморо аз онҳо гузарондааст, барои худ навишта гиред. Сипас ба шумо зиракии зиёд даркор мешавад, то қарор диҳед, ки кадоми онҳо барои дӯсти беимони шумо фаҳмотар ва наздиктар мешавад. Дар мавридҳои гуногун шаҳодатҳои гуногун даркор мешаванд.

**Каломи ҳаёт, ки ба шумо супурда шудааст, дарсҳои ҳаётии шуморо дар бар мегирад**. Қисми дуюми Каломи ҳаёт, ки ба шумо супурда шудааст — ҳақиқатҳое мебошанд, ки Худо ба шумо дар он муддате ки шумо Ӯро пайравӣ мекунед, таълим дода-

аст. Шумо оиди муносибатҳои байниҳамдигарӣ, мушкилот, озмоишҳо ва дигар ҷиҳатҳои ҳаёт аз Ӯ бисёр чизҳоро омӯхтаед. Довуд чунин дуо мегуфт: *«Роҳи қоидаҳои Худро, эй Парвардигор, ба ман нишон деҳ, то ки онро то ба охир пайравӣ намоям» (Заб. 118-:33). Мутассифона, мо на ҳамеша он дарсҳоро, ки ҳаёт ба мо пешкаш менамояд, аз худ мекунем. Инак он чи оиди исроилиён дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «Чандин бор онҳоро раҳо кард, вале онҳо бо худсарии худ ошӯб меандохтанд, ва аз гуноҳи худ ба хорӣ меафтоданд» (Заб. 105:43). Шояд шумо низ чунин одамонро вохӯрдаед.*

*Аз таҷрибаи худ омӯхтан хуб аст, аммо аз таҷрибаи дигарон омӯхтан хеле оқилонатар* аст. Мо вақт надорем, ки ҳама чизи даркориро ба воситаи санҷишҳо ва хатоҳо аз худ кунем. Мо бояд ба дарсҳои ҳаётии дигарон нигариста, омӯзем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: « *Гӯшвораи тилло ва зевари зари сурх — чунин аст сарзаниши хирадманд барои гӯши шунаво»* (Мас. 25:12).

Дарсҳои асосии ҳаёти худро навишта гиред, то ки онҳоро ба дигарон расонед. Мо бояд аз Сулаймон миннатдор бошем, ки танбалӣ накарда, ҳамин корро анҷом дод, ва дар натиҷа мо китоби Масалҳо ва Воизро дорем, ки дар онҳо миқдори зиёди маслиҳатҳои амалии гуногун ҳастанд. Тасаввур кунед, ки агар мо аз таҷрибаи дигарон дарси ибрат меомӯхтем, аз чӣ қадар стрессҳои нодаркор ва ноумедиҳо барканор мебудем!

***Аз таҷрибаи худ омӯхтан хуб аст, аммо аз таҷрибаи дигарон омӯхтан хеле оқилонатар аст.***

Одамони ҳақиқатан болиғ одати аз ҳама гуна вазъиятҳои ҳаётӣ дарси ибрат омӯхтанро доранд. Ман боисрор ба шумо тавсия медиҳам, ки бароятон рӯйхати дарсҳои ҳаётии худро тартиб

диҳед. Барои оиди онҳо хуб андеша намудан онҳоро навиштан даркор аст. Инак якчанд савол, то ки андаке хотираи худро фаъолтар намоед ва сар кунед (якчанд намунаҳои библиявиро барои ҳар яки ин мавридҳо нигоҳ кунед: Заб. 50, Фил. 4:11–13, 2 Қӯр. 1:4–10, Заб. 39, Заб. 118:71, Ҳас. 50:20).

- Худо ба воситаи нобарориҳо ба ман чиро омӯзонд?
- Худо ба воситаи норасоии пул ба ман чиро омӯзонд?
- Худо ба воситаи азобҳо, ғам ва рӯҳафтодагӣ ба ман чиро омӯзонд?
- Худо ба воситаи интизории тӯлонӣ ба ман чиро омӯзонд?
- Худо ба воситаи беморӣ ба ман чиро омӯзонд?
- Худо ба воситаи ноумедиҳо ба ман чиро омӯзонд?
- Ман ба воситаи оилаи худ, калисо, муносибатҳо бо одамон чиро омӯхтам? Бо ёрии гурӯҳи хурди худ? Бо ёрии касоне ки аз ман норозӣ буданд ва маро танқид мекарданд?

**Каломи ҳаёт, ки ба шумо супурда шудааст, майлу рағбатҳо ва орзуҳои тақводоронаи шуморо дар бар мегирад**. Худои мо хунсард ва бепарво нест. Ӯ бо ҳарорат *дӯст медорад*, аммо ҳамчунин бо ҳарорат *бад дида* метавонад. Бо мурури он ки мо Ӯро ҳарчи бештар мешиносем, Ӯ ба дили мо нисбати он чи барои Худи Ӯ муҳим аст, ғайратмандии пурҳароратро ҷойгир мекунад, то ки мо ба ҷаҳон аз номи Ӯ муроҷиат карда тавонем. Ин метавонад шавқи зиёд ба ин ё он масъала, ин ё он принсип, ин ё он гурӯҳи одамон бошад. Ин ҳар чизе ки бошад, шумо наметавонед дар ин бора гап назанед ва

кӯшиш мекунед дар ин робита ҳама кори аз дастатон меомадаро кунед.

Ҳангоме ки дар дил шавқи ҳақиқӣ фурӯзон мешавад, онро дар дохил нигоҳ доштан ғайриимкон аст. Исо гуфтааст: «*Забон аз пурии дил сухан мегӯяд*» (Мат. 12:34). Довуд, ки чунин навиштааст, намунаи ин буда метавонад: «*Зеро ки рашки хонаи Ту маро хӯрдааст, ва бадгӯиҳои бадгӯёни Ту бар ман афтодаанд» (Заб. 68:10), ва Ирмиё, ки гуфтааст: «Дар дили ман гӯё оташ фурӯзон аст, ки дар устухонҳоям ҷорӣ мешавад, ва ман онро боздошта, хаста гардидаам, ва натавонистам*» (Ирм. 20:9).

Худо дар баъзе одамон майлу рағбати тақводоронаи мубориза бурдан барои ягон корро медиҳад. Гоҳо ин бо таҷрибаи шахсии гузаштаи онҳо вобаста аст, масалан, зӯроварие ки аз сар гузаронидаанд, рӯҳафтодагӣ, беморӣ ё ягон масъалаи дигар. Гоҳо Худо ба муқаддасони худ хоҳиши боздоштанашавандаи аз номи ин ё он гурӯҳи одамоне ки худашон аз номи худ гап зада наметавонанд, баромад карданро медиҳад. Инҳо кӯдакони навзод ё шахсони барои Масеҳ таъқибшаванда, бенавоён, маҳбусон, истисморшавандагон, аз адолат маҳрумшудагон буда метавонанд. Дар Китоби Муқаддас бисёр фармудаҳое ҳастанд, ки моро ба ҳимояи бечорагон даъват менамоянд.

Худо подшоҳии Худро бо ёрии ғайратмандони пурҳарорат бунёд мекунад. Ӯ дар мо хоҳиши пурҷӯшу хурӯши таъсис намудани калисоҳои нав, устувор намудани оилаҳо, маблағгузорӣ намудани тарҷумаҳои Китоби Муқаддас ё омӯзондани сарварони масеҳиро ҷойгир мекунад. Ё дар дили шумо майли боздоштанашавандае пайдо мешавад, ки бо Инҷил назди гурӯҳи муайяни одамон равед: соҳибкорон, наврасон, донишҷӯёни хориҷӣ, модарони ҷавон, шахсоне ки шавқмандиҳои якхела доранд

ё ҳамон як навъи варзишро дӯст медоранд. Агар дар ин бора аз Худо хоҳиш кунед, Ӯ ба дили шумо кишвар ё гурӯҳи этникии муайянро мегузорад, ки махсусан ба башоратдиҳии қавии масеҳӣ эҳтиёҷ дорад.

Худо ба мо майлу рағбатҳои гуногун медиҳад, то ки ҳамаи он чиро, ки дар ҷаҳон кардан мехоҳад, ба амал оварад. Набояд чунин фикр кард, ки ҳама дар атроф ба ғайратмандии шумо оиди ин ё он масъала шарик хоҳанд буд. Ба ҷои ин якдигарро бо диққат гӯш кардан ва он Каломи ҳаётро, ки дигарон ба мо мерасонанд, қадр кардан лозим аст, зеро ҳеҷ кадоми мо ба гуфтани ҳамаи он чи бояд гуфта шавад, қодир нест. Ба майлу рағбати каси дигар бо беэътиноии боилтифот муносибат кардан мумкин нест. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Дар кори хайр ҳамеша ғайрат кардан*» ё «*Агар мақсад хуб бошад, дар илтифот ҷустан ҳеҷ бадие нест*» (Ғал. 4:18 [тарҷ. синодӣ ва РВ]).

***Худо ба мо майлу рағбатҳои гуногун медиҳад, то ки ҳамаи он чиро, ки дар ҷаҳон кардан мехоҳад, ба амал оварад.***

**Каломи ҳаёт, ки ба шумо супурда шудааст, Хушхабарро дар бар мегирад**. Хушхабар чист? «*Дар он* [яъне дар Хушхабар] *ошкор мегардад, ки Худо барои имон ва танҳо барои имон аз гуноҳ раҳоӣ медиҳад*» (Рум. 1:17). «*Чунки Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ мусолиҳа дод, ҷиноятҳои онҳоро ба ҳисобашон надаровард ва каломи мусолиҳаро ба мо супурд*» (2 Қӯр. 5:19). Хушхабар аз он иборат аст, ки ҳамин ки шахс ба наҷот, ки ба воситаи файзи Худо ба воситаи қурбонии Исои Масеҳ ба ӯ дода мешавад, бовар кунад, Худо ҳамаи гуноҳҳои ӯро мебахшад, ҳаёти ӯро пурмаъно мегардонад ва ба ӯ дар оянда дар Осмонҳо манзил ваъда мекунад.

Садҳо китобҳои хуб ҳастанд, ки ба тарзи расондани Хушхабари Исои Масеҳ бахшида шудаанд. Аммо

то даме ки он ҳашт боварии дар боби гузашта зикршуда дар дили шумо ҷой нагиранд ва аз они худатон нашаванд, ҳатто таълими беҳтарин шуморо ба башоратдиҳӣ водор намекунад. Аз ҳама муҳим он аст, ки дӯст доштани одамони гумроҳшударо, чуноне ки Масеҳ онҳоро дӯст медошт, ёд гиред.

Худо ҳеҷ гоҳ инсонеро наофаридааст, ки ӯро дӯст надорад. Барои Худо ҳар як инсон муҳим аст. Масеҳ дар салиб дастонашро ду тараф карда, гӯё ба мо мегӯяд: «Ана чӣ тавр Ман туро дӯст доштаам!» Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Зеро муҳаббати Масеҳ моро водор менамояд, ки чунин хулоса барорем: Агар як Шахс барои ҳама мурда бошад, пас ҳама мурданд*» (2 Қӯр. 5:14). Агар ногоҳ нисбати вазифае ки дар ҷаҳон доред, бепарво буданатонро ҳис кунед, оиди он чи Исои Масеҳ барои дар салиб кардааст, андеша намоед.

Мо бояд беимононро дӯст дорем, зеро Худо онҳоро дӯст медорад. Муҳаббат ба мо интихобе боқӣ намегузорад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Дар муҳаббат ҳаросе нест, балки муҳаббати комил ҳаросро бадар меронад*» (1 Юҳ. 4:18). Ҳама гуна падар тайёр аст ба хонаи сӯхтаистода давида дарояд, то ки кӯдаки худро наҷот диҳад, зеро муҳаббати ӯ ба писар ё духтараш аз тарс қавитар аст. Агар шумо аз башоратдиҳӣ ба атрофиён метарсида бошед, аз Худо хоҳиш кунед, ки дили шуморо аз муҳаббат ба ин одамон пур кунад.

Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Худованд дар иҷрои ваъда таъхир наменамояд,.. балки ба шумо пурсабрӣ зоҳир менамояд ва намехоҳад, ки касе нобуд шавад, балки ҳама ба тавба рӯ оваранд*» (2 Пет. 3:9). Агар ақаллан як шахсеро шиносед, ки Масеҳро намедониста бошад, бояд бо исрор барои ӯ дуо гӯед, бо муҳаббат барои ӯ хизмат кунед, бо муҳаббат ба ӯ хизмат кунед ва Хушхабарро ба ӯ расонед. То даме

ки дар ноҳияи шумо ақаллан як шахсе ҳаст, ки ба оилаи Худо тааллуқ надорад, калисои шумо *бояд* дар он ҷо Инҷилро собитқадамона башорат диҳад. Агар калисо афзун шудан нахоҳад, он гӯё ба ҳамаи аҳли ҷаҳон мегӯяд: «Барои мо фарқ надорад, ба дӯзах рафтан гиред!»

*Шахсан* шумо чӣ кор карданӣ ҳастед, то ки шиносҳои шумо ба Осмонҳо рафта тавонанд. Онҳоро ба калисо даъват мекунед? Қиссаи худро ба онҳо нақл мекунед? Ин китобро ба онҳо тӯҳфа мекунед? Ҳар рӯз барои онҳо дуо мегӯед, то даме ки онҳо наҷотро қабул менамоянд? Майдоне ки дар он бояд вазифаи ҳаётии мо ба ҷо оварда шавад, тамоман наздик аст. Он дар атрофи мост. Имкониятҳоеро, ки Худо медиҳад, аз даст надиҳед. Дар Навиштаи Муқаддас гуфта шудааст: «*Бо бегонаҳо оқилона рафтор кунед, ҳар як имкониятро истифода баред*» (Қӯл. 4:5).

Оё дар Осмонҳо ақаллан ягон касе хоҳад буд, ки ба шарофати шумо ба он ҷо рафта бошад? Оё ақаллан як кас ёфт мешавад, ки омада ба шумо гӯяд: «Ташаккур ба ту! Ман ба шарофаи он дар ин ҷо мебошам, ки ту бепарво набудӣ ва Хушхабарро ба ман расондӣ!» Тасаввур кунед, дар Осмонҳо вохӯрдани шахсоне ки бо мадади шумо ба он ҷо рафтаанд, чӣ қадар хурсандибахш хоҳад буд. Наҷоти абадии як ҷон хеле муҳимтар аз ҳамаи дигар дастовардҳо ва комёбиҳои рӯи замин аст, зеро дар абадият танҳо одамон мемонанд.

Дар ин китоб шумо оиди панҷ мақсади Худо барои ҳаёти шумо донистед. Ӯ шуморо офарид, то ки шумо узви оилаи Ӯ шавед, инъикоси хислати Ӯ, эълонкунандаи ҷалоли ӯ, ходими файзи Ӯ ва сафире ки ба одамон Хушхабари Ӯро мерасонад. Аз ин мақсадҳо танҳо яктояшро танҳо дар рӯи замин ба ҷо овардан мумкин аст. Аз ҳамин сабаб башоратдиҳӣ

ин қадар муҳим аст, зеро ба мо на он қадар вақти зиёд дода шудааст, то ки ба одамон Каломи ҳаётро расонем ва вазифаи худро дар ин ҷаҳон ба ҷо оварем.

## РӮЗИ СИЮ ҲАФТУМ

### *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Худо ба воситаи ман ба ҷаҳон чизе гуфтан мехоҳад.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Худованд Худоро дар дилҳои худ тақдис намоед; ҳамеша тайёр бошед, ки ба ҳар касе ки аз шумо дар бораи умедатон ҳисоб талаб кунад, бо фурӯтанӣ ва эҳтиром ҷавоб диҳед*» (1 Пет. 3:15)

**Савол барои андешаронӣ**: Бо мурури он ки ман оиди қиссаи ҳаёти худ фикр мекунам, Худо ба кӣ расондани онро аз ман хоҳон аст?

# 38

# МАСЕҲИИ ДАРАҶАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ШУДАН

*[Исо] ба онҳо гуфт: «Ба тамоми ҷаҳон биравед ва Инҷилро ба ҳамаи офаридаҳо мавъиза кунед.*

Марқ. 16:15

*Худо ба мо шафқат хоҳад кард ва моро баракат хоҳад дод; рӯи Худро ба мо мунаввар хоҳад намуд, то ки роҳи Ту дар замин шинохта шавад, ва наҷоти Ту дар ҳамаи халқҳо.*

Заб. 66:2–3

Супориши бузурги Масеҳ супориш барои шумост.

*Ба шумо лозим меояд, ки интихоб намоед. Шумо метавонед масеҳии дараҷаи байналмилалӣ* шавед ё танҳо масеҳии *ҷаҳонишуда* гардед.*

Масеҳиёни ҷаҳонишуда аз Худо асосан қонеъ карда шудани иддаоҳои шахсиро хоҳиш мекунанд. Онҳо наҷот ёфтаанд, аммо пеш аз ҳама дар бораи худ фикр карданро давом медиҳанд. Ба консертҳо

---

* Китобҳои Пол Бортвик (Paul Bortwick) «A Mind for Missions» «How To Be a World Class Christian»-ро бояд ҳар масеҳӣ хонад.

ва семинарҳои худтакмилдиҳӣ рафтан ба онҳо маъқул аст, аммо шумо онҳоро дар конфронси ба башоратдиҳӣ ва хизмати миссионерӣ бахшидашуда намеёбед, зеро ин ба онҳо шавқовар нест. Дуоҳои онҳо ба эҳтиёҷоти шахсӣ, баракатҳо ва некӯаҳволии худ нигаронида шудаанд. Ин имони нисбатан худпарастона аст: Чӣ тавр Худо ҳаёти маро боз ҳам хуштар гардонад? Онҳо мехоҳанд Худоро ба мақсадҳои худ истифода баранд, ба ҷои он ки дар кори иҷро гардидани нақшаҳои *Ӯ* асбобе шаванд.

Ва баръакс, масеҳиёни дараҷаи байналмилалӣ медонанд, ки онҳо барои он наҷот ёфтаанд, ки хизмат кунанд ва вазифаи ҳаётии худро ба ҷо оваранд. Онҳо бо хушнудӣ кори ба онҳо супурдашударо ба ҷо меоваранд ва аз он шоданд, ки Худо дар ҷаҳон ба воситаи онҳо амал мекунад. масеҳиёни дараҷаи байналмилалӣ ягона одамони *ҳақиқатан зинда* дар тамоми сайёра мебошанд. Шодӣ, боварӣ ва ғайратмандии онҳо таъсирбахш мебошанд, зеро онҳо медонанд, ки меҳнаташон беҳуда нест. Пагоҳӣ онҳо бо боварӣ бедор мешаванд, ки имрӯз Худо боз ба таври нав дар онҳо амал мекунад. Шумо чӣ гуна масеҳӣ будан мехоҳед?

Худо ба шумо имконият медиҳад дар лоиҳаи бузургтарин, фарогиртарин, гуногунрангтарин ва муҳимтарини ҳамаи замонҳо ва халқҳо дар бунёд намудани Подшоҳии Ӯ иштирок кунед. Таърихи инсоният таърихи нақшаҳои *Худо* ва иҷрошавии онҳост. Ӯ барои Худ оилаи абадӣ ташкил мекунад. Дар ҷаҳон чизе аз ин муҳимтар нест, ва ҳеҷ чизи дигар бо мо то абад нахоҳад монд. Аз Китоби Ваҳй мо медонем, ки нақшаҳои оламии Худо ягон вақт *ҳатман* амалӣ мешаванд. Ягон рӯз Супориши бузург бо Натиҷагирии бузург иваз мешавад. Издиҳоми бузурги «*мардум аз ҳамаи қабилаҳо ва сибтҳо, ва қавмҳо ва забонҳо*» (Ваҳй 7:9) замоне дар Осмонҳо назди

Исои Масеҳ меистад, то ки Ӯро парастиш намояд. Аммо агар шумо қарор диҳед, ки масеҳии дараҷаи байналмилалӣ шавед, имкон пайдо мекунед, ки *аллакай ҳозир* қатрае аз он чи он вақт моро интизор аст, бичашед.

Ҳангоме ки Исо шогирдони Худро даъват намуд, ки «*ба тамоми ҷаҳон биравед ва Инҷилро ба ҳамаи офаридаҳо мавъиза кунед*» (Марқ. 16:15), онҳо шояд эҳсос намуданд, ки ба онҳо коре супурда шуд, ки аз тавоноӣ ва имкониятҳои онҳо якчанд баробар зиёдтар аст. Магар онҳоро лозим буд, ки тамоми ҷаҳонро пиёда ё савори хачирҳо ва харҳои на он қадар тезрав тай кунанд? Онҳо нақлиёти дигаре надоштанд. Ғайр аз ин, он вақт ҳеҷ кас ба он тарафи уқёнус шино карда намерафт. Дар пеши кори башоратдиҳии умумиҷаҳонӣ монеаҳои воқеии табиӣ меистоданд.

Имрӯзҳо мо ҳавопаймоҳо, киштиҳо, қатораҳо, автобусҳо ва мошинҳо дорем. Ҷаҳон тамоман хурд шуд ва рӯз то рӯз хурдтар мешавад. Ҳамагӣ дар тӯли *якчанд соат* бо ҳавопаймо аз уқёнус гузаштан ва ҳангоми зарурат аллакай фардо ба хона баргаштан мумкин аст. Акнун масеҳиёни муқаррарӣ имкониятҳои ҳақиқатан номаҳдуд доранд, ки дар сафарҳои кӯтоҳмуддат ба кишварҳои дигар иштирок кунанд. Ба ҳар як гӯшаи ҷаҳон рафтан мумкин аст; агар бовар накунед, аз турагенти шинос пурсед! Барои даст кашидан аз башоратдиҳӣ ҳеҷ сабаб нест.

Бо инкишофи интернет ҷаҳони мо боз ҳам хурдтар шуд. Илова ба телефонҳо ва факсҳо ҳар як масеҳие ки ба интернет дастрасӣ дорад, метавонад бо шаҳрвандони тамоми кишварҳо робита намояд. танҳо тугмаро зер кунед, ва тамоми ҷаҳон аз шумост!

Почтаи электронӣ ҳозир дар дурдасттарин деҳаҳо пайдо мешавад, бинобар ин, аз хона набаромада, мо пурра метавонем бо сокинони нимкураи ди-

гар сӯҳбат намуда, «башоратдиҳии электронӣ» кунем. Дар таърихи инсоният ҳанӯз чунин даврае набуд, ки вазифаи «ба тамоми ҷаҳон ва ба ҳамаи офаридаҳо» расондани Хушхабар ин тавр осон бошад. Монеаҳои ҷиддитарин ҳозир на масофа, нақлиёт ё хароҷоти пулӣ мебошанд. Мушкилии асосӣ дар сари мост. Барои масеҳии дараҷаи байналмилалӣ шудан лозим меояд, ки тафаккур, нуқтаи назар ба башоратдиҳӣ ва муносибати худро ба он андаке дигаргун намоем.

## МАСЕҲИЁНИ ДАРАҶАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ЧӢ ГУНА ФИКР МЕКУНАНД

**Пеш аз ҳама, онҳо на дар бораи худ, балки дар бораи дигарон фикр мекунанд**. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Эй бародарон! Дар ақл мисли кӯдакон набошед; нисбат ба шарорат чун навзодон рафтор кунед, лекин дар ақл болиғ бошед*» (1 Қӯр. 14:20). Ин қадами аввалин аст ба сӯи он ки масеҳии дараҷаи байналмилалӣ шавед. Кӯдакон танҳо дар бораи худ фикр мекунанд, аммо калонсолон дар бораи дигарон фикр мекунанд. Худо ба мо мефармояд: «*Ва ҳар яке на танҳо дар бораи худаш, балки дар бораи дигарон низ ғамхорӣ намояд*» (Фил. 2:4).

***Дар таърихи инсоният ҳанӯз чунин даврае набуд, ки вазифаи «ба тамоми ҷаҳон расондани Хушхабар» ин тавр осон бошад.***

Албатта, ба чунин фикррونӣ гузаштан осон нест, зеро ҳамаи мо табиатан худпараст ҳастем ва қариб тамоми реклама моро водор мекунад, ки танҳо дар бораи худ фикр кунем. Ягона воситаи аз як парадигма ба дигаре гузаштан — до-

имо, ҳар лаҳза ба Худо таваккал намудан аст. Хушбахтона, Ӯ моро дар ин мубориза танҳо нагузоштааст. «*Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем*» (1 Қӯр. 2:12).

Аз Рӯҳулқудс хоҳиш намоед, ки ҳар дафъае ки бо беимонон гап мезанед, барои дар ёд нигоҳ доштани эҳтиёҷоти рӯҳонии онҳо ба шумо ёрӣ диҳад. Дар худ одатеро инкишоф додан мумкин аст, ки барои касоне ки бо онҳо рӯ ба рӯ мешавед, ба Худо дуоҳои кӯтоҳ гӯед. Масалан, «Эй Падар, ба ман ёрӣ деҳ, то бифаҳмам, ки чӣ чиз ба ин шахс халал мерасонад, ки Туро шиносад». Мақсад аз фаҳмидани он иборат аст, ки ин ё он шахс дар кадом марҳалаи роҳи рӯҳонӣ аст, ва ҳама кори аз дастамон меомадаро кунем, то ба ӯ ёрӣ диҳем, ки ба сӯи Масеҳ боз як қадам гузорад. Инро аз ҳавворӣ Павлус омӯхтан мумкин аст, ки мегуфт: «*Чунки ман низ дар ҳар бобат дили ҳамаро меёбам, ва толиби нафъи худ не, балки нафъи касони бисёр ҳастам, то ки онҳо наҷот ёбанд*» (1 Қӯр. 10:33).

**На ба таври ҷузъӣ, балки ба таври фарогир андеша намуданро ёд гиред**. Худо дар миқёси тамоми сайёраи мо фикр мекунад. Ӯ дар ҳаққи ҳамаи мавҷудоти ҷаҳон ғамхорӣ мекунад. «*Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт...*» (Юҳ. 3:16). Аз худи аввал Ӯ мехост ба оилаи Худ одамонро аз ҳар як халқи офаридаи Худ ҷалб намояд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамаи қавмҳои насли одамизодро Ӯ аз як хун ба вуҷуд овардааст, то ки бар тамоми рӯи замин сокин шаванд, ва барои сукунати онҳо мӯҳлатҳо ва ҳудуди муайяне пешакӣ муқаррар кардааст, то ки онҳо Худоро ҷустуҷӯ кунанд ва, шояд Ӯро ёбем гӯён, кӯр-кӯрона даст- даст карда на-*

РӮЗИ СИЮ ҲАШТУМ:

## МАСЕҲИИ ДАРАҶАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ШУДАН

*гарданд, гарчанде ки Ӯ аз ҳеҷ яке аз мо дур нест»* (Аъм. 17:26–27).

Қисми зиёди аҳолии сайёра ба таври фарогир андешиданро сар кардааст. Ҳамаи ширкатҳои калонтарини расонаҳои хабарӣ байналмилалӣ мебошанд. Ҳаёти ҳаррӯзаи мо бо ҳаёти мардуми кишварҳои дигар ҳарчи бештар пайваста мегардад. Мо ҳарчи бештар шавқмандиҳои умумӣ пайдо мекунем, ҳамон як мусиқиро гӯш мекунем, ҳамон як навъ либоси мӯдро мепӯшем, ҳамон як воқеаҳои варзиширо мушоҳида менамоем ва ҳатто дар ҳамон як кафеҳои Макдоналдс хӯрок мехӯрем. Эҳтимол қисми зиёди либосе ки дар тан доред ва хӯроке ки имрӯз пагоҳӣ ва нимрӯзӣ хӯрдед, дар дигар кишвар истеҳсол шуда буданд. Мо назар ба он чи гумон мекунем, робитаи хеле наздиктар дорем.

***Одамон метавонанд муҳаббати моро рад намоянд ва аз шунидани Инҷил даст кашанд, аммо дар назди дуоҳои мо онҳо қудрате надоранд.***

Дар замони мо зиндагӣ кардан хеле шавқовар аст. Ҳозир масеҳиён дар ҷаҳон аз ҳамаи давраҳои дигар бештар мебошанд. Ҳақ ба ҷониби Павлус буд: «*Хушхабар ба тамоми ҷаҳон расидааст ва самар мебахшад. Аз он рӯзе ки онро шунидед, он айнан ҳамон тавр дар миёни шумо низ самар меоварад*» (Қӯл. 1:6).

Қадами аввал ба сӯи фикрронии фарогир — барои кишварҳои муайян дуо гуфтан аст. Масеҳиёни дараҷаи байналмилалӣ барои ҷаҳони худ дуо мегӯянд. Барои худ глобус ё харита харед ва ҳамаи кишварҳоро ном ба ном зикр намуда, барои онҳо дуо гӯед. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Аз Ман талаб намо, ва қавмҳоро ба мероси Ту, ва канорҳои заминро ба ихтиёри Ту хоҳам дод» (Заб. 2:8).*

Дуо дар кори амалӣ намудани вазифаи ҳаётии мо яке аз муҳимтарин асбобҳост. Одамон метавонанд муҳаббати моро рад намоянд ва аз шунидани Инҷил даст кашанд, аммо дар назди дуоҳои мо онҳо қудрате надоранд. Шумо метавонед айнан ба монанди он ки мушакҳои байни қитъавиро ба ҳадаф равона мекунанд, дуоро ба дили шахс равона кунед, ва муҳим нест, ки дар айни ҳол дар куҷоед, дар ҳамон як ҳуҷра, ё дар масофаи ҳазорон километр.

Шумо дар хусуси чӣ бояд дуо гӯед? Китоби Муқаддас моро даъват мекунад, ки барои имконияти башорат додан дуо гӯем (Қӯл. 4:3, Рум. 1:10), барои ҷасорат (Эфс. 6:19), барои касоне ки бо суханони мо имон меоваранд (Юҳ. 17:20), барои паҳншавии босуръати Инҷил (2 Тасл. 3:1) ва барои он дуо гӯем, ки дар киштзори Худо коргарон бисёр бошанд (Мат. 9:38). Дуо моро барои ҳамаи масеҳиёни дигар, ки дар тамоми ҷаҳон меҳнат мекунанд, ҳамсаф мегардонад. Ғайр аз ин, мо бояд барои миссионерон ва ҳамаи ходимони дигар, ки дар дарави умумиҷаҳонӣ иштирок мекунанд, дуо гӯем. Павлус ба ҳамкорони дуоии худ навишта буд: «*Мо ба Ӯ умед мебандем, ва Ӯ моро халос мекунад, агар шумо низ бо дуоҳои худ ба мо ёрӣ расонед*» (2 Қӯр. 1:11). Агар ба шумо низ дар хусуси тарзи дурусти дуо гуфтан барои ҷаҳон ва ходимони масеҳӣ маслиҳатҳо даркор бошанд, ва Иловаи 2 нигаред.

Боз як воситаи омӯхтани фикррониии фарогир — дар партави Супориши бузург хондан ва тамошо кардани хабарҳо аст. Ҳар боре ки дар ҷаҳон дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯй медиҳанд ё ихтилофот сар мезананд, метавонед боварӣ дошта бошед, ки Худо ҳатман ин воқеаҳоро барои ба Худ ҷалб намудани одамони нав истифода мебарад. Одамон дар лаҳзаҳои душворӣ ё дар замони дигаргуниҳои бузург ба даъвати Ӯ ҷавоб мегӯянд. Азбаски ҷаҳон то-

рафт зудтар дигаргун мешавад, дар замони мо одамон Инҷилро аз ҳамаи замонҳои дигар ошкоротар қабул мекунанд.

Амо воситаи беҳтарини гузаштан ба фикрронии фарогир — ба ягон кишвари дигар ба сафари кӯтоҳмуддати миссионерӣ рафтан аст! Ҳеҷ чиз беҳтар аз он нест, ки робитаи бевосита дошта бошед ва дар муҳити фарҳангии бегона зиндагӣ кунед. Китобҳо хондан ва хусусиятҳои хизмати худро муҳокима кардан бас аст. Вақти амал кардан фаро расидааст. Натарсед, санҷида бинед! Дар Аъм. 1:8 Исо барои мо схемаи умумии иштирокро дар паҳнкунии Инҷил тарҳрезӣ кардааст: «*Дар Уршалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд*». Ба пайравони Ӯ пешниҳод карда мешуд, ки ба атрофиёни бевоситаи худ (Уршалим), ба тамоми кишвар (Яҳудо), кишварҳо ва фарҳангҳои ҳамсоя (Сомария) ва дигар халқҳо (то ақсои дунё) Хушхабарро расонем. Аҳамият диҳед, ки ҳамаи инро на ба таври пай дар пай, балки дар як вақт ба ҷо овардан даркор аст. Ва агарчи на ҳамаи мо бахшоиши миссионерӣ дорем, ҳар як масеҳӣ ба он даъват шудааст, ки бо ягон тарз вазифаи худро нисбати ҳар чор гурӯҳи аҳолӣ иҷро намояд. Фикр кунед, оё шуморо масеҳии аз рӯи принсипи Аъм. 1:8 мезиста номидан мумкин аст?

Дар назди худ мақсад гузоред, ки дар лоиҳаҳои миссионерӣ, ки бо навбат ба ҳар яке аз ин гурӯҳҳои аҳолӣ нигаронида шудаанд, иштирок намоед. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки андаке пул ҷамъ кунед ва умуман ҳама кори имконпазирро кунед, то ки *ҳар чи зудтар* ба сафари кӯтоҳмуддати миссионерӣ ба кишвари дигар равед. Ба шарофати чунин сафар дили шумо аз муҳаббати нав ғанӣ мегардад; уфуқҳои шумо васеъ мешаванд; мустаҳкамии имони шумо санҷида мешавад; шумо ба одамон ҳам-

дардии амиқ эҳсос менамоед ва аз хурсандии ғайриоддӣ пур мешавед. Ин метавонад тамоми ҳаёти шуморо дигаргун кунад.

**Аз фикрронии ҳаминлаҳзаина ба категорияҳои абадият гузаред**. Барои ба таври бештарин истифода бурдани солҳои ҳаёти заминӣ шумо бояд ҳаёти худро дар партави абадият бунёд намоед. Ин ба шумо ёрӣ медиҳад, ки ба масъалаҳо ва ашёҳои дуюмдараҷа вақти зиёд сарф накунед ва кори фавриро аз кори ҳақиқатан муҳим фарқ кунед. Павлус гуфта буд: «*Ҳангоме ки мо на ба чизҳои намоён, балки ба чизҳои нонамоён нигоҳ мекунем: зеро ки он чи намоён аст, муваққатист, аммо он чи нонамоён аст, абадист*» (2 Қӯр. 4:18).

Бисёр корҳое ки мо ба онҳо ин қадар вақт ва қувваи худро сарф мекунем, на танҳо дар абадият, балки пас аз як сол тамоман нодаркор шуда мемонанд. Ҳаёти худро ба машғулиятҳо ва ғамхориҳои муваққатӣ сарф накунед. Исо гуфтааст: «*Касе ки дасташро болои омоч монда бошад ва ба ақиб нигоҳ кунад, ба Подшоҳии Худо сазовор нест*» (Луқ. 9:62). Ва Павлус огоҳ мекард: «*Касоне ки бо корҳои ин ҷаҳон машғуланд, набояд пурра ба онҳо дода шаванд*» (1 Қӯр. 7:31).

Чӣ чиз ба вазифаи шумо монеъ мешавад? Чӣ ба шумо халал мерасонад, ки масеҳии дараҷаи байналмилалӣ шавед? Ҳар чизе ки бошад, онро барои ҳамеша аз худ дур кунед. «*Ҳар бори гарон ва гуноҳро, ки моро фаро мегирад, аз худ дур андозем*» (Ибр. 12:1).

Исо ба мо фармудааст: «Барои худ ганҷҳо дар осмон ғун кунед (Мат. 6:20–21). Инро чӣ тавр ба ҷо оварем? Худованд гуфтааст: «*Бо сарвати ноинсофона барои худ дӯстон пайдо кунед, то ки онҳо дар вақти тамом шудани он шуморо дар масканҳои ҷовидонӣ пазирой кунанд*» (Луқ. 16:9). Ин суханони Ӯро аксаран

тамоман нодуруст мефаҳманд. Исо нафармудааст, ки дар ивази пул дӯстон ба даст оварем. Ӯ гуфтан мехост, ки мо бояд имкониятҳои молиявии худро барои назди Масеҳ овардани одамон истифода барем. Он гоҳ онҳо ба мо абадан дӯст мешаванд, ва замоне мо онҳоро дар осмонҳо бо хушнудӣ вомехӯрем. Ин беҳтарин сармоягузорӣ аст, ки ба худ тасаввур кардан мумкин аст!

Шояд шумо чунин мақолро шунидаед: «Пулро ба биҳишт намебарӣ, ба тобут намегузорӣ». Ҳақиқатан пулро ба тобут гузоштан даркор нест, аммо Китоби Муқаддас мегӯяд, ки пулро барои касоне ки ягон вақт ба Осмонҳо мераванд, сарф карда, онро аллакай ҳозир ба ҳисоби Осмонҳо гузарондан мумкин аст. Китоби Муқаддас моро даъват мекунад, ки *«барои худ ганҷе гун кун*ем, *ки барои оянда асоси нек гардад, то ки ҳаёти ҷовидониро аз они худ соз*ем» (1 Тим. 6:19).

***«Пулро ба биҳишт намебарӣ, ба тобут намегузорӣ», аммо Китоби Муқаддас мегӯяд, ки пулро барои касоне ки ягон вақт ба Осмонҳо мераванд, сарф карда, онро аллакай ҳозир ба ҳисоби Осмонҳо гузарондан мумкин аст.***

**Баҳонаҷӯиро бас кунед ва усулҳои эҷодкоронаи ба ҷо овардани вазифаи худро ҷӯед**. Агар шумо ҳақиқатан вазифаи башоратдиҳии умумиҷаҳониро ба ҷо овардан хоҳед, ҳамеша воситае барои ин ёфт мешавад. Одамон аксаран чунин баҳонаҳоро пеш меоваранд.

- *«Ман забонҳои хориҷиро намедонам»*. Аввалан, агар хоҳед, забонро ҳамеша омӯхта метавонед. Сониян, тарҷумонҳо ҳастанд. Сеюм, дар кишвари дигар шахсоне ёфт мешаванд, ки забони шуморо меомӯзанд ё омӯхтан мехоҳанд,

бинобар ин муошират бо онҳо бароятон имконияти хуби машқ кардан мешавад.

- «Ман ба одамон ҳеҷ чизи пешниҳод кардани̅ надорам». Ин рост нест. Ҳар як бахшоиш, ҳар ки *лаёқате* ки қисми нотакрории шумост, фоиданок буда метавонад.
- «Ман беҳад пир (беҳад ҷавон) ҳастам». Ҳатми̅ нест, ки дар *лоиҳаи* дарозмуддати миссионери̅ иштирок дошта бошед; ба сафари ку̅тоҳмуддати миссионери̅ рафтан мумкин аст.*

Соро низ замоне мегуфт, ки барои иҷрои нақшаи Худо хеле пур шудааст, Ирмиё бошад хеле ҷавон будани худро баҳона меовард, аммо Худо ҳамаи ин баҳонаҷу̅иҳоро қатъиян дур кард. «*Нагу̅й, ки ҳану̅з ҷавон ҳасти̅! Туро ба ҳар ҷое ки фиристам, мерави̅, ва ҳар он чи фармоям, мегу̅ӣ. Аз ҳеҷ кас натарс. Ман бо туям, Ман туро наҷот медиҳам*» (Ирм. 1:7–8).

Шояд шумо чунин меҳисобед, ки дар аввал аз ҷониби Худо ягон хел «даъват»-и махсусро шунидан даркор аст, ва интизори ягон хел эҳсосот ё азсаргузарониҳои фавқуттабии̅ мебошед. Аммо Худо аллакай борҳо даъвати Худро такрор кардааст. *Ҳамаи мо* бояд панҷ мақсади Худоро барои ҳаёти мо ба ҷо оварем: У̅ро парастиш намоем, бо имондорони дигар муошират намоем, дар Масеҳ нашъунамо кунем, дар баробари Худо дар киштзори У̅ ба одамон хизмат кунем. Худо корҳои худро танҳо ба воситаи *баъзе* масеҳиён ба ҷо оварданӣ нест. У̅ ба воситаи *ҳамаи* фарзандони Худ амал кардан мехоҳад. Худо моро даъват намудааст ва ба мо вазифаи махсус до-

---

* Масеҳиёни Русия боз баҳонаҳои дигар дошта метавонанд: норасоии пул, душвории виза гирифтан, муносибати манфи̅ ба русҳо дар баъзе кишварҳо, менталитети ғайрифаъол ва консервативии мардуми Русия ва ғайра — тавзеҳи тарҷ.

дааст. Ӯ мехоҳад, ки тамоми калисо Инҷили пурраро ба ҷаҳон расонад.*

Бисёр масеҳиён нақшаи Худоро барои ҳаёташон аз даст додаанд, зеро *ягон бор аз Худо напурсидаанд*, ки оё Ӯ мехоҳад онҳоро ба хизмати миссионерӣ фиристад. Хоҳ аз тарс, хоҳ аз нодонӣ, онҳо имкониятеро рад намудаанд, ки Худо онҳоро ба кор ва зиндагӣ дар кишвари дигар даъват карда метавонад. Агар шумо низ ба васвасаи аз чунин кор канорагирӣ кардан дучор шуда бошед, ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки оиди воситаҳои дастраси миссионерӣ-башоратдиҳии ҳозиразамон бештар дониста гиред (онҳо аз он чи мо гумон мекунем, хеле бештаранд), дуо гӯед ва аз Худо пурсед, ки дар солҳои наздик Ӯ аз шумо чиро интизор аст. Ҳозир, дар ин лаҳзаи бӯҳронии таърих, ҷаҳон ба ҳазорон ва ҳазорон миссионерон эҳтиёҷ дорад, зеро дар ҳама ҷо барои мавъизаи Инҷил дарҳои нав ба нав кушода мешаванд.

Агар шумо ба Исо монанд шудан хоҳед, бояд монанди Ӯ ҷаҳонро дӯст доред. Набояд бо он осуда шавед, ки ҳамаи хешовандон ва дӯстонатон ба Худо имон овардаанд. Дар рӯи замин зиёда аз 6 миллиард кас зиндагӣ мекунад, ва Худованд мехоҳад, ки ҳеҷ яке аз фарзандони гумроҳшудаи Ӯ ёфтнашуда намонад. Исо гуфтааст: «*Ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман ва Инҷил барбод диҳад, онро мераҳонад*» (Марқ. 8:35). Супориши бузург шахсан ба шумо нигаронида шудааст, ва ба иҷрои он саҳми худро гузоштанатон маънои онро дорад, ки шумо ҳаёти худро беҳуда нагузарондаед.

---

* Аз Аҳди Лозанна (Lausanne Covenanant), ки иштирокчиёни Конгресси байналмилалии башоратдиҳии умумиҷаҳонӣ дар Лозанна дар соли 1974 пешниҳод намудаанд.

## РӮЗИ СИЮ ҲАШТУМ

### *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Супориши бузург шахсан ба ман нигаронида шудааст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Худо ба мо шафқат хоҳад кард ва моро баракат хоҳад дод; рӯи Худро ба мо мунаввар хоҳад намуд, то ки роҳи Ту дар замин шинохта шавад, ва наҷоти Ту дар ҳамаи халқҳо*» (Заб. 66:2–3).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман кадом қадамҳои амалӣ гузошта метавонам, то ки соли оянда дар сафари кӯтоҳмуддати миссионерӣ иштирок намоям?

# 39

# БА МУВОЗИНАТИ ҲАЁТӢ НОИЛ ШУДА

*Пас, бодиққат назар кунед, ки чӣ гуна рафтор менамоед, на чун бехирадон, балки чун хирадмандон.*

Эфс. 5:15

*Эҳтиёт бошед, ки дурӯғи мардуми бадахлоқ шуморо аз пайи худ набарад ва аз такягоҳи устувор маҳрум накунад.*

2 Пет. 3:17 (РВ)

Хушо ботамконон, зеро ки онҳо аз ҳамаи дигарон бештар умр мебинанд.

Ба барномаи бозиҳои олимпии тобистона панҷҳарба дохил мешавад, ки албатта, аз панҷ қисм иборат аст: тирандозӣ аз таппонча, шамшерзанӣ, аспсаворӣ, давидан ва шиноварӣ. Варзишгарон кӯшиш мекунанд, ки на дар як ё ду намуд, балки якбора дар ҳамаи ин панҷ намуди варзиш ғолиб шаванд.

Ҳаёти шумо низ панҷҳарба буда, аз расидан ба панҷ мақсад иборат мебошад, ки онҳоро дар мувозинат нигоҳ доштан лозим аст. Мо ин мақсадҳоро дар ҳаёти масеҳиёни аввалин дар Аъм. 2 мебинем,

дар Эфс. 4 онҳоро Павлус маънидод мекунад, дар Юҳ. 17 Исо ба мо нишон медиҳад, ки онҳо дар амал чӣ гунаанд, ва дар Фармудаи калонтарин ва Супориши бузург онҳо якҷоя карда шудаанд. Ин ду изҳорот ҳамаи он чиро, ки дар ин китоб гуфта мешуд, хулоса мекунанд: панҷ мақсади Худо барои ҳаёти мо.

1. «**Худованд Худои худро бо тамоми дили худ дӯст дор**»: мо барои хушҳолии Худо офарида шудаем, ва аз ҳамин сабаб барои он муқаррар шудаем, ки Ӯро дар *парастиш* дӯст дорем.
2. **«Ёри худро мисли худат дӯст дор»**: мо барои он нотакрор офарида шудаем ки хизмат кунем, ва барои он муқаррар шудаем, ки ба воситаи хизмат дигаронро дӯст дорем.
3. **«Биравед ва таълим диҳед»**: мо барои иҷрои вазифаи худ офарида шудаем, ва вазифаи мо аз он иборат аст, ки Инҷили Худоро ба воситаи *башоратдиҳӣ* ба одамон расонем.
4. **«Онҳоро таъмид дода...»:** мо барои он офарида шудаем, ки аъзоёни оилаи Худо бошем, яъне барои он ки худро бо калисои Ӯ ба воситаи *муоширати* ҳамонанд кунем.
5. **«Риоя намудани ҳама чизро ба онҳо таълим дода...»:** мо барои он офарида шудаем, ки ба Масеҳ монанд шавем, яъне таъйиноти мо аз он иборат аст, ки ба воситаи *шогирдӣ* ба балоғати рӯҳонӣ расем.

Ба Фармудаи калонтарин ва Супориши бузург вафодор будан ба шумо ёрӣ мерасонад, ки масеҳии хуб шавед.

Дар мувозинат нигоҳ доштани ин панҷ мақсад осон нест. Ба ҳар яки мо он чиз хос аст, ки ба тарафи чизи писандидаамон майл карда, ҳама чизи дигарро сарфи назар намоем. Калисоҳо низ айнан

ҳамин тавр мекунанд. Аммо агар барои дастгирӣ ва назорати тарафайн ба гурӯҳи хурд ҳамроҳ шавем, агар доимо ҳолати саломатии рӯҳонии худро баҳо диҳем, агар қадамҳои нашъунамои худро дар дафтарчаи рӯҳонӣ сабт намоем ва он чиро, ки худамон меомӯзем, ба дигарон расонем, мувозинатро нигоҳ доштан ва аз самти интихобшуда дур нашудан мумкин аст. Ҳамаи ин барои ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда хеле муҳим аст. Агар шумо ҳақиқатан хоҳед, ки аз роҳи интихобшуда берун нашавед, бояд дар худ ин чор одатро инкишоф диҳед.

*Ба фармудаи калонтарини Супориши бузург вафодор будан ба шумо ёрӣ мерасонад, ки масеҳии хуб шавед.*

**Дар ин бора бо дӯст, бо шарики дуоӣ ё бо аъзоёни гурӯҳи хурд гап занед**. Воситаи беҳтарини ба таври ҳақиқӣ аз худ кардани принсипҳои дар ин китоб баёншуда, — дар гурӯҳи хурд муҳокима намудани он аст. Чуноне ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, «*Оҳан оҳанро тез мекунад; ҳамчунин одам симои ёри худро пардоз медиҳад*» (Мас. 27:17). Мо беҳтар аз ҳама ҳамроҳи дигарон меомӯзем. Ба шарофати гуфтугӯву муҳокимаҳо ақли мо тез ва ақидаҳои мо амиқтар мешаванд.

Ман ба шумо бо исрор маслиҳат медиҳам, ки гурӯҳи хурди дӯстонро ҷамъ карда, барои хондани «Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда» маҳфиле ташкил намоед, то ки ҳафтае як бор бобҳои ин китобро якҷоя муҳокима намоед. Оиди он гап занед, ки аз ҳар як боб кадом хулосаҳо ва воситаҳои амалии истифодаи онҳоро баровардан мумкин аст. Аз худ пурсед: «Ин чӣ маъно дорад?» «Акнун чӣ бояд кард?» «Ин барои ман, барои оилаи ман ва ҷамоати ман чӣ маъно дорад?» «Ман бояд дар ин робита чӣ кор кунам?» Павлус навишта буд: «*Он чи шумо дар*

*ман омӯхтаед, ...онҳоро ба ҷо оваред»* (Фил. 4:9). Дар Иловаи 1 ман рӯйхати саволҳоро барои омӯзиш дар гурӯҳи хурд ё дар дарси мактаби якшанбегӣ ҷойгир намудаам.

Гурӯҳи хурд барои муҳокимаи китоби хондашуда бисёр афзалиятҳоеро медиҳад, ки худи китоб дода наметавонад. Оиди кашфиёти худ нақл кардан ва он чиро, ки дигарон меомӯзанд, шунидан мумкин аст. Бо мурури он ки амалан ба иҷрои панҷ мақсади Худо кӯшиш мекунед, намунаҳоро аз ҳаёти ҳаррӯза овардан, барои якдигар дуо гуфтан, якдигарро рӯҳбаланд ва дастгирӣ намудан мумкин аст. Дар ёд нигоҳ доред, мо аз ибтидо маҳз он гуна офарида шудаем, ки на дар алоҳидагӣ, балки якҷоя нашъунамо кунем. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ҳамдигарро тасаллӣ диҳед ва якдигарро обод кунед*» (1 Тасл. 5:11). Пас аз он ки дар гурӯҳ ин китобро мехонед, оиди он фикр кунед, ки якҷоя маводи дигарро дар бораи ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда ва хизмат омӯзед (Ниг. Иловаи 2).

Ғайр аз ин, ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки Китоби Муқаддасро мустақилона омӯзед. Ман махсус барои ҳамаи порчаҳои Навиштаи Муқаддас, ки дар ин китоб истифода шудаанд (онҳо аз ҳазор зиёданд) ишораҳо додаам, то ки шумо ба онҳо дар матни ибтидоияшон нигариста тавонед. Илтимос, Иловаи 3-ро хонед, ки дар он сухан дар бораи истифодаи тарҷумаҳои гуногуни Китоби Муқаддас меравад. Барои он ки ҳар як бобро дар як рӯз хондан осон шавад, ман кӯшиш кардам, ки онҳо на он қадар дароз бошанд, ва аз ҳамин сабаб дар бисёрии мавридҳо тафсилоти шавқовари контекстро, ки оятҳои иқтибосшуда дар зимни онҳо пайдо мешаванд, таҳлил карда натавонистам. Аммо Китоби Муқаддасро дар зимни порчаҳо, бобҳо ва ҳатто китобҳои том омӯхтан мумкин аст. Бисёр китобҳо

ҳастанд, ки барои бо роҳи индуктивӣ омӯхтани Китоби Муқаддас ёр мерасонанд.

**Доимо худтафтишкунии рӯҳонӣ гузаронед**. Воситаи беҳтарини ба мувозинат овардани панҷ мақсади Худо барои ҳаёти мо — давра ба давра гузарондани худтафтишкунии пешравии худ мебошад. Дар Навиштаи Муқаддас камаш панҷ бор гуфта шудааст, ки мо бояд саломатии рӯҳонии худро санҷем ва баҳо диҳем (Нав. 3:40; 1 Қӯр. 11:28,31, 13:5; Ғал. 6:4). Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Ба худ савол диҳед: "Оё ман дар имон устувор ҳастам?" Худро санҷед! Магар намедонед, ки Исои Масеҳ дар шумост? Албатта медонед, магар ин ки аз санҷиш нагузашта бошед*» (2 Қӯр. 13:5).

Барои нигоҳ доштани саломатии ҷисмонӣ доимо аз муоинаи духтурон гузаштан лозим аст, ки онҳо нишондиҳандаҳои ҳаётан муҳими бадани моро баҳо дода метавонанд: фишори хун, ҳарорат, вазни бадан ва ғайра. Барои саломатии рӯҳонӣ ҳолати панҷ нишондиҳандаи асосиро доимо санҷидан даркор аст — парастиш, муошират, нашъунамо, хизмат ва ба ҷо овардани вазифаи худ дар ҷаҳон. Ирмиё маслиҳат медод: «*Пас, роҳҳои худро бояд тафтиш ва таҳқиқ кунем ва сӯи Парвардигор баргардем*» (Нав. 3:40).

РӮЗИ СИЮ НӮҲУМ:

## БА МУВОЗИНАТИ ҲАЁТӢ НОИЛ ШУДА

Мо дар калисои худ «Сэддлбэк» воситаи соддаи гузарондани худбаҳодиҳии шахсиро кор карда баромадаем, ки бо ёрии он ҳазорон одамон дар ҳаёти худ дар майл ба сӯи Худо ба мақсад нигаронида шуданро нигоҳ медоранд. Агар шумо низ бо ёрии ин восита худбаҳодиҳии шахсӣ гузарониданӣ шавед, ба мо ба воситаи почтаи электронӣ нависед (ниг. Иловаи 2). Шумо худатон ҳайрон мешавед, ҳангоме мефаҳмед, ки ин то кадом андоза ёрӣ медиҳад,

то ҳаётатонро барои нашъунамои минбаъда ва саломатӣ дар мувозинат нигоҳ доред. «*Ва акнун худи корро низ ба охир расонед, то ки он чи шумо орзуи ба амал овардан доштед, алоқадри ҳолатон анҷом ёбад*» (2 Қӯр. 8:11), — даъват мекард Павлус.

**Дар дафтарчаи худ қадамҳои нашъунамои рӯҳонии худро нависед**. Воситаи беҳтарини *қувват додани* пешравии худ дар иҷрои мақсадҳои Худо — дафтарчаи рӯҳонӣ тартиб додан аст. Дар он на воқеаҳо, балки дарсҳои ҳаётие ки фаромӯш кардан намехоҳем, навишта мешаванд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Мо бояд ба он чи шунидаем, махсусан бодиққат бошем, то ки аз он дур нашавем*» (Ибр. 2:1). Мо он чиро, ки менависем, дар ёд нигоҳ медорем.

Чунин сабтҳо ба мо ёрӣ медиҳанд, то равшантар бинем, ки Худо дар ҳаёти мо маҳз чӣ мекунад. Даусон Тротман* гоҳо мегуфт: «Ҳангоме ки фикрҳо аз даҳон ва ангуштони мо мегузаранд, ба таври ниҳоӣ кушода мешаванд». Дар Китоби Муқаддас якчанд намунаи он ҳаст, ки Худо ба пайравони Худ фармуд, ки дафтарчаи рӯҳонӣ тартиб диҳанд. Масалан, дар он ҷо гуфта шудааст: «*Ва Мусо ҷойҳои баромади онҳоро барои сафарҳошон, ки ба фармони Худованд ба амал оварда буданд, навишт*» (Ад. 33:2). Ва магар ин олидараҷа нест, ки Мусо ба Худованд итоат намуда, ташаккулёбии рӯҳонии Исроилро тасвир намудааст? Агар ӯ дар ин кор танбалӣ мекард, мо аз дарсҳои олидараҷа ва равшани Китоби Хуруҷ маҳрум мешудем.

Албатта, аз эҳтимол дур аст, ки сабтҳои рӯҳонии моро ба монанди китобҳои Мусо дар ҳама ҷо мехон-

---

* *Даусон Тротман* — асосгузори ташкилоти байналмилалии «Навигаторҳо», ки дар маркази диққати он шогирдии масеҳӣ ва дар Каломи Худо нашъунамо кардан мебошанд.

да бошанд. Аммо таърихи ташаккулёбии рӯҳонии мо ҳамчунин муҳим аст. Дар яке аз тарҷумаҳои англисии Китоби Муқаддас ҳамин оят чунин баён карда шудааст: «*Мусо марҳалаҳои сафари онҳоро тасвир намуд*». Ҳаёти шумо низ сафар аст, ва ҳар як сафар сазовори он аст, ки тасвир карда шавад. Умедворам, шумо марҳалаҳои ташаккулёбии рӯҳонии худро дар раванди ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда сабт менамоед.

Танҳо *лаҳзаҳои* гувороро сабт намудан даркор нест. Ба монанди Довуд, шубҳаҳо, тарсҳо ва душвориҳои худро дар қадамгузорӣ бо Худо сабт намоед. Дарсҳои муҳимтарини ҳаётӣ аз азобҳо бармеоянд, ва дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Худо ҳамаи ашкҳои моро ҷамъ мекунад ва нигоҳ медорад (Заб. 55:9). Дар *лаҳзаҳои* вазнин дар ёд нигоҳ доред, ки Худо ба воситаи душвориҳо дар ҳаёти шумо ҳамаи панҷ мақсади Худро амалӣ мекунад. Мушкилот моро маҷбур мекунанд, ки ба сӯи Худо нигоҳ кунем, моро бо одамон наздик мекунанд, дар мо хислати масеҳонаро ба вуҷуд меоваранд, ба мо хизматро месупоранд ва имконияти башорат доданро медиҳанд. Агар чунин гуфтан мумкин бошад — мушкилот низ ба мақсад нигаронида шудаанд.

Дар байни азобҳо таронасаро навиштааст: «*Ин барои насли оянда навишта мешавад, ва қавме ки офарида хоҳад шуд, Парвардигорро ситоиш хоҳад кард» (Заб. 101:19). Ба хотири наслҳои оянда шумо бояд шаҳодати онро нигоҳ доред, ки чӣ тавр Худо ба шумо барои амалӣ намудани нақшаҳои Ӯ ёрӣ медиҳад. Ин шаҳодат баъди ба Осмонро рафтани шумо низ хомӯш намешавад.*

**Он чиро, ки медонед, ба дигарон расонед**. Агар боз ҳам нашъунамо кардан ва омӯхтан хоҳед, роҳи беҳтарини ба ин ноил шудан он аст, ки он чиро, ки аллакай медонед, ба дигарон расонед. Дар Китоби Масалҳо гуфта шудааст: «*Касе саховатманд аст,*

*фаровонӣ хоҳад дошт, касе ки ба дигаре об диҳад, ташна нахоҳад шуд*» (Мас. 11:25). Касоне ки кашфиётҳои худро ба дигарон расондаанд, аз Худо боз бештар ба даст меоваранд.

***Ба хотири наслҳои оянда шумо бояд шаҳодати онро нигоҳ доред, ки чӣ тавр Худо ба шумо барои амалӣ намудани нақшаҳои Ӯ ёрӣ медиҳад.***

Акнун, ҳангоме ки шумо дар чӣ будани таъйиноти ҳаётии худро медонед, ӯҳдадор ҳастед, ки дар ин бора ба дигарон гӯед. Худо шуморо даъват мекунад, ки аз номи Ӯ сафир бошед. Павлус ба Тимотиюс гуфта буд: «*Ва он чиро, ки аз ман дар ҳузури шоҳидони бисёр шунидаӣ, ба одамони бовариноке бисупор, ки лаёқат дошта бошанд дигаронро низ таълим диҳанд*» (2 Тим. 2:2). Дар ин китоб ман ба шумо ҳамаи он чиро, ки аз дигарон оиди маъно ва мақсади ҳаёти инсон фаҳмидаам, мерасонам, ва акнун навбати шумо расидааст, ки онҳо ба дигарон расонед.

Шояд шумо садҳо одамонро медонед, ки оиди маънои ҳақиқии ҳаёт ҳеҷ чиз намедонанд. Дар хусуси он ба фарзандон, ба дӯстон, ба ҳамсоягон ва ба ҳамкорони худ гӯед. Агар ин китобро ба ягон дӯсти худ тӯҳфа карданӣ шавед, барои ӯ дар саҳифаи аввал ягон чиз нависед.

Мо ҳар қадар бештар донем, Худо ҳамон қадар бештар мехоҳад, ки мо ин донишҳои худро ба дигарон расонем. Яъқуб навишта буд: «*Касе ки медонад, ки бояд некӣ кунад, аммо намекунад, дар гуноҳ айбдор аст*» (Яъқ. 4:17). Донишҳо масъулиятро зиёд мекунанд. Аммо ба дигарон расондани дониш дар бораи маънои ҳаёт на танҳо ӯҳдадорӣ, балки ҳамчунин шарафи бузург аст. Фикр кунед, агар ҳамаи одамоне ки дар он ҳастанд, таъйиноти худро дарк менамуданд, ҷаҳон то чӣ дараҷа дигаргун мешуд. Павлус гуфта

буд: «*Агар инро ба бародарон талқин намоӣ, хизматгузори неки Исои Масеҳ хоҳӣ буд*» (1 Тим. 4:6).

## ҲАМАИ ИН БАРОИ ҶАЛОЛИ ХУДОСТ

Мо он чиро, ки худамон фаҳмидаем, барои ҷалоли Худо ва афзуншавии Подшоҳии Ӯ ба дигарон мерасонем. Исо дар арафаи маслуб шуданаш ба Падари Худ гуфт: «*Кореро ки ба Ман супурда будӣ, ба анҷом расонда, Туро дар рӯи замин ҷалол додам*» (Юҳ. 17:4). Ҳангоме ки Исо ин суханонро мегуфт, ҳанӯз барои гуноҳҳои мо намурда буд. Пас, он «кор»-е ки Ӯ ба ҷо овард, чӣ кор буд? Дар мавриди додашуда Ӯ на дар бораи кафорат мегуфт. Ҷавоби ин савол дар бист ояти минбаъдаи дуои Ӯст (Юҳ. 17:6–26).

Исо оиди он коре мегуфт, ки дар давоми се сол бо он машғул буд: Ӯ шогирдонро ба ҳаёт барои амалӣ гардидани нақшаҳои Худо тайёр мекард. Ӯ ба онҳо дар шинохтан ва дӯст доштани Худо ёрӣ медод (парастиш), ба онҳо дӯст доштани якдигарро ёд медод (муошират), ба онҳо Каломро дод, то ки онҳо нашъунамо карда, ба камолоти рӯҳонӣ расида тавонанд (шогирдӣ), ба онҳо тарзи ёрӣ расондан ба одамонро нишон медод (хизмат), ва онҳоро барои башорат додани Подшоҳии Худо мефиристод. Исо бо намунаи Худ нишон дод, ки ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда чист, ва инро ба дигарон омӯзонд. Маҳз бо ҳамин «кор» Ӯ Падарро ҷалол дод.

Ҳозир Худо моро даъват мекунад, ки худи ҳамин корро кунем. Ӯ мехоҳад, ки мо барои амалӣ кардани мақсадҳо ва нақшаҳои Ӯ зиндагӣ кунем ва ба дигарон дар ин ҷода ёрӣ диҳем. Худо мехоҳад одамони навро бо Масеҳ шиносонад, онҳоро ба мушоракати калисо оварад, ба онҳо дар нашъунамо, болиғ шудан ва ҷои худро дар хизмат ёфтан ёрӣ расонад, ва

баъд — ба ҷаҳон фиристад, то ки дигаронро назди Ӯ оваранд.

Моҳияти ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда аз ҳамин иборат аст. Ва синну соли шумо ҳар қадаре ки бошад, солҳои боқимонда метавонанд барои шумо вақти ҳақиқатан тиллоӣ шаванд, зеро акнун шумо метавонед бо дарки таъйиноти ҳақиқии худ зиндагӣ кунед.

## РӮЗИ СИЮ НӮҲУМ

*Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Хушо касоне ки ба мувозинат оварда шудаанд.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Пас, бодиққат назар кунед, ки чӣ гуна рафтор менамоед. На чун бехирадон, балки чун хирадмандон рафтор намоед*» (Эфс. 5:15).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман дар худ инкишоф додани кадоме аз одатҳои зикршударо сар мекунам, то ки аз роҳи интихобшуда берун нашавам ва мақсадҳои Худоро барои ҳаётам дар мувозинат нигоҳ дорам?

# 40

# ҲАЁТИ БА МАҚСАД НИГАРОНИДАШУДА

*Дар дили одам фикрҳо бисёр аст, вале фақат нақшаи Парвардигор ба амал меояд.*

Мас. 19:21

*Пас, эй бародарон, ба шумо маълум бод, ки ба воситаи Ӯ ба шумо омурзиши гуноҳҳо эълон мешавад.*

Аъм. 13:38

Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда ба сар бурдан ягона воситаи ҳақиқатан зиндагӣ кардан аст. Ҳама гуна ҳаёти дигар — фақат мавҷудият аст.

Аксари одамон дар ёфтани ҷавоб ба се саволи асосии ҳаётӣ душворӣ мекашанд. Якум — саволи «ман»-и худ аст: «Ман кистам?» Дуюм — саволи «аҳамиятнокӣ»: «Оё ман ягон хеле аҳамияти ҳақиқӣ дорам?» Сеюм — савол ба ҷаҳони атроф аст: «Ҷои ман дар зиндагӣ кадом аст?» Ҷавобҳоро ба ҳамаи ин саволҳо дар мақсадҳои Худо барои ҳаёти мо ёфтан мумкин аст.

Ҳангоми ҷашни иди песаҳ дар сари дастурхон нишаста ва охирин рӯзи хизмати заминии худро ба охир расонда, Исо ҳамчун намунаи аёнӣ пойҳои шо-

гирдонро шуста, гуфт: «*Акнун ки инро донистед, агар инро ба амал оваред, хушбахт хоҳед буд*» (Юҳ. 13:17). Агар мо донем, ки Худо аз мо чӣ мехоҳад, баракат фақат ҳамон вақт меояд, ки мо амал намуданро сар мекунем. Акнун, ки ба охири сафари чилрӯзаамон расидем, шумо мақсадҳои Худоро барои ҳаёти худ медонед, пас ҳангоме ки ба иҷро намудани онҳо сар мекунед, *хушбахт мешавед*!

Шояд барои ин лозим меояд, ки аз баъзе чизҳо даст кашед. Дар зиндагӣ бо миқдори зиёди корҳои «нек» машғул шудан мумкин аст, аммо панҷ мақсади Худо қисми асосии онҳо мебошанд, ки мо бояд онҳоро ҳатман ба ҷо оварем. Мутаассифона, мо ба осонӣ диққатамонро ба тарафи дигар равона карда, чизи муҳимтаринро фаромӯш мекунем. Мо аз чизи муҳимтарини ҳаёт барканор шуда, аз роҳ берун мешавем. Барои он ки чунин нашавад, мо бояд барои худ мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаёти худро навишта гирем ва мунтазам ба он баргардем.

## БА ИН ТАСВИЯИ МАҚСАДИ АСОСӢ ВА ТАЪЙИНОТИ ХУД ЧИҲО ДОХИЛ МЕШАВАНД?

**Ба он мақсадҳои Худо барои ҳаёти мо дохил мешаванд**. Қарори қатъии худро оиди иҷро намудани панҷ мақсади Худо бо суханони худ нависед. Ҳозир мо *на* рӯйхати мақсадҳоро бароиояндаи наздик тартиб медиҳем, зеро онҳо муваққатӣ мебошанд, аммо мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаётӣ ба мо барои ҳамеша дода шудаанд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Машварати Парвардигор ҷовидона пойдор аст, андешаҳои дили Ӯ аз насл ба насл*» *(Заб. 32:11).*

**Он самти ҳаёти моро муқаррар мекунад**. Таъйиноти худро дар коғаз навишта, шумо бояд оиди

он фикр кунед, ки ҳаёти шумо ба кадом самти аниқ равона аст. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Барои пойҳои худ роҳро ҳамвор намо, то ки ҳамаи тариқҳои ту рост бошад*» (Мас. 4:26). Таъйиноти ҳаётии худро тасвия намуда, шумо на танҳо аниқ ишора мекунед, ки вақт, пул ва истеъдоди худро ба чӣ сарф кардан мехоҳед, балки ҳамчунин мефаҳмед, ки онҳоро ба чӣ корҳо сарф *намекунед*. Дар Китоби Масалҳо гуфта шудааст: «*Чашмони бофаросат ба ҳикмат нигаронида шудааст, вале чашмони аблаҳ дар ақсои замин аст*» (Мас. 17:24).

**Ин тасвия барои шумо «муваффақият»ро муайян мекунад**. Дар он на он чи ҷаҳон муҳим меҳисобад, балки он чи шумо муҳим меҳисобед, навишта шудааст. Дар он арзишҳои шумо равшан ифода ёфтаанд. Павлус гуфта буд: «*Дар он хусус дуо мегӯям, ки муҳаббат... ба шумо дониши ҳақиқӣ ва мулоҳизакорӣ, ва низ лаёқати интихоб намудани он чиро диҳад, ки ҳақиқатан муҳим аст*» (Фил. 1:9–10).

**Ин тасвия ҷои шуморо дар зиндагӣ маънидод мекунад**. Дар марҳалаҳои гуногуни мавҷудияти заминӣ шумо нақшҳои гуногун мебозед, аммо таъйиноти шумо дигаргун намешавад, зеро он аз ҳама гуна нақши ҳаётӣ бештар аст.

**Ин тасвия нотакрории шуморо ифода мекунад**. Дар он он инъикос меёбад, ки Худо шуморо маҳз чӣ гуна офарид ва барои хизмат ташаккул дод.

Барои тартиб додани тасвияи мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаётӣ вақт даркор аст. Кӯшиш накунед, ки онро дар як нишаст нависед ва гумон накунед, ки ҳамааш дар дафъаи аввал хеле хуб тартиб дода мешавад. Аввал ҳамаи фикрҳоеро, ки ҳангоми андешидан оиди ҳамаи ин ба саратон меоянд, пайи ҳам нависед. Таҳрир кардан ҳамеша осонтар аз он аст, ки аз ҳеҷ чиз чизе офаред. Инак панҷ савол, ки

ҳангоми тартиб додани чунин тасвия дар борaи онҳо бояд фикр кунед.

## ПАНҶ САВОЛИ АСОСИИ ҲАЁТӢ

**Чӣ чиз дар маркази ҳаёти ман хоҳад буд**? Ин савол оиди парастиш аст. Шумо ба хотири кӣ зиндагӣ хоҳед кард? Ҳаёти худро дар атрофи чӣ бунёд хоҳед кард? Онро дар атрофи пешравӣ дар мансаб, дар атрофи оила, навъи дӯстдоштаи варзиш ё ягон машғулияти дигар, дар атрофи пул ё дилхушиҳо ва ғайра бунёд намудан мумкин аст. Ҳамаи ин машғулиятҳо худ аз худ бад нестанд, аммо **на** онҳо бояд дар маркази ҳаёти мо бошанд. Ҳеҷ яки онҳо наметавонад ҳангоми тӯфони шадид дар рӯи об нигоҳ дорад. Дар маркази ҳаёти шумо бояд ягон чизи устувор ва шикастнопазир бошад.

Подшоҳ Осо исроилиёнро даъват намуд, ки «*Худованд Худои падарони худро ҷӯё бошанд*» ва Ӯро дар маркази ҳаёти худ гузоранд (2 Вақ. 14:4). Зиёда аз ин, ҳар машғулият ё мавҷуде ки дар ҷаҳони шумо ҷои марказиро ишғол мекунад, моҳиятан бароятон худо мегардад. Ҳангоме ки мо худро ба Масеҳ бахшидем, Ӯ дар ҳаёти мо ҷои марказиро ишғол намуд, аммо танҳо ба воситаи парастиш мо Ӯро дар он ҷо нигоҳ дошта метавонем. Павлус оиди он дуо мегуфт, ки «*ба василаи имон Масеҳ дар дили шумо сокин гардад*» (Эфс. 3:17).

***Агар Худо дар ҳаёти мо ҷои марказиро ишғол мекарда бошад, мо парастиш мекунем. Агар чунин набошад — мо ба ташвиш меафтем.***

Чӣ тавр фаҳмем, ки оё Худо дар ҳаёти мо ҷои марказиро ишғол мекунад? Агар Ӯ ҳақиқатан дар ҳаёти мо ҷои марказиро ишғол ме-

карда бошад, мо парастиш мекунем. Агар чунин набошад — мо ба ташвиш меафтем. Ташвиш — огоҳӣ, бонги хатар оиди он аст, ки Худо аз маркази ҳаёти мо яктарафа карда шудааст. Ҳамин ки мо боз Ӯро дар ҷои аввал мегузорем, рӯҳ боз бо осудагӣ пур мешавад. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «*Осоиши Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт*» (Фил. 4:7).

**Ҳаёти ман чӣ хислат хоҳад дошт**? Ин савол оиди *шогирдӣ* аст. Шумо чӣ гуна одам хоҳед буд? Назар ба он ки мо маҳз бо чӣ кор *машғул мебошем,* барои Худо хеле муҳимтар он аст, ки мо *чӣ гуна одамон ҳастем*. Дар ёд нигоҳ доред, ки мансабро ба Осмонҳо бурда наметавонед, аммо хислатро — метавонед! Рӯйхати он сифатҳоеро тартиб диҳед, ки дар худ инкишоф додан мехоҳед. Аз тасвири самари Рӯҳулқудс (Ғал. 5:22–23) ё аз Фармудаҳои хушбахтӣ сар кардан мумкин аст (Мат. 5:3–12). Петрус мегуфт: «*Тамоми ҷидду ҷаҳди худро ба кор баред, то имони худро бо некӯкорӣ, некӯкориро бо хирадмандӣ, хирадмандиро бо порсоӣ, порсоиро бо тоқат, тоқатро бо парҳезгорӣ, парҳезгориро бо бародардӯстӣ ва бародардӯстиро бо муҳаббат мустаҳкам намоед*» (2 Пет. 1:5–7). Ҳангоме ки пешпо мехӯред, рӯҳафтода ва дилшикаста нашавед. Барои тарбия намудани хислати масеҳона тамоми умр даркор аст. Павлус ба Тимотиюс навишта буд: «*Ба худат ва ба таълим диққат деҳ, доимо ба ин машғул бош*» (1 Тим. 4:16а).

РӮЗИ ЧИЛУМ:

**ҲАЁТИ БА МАҚСАД НИГАРОНИДАШУДА**

**Ҳаёти ман чӣ асаре боқӣ хоҳад гузошт**? Ин савол оиди *хизмат* аст. Хизмати шумо дар бадани Масеҳ аз чӣ иборат хоҳад буд? Бо назардош-

ти маҷмӯи нотакрори бахшоишҳо, шавқмандиҳо, таҷрибаи гузашта, лаёқатҳо ва хусусиятҳои шахсиятии шумо, дар оилаи Худо бароятон кадом ҷой беш аз ҳама мувофиқат мекунад? Шумо барои бунёд намудани Подшоҳии Худо чӣ кор карда метавонистед? Шояд дар Бадани Масеҳ ягон гурӯҳи махсуси одамон ҳаст, ки шумо ба шарофати нотакрории худ ба онҳо самараноктар хизмат карда метавонед? Павлус навишта буд, ки ҳангоме ки шахс хизмати худро ба ҷо меоварад, ин фоидаи дутарафа меоварад: «*Зеро ба ҷо овардани ин хизмат, на танҳо норасогии муқаддасонро пур мекунад, балки шукри Худоро низ бениҳоят афзун мегардонад*» (2 Қӯр. 9:12).

Мо ҳақиқатан барои хизмат офарида ва ташаккул дода шудаем, аммо ҳатто Исои Масеҳ ҳангоми ҳаёти заминии Худ эҳтиёҷоти *ҳамаи* одамони атрофи Худро қонеъ накарда буд. Ба нотакрории худ такя карда, шумо бояд аниқ кунед, ки шумо ба кӣ ба таври беҳтарин хизмат карда метавонед. Аз худ пурсед: «Ман ба кӣ бештар аз ҳама ёрӣ расондан мехоҳам?» Исо гуфта буд: «*Ман шуморо таъин кардам, ки ба ҷаҳон равед ва мева оваред, ва меваи нагузаранда оваред*» (Юҳ. 15:16а). Ҳар яки мо бояд самари худро оварад.

**Ман бо ҳаёти худ ба ҷаҳон чӣ хоҳам гуфт**? Ин савол оиди *башоратдиҳӣ* ба беимонон аст. Қисми мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаётӣ бояд бахшидашавии вазифаи мо бошад, яъне бахшидашавӣ ба он ки шаҳодати худ ва Хушхабарро ба дигарон расонед. Ғайр аз ин, шумо бояд рӯйхати он дарсҳои ҳаётӣ ва майлу рағбатҳои тақводоронаро тартиб диҳед, ки Худо ба шумо додааст, то ки оиди онҳо ба ҷаҳон нақл карда тавонед. Бо мурури он ки шумо дар Масеҳ нашъунамо мекунед, Худованд метавонад ба шумо гурӯҳи мақсадноки одамонро диҳад, ки маҳз шумо назди онҳо рафта, башорат

медиҳед. Ба тасвияи мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаётии худ дохил намудани ҳамаи инро фаромӯш накунед.

Агар шумо фарзандон дошта бошед, қисми вазифаи ҳаётии шумо аз он иборат аст, ки дар дарки Масеҳ тарбия намоед, барои фаҳмидани нақшаҳои Худо барои ҳаёташон ёрӣ диҳед ва онҳоро барои иҷрои вазифаашон ба ҷаҳон фиристед. Ба тасвияи худ суханонро аз Еҳушаъ ибни Нун илова карда метавонед: «*Ман ва хонадони ман Парвардигорро парастиш хоҳем кард*» (Еҳуш. 24:15).

Ва албатта суханони мо набояд аз амалҳоямон фарқ кунанд. Пеш аз он ки беимонон боэътибор ва ҳаққонӣ будани Китоби Муқаддасро эътироф намоянд, онҳо бояд донанд, ки ба мову шумо бовар̣ӣ кардан мумкин аст. Аз ҳамин сабаб дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Муносиби башорати Масеҳ умр гузаронед*» (Фил. 1:27)

**Ман ҳамроҳи кадом одамон зиндагӣ хоҳам кард**? Ин савол оиди *муошират* аст. Ба дигар имондорон бахшидашуда будан ва ба оилаи Худо шарик будани худро чӣ тавр зоҳир мекунед? Иҷрои фармудаҳоро оиди он ки масеҳиён бояд ба якдигар чӣ тавр муносибат кунанд, дар куҷо амалӣ мекунед? Ба кадом оилаи калисоӣ ҳамчун узви ҳақиқӣ ва фаъоли он ҳамроҳ мешавед? Бо мурури дар Масеҳ нашъунамо карданатон муҳаббати шумо ба Бадани Ӯ ва ба фидокорӣ тайёр будани шумо зиёдтар ва қавитар мешаванд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Масеҳ низ ба Калисо муҳаббат дошт ва Худро аз барои он таслим на-*

***Пеш аз он ки беимонон боэътибор ва ҳаққонӣ будани Китоби Муқаддасро эътироф намоянд, онҳо бояд донанд, ки ба мову шумо боварӣ кардан мумкин аст.***

*муд*» (Эфс. 5:25). Мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаётии худро тасвия дода, бояд ин ҷиҳати даъвати худро низ ба он дохил кунед.

Дар хусуси ин саволҳо андеша намуда, ба ҷавобҳои худ он порчаҳои Навиштаи Муқаддасро низ дохил кунед, ки дар робита бо ҳар як мақсади Худо барои ҳаётатон ба дили шумо таъсири махсус гузоштаанд. Дар ин китоб чунин порчаҳо зиёданд. Шояд ба шумо якчанд ҳафта ё якчанд моҳ даркор мешаванд, то мақсад ва таъйиноти ҳаётии худро ҳамон тавре ки мехоҳед, ифода намоед. Дуо гӯед, дар ин бора андешаронӣ намоед, бо дӯстони наздик дар ин бора гап занед, оиди Навиштаи Муқаддас фикр кунед. Шояд ба шумо лозим меояд, ки тасвияи мақсади ҳаётии худро якчанд бор аз нав нависед, то даме ки он шакли ниҳоӣ пайдо намояд. Аммо шояд пас аз ин ҳам лозим меояд бо мурури он ки Худо нотакрории шуморо ҳарчи бештар бароятон ошкор мекунад, ба он ислоҳот ва тағйироти хурд дароред. Агар якчанд намунаҳои чунин тасвияҳои тартибдодаи одамони гуногунро дидан хоҳед, ба ман бо почтаи электронӣ нависед (ниг. Иловаи 2).

Ғайр аз тасвияи муфассали мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаётӣ шакли кӯтоҳи онро низ тартиб додан бад намебуд — чизе ба монанди шиор ё таҳкурсӣ, ки дар онҳо панҷ мақсад ба таври назаррас *хотирмон* ва *рӯҳбаландкунанда* ифода ёфта бошанд. Ҳамин тавр шумо ба худ мақсади худро ёдрас намуда метавонед. Сулаймон маслиҳат дода буд: «*Хуш аст, ки агар онҳоро дар ботини худ нигоҳ дорӣ, ва онҳо бар лабҳои ту низ бошад*» (Мас. 22:18). Инак якчанд намуна:

- «Мақсади ҳаёти ман — Масеҳро бо тамоми дил парастиш намудан, ба Ӯ бо бахшоишҳои

нотакрор хизмат кардан, муошират бо оилаи Ӯ, нашъунамо ва монандшавӣ ба Ӯ ва иҷро намудани вазифаи Ӯ дар ҷаҳон, то ки тамоми ҷалол ба Ӯ дода шавад».

- «Мақсади ҳаёти ман — узви оилаи Масеҳ, инъикоси хислати Ӯ, ходими файзи Ӯ, эълонкунандаи Каломи Ӯ ва сарояндаи ҷалоли Ӯ будан».
- «Мақсади ҳаёти ман — дӯст доштани Масеҳ, дар Масеҳ нашъунамо кардан, оиди Масеҳ гап задан, ба Масеҳ хизмат кардан ба воситаи калисои Ӯ, оилаи худ ва дигар одамонро дар ҳамаи ин аз пайи худ бурдан».
- «Мақсади ҳаёти ман — худро пурра ба Фармудаи калонтарин ва ба Супориши бузург бахшидан».
- «Мақсади ман — хислати Масеҳ, оилаи ман — калисо, хизмати ман — ____________________, вазифаи ман — ____________________________, водоркунандаҳои ман — ҷалоли Худо».

Шояд шумо ҳозир мепурсед: «Хости Худо оиди кори ман, оиладорӣ, маҳалли зист ё таҳсил дар донишгоҳ чӣ?» Рости гап, ҳамаи ин фақат аҳамияти дуюмдараҷа дорад. Худо ба шумо интихоби васеи имкониятҳои гуногунро медиҳад, ва ҳамаи онҳо ба хости Ӯ барои ҳаёти шумо дохил шуда метавонанд. Аз ҳама асосӣ он аст, ки новобаста ба он ки дар куҷо ва кӣ шуда кор мекунед ё киро ҳамчун ҳамсар интихоб мекунед, мақсадҳои Худо ва таъйиноти худро ба ҷо оваред. Албатта ин қарорҳо бояд дар мувофиқат бо мақсади асосии ҳаёти шумо қабул карда шаванд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Дар дили одам фикрҳо бисёр аст, вале фақат нақши Парвардигор ба амал меояд*» (Мас. 19:-21). Бинобар ин, пеш аз ҳама на оиди нақшаҳо ва

иддаоҳои худ, балки оиди таъйиноти Худо барои ҳаётатон ғамхорӣ намоед, зеро маҳз ҳамин чиз ҷовидон хоҳад монд.

Боре касе гуфта буд, ки мақсади асосии худро мувофиқи он чи мо дар бораи худ дар маросими дафни худ шунидан мехоҳем, муайян кардан лозим аст. Тасаввур намудани намунаи идеалии мадҳияи сари қабр ва дар асоси он тасвия додани мақсади асосии ҳаёти худ пешниҳод карда мешавад. Ба фикрам, ин фикри на он қадар муносиб аст. Дар охири ҳаёт тамоман муҳим нахоҳад буд, ки одамон дар бораи шумо чӣ мегӯянд ва чӣ фикр мекунанд. Як чиз муҳим хоҳад буд: *Худо дар бораи шумо чӣ мегӯяд ва чӣ фикр дорад*. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Мо сухан меронем ва толиби он нестем, ки ба одамон писанд оем, балки ба Худо*» (1 Тасл 2:4б).

Боре Худо мебинад, ки шумо чӣ тавр ба ин саволҳои ҳаётӣ ҷавоб додаед. Оё Исо дар ҳаёти шумо ҷои марказиро ишғол мекард? Оё хислати Ӯ дар шумо зоҳир шуд? Оё шумо ҳаёти худро ба хизмати дигарон бахшида будед? Оё шумо Каломи Ӯро расонда, вазифаи худро ба ҷо оварда будед? Оилаи Ӯро то кадом дараҷа дӯст медоштед ва ба он шарик будед? Маҳз ҳамин чиз муҳим хоҳад буд. Чуноне ки Павлус гуфта буд, «*ин андозаи он ҳаддест, ки Худо барои мо муайян кардааст*» (2 Қӯр. 10:13).

## ХУДО МЕХОҲАД БА ВОСИТАИ ШУМО АМАЛ КУНАД

Қариб сӣ сол пеш ман дар китоби Аъмоли Ҳаввориён суханонеро дида будам, ки самти ҳаёти маро пурра дигаргун намуданд. Ҳамагӣ якчанд сухан — аммо онҳо ба ман чун оҳани тафсонидашуда таъсир расонданд: «*Довуд дар замони худ бо иродаи Худо*

*хизмат кард*» (Аъм. 13:36а). Ман ногоҳ фаҳмидам, ки чаро Худо Довудро «*марди мувофиқи дили Ман*» номидааст (Аъм. 13:22). Довуд ҳаёти худро ба иҷрои хости Худо, нақшаи Худо дар рӯи замин бахшида буд.

Эпитафияи (катибаи санги болои қабр) беҳтареро тасаввур кардан ғайриимкон аст! Тасаввур кунед, ки ин суханон дар санги болои қабри шумо сабт ёфтаанд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки шумо дар муддати ҳаёти бароятон муқарраршуда ба иродаи Худо хизмат кардаед! Ман оиди он дуо мегӯям, ки ҳангоме аз ин дунё чашм мепӯшам, одамон дар ҳаққи ман низ ҳаминро гуфта тавонанд. Ман ин китобро барои шумо маҳз аз ҳамин сабаб навиштам.

Дар ин ҷумлаи кӯтоҳ таърифи идеалии ҳаётест, ки хуб ба сар бурда шудааст. Мо он чиро, ки абадӣ ва нагузаранда аст («иродаи Худо») бо воситаҳои ҳозира ва дар вақти даркорӣ («дар замони худ») ба ҷо меоварем. Моҳияти *ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда* аз ҳамин иборат аст. Наслҳои гузашта ва оянда ба иродаи Худо дар замони мо хизмат карда наметавонанд. Танҳо мо ин корро карда метавонем. «*Оё на барои чунин вақт*» (Эст. 4:14) Худо моро офаридааст, чунон ки Эстерро?

Худо ҷустани одамонеро давом медиҳад, ки тайёранд корҳои Ӯро ба ҷо оваранд. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Парвардигор тамоми заминро мушоҳида мекунад, то онҳоеро, ки дилашон ба Ӯ амин аст, тақвият намояд*» (2Вақ. 16:9). Оё шумо шахсе мешавед, ки Худованд бо дастони ӯ иродаи Худро ба ҷо оварда тавонад? Оё шумо тайёред дар замони *худ*, дар насли *худ* ба иродаи Худо хизмат кунед?

Павлус ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда ба сар мебурд. Ӯ навишта буд: «*Бинобар ин ман медавам на он тавре ки бар абас бошад, ва мушт мезанам на он*

*таври ки фақат барои задани ҳаво бошад»* (1 Қӯр. 9:26). Ягона маънои мавҷудияти ӯ ба ҷо овардани вазифае буд, ки Худо барои ӯ муқаррар намудааст. Ӯ гуфта буд: «*Барои ман ҳаёт Масеҳ аст, ва марг фоида аст*» (Фил. 1:21). Павлус на аз зистан метарсид, на аз мурдан, зеро дар ҳар ду маврид ин иҷроиши нақшаҳои Худо мебуд. Дар ҳар ду ҳолат ӯ ба мақсадаш мерасид.

***Шумо аллакай ҳамин рӯз ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда ба сар бурда метавонед.***

Замоне таърихи инсоният ба охир мерасад, аммо абадият беохир давом мекунад. Уилям Кэрӣ* гуфта буд: «Оянда аз ваъдаҳои Худо медурахшад». Ҳангоме ки иҷро намудани таъйиноти худ душвор мешавад, ба рӯҳафтодагӣ дода нашавед. Мукофоти абадиро, ки шуморо интизор аст, дар ёд нигоҳ доред. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «*Уқубати сабуки мо, ки кӯтоҳмуддат аст, ҷалоли абадиро барои мо ба андозаи бениҳоят бузург ба вуҷуд меоварад*» (2 Қӯр. 4:17).

Он рӯзиояндаро тасаввур кунед, ки дар назди тахти Худо ҳозир шуда, бо шукргузории амиқ ва ҳамди Масеҳ ҳаёти худро пеши пойҳои Ӯ хоҳем овард. Мо якҷоя нидо хоҳем кард: «*Эй Худованд Худои мо, Ту сазовори он ҳастӣ, ки ҷалол, шавкат ва қудратро қабул намоӣ, зеро Ту ҳама чизро офаридаӣ: ҳама чиз мувофиқи иродаи Ту вуҷуд дорад ва офарида шудааст*» (Ваҳй 4:11).

* Уилям Кэрӣ (1761–1834) — аввалин миссионере ки барои хизмат ба Ҳиндустон омада буд.

## РӮЗИ ЧИЛУМ

## *Оиди таъйиноти ҳаётии худ андешаронӣ намуда*

**Ҳақиқат барои фикр кардан**: Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда ба сар бурдан — ягона воситаи ҳақиқатан зистан аст.

**Оят барои аз ёд намудан**: «*Довуд дар замони худ бо иродаи Худо хизмат кард*» (Аъм. 13:36).

**Савол барои андешаронӣ**: Ман кай барои он вақт ҷудо мекунам, ки ҷавобҳои худро ба панҷ саволи асосии ҳаётӣ нависам? Кай барои худ тасвияи мақсади асосӣ ва таъйиноти ҳаётии худро тартиб медиҳам?

# Иловаи 1

## САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

Шумо метавонед ин саволҳоро илова ба он чи дар охири ҳар боб барои муҳокима дар гурӯҳи хурд ва дар дарсҳои мактаби якшанбегӣ оварда шудаанд, истифода баред.

### Чаро ман дар ин ҷо мебошам?

- Шумо чӣ фикр доред, дар аввалин ҷумлаи ин китоб: «Ҳамаи гап тамоман на дар шумост» кадом маънои амалӣ ҳаст?
- Ба назари шумо, ҳаёти аксари одамонро чӣ чиз ҳаракат медиҳад? Қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳаёти худи шумо чист?
- Бо ёрии кадом тимсол шумо ҳозир беҳтар аз ҳама ҳаёти худро тасвир карда метавонед? Давидани босуръат? Сирк? Ягон чизи дигар?
- Агар ҳама дар ҷаҳон ногоҳ мефаҳмиданд, ки ҳаёти заминӣ фақат *тайёрӣ ба абадият* аст, дар рафтори мо чӣ чиз дигаргун мешуд?
- Кадом майлу рағбатҳо ва дилбастагиҳои заминӣ ба одамон халал мерасонанд, то барои амалӣ намудани нақшаҳои Худо зиндагӣ кунанд.
- Кадом майлу рағбатҳо метавонанд садди роҳи он шаванд, ки барои нақшаҳои Худо зиндагӣ кунед?

## Шумо барои хушнудии Худо офарида шудаед

- Тасаввуротҳои паҳншудатарин оиди «парастиш» аз фикр оиди он ки парастиш «*барои хурсандии Худо зистан*» аст, чӣ фарқияте доранд?
- Дӯстӣ бо Худо ба ягон дӯстии дигар аз кадом ҷиҳат монанд аст ва аз ҳамаи дигар муносибатҳо бо чӣ фарқ мекунад?
- Бигӯед, ки дар он вақте ки ба назаратон Худо дур метофт, чиро ёд гирифтед?
- Кай Худоро парастиш намудани шумо осонтар аст — ҳамроҳи дигарон ё дар алоҳидагӣ? Дар кадоме аз ин ҳолатҳо шумо одатан наздикии бештарро бо Худо эҳсос мекунед?
- Дар кадом ҳолат ба Худо изҳор намудани хашми худ ҷоиз аст?
- Ҳангоми фикр дар бораи пурра ба Масеҳ бахшидани ҳаёти худ чӣ чиз шуморо метарсонад?

## Шумо барои оилаи Худо офарида шудаед

- Тасаввуротҳои паҳншудатарин оиди «муошират» аз фикр оиди он ки дар муошират зистан «*худро ба ҳамдигар ҳамчун ба Масеҳ бахшидан*» аст, чӣ фарқ доранд?
- Чӣ чиз ба мо халал мерасонад, ки дигар имондоронро дӯст дорем ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ кунем?
- Чӣ ба шумо ёрӣ дода метавонад, ки эҳтиёҷот, ранҷишҳо, тарсҳо ва умедҳои худро ба дигарон расонед?
- Бо ёрии кадом баҳонаҳо одамон аксаран хоҳиши ба калисо ҳамроҳ шудан надоштани худро сафед карданӣ мешаванд? Шумо ба онҳо чӣ ҷавоб медодед?

- Гурӯҳи мо барои нигоҳ доштан ва амиқ намудани ягонагӣ дар калисои мо чӣ кор карда метавонад?
- Оё дар ҳаёти шумо ягон касе нест, ки бояд бо ӯ муносибатҳоро барқарор намоед, то ки мо якҷоя барои ин дуо гуфта тавонем?

## Шумо барои он офарида шудаед, ки ба Масеҳ монанд шавед

- Тасаввуротҳои паҳншудатарин оиди «шогирдӣ» аз фикр оиди он ки моҳияти он аз «*монандшавӣ ба Исои Масеҳ*» иборат аст, чӣ фарқ доранд?
- Аз он вақте ки шумо масеҳӣ шудед, кадом дигаргуниҳо дар ҳаёти шумо ба амал омадаанд? Кадом дигаргуниҳоро дигарон дар шумо пай бурдаанд?
- Кадом сифатҳои хислати Масеҳро дар худ пас аз як сол дидан мехоҳед? Аллакай имрӯз барои ин чӣ кор карда метавонед?
- Аз боиси хеле оҳиста ба амал омадани дигаргуниҳо шумо бояд нисбати кадом ҷиҳатҳои нашъунамои рӯҳонии худ махсусан пурсабр бошед?
- Чӣ тавр Худо ба воситаи азобҳо ё душвориҳо барои нашъунамои шумо ёрӣ мерасонд?
- Кай шумо худро ба озмоиш таъсирпазир эҳсос менамоед? Кадом қадамҳо барои паси сар намудани озмоишҳо ба шумо беш аз ҳама ёрӣ расонда метавонистанд?

## Шумо барои хизмат ба Худо офарида шудаед

- Тасаввуротҳои паҳншудатарин оиди «хизмат» аз фикр оиди он ки моҳияти хизмат «*ба нотакрории худ такя карда, ба дигарон ёрӣ расондан*» аст, чӣ фарқ доранд?

- Машғулиятҳоеро номбар кунед, ки ба шумо *хеле маъқуланд* ва онҳоро барои хизмат ба дигар аъзоёни оилаи Худо истифода бурдан мумкин аст?
- Азоби аз сар гузарондаатонро ба ёд оваред, ки Худо ба воситаи он ба касоне ки аз ҳамон гуна мушкилот мегузаранд, ёрӣ дода метавонад?
- Одати бо дигарон муқоиса кардани худ чӣ гуна барои ноил шудан ба дараҷаи пурраи имкониятҳои нотакрории худ халал мерасонад?
- Худо дар лаҳзаҳои сустиятон чӣ тавр қувваи Худро дар шумо зоҳир менамуд?
- Чӣ тавр ба ҳар як узви гурӯҳамон ё синфамон ёрӣ дода метавонем, ки ҷои худро дар хизмат ёбанд? Гурӯҳи мо барои хизмат намудан ба тамоми оилаи калисоии ҷамоати мо чӣ карда метавонист?

## Мо барои иҷрои вазифаи худ офарида шудаем

- Тарсҳо ва стереотипҳои маъмулиро номбар кунед, ки дар одамон ҳангоми оиди «башоратдиҳӣ» шуниданашон пайдо мешаванд. Ба *худи шумо* чӣ чиз халал мерасонад, ки ба дигарон Хушхабарро расонед?
- Ба фикратон, Каломи ҳаёт, ки Худо барои ба ҷаҳон расондан ба шумо додааст, чиро дар бар гирифта метавонад?
- Яке аз дӯстон ё шиносҳои беимони худро номбар кунед, то ки гурӯҳ барои ӯ дуо гуфтанро сар карда тавонад.
- Мо ҳамчун гурӯҳ якҷоя чӣ кор карда метавонем, то ки дар иҷроиши Супориши бузург иштирок намоем?
- Хониши якҷоя ва муҳокимаи ин китоб чӣ тавр ба шумо ёрӣ дод, ки мақсади асосии ҳаёти худро аниқ фаҳмед ё аз нав муайян намоед? Кадом

фикрҳо барои шумо махсусан фоиданок мебошанд?

- Ҳангоме шумо оиди он фикр мекунед, ки мазмуни ин китобро боз ба кӣ расондан мумкин аст, кадоме аз дӯстон ё шиносҳоро Худо ба дили шумо мегузорад?
- Мо акнун кадом китобро мехонем?

Таърихи гурӯҳи хурди худро ба адреси зерин ба мо фиристед: stories@purposedrivenlife.com

# Иловаи 2

## КИТОБҲО ВА МАВОДИ ИЛОВАГӢ

Мавод дар мавзӯи «Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда» (Purpose-Driven®Life)

1. «Целеустремленная церковь» (нашриёти «Агапе», с. 2006) — ин китоб, ки дар ИМА аллакай якчанд мукофот ва ҷоизаҳо гирифтааст, нишон медиҳад, ки чӣ тавр калисои шумо метавонад ба одамон ёрӣ диҳад, ки таъйиноти Худоро дар ҳаёти худ ба ҷо оваранд ва мувофиқи мақсадҳои Ӯ зиндагӣ кунанд. Ин китобро бо адреси электронии publishing@agape.ru ё бо адреси: Русия, 603-006, Нижний Новгород, кӯчаи Ошарская, хонаи 15, кв. 214, нашриёти «Агапе» фармоиш додан мумкин аст.
2. DVD «Целеустремленная церковь» (нашриёти «Агапе», с. 2003). Ин диски дутарафаи рақамӣ (8 дарси якунимсоата) ҳашт версияи забониро, бо зимни интихоби озоди титрҳо ба ҳар яке аз ин ҳашт забон, дар бар мегирад. Вобаста ба вазъият ва соҳаи истифода шумо метавонед нутқи Рик Уорренро ба ҳафт забон шунавед, ва дар айни замон титрҳоро ба забони дигар интихоб намоед. Диски рақамӣ барои дарсҳо ва таълим хеле хуб мувофиқат мекунад, имконияти бо мавзӯъҳои алоҳида кор карданро медиҳад, хоҳ дар ҳайати

хурди роҳбарияти калисо, хоҳ дар чаҳорчӯбаи барномаи васеи таълимӣ. Барои тамошои диск DVD-плеер даркор аст. Дискро бо адреси электронии publishing@agape.ru ё бо адреси: Русия, 603006, Нижний Новгород, кӯчаи Ошарская, хонаи 15, кв. 214, нашриёти «Агапе» фармоиш додан мумкин аст.

3. Семинари «*Церковь, движимая видением и целью*». Дар веб-сайти нашриёти «Агапе» www.books.agape.ru шумо матнҳои семинарҳои Рик Уорренро (1,5 Мб) бепул гирифта метавонед. Барои қулай будани паҳнкунӣ матн дар формати MS-Word 8.0 нашр карда шудааст.
4. Дар веб-сайтҳои калисои «Сэддлбэк» www.purposedrivenlife.com ва www.saddleback.com шумо метавонед силсилаи мавъизаҳои Рик Уоррен ва дигар шубононро ба забони русӣ оиди мавзӯъҳои гуногун («*Хушхабар оиди файз*», «*Панҷ эҳтиёҷи асосии ҳаётӣ*», «*50 рӯзи имон*», «*Роҳ ба сӯи сиҳатшавӣ*», «*Аз ӯҳдаи стрессҳои ҳаётӣ чӣ тавр бояд баромад*» ва ғайра) бепул тамошо кунед ва гиред. Ҳар як силсила аз 8–10 мавъиза бо васоити таълимӣ барои шубонони гурӯҳҳои хурд иборат аст. Воситаи таълимӣ тавсияҳоро оиди бурдани муҳокима ва саволҳоро барои истифодаи маводи мавъизаҳо дар ҳаёти имондорон дар бар мегирад.
5. *Агар шумо ба англисӣ механда бошед ва ба интернет дастрасӣ дошта бошед*, ба веб-сайти www.purposedrivenlife.com дароед. Дар он ҷо шумо дигар маводро низ дар мавзӯи «Калисои ба мақсад нигаронидашуда» ва «Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда» дарёфт мекунед. Шубонон ба адреси toolbox@pastors.com навишта, ба маводи фиристодашавандаи ҳарҳафтаинаи калисои «Сэддлбэк» барои ходимон обуна шуда метавонанд. Бо адреси devotional@purposedrivenlife.com шумо метавонед

ба маводи дуоӣ-рӯҳонии фиристодашавандаи бепул дар мавзӯи «Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда» обуна шавед. Барои донистан дар бораи дигар мавод ва фармоиш додани онҳо ба адреси free@purposedrivenlife.com нависед.

Агар хоҳиш дошта бошед, метавонед бо калисои «Сэддлбэк» бо адреси зерин робита намоед: 1 Saddleback Parkway, Lake Forest, CA 92630, Tel: (800) 633–8876

# Иловаи 3

## ЯКБОРА ЯКЧАНД ТАРҶУМАИ КИТОБИ МУҚАДДАСРО ИСТИФОДА БУРДАН БАРОИ ЧӢ ЛОЗИМ АСТ?

Дар китоб қариб ҳазор иқтобос аз Навиштаи Муқаддас ҳаст. Ман бо ду сабаб якбора якчанд тарҷумаи Китоби Муқаддасро истифода бурдам. Аввалан, ҳар як тарҷумаи алоҳида, ҳар қадар хуб бошад ҳам, норасоиҳои худро дорад. Дар нусхаи асл Китоби Муқаддас зиёда аз 11280 калимаҳои ибронӣ, арамӣ ва юнониро дар бар мегирад, аммо, масалан, тарҷумаи типии англисӣ тақрибан 6000 калимаро истифода мебарад. Маълум аст, ки тобишҳои маъноӣ ва баъзе нюансҳо дар ин маврид партофта мешаванд, бинобар ин муқоиса кардани тарҷумаҳои гуногун хеле фоиданок аст.

Сонияи, — ва бояд гуфт, ки ин ба ман боз ҳам муҳимтар метобад, — мо аксаран тамоми пуррагии маънои оятҳои шиноси Китоби Муқаддасро на аз боиси тарҷума аз даст медиҳем, балки аз он сабаб, ки мо ба онҳо одат кардаем! Ин ё он оят ба мо пурра фаҳмо метобад, чунки мо онро борҳо хондаем ва шунидаем, ва дар матни китоб ба он рӯ ба рӯ шуда,

зуд аз назар мегузаронем ва ба маъно ва мундариҷаи пурраи он диққат намедиҳем. Бинобар ин ман дидаву дониста ба тарҷумаҳо ва тафсирҳои Китоби Муқаддас рӯ овардаам, то ки хонанда ҳақиқати Каломи Худоро ба таври нав бинад.

Азбаски Навиштаи Муқаддас танҳо дар соли 1560 ба оятҳо тақсим карда шуда буд, ман на ҳамеша тамоми оятро пурра иқтибос овардаам, балки танҳо он қисми онро овардаам, ки дар контексти додашуда ба ман муҳимтар метофт. Дар ин кор ман он тариқеро, ки ҳангоми иқтибос овардан аз Аҳди Қадим ҳавворийён ва Худи Исо истифода мебурданд, пайравӣ намудаам. Онҳо гоҳо танҳо қисми ин ё он оятро зикр мекарданд, то ки фикри худро таъкид ё исбот намоянд.

# МУНДАРИЧА


*Сафари судманд ва даркорӣ*......................................5
*Аҳди бахшидашавии ман ба Худо*............................11

ЧАРО МАН ДАР ИН ҶО МЕБОШАМ?

Рӯзи 1. Ҳама чиз аз Худо сар мешавад..............................15
Рӯзи 2. Ба олам омадани шумо тасодуфӣ нест.............23
Рӯзи 3. Чӣ чиз қувваи ҳаракатдиҳандаи ҳаёти шумост?..................................................................30
Рӯзи 4. Барои абадият офаридашудагон.........................44
Рӯзи 5. Ба ҳаёт бо чашмони Худо нигариста..................51
Рӯзи 6. Ҳаёт супориши муваққатӣ аст ............................60
Рӯзи 7. Сабабгори асосии ҳама чиз дар олам ...............68

МАҚСАДИ ЯКУМ:
Шумо барои хушнудии Худо офарида шудаед

Рӯзи 8. Барои хушнудии Худо офаридашудагон ........80
Рӯзи 9. Чӣ чиз ба Худо хурсандӣ ва ҳаловат меоварад? ..............................................................88
Рӯзи 10. *Дили парастиш*..............................................101
Рӯзи 11. Ба Худо дӯсти наздик шудан .........................114
Рӯзи 12. Муносибатҳои дӯстонаро бо Худо инкишоф дода....................................................125
Рӯзи 13. Парастише ки барои Худо писандида аст.....................................................137

Рӯзи 14. Ҳангоме чунин метобад, ки Худо хеле дур аст ........ 148

## МАҚСАДИ ДУЮМ:
## Шумо барои оилаи Худо офарида шудаед

Рӯзи 15. Барои оилаи Худо офарида шудаед ........ 160
Рӯзи 16. Чизи муҳимтарин ........ 167
Рӯзи 17. Худӣ дар байни худиҳо ........ 176
Рӯзи 18. Таҷрибаи ҳаёти якҷоя ........ 189
Рӯзи 19. Ҳаёти якҷояро бунёд намуда ........ 198
Рӯзи 20. Муоширати барҳамхӯрдаро барқарор намуда ........ 209
Рӯзи 21. Калисои худро ҳифз намуда ........ 221

## МАҚСАДИ СЕЮМ:
## Шумо барои он офарида шудаед, ки ба Масеҳ монанд шавед

Рӯзи 22. Барои он офарида шудаед, ки ба Масеҳ монанд шавед ........ 234
Рӯзи 23. Мо чӣ гуна нашъунамо меёбем ........ 246
Рӯзи 24. Ба воситаи ҳақиқат дигаргуншудагон ........ 254
Рӯзи 25. Ба воситаи азоб дигаргуншудагон ........ 266
Рӯзи 26. Ба воситаи озмоишҳо нашъунамо кардан ... 278
Рӯзи 27. Бар озмоиш ғолиб омада ........ 290
Рӯзи 28. Барои ҳама чиз вақт даркор аст ........ 301

## МАҚСАДИ ЧОРУМ:
## Шумо барои хизмат ба Худо офарида шудаед

Рӯзи 29. Кори супурдашударо қабул карда ........ 314
Рӯзи 30. Барои хизмат ба Худо офаридашудагон ........ 325
Рӯзи 31. Нотакрор будани худро дарк намуда ........ 335

Рӯзи 32. Бахшоишҳои додаи Худоро
истифода бурда ........................................................348
Рӯзи 33. Хизматгорони ҳақиқӣ чӣ гуна
рафтор менамоянд ...................................................359
Рӯзи 34. Ба монанди хизматгор фикр кардан .............371
Рӯзи 35. Қувваи Худо дар нотавонии мо .......................381

## МАҚСАДИ ПАНҶУМ:
### Мо барои иҷрои вазифаи худ офарида шудаем

Рӯзи 36. Вазифаи ҳаётии мо ...........................................392
Рӯзи 37. Каломи ҳаётро ба одамон расондан.............403
Рӯзи 38. Масеҳии дараҷаи байналмилалӣ шудан......414
Рӯзи 39. Ба мувозинати ҳаётӣ ноил шуда ...................427
Рӯзи 40. Ҳаёти ба мақсад нигаронидашуда ................437

*Иловаи 1. Саволҳо барои муҳокима..................................450*
*Иловаи 2. Китобҳо ва маводи иловагӣ ...............................455*
*Иловаи 3. Якбора якчанд тарҷумаҳои Китоби*
*Муқаддасро истифода бурдан барои чӣ лозим аст? .......458*